Х. Асозода



Ба дўсти солхои
гавонет ва китобхони
[illegible] [illegible]
[illegible] тақдим шуд.

1.10.02. [illegible]



Акси муаллиф дар ноябри 1972. Афгонистон.

Худойназар Асозода
(профессор)

АФҒОНИСТОНИ ШОҲӢ

(аз дафтари хотираҳо)

КИТОБИ 1

Душанбе - 2002

ББК 63.3(2тоҷик)+63.5
А-83

Асозода Худойназар
Афғонистони шоҳӣ. Душанбе , «Деваштич», 2002 -300. сах

Муҳаррир Муаззами Диловар.

Муаллиф ба раиси «Ориёнбонк» Қурбонов Самеъхон, ки ба чопи ин китоб мусоидат кардаанд, миннатдории хешро изҳор менамояд.

Хонандаи гиромӣ! Китобе, ки дар даст доред хотираҳои сафари як ҷавони тоҷиканд, ки дар тӯли се сол (1971-73) дар Афғонистон ба ҳайси тарҷумон ҳамроҳи маъданшиносони Шӯравӣ хидмат кардааст. Муаллиф гоҳҳо ба тартиби рӯзҳо риоя карда, вале аксаран ба тарзи умумият додани воқеоту ҳавводиси аз сар гузаронида, дидаву шунидаҳояшро рӯи коғаз овардааст.

Мазмуни китоб бою рангин аст. Дар он на танҳо саргузашти як тарҷумон, балки тарҷумонҳои дигар, мутахассисони собиқ Шӯравӣ, мутахассисони афғон, ҳаёту фаъолияти баъзе чеҳраҳои фарҳангии Афғонистон дар он даврон инъикос ёфтааст.

Баёну шарҳу тафсири воқеоти таърихӣ, иҷтимоиву сиёсӣ, масалан нузули Муҳаммад Зоҳиршоҳ ва барқарор гардидани сохти ҷумҳуриявӣ бо сарварии Муҳаммад Довуд, ки муаллиф шоҳиди онҳо будааст, бидуни гумон барои мутахассисони таърихи Афғонистон, хонандагони тоҷик ва афғон хеле муфид ва омӯзанда мебошанд.

Китоби «Афғонистони шоҳӣ» барои хонандае, ки Афғонистонро надидааст, роҳнамои сафариест ба шаҳру деҳоти ин кишвар, ёдгориҳои адабиву диниву таърихӣ, мақбараҳову мазорҳову гузаргоҳҳои бузургони илму адабу ирфон ва ғайра. Дар китоб аз урфу одат, расму оинҳо, ҷашнҳои миллии мардуми афғон, қавму қабоили Афғонистон, хулқу хислати ин халқи наҷибу ғаюру башардӯсту меҳмондӯст мадраки зиёде дарёфт метавон кард. Ин саҳафоти китоб боз аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки ба ҳамаи падидаҳои таърихиву фарҳангӣ як шахси бохабар бо маълумоти донишгоҳӣ баҳо медиҳад.

Китоб инчунин руҷуъҳои муаллифро ба гузаштаву зиндагии муосири мардуми тоҷику афғон дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат ҳам баробари дигар фазилатҳояш қобили таваҷҷӯҳи хонандагон хоҳад гардид.

© Нашриёти «Деваштич» 2002

Ба ҷойи пешгуфтор

Пеш аз гузаштан ба бахши асли матлаб ин ҷо мехоҳам як ду сухан аз алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ бигӯям. Ин алифбо, яъне хати арабиро ниёгони халки тоҷик пас аз он ки кишварашон ба тасаллути Хилофати Араб даромад, дар баробари дини мубини Ислом пазируфтаанд. Дар бораи ҷорӣ намудани хати арабӣ дар миёнаи карни VIII амри расмие низ баромада буд. Ин хат то соли 1928 дар сарзамини Осиёи Миёна ва Тоҷикистон ройиҷ буд. Баъдан онро сиёсатҳои давр ба алифбои лотиниву кириллӣ иваз намуданд. Азбаски Давлати Шӯравӣ бо кишварҳои арабӣ ва Эрону Афғонистон ҳамкориҳои иқтисодиву фарҳангӣ дошт, дар барномаҳои таълимии бахшҳои филологии мактабҳои олӣ тадриси алифбои арабӣ дохил гардид. Илова бар ин, дар аксари ҷумҳуриҳои Шӯравӣ донишкадаҳои ховаршиносӣ таъсис дода шуд, ки дар паҳлӯи шӯъбаҳои арабиву туркӣ, хитоӣ ва ғайра, шӯъбаи форсӣ низ амал менамуд. Ба ин маънӣ, дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки соли 1948 бо фармони сарвари вақти Шӯравӣ И.В.Сталин ташкил гардида буд, шӯъбаи шарқшиносӣ вуҷуд дошт, ки баъзе аз хатмкунандагони онро ба сифати тарҷумони забонҳои арабиву форсӣ ба кишварҳои хориҷӣ мефиристонданд. Тарҷумонҳои чи арабӣ ва чи форсӣ аз беҳтарин тарҷумонҳо шинохта мешуданд. Гузашта аз ин, алифбои арабиасоси форсӣ, бештар бо номи «Матни классикӣ», «Забони форсӣ», «Алифбои ниёгон» дар бахшҳои таърих ва филологияи тоҷик тадрис мегардид. Имрӯз ин алифборо дар мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯёни тахассуси ғайрифилологӣ низ меомӯзанд. Аз ҷумлаи хатмкунандагони ин бахшҳо тарҷумонҳоро ба Эрону Афғонистон сафарбар мекарданд. Албатта, барои тоҷикон, ки забонашон форсӣ буд, донистани алифбои арабӣ муҳим дониста мешуд, то ки хондаву навишта тавонанд.

Банда, ки дар Шӯъбаи забон ва адабиёти тоҷик таҳсил мекардам, аз омӯхтани алифбои арабиасоси форсӣ баҳравар шудам. Ин дарс ба назарам хеле ҷолиб буд. Дар соли чоруми таҳсил рӯзе профессор Ҳилол Каримов, ки сарварии бахши Шӯъбаи форсии донишкадаи филологияро ба ӯҳда дошт, аз миёни ҳамдарсони ман чанд донишҷӯро номнавис карда, ба Вазорати корҳои хориҷӣ бурд. Дар он гурӯҳ: Хайруллоҳ

Сирочев, Шаҳбоз Кабиров, Муаззам Диловаров, Ҷӯрабек Назриев, Моҳирхӯҷа Султонов, Шодӣ Асроров, Амиршоҳ Муназваров ва банда шомил будем. Баъд аз чанд моҳ моро ба Вазорати номбурда даъват намуда, имтиҳон гирифтанд. Юлдош Каримов ном хатмкардаи бахши арабӣ, ки он чо кор мекард, ба мо матни русие дод ва фармуд, ки ба форсӣ тарҷума намуда, сипас ба хати арабӣ нависем. Ин амалро дар тӯли як-ду соат анҷом дода, дастнависҳоро ба эшон супоридем. Мо Донишгоҳро соли 1968 хатм намудем. Ҳар кас аз пайи кори худ шуд. Боре аз хиёбони Рӯдакӣ мегузаштам, ки ба устод Ҳилол Каримов вохӯрдам. Он кас кӯтоҳакак гуфтанд: «Рафиқ Асоев! Шумо, коммунист, ҳатман ба хориҷа меравед». Ман ҷуръат накардам, ки пурсам: чӣ тавр ва ба кучо? Аз ин ҳодиса ду сол гузашт. Соли 1970 ба аспирантура дохил шудам. Акнун мехостам, ки ба навиштани рисолаи номзадӣ машғул шавам. Ба ин хотир, мавод ҷамъ менамудам ва дониши назариявиамро боло мебурдам. Аввалҳои моҳи январи 1971 буд, ки ба шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳ даъватам намуда, ба дастам мактуби Вазорати геологияи Шӯравиро доданд. Дар он ҳуҷҷат гуфта мешуд, ки аз тарафи Вазорати мазкур барои ду сол ба Афғонистон ҳамчун тарҷумони форсӣ фиристонда мешавам. Ба асоси ин мактуб бояд 28-уми феврал дар Маскав шуда, ба идораи «Зарубежгеология» мурочиат мекардам.

Бо ин пешгуфтори кӯтоҳ гуфтаниам, ки донистани алифбои арабиасоси форсӣ сабаб шуд, ки ман бори аввал ба хориҷи кишвар рахти сафар бастам. Ногуфта намонад, ки аз он ҳамдарсоне, ки дар боло номбар шуданд, Ш.Кабиров, Х.Сирочев, Ҷ.Назриев низ баъдтар барои кори тарҷумонӣ ба Афғонистон рафтанд.

Баъдҳо ман рӯйхати тартибдодаи профессор Ҳилол Каримовро пеши назар оварда, ба худ савол додам, ки чаро устод фақат донишҷӯёни минтақаи Ҳисору Рашт ва Хатлонро интихоб кардааст? Ҳол он ки дар гурӯҳи мо донишҷӯён аз минтақаи шимоли Ҷумҳурӣ мехонданд ва хати арабиро ҳам бад намедонистанд. Гап дар ин аст, ки Ҳилол Каримов дипломати варзидае буд ва ҳини интихоби тарҷумонҳо барои Афғонистону Эрон касонеро меписандид, ки онҳо намояндаи лаҳҷаҳои форсии кӯҳистон ва ҷанубии Тоҷикистон буданд. Воқеан, тарҷумонҳое, ки аз лаҳҷаҳои форсии минтақаи Кӯлобу Дарвоз ва Рашт намояндагӣ мекарданд, ба хусус дар Афғонистон бидуни таҷрибаандӯзии иловагӣ

метавонистанд озодона ба фаъолият пардозанд. Тарҷумонҳое, ки аз ноҳияҳои шимол буданд, ба душвориҳои гуфтугӯи дучор меомаданд. Онҳо камаш ду-се моҳ бояд таҷриба меандӯхтанд, то ки кори тарҷумониашон натиҷаи дилхоҳ медод. Пӯшида нест, ки аз вазоратҳои дахлдори Давлати Шӯравӣ, дар асоси дархостҳои шӯъбаҳои хориҷӣ чунин тақозо мешудааст, ки беҳтар мебуд, агар тарҷумонҳое, ки ба Афғонистон фиристонда мешаванд, аз минтақаи ҷанубии Тоҷикистон интихоб гарданд. Албатта, бо ин таъкид ҳеҷ кадом аз бародарони минтақаи шимоли Ҷумҳуриро нодида гирифтани нестам. Ин ҷо нозукӣ ба мавзӯи лаҳҷаҳои забони форсии тоҷикӣ иртибот дорад, ки донистани он нозукиҳо ба шунидани як дарси лаҳҷашиносӣ омӯхта намешаванд, балки боз муҳити ҷуғрофиёӣ зарур аст, ки дар як сарҳад бо кишвари Афғонистон қарор мегирад. Муҳим он буд, ки алифбои ниёгон барои Тоҷикистони Шӯравӣ моҳияти пайвандгарӣ дошт. Маҳз ҳамон тарҷумонҳо буданд, ки минбаъд ба таҳқиқи таърих ва адабиёту фарҳанги форсизабонон пардохтанд. Метавон даҳҳо чеҳраҳои фарҳангии Тоҷикистонро монанди Ҳақназар Назаров, Мансур Бобохонов, Меҳрубон Назаров, Дӯстмурод Саидмуродов, Савлатшоҳ Мерганов, Саъдулло Асадуллоев, Сайфуллоҳ Саидов, Муҳаммадҷон Гулҷонов, Қурбон Бобоев, Шарофиддин Имомов, Шаҳбоз Кабиров, Ҷӯрабек Назриев, Олимҷон Ҳӯҷамуродов, Ғиёс Қодиров, Зоҳир Аҳрорӣ, Иброҳим Усмонов, Абдуннабӣ Сатторзода, Ҳабибуллоҳ Раҷабов, Собир Мирзоев, Раҳматшоҳ Маҳмадшоев, Бозор Собир, Гулназар, Шодӣ Ҳаниф, Равшан Ёров, Додоҷон Обидов ва дигаронро номбар кард, ки касби тарҷумонӣ дар ҷаҳоншиносиву фаъолияти эҷодиву таҳқиқотии онон мусоидат намудааст. Ин ҷумла ашхосеанд, ки соҳибони аслии забони форсии тоҷикианд ва ҳам касонеанд, ки ба тавассути донистани алифбои ниёгон ба Афғонистону Эрон сафарбар гардидаанд. Аксари эшон имрӯз низ ба хати арабиасоси форсӣ сару кор доранд ва таҳқиқоти фарҳангиашон ҳам аз хонда навишта тавонистани онон ба ин хату алифбо иртибот дорад. Бисёре аз ононро мисли устод Айнӣ ҳамин алифбо машҳур сохтааст, ҳарчанд ки ҳоло мавзӯи чопи осор ба хати ниёгон расмияти воқеӣ надорад. Аммо табақаи фарҳангии Тоҷикистони мустақил баъд аз мутолиаи мақолаи таърихии сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмонов - «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XX1»

худро тасалло медиҳад, ки шояд асри нав барои тоҷикон хати ниёгонашро мисли пули миллиаш бармегардонад. Алифбои кирилии тоҷикӣ хуб аст, аммо онро аз сарҳади Тоҷикистон берун касе хондаву фаҳмида наметавонад. Тоҷикистонро зарур аст, ки монанди ҷумҳуриҳои ҳамсоя хати худро дошта бошад ва он алифбои ниёгон хоҳад буд.

Хонандагони гиромӣ! Китобе, ки дар даст доред, дар заминаи хотираҳои сафарии муаллиф офарида шудааст. Ҳама дидаву шунидаҳои соҳиби китоб дар се дафтари садвараҷа сабт гардидаанд. Ҳини навиштани ин мазмун муаллиф дар баъзе мавридҳо тартиби рӯзҳоро риоя накардааст, балки ҳодисаҳоро умумият медиҳад. Ин асар падидаи адабӣ нест. Он фақат аз рӯзгори як ҷавони сиолае, ки тӯли се сол дар Афғонистони шоҳӣ ба касби тарҷумонӣ машғул будааст, ҳикоят менамояд. Онро метавон аз дафтари хотирот номид ва ҳам метавон сафарномааш шинохт. Ин ҷиҳат ба завқи хонанда ҳавола мешавад.

Муаллиф бо навиштани дафтари хотирот даъвои эҷодкорӣ надорад, балки мехоҳад ба фарзандонаш, бародаронаш, дӯстонаш, хешу ақрабояш ва ниҳоят шогирдони воқеияш гӯяд, ки солҳои 1971-1973 дар куҷо буд, чӣ кор мекард ва чӣ рӯзгоре дошт. Ин дафтарҳо як навъ ҳисоботи сесолаи муаллиф дар назди миллаташу Ватанаш ҳам ҳаст.

Соҳиби китоб бар ин ақида аст, ки се соли масруфият дар Афғонистони шоҳӣ ӯро дарси зиндагиву одамият додааст, ба инсонҳои гуногунмазҳаб ошноиш сохтааст, ҷаҳонбиниашро васеъ кардааст, қадршиносаш намудааст, хулоса донишҳоеро барояш ато доштааст.

Мундариҷаи китоб ба се дафтар тақсимбандӣ шуд, ки маънии рамзӣ дорад. Дафтар ҳам унвони фаслҳои китоб аст ва ҳам баёнгари се дафтари хотирот. Ҳар дафтар дар дохили худ ҳикояту қиссачаҳои хурд-хурдро дарбар кардааст. Мазмуни ҳар ҳикоят дар сарлавҳаи он ҷамъбаст шудааст. Аз мазмуни умумии дафтарҳо шумо сухани дурӯғу бофтаро нахоҳед пайдо кард. Ҳарчи ки мехонед, ҳарфи ростин буда, аз рӯзгори муаллиф башорат медиҳад.

Дар баёни китоб ҷо-ҷо дар сухани муаллиф ва баъзе иштирокчиён лаҳҷаи форсии кобулӣ ва гоҳе лафзи русӣ омадааст. Ин ҷиҳат гумон намекунам, ки боиси эроди

алоқамандон гардад. Чунин тарзи сӯҳбат воқеият дошт ва наметавонистам аз он истифода набарам.

Китоб ба он далел «Афғонистони шоҳӣ» унвон гирифт, ки рӯзгори сесолаи соҳибаш дар ҳамин даврон гузаштааст. Гузашта аз ин, китоби мазкурро метавон ба сарнавишти даҳҳо тарҷумонҳо ва тахассусмандони дигаре, ки аз Шӯравӣ дар Афғонистон кор кардаанд, низ нисбат дод. Бисёре аз онон исми худро ин ҷо хоҳанд дарёфт. Гумон меравад, ки эшон муаллифро маломат намекунанд ва намегӯянд, ки дар бораашон камтар дахл намудааст. Аз ин ҷумла, ашхосе, ки аллакай ба дасти аҷал рафтаанд, рӯҳашон шод хоҳад шуд.

Оре, агар дасти аҷал воқеият намедошт, хотираҳои фавқ боз сӣ соли дигар дар дохили дафтарҳо интизорӣ мекашид, то ки рӯи чопаш оранд. Сӣ сол умри як ҷавонмард хоҳад буд. Агар он сӣ сол ба ин сӣ сол ҷамъ карда шавад, рақами шаст ҳосил мешавад. Ҳамин рақам буд, ки муаллифро ба андеша овард ва ҳидояташ кард, то ки зудтар дафтарҳои хотироташро варақгардон кунаду ҷойҳои донишдиҳандаашро барои алоқамандонаш пешниҳод намояд. Шаст сол он вақт бобарор хоҳад буд, агар ҳосиле дода бошад. Магар инъикоси ин хотиротро метавон ҷузъе аз он ҳосили шастсола шуморид. Шояду Ба ҳар ҳол, агар ин китоб андаке дониши хонандаро боло бурда метавонист, худро сарбаланд меҳисобидам ва бо ифтихор мегуфтам: ранҷам барабас нарафтааст.

ДАФТАРИ АВВАЛ

(03.1971 - 3.07.1972)

Тайёрӣ ба сафар

Омодагӣ чиҳати сафар тақрибан як моҳ тӯл кашид. Он солҳо чанд тан тоҷикро пайдо кардан мумкин буд, ки ба кишварҳои Эрону Афғонистон ва Араб сафарҳои хидматӣ анҷом дода буданд. Яке аз инҳо Каримхон Раҳимов, ки тоза аз Афғонистон баргашта буд, барои ман машваратчии асосӣ ҳисоб меёфт. Аз эшон баъзе маслиҳатҳо мегирифтам, дар бораи кишвари Афғонистон саволҳо медодам, кадом китобҳоро бо худ гирифтанро аниқ мекардам. Ҳамчунин аз таҷҳизоти хона бо худ гирифтани чӣ гуна ашёро аз Раҳимов Каримхон маълум менамудам. Он кас, дар бораи Афғонистон ва тарзи рӯзгордории хориҷиён таҷрибаи зиёде дошт. Ҳар мавзӯъро бо ҷузъиёташ қисса мекард.

Бандаро «Зарубежгеология» даъват намуда буд. Дар мактуби он ҳама шарту шароитҳо таъкид мешуд. Як таъкидаш он буд, ки ман бояд бо оилаам бошам ва аз нигоҳи психологӣ худро барои ду сол омода созам. Қарордоди он муассиса бо банда барои ду сол муқаррар шуда буд. Дар дафтарчаи меҳнатии донишгоҳиам сардори шӯъбаи кадрҳо - Қанавин ҳамин маълумотро дарҷ кард. Муддати ду сол мӯҳлати аспирантураи ман қатъ карда шуд.

Дар ин омодагӣ мавзӯи фарзандонро бо худ гирифтан душвориҳоро пеш овард. Духтарчаам - Фотима дар синфи дуюми тоҷикӣ мехонд, писарчаам - Парвиз, ки чаҳорсола шуда буд, дар кӯдакистони шабонарӯзии рақами 24 қарор дошт. Фотимаро ба хотири дар мактаби тоҷикӣ хонданаш ҳамроҳ гирифта наметавонистем, Парвизро барои он ки сураташро бо модараш якҷо нагиронда будем. Фақат баъд аз ду-се моҳ модараш метавонист ба Душанбе омада, сурати ӯро дар шиносномааш иловатан ҷой дода, сипас гирифта барад. Яъне дар Маскав шиноснома танҳо барои завҷаам омода шуда буд. Душвории дигар он буд, ки ин ду кӯдакро бо киҳо бояд гузошт. Ба чунин хулоса омадем, ки духтарро ба тарбияи муаллимаи математикаи мактаби рақами 76 - Каримова мемонем, зеро Фотима худаш мехост, ки дар хонаи муаллимаи дӯстдоштааш бимонад. Парвизро бошад, муваққатан ба ихтиёри хоҳарам - Аноргул, ки донишҷӯи соли охири Донишгоҳ буд ва бародари хурдиам - Мӯсо, ки дар синфи нӯҳуми мактаби 35 мехонд, гузорем. Ба ин хотир, Аноргулу Мӯсоро аз ҳавлии Нагорний ба шаҳрчаи 46-ум ки ду моҳ қабл ин ҷо хона гирифта будем, овардем. Бо инҳо духтари холаи модари бачаҳо - Ревахон низ ҳамроҳӣ мекард.

Барои онҳо забонхат додам, то ки маоши аспирантии бандаро гиранд. Тавре ки мебинем, сафари хориҷии банда дар вазъияти ниҳоят номувофиқ сурат мегирифт: духтар дар хонаи шахси бегона, писар дар боғчаи шабонарӯзӣ. Хеле ғамангез буд, чи барои завҷаам ва чи барои худам. Ҳеҷ гоҳ аз фарзандон ҷудо набудем ва тасаввур намекардам, ки ба чунин ҳолат гирифтор мешавам. Гузашта аз ин, роҳбари илмиам Соҳиб Табаров розӣ набуд. «Аз илм дур мешавӣ», - мегуфт ӯ. Албатта, устод ҳақ буд. Аммо дар назари ман ин сафар аз ҳар ҷиҳат бароям фоидаовар менамуд. Тақдир ба рӯям хандида буд. Чаро аз тақдир мегурехтам. Он солҳо на ба ҳар кас сафари хориҷа муяссар мешуд. Азбаски ҳукумати давр боварӣ карда, бандаро ҷиҳати кор ба кишваре даъват намудааст, боиси ифтихор буд.

Рӯзи ҳаракат сӯи Маскав - пойтахти Давлати Шӯравӣ торафт наздик мешуд. Бояд 28-уми феврали соли 1971 дар идораи «Зарубежгеология» мешудем. Он даврон ҳама навъи сафарҳои хориҷӣ ба воситаи шаҳри Маскав сурат мегирифт. Ман то ин вақт ин шаҳрро надида будам. Табиист, ки он ҷо суроғаи даркориро пайдо кардан бароям мушкил буд. Бинобар ин, ду рӯз қабл аз ҳаракат ба яке аз дӯстони солҳои донишгоҳиям Бобоев Қурбон, ки дар аспирантураи назди Донишгоҳи Ломоносов таҳсил менамуд, телеграмма фиристонда, хоҳиш кардам, ки дар майдони ҳавоии Домодедовои Маскав пешвозам гирад.

Ба ҳамин тариқ, омодагӣ дар Душанбе ба поён расид. 26-уми феврал, субҳи барвақт мошини «Волга»-и М-21 Каримхон, ки маҳсули заҳмати се-чорсолааш дар Афғонистон буд, моро аз шаҳрчаи 46-ум ба майдони ҳавоӣ бурд. Бо Парвизи хурдакак дар кӯдакистон хайру хуш кардем. Ӯ бараҳм сӯи мо менигарист, аммо намефаҳмид, ки падару модараш ба роҳи дур мераванд. Ин лаҳза бароям ҳузнангез буд. Гӯё гӯшае аз қалбамро чизе мехарошид, вале худро озод ва хурсанд назди кӯдак нишон медодам. Ба ӯ ваъдаи дурӯғ додем, ки рӯзи шанбе туро хона мебарем. Ёд дорам, ки ӯ гиря кард, бо ҳарду даст аз домани мо сахт медошт. Ба гумонам мураббияш бо суханҳои ширин вайро ба гап гирифту мо зуд аз наздаш дур шудем. Фотима бо амакҳояш - Холназар, Соҳибназар, Ҷумъахон, Мӯсо ва Аноргул моро гусел карданд. Муваққатан бошад ҳам аз фарзандону бародарон ҷудо шудан хеле сахт буд. Бо эҳсоси дарди ҷудоӣ ба ҳавопаймои ИЛ-18 боло шудем. Бо худ бори зиёде надоштем, фақат як ҷомадон гирифтем, ки он ҷо сару либосҳоямонро гузошта будем. Баъди парвози панҷсоата ба

майдони ҳавоии Домодедово расидем. Дар тӯли парвоз ҳамеша дар фикри он будам, ки Қурбон барои пешвоз мебаромада бошад ё не. Вақте ки аз зинаҳои ҳавопаймо поён шудему сӯи бинои майдони ҳавоӣ равона гардидем, дар пушти шишаҳои толор Қурбон даст боло мекард. «Хайрият»,- гуфтам. Дилам ором гирифт. Ба толор ворид шудаму ба Қурбон оғӯш кушодам. Чанд лаҳзаи аҳволпурсӣ ҳам ба поён расид. Ҷомадонамонро оварданд. Ба рӯи ҳавлии майдон баромада, таксиеро киро кардем, ки дар муддати як соату чанд дақиқа моро ба идораи «Зарубежгеология», ки дар яке аз тангкӯчаҳои Арбат воқеъ буд, расонд. Қурбон вазифаи роҳбаладиро анҷом медод. Дар ин идора шарту шароитҳоро бароям муайян намуданд. Ба чанд суроғаи дигар муроҷиат кардан лозим омад. Шиносномаву билет-чиптаҳоро гирифтам. Баъдан суроғаи меҳмонхонаи «Восток»-ро муайян карданд, то ки мо дар он ҷо чанд рӯз истироҳат дошта бошем. Боз таҳти роҳбаладии Қурбон бо такси сӯи меҳмонхона ҳаракат намудем. Рӯзи дигараш, шанбе меҳмони Қурбон шудем. Палав пухта буд. Дӯсти дигарам Темур Муҳиддин низ ба ин меҳмонӣ шарик шуд. Ӯ ҳам дар аспирантура таҳсил мекард. Дар ҳама ин рафту омадҳои мо Қурбон ҳамроҳамон қарор дошт. Намедонам то чӣ андоза вай чунин меҳмонҳоро мехост, аммо моро аз ин кӯча ба хиёбони дигар ва идораҳои дахлдор раҳнамоӣ мекард. Он сол зимистон хеле сахт ва сербарф ҳам буд. Мо бо болопӯшҳои сабук ва пойпушиҳои баҳорӣ сафар доштем. Роҳҳо яхи каб-кабуд. Оилаам бошад бо кафши пошнабаланд ба душворӣ худро аз афтидан нигоҳ медошт. Ба ҳар ҳол то дуюми март дар Маскав мондем. Рӯзи 28-ум Қурбон бояд моро ба тамошои ҷойҳои дидании Маскав мебурд. Азбаски ҳаво сард шуд, ин рӯз ҳам ӯ меҳмондориамон кард. Ин дафъа ғизои пухтааш мурғшӯрбо буд.

Рӯзи якуми март ба чанд идораи дигар муаррифӣ шудам. Якеаш дафтари Ҳизби коммунист буд. Он ҷо ба ҳуҷҷате бо номи «Қасамнома» имзо гузоштам. Ба ёдам ҳаст, ки дар сӯҳбат огоҳам сохтанд, ки дар бораи мавзӯи илмиам, ки «синфи коргар» буд, ҳарфе нагӯям, зеро дар Афғонистон аз ин истилоҳ бадашон меомадааст. Таъкид намуданд, ки ба ҳама расму оин ва қонунҳои кишвари мазкур эҳтиром оварам. Сари мавзӯъҳои Ленину Инқилоб баҳс наороям ва ғайра...

Шаби дуюми март бояд сӯи Кобул парвоз мекардем. Назар ба маслиҳати кормандони «Зарубежгеология» баъзе асбоби рузгорро аз Маскав харидан беҳтар буд. Ба ин хотир

бо Қурбон ба чандин дӯконҳо даромада, корду дегу коса ва қошуқу панҷа, чойнак ва соати саримизӣ харидорӣ намудем. Ҳама анҷоми рӯзгорро ба дохили як сумкаи тасмадори бозорравӣ ҷо ба ҷо кардем. Сумкаро аз ду гӯшааш бардошта, сӯи Универмаги марказӣ мерафтем, ки тасмааш канда шуд. Барои дӯхтани он ҷой ҳам пайдо намудем, вале навбати корафтодагон хеле калон буд. Агар навбат мегирифтем, вақтамон кам мемонд. Дигар илоҷе надоштем ба ғайр аз ин ки ба форсӣ сӯҳбат кунем, то ки моро хориҷӣ дониста, корамонро бе навбат анҷом диҳад. Аммо сӯҳбати мо дар фаҳмиши усто Ӯзбакӣ маълум шуд, ки ба саволи мо, ки ба ин сумка чӣ бояд кард? Ӯ бо як назари мутоибаомез ҷавоб дод, ки ба Ӯзбакистон баред. Қурбон ҳозирҷавобӣ нишон дода гуфт: ба Ӯзбакистон не, аммо ба Афғонистон мебарем. Усто, ки ба халқиятҳои Қафқоз шабеҳият дошт, афғон будани моро санҷиданӣ шуда, чанд саволе аз Афғонистон кард. Вақте ки ба саволҳояш ҷавобҳои дуруст гирифт, ба хориҷӣ будани мо бовариаш омаду сумкаи моро бенавбат дӯхта дод. Ман хостам, ки ҳаққи заҳматашро пардозам, вале ӯ «ҳеҷ чиз лозим нест», гӯён ба мо роҳи сафед талабид. Корафтодагони дигар сӯи дуи мо, ки форсӣ сӯҳбат мекардем, базавқ менигаристанду ҳеҷ норозигие изҳор намедоштанд. Мо дар ботин гӯё ба соддалавҳии онон механдидем. Ин ҷо низ фаъолияти ҳамаҷонибаи Қурбон назаррас буд. Ба ҳар ҳол ӯ маскавӣ шуда буд ва баъзе шайтанатҳои дӯкондоронро хуб медонист. Бо чунин амалаш ӯ ҳаловат мебурд: «Хуб бобшон кардем» - мегуфт роҳравон. Баъзан аз чунин рафторҳои ғайричашмдошт истифода бурдан ба манфиати кор хоҳад буд, илова менамуд Қурбон. Аслан, Қурбон чи дар кӯдакиву наврасӣ ва солҳои таҳсил дар Донишгоҳ шахси ҳушёр, пухта ва зирак буд. Дар он рӯзҳои даво-давиҳои банда, агар Қурбон бо ман роҳбаладиву ҳамроҳӣ намекард, ҳоли ман табоҳ мешуд... Рӯзҳои Маскав хеле зуд ба поён мерасанд. Соати 4-и рӯз аллакай вақти шомро мемонад. Ин ҳолат маро саросема месохт, зеро соати 7-и бегоҳӣ бояд ба майдони ҳавоии Шереметово мерафтем.

Қурбон ҳам, мисле ки аз меҳмонаш безор шуда буд, бандаро боз ҳам саросематар месохт. Аз ин метро ба он метро гузашта, худро ба меҳмонхона расондем. Ҷомадону сумкаро ҷо ба ҷо намудем. Мо барои Қурбон аз дигар ҷиҳат ҳам дарди сар шуда будем. Пуле надоштем, ки ба такси диҳем. Меҳмондорамон Қурбон Бобоев худро дар либоси Ҳотами Той медид, ки «ҳеҷ гап не, ман пули таксиро медиҳам,

ташвиш нашавед», - гӯён бандаро аз хиҷолат берун мекашид. Гузашта аз ин, ӯ моро бо хӯроки шом ҳам таъмин кард. Азбаски ҳавопаймо соати 11.45 парвоз менамуд, хеле интизорӣ кашидем. Соати 10-и шаб эълон шуд, ки саворшавӣ ба ҳавопаймои Маскав - Кобул оғоз шуд. Аз ҳама хоҳиш карданд, ки анҷомҳояшонро барои гузарондани санҷиши гумрукӣ омода созанд. Мо бо нишон додани шиносномаҳои хидматӣ ба толори гумрукӣ бояд ворид мешудем. Дар ин чанд рӯз, ки бо Қурбон унси бештар гирифта будам, ноилоҷ хайрухӯш кардам. Ба мо роҳи сафеду пирӯзӣ орзу намуд. Банда низ ба корҳои илмиаш муваффақият хоста, вориди толор шудам. Медидам, ки боз чанд лаҳзаи дигар Қурбон аз беруни толор ба мо даст мечунбонд. Ин лаҳза ҳолати риққатоваре фишорам медод...

Дар толори интизорӣ бештар мусофирони афғонӣ, покистонӣ ва ҳиндӣ менишастанд. Дар қаҳвахона пули хориҷӣ - доллар истифода мешуд. Азбаски мо ҳеҷ навъ пуле надоштем, оромона дар гӯшае менишастем. Сӯҳбати мусофирон ба забонҳои русӣ, инглисӣ ва форсӣ буд.

Соати 12-и шаб ҳавопаймо аз Маскав ба ҷониби Кобул роҳ пеш гирифт. Ман дар паҳлуи ҷавони афғоне қарор доштам, ки дар Ингилистон таҳсил мекарду бо арӯси инглисиаш хонаи падар мерафт. Мо форсӣ сӯҳбат мекардем. Маълум шуд, ки ӯ писари яке аз шахсиятҳои шинохтаи Афғонистон буд ва дар ин сафар мехост, ки арӯсашро ба волидайнаш ошно созад. Ҷавон андак парешон буд. Ташвишаш он буд, ки волидайн арӯсашро мепазируфта бошанд. Қарибиҳои субҳ стюардесса эълон кард, ки баъди чанд дақиқа ҳавопаймо ба майдони ҳавоии шаҳри Тошканд поён мешавад ва хоҳиш намуд, ки анҷомҳое, ки дар даст дорем бо худ гирем, зеро ин ҷо низ аз назароти гумрукӣ гузаштан лозим меояд. Аз ҳавопаймо берун шуда, ба толори гумрукӣ ворид гардидем. Ҳар кадом аз рӯи навбат назди мизҳои гумрукӣ қарор гирифтем. Кормандони гумруки Тошканд шахсони дағал маълум мешуданд. Дар назари онон ҳама мусофирон ҷиноятқор буданд. Ба хусус афғонҳо ва покистониҳоро сахт тафтиш карданд. Маро ҳам ба онҳо шабеҳ дида, яке аз кормандон анҷомҳоямро мешӯрид. Китобҳоро варақгардон менамуд. Чизи ғайриқонунӣ ба дасташ намехӯрд. Фақат рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш», ки нашрияи Донишгоҳи давлатии Тоҷиистон буд, ба назараш шубҳанок намуд, ки онро гирифта ба як тараф гузошт. Ба гумонам ба сабаби тоҷикӣ будани забони рӯзнома намехост,

ки онро ба Афғонистон бубарам.

Пагоҳии 3-юми март ҳавои Тошканд офтобӣ ва баҳорӣ буд. Моро бо роҳи даҳлезмонанде то ҳавопаймо гусел карданд. Вақте ки боло шудаму ҳавопаймо худро рост кард, дар пешорӯямон теппаву кӯҳпораҳо намудор мешуданд. Баъди якуним соат аз боло қаторкӯҳҳои Ҳиндукушро тамошо мекардем. Ҳоло чошт нашуда буд, ки манзараи шаҳри Кобул намоён гардид. Кобул, ки дар миёни кӯҳпораҳо қарор дорад, ҳавопаймо болои он чанд лаҳза чарх зада, сипас поён шуд. Вақте ки Кобулро аз боло тамошо мекардам сохтмони шаҳрҳои Бухорову Самарқанд ва кӯҳдоманҳои шаҳри Душанбе аз пеши назарам мегузаштанд. Тафовут дар он буд, ки теппаҳои Душанбе хокианду теппаҳои Кобул - кӯҳпораи бедолу дарахт...

Мусофиронро ба толори гумрукӣ бурданд. Ҳуҷҷатҳои гумрукиро хонапурӣ кардам. Корманди гумрук ҷавони зебопайкаре буд. Ӯ ба шиносномаву коғази гумрукӣ-декларатсияи банда ошно шуда, аз суханрониам ба форсӣ хушнуд гардид, дигар анҷомҳоямро тафтиш накарда, рухсат намуд. Ҳамин ҳолат буд, ки намояндаи Вазорати геология маро шинохта, исмамро ба забон овард ва худро шиносонд. Мо бо роҳбаладии ӯ рӯи ҳавлии майдон баромадем. Чашмам ба он ҷавони ҳамсафари афғониам афтид, ки бо арӯси инглисиаш дар ҳалқаи хешу акрабо қарор дошт. Маълум буд, ки арӯси хориҷиашро хуб пазируфтанд...

Ба ҳамин тариқ, 3-юми марти соли 1971 ба пойтахти давлати шоҳии Афғонистон - шаҳри Кобул расидам.

Ҳикояти рӯзҳои нахуст

Моро аз майдони ҳавоӣ ба шаҳрча-микрорайон оварданд, ки сохтмонашро Давлати Шӯравӣ анҷом дода буд. Шаҳрчаро хонаҳои бетонии панҷқабата ташкил медод. Одатан, ҳар чоршанбе, ки ҳавопаймои Маскав ба Кобул меомад, сафи мутахассисини шӯравӣ меафзуд. Дар ин рӯзҳо оилаҳои мутахассисин аз панҷараву балкони манзилҳои хеш омадани кормандони навро интизорӣ мекашиданд. Вақте ки мо аз мошин бо Кочерев,ки вазифааш пешвоз гирифтану гусел кардан буд, поён шудем, як ҷомадону як сумкаи бозорӣ доштем. Бонувони шӯравӣ, ки ин ҳолатро ба мушоҳида мегирифтаанд, дар тааҷҷуб мондаанд, ки ин чӣ навъ касоне ҳастанд, ки бо як ҷомадон ба Афғонистон омадаанд? Мо он рӯз ин лаҳзаро дида наметавонистем. Баъдҳо, ки бо

хонаводаҳои дигар ошноӣ пайдо намудем, фаҳмидем, ки бо як ҷомадон омадани оила боварибахш набудааст. Ин ҷиҳат, албатта, тарафҳои мусбат ҳам дошт. Ба ин маънӣ, сафари хизматӣ анҷоми зиёд доштанро тақозо намекунад.

Кочерев бо ёрии хидматгарони афғонӣ, моро ба қабати дуюми яке аз биноҳои панҷқабата даъват намуд. Ба ман фаҳмонданд, ки ин хона ҳоло муваққатӣ аст, баъдтар барои мо хонаи духуҷрагӣ хоҳанд дод.

Сипас, бандаро барои шинос кардан ба сармутахассиси гурӯҳи геологҳои шӯравӣ дар Афғонистон - Котов бурданд. Дафтари кории мавсуф дар бинои Сарвии маъдан ва ҷиюлучии Афғонистон, дар рӯ ба рӯи Қасри шоҳӣ қарор дошт. Ба қабати дуюм баромадем ва дохили утоқи сармутахассис гардидем.

Котов А.Я. як шахси, тақрибан панҷоҳсолаи руси айнакдор буд. Самимона салом кард, чанд дақиқа ба тарҷумаи ҳолам шинос шуд. Вақти сӯҳбат чеҳрааш кушодаву хандадор маълум мешуд. Дар он сӯҳбат ду-се каси дигар ҳам менишастанд, ки он рӯз, ҳарчанд ки худашонро муаррифӣ карданд, вале киву чӣ ва вазифаҳояшон бароям номаълум монд. Баъдтар собит шуд, ки яке аз онҳо Отставнов ном дошта роҳбарияти ҳизбии гурӯҳи геологиро бар ӯхда доштааст. Сӯҳбат ба поён расид. Отставнов сӯи ман назар андӯхта, гуфт: акнун ба сафорат меравем. Он ҷо боз бо чанд шахсияти расмӣ мулоқот кардан лозим будааст. Ҳар сӯҳбат ҷанбаи насиҳатмандӣ дошт. Мақсад он буд, ки ман боиси сарпастии гурӯҳ ва Давлати Шӯравӣ нашавам, балки фурӯтан бошам ва кӯшиш кунам, ки сарбаланд гардам. Ин сӯҳбатҳо маро ҳушёртару масъулиятмандтар мекарданд.

Баъди парвози 7-8 соата ва боз дар чандин сӯҳбатҳо нишастану насиҳат гӯш кардан кас албатта хаста мешавад. Бо Отставнов аз сафорат, ки дар як гӯшаи шаҳри Кобул, наздикиҳои Чиҳилсутуну Қасри Доруламон қарор дошт, сӯи шаҳрчаи мутахассисини шӯравӣ ҳаракат намудем. Банда аз дохили мошин ба ин сӯву он сӯи кӯчаву хиёбонҳои Кобул назар меандӯхтам ва дунёи дигареро медидам. Кӯчаҳо беназофат, аксари мардуме, ки равуо мекарданд сару либоси даридаву ҷанда доштанд. Тамоми хиёбонҳо бозорро мемонданд. Мусиқии ҳархела садо медод. Хару уштурҳо бо мошинҳо якҷо ҳаракат мекарданд. Барои касе, ки аз муҳити Шӯравӣ ба Кобул ворид мешавад, ҳама чиз аҷибу ғариб менамояд. Ин мушоҳидаҳо соли 1971 сурат гирифтаанд ва барои банда ҷолиб буданд. Аммо, агар имрӯз як тоҷик ба Кобул сафар кунад, ин манзараҳо бароям тааҷҷубовар

нахоҳанд буд, чунки кӯчаву хиёбонҳои шаҳрҳои Тоҷикистон ҳамон бозорҳоеро мемонанд, ки сӣ сол қабл дар Афғонистон фаъолият доштанд...

Дар ҳамин рӯҳия ба манзили истиқоматиам расидам. Маводи ғизоӣ ҳам, тақрибан, надоштем. Ҷуръат намекардем, барои дидани «дунёи нав» ба берун бароем. Касеро ҳам намешинохтем. Завҷаам аз ман дида бештар беҷуръатӣ зоҳир менамуд. Дар ҳолати нимгуруснагӣ шаби аввали Кобулро дар муҳити дигареву ноошное паси сар кардем.

Рӯзи чаҳоруми март фаъолияти хориҷии банда бояд оғоз мешуд. Пагоҳии ин рӯз аз манзил берун шудам. Ҳавои баҳорӣ буд. Оҳиста-оҳиста то соати 8.45 мутахассисин рӯи ҳавлӣ ҷамъ омаданд. Ҳар кадом назди банда омада, худро мешиносонд. Кочерев бошад исми маро гирифта, «шинос шавед, дар гурӯҳи мо тарҷумони нав илова шуд, аз Тоҷикистон аст», мегуфт. Одамони шӯравӣ ҳам дар назарам дигар хел менамуданд. Ҳамаашон дар ҳолати парешонӣ қарор доштанд, гӯё ким-чӣ барояшон намерасид. Расо дар вақти муайян ба автобусе, ки ронандааш афғон буд, нишастам. Маълум шуд, ки аз шаҳрча то ҷойи кор 15 дақиқа вақт сарф мешудааст. Мутахассисин соати нӯҳ бояд дар утоқҳои кориашон қарор мегирифтанд. Ҳамин рӯз буд, ки бо Ҳақназар Назаров вохӯрдам. Мавсуф солҳои донишҷӯии банда дар шӯъбаи таърихи Донишгоҳ дарс мегуфт. Ман ҳамон айём ба эшон эҳтиром пайдо карда будам. Аз ин рӯ, вақте фаҳмидам, ки ӯ низ дар ин гурӯҳ ба сифати тарҷумон кор мекунад, гӯё як нерӯи тоза дар вуҷудам пайдо шуд. Хушҳол гардидам, ки танҳо нестам, балки бо касе ҳамкорӣ хоҳам намуд, ки фарҳангӣ аст ва бароям ҳамчун муаллими аввалин дар соҳаи тарҷумонӣ мусоидат карда метавонист...

Азбаски ман тарҷумони нав будам, ҳоло анҷоми вазифаеро ба ӯҳдаам нагузошта буданд. Албатта, чанд рӯз баъд ба ягон гурӯҳи геологӣ вобаста мешудам. Тартиби кори мутахассисин чунин будааст: баҳору тобистон ва то сард шудани фасли хазон дар минтақаҳо ва дашту кӯҳсор фаъолияти геологӣ гузаронда, фасли зимистон дар Кобул корҳои «камеравӣ»-ро анҷом медоданд. Яъне он хоку намунаҳои маъданиеро, ки ҷамъ овардаанд, меомӯзанд, дар лабораторияҳои химиявӣ месанҷидаанд. Ҳамин тартиби кор буд, ки ҳама гурӯҳҳои геологӣ, ки ҳар кадом сардор дошту аз 5-6 касӣ иборат буд, он рӯзҳо дар идораи Сарвии маъдан ва ҷиюлучӣ, ки марбути афғонҳо буд, кор мекарданд. Ҳар гурӯҳ тарҷумони худро дошт. Масалан, Ҳ.Назаров тарҷумони гурӯҳи чустучӯии Коваленко буд.

Он рӯз ман аввалан ба муҳити раёсати Сарвии маъдан ошно шудам. Дар даҳлези он суратҳои мутахассисини шӯравӣ ва афғонӣ насб гардида буд. Сурате ба назарам хӯрд, ки сармутахассиси шӯравӣ бо раиси Сарвии маъдан ва ҷиюлучии Афғонистон - оқои Мирзод дар ҳолати сӯҳбат қарор доштанду сӯҳбати ононро ҷавони зебое бо номи Қодиров Ғиёс тарҷумонӣ мекард. Баъдан, аз Ҳ.Назаров дар бораи ин шахс маълумот гирифтам. Ғиёс чандин сол дар раёсати марбута вазифаи сартарҷумонии гурӯҳи геологҳои Шӯравиро иҷро мекардааст. Ҳоло бошад дар ҷойи ӯ тарҷумоне аз Озарбойҷон фаъолият менамуд. Дар ҳамин навъ мавзӯъҳо бо Ҳ.Назаров сӯҳбат оростам ва бисёре аз ҷиҳатҳои кори тарҷумониро омӯхтам.

Ин рӯзи чаҳоруми март ба панҷшанбе рост меомад, ки рӯзи кӯтоҳи корӣ буд, зеро пагоҳаш ҷумъа асту барои кишварҳои исломӣ истироҳат мебошад. Рӯзҳои панҷшанбе вақти корӣ соати 12 ба поён мерасид. Вале он рӯз ман ҳоло аз ин тартиби корӣ огаҳӣ надоштам ва гумон мекардам, ки соати 12 барои хӯрдани нони чошт ба хонаҳомон рафта, боз соати 13.00 сари вазифа ҳозир шуда, то соати панҷ кор мекунем. Ҳ.Назаров ин ҳолатро пай бурд, ки бандаро огоҳ сохт: имрӯз кор тамом шуд, пагоҳ истироҳат мекунем. Шанбе ҳафтаи нав оғоз мешавад.

Баъд аз нони чошт бори аввал ба мақсади харидории чойи кабуд ба дӯкон рафтам. Дар ҳудуди шаҳрчаамон бозорчае мавҷуд буд, ки аз он ҳама маводи мавриди заруратро пайдо кардан мумкин буд. Вақте ки сӯи бозорча роҳ мерафтам, чанд тан аз афғонбачаҳои пойлучу нимбараҳна иҳотаам намуда, ба кулоҳи ман ишора карда бо зораву тавалло «он кулоҳ ба мо бидеҳ» мегуфтанд. Дар ҷавоб ба онон гуфтам: «дигар чизе намехоҳед?» Ин ҷавобро шунида, фаҳмиданд, ки ман форсӣ медонам «Тарҷумон соҳиб! Мо пайса надорем, нон мехоҳем, одамони шӯравӣ дил доранд», гӯён дастҳояшонро сӯям дароз менамуданд. Чунин рафтори бачаҳои наврас ва аз роҳгузарон нону пул талабидани онон дар назарам ҳодисаи нав буд. Чунки дар мулки мо он солҳо фақат лӯлиҳо бо чунин талбандагӣ машғул мешуданд... Табиист, ки сарнавишти он наврасони афғон таъбамро хира ва мутаассир сохт.

Пагоҳии панҷуми март либосҳои варзишӣ ба бар карда, ҷониби майдончаи спортӣ роҳ пеш гирифтам. Дар шаҳрча гурӯҳ-гурӯҳ шаҳрвандони шӯравӣ бо кӯдакҳояшон сайру гашт доштанд. Дар майдончае ба мушоҳида гирифтам, ки ҷавонони афғон бо шӯравиҳо волейболбозӣ мекарданд. Онҳо,

ки лафзи якдигарро намефаҳмиданд, бо ишораи дасту панҷа «сӯҳбат» менамуданд. Ҷавони афғоние,ки бо ботинка бозӣ дошт, ногаҳон пойи бозингари русиро зер кард. Шахси рус пояшро молиш дода ба тарафи афғон бадқаҳрона назар андӯхта «хароб, хароб» мегуфт. Дониши забониам зуд огоҳам сохт, ки калимаи «хароб» дар муховараи Кобул на ба маънии «лоғар», балки ба чойи мафҳумҳои «нохуб, вайрон, нодуруст» истифода мешудааст. Дар ин ду рӯзи аввал ҳамчун тарҷумон ду калимаи нав ёд гирифтам: хароб ва пайса. Пайса пулро мегуфтаанд. Ин ҳолат насиҳатҳои устод Айнӣ ба хотирам омаданд, ки дарси лаҳҷашиносиро мемонданд. Ширинии забони форсӣ ҳам аз боигарии лаҳҷаҳои он сарчашма бардоштааст...

Аз тарафи субҳ дониши тозае аз рӯзгори бошандагони шаҳрчаамон, ки аз русҳову дохилиҳо ва дигар миллиятҳои ғайрифорсӣ иборат буданд, бардоштам. Гуё худро оҳиста-оҳиста ба муҳити шаҳрча мувофиқ мекунондам. Бегоҳии панҷум бо волейболбозон худро пайвастанӣ шуда аз қабати дуюм ба майдончаи назди хона фаромадам. Зану марди шӯравӣ омехта шуда, ба ду гурӯҳи шашнафарӣ тақсим гардидем. Дохилиҳо дар атрофи майдонча ҷамъ омада, бозии моро тамошо мекарданд. Дар назари чи дохилиҳо ва чи шӯравиҳо каси тозаомада банда будам ва сӯи ман ишоракунон ким-чиҳо байни худ мегуфтанд. Ин нахустин ҷуръати банда буд, ки ба муҳити нав омезишам дод ва шармгиниву камҳавсалагиро аз ман дур андохт.

Шашуми март дар соати муқаррарӣ ба автобус савор шуда, роҳи корхонаро пеш гирифтам. Имрӯз ҳам барои банда супорише дода нашуд, балки дар утоқе рӯзномаҳои Афғонистонро варақ задам. Баъди вақти расмӣ дар толори гурӯҳ, ки дар шаҳрча воқеъ буд, маҷлиси профсоюзӣ сурат гирифт. Як масъала вобаста ба қарорҳои Анҷумани бисту чоруми Ҳизби коммунистӣ мавриди баҳси мутахассисин қарор дода шуд. Дар заминаи нуктаҳои асосии Анҷуман гузоришҳои коммунистон сурат гирифт.

Ҳафтуми март ба рӯзи кушта шудани Ҳасану Ҳусейн - писарони Алӣ -домоди пайғамбар рост омад. Бинобар ин, мо - шӯравиҳо низ истироҳат доштем. Аммо ин рӯзе буд, ки шиъамазҳабҳо ба кӯчаву хиёбонҳои Кобул баромада, худро хуншор месохтанд. Дар чунин рӯзҳо ба шӯравиҳо иҷозати ба кӯчаву шаҳр баромадан дода намешуд. Моён бояд дар манзилҳои худ нишаста, ба корҳои хонаву мутолиа машғул мегардидем. Ман ҷуръат карда, ба клуби шаҳрча рафта, чанд соат ба сақабозӣ (биллиард) машғул шудам. Албатта,

барои мо мусулмонҳо кадом душворие пеш намеомад. Вале мо бояд фаромӯш намекардем, ки шӯравӣ ҳастем ва фармудаҳои онро пазируфтанамон ҳатмӣ буд.

Бегоҳии ҳафтуми март ба муносибати ҷашни байналмиллалии занон 8-уми Март маҷлиси занҳо ташкил гардид. Тамоми бонувони гурӯҳҳои шӯравӣ он ҷо ҷамъ омаданд. Намояндаи сафорат занҳоро ба идашон табрик гуфт. Ҳамчунин чанде аз бонувони фаъолро ба тӯҳфаҳо сарфароз гардонданд. Сипас филми бадеии «Город любви» («Шаҳри ишқ») намоиш дода шуд. Маҷлис, ки соати ҳабдаҳ оғоз ёфта буд, соатҳои ҳашти шаб ба поён расид.

Ногуфта намонад, ки дар шаҳрчаи Нодиршоҳӣ гурӯҳҳои зиёде вобаста ба қарордодҳои байнидавлатӣ иқомат доштанд. Масалан, қарордодҳои табибон, сохтмончиён, зироат, геологҳо, низомиён ва ғайра. ҳар кадом гурӯҳҳои алоҳидаи мутахассисонро ташкил медоданд. Аз ҳама гурӯҳи калон низомиён ва геологҳо буданд. Яъне, кормандони қарордодҳои номбурда ҳамагӣ дар ҳамин шаҳрча зиндагӣ мекарданд. Гузашта аз ин, мутахассисини шӯравӣ дар назди Институти политехникии шаҳри Кобул ва Техникуми Ҷ ангалак низ фаъолият доштанд, ки онҳо дар ҳудуди худ муқимӣ буданд. Биноҳои ин ду муассисаи таълимиро ҳам Давлати Шӯравӣ сохта буд ва устодонаш ҳам аз Шӯравӣ даъват мешуданд. Ҳини сохтмони биноҳои таълимгоҳҳои номбурда, махсус хона-котеҷҳо бунёд карда буданд. Муҳим он буд, ки чи дар шаҳрчаи мазкур, ки номи Нодиршоҳро дошт ва чи дар ҳудуди политехнику техникуми Ҷангалак шӯравиҳову дохилиҳо дар як муҳит мезистанд. Чунин ба назар мерасид, ки тарзи ҷо ба ҷогузории манзилҳои бошандагони шаҳрчаҳои типи аврупоии шаҳрҳои ҷумҳуриҳои мусулмоннишини Шӯравӣ дар Кобул ҳам истифода мегардид. Шояд ин ҷиҳат ба он хотир буд, ки миллиятҳои Шӯравӣ ба якдигар унс бигиранд ва дӯстона зиндагӣ кунанд...

Баъдан ба хона омадем. Дере нагузашт, ки сармутахассиси гурӯҳ Котов А.Я. бо ҳамроҳии ду каси дигар барои табрики ҳамсарам вориди уток шуданд. Онҳо ба як даста гул ва суханони ҷашнӣ муборакбод гуфтанду рафтанд. Тартиби кор миёни мутахассисони Шӯравӣ дар хориҷ чунон ба роҳ монда шуда буд, ки кас эҳсоси беватанӣ намекард. Ҳама ҷашнҳо таҷлил мешуданд. Аммо агар он ҷашн ба рӯзҳои корӣ рост меомад, истироҳат эълон карда намешуд. Мо ба қонунҳои кишвари марбута итоат доштем, на ба тартибу низоми Шӯравӣ. Ба ҳамин хотир буд, ки рӯзи 8-уми марти соли 1971 мардони шӯравӣ дар ҳар мақоме, ки

қарор доштанд ба асоси тартиботи кории Афғонистон сари вазифаҳои расмии хеш ҳозир шуданд. Як рӯз қабл роҳбарони гурӯҳҳо эълон намуданд, ки занон истироҳат кунанд, вале бе ширкати мардҳошон, чунки дар Афғонистон дар ин рӯз бонувон баробари мардон кор мекарданд.

Ҳаштуми март ба идораи Сарвии маъдан ҳозир шудам. Инженерон ва кормандони афғонӣ аз банда савол мекарданд, ки оқои Ҳақназар кучост? Ман ба онҳо фаҳмондам, ки он кас каме мариз шудаанд ва имрӯз омада наметавонанд. Воқеан, дохилиҳо ба мутахассиси шӯравие, ки тоҷик бошад, эҳтироми бештар зоҳир менамуданд. Аз ин ҷост, ки ҳамон рӯз сари вазифа ҳозир нашудани ҷаноби Ҳ.Назаров миёни дохилиҳо эҳсос гардид. Банда дар утоқи кории Ҳ.Назаров нишаста рӯзномаи «Анис»-ро мутолиа мекардам. Ин лаҳза як ҷавони афғон, ки яке аз ходимони Вазорати маъдан ҳисоб меёфт, рӯзномахонии маро ба мушоҳида гирифта, чанд саволе дод: аз кадом кишварам, дар кучо таҳсилоти олӣ гирифтаам, форсиро медонам ё не? Ҳангоме ки аз Тоҷикистони шӯравӣ буданамро фаҳмид, боз саволҳои дигарро раво дид: Оё ҳамаи тоҷикон ба ҷойи кор таъминанд, ман дар чӣ гуна хона--давлатӣ ё хусусӣ зиндагӣ мекунам, тоҷикон ҳамагӣ босаводанд ё не?Банда ба ҳама саволҳояш ҷавобҳои боварибахш додам, вале аз ин ки дар хонаи давлатӣ зиндагӣ мекардам ба ӯ хуш наомад ва гуфт: ин ҳолат миёни инсон ва ҳайвон фарқ намемонад. Дар тасаввури мавсуф, хонаҳои сохти аврупоӣ ба қафас монанд буданд, ки баробари ба он дохил шудан дигар баромада наметавонед. Ин навъ инсонҳоро он ҷавон ба инсонҳои қафасӣ шабеҳ медонист.

Чунин саволҳо зиёд пайдо мешуданд. Он солҳо, воқеан, шаҳрвандони Афғонистон дар бораи ҳаёти тоҷикони шӯравӣ тахминан тасаввурот надоштанд. Онҳо ба ҳар навъ бадгӯиҳои зидди шӯравӣ, ки аз радиоҳои хориҷӣ садо медоданд, боварӣ ҳосил мекарданд. Масалан, дар гурӯҳи мо як геологи бадахшӣ бо номи Шер Бахтибеков (рӯҳаш шод бошад) кор мекард, ки бадбахтона забони форсиро буррову равшан намедонист. Эшон аз хурдӣ дар мактаби русӣ таҳсил дида, завҷааш низ аз миллатҳои аврупоӣ буд. Боре дохилиҳо ба ӯ савол додаанд, ки хонумаш дар кучост? Вай ҷавоб додааст, ки ҳамсараш дар Кобул, дар микрорайон зиндагӣ мекунад. Ин савол вақте сурат гирифтааст, ки гурӯҳи онҳо садҳо фарсах аз Кобул дур ифои вазифа мекардаанд. Аз ин рӯ, посухи Бахтибеков кормандони афғониро ба шубҳа мондааст. Онон ба ҳамон дониши дурӯғине, ки дар мавриди «Коммунизм» доштанд рӯй оварда, боварӣ ҳосил кардаанд,

ки дар шӯравӣ занҳо умумианд. Дар ҳамин замина, гумон доштанд, ки миллати тоҷик дар Шӯравӣ боқӣ намондааст, балки онҳоро русҳо ба қатл расондаанд.Ё ин ки рӯзе бо Ҳ.Назаров дар қабулгоҳи сармутахассис сӯҳбат мекардем. Як ходими вазорат, ки таҳсилоти донишкадавӣ дошт ба мо савол дод, ки оё дар Шӯравӣ ҳуқуқи миллатҳо баробар аст? Ҳ.Назаров, ки аз банда дида таҷрибаи бештар бардошта буд, сари ин мавзӯъ хеле ҳарф зад ва хост, ки ӯро бо масъалаи баробарҳуқуқӣ дар Шӯравӣ ошно созад. Вале вай ба гуфтаҳои Ҳ.Назаров бовар намекард ва мегуфт, ки масалан, шумо нисбат ба як каси дигар маоши зиёд мегиред-ку! Ба идомаи ин таъкидаш илова намуд: барои он ки як афғонбача ба ягон кишвари хориҷа ҷиҳати таҳсил фиристонда шавад, камаш 50 ҳазор афғонӣ лозим аст. Ман, ки камбағалам ба ҳеҷ куҷо барои таҳсил рафта наметавонам. Аз ҷараёни сӯҳбати ин ходим, ман чунин маънӣ бардоштам, ки ӯ Шӯравиро хеле бад медид. Дар поёни суханаш изҳор дошт: Ман фақат ба Амрико ва Туркиё хоҳам рафт ба Шӯравӣ фиристанд ҳам намеравам... Азбаски ин ходим ба ғайр аз ба ин сӯву он сӯ занги телефон задан дигар коре надошт, сӯҳбаташро бо мо идома доданӣ шуда, мавзӯи ҷавониву зиндагидориро матраҳ сохт. Гӯё ӯ ба рӯзгори ҷавонони Шӯравӣ ҳасад мебурд ва иқрор кард, ки шумоҳо аз шириниҳои ҷавонӣ баҳравар ҳастед, аммо мо афғонбачаҳо аз ҷавонӣ ҳеҷ баҳрае бурда наметавонем ва имконият ҳам надорем. Ҳ.Назаров, ки аз хулосаҳои нодидагиронаи ходим дар мавриди Шӯравӣ то ҷое худро нороҳат медид, ба ӯ бо оҳанги киноямезе чунин ҷавоб дод:

- Ҳо, ба Амрико равед, аз ҷавонӣ баҳра хоҳед бурд.

Ин ҷавобе буд, ки ба даҳони ходими маҳмадоно мӯҳри хомӯшӣ зад.

Рӯзи ҳаштуми март бояд ҳама тарҷумонҳо дар ҷойҳои расмӣ навбатдорӣ мекарданд, то ки дар ин ҷашн кадом бетартибие рух надиҳад. Дар раёсат ба ман фармуданд, ки ин амрро ба тарҷумонҳои гурӯҳ расонам. Чунонки гуфтам, ин рӯз Ҳ.Назаров бетоб шуда, сари вазифа ҳозир нагардида буд. Ба ин хотир соатҳои шаши бегоҳӣ ба хонаашон, ки наздики Клуб қарор дошт, рафтам. Бо шунидани занги дар хонумашон дарвозаро ба рӯям кушод ва мариз будани эшонро такрор намуд. Вале бо шунидани садои ман, ки барои Ҳ.Назаров садои Ватанро медод, худашон берун баромада, ба хона даъват карданд. Баъд аз пурсиши ҳолу аҳвол хоҳиш намуд, ки банда бо ҳамсарам шаб меҳмони онҳо шавам. Мо, ки навхона будем ҳеҷ гуна тайёрие барои ҷашни Ҳаштуми

Март надоштем. Ин ҳолатро ба ҳисоб гирифта, соатҳои 8-и бегоҳӣ дар хонаи Ҳ.Назаров меҳмон шудем. Гузашта аз ин, ҳам завҷаи Ҳ.Назаров ва ҳам хонуми банда аз қавмҳои Қафқоз буданд. Сари мизи меҳмонӣ чаҳор кас менишастем. Сӯҳбат гоҳе тоҷикиву гоҳе русӣ сурат мегирифт, зеро мо ду тоҷики ҳамтақдир лафзи хонумҳоямонро намедонистем. Ин шаби ҷашн ҳамдигарро табрик гуфтем. Барои ман нахустин шабнишинӣ дар Кобул буд, ки аз тозагиҳо орӣ набуд. Маҷлиси меҳмониро бештар соҳибхона гарм мекард. Мавсуф оромона, канда-канда сухан мегуфт. Ҷолиб ин буд, ки ҳама суханҳояш ҷанбаи донишандӯзӣ доштанд. Банда гӯш медодам ва бисёре аз гуфтаҳои эшонро ба мақсади дар оянда истифода бурдан ба донишам зам менамудам.

Даҳуми март барои ман аз қабати чорум хона доданд. Ба ин хотир, ин рӯз ба вазорат нарафтам. Анҷоми зиёде ҳам надоштем, вале ду нафар аз хидматгарони афғонӣ моро ёрӣ расонданд. Яке аз онҳо ришсафеде буд, ки ба форсидонии ман шубҳа пайдо карда, савол дод: тарҷумон соҳиб, шумо мусулмонед? Банда, бале гуфтам, мусулмонам ва тоҷикам. Саволи ин мӯйсафед ба он хотир буд, ки дар назари онҳо на ҳар форсидон мусулмон шуда метавонад. Сипас ба онон даҳ афғонигӣ додаму бо изҳори ташаккур рухсаташон додам, ки аз пайи корҳои дигарашон шаванд. Хонаи нави мо панҷҳуҷрагӣ буд. Дар се ҳуҷрааш мо қарор доштем ва дар ду ҳуҷраи дигараш геологи Тоҷикистоние бо номи Дронов В.И. истиқомат мекард. Инсони хубе буд. Расму русуми шарқиро хуб риоя менамуд. Маданияти баланде дошт. Ин хона дорои як ташнобу ҳамом ва як ошпазхона буд. Аз ин рӯ, аз тарафи субҳ андаке нороҳатӣ эҳсос менамудам. В.И.Дронов ин чиҳатро ба назар гирифта, аввалтар аз хоб мехест, шустушӯ мекард, наҳориашро анҷом медод ва сипас хонуми ман барои омода сохтани нонушта мепардохт. Вазифаи ҳар зан пеш аз ҳама сари вақт тайёр кардани нонушта, хӯроки пешину шом буд. Аслан, бо хонум даъват шудани мутахассис барои он буд,ки фақат сари мавзӯи касбаш фикр кунад, то ки барои кишвари марбута манфиате оварда тавонад. Аз ин ҷост, ки одатан ба хонумҳо барои ҷое кор кардан иҷозат намедоданд, ҳол он ки аксари бонувони шӯравӣ дорои касбу маълумоти хоса буданд. Албатта, мутахассисоне ҳам фаъолият мекарданд, ки бидуни ҳамсар рӯзгор доштанд.

Ҳаждаҳуми март ҳамсарамро сӯи ватан гусел намудам. Ӯ дар муддати як ҳафта бояд писарчаамонро ба Кобул меовард. Ин мавзӯъ бо Маскав мувофиқа шуда буд. Хонумам

мебоист аз Кобул то Тошканд ва сипас ба Душанбе парвоз мекард. Рӯзи панҷшанбе буд. Бо Г.Н.Кочерев ба майдони ҳавоӣ рафтем. Анҷомҳояшро аз назорати гумрукӣ гузарондам. Кормандони гумрук ба мо муносибати хуб доштанд. Ҷомадонро ҳатто накушоданд. Ҳавопаймо боло шуд ва ба самти Тошканд роҳ пеш гирифт. Замоне худро нороҳат ҳис кардам на ба хотири ин ки ҳамсарам мерафт, балки барои дур мондан аз Ватан. Вақте ки ҳавопаймо аз назарҳо нопадид шуд, мо ба вазорат пас гаштем. Соати 12 кор ба поён расид. Нони чоштро дар танҳоӣ хӯрдам. Хона дар назарам торик буд. Зиқӣ фишорам медод.

Ҳамин рӯз буд, ки бандаро ба сафи яккачини дастаи волейболи гурӯҳ шомил сохтанд. Нахустин бозии мо бо гурӯҳи волейболбозони «Доруламон» сурат гирифт. Банда, ки ба ин навъи бозӣ аз овони ҷавонӣ машғул будам ва дарачаҳо низ доштам, то ҷое аз маҳорату чолокӣ кор гирифта, дар паҳлуи дигарон ғалабаи дастаи хешро таъмин намудам. Ҳисоби бозӣ 3:0 ба фоидаи гурӯҳи мо анҷом ёфт. Ин лаҳза сармутахассисамон Котов А.Я. ба назди мо омада, дастҳомонро самимона фишурда, офаринҳо гуфта, сипас ба сардори даста эрод гирифт, ки чаро ба Худойназар кам аҳамият додед, баръакс аз маҳорати ӯ истифода бурдан лозим буд. Воқеан, ҳангоми бозӣ ман ҳис намудам, ки русҳо бештар ба якдигар тӯб медоданду бандаро нодида мегирифтанд. Яъне он ҷо, ки зарба задан лозим мешавад, тӯбро ба ман намедоданд, ҳол он ки дар гурӯҳ бозингари зарбазан вуҷуд надошт. Ҳар лаҳза, ки ман дар қатори аввал ҷой мегирифтам, бозӣ ба фоидаи мо ҳал мешуд. Бинобар ин сардорамон ҷиддан таъкид кард, ки дар бозиҳои оянда аз маҳорати банда бештар бояд истифода шавад...

Бистуми март, аз тарафи саҳар бо дастаи геологҳои «Бибимоҳрӯ» (русҳо Бимарӯ мегуфтанд) вохӯрӣ доштем. Ин команда нисбат ба командаи «Доруламон» қавитар буд. То ин бозӣ гурӯҳи мо дар вохӯриҳо бо ин даста ҳамеша ба мағлубият рӯ ба рӯ мешудааст. Ман, ки чанд бозии «Бибимоҳрӯ»-ро мушоҳида карда будам, чандон боварӣ надоштам, ки онро мағлуб месозем. Бо ҳамин рӯҳия бозӣ шурӯъ шуд. Аввал афзалият аз онҳо буд. Ҳамин буд, ки навбати аввалро мо бо ҳисоби сифр бар як (0:1) бохтем. Ин дафъа банда тамоми майдонро ба ихтиёр гирифтам. Чолокӣ ба он сатҳ буд, ки дар ҳар нуқта пайдо шуда, тӯбро медоштам ва бо зарбаҳо ва фиреб доданҳо ҳисобро зиёд мегардондам. Бозӣ ранги ҷиддӣ пайдо кард. Дар чор навбат ҳисоб баробар шуд. Навбати панҷум ҳалкунанда буд. Ҳама

бозингарони гурӯҳ масъулият ҳис карданд. Гузашта аз ин, Котов ва дигар роҳбарони сафорат ин бозиро тамошо доштанд. Махсусан, Котов бесаранҷом ба назар мерасид ва ҳар дафъа садо медод, ки тӯбро ба Худойназар диҳед. Занҳо доду фиғон мебардоштанд ва бо қарсаку офарингӯиҳо (браво, браво) бозии моро дастгирӣ менамуданд.

Баъд аз бозӣ хона омада, каме дароз кашидам. В.И.Дронов бо як рафиқаш хоҳиш карданд, ки ба тамошои шаҳр бароем. Ҳарчанд ки майли тамошо надоштам, вале сухани ҳамсояро рад карда ҳам намешуд. Онҳо ба тарҷумон зарурат доштанд. Дар баъзе ҷойҳои дидании Кобул аксҳо бардоштем. Бегоҳӣ дар клуб филмеро тамошо намуда, сипас чанд навбат сақобозӣ кардам. Соатҳои 10-и шаб хона омада, китоби маршал Баграмянро варақзанон ба хоб рафтам...

Бисту якуми март оғози Соли нав буд. Дар Афғонистон се рӯз истироҳат эълон карда шуд. Пагоҳӣ соатҳои 10 рӯи ҳавлӣ баромада, тарҷумони озарӣ Маҳмуд Фотеҳовро вохӯрдам. Дар даст фотоаппарат дошт. Сурати маро гирифт. Вай соли дуюм буд, ки тарҷумонӣ мекард ва таҷрибаи бештар дошт, пешниҳод намуд, ки ба сайру гашти Кобули наврӯзӣ биравем. Ман хоҳиши ӯро қабул дошта, пешниҳод намудам, ки Ҳ.Назаров низ даъват шавад. Маҳмуд розӣ шуд. То назди хонаи Ҳ.Назаров расидем. Аз таги панҷараи қабати аввал садо баровардам, ки ӯ ба пешвозам баромад, аммо шаҳрравиро рад намуд.

Маҳмуд низ мисли банда аспирант буда, мавзӯи рисолааш «Ҳаёт ва фаъолияти Салмони Соваҷӣ» ном дошт. Ӯ ҷавони хубе буд, соддагиҳо дошт, ба русӣ чандон хуб сӯҳбат карда наметавонист. Ҳамон айём афкори озодандешиаш ба мушоҳида мерасид... Ду аспиранти донишгоҳӣ аз шаҳрчаи Нодиршоҳ ба ҷониби қасри шоҳӣ роҳ пеш гирифтем. Дар рӯ ба рӯи он акси якдигарро гирифтем. Сипас хостем, ки дар кинотеатри «Ориёно», ки дар майдони Паштунистон воқеъ буд, филми эрониеро бо номи «Дунёи пурумед» тамошо кунем. Аммо дарвозаҳои онро баста дидем. Ҳоло барвақт будааст. Аз ин рӯ, дӯконҳои сари роҳро тамошо намуда, як худранг (авторучка) ва як айнак барои ман харидем. Чошт ҳам наздик омад. Ба самовоте (аз самоварчи гирифта шудааст) даромада, кабоби ҷигарӣ хӯрдем. Кабобро хуб мепухтаанд.Сипас дубора ба назди кинотеатр омадем. Дидем, ки барои тикетгирӣ навбат риоя намешуд. Касе, ки зӯр дошт, дигаронро ин суву он сӯ тела дода, тикет мегирифт. Албатта, мо чунин карда наметавонистем.Ба Маҳмуд гуфтам, ки аз ягон афғонбача

хоҳиш кардан лозим мешавад. Сухани бандаро ҷавоне шунид, ки назди мо омада пуламонро гирифту бароямон ду тикет харидорӣ намуд. Ба он ҷавон изҳори ташаккур кардем, вай мегуфт «хайр аст, парво надорад». Филмро тамошо кардем. Мавзӯяш ҷанг буд ва «боевик»-ҳои имрӯзро мемонд. Ба ҳар ҳол лаззати маънавӣ бурдем...

Биступанҷуми март ҳамроҳи Ҳақназар Назаров бозорӣ кардем. Рӯзи кӯтоҳ буд. Дар ин бозорравӣ банда сабаб шудам. Як рӯз қабл дар омади гап орзуи палав хӯрдан кардам ва гуфтам, ки на хонумам инҷосту на деги ошпазӣ дорам, вагарна худам ин ғизоро омода месохтам. Воқеан, ду ҳафта боз оши палав нӯши ҷон накарда будам. Майли палавхоҳии маро ба инобат гирифта, Ҳ.Назаров гӯшту биринҷ ва дигар маводи заруриро харидорӣ намуд ва ба хонаи эшон омадем. Ман мехостам, ки аз таги дарвозаи он кас пас гашта, ба манзили худ равам, вале он кас нагузоштанд ва нони чоштро якҷоя дидем. Сипас огоҳ сохтанд, ки метавонам бегоҳӣ барои хӯрдани оши палави фармоишӣ ҳозир шавам. Майли палавхӯриам андаке хиҷилам сохт. Хуб нашуд. Як шахсе, ки аз банда бузургтар буд, ба хотири хоҳиши маро иҷро кардан, ташвиш мекашид. Дигар илоҷе надоштам. Мувофиқи ваъда, соати шаши бегоҳӣ тамошокунон сӯи хонаи Ҳ.Назаров равон шудам. Он кас интизорӣ мекашиданд. Оши палав хеле болаззат пухта шуда буд. Биринҷи Кобул, ки сифати баланде дошт, палавро боз ҳам хушхӯр гардонда буд. Дар сари дастархон сӯҳбати мо бештар сари адабиёту фарҳанг ва таърихи Афғонистон сурат дошт. То дер ёди дӯстону диёр кардем. Аз чеҳраҳои сиёсиву фарҳангии Афғонистон ёдовар шудем. Оқои Ҳ.Назаров тарзи сӯҳбати ба худ хосу донишандмандона дошт. Банда, ки он айём дар бораи Афғонистон маълумоти казоӣ надоштам, аз эшон дониш меандӯхтам ва бо таваҷҷӯҳ гӯш медодам ва ҳарчи ки бароям тозаву дилчасп маълум мешуд, дар мағзам нақш мекунондам. Чунин сӯҳбатҳо манфиатбахш буданд...

Бисту шашуми март, ки ба рӯзи ҷумъа рост меомад, 45 нафар аз мутахассисон - зану мард, роҳи шаҳри Ҷалолободро пеш гирифтем. Масофаи роҳ байни Кобул ва Ҷалолобод 168 км-ро ташкил медод. Аз самти Кобул роҳ то расидан ба ҳамвориҳои Ҷалолобод нишебрӯя ва печ дар печ буд. Ин роҳро Созмони Миллали Муттаҳид сохта будааст. Қабати кӯҳҳоро шикофта, туннелҳо кушодаанд. Ҷ ойҳое, ки сангу шағал мефарояд, бо тарзи махсуси айвондор сохта шуда буданд. Аз ин ҷост, ки дар ягон гӯшаи роҳи каҷмокаҷи Кобулу Ҷалолобод мушкилие пеш намеояд. Ҳар

офате, ки аз баландиҳо саронишеб мешуд, аз болои айвонҳо мустақил ба дараи бетагу рӯди сероб фурӯ мерафт. Ин роҳро дида, бехотир ҳушам сӯи роҳҳои Бадахшону Кӯлоб ва ағбаҳои Анзобу Шаҳристони ватанам равона шуд ва ба худ савол додам, ки бо он қудрате, ки Шӯравӣ дорад, чаро роҳҳои моро мисли ин намесозанд? Акнун ки дар оғози қарни бисту як қарор дорам, роҳбарони даври Тоҷикистонро ба он гунаҳгор месозам, ки аз нерӯи иқтисодиву техникии даврони Шӯравӣ истифода набурданд ва дар Тоҷикистон ягон роҳи дурусте насохтанд.

Вақте ки аз қаторкӯҳҳои сар ба фалак поён шудем, дар рӯ ба рӯямон даштҳои сердолу дарахти минтақаи Ҷалолобод намудор шуд. Соатҳои 10-и пагоҳӣ ба шаҳр ворид гардидем. Автобусамон дар маркази шаҳр, ки бозорро мемонд, қарор кард. Кӯчаҳои ин шаҳр низ монанди шаҳрҳои қадимаву шарқӣ аз ду тараф бо дӯконҳои ҳархелаашон шаҳрро зебу зиннат мебахшиданд. Аввалин эҳсосе, ки аз ин шаҳр доштам бӯю таф буд, ки ба машомам зад. Дигар чизе, ки хушам наомад сермагасии ин шаҳр буд. Азбаски тамоми кӯчаву хиёбонҳо ба бозор табдил дода шуда буданд, коғазпораву дигар поракандаҳои ачнос хеле зиёд ба назар мерасид. Дар ҷӯйборҳо обҳои ғализу бӯйнок қарор доштанд. Дуруст аст, ки кӯчаҳои бозормонанди Кобул ҳам чандон озодагӣ надоранд, вале хиёбонҳои Ҷалолобод дар назарам бештар беназокат менамуданд.

Дар ин саёҳат бонувони русӣ худро ба дӯконҳо заданд. Банда, ки бояд тарҷумонӣ мекардам, ҳангоми ба чанд дӯкон сар халондан дарёфтам, ки тоҷирон ба русӣ ҳарф мезаданд ва пешакӣ медонистанд, ки хонумҳои шӯравӣ ба кадом навъи матоъ майл доранд. Чунин шуд, ки ба тарҷумонии ман зарурат пайдо нагардид. Ба ин хотир, саёҳон ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Яке ба тамошои бозор рафт ва дигаре ба дидани ҷойҳои таърихии шаҳр. Банда ба гурӯҳи дуюм худро задам, то ки аз зиёратгоҳҳову музейҳои Ҷалолобод баҳравар гардам. Маълум шуд, ки дар ин шаҳр аз ҳама ҷойи диданӣ ва таърихӣ барои саёҳони хориҷӣ мақбараи амир Амонуллоҳхон будааст. Амире, ки бо номи ӯ мустақилияти Афғонистон иртибот дорад. Моҳи майи соли 1919 маҳз мавсуф мустақилияти кишварро эълон дошт ва то тирамоҳи соли 1928 шоҳи Афғонистон буд. Вай дар таърих бо номи шоҳи навгаро машҳур аст. Амонуллоҳхон шоҳе буд, ки бори нахуст рӯ ба маданияти Аврупову Ғарб оварда, чандин кишварҳои пешрафтаро дида, қарордодҳои иқтисодиву фарҳангӣ имзо кардааст. Чунин фаъолияти таҷаддудгароёнаи вай ба

баъзе аз кишварҳои манфиатхоҳ маъқул наомад, аз ин рӯ муллоёни мутаассибро ба муқобилаш бархезонданд ва Ҳабибуллоҳи Колоконӣ, машҳур ба Бачаи Сақовро рӯи тахт оварданӣ шуданд. Бар асари ин воқеот Амонуллоҳхон рӯ ба фирор овард. Аввалан ба Ғазна рафт ва аз он ҷо ба Қандаҳору Ҳирот ва баъдан роҳи Ҳинду Шветсияро пеш гирифт ва то поёни умр он ҷо монд...

Воқеаҳои таърихӣ чунин сурат гирифт, ки ҳокимияти Бачаи Сақов ҳамагӣ ҳашт моҳ идома ёфт. Ӯро низ боз ҳамон бадхоҳони хориҷӣ ва дастаи мутаассибин аз тахти шоҳӣ барканор сохта, дар майдони Паштунистон ба дораш овехтанд. Сипас, Нодири вазири ҳарбиро, ки дар Фаронса таҳсил дошт, ба Хуст оварданд ва моҳи феврали соли 1929 ба тахти шоҳӣ нишонданд, ки сарнавишти ин шахс низ қиссаи дуру дарозест...

Таҳти таъсири ҳамин таассуроти таърихӣ то назди мақбараи Амонуллоҳхон расидем. Дар ин зиёратгоҳ боз гӯрҳои қиблагоҳи ӯ, ки баъд аз Абдурраҳмонхон, бар маснади шоҳӣ нишаста буд - Ҳабибуллоҳхон, хонумаш - Сурайё ва бародараш Иноятуллоҳ ба мушоҳида расиданд. Ин оромгоҳ мазори хонаводагиро мемонд. Дар ин миён марқади Амонуллоҳхон ва завҷааш бошукӯҳ ба назар мерасид. Дар сари гӯрҳо сангҳои мармарини сафеди аълосифат бо навиштаҷоти ному насаб ба хати зебову хонои алифбои арабиасос кандакорӣ шуда буд. Атрофи мазор девори хиштии начандон баланд дошт. Дохили зиёратгоҳ ба майдончаи дилрабое шабоҳат дошта, ба замини он реги зарду сафед паҳн карда буданд. Мӯйсафеди нуроние ин ҷо ба рӯбу чин ва об додани гулҳо масруф буд. Қабл аз он ки кас ба майдончаи зиёратгоҳ ворид шавад, кафшҳояшро мекашид. Мо ҳам чунин кардем. Ҳарчанд барои русҳо ин русум одат нашуда буд, онҳо низ кафшҳояшонро беруни зиёратгоҳ гузоштанд. Саёҳони русӣ бар назди ҳар гӯр қарор гирифта, аз банда хоҳиш мекарданд, то ки навиштаҳои болои сангҳои мармаринро хонда тарҷума намоям.

Баъзе аз мутахассисин аз рӯи филми «Миссия в Кабуле» дар бораи Ҳабибуллоҳхон ва Амонуллоҳхон то ҷое маълумот доштанд. Аммо боз ба воситаи дониши ман лаҳзаҳоеро аз он таърих аниқ карданӣ мешуданд. Рости гап, ҳамон даврон дар бораи таърихи Афғонистон маълумоти васее надоштам. Бо вуҷуди ин, кӯшиш мекардам, ки мавзӯъро ба саёҳон шарҳу эзоҳ диҳам. Мӯйсафеди номбурда, ки сӯҳбати моро мушоҳида менамуд, ба мо наздиктар омада, дар бораи солҳои охири ҳаёти Амонуллоҳ чанд лаҳзаи

ҷолибро ҳикоя кард. Аз рӯи дониши мӯйсафед маълум шуд, ки шоҳи навгаро ба синни 58-солагӣ дар Шветсия ва завҷааш дар 70-солагӣ аз ҷаҳон даргузаштанд. Баъдан турбати онҳоро ба Ҷалолобод интиқол доданд.

Дар Ҷалолобод боз чанд соате сайру гашт намуда, аксҳои хотиравӣ бардоштем. Соати муайяншуда сӯи Кобул ҳаракат намудем. Он роҳи каҷмокаҷаку зинамонандро боло баромадан барои кас кайфияте меовард. Соатҳои шаши бегоҳ ба манзилҳои кобулиамон расидем. Бо ин хотираҳо моҳи март ба поён расиду моҳи апрел оғоз ёфт. Рӯзе дар толори фарҳангии микрорайон саҳобозӣ мекардам, ки як инженери рус ба исми Борозинетс Н.И. ба наздам омада хабар дод, ки роҳбарият маро ба гурӯҳи онҳо мутасаддӣ кардааст. Борозинетс аз русҳои муқимии Тошканд буда, дар соҳаи геология таҷрибаи беш аз бистсола дошт ва дар қарордоди геологҳои шӯравӣ роҳбарии гурӯҳеро адо менамуд. Вай танҳо рӯзгор дошт. Зану фарзандонашро бо ҳуд наоварда буд. Шахси хушсӯҳбате буда, одатҳои шарқиро хуб риоя мекард. Забони ӯзбекиро медонист. Аслан ба мардумони украин тааллуқ дошт. Аз сӯҳбате, ки бо мавсуф сурат гирифт фаҳмидам, ки дар гурӯҳи ӯ чаҳор-панҷ геологи дигар шомил будаанд. Онҳо муддати ду моҳ дар минтақаи Ҳирот корҳои ҷустуҷӯӣ мегузарондаанд. Вақте ки аз шароити кору рӯзгори саҳроӣ огоҳ шудам, даҳшат фароям гирифт. Аз сӯи дигар, илоҷе надоштам, дар Маскав вазифаҳоямро фаҳмонда буданд. Гуфтанд, ки ман бо геологҳо кор хоҳам кард. Ин хабар бароям як нохушӣ дошт. Гап дар ин ки завҷаам ба Душанбе рафта буд, то ки писарчаамро биёрад. Омаданашон маълум набуд. Метарсидам, ки агар гурӯҳ ба зудӣ ҳаракат кунад, онҳоро пешвоз гирифта наметавонам. Ҳол он ки аз рӯи ҷадвали парвозҳо рӯзи 4-уми апрел, мебоист аз Тошканд ҳавопаймои «Бойинг»-и афғонӣ пас бигардад. Ҳафтае як маротиба дар баробари ҳавопаймои шӯравӣ ҳавопаймои афғонӣ низ сӯи Кобул парвоз менамуд.

Рӯзи 4-уми апрел, баъд аз чошт сари вазифа ҳозир нашуда, балки мошинеро аз раёсат ичозат гирифта, ба майдони ҳавоӣ рафтам. Ду афғонӣ дода ба қабати сеюми бинои майдони ҳавоӣ боло шудам. Он ҷо барои тамошои лаҳзаи фурудоии ҳавопаймо хеле мувофиқ буд. Ман ва боз чанде аз пешвозгирандагони дигар ба балкон баромадем, то ки бубинем чӣ навъ ҳавопаймои «Бойинг»-и америкоӣ поин мешавад. Чандон вақте нагузашт, ки ҳавопаймо дар болои шаҳри Кобул пайдо шуда, ду дафъа дар атрофи шаҳр давр хӯрда, сипас фуруд омад. Ин лаҳза қалбам ба тапиш даромад.

Аз худо илтичо менамудам, ки завқаву писарам маҳз ҳамин рӯз биоянд. Дарвозаи ҳавопаймо боз шуд ва аввалин мусофирине, ки сар берун карданд Парвиз ва модараш буданд, ки оромона аз поймонакҳои зинапоя мефаромаданд. Дар назарам Парвиз ин сӯву он сӯ нигоҳ карда, падарашро меҷуст. Азбаски масофаи бино ва ҳавопаймо 50-70 метр буд, онҳо маро дида наметавонистанд. Ман ба зудӣ поён фаромада, дар рӯ ба рӯи толори пазироӣ қарор гирифтам. Маълум шуд, ки дар як ҳавопаймои бузург ҳафт-ҳашт мусофир парвоз кардаасту халос. Кормандони гумрук, вақте фаҳмиданд, ки он хонуми шӯравӣ бо писарак ба банда тааллуқ доранд, анҷомҳояшонро тафтиш накарда, рухсат доданд, ки аз толор берун шаванд. Ба кормандони афғонӣ, ки тарҷумонҳои тоҷикро бисёр эҳтиром мекарданд, ташаккур гуфта, Парвизро сари даст бардошта бӯсидам. Шодии ман ҳаду канор надошт. Анҷомҳоро рононда бардошта, то мошин бурд. Мо сӯи микрорайон ҳаракат намудем. Дигар ташвише надоштам, агар гурӯҳ пагоҳ ҳам ки ҷониби Ҳирот ҳаракат мекард, парвое набуд. Аз ин ки Парвизи чорунимсола дар Душанбе монда буд, хеле парешонҳол будам. Ҳарчанд ки ӯ дар тарбияи хоҳару бародаронам қарор дошт, боз андеша мекардам, ки ҳоли ӯ чӣ мешуда бошад? Албатта модари бачаҳо шикоятҳое ҳам дар мавриди хешони банда кард, ки чунин рафтор одати ҳама янгаҳост. Бо вуҷуди ин, то ҷое асабӣ шудам ва ба хоҳарам Аноргул ва бародарам Ҷумъахон нома навишта, изҳори ранҷиш намудам. Бо гузашти солҳо фаҳмидам, ки он гуфтаҳо чандон воқеият надоштаанд...

Сафари Ҳирот

Моҳи март барои банда ҳамчун давраи ошноӣ ва таҷрибаомӯзӣ ба поён расид. Нахустин маротиба ба сафари геологӣ омодагӣ мегирифтам.Ин сафар донишҳоеро тақозо дошт, вале аз он огаҳие надоштам. На ба назарияи он балад будаму на ба истилоҳоташ. Ин ҷиҳат ба масъулиятмандӣ водорам месохт. Худро ба он тасалло медодам, ки дар ҷараёни фаъолият қонунмандиву махсусиятҳои илми геологияро аз худ хоҳам кард.

Ҳафтуми апрел, ки ба рӯзи панҷшанбе рост меомад, Борозинетс ҳамаро ба сафари Ҳирот омода сохт. Геологҳои гурӯҳ дар ин рӯз ҳаракат кардан намехостанд, зеро рӯзи дигараш ҷумъа буд. Онҳо мехостанд, ки рӯзи истироҳат бо оилаҳошон бошанд. Ин рӯз барои сардори гурӯҳ аҳамияте надошт, чунки ӯ танҳо буд ва баръакс рӯзҳои ҷумъа барояш

ташвишовар буданд. Бо вуҷуди ин, мутахассисин омода шуданд. Соати яки рӯз дар назди бинои истиқоматӣ ҷамъ шудем. Ҳаво бороний буд. Ман дар хона бо Парвизу модараш хайрухӯш карда, анҷомҳоямро гирифта, ба назди мошини ГАЗ-69, ки роҳбарамон он ҷо буд, омадам. Медидам, ки завҷаам бо писарам бо ҳавои бороний нигоҳ накарда, аз балкони қабати чаҳорум сӯям даст меафшонданд. Парвиз ҳоло намефаҳмид, ки ду-се моҳ падарашро дида наметавонад, гумон дошт, ки мисли рӯзҳои дигар боз бегоҳӣ ба хона бармегардам. Дилам зиқ шуд. Он айём, тақрибан, аз оила ба муддатҳо дур намонда будам. Аз ҳама бештар Слава Гришини маскавӣ азият мекашид. Хонумаш Люба ӯро ба оғӯш гирифта буд. Гӯё Славаро ба ҷанги Олмон гусел мекард. Як геологи дигарамон - Олег ин тарафу он тараф қадам зада, аламашро бо дуди ғализи сигарет мебаровард. Вай аз шаҳри Кишинёв буд. Юра парво надошт. Ӯ низ монанди Борозинетс беоила буд. Гузашта аз ин барои мардҳои муҷаррад дар сафар будан манфиатбахштар менамуд.

Бо ҳамин рӯҳия ба мошинҳо савор шудем. Ману Борозинетс ва се инженери афғонӣ якҷо нишастем. Гап дар ин аст, ки ҳар гурӯҳи геологӣ аз мутахассисини шӯравию афғонӣ ташкил гардида буд. Ба ин маънӣ, ҳар гурӯҳ ду сардор дошт. Масалан, дар гурӯҳи мо роҳбари афғонӣ инженер Исматуллоҳхони қандаҳорӣ буд. Ҳама масорифи пулӣ бо имзои ӯ сурат мегирифт. Илова бар ин, дар гурӯҳ ронандаҳо, ошпазҳо ва 40-50 нафар мардикорони афғонӣ шомил мешуданд. Дар маҷмӯъ ҳар гурӯҳ аз 60-70 кас иборат буд. Геологҳои шӯравӣ мебоист дар якҷоягӣ бо геологҳои афғонӣ кофтуковҳои геологӣ гузаронда, ба ҳамин восита онҳоро аз таҷрибаву дониши назарӣ ва амалии хеш баҳравар созанд. Аз ин рӯ, ҳама фаъолияти инженерони шӯравӣ дар шоҳидии мутахассисини дохилӣ сурат мегирифт. То ҷое мо хизмати афғонҳоро анҷом медодем. Дар айни замон, мо аз маоши худамон масраф менамудем. Ҳар мутахассис 5-6 ҳазорӣ ба хазинаи гурӯҳ мегузошт ва дар муддати муайян аз он ҳисоб нону гӯшт ва дигар маводи ғизоӣ харидорӣ мешуд. Мо бештар аз мағозаи хӯроквории сафорати Шӯравӣ истифода менамудем, ки арзонтар буд. Маска, равған, консерваҳои моҳӣ, гов, гӯсфанд ва ҳар навъ шириниҳоро ба миқдори зарурӣ харидорӣ карда, бо худ мегирифтем. Дар чунин сафарҳо бештар аз консерваҳо истифода менамудем. Гӯшти харчанги баҳрӣ хеле лаззатбахш буд, ки баъд аз сӣ сол ҳам маззааш дар комам боқӣ мондааст.

Он нисфирӯзӣ кӯчаву хиёбонҳои шаҳри Кобулро пушти

сар гузашта, ба шоҳроҳи Кобул-Қандаҳор баромадем. Ин роҳро америкоиҳо сохта буданд ва роҳи хубе ҳам буд. Аз самти Кобул аввалан ба минтақаи Майдон расидем, ки аз тарафи чапи роҳ қарор дошт. Майдон аз дур як шаҳрчаи зебоманзареро мемонд. Дар ин мавзеъ чанд лаҳзае таваққуф кардем, то ки ронанда намоз адо намояд. Ҳаракат сӯи шаҳри Ғазна идома гирифт. Баъди аз баланди поён шудан аз пешорӯ Ғазна намудор гардид. Азбаски бо амри сардорамон шитоб доштем, дар ин шаҳр мошинро қарор надода, мустақим рӯ ба пеш ниҳодем. Шаҳри Ғазна ва мақбараи Султон Маҳмудро аз масофаи сад метр тамошо кардем. Ҳарчанд ки ман мехостам соате ҷойҳои таърихии Ғазнаро бубинем, вале Борозинетс «дар бозгашт» гӯён ба ронанда фармуд, ки ҳаракатро давом диҳад. Шом ба маҳаллаи Муқур расидем. Хаста ҳам шуда будем. Қарор додем, ки шабро дар ин ҷо гузаронем. Ин минтақаи паштунҳо буд. Дар ошхонаву самовотҳо паштунҳо хизмат мекарданд. Дар даштҳои он хаймаҳои мардуми кӯчӣ ба мушоҳида мерасид. Аз рӯи нақли ронандаамон маълум шуд, ки мардуми кӯчӣ аз самти Қандаҳор ба самти Кобул ҳаракат доранд. Онҳо молдороне ҳастанд, ки аз тарафи баҳор минтақаи гармро тарк гуфта, ба шимоли Афғонистон роҳ пеш мегирифтанд, ки нисбатан салқинтар будааст.

Рӯзи ҳаштуми апрел субҳи барвақт ба ҷониби Қандаҳор ҳаракат намудем. Аз ду тарафи шоҳроҳ даштҳои васеъбар ба мушоҳида мерасид. Дар ҳар 10-15 км деҳаҳоеро медидем, ки дар онҳо мардуми кӯчӣ муваққатан дар хаймаҳо рӯзгор доштанд. Аз Майдон то Қандаҳор, ки чандсад километр тӯл мегирифт, регзор буд. Фақат баъзан ҷазираҳои сабзапӯшро медидему сари роҳ дарахтони бодоми худрӯйро. То андозае, ки роҳро сӯи Қандаҳор наздик мекардем, таъсири гармӣ меафзуд ва бӯи тарбод ба машом мерасид. Ин ҷиҳат барои банда ва русҳо нороҳаткунанда буд.

Чошт буд, ки аз дур манзараи сарсабзи Қандаҳор намудор гардид. Дар даромадгоҳи шаҳр аз тарафи чап фурудгоҳ ва шаҳрчаи типи аврупоӣ ва анборҳои боҳашамате ба назар расид, ки ба америкоиҳо тааллуқ доштаанд. Воқеан, Қандаҳор аз зеботарин шаҳрҳои Афғонистон мебошад. Ду тарафи кӯчаҳои шаҳрро дарахтони савсан ва арчаҳои сарбафалак зиннат медоданд. Дар муқоиса бо Кобул ин шаҳр тозатару дилрабо ба назар мерасид. Ҳамон рӯз, ки мо ба шаҳр ворид шудем, Аълоҳазрат - Муҳаммад Зоҳиршоҳ меҳмони қандаҳориҳо будааст. Дар кӯчаи марказӣ зиёиёну ришсафедон ва муллоёни Қандаҳор барои пазироии шоҳи

кишварашон қарор доштанд. Ҳама дар даст тасбеҳ сари китф ҷойнамоз ва дар сар дасторҳои дарозфаш миёни худ сӯҳбати гарм мекарданд. Чеҳраҳояшон шодону таъбашон болида ба назар мехӯрд. Ин лаҳзае буд, ки Зоҳиршоҳ ба зиёрати мақбараи Аҳмадшоҳ рафта буд ва мехост, ки дар масҷиди он намоз гузорад... Аҳмадшоҳ шахсияти таърихӣ мебошад. Ӯ соли 1747 давлати Афғонистонро таъсис дода, пойтахти онро шаҳри Қандаҳор эълом дошт. Вайро бо номи Аҳмадшоҳи Дуронӣ низ мешиносанд. Эшон соҳиби девони ашъори дарӣ ва ҳам пашту буд. Духтари Аҳмадшоҳ Оишаи Дуронӣ шоираи бомаҳорате буд. Бесабаб нест, ки номи вай дар таърихи адабиёти Афғонистон ёд мешавад.

Мо аввалан дар маркази шаҳр чанд лаҳза маътал шуда, бо маслиҳати инженерони дохилӣ мавзӯи дар кӯчаи шаҳр сипарӣ намудани шабро ҳал кардем. Ба чунин хулоса омадем, ки мутахассисини шӯравӣ дар меҳмонхона - ҳутал ҷой гиранду дохилиҳо дар Боғи умумӣ истироҳат намоянд. Дар Қандаҳор як шаб мондани мо ба он хотир буд, ки мошинҳо бо аъзоёни гурӯҳ қафо монда буданд. Мо мехостем, ки тамоми гурӯҳ ин ҷо ҷамъ омада, рӯзи дигар дастаҷамъӣ сафари Ҳиротро идома бидиҳем.

То шаб рӯз дар пеш буд. Мо аз ронанда хоҳиш намудем, ки ба ягон мавзеъе барад, ки ҳам истироҳат кунему ҳам ба моҳигирӣ машғул шавем. Бо ҳамин ният ману Борозинетс, Юра ва Слававу Олег ба мошини дударвозаӣ нишастему ҷониби рӯди Арғандоб ҳаракат кардем. Дар соҳиле аз он қарор гирифта, чангакҳои моҳигириро омода сохтем. Одатан, мардуми рус моҳигириро дӯст медоранд. Намедонам аз чӣ буд, ки ман ҳам аз хурдӣ ба моҳигирӣ завқ доштам. Аз ин рӯ, ҳар вақте ки шӯравиҳои гурӯҳ ба моҳигирӣ рафтанӣ мешуданд, банда низ дар паҳлуи онҳо қарор мегирифтам... Афсӯс, ки он рӯз, баъд аз соатҳои чор ҳаво вайрон шуда, чангу хок хест ва имкон надод, ки моҳигириро идома диҳем. Табъҳо хира шуд. Аз ҳама беш Слава асабӣ буд. Ба руси ким-чиҳо гуфта ҳақорат медод. Гӯё бо табиат ҷанг кардани буд, аммо зӯраш намерасид. Бо қудрати илоҳӣ сарбасар шуда наметавонист... Ба Боғи умумӣ баргаштем. Хӯроки шом хӯрдем ва хастагии роҳро бо хоб баровардани шудем.

Субҳи нуҳуми апрел гурӯҳ чанд лаҳза сарҷамъ шудем. Мошинҳои борбардор низ шабона расиданд. Борозинетсу Исматуллоҳхон амрҳои худро доданд. Ҳаракат аз шоҳроҳи Қандаҳор - Ҳирот оғоз гирифт.Шоҳроҳи мазкурро шӯравиҳо ба тӯли тақрибан 500 км аз бетон сохта буданд. Акнун дар ин шоҳроҳ мошин ҳамвору ором не, балки рақскунон

ҳаракат менамуд. Чунин услуби роҳсозӣ дар Тоҷикистон низ нимаи дуюми солҳои 60-ум сурат гирифта буд. Масалан, аз Душанбе то Кофарниҳон ҳамин навъ роҳи бо тахтасангҳои бетонӣ рӯпӯшшуда барқарор буд. Шоҳроҳи Қандаҳор - Ҳирот як хусусияти хуб дошт. Ҳини ҳаракат мусофирро хоб фаро гирифта наметавонист, зеро мошин сари ҳар сония аз як тахтасанг ба тахтасанги дигар бармехӯрд ва як навъ садои ба чизи сахте задани чархҳои мошин пайдо мегардид. Дигар хусусияташ он буд, ки аз 100-200 км беш ҳаракат кардан касро хаста ва беҳол менамуд ва камару китфу дастҳоро ба дард медаровард.

Аз Қандаҳор, ки берун шудем, баъди чанд фарсах роҳи мумфарш ба тарафи чап ба назар расид, ки то Лашкаргоҳ мебурд. Инженерони дохилӣ нақл карданд, ки дар Лашкаргоҳ асосан олмониҳо корҳои сохтмонӣ мебурданд. Ин минтақа ба Пешовари Покистон ҳамсарҳад буд. Лашкаргоҳ бо санги мармари сурху сафедаш машҳур мебошад. Аз рӯи шоҳидии баъзе тарҷумонҳои тоҷикистонӣ дар Лашкаргоҳ мардумони гурезае аз ноҳияи Мӯъминободи Кӯлоб муздурӣ менамудаанд. Аслан Лашкаргоҳ паштунишин будааст. Аммо охири солҳои сиюм ва оғози Ҷанги ҷаҳонии дуввум Зоҳиршоҳ ба хотири ин ки самти шимоли Афғонистонро бо афғонҳо махлут созад, теъдоде аз паштунҳои Лашкаргоҳро ба шимол муҳоҷир кунонда, тоҷикҳои шимолро, ба хусус муҳоҷирини тоҷикро ба Лашкаргоҳ интиқол дода, аз онҳо ҳамчун нерӯи коргарӣ истифода кардааст.

Шоири шинохтаи Афғонистон Сулаймон Лоиқ боре қисса кард, ки хонаводаи онҳоро ба Пули Хумрӣ интиқол доданд, то ки мо паштузабонҳо форсизабонҳоро ба муҳити паштунҳо омезиш диҳем. Вале, баръакс шудааст. Ҳама паштунҳои ба шимол муҳоҷиршуда ба муҳити тоҷикҳо тобеъ гардидаанд. Ӯ суханашро идома дода, - илова намуд, ки масалан ман чашм кушодаму забон баровардам, сухани форсиро шунидам. Паштунҳо то ба тоҷикҳо омезиш ёфтану унс гирифтан чӣ будани пиёзи сабз, гашничу дигар навъҳои сабзавотро намедонистаанд. Чунин иқрори шоир дар бораи қавми пашту воқеият дорад...

Сафари Ҳирот идома дошт. Одатан, сари роҳ дар шаҳристонҳое, ки пайдо мешуданд, соате дам мегирифтем, чой менӯшидем, ё нони чошт мехӯрдем. Дар шоҳроҳи Қандаҳор-Ҳирот аввалин шаҳрчае, ки боиси таваҷҷӯҳи мо гардид, Кӯшки Нахӯд ном дошт. Баъдан ба шаҳрчаҳои Гиришк, Дилором, Фароҳрӯд ва Шинданд ошно шудем.

Ҳамаи ин шаҳрчаҳо аз ду қисм иборат буданд. Яке деҳаҳои собиқаро мемонд ва қисме аз биноҳои дуқабатае сохта шуда буд. Маълум гардид, ки ин биноҳоро роҳсозони шӯравӣ барои иқомати худ сохтаанд. Ба Фароҳрӯд расидем, ки шом шуд. Меҳмонхона ва ресторани хубе дошт. Бо маслиҳати Исматуллоҳхон дар ресторанаш хӯроки шом хӯрда, дар биноҳои навсохти шӯравиҳо, ки акнун марбути афғонҳо буданд, шабро гузарондем.

Вақте ки ман бо дохилиҳо сӯҳбат менамудам, дуртар ҷавоне, ки либосҳои даридаи низомӣ дошт, гӯш медод. Ӯ ҳайрон буд, ки ин шӯравӣ форсиро аз куҷо омӯхтааст. Баъдан наздиктар омада, боз чанд лаҳза ҳарфи бандаро гӯш дода, савол дод, ки аз куҷо ин лафзро ёд гирифтаам. Ман форсизабонам, гуфтам. Сипас гуфт: «Ай кӯлобӣ?» Бале изҳор доштам ва ҳамзамон аз вай савол кардам, ки магар аз Дарвоз аст. Ӯ дарҳол тасдиқ кард ва иқрор шуд, ки замоне падараш аз Қалъаи Хум ба Бадахшони Афғонистон фирор намудааст. Ин ҷавон ҳоло дар хизмати аскарӣ будааст. Шабона ба наздам омада, хеле саволҳо дод. Аз ҳолу аҳволи Тоҷикистон пурсон шуд...

Пагоҳии даҳуми апрел дар назди меҳмонхона ва ресторан чанд қитъай акс бардоштем. Махсусан, сохтмони ресторан ба афғонҳо хеле маъқул буд. Ин пагоҳӣ рӯзи дилкаше моро пешвоз гирифт. Субҳи баҳорон бо шуоъҳои офтоби навбаромадаш касро рӯҳи тоза мебахшид ва ба илҳом меовард. Боз ҳаракат. Бо гузашти ду соат ба мавзеъи Шинданд расидем. Ин ҳам шаҳреро мемонд, ки аз роҳ ба масофаи як-ду километр ба тарафи чап қарор дошт. Дар канор майдони ҳавоӣ намудор мешуд, ки дар он чанд адад ҳавопаймоҳои МИГ-21 қатор меистоданд. Дохилиҳо маълумот доданд, ки Шинданд шаҳрчаи ним низомӣ мебошад. Он ҷо бештар пилотҳо иқомат мекарданд. Ҳавопаймои мусофиркаш ҳам ба ин майдон фуруд меомад. Дар самти Кобул - Шинданд ҳавопаймои ЯК-40-и шӯравӣ парвоз мекард. Мо ба шаҳр надаромадем. Сари роҳ самовоту ошхонаҳо кор мекарданд. Аз мошинҳо пиёда шуда бо инженерони дохилӣ чой нӯшидем, каме дам гирифта, боз сафари Ҳиротро давом додем. Аз ин ҷо шоҳроҳ рӯ ба баландӣ мерафт. Ҳангоме ки болои кӯтал баромадем, дар сутуне адади 1740 м ба чашм расид. Ин рақам аломати баландии кӯталро нишон медод, ки паси сар кардем. То ин ҷо ки расидем фақат биёбону регзори беканорро дидем. Аз навъи растаниву гиёҳҳо фақат шутурхор ва ҷо-ҷо уштурҳои танҳо низ ба назар мерасиданд. Дар ин минтақа рафту омади кӯчиҳо

камтар буданд. Пиёдароҳҳои биёбони самти чапи шоҳроҳ ба сарҳади Эрон мебурданд. Мегуфтанд, ки пиёдароҳо ба қочоқиён тааллуқ доштаанд.

Мо аз болои ин баландӣ ба поён назар андӯхтем, дар дуродур даштҳои сердолу дарахт ва манзараи шаҳри бостонии Ҳирот намудор мегардид. Барои ман ин баландӣ ва ба он поён шудан манзара ва табиати Чормағзак ва Хаси Сафедро ба хотир меорад, ки якбора водии Ҳисор бо шаҳрҳову теппаву боғоташ ба чашми кас бармехӯрад. Вақте ки мо аз баландӣ поён шудем, ду тарафи шоҳроҳро дар масофаи сӣ километр то дарвозаи Ҳирот арчаҳои баландқомату ҳамешасабз зинат мебахшид. Гӯё Амонуллоҳхон замони салтанаташ амр карда будааст, ки ин арчаҳоро шинонанд. Воқеан, ин қисмати шоҳроҳ хеле зебо буд. Махсусан ҳини аз баландӣ нигоҳ кардан ин сӣ километр як даҳлези дилрабоеро ба хотир меовард. Бесабаб нест, ки ҳиротиҳо ба Амонуллоҳхон эҳтироми бениҳоят самимӣ зоҳир менамоянд. Ин ибтикори шоҳи давр боиси гузоштани нишоние аз ӯ хоҳад буд...

Вақти чошт ба шаҳри Ҳирот ворид шудем. Сари роҳ идораҳои роҳсозони шӯравӣ қарор дошт. Гап дар ин аст, ки баъди ба итмом расондани сохтмони шоҳроҳи Қандаҳор - Ҳирот, чанд мутахассиси роҳсоз ба мақсади истифодабарии шоҳроҳ фаъолият мекарданд. Ин гурӯҳро гурӯҳи истифодабарии шоҳроҳ меномиданд, ки сардор дошт ва як тарҷумон ҳам. Мо ба дарвозаи ҳифзи муроқибат даромаданӣ шудем, вале аскаре, ки таги дарвоза қарор дошт, иҷозати даромадан надод. Вай гуфт, ки аз мутахассисини шӯравӣ касе нест, ҳама ба кор рафтаанд. Борозинетс ба гапи аскар гӯш надода, зӯран зада даромад. Мо низ аз пушти ӯ ба ҳавлии идораи шӯравиҳо дохил гардидем. Русбачаи тахминан, панҷсолае сӯҳбати моро шунида, тохта ба наздамон омад ва хабар дод, ки тарҷумони гурӯҳ ҳамин ҷост. Ман ба зудӣ пай бурдам, ки ин тарҷумон бояд Абдурасул Шарифов бошад, ки аз курси чоруми факултети филология сафарбар карда шуда буд. Дар ин миён Абдурасул ба зиёрати мо ҳозир шуда, изҳори хушҳолӣ намуд. Маълум гардид, ки роҳбари гурӯҳ ҳам, ки як шахси пирсоли рус буд, дар дафтари кориаш будааст. Мо ба наздаш даромадем. Мақсад ин буд, ки чанд рӯзе барои мо ҷойи хоб таъмин намояд. Ин ҷо хонаҳои холӣ зиёд буд. Дар ҳутал-меҳмонхона хоб рафтан масраф мехост ва дар даште хайма задан ба русҳо маъқул намеомад. Гузашта аз ин, аз сафорати шӯравӣ дар Кобул ба ин ҷо иттилоъ дода буданд, то ки ба мо

ҳамкорӣ намоянд. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Роҳбари гурӯҳ бандаро ба ихтиёри Абдурасул гузошт. Ман розӣ шудам, ӯ танҳо зиндагӣ мекард, панҷ нафари дигарашонро ба як панҷхонагӣ ҷо ба ҷо карданд. Он шаб ману Абдурасул то дер сӯҳбат доштем. Ӯ дар бораи факултет, устодон ва дигар ҳодисаҳои адабиву фарҳангии Тоҷикистон пурсон мешуд. Дар ғарибӣ, вакте ки ду ҳамватан дидор мебинанду ба сӯҳбат дода мешаванд, лаззати хоса дорад... Рӯзи ёздаҳуми апрел ба тамошои шаҳри Ҳирот дода шудам. Дӯкону бозорҳояшро тамошо намудам. Дар ошхонае нони чошт хӯрдам. Мо бештар сихкабоб нӯши ҷон мекардем, зеро он дар оташи сӯзон пухта мешуд. Барои хӯрдани дигар навъи ғизо ҷуръат намекардем. Медидем, ки болои ғизоҳо магасҳо менишастанд ва худи пазандаҳо низ чандон ба тозагӣ риоя намекарданд. Баъди сафари серӯза гӯё як рӯз дам гирифтем. Бо ҳамин хотирот ҳикояти сафари Ҳирот ба поён мерасад.

Ҳирот - Кафтарӣ

Дувоздаҳуми апрел рӯзи кайҳоннавардон буд. Гумон доштам, ки ин рӯзро ҷашн мегирем ва бо ин баҳона андаке дигар кӯфти сафари Ҳиротро мебарорем. Аммо гумонам хато баромад. Бегоҳии ёздаҳум Борозинетс ба назди банда омада, гуфт: «Тарҷумон соҳиб! Пагоҳ барои дидани ҷойи кор ҷониби Кафтарӣ рахти сафар мебандем...» Кафтарӣ мавзее буд, ки аз рӯи нақшаи геологӣ он ҷо маъданиёт вуҷуд дошт. Он ҷо тахминан тилло мавҷуд буд. Тартиби кори ҳар сардори гурӯҳ он буд, ки аввалан ҷойи мувофиқ интихоб менамояд, то ки барои фаъолияти ҷӯяндагон шароит муҳайё карда бошад.

Пагоҳии дувоздаҳум борон борид. То Кафтарӣ 150 км роҳ буд. Дар мошин ману Борозинетс ва Слававу Олег нишастем. Ба маркази шаҳр надаромада, дасти чап гаштем. Роҳи хома буд. Борон ҳанӯз меборид ва гузашта аз ин туман фаромад. Мо, ки фақат аз рӯи нақша ҳаракат менамудем, дар роҳ ҳар роҳгузареро, ки медидем, ба Кафтарӣ чӣ навъ рафтанро мепурсидем. Дар пешорӯямон даште қарор дошт, ки поёнаш дида намешуд. Ба мавзеъе расидем, ки чанд нафар бо мошини лорӣ-боркаш ким-чиҳоро аз болои замин ҷамъ мекарданд. Мо низ назди онон омада дидем, ки устухони ҳайвоноти чанд сол пеш нобудшударо ҷамъоварӣ менамуданд. Банда аз яке савол кардам, ки ин устухонҳо барои чӣ ба мошин бор карда мешаванд? Ӯ ҷавоб дод, ки муздур ҳастем

ва нонамон аз ҳамин ҳисоб аст. Яъне онҳо устухонҳоро ҷамъоварӣ намуда, ба кадом фирмаи Покистон месупоридаанд. Он ҷо бошад аз устухон дору тайёр мекардаанд. Ҷолиб он буд, ки дар ин даштҳо ҷо-ҷо устухони моли майда ва баъзан уштур хеле фаровон ба назар мерасид. Ба қавли афғонҳо дар натиҷаи зимистони сахт моли майда бехӯрок монда, ҳазорҳо ҳазор нобуд мешудааст. Ба иллати ин ки роҳ хароб буд, ҳаракати мошин низ ба душворӣ сурат мегирифт. Баъди чанд соате Борозинетс ба нақша - планшети дар даст будааш назар андӯхта, ба мо иттилоъ дод, ки Кафтариаш, тахминан ҳамин-ҷоҳост. Дар масофаи сад метр сабзазори на чандон бузурге ба чашм расид. Ба ронанда амр шуд, ки ба он сӯй ҳаракат намояд. Он ҷо об дошт ва молдорон, одатан дар ҳамин навъ ҷойҳо хайма мезаданд. Як самти ин ҷойро теппачаҳои регдор иҳота менамуд. Борозинетс ба ин сӯву он сӯ назар андӯхта, хулоса кард, ки ана дар ҳамин ҷо «шаҳрчаи геологиамон»-ро барқарор менамоем. Ин мавзеъ ба Слававу Олег низ маъқул шуд. Яъне мо дар километри 112-ум қарор гирифтем.

Дар ин минтақа деҳе ба назар намехӯрд. Кӯчиҳо ҳам дар ин ҷо зиндагӣ намекарданд. Тақрибан аз ҷонзоде дарак набуд. Фақат дар ҳар 10-15 км чоҳҳои обкашӣ ба назар мерасиданд. Ба сабаби ин ки ин мавзеъ гарм буд, аз хазон сар карда, молдорон дар ин ҷоҳо хайма мезадаанд. Мо дидем, ки дар моҳи апрел гармӣ ба 30-35 дараҷа мерасид. Тасаввур мекардем, ки моҳҳои май, июн ва июл ин мавзеъ чӣ навъ гарм хоҳад шуд.

Бо муайян кардани мавзеи кори ду-семоҳа боз роҳро сӯи Ҳирот пеш гирифтем. Соати нӯҳи шаб ба макони муваққатиамон расидем. Хаста шуда будам. Ба хоб рафтам. Пагоҳии 13-уми апрел соатҳои нӯҳ аз хоб бархестам. Бе нонушта мондам, зеро барқ ҳамарӯза аз соати 7 то 8 ва аз 12 то 13 дода мешуд. Сарам ба дард даромад. Абдурасул ба кор рафта буд. Рӯи ҳавлӣ баромадам. Ҳамсафаронам ҳоло ҳам истироҳат доштанд. Табиист, ки баъди 300 км роҳи хомаро тай намудан ва боз андаке шароб нӯшидан, онҳо наметавонистанд соати 7-и пагоҳӣ бархезанд. Ман, ки бо шароб алоқа надоштам, онҳо дар чунин нишастҳояшон даъватам намекарданд ва мегуфтанд: он мусулманин... Ҳамин хастагӣ буд, ки Борозинетс рӯзи сездаҳум истироҳат эълон кард. Ин рӯзро бо хоб гузарондем. Шом консерва тановул кардем.

Чаҳордаҳуми апрел аз тарафи нимаи аввали рӯз бо ҳамроҳии Абдурасул ба зиёрати бузургони Ҳирот рафтам.

Дар ин саёҳат Абдурасул, ки ҷойҳои таърихии Ҳиротро хуб медонист, роҳбаладам шуд. Саёҳат аз зиёрати марқади Алишери Навоӣ оғоз ёфт. Мазори ӯ дар Боғи умумӣ қарор дошт. Боғро чунон сохта буданд, ки сари кас офтобро намедид. Гирду атрофи онро чанд манорҳои таърихӣ ҳашамати тоза мебахшиданд. Як манорро дидем, ки дар ҳолати харобшавӣ қарор дошт. Вақте ки аз поён ба болои он назар карда мешавад, гумон меравад, ки он ба ҷонибе афтиданӣ аст. Манори дигареро ҳам дидем, ки қисме аз он ба замин афтода буд. Баъди тамошои Боғи умумӣ ба оромгоҳи Алишери Навоӣ рафтем. Таги дарвозаи он ришсафеди 70-солае моро пешвоз гирифт. Маълум шуд, ки таъмири он тоза анҷом ёфтааст. Навакак гаҷкорӣ шудааст. Мӯйсафед қисса намуд, ки марқад дар ҳолати харобӣ қарор дошт, аммо ба муносибати ҷашни Навоӣ онро ба тартиб даровардаанд. Гӯё ӯзбекҳои шӯравӣ хостаанд, ки марқадро таъмир кунанд, вале афғонҳо ба нанг омада, худашон онро ба назму низом даровардаанд.

Дохили мақбара гӯри Навоӣ танҳо буд. Болои қабр гаҷкории сафед дошт. Нақшу нигоре ба мушоҳида нарасид. Мақбара қабати дуввум ҳам дошт, ки бо зина баромадан лозим шуд. Бо Абдурасул боло баромада, аккосӣ намудем. Ронандаамон Насим низ дар суратгирӣ бо мо иштирок дошт. Ҳоло ҳам он аксро бо худ дорам. Рӯи ҳавлии мақбара баромада, ба мӯйсафед чанд афғоние садақа кардему аз дарвозаи Боғи умумӣ бадар шудем. Берун аз боғ майдони бузурге қабристон буд. Нияти зиёрати гӯри Абдураҳмони Ҷомӣ кардем. То он ҷо роҳи мошингард мавҷуд буд. Сари роҳ бо хоҳиши Абдурасул аз мошин пиёда шудем. Бо раҳнамоии Абдурасул назди гӯри файласуф Фахриддини Розӣ рафтем. Қабраш оддӣ буд. Болои санги он чунин мисраъҳоро хондем:

Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд,
Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.
Ҳафтоду ду сол дарс хондам шабу рӯз,
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.

То қабри Абдураҳмони Ҷомӣ, тахминан сесад метр роҳ буд. Мазори ӯ ба самти роҳе, ки сӯи Кушкаи шӯравӣ мерафт, қарор дошт. Гӯри Ҷомӣ байни дарахтони писта буд. Пистаи болои сари Ҷомӣ хеле бузург ба назар мерасид. Ин гӯристон талбандаҳои зиёде дошт. Онҳо сӯи ҳар зиёратгар даст дароз мекарданд. Ман, ки ба ин чиҳати рӯзгори инсонҳо

одат карда будам, ҳамеша дар ҷайбам пули сиёҳ (танга) нигоҳ медоштам ва ба ҳар кадом ду қирону панҷ қирон садақа мекардам. Он айём ба ду қирон як нон харидан мумкин буд.

Вақте ки ба дарвозаи оромгоҳи Ҷомӣ расидем, сари гӯри ӯ бонуи фаранҷипӯше бо пойҳои бараҳна сақда мекард. Шояд ин зан дардмандие дошту аз рӯҳи Ҷомӣ мадад металабид. Дар ин оромгоҳ бародараш -Шамсиддин, шоир Ҳотифӣ боз чанд каси дигар мадфун буданд. Барои навиштаҷоти сангҳои болои гӯрҳоро хондан вақтамон тангӣ кард. Абдурасул ваъда дод, ки ин навиштаҷотро барои ман медиҳад, зеро ӯ боре ҳамаи онҳоро ёддошт карда будааст.

Гӯри Ҷомӣ дохили мақбара не, балки дар ҳавои кушод қарор дошт. Бо вуҷуди ин аз гӯри Навоӣ дида ободу банизом ба назар расид. Атрофи оромгоҳи Ҷомиро хандак гирифта буданд. Дар масофаи начандон дур Масҷиди ҷомеъ барпой буд, ки онро солҳои наздик сохта будаанд. Ҳарчанд ки ҷойҳои диданӣ зиёд буд, вале дигар наметавонистем саёҳатро идома диҳем. Дар ин маврид ба он худро тасалло медодам, ки дусе моҳи дигар дар минтақа ҳастаму боз фурсати зиёрат кардани оромгоҳҳо пайдо хоҳад шуд...

Ҳамин рӯз буд, ки чиҳати кори доимӣ ба ҷониби Кафтарӣ рахти сафар бастем. Ман бо ҳамроҳии се-чор дохилӣ ба мошини дударвозагии Насим нишастам. Русҳо ва инжинерони афғонӣ дар мошинҳои дигар қарор гирифтанд. Рӯзи баде буд. Боди шадиде мевазид. Ҳасу хошок ба сару рӯй мезад. Азбаски роҳи мо аз миёни регзорҳо мегузашт, чашму гӯшу даҳон рег мехӯрд. Чунин бодро боди афғонӣ мегуфтанд, ки баъзан дар ноҳияҳои Панҷу Шаҳртуз ва Айвачи Тоҷикистон низ ба мушоҳида мерасад.

Ин сафари дуюми банда сӯи Кафтарӣ буд. Ин дафъа роҳро бо ҷузъиётҳояш хубтар метавон рӯи тасвир оварда. Сари роҳ ба қарияе расидем, ки номаш Зиёратгоҳ буд. Воқеан, худи минтақа зиёратгоҳро мемонд. Дар ин сафар ман пешопеши ҳама мошинҳои гурӯҳ мерафтам, зеро онҳо бори аввал сӯи Кафтарӣ ҳаракат мекарданд. Б а ъ д и Зиёратгоҳро пушти сар кардан дуроҳагие пеш меояд, ки яке ба самти чап буда дигараш ба тарафи рост. Агар кас андак бетаваҷҷӯҳ шавад, роҳро ғалат карданаш аз имкон дур набуд. Банда, ки бори аввал ба ин дуроҳагӣ ошно будам, ба Насими ронанда ба тарафи рост гӯён ишора намуда, изҳор доштам, ки ин ҷо чанд лаҳза маътал бояд шуд, то ки мошинҳои пушти сар будаи гурӯҳ роҳро хато накунанд. Боди шадид ҳанӯз ҳам мевазид. Аз мошин берун шуда будам,

ки кӯлоҳи хасиамро аз сарам гирифту бурд. Аз пушти кулоҳ хеле тохтам, аммо бод тезтар медавид. Ин ҳоли маро афғонҳо дида чанд касаш то панҷсад метр кулоҳу бодро таъқиб намуданд, вале фоида надошт, зеро кӯлоҳро аллакай ба сарҳади Эрон бурда буд. Ҳамин ҳолат мошинҳои дигар низ расиданд.

Бояд гуфт, ки Борозинетс ва дигар геологҳои русӣ бо мошини ГАЗ-69-и чаҳордарвозаи барвақттар аз мо ҳаракат карда буданд. Онҳо ба ман нагуфтанд, ки дар мошини Насим маводи хӯрока, аз ҷумла қуттии маскаро гузоштаанд. Мо аз Ҳирот панҷ муздур кироя гирифта будем ва онҳо низ менишастанд. Азбаски мошин дар пасту баландиҳои роҳи хома зада-зада мерафт, қуттии маска чаппа шудааст. Медидам, ки як муздур аз болои фарши мошин маскаи рехтаро бо ангуштонаш мелесид ва худро таъриф ҳам мекард, ки бубинед то чӣ дараҷа маскахӯр аст.

Бо чунин ҳол соатҳои ҳафти бегоҳӣ ба Кафтарӣ расидем. Аллакай хаймаҳоро омода карда буданд. Аз дур хаймазоре ба назар мерасид. Хулоса, роҳе ки дар ду соат тай кардан мумкин буд дар ҳафт соат ба поёнаш расондем. Мо шӯравиҳо хаймаҳои даҳнафариву сенафарӣ доштем. Дуртар аз мо инженерҳои дохилӣ бо роҳбарашон Исматуллоҳхон хаймаҳои худро зада буданд. Дар гӯшае ронандаву ошпази мо ва коргарони кироя «шаҳрчаи» худро бино намуданд. Дар маҷмӯъ деҳаи саҳроие бино ёфт.

Понздаҳум ва шонздаҳуми апрел истироҳат кардем. Дар ин ду рӯз мутахассисон муҳити корӣ месохтанд. Нақшаҳоро омода мекарданд. Ба кучоҳои ин дашту теппаҳо рафтанашонро муайян менамуданд.

Банда дар гӯшае нишаста, ба ёди ёру диёр андеша меронда м. Дар ҳама вазъият қаламу дафтар мададам мекарданд. Дуртар аз ман даҳ-понздаҳ нафар аз муздурон ҷомашӯӣ доштанд. Мегӯянд, ки ранг бубину ҳол бипурс. Воқеан, кас ба ҳоли ин барҷомондагон раҳмаш меояд ва ин ҳолат чуръати саволе аз онҳо пеш овардан душвор мешавад. Албатта, ман ҳам солҳои ҷанги Олмон ва баъди панҷ соли он бачаи хурдсоле будам, сахтиҳои рӯзгори хонаводаро эҳсос карда будам. Он айём, ёдам ҳаст, либоси дурусте надоштам ва ҳолатҳое ҳам шуда буд, ки модарам барои бачаҳояш аз алафи тоқисарак отала мепухт. Аммо рафта-рафта зиндагии мо хуб шуд. Вақте ки мактабхону китобхон шудам аз рӯи осори бадеӣ, ба хусус қиссаҳои «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» ба рӯзгори даҳшатбори гузаштагони хеш ошно гардидам ва дар ботин нисбати он сохту ҳокимонаш нафрат пайдо кардам.

Ба ҳар навъе, ки буд, баъд аз солҳои 60-ум зиндагии мардуми тоҷик рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар кӯчаву бозор ба шахсоне, ки металбиданд ё бо сару либоси дарида мегаштаанд, қариб ки вохӯрдан душвор буд. Бекорӣ дар ҷомеа вуҷуд надошт. Гузашта аз ин солҳои 70-ум марҳалаи болоравии сатҳи зиндагии мардуми Шӯравӣ буд, ки ман ба Афғонистон сафари хидматӣ кардам. Бинобар ин, ҷавонони камбизоати ин кишварро дида, ҳайрон мемондам ва ба худ савол медодам, ки охир ин чӣ навъ давлат аст, ки ғами мардумашро намехӯрад? Оре, он солҳо ҳар шахси тоҷик фақат чунин саволро пеш меовард. Бесабаб нест, ки ҳоло дар оғози қарни бисту як қарор дорему ба сохти шӯравӣ аҳсант мехонем. Афсӯс, ки аз ҳамин навъ рӯзгор ношукрӣ кардем. Акнун пушаймонӣ мекашем. Мустақилият дарбадарамон кардааст, нашъамандӣ ҷавононамонро барбод медиҳад, зеро бекоранд. Шаҳрҳои Россияро одинаҳову дохундаҳо ва ғуломони тоҷик пахш кардаанд...

Боз бармегардам ба рӯзгори ҷавонони солҳои 70-уми Афғонистон. Аввалан, қисса аз он мекунам, ки дар ин кишвар хизмати аскарӣ ба чӣ навъ буд. Ҷавонон ду сол хизмат мекарданд. Агар баъзе қисмҳои низомиро истисно кунем, ки онҳо асосӣ буданду фақат паштунҳоро дарбар мегирифтанд, дигар бахшҳои низомиро табақаи нодори Афғонистон фаро мегирифт. Ин навъ аскарон, бештар хизмати идораҳои давлатӣ ва афсаронро адо менамуданд. Дар назди ҳар вазоратхона 20-30 нафарӣ қарор доштанд. Онҳо дарвозабонӣ мекарданд, назди хонаҳои хориҷиён корҳои сиёҳро анҷом медоданд. Давлат ба ин аскарон моҳе 67 афғонӣ маош ва як пуд гандум (16 кг) медод. Онҳо бояд бо ин миқдор пули нақда ва 16 кг гандум рӯзгорашонро мегузаронданд. Аксаран пойлучу бараҳна буданд. Либосҳои низомиашон даридагӣ, моҳҳо рӯи ҳаммомро намедиданд. Баъзан дар кӯчаву бозор баҳри пайдо кардани пораи нони соатҳо саргардон мешуданд. Бо вуҷуди ин, хизмат ҳатмӣ буд. Баъд аз анҷоми хидмат онҳо ба касби муздурӣ фаро гирифта мешуданд. Дар ҳамин замина, мо аз Ҳирот 10 нафарро кироя гирифта будем. Бо онҳо барои ду моҳ қарордод бастем. Дар ду моҳ 900 афғонӣ мегирифтанд, ки 400 афғониаш барои хӯрду хӯрок масраф мешуд. Панҷсад афғониашро ба хонавода равон мекарданд. Онҳо хурсанд буданд, ки бароямон кор пайдо шудааст. Дар байни ин даҳ нафар як бачаи 12-13 сола буд, ки ба ӯ низ 900 афғонӣ медоданд. Вай шод буд, ки ба ин миқдор афғонӣ мегирад. Пойҳояш бараҳна бошад ҳам дар кӯҳу дашт бо мо мегашт.

Ман ҳайрон ба инсон будам, ки бо ин қадар рӯзгори даҳшатбор доштан боз механдаду ба зиндагӣ меҳр дорад. Медидам, ки баъди кор соатҳо хушҳолӣ мекарданд, механдиданд.

Ҳабдаҳуми апрел фаъолияти саҳроиву геологии банда оғоз шуд.Вазифаи ман ҳам тарҷумонӣ буд ва ҳам корҳои хоҷагидорӣ. Таъмини хӯрока ба уҳдаи банда буд. Дар ин рӯз бо Юра Серебряков ҷиҳати анҷоми корҳои топографӣ бо ҳафт нафар муздур ба саҳро баромадем. Аз рӯи нақшаи геологӣ нуқтаҳое, ки дар онҳо маъданиёт нишонӣ шудааст, аз бару тӯл чен мегардид. Ин корро Юра бо муздурон анҷом медоду ман тарҷумонӣ менамудам. Ҳини сӯҳбат маълум шуд, ки он ҳафт нафар аз тоҷикони гирду атрофи Ҳирот буданд. Тоҷик будани маро фаҳмида, хушҳол шуданд, ки ба онҳо такягоҳ мешавам. Дар тасаввури онон мутахассиси хориҷӣ хӯҷаин шиноҳта мешуд. Аз ин ки кор ёфтаанд аз ман миннатдорӣ изҳор мекарданд. Онҳо мегуфтанд, ки дар Афғонистон кор ёфтан бисёр душвор аст. Оила дорем, фарзанд дорем, барои таъмини онҳо пайса (пул) лозим аст. Банда ҳар дафъа рӯзгори мардуми Тоҷикистонро таъриф мекардам. Орзу менамуданд, ки кай кишварашон мисли Тоҷикистон мешавад.

Рӯзи аввал то соати се корҳои саҳроиро идома додем. Гармӣ имкон намедод, ки то соатҳои чору панҷ кор кунем. Тасаввур кунед, ки дар 40-50 дараҷа гармӣ чи навъ инсон метавонад тоқат дошта бошад. Дар ин минтақа аз дарахти сабз дарак нест. Ҳамин гармӣ буд, ки то бегоҳ сардард шуда, худро нороҳат эҳсос намудам.

Ҳаждаҳуми апрел боз ба саҳро баромадем. Ҳамон заминченкунии дирӯза идома ёфт. Чун минтақа хушку беоб буд, каждуму келаск ҳар сари қадам ба мушоҳида мерасид. Ҳар сангеро, ки чаппа мекардем дар зераш каждуме қарор дошт. Русҳо аз каждум сахт метарсиданд. Имрӯз то чошт кор карда, сипас ба шаҳрчаи хеш пас гаштем. Баъди хӯроки нисфирӯзӣ русҳо ба истироҳат пардохтанд. Ман ба китобхонӣ машғул шудам. Аз мутолиа хаста шуда, назди афғонҳо рафтам. Онҳо сӯҳбати гарм доштанд, бештар сари сиёсат ҳарф мезаданд. Вақте ки каминаро диданд, хушҳол шуданд ва эҳтиром ба ҷо оварданд. Саволҳои онҳо сари урфу одат ва тарзи рӯзгордории тоҷикони шӯравӣ сурат гирифт. Ҷавоне, ки аз 18 сол беш надошт, сӯи банда муроҷиат карда, пурсид, ки оё рост аст, ки дар Шӯравӣ мардҳо фақат як зан доранд? Ман гуфтам, ки оре. Ҳар ҷавонмард ҳамсари ояндаашро худаш интихоб менамояд. Дар ин масъала ҳеҷ фишор вуҷуд

надорад. Вай ба дард фикрашро вобаста ба мавзӯи оиладоршавӣ баён мекард. Ба қавли ӯ дар Афғонистон барои хонадор шудан ранҷи бисёре мекашанд. Пайсаи бисёре лозим мешавад. Аксари мардҳо ба синни пирӣ мерасанду аммо обод шуда наметавонанд.

Дар ин сӯҳбат чанд тан аз инженерони афғонӣ низ иштирок карданд. Аслан ин табақа хеле танбаланд. Онҳо ба ғайр аз шикоят дигар кореро хуш надоштанд. Табиати минтақа ба онҳо маъқул набуд. Ин ҷо «хароб» аст мегуфтанд. Он чи мо дар ин гармӣ заҳмат мекашем, магар барои Афғонистон фоидаовар аст? Албатта, то ҷое дуруст мулоҳиза меронданд, ки гармӣ буд ва ҳамарӯза аз қисми чашт бодҳои шадид регу хасу хошокро ба ҳаво мебардошт, хаймаҳоро чаппа мекард ва ғайра. Мушкилиҳои дигар низ вуҷуд дошт. Вале табиати минтақа чунин буд ва бо он амри худодод чӣ навъ метавон мубориза кард? Чунин саволҳоро Оқогули инженер медод. Ӯ ба натиҷаи кори геологҳои шӯравӣ ҳеҷ боварӣ надошт. Бо боварӣ мегуфт, ки ҳеҷ гоҳ шӯравиҳо сирри корҳои геологии хешро ифшо намесозанд. Маъдане ҳам кашф кунанд, захираи онро пинҳон медоранд, то он замон ки ба манфиати худи онҳо тамом нашавад. Баъзе андешаҳояш баҳсталаб буданд, вале ман намехостам, ки бо ӯ баҳс намоям, зеро фоида надошт. Гузашта аз ин, ман чунин салоҳиятро бо худ надоштам.

Ҳамин лаҳзаҳо боди сахте бархост ва хаймае, ки дохилаш будем болои сарамон чаппа шуд. Оқогул айнакҳояшро аз чашм афтонда буд ва фақат ҳақорат медоду бас. Боди дайду то хуфтан идома ёфт. Чунин табиати ноустувор таъбамро хира месохт ва дар ботин ман ҳам норозигӣ баён мекардам.

Нуздаҳум ва бистум низ чунин боди сахт аз қисми дуюми рӯз идома ёфт. Аз ин ҷост, ки шаби нуздаҳум хобам нороҳат шуд. Бод ба он дараҷа шадид буд, ки соатҳои дуи шаб имкон дошт хаймаи моро бардошта ба дуриҳо барад. Аз ин рӯ чароғҳо дар даст аз хайма берун шуда, ресмонҳои хаймаро, ки бо чӯбҳои ба замин кӯфта баста шуда буданд, маҳкам медоштем, то ки чаппа нашавад. Хаймаҳои дигари шаҳрча рӯи замин мехобиданд ва инженерони афғон бо чароғҳо ба ин сӯву он сӯ медавиданд ва анҷомҳояшонро аз коми бод начот доданӣ мешуданд.

Тартиби кори мо чунин буд, ки ду рӯз корҳои саҳроӣ мекардем ва як рӯз дар хайма бо корҳои ҷо ба ҷо кардани намунаҳои хоку санг ва онҳоро ба дафтарҳо навиштан

машғул мешудем. Бистум ба ҳамин навъ корҳо овора шудем. Баъзе пешниҳодҳои сардори гурӯҳро ба форсӣ тарҷума намудам.

Бисту якуми апрел баъди бозгашт хӯроки чоштро бо дигарон якҷоя дидем. Ҳамроҳонам ба истироҳат рафтанд. Ман дар лаби ҷӯйчае либосҳоямро шустушӯ кардам. Вадим Тарасенко, ки аз саҳро сангпуштеро оварда буд ва дуртар аз банда даруни онро тоза менамуд, то ки хокистардон созад. Вадим аз ин кораш ҳаловат мебурд. Ин рӯз ҳаво нисбатан хуб шуд. Ҳамин бегоҳ Борозинетс ба асоси маълумоти ошпазамон маро вазифадор сохт, ки пагоҳии бистудуюм ҷониби Ҳирот равам ва барои гурӯҳ маводи ғизоӣ харидорӣ кунам.

Дар ин сафар маро муовини омири гурӯҳ Саидҷаббор, инженери афғон Оқогул ҳамроҳӣ карданд. Мошинамон ҷипи дударвозаӣ буда, дар ҷилави он ронанда Насим қарор дошт. Азбаски рӯзона ҳаво метафсид, соатҳои чор ҳаракат намуда, соати ҳафти бегоҳӣ ба шаҳри Ҳирот расидем. Афғонҳо дар бозор ҷой гирифтанд, ман бошам ба хонаи Абдурасули тарҷумон рафтам. Камина бояд мошинеро, ки ба Кушка барои овардани нон рафта буд, интизор мешудам. Мо аз Кушка нон (хлеб) мегирифтем. Хлебаш хушсифати болаззат буд. Аз ин рӯ, бистусеюм бо роҳбаладии Абдурасул ҷойҳои нодидаи таърихии шаҳри бостонии Ҳиротро тамошо кардам. Баҳори ин шаҳр сарсабз аст. Майдону боғоти онро асосан дарахтони сарву арча оро медоданд. Қисмате, ки девори қалъаи қадимаи Ҳиротро ташкил медод, ҷолиби диққат буд. Дар пояи девори қалъа бозор, меҳмонхона, ошхонаву чойхонаҳо вуҷуд доштанд. Воситаи нақлиёташ бештар фойтунҳои ба аспҳо басташуда буд. Махсусан, вақти чошт, ки духтарон бо сару либоси хосе аз мадрасаҳо берун мешуданду чор-панҷ касӣ ба фойтунҳо менишастанд, дилкаш ба назар мерасид. Баъд аз аср дар кӯчаву хиёбонҳои Ҳирот сайру гашт кардан, ҳаловатбахш мебошад. Ҳамчунин меҳмонхонаи зебоеро, ки шӯравиҳо сохта буданд, тамошо кардем.

Ҳамин шаб дар хонаи Абдурасул барои бародаронам Холназару Ҷумъахон мактуб навиштам, то ки ба воситаи Кушкаи Туркманистон ба Душанбе фиристонда шавад. Дар номаи қаблиам, ки Ҷумъахонро сарзаниш намуда будам акнун дилбардориаш кардам ва то ҷое узр хостам, зеро ҳеҷ гоҳ мард бояд ба иғвои зан дода нашавад...

Ба воситаи радио шунидам, ки кайҳоннавардони шӯравӣ - Шаталов, Елисеев бо киштии Союз-10 сӯи моҳ парвоз

карданд. Ману Абдурасул аз ин парвоз ифтихор доштем.

Нон ҳам аз Кушка расид ва дигар маводи ғизоиро аз бозори Ҳирот харидорӣ намуда, 24-уми апрел боз сӯи Кафтарӣ роҳ пеш гирифтам.

Азбаски роҳ хароб буд, ҳудро хаста эҳсос намуда, гулӯдарду сардард ҳам шудам. Бо ҳамин ҳол баъди хӯроки шом ба хаймаи инженерони афғон даъватам карданд. Аввалан ба боло гузаронда, бо чою ширинӣ меҳмондорӣ намуданд. Сӯҳбати мо оҳанги шӯхиву дилхушӣ гирифт. Аммо якбора Саидчаббори инженер сӯи банда нигоҳ карда, диққатамро ба ҳодисаи нохуше ҷалб намуд, ки субҳи ин рӯз миёни як геологи шӯравӣ ва як корманди дохилӣ рух додааст. Маълум шуд, ки субҳ ҳангоми омодагӣ ба корҳои саҳрой Гришин модари дохилиеро ба русӣ ҳақорат додааст. Гап дар ин аст, ки афғонҳо русиро надонанд ҳам, дашномҳои ба русӣ додашударо мефаҳмиданд. Ҳол он ки миёни рафиқони рус чунин алфоз ҳар сари вақт сурат мегирад ва боиси ранҷиши хотири онҳо намешавад. Дар байни тоҷику афғонҳо низ ин навъ суханҳои шӯхиомез ба вуҷуд меоянд. Вале ранҷиши он ҷавони афғон бештар ба он хотир буд, ки як навъ хориҷибадбинӣ умуман миёни дохилиҳо ба мушоҳида мерасид. Аз ин ки нисбати шӯравиҳо эҳтирому хушбинӣ зоҳир менамуданд, рӯякӣ буд. Дар ботин онҳо ҳамагуна хориҷиро ҳамчун таҷовузгар медонистанд. Ба ақидаи онҳо хориҷиҳо боигариҳои табии Афғонистонро кашф намуда, сипас ба манфиати хеш истифода менамуданд. Албатта, ҳар кишвари хориҷӣ дар Афғонистон манфиатҳои сиёсиву иқтисодии худро доштанд. Ин чиҳатро афғонҳо хуб дарк мекарданд. Ҳамзамон мефаҳмиданд, ки ҳузури хориҷиҳо дар кишварашон ба хоҳиши табақаи зиёиву кишоварз ва ранҷбар иртибот нагирифта, балки ба сиёсати хориҷии Афғонистон вобастагӣ дошт. Пӯшида нест, ки Афғонистон сад сол (то соли 1919) таҳти тасарруфи Ингилистон - Британиёи Кабир қарор доштааст. Ин чиҳат табиӣ ва қонунӣ аст. Ҳар давлати хурд хоҳу нохоҳ дар итоат ва дастнигарии давлати абарқудрате монанди Амрико, Ингилистон, Русия, Эрон, Хитой ва ғайра мемонад. Ин давлатҳо, пеш аз ҳама бо идеологияву нерӯи низомии хеш метавонанд давлатҳои дигарро ба итоати худ дароранд. Аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ давлатҳои хурд бо вуҷуди ин ки худмухтору соҳибистиқлол мебошанд, худро озод эҳсос намекунанд, зеро бо андак пиёдасозии соҳибистиқлолӣ он қудратҳои бузург бо баҳонае ба онҳо фишор меоранд. Гузашта аз ин, ҳама давлатдориҳо шакли ҳамсоягиро мегиранд ва бе якдигар вуҷуд дошта

наметавонанд. Ҳамсояи доро ҳамсояи нодороро бо чизе таъмин менамояд. Ҳамсояи нодор бояд ба хизмати ҳамсояи дороаш бирасад. Ин ҳолат бо ҳар садои ҳамсояи доро ҳамсояи нодор «лабай» гӯён ҷавоб мегардонд. Лабайгӯи то он ҷо мерасад, ки ба ҳамсояи доро тобеияти кулл пайдо мекунад... Сарфи назар аз ҳамагуна фишорҳо ҷиҳатҳои худшиносиву ифтихороти миллӣ дар мардум фаъол мебошанд.

Ҳодисае, ки миёни мутахассиси шӯравӣ ва афғон сурат бастааст, ба гуфтаҳои болоӣ вобастагӣ дорад. Яъне намояндаи кишвари абарқудрат ба ҷавони афғон амр додааст, аммо ӯ «лабай» нагуфтааст, балки даъвои худро пеш гузоштааст. Аз ин ҷост, ки вай ҳақорат шунидааст. Ин ҷо ду психология бо ҳам бархӯрд кардаанд. Ифтихороти миллии афғон боло мегираду як рӯз гуруснагӣ эълон менамояд. Аслан, мо шӯравиҳо бояд тарзе муносибат менамудем, ки ягон нафар аз дохилӣ намеранҷид. Агар чунин ҳолат рух медод, шахси шӯравӣ ба ҷазои маъмурӣ кашида мешуд. Мутаассифона, дар набудани банда ҳамкори мо ба ин ҳолат гирифтор шуда буд, аммо худаш то он лаҳзае, ки ман ба ӯ фаҳмондам, аз ҷиддияти ҳодиса пай намебурд. Ман ба Слава гуфтам, ки барои мусулмон модарашро ҳақорат додан, зарбаи сахтест. Онҳо ҳар таҳқири дигарро мебахшанд, вале таҳқиреро ки ба модар равона мегардад, намебахшанд.

Ин ҳодиса дар маҷлиси гурӯҳ муҳокима шуд ва рафтори ношоями Гришин мавриди сарзаниш қарор гирифт. Маҷлис ба қарор омад, ки Гришин аз он афғони таҳқирдида узр хоҳад. Ногуфта намонад, ки то маҷлиси гурӯҳ тарафи афғониро хеле ором сохта, ба онон фаҳмондам, ки миёни русҳо чунин таъбир маънии таҳқирро надорад, балки як сухани шӯхиомезест, ки бештар ба хотири дилхушӣ гуфта мешавад. Саидҷаббор ва дигар афғонҳои дохили хайма розӣ буданд, ки Гришин узрашро гӯяду ман ба форсӣ тарҷума намоям. Ҳамин тавр ҳам шуд. Сардорамон Борозинетс, Слава ва банда бо риояи эҳтиромоти шарқӣ вориди хаймаи дохилиҳо шудем. Он ҷавони таҳқирдида дар гӯшае менишаст ва сӯи Слава бо чеҳраи қаҳролуд менигарист. Тавре ки ба Слава ёд дода будем, ӯ бо садои ларзони русӣ узрашро гуфт. Ман суханҳои ӯро боз ҳам обу ранг дода ба афғонҳо пешкаш намудам. Баъзе инженероне, ки андаке русиро медонистанд сӯи ман дигар хел назар меандӯхтанд ва бо чеҳраи хандадор гуфтанӣ мешуданд, ки тарҷумон суханҳои навозишомези худро бо обу ранги бадеӣ изҳор кардан дорад.

Дар поёни маҷлис ҷавони афғонро бо Гришин оштӣ

дорондан лозим буд. Слава бо хандаи заҳрдор ба форсӣ «бахшиш, бахшиш» гӯён ба ҷабрдида даст дод. Он ҷавон дар ҷавоб «хайр аст, хайр аст», гуфт.

Ҳозирини хайма - ҳарду ҷониб қарсак заданд. Сулҳ шуд. Агар тарафи афғонӣ бахшишро қабул намекарду ба роҳбарияти гурӯҳи геологӣ, ки дар Кобул қарор дошт, ҳодисаро мерасонданд, Гришин ба ҷазо кашида мешуд ва имкон дошт, ки ба Маскав гуселаш мекарданд. Бояд иқрор кард, ки Гришин сахт тарсида буд. То ба хушӣ ҳал шудани муноқиша, ӯ пайи ҳам папироси «Беломор-канал» дуд медод ва ҷойи нишасташро намеёфт. Ҷойи таъриф надорад, аммо русҳо хуб дарк карданд, ки ба хушӣ ҳаллу фасл шудани ин ҳодисаи нохуш ба фаъолияти тарҷумон иртибот дошт. Ин ҷо мавзӯи забонӣ буд. Нозукиҳои забонро надонистан, ҳар намояндаи онро ба чунин нохушиҳо рӯ ба рӯ сохтанаш мумкин аст. Эҳсос кардам, ки ҳалли ин муноқиша ба фоидаи банда анҷом ёфт. Агар то ин ҳодиса русҳо ба ман ҳамчун ба як тарҷумон ва як тоҷик, ки дар назари онон аз афғонҳо ҳеҷ тафовуте надоштам менигариста бошанд, фаҳмиданд, ки обурӯи ман миёни афғонҳо баланд будааст ва аз ин ки он ҷавон ба оштӣ розӣ шуд ба хотири эҳтироме буд, ки нисбат ба банда дошт, сурат гирифт. Минбаъд бо ман эҳтиёткорона сӯҳбат мекарданд ва ҳар кореро, ки мефармуданд, ба асоси хоҳиш амалӣ месохтанд. Махсусан, муносибати Слава нисбати банда ба куллӣ тағйир ёфт. Вай ҳар кореро, ки анҷом доданӣ мешуд, бо ман маслиҳат менамуд. Дар ҳамин замина муносибаташро ба афғонҳо ҳам тағйир дод. Ҳини сӯҳбат ба дохилиҳо ё фармоише додан аз эҳтиром кор мегирифт. Гап дар ин буд, ки Слава Гришин ба сабаби москвагӣ будан худро аз се-чор геологи дигар фарқ мекунонд. Ӯ борҳо изҳор медошт, ки дар пойтахти Давлати Шӯравӣ истиқомат мекунад ва дар «Зарубежгеология»-и Шӯравӣ ифои вазифа дорад. Мегуфт, ки «Москва нофи Шӯравӣ аст» ва ҳама ҷумҳуриҳо дар итоати Маскаванд. Дар рафтори вай як навъ марказҳокимӣ ба мушоҳида мерасид. Хушбахтона, Борозинетсу Тарасенко ва Олег Никитин аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қазоқистон ва Молдавия сафарбар шуда буданд ва тамоман дигар хел маълум мешуданд. Дар маҷмӯъ онҳо фурӯтанӣ мекарданд ва ҳеҷ гоҳ аз таъбири «бародари калон» истифода наменамуданд. Маданияти одамгариашон баланд буд. Юра Серебряков москвагӣ бошад ҳам шахси содда ва хушрафторе маълум мешуд. Форсиро ҳам ёд гирифта буд ва бо ҳамкорони афғониаш муносибати хубе карда метавонист. Фақат Слава аз шӯҳратмандӣ ва

русгарой кор мегирифт, вале бо мурури замон ӯ низ ба муҳити афғонӣ тобеъ шуд ва то ҷое чӣ будани шарқу дунёи исломиро фаҳмид.

25-уми апрел хастагии як рӯз пешро баровардани шуда, ба истироҳат пардохтам. Болои чапаркат дароз кашида, соатҳо ба ёди диёру ёру дӯстон ва фарзандону бародарон дода шудам. Ин лаҳзаҳо хеле даҳшатбор мегузаштанд. Аз чӯлистону регистон сӯи табиати зебои Тоҷикистон ба андеша рафтан кайфияти хоса дошт ва ҳамин ҳаловатбарӣ буд, ки боз худро ба муҳити табиати ноҳамвори Кафтарӣ мутобиқ мекунондам.

26-уми апрел соатҳои се баъди хӯроки чошт тӯфони шадиде бархост. Бод бист дақиқаи аввал мӯътадил буд. Мо ҳамагӣ ба истироҳат дода шуда будем. Аксаран китоб мехондем. Баъдан чангу хок ба бориши нарме омезиш ёфта гили реголудро ба ҳаво боло кард.

Русҳо, ки чунин ҳодисоти табииро бисёр дидаанд ба зудӣ аз хайма берун шуда, бандҳои мехкӯби онро дудаста медоштанд, то ки хаймаро чаппа накунад. Ман ҳам бо саросемагӣ пироҳану сару либосамро пӯшида берун баромадам. Бод шиддаташро торафт меафзоёнд, ба он дараҷа, ки кас дар муқобили он тоб оварда наметавонист. Бинобар ин банда сӯи мошини обкаше, ки наздики хаймаи афғонҳо қарор дошт тохтам ва худро ба дохили кабинаи он задам. Он ҷо аллакай Оқогул ва ду инженери дохилӣ менишастанд. Медидам, ки чӣ навъ реги гилолуд ба дарвозаву шишаи мошин бармехӯрд. Мисле ки рӯз торик шуд. Фақат хасу хошок дар ҳаво чарх мезад. Чанде аз ачноси афғонҳоро ба дуриҳо бурд. Ҳамин лаҳза буд, ки кулоҳи хасии Юраи моро бод мебурд. Медидем, ки Борозинетс ва русҳои дигар сандуқи нақшаҳоро маҳкам медоштанд. Тарс аз он доштанд, ки нақшаҳои геологиро агар бод барад, корҳои саҳроии онҳо бенатиҷа хоҳад монд. Тамоми хаймаҳои шаҳрчаи Кафтарӣ ба замин яксон шуданд. Мо якдигаро намешинохтем. Сару рӯи мо бо гили регдор андова шуда буд. Бо ҳамин ҳол се соат бо тӯфон мубориза бурдем - хайрият аз амволи мо чизе гум нашуд. Соатҳои шаши бегоҳӣ бод суръаташро паст кард. Осмон кушода шуд. Чангу хок сӯи Ҳирот роҳ пеш гирифт. Ин офати табиӣ буд. Баъдан фаҳмидем, ки он тамоми сарзамини Афғонистонро фаро гирифтааст. Дар Ҳирот ҳама дӯкону мағозаҳо аз фаъолият мондаанд. Як нафар, ки аз Қандаҳор омад, нақл кард, ки чунин офати табииро дар тӯли 70-80 соли наздик қандаҳориҳо ба мушоҳида нагирифтаанд. Табиати Ҳирот бошад 120 рӯз ба боде рӯ ба

рӯст, ки ҳамарӯза аз соати даҳи пагоҳӣ то чори бегоҳӣ идома меёбад, фақат ба ин тафовут, ки он шакли тӯфонро намегирад, балки нисбатан ором мевазад.

Чанд рӯз баъд моро ҷашни Якуми Май интизор буд. Дар Афғонистони шоҳӣ ин ҷашнро намепазируфтанд. Барои болонишинон ин рӯзе буд, ки коргарон зидди ҳокимият балво мехезонанд. Воқеан, ҳамасола дар шаҳрҳои сернуфузи Афғонистон - Кобул, Қандаҳор, Ҳирот, Ҷалолобод, Мазори Шариф ва ғайра зиёиёни озодандеш ва коргарон музоҳира - намоиш ташкил медоданд. Ин рӯзе буд, ки ба муқобили шоҳу садри аъзам ва вазирону ҳокимони вақт суханҳои «носазо» иброз мекарданд. Ин рӯзе буд, ки мардум аз худшиносиву ифтихороти миллат сӯҳбат менамуданд. Ин рӯзе буд, ки намоишгарон ба хиёбону кӯчаҳои марказӣ баромада, шиорҳои инқилобӣ медоданд. Аз ин ҷост, ки дар Афғонистон ин рӯз корӣ буд, аммо барои хориҷиён сади роҳ намешуданд, ки истироҳат намоянд. Ба ҳамин хотир - мо шӯравиҳо рӯзи 30-юми апрел сӯи шаҳри Ҳирот роҳ пеш гирифтем, то ки дар ҳалқаи шӯравиҳои дигар ин ҷашни байналмиллалиро пешвоз бигирем. Тавре ки гуфтем, маҳали иқоматии мо қароргоҳи роҳсозони шӯравӣ буд. Банда чун ҳамеша дар хонаи Абдурасул Шарифов ҷой гирифтам. Азбаски дар шаробнӯшӣ ҳунар надоштам, русҳо ҳам хоҳиши чунин рӯзҳо бо онон буданамро намекарданд. Ин хел рӯзҳо мутахассисини шӯравӣ, одатан, дар хонаҳои худ мемонданд. Иҷозати ба тамошои шаҳр баромадан надоштанд, зеро гурӯҳҳои мутаассибе пайдо шуданашон мумкин буд, ки сари мардуми ғайриисломӣ ҳуҷум мекарданд, мезаданд ва ба сару рӯи бонувони русӣ кислота мепошиданд. Ҳамин гуна ҳодисаҳоро ба назар гирифта ҳамкорони банда дар хонае ҷамъ омада, Якуми Майи соли 1971-ро таҷлил намуданд. Мани шӯравӣ, ки аз чунин ҳамлаҳо хатаре барои ҷони худ эҳсос намекардам, рӯзи Якуми Май бо ҳамроҳии як инженери афғонӣ ба тамошои шаҳри Ҳирот баромадам. Дӯконҳои китобро дидам ва хостам ягон китоби даркорӣ пайдо кунам. Ба назарам чунин расид, ки хиёбонҳои Ҳирот ва бозораш камодам буданд. Аз ин камодамӣ хушам омад, зеро ба мағозаҳо озодона даромадану тамошо намудан бароям беташвиштар буд. Баъди бозгашт сабаби камодамии кӯчаҳои Ҳиротро Абдурасул шарҳ дод. Маълум шуд, ки ҳамон лаҳзае, ки ман китобфурӯшиҳоро медидам, як гурӯҳи дусаднафарӣ ба намоиш баромада, зидди ҳукумати Зоҳиршоҳ шиорҳо додаанд. Намоишчиён, асосан, донишҷӯёни ҳиротӣ будаанд, ки ба лату кӯби пулис дучор омада, дар натича як

аспу аскари шоҳӣ ба ҳалокат расидааст.

Бино ба нақли Абдурасул ҳамин рӯз волии Ҳирот бояд ба омирияти роҳсозони шӯравиву афғонӣ, ки мо низ он ҷо будем, ташриф меовард. Аммо ба иллати намоиши номбурда телефон карда, аз омирият узр хоста, сабаби омада натавонистанашро ба намоиши номбурда иртибот додааст. Албатта волӣ мехост, ки дар сари дарстархони шӯравиҳо худро бубинад ва андаке бо водкаи русӣ худро ҳаловат бахшад. Ҳарчанд ки кишвар исломӣ буд, аммо тақрибан ҳама вузарову ҳукамо аз истеъмоли шароб канорагирӣ надоштанд. Табиист, ки мутаассифона он рӯз намоиши зиддиҳукуматӣ табъи волии Ҳиротро хира сохт ва нагузошт, ки аз истироҳати маданӣ ҳаловате бардошта тавонад.

Якуми Май мо ҳама маводи хӯрокаи мавриди заруратро бо худ гирифта, ба мақсади моҳигирӣ ҷониби Ҳарирӯд, ки дар болояш Ҳошимпул қарор дошт раҳсипор шудем. То дер моҳигирӣ кардем. Чанд адад моҳие, ки ба даст омад, барои шӯрбо ба дегча андохта шуд. Моҳигирӣ барои мардуми рус, ба хусус геологҳо як навъ истироҳати маданӣ ҳисоб мешуд. Одатан моҳигирӣ бо шаробнӯшӣ омезиш меёфт. Дар ҳавои кушод, дар соҳили рӯде болои майсазор нишастану ба шароб дода шудан геологҳоро ҳаловат мебахшид. Аз сӯи дигар, он бечораҳо дигар ба кадом кор метавонистанд машғул шаванд? Ҳеҷ гуна маҳфилҳои мусиқиву фарҳангӣ вуҷуд надошт, ки онҳо лаззати маънавӣ бардоранд. Ба ҳамин иллат ҳама ҷашнвораҳо барои ҳамкорони ман дар ҳамин шакл мегузаштанд. Шаби якумро дар Ҳирот гузаронда, рӯзи дуюми май баъди ношто ба ҷониби Кафтарӣ ҳаракат намудем.

Чунонки гуфтам, банда ба сифати тарҷумони гурӯҳ, асосан корҳои хоҷагиро анҷом медодам. Ҳини дар сахро будан низ чандон тарҷумонӣ намекардам. Мутахассиси шӯравӣ аз рӯи нақша ҷойҳои махсусро нишон медоду мардикори афғон бо белчаҳо заминро шикофта аз хоку рег намунаҳо бардошта, ба халтачаҳо меандохт. Фақат ҷо-ҷо, вақте ки геологи шӯравӣ ба геологи дохилӣ маълумотеро барои донишандӯзии ӯ гуфтанӣ мешуд, аз хидмати ман истифода мегардид. Рӯзҳое, ки дар қароргоҳ-кемпинг мемондам болои халтаҳои намуна рақамҳо мегузоштам.

Дар гурӯҳи мо дастгоҳи телефонии ҳавоӣ мавҷуд буд, ки ба воситаи он ҳафтае як бор аз Кобул супориш мегирифтем ва ҳамзамон маълумоти тоза ё ягон хоҳишро ба марказ мерасондем. Рӯзе аз Кобул хабар доданд, ки сармутахассиси гурӯҳи геологҳои Шӯравӣ - Котов Александр Яковлевич ва сардори шӯъбаи кадрҳо Кочерев Генадий

Николаевич, ки дар гурӯҳи геологии Рудковский қарор доранд, корҳои гурӯҳи моро низ санҷиданӣ ҳастанд. Бинобар ин онҳоро дар Ҳирот касе аз гурӯҳ бояд пешвоз гирад. Табиист, ки чунин корҳои ғайритахассусӣ ба ӯҳдаи банда гузошта мешуд. Борозинетс супориш дод, ки рӯзи ҳафтуми май мошини ҷипи дударвозагии Сарварро гирифта ба Ҳирот равам. Меҳмонҳои расмӣ дар қароргоҳи роҳсозони шӯравӣ маътал мешаванд. Ману Сарвар омодаи сафар шудем. Ҳар дафъа, ки ба Ҳирот рафтанӣ мешудам, ғами роҳи хароб азиятам медод. Ин ҳолатро Сарвар пай бурдагӣ барин қабл аз ҳаракат ба ман гуфт: «Тарҷумон соҳиб, ба иҷозати шумо имрӯз ба як сарак (роҳ)-и дигар, ки хубтар аст, меравем»

- Хайр аст, - гуфтам. Агар сараки хуб бошад, ман ҳам розӣ ҳастам.

- Аз қароргоҳ ба масофаи ду-се километр рафта будем, ки Сарвар ҷилави мутар (мошин)-ро ба ҷониби барои банда ноошно гардонд. Азбаски роҳи мо аз миёни регзору дашти бедолу дарахт мегузашт, Сарвар сараки хостаашро ҷустуҷӯ менамуд. Баъд аз ду соати ҳаракат маълум шуд, ки ӯ роҳгум задааст, вале аз тарси он ки ман сарзанишаш мекунам, бо асабоният ин сӯву он сӯ назар меандӯхт, аммо иқрор намешуд, ки роҳи хостаашро намеёбад. Чунин даштҳо роҳи муқаррарӣ надоранд, балки ронанда худаш бояд ҳунари роҳҷудокунӣ дошта бошад. Ронандаро лозим аст, ки дар ҷараёни ҳаракат нишониҳоро ба хотир гирад, то ки вақти бозгашт роҳи омадаашро пайдо кунад. Ҳафтае ду-се бор бодҳои шадид изи болуни мошинро бо рег мепӯшонад. Ин ҳолат нақшаи геологии минтақа зарурат мешавад, то ки самти ҳаракат муайян шавад. Ман, ки бо худ чунин нақшаро доштам самти Ҳиротро барои Сарвар муайян сохтам ва амр кардам, ки мустақим - рӯ ба рӯ мошинро ронад, то он вақт, ки дар дуриҳо қария ё мазоре маълум гардад. Ба ҳамин ҳол сараки асосиро дубора пайдо намудем. Пешниҳоди носанҷидаи Сарвар, боиси он шуд, ки роҳи сесоатаро дар шаш соат тай кардем.

Соати яки рӯз ба шаҳрчаи роҳсозони шӯравӣ расидем. Меҳмонон, ки аз Шинданд меомаданд ҳоло нарасида буданд. Манзили Абдурасулро кӯфтам, лабай гӯён бандаро ба хушӣ пазирой намуд. Баъди сӯҳбати начандон тӯлонӣ рӯи ҳавлӣ баромадам, ки чанд нафар аз геологҳои гурӯҳи Коваленкоро дидам. Духтури гурӯҳ, ки як шахси гурҷӣ буд, китоб мехонду «офтоб мехӯрд». Ҳамин лаҳза буд, ки сармутахассис Котов аз дарвозаи ҳифзи муроқибати роҳҳо даромад. Бандаро дидан замон хушҳол шуд. Ҳамеша дар чеҳрааш ханда намудор

мегардид. Аз банда ҳолу аҳволи гурӯҳро пурсид. То ки ӯ қаноат ҳосил кунад хатчаи Борозинетсро барояш додам. Ба хатча як назари иҷмолӣ андохту гуфт: пагоҳ, субҳ сӯи Кафтарӣ ҳаракат хоҳем кард. Якбора Коваленко пайдо гардиду худро ба оғуши Котов зад. Коваленко аз миллати украин бошад ҳам шаҳрванди Орҷоникидзеи Осетияи Шимолӣ буда, то ҷое шахси тамаллуққор маълум мешуд. Котов ҳам гӯё ӯро эҳтиром мекард. Ғурӯҳи Коваленко низ дар гирду атрофи Ҳирот корҳои ҷустуҷӯии геологӣ анҷом медод. Тарҷумонаш оқои Ҳақназар Назаров буд. Ман аз дидор тоза кардан ба эшон шод шудам. Ҳини сӯҳбат чанд лаҳза худро дар Душанбе эҳсос намудам. Котову Кочерев бо Коваленко сӯи иқоматгоҳе, ки барояшон муайян шуда буд, рафтанд. Банда бо Ҳ.Назаров ба хонаи Абдурасул даромадем. Се тоҷики душанбегӣ то дер сари масъалаҳои гуногуни зиндагӣ сӯҳбат кардем. Бештар оқои Ҳ.Назаров гап мезаду мо ду кас гӯш медодем. Ҳам банда ва ҳам Абдурасули донишҷӯ аз сӯҳбати эшон дониш меандӯхтем. Сухани мавсуф канда-канда буд, аммо пур аз маънӣ. Ҳарчи қадар, ки сӯҳбаташ идома меёфт, ҳамон андоза кас мехост гӯшаш кунад. Донишманди хуби таърихи Афғонистон буд. Солҳои таҳсил дар факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатӣ банда ба эшон унс гирифта будам. Ӯ барои ман касе ҳисоб меёфт, ки ба сафи ҳизби коммунист тавсияномаам дода буд. Дар ин сӯҳбат Ҳ.Назаров устодеро мемонд, ки ба шогирдонаш дарс мегуфт.

Бегоҳии ҳафтум Коваленко ба ман хабар расонд, ки Котов пагоҳ -ҳаштуми май дар Ҳирот мемонад. Пагоҳаш Котов ба дигарон эълон кард, ки: «Назар моро ба моҳигирӣ мебарад. Ӯ ҷойи моҳиро медонад». Одатан мутахассисини русӣ маро Худойназар ном намебурданд. Онҳо ба ман мегуфтанд: охир, ту харобу лоғар нестӣ, чаро мо туро «худой» гӯем? Ба ин хотир, бандаро бо номи Назар садо мекарданд. Аз ҷумла сардорамон Котов аз нахустин рӯзҳои ошноӣ дар Кобул Назар ном мегирифт. Азбаски исми Назар дар русҳо ҳам буд, барои онон талаффузаш душворие пеш намеовард.

Чӣ илоҷ? Амри сардорро бояд иҷро мекардам. Албатта, мақсад аз моҳигирӣ истироҳат буд. Ман як ҷойи моҳӣ медонистам, ки аз рӯи шунидам 14 км масофа дошт. Аз шаҳри Ҳирот ба самти Ғуриён бояд ҳаракат мекардем. Ин ҷой низ дар соҳили дарёи Ҳарирӯд карор дошт. Америкоиҳо пуле ҳам болои он сохта буданд. То ба сафари моҳигирӣ баромадан, соате ба саққобозӣ машғул шудем. Сипас Котов,

Кочерев ва Ковалеко бо гурӯҳаш ва банда ба мошинҳо савор шудем. Сардорамон ба километрсанҷаки мошин нигоҳ мекардааст, ки кай ба километри чордаҳум мерасем. Аммо бо паси сар шудани 14 км боз роҳамон идома гирифт. Вақте ки ба соҳили Ҳарирӯд расидем, ақрабаки километри мошин рӯи 24 қарор гирифт. Котов шӯхиомез гуфт: Назар ҳамаи моро фиреб дод. Андак худро ноҳинҷор эҳсос намудам, аз он ки ба касе бовар карда, ғалат содир намудам.

Дар соҳили дарё ҷое қарор гирифтем, ки ҷо-ҷо майсазор буда, буттаҳои газ ва дарахтони худрӯю зарбед ба мушоҳида мерасид. Ин ҷо об чандон тезу тунд набуд, балки ба шохаҳо тақсимбандӣ мешуд. Котов бо чанд геологи дигар гӯшаеро интихоб намуда, ба қартабозӣ машғул шуданд. Ману Ҳ.Назаров ва ду-се геологи дигар чангакҳоро омода сохта, қутиҳои кирмро ба гардан овезон карда, ба моҳигирӣ шурӯъ намудем. Ман паҳлуи Ҳ.Назаров қароргоҳ интихоб кардам. Чанд лаҳза гузашту аввалин моҳӣ ба шасти Ҳ.Назаров дармонд. Оқои Ҳақназар «ухти», гӯён чангакро аз об кашид. Моҳии «сазан» дар ҳаво рақс мекарду соҳиби шаст ҳаловат мебурд. Дигарон, ки ҳоло моҳиро ба чашм надида буданд, «офарин, офарин Ҳақназар» мегуфтанд. Ман ҳам ду-се моҳича доштам. Дар маҷмӯъ даҳ-понздаҳ моҳӣ шикор шуд. Акнун моҳишӯрбо пухтан лозим буд. Ин корро оқои Ҳақназар ва боз як геологи дигар ба ӯҳда гирифтанд. Азбаски боди ҳиротӣ шурӯъ шуду ҳаво андаке рӯ ба хунукӣ овард, ман ба мошине даромада, истироҳат кардам. Замоне оқои Ҳақназар бедорам кард, то ки барои хӯрдани моҳишӯрбо назди дигарон ҳозир шавам. То соатҳои чаҳор мутахассисин истироҳат карданд. Сипас, сӯи Ҳирот роҳ пеш гирифтем. Ин шабро низ дар манзили Абдурасул гузарондам. Пагоҳии дигар - нӯҳуми май меҳмонҳоро ба Кафтарӣ бурдам. Ду рӯз меҳмонони гурӯҳи мо буданд. Дар ин ду рӯз Котову Кочерев, тақрибан иқдомеро ба хотири беҳбуди корҳои геологӣ анҷом надоданд. Фақат қартабозӣ ва шаробнӯшӣ карданд. Корҳои гурӯҳро таъриф намуданд. Котов чанд дақиқа ба омири афғонӣ сӯҳбат намуд, ки онро тарҷумонӣ кардам. Хайрият, Котов, ки рӯзи ёздаҳуми май ба Ҳирот бармегашт нагуфт, ки ман онҳоро ҳамроҳӣ кунам. Вагарна боз ҳамон роҳи харобу вайрона азиятам медод.Ёздаҳум баъд аз гусели калонҳо гӯшаки радиои Тоҷикистонро тоб додам. Дар хабарҳои охирин гуфта шуд, ки дар Душанбе Анҷумани шашуми Иттиҳодияи нависандагон барпо гардидааст. Дар маҷлисҳои он адибон Ф.Муҳаммадӣ, М.Қаноат, Маъсуд Муллоҷонов ва Атахон

Сайфуллоев доир ба шохаҳои адабиёти муосири тоҷик гузоришҳо додаанд. Анҷуман таҳти сарпарастии шоири шинохта устод Турсунзода гузаштааст. Толори Шӯрои Олии ҷумҳуриро пеши назар оварда, тасаввур мекардам, ки дар қаторе устодони банда С.Табаров, Ш.Ҳусейнзода, Р.Мусулмонқулов, Х.Шарифов ва даҳҳо дигарон нишастаанд. Худ ба худ мегуфтам, ки дар ин Анҷуман ҳатман устоди маънавиам Соҳиб Табаров суханронӣ карда, сари мавзӯи танқиди адабӣ баҳс хоҳад орост.Субҳи понздаҳуми май боз гӯшаки радиоро тоб додам, то ки аз вазъи адабиёту фарҳанги Тоҷикистон бохабар гардам. Дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, ки бандаро таълим додааст, бахшида ба ҷашни 650-солагии Ҳофизи Шерозӣ маҷлиси бошукӯҳе сурат гирифтааст. Доир ба мавзӯи «Ҳофиз ва Шарқ» устоди факултети филологияи тоҷик Саид Ҳалимов маърӯза кардааст. Ба воситаи ин хабар фаҳмидам, ки мавсуф аз Эрон баргаштааст. Мақсад гузоштам, ки дар номаҳои баъдиам ҳатман ба эшон салом мефиристам. Ҳамин рӯз буд, ки Исматуллоҳхони қандаҳорӣ, ки аз Кобул бармегашт, сари роҳ аз Ҳирот як даста номаҳои хешу ақрабои моро, ки ба воситаи Кушка ба қароргоҳи роҳсозони шӯравӣ расида буданд, оварда. Бояд гуфт, ки аз тарафи субҳ чанд дафъа чашми ростам парид, ки аз рӯи тачриба хурсандиовар набуд. Паридани чашми рост ба се мактуб сабаб шуд, ки яке аз ақрабои завҷаам буд ва дутои дигараш аз бародам Ҷумъахон ва дӯсти фархориам Қурбон Раҳимов, ки байни худ ӯро «комиссар» ном мебурдем. Хеши завҷаам аввалан хабар медод, ки ҳолу аҳволи хонавода хуб аст ва Фотима бо баҳои «аъло» мехонад. Баъдан илова менамуд, ки хоҳару бародаронам аз хона баромада рафтанд. Албатта хабари дувумӣ то ба ҷое асабиам сохт ва ҳам дарк намудам, ки чаро онҳо баромада ба ҳавлии Нагорний рафтаанд. Бародарам дар номааш менавишт, ки хондану рафтори Мӯсову Фотима хуб аст. Ӯ ҳар рӯзи шанбе ба микрарайони 46-ум рафта, аз ҳолашон бохабар мешудааст. Аз номаи Ҷумъахон пай бурдам, ки вай намехост ҳақиқатро бароям арз кунад, то ки асабӣ нашавам. Мактуби дӯстам Қурбонхон Раҳим ҷолиб буд, ба ин маънӣ ки содиқона ҳарф мезад.

Қурбон Раҳимов касест, ки баъд аз хатми омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб дар шифохонаи марказии колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Фархор ба сифати духтур кор мекард. Ман вақте ба эшон ошно шудам, ки падарам дар ин шифохона табобат медид. Гап дар ин аст, ки қиблагоҳам солҳои охири ҳаёташ дар қарияи Тоскалъаи ноҳияи Восеъ

истиқомат менамуд. Ӯ солҳо беморӣ мекашид. Дар қарияи номбурда аз авлодону хешу ақрабои падарам касе набуд. Чунин ба назар мерасид, ки вай танҳоӣ мекашид ва чанд боре ҳам ба чиянҳояш, ки дар колхози номбурдаи Фархор буданд, таъин ҳам кардааст, ки ӯро ба назди худ баранд. Ч иянҳои падарам Абдуғаффор, Нураливу Шералӣ, ки аз писарони апаи падарам - Гулчеҳрамоҳ буданд, рӯзе бо мошини таъчилии тиббӣ ба Тоскалъа мераванд ва тағояшонро бо кӯчаш ба қарияи Арчаи Фархор интиқол медиҳанд. Дар ҳамин интиқол додан Қурбонхони духтур низ иштирок доштааст. Аз ин ки ман ба ин чавон меҳр баста будам, ҳамон рафтори чавонмардонааш буд...

Баъдҳо, ки гоҳе меҳмон мешудам, Қурбонхон ҳатман ба дидорам мерасид ва мани донишчӯро ҳамчун як шахси мансабдоре мепазируфт ва ҳурмату эҳтиром менамуд. Азбаски марқади падар дар қабристони Арча қарор гирифт, банда мудом ба зиёрати оромгоҳи қиблагоҳ мерафтам ва ҳатто бародари калонам - Ҳолназарро ба ҳамин хотир дар деҳаи Арча хонадор кардем, то ки манзили доимии падари шодравонамонро нигоҳубин кунад. Ҳамин солҳо буд, ки дар симои Қурбонхон, Абдучаббори инженер, акаи Муҳаммадсолеҳ, ақаи Қаландар, Файзалӣ ва дигарон дӯстон ва қадрдонҳои тоза пайдо намудам. Ба ибораи дигар, мазори падар бандаро фархорӣ сохт. Воқеан, бештари авлодони падар дар ҳамин ноҳия сукунат доштанд ва ҳоло фарзандони онҳо ин сукунатро идома медиҳанд. Он рӯз дар тассаввурам Қурбонхон касонеро дар хонааш чамъ оварда буд, ки бандаро мепазируфтанд.

Қурбонхон менавишт, ки номаро гирифтан замон дар ҳавлиаш нон омода сохта, ҳамсоягону ёру дӯстонро чамъ намуда, миёни онон мактубро бо овози баланд хондааст. Дар миёни ҳозирин ҳамдарси омӯзишгоҳиям Файзалӣ Ҳомидов низ қарор доштааст.

Файзалӣ аслан зодаи деҳаи Момаӣ буда, бо банда ҳамдеҳа аст. Қавми ӯ бо қавми мо солиён дар як чо иқомат доштанд. Ӯ аз табақаи деҳқон буда, рӯзгори даҳшатборе доштанд. Баъди муҳочиршавӣ хонаводаи онҳоро дар қатори дигарон ба деҳаи «Победа»-и Фархор мекӯчонанд.Падараш бобои Ҳомид дар қабристони Арча мадфун аст. Байни марқади падари эшон ва қиблагоҳи банда ду-се метр масофа аст. Солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳ низ мо якдигарро ҳурмат мекардем. Ӯ баъди хатми Институти омӯзгории Кӯлоб дар мактаби даҳсолаи ба номи Некрасов, ки байни қарияҳои Арча ва «Победа» қарор дорад, аз фанни забон ва адабиёти

тоҷик дарс мегуфт. Мавсуф дониши хуб дошт ва бесабаб набуд, ки шогирдони воқеӣ тарбия мекард. Файзалӣ дар зиндагӣ шахси аҷибест. Баъзан рафторе дорад, ки боиси ханда ва истироҳат мегардад. Ман дар он номаам ба ӯ низ салом арз карда, ҳамзамон чанд шӯхиеро ҳам раво дида, ба вай нисбат дода будам. Қурбонхон он суханҳои мутоибаомезро даҳчанд бофта, аз худаш баъзе ҷузъиёти дигарро илова намуда, аз номи ман ба ҳозирин мерасонад. Он бегоҳ маҷлиси ҳавлии Қурбонхон хандазор мегардад. Чунин номаҳо, воқеан, шахси дар ғарибӣ қарордоштаро ҳаловат бахшида, рӯҳбаландаш месозад. Хондани номаро ба поён расонда, чанд лаҳза худро дар Арчаи Фархор миёни хешу ақрабо ва қадрдонҳоям тасаввур намудам ва ҳам марқади қиблагоҳро пеши назар овардам ва худро ба он сарзаниш намудам, ки он нообод монда буд. Ин шабе буд, ки нороҳат хобидам, зеро мавзӯи аз хонаи 46-ум ба ҳавлии Нагорний кӯч бастани хоҳару бародаронам ташвишовар буд.

Рӯзи 16-уми май дар қароргоҳ мондам, то ки ба номаҳои расида таъҷилан ҷавобе омода созам. Дар ин ҷавобгӯӣ се соат вақтам сарф шуд. Чунон ки мегӯянд, дил холӣ кардам ва бо ин амал худро тасаллӣ бахшидам.

Бистуми май тибқи зарурат боз сӯи шаҳри Ҳирот ҳаракат намудам. Дар хориҷи кишвар барои кас аз ҳама ҳадяи қиматбаҳо нома аст. Ин падидаест, ки шахсро ба Ватан мепайвандад, ӯро мудом ба хотири қадршиносӣ аз хешу ақрабо ва зодгоҳ рӯҳбаланд нигоҳ медорад. Аз ин ҷост, ки ҳар дафъае, ки ба қароргоҳи роҳсозони шӯравӣ мерасидам, аввалин чашмгизориам мактуб буд. Ин дафъа низ як даста рӯзномаву маҷаллаҳоро бо чанд адад нома ба ихтиёрам гузоштанд. Хонаи Абдурасул, ки манзилаш меҳмонхонаи доимии банда шуда буд, ба хушӣ қабулам кард ва имкон дод, ки бо оромӣ номаҳои дӯстонам - Раҳим Мусулмонқулов ва Хайруллоҳ Сироҷовро мутолиа намоям ва лаҳзаҳое чанд бо онон сӯҳбати шифоҳиву ғоибона дошта бошам.

Раҳимҷон дар бораи ба ҳимоя пешниҳод шудани рисолаи доктории Соҳиб Табаров навишта буд. Ҳанӯз дар Душанбе будам, ки рӯзе домулло ба банда қисса намуд, ки аз кумитаи ҳизби коммунист оид ба монографияи эшон «Симои ҷовидонии доҳӣ дар адабиёти советии тоҷик» тақриз талаб кардаанд. Ҳамон вақт тахмине ба сарам зад, ки шояд ба хотири ин ки рисолаи мазкури Соҳиб Табаров ягона ҳадяе ба садсолагии доҳӣ дар адабиёти муосири тоҷик буд, сарнишинони ҳизб заҳмати тӯлонии устодро қадр карданӣ шуда, онро ҳамчун рисолаи докторӣ мепазиранд. Дар ёдам

ҳаст, ки Раҳимҷон дар заминаи он монографияи калонҳаҷм ба забони русӣ гузориши илмӣ омода месохт. Яъне, агар ба устод иҷозати дифоъ доданӣ мешуданд, на монография, балки як гузориши илмии 50-60 саҳифагие, ки сарчашмаҳои илмиро дарбар карда бошад, кифоя буд. Он айём бисёр шахсон ба воситаи гузоришҳои илмӣ докторҳои илм шуда буданд. Мазмуни номаи Раҳимҷон тахмини бандаро собит сохт. Ба устод иҷозати дифоъ додаанд ва моҳҳои наздик бояд он гузориши илмӣ ба аъзоёни шӯрои илмии рисолаҳои докторӣ арз мегардид.

Соҳиб Табаров аз чеҳраҳои шинохтаи соҳаи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷик мебошад. Бисту чаҳор сол дошт, ки номзади илми филология шуд ва дар бисту ҳафтсолагӣ ба аъзо-корреспондентии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ пазируфта гардид. Даҳҳо рисолаву монографияҳо ва мақолаҳои илмиро соҳиб буд. Соли 1961 монографияи пурқимате роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Пайрав Сулаймонӣ навишт. Метавон гуфт, ки монографияи «Пайрав Сулаймонӣ» яке аз беҳтарин тадқиқоти филологӣ дар адабиёти чи тоҷик ва чи шӯравӣ буд. Мутаассифона, бо кӯшиши боғаразонаву нодидагиронаи баъзе сутунҳои ҳамонвақтаи филологияи тоҷик рисолаи номбурдаи С.Табаров барои дифоъи докторӣ пешниҳод нагардид, ҳол он ки устод ин лаҳзаро чашмдор буд. Мо шогирдон дар маҳфилҳои илмӣ эҳсос менамудем, ки С.Табаровро дӯст намедоранд. Эшон шахсе буданд, ки аз воқеияти илмӣ сӯҳбат менамуданд, хасу хошокҳои илмро дур меандохтанд, рӯирост баъзе адабиётшиносону адибонро сарзаниш менамуданд, то ки дар кори эҷодиву таҳқиқ ҳаромкориҳо сурат нагирад, илми филология дуруст ҷараён дошта бошад ва ғайра. Вале сухани ҳақ, одатан талх садо медиҳад ва боиси ранҷиши хотири баъзе тангназарони соҳаи илму адаб мегардад. Акнун ин ҷомеаи фарҳангӣ устодро қадр карданӣ шудааст ва ин барои банда беҳтарин дастовези фарҳангӣ буд.

Номаи дигар аз ҳамдарси донишгоҳиям Хайруллоҳ Сироҷов буд. Ману Хайруллоҳ ҳанӯз солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб ошноӣ доштем. Тафовут дар ин буд, ки ӯ як сол аз банда пеш мехонд. Хайруллоҳ аз ҷумлаи он донишҷӯёне буд, ки баъди барҳам додани омӯзишгоҳи педагогии Қӯрғонтеппа барои идомаи таҳсил ба омӯзишгоҳи Кӯлоб интиқол дода буданд. Эшон аз қарияи Пушинги Данғара буд. Вақте ки соли 1963 ба Донишгоҳи давлатӣ ҳуҷҷат супоридам ва имтиҳонҳои қабул оғоз гардиданд, Хайруллоҳро дидам, ки ҳар бегоҳ бо либоси

низомӣ ба консултатсияҳо меомад. Маълум шуд, ки баъд аз хатми омӯзишгоҳи Кӯлоб, соли 1959, вайро ба аскарӣ даъват кардаанд ва муддати се сол дар сафи қувваҳои низомии бинокор (стройбат) хизмат намудааст. Хулоса, ба Донишгоҳ дохил шудем. Хайруллоҳ сардор интихоб гардиду банда комсорг. Ӯ шахси хеле ташаббускор буд. Дар соли дувуми таҳсил кордониашро ба назар гирифта, ба сифати комсорги факултет пазируфта шуд. Се сол комсоргӣ кард. Бо дипломи «аъло» донишгоҳро хатм намуд. Азбаски донишҷӯи воқеъбину ҳақгӯй буд, бо вуҷуди дипломи сурх доштанаш, дар назди ягон кафедра мононда нашуд. Ҳамон солҳо низ инсонҳои ҳалолкору ҳақгӯйро намепазируфтанд. Аз ин ҷост, ки ӯ дар кадом омӯзишгоҳи техникие ба касби муаллимӣ пардохт. Мо солҳои таҳсил дӯстони хеле наздик будем. Ба сабаби ин ки вай аз корҳои биносозиҳои низомиаш андак пул дар хазинааш дошт, ҳарчи ки барои худ мехарид, барои банда низ лозим медонист. Ҳамеша хӯроки чоштро якҷо медидем. Каси сахӣ ва хайрхоҳе буд.

Хайруллоҳ суроғаи бандаро аз Шаҳбози Кабир гирифта будааст. Ӯ чанд маротиба ба хонадони мо рафта, аз ҳолу аҳволи Фотимаву Мӯсо хабар гирифтааст. Афсӯс, ки дигар ҳамдарсону дӯстон чунин накарданд. Бандаро ба фаромӯшӣ доданд. Аммо ин ҷо аз онон ном гирифтан аз рӯи одоб нахоҳад буд. Мактуби сеюм аз бародари хурдиам - Мӯсохон буд. Аз сабаби ин ки мактабаш аз 46-ум дурӣ кардааст, муваққатан ба ҳавлии Нагорний рафтааст. Ӯ дуруст рафтор кардааст, зеро ҳақиқатан мактаби рақами 35, ки дар кӯчаи Чехов қарор дорад, аз шаҳрчаи 46-ум хеле дур мемонд. Дар мактуби ҷавобиам вайро насиҳати зиёде додам, то ки беҳтар хонад, дарсгурезӣ накунад ва ба гапи Ҷумъахон гӯш диҳад.Бо хатми мутолиаи мактубҳои номбурда бо Абдурасул барои саққобозӣ омода шудем. Дар толор оқои Ҳақназар низ ҳузур дошт. Соатҳои нӯҳи шаб буд, ки аз Кушкаи Туркманистон номаҳо расиданд. Барои банда низ як мактуб аз Султон Наврӯзови ақрабо расид. Эшон дар бораи ба дифоъ пешниҳод шудани рисолаи доктории С.Табаров менавишт. Ӯ мӯҳлати дифоъро моҳи июн мегуфт.

Султон Наврӯзов аз авлоди модариам мебошад. Модарам падари Султонро тағоии Наврӯз ном мебурд. Бобои Наврӯз баъди аз Балҷувон муҳоҷир шудан дар Даҳанаи Кӯлоб иқомат менамуд. Шахси босавод буд. Солҳо вазифаи раиси ҷамоаро бар ӯҳда доштааст. Ёдам ҳаст, ки ба Хонобод зиёд меомад. Модарам «тағоям омад» гӯён чойи нишасташро намеёфт. Ҳамон солҳо ӯ мироби колхоз буд. Ҳар сари вақт

ба хотири назорати об аз моён хабар мегирифт. Соле, ки банда ба Донишгоҳ дохил мешудам, Султон факултети таърихро ба поён расонда, дар кадом нашриёте кор мекард. Баъдан ба аспирантураи Университети Томски Россия дохил шуда, он ҷо рисолаи номзадиро дар бахши фалсафа дифоъ кард. Сипас, ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон омад ва устоди кафедраи фалсафа шуд. Файласуфи шинохтаест. Чеҳраест, ки хислатҳои наҷиби инсонӣ дорад. Ҳақиқатгӯй меъёри асосии рӯзгораш аст. Сӯҳбатҳои ширину файласуфона дорад.

Ду-се рӯз дар Ҳирот монда, сипас ба Кафтарӣ баргаштам. 28-уми май барои харидории маводи ғизоӣ боз ба Ҳирот омадам. Шабона бо Абдурасул дар гирду атрофи шаҳрчаи роҳсозон сайру гашт кардем. Пагоҳӣ илҳомам омаду хостам ба ёру дӯстон ва бародарон нома нависам. Абдурасул ба дафтари кориаш рафт, то ки ба банда халал нарасонад. Акнун қаламу коғазро омода сохта будам, ки садои Абдурасул баромад: акаи Худойназар зуд рӯи ҳавлӣ бароед, ҳоло як аскарро ҷазо медиҳанд. Саросемавор берун шудам. Рӯйи саҳни ҳифзи муроқибат 10-12 аскари афғон рост меистоданд. Дар атрофи майдонча чанд кӯдаки шӯравӣ ва хонумҳову мутахассисон ҷамъ омада буданд. Ману Абдурасул ҳам дар гӯшае қарор гирифтем. Болои замин ду дарза химча мехобид. Мудири омирият, ки як соҳибмансаб (офитсер)-и тахминан, 30-35 сола буд, аз дафтари кориаш берун шуд. Аскарон бо пойро бо пой задан ба омир салом доданд. Омир таҳсилкардаи мактабҳои ҳарбии Шӯравӣ буд. Русиро хуб медонист. Дар даст тасбеҳ дошт. Сӯи атрофиён як назари омирона андохта, аскари гунаҳгорро ба пеш даъват кард. Аскар тарсону ларзон 5-6 қадам ба пеш баромад. Омир гуноҳи аскарро ба ҳозирин арз дошт. Маълум шуд, ки ӯ велосипед-бойскули як писарбачаи афғонро дуздидааст. Яъне, гуноҳаш дуздӣ муайян гардида буд. Баъдан ба асоси қонуни ҷазодиҳии низомӣ ба чунин аскар чӯб мезадаанд. Омир амр кард, ки барои амалӣ сохтани ҷазо шурӯъ намоянд. Ду аскари дигар аз пою дастони ҷабрдида доштанд. Гунаҳгор рӯ ба замин дар ҳолати муаллақ қарор дошт. Ду аскари дигар бо химчаҳо мусаллаҳ шуда, яке аз миён ба боло то бехи гардан мезад ва дувуми аз миён то думба, «ҳа», гӯён чӯб мезаданд. Кӯдакҳои рус бодиққат ин чӯбкориро тамошо мекарданд. Мо калонсолон низ мехостем ичрои ҷазоро тамошо кунем. Албатта, барои мардуми шӯравӣ тамошои ин саҳна хеле даҳшатнок буд. Дар филмҳо ва саҳнаҳои театрҳо чунин шакли ҷазоҳоро дар нақши артистон

медидем ва мефаҳмидем, ки чӯбзании онҳо сохта аст ва боиси дарди ҷонкоҳ намешавад. Аммо ҳоло мо воқеиятро медидем. Аскар ҳамоно аз Худо имдод мехост, падару модарро ба ёрӣ даъват менамуд. Ба номи Худо қасам мехӯрд, ки нафаҳмида гуноҳ содир кардааст. Илтичо мекард, то ки ӯро омираш бахшад. Вале хоҳишу зориву таваллои ӯ ба гӯши касе намерасид. Чӯбкорӣ торафт шиддат мегирифт. Химчаҳои маҷақшудаву шикастаро ба гӯшае ҳаво дода, химчаҳои навро ба кор меандохтанд. Ҷабрдида баъди 10-15 дақиқаи азобу шиканҷа дигар садо баланд карда натавонист, фақат гоҳе нолиши ҷонкоҳаш ба гӯш мерасиду бас. Ниҳоят аз ҳуш рафт. Болои замин афтид. Ман гумон кардам, ки ҷон ба ҳақ таслим кардааст. Асабӣ шудам, ба шоҳу офитсеронаш лаънат хондаму сӯи хонаи Абдурасул рафтам.

Хонандаи мӯҳтарам шояд аз муаллифи ин сатрҳо пурсидани аст, ки чаро мо шаҳрвандони кишвари абарқудрат дахолат накардем, чаро ба он офитсери таҳсилкардаи Шӯравӣ ба забони русӣ нафаҳмондем, ки ой, бародар, ту- ку дар Шӯравӣ хондаӣ чаро ба чунин шакли ҷазодиҳӣ мусоидат менамоӣ? Оре, саволатон ба ҷост. Аммо моён ба қонунҳои Афғонистон итоат доштем ва моро намегузоштанд, ки ба корҳои дохилии афғонҳо дахолат намоем. Дар Кремли Маскав ба ҳар мутахассиси Шӯравӣ ин масъаларо мефаҳмонданд. Агар чунин гуноҳро касе аз шӯравиҳо содир менамуд, албатта ӯро чӯбкорӣ намекарданд, балки ба хотири Давлати Шӯравӣ дар муддати 24 соат аз кишвар мебаровардаанд. Аз ин ҷост, ки моён ҳамчун мушоҳидачӣ мондем, ҳол он ки дар ботин хун мегиристем. Аскар ҷазояшро дид. Хуб шуд, ки чанд рӯз баъд ҷойи захмҳои химчаҳо сиҳат ёфтанд. Аммо ин чӯбзанӣ ҷазои интиҳоӣ набудааст, зеро ӯро ҳабс карданд.

Ҳамон солҳо медидам, ки дар ҷомеаи шоҳии Афғонистон инсони камбизоат қадру қимате надошт, ӯ худро дифоъ карда наметавонист. Қонуни давлат фақат барои табақаи поёнӣ амал менамуд. Табақаи сармоядор ба ягон қонунҳои башарӣ итоат надошт. Танҳо пул ва сармоя метавонист инсоро дифоъ кунад. Мо, ки дар сохтори сотсиалистӣ рӯзгор доштем, чунин қонунвайронкуниҳо бароямон ғайричашмдошт буд. Аммо ҳоло ки ба ҷомеаи тоҷики баъди шӯравӣ назар меафканам, воқеан инсонҳои камбизоат ҳеҷ ҳақу ҳукуқе надоранд. Аз он чи банда дар Афғонистон ба мушоҳида гирифта будам, акнун дар ватани хеш мебинам. Магар истиқлолият доштан маънии ғуломиро дорад? Мактабҳои ҳамагонӣ аз фаъолият мондааст, наврасон ҳама дар бозору хиёбонҳо пойбараҳна,

бо либосҳои дарида, сару рӯи ношуставу собуннадида мегарданд. Гумон мекунам, ки чунин раванди зиндагӣ ҷомеаи тоҷикро дар даҳ-понздаҳ соли пешоянд ба куллӣ хароб хоҳад сохт. Он боло ва ин поён, ки дар Афғонистон дида будам, дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ баръало бо мушоҳида мерасад. Ҳайфи инсон! Беҳтарин ҷавонони тоҷик рӯ ба шаҳрҳои саноатии Россия овардаанд.

То ин ҷо, ки расидем, бармегардем ба Кафтарӣ. Моҳи майи 1971 ҳам ба поён расид. Июн омад. Торафт ҳавои минтақа гарм мешуд. Инсон дигар ба он гармии дар соя аз 40-45 баланд, тоқат карда наметавонист. Вале чӣ илоҷ? Барнома иҷро нашуда буд. Аз ин ҷост, ки то 19-уми июн дар Кафтарӣ ба корҳои геологӣ баҳри пайдо намудани маъданиёте масруф гардидем.

Одатан, гурӯҳҳои геологие, ки дар минтақаи гарми Афғонистон ифои вазифа доштанд, тобистон ба Кобул меомаданд ва ба корҳои амалӣ машғул мешуданд. Гурӯҳи мо низ ба ҳамин ният сӯи Кобул кӯч баст. Ман шод аз он будам, ки то ҷашни истиқлоли Афғонистон, ки ба 20-уми август (аввали Сунбула) рост меомад, дар Кобул назди хонавода мемонаму ҷойҳои дидании Кобулро тамошо мекунам. Афсӯс, ки ин орзуи банда амалӣ нашуд, балки баъди як ҳафтаи истироҳат бандаро гурӯҳи дигари геологӣ ба сифати тарҷумон пазируфт...

Хинҷон - Андароб

Бисту шашуми июн сардорамон Котов А.Я. ба дафтараш даъват намуда, амр кард, ки ба самти шимол, минтақаи Хинҷон сафар намоям. Он ҷо гурӯҳи нақшабардорие чанд вақт боз ба корҳои геологӣ машғуланд, вале тарҷумон надоштаанд. Аз дигар тараф, гурӯҳи мазкур бе сармутахассис фаъолият мекардааст. Ин лаҳза Котов аз котибааш хоҳиш кард, ки мутахассиси навомадаро ба наздаш даъват намояд. Дақиқае гузашту бо иҷозат марди сурхинарӯи сарсафеде дохили утоқи Котов гардид. Сардор ба он шахс рӯ оварда гуфт: «Анатолий Харитонович бо тарҷумонатон шинос шавед, исмаш Назар, аз Душанбе мебошад». Ман аз ҷой баланд шуда бо сардори навам салом кардам. Ӯ марди хандонрӯе буд. Аз банда пурсид, ки аз кучои Душанбе ҳастам ва дар кадом муассиса кор мекардам. Вақте фаҳмид, ки аспиранти Донишгоҳи давлатӣ ҳастам, хеле хурсанд шуд ва гуфт: «Мо ҳамшаҳр будаем». Бо ҳамин мулоқоти Котов ба

поён расид. Эшон ба мо муваффақият хоста, фармуд, ки пагоҳ ба роҳ бароем. Мо аз дафтари Котов берун шудем. Рӯи ҳавлӣ мошине моро интизор буд.

То шаҳрчаи Нодиршоҳӣ якчоя омадем. Ҳини сӯҳбат фаҳмидам, ки фамилияаш Кофарский буда, таҳсилоти донишгоҳӣ доштааст ва солиёни зиёде дар гурӯҳҳои геологии Тоҷикистон кор мекардааст. Ҳатто чанд калимаи тоҷикиро медонист. Дар назар инсони хубе маълум шуд. Шӯхтабиат менамуд. Ӯ худ танҳо ба Кобул омада буд. Завҷааш бо фарзандону наберагон дар Душанбе мондааст. Чунонки гуфтам, мутахассиси беоила мехост ҳарчи зудтар дар саҳро бошад, чунки аз ташвиши ошпазхонаҳову хурду хӯрок халос мегардид.

Рӯзи бисту ҳафтуми июн, пагоҳии барвақт аз манзили панҷум поён шудам. Кофарский бо анҷомҳояш аллакай назди мошин қарор дошт. Банда дар паҳлуи ронанда (драйвар) нишастам. Ҳаракат ба самти шимоли Афғонистон сурат гирифт. Ба кӯтали Хайрхона боло шудем. Роҳи ҳамвору дилкаш оғоз гирифт. Торафт аз Кобул дур мешудем, ҳамон андоза табиати зебо аз пешорӯямон мебаромад. То сарҳади Чоряккор расидем ва ҷое ғизои чошт хӯрдем. Ба роҳ баромадем ва аз пеш қасри Ҷобулсироҷ намоён буд. Пулеро гузаштем, ки болои дарёчаи оби кӯҳӣ қарор дошт. Акнун роҳ ба баландӣ майл мекард. Яъне, кӯтали Солангро бояд тай менамудем. Ин роҳро шӯравиҳо сохта будаанд. Сараки васеъбари хубе пешо- пеши мо мерафт. Деҳачаҳои кӯҳӣ ҷо-ҷо аз сари роҳамон мебаромад, ки назди ҳар кадоми онҳо мошинҳои боркаши зиёде қарор доштанд. Маълум, ки ронандаҳо хӯроки чошт мехӯрданд. Болои катҳои чӯбӣ дароз кашида чой менӯшиданд. Дар соҳили ҷӯйборҳо майсазор ва гулхорҳо ба назар мехӯрданд.

Роҳи каҷмакаҷи кӯтали Соланг, ки дар қабати қаторкӯҳҳои Ҳиндукуш қарор дошт, хеле тӯлонӣ буд. Ниҳоят ба дарвозаи туннели Соланг расидем. Дохили туннел чароғистон буд. Мошинҳо аз ду тарафи туннел роҳ мерафтанд. Ҳавояш салқин буд. Аз пешорӯ рӯшноии офтобӣ намоён гардид. Ин чунин маънӣ дошт, ки ба самти шимоли туннел расидем. Дар собиқ аз ҷониби Кобул ба самти шимоли кишвар сафар кардан душвориҳои зиёдеро пеш меовард. Роҳҳо дар шакли бузраву маркабрав буданд. Борҳо ба мусофирон ҳодисаҳои нохуш ва ҳатто талафоти ҷонӣ рух медод. Ронандаи мо ҳини боло шудан ба кӯтали Соланг ва туннели чандкилометриро тай намудан ба Давлати Шӯравӣ ва созандагони ин роҳ ташаккур мегуфт. Ин туннел роҳе

буд, ки маркази Афғонистонро ба самти шимоли он мепайваст. Мисли ин, ки дар сурати омода шудани туннели Анзоб пойтахти кишвар ва ҷанубӣ Тоҷикистон ба минтақаи шимоли он - ноҳияҳои Айнӣ, Шаҳристон, Истаравшан ва Хуҷанду атрофи он пайваст мегардад. Ҳамзамон роҳи заминии Тоҷикистон сӯи давлатҳои Ӯзбекистону Россия кушода мешавад. Агар сарнишинони ҳукумати шӯравии тоҷик солҳои 70-ум андак багурда мешуданд, тавассути қудрату тавоноии техникии Давлати Шӯравӣ туннели Анзобу Шаҳристон ва Норакро кайҳо сохта мешуданд. Афсӯс, ки Тоҷикистон чун кӯдак гиряи талх накарду Шӯравӣ ҳам ба он шир надод. Аз ин ҷост, ки тоҷикон аз истифодаи он шири бедарди миён маҳрум монданд.Акнун ки корҳои туннели Анзоб оғоз шудааст, иқдоми хайрест, ки ҳукумати нави тоҷикон пеш гирифтааст. Агар маблағи ҷудошудаи он мисли миллион - миллион пули ҷамъшудаи истгоҳи барқи Сангтӯда дуздида нашавад, имкон дорад, ки туннели Анзоб дар панҷ-даҳ соли наздик омодаи хидмати мусофирони ҷумҳурӣ мешавад. Агар ин ҷо низ истилоҳи «ба яғмо бурданд» истифода гардад, сохтмони туннели Анзоб боз даҳсолаҳо нотамом хоҳад монд.

Баъд аз андак дам гирифтан ва ба воситаи дурбин тамошо кардани кӯҳҳои сарбафалаккашидаи гирду атроф ва табиати зебову арчазорҳо барои поён фаромадан омодагӣ гирифтем. Ҳамон қадар ки ба баландӣ баромадем, ҳамон миқдор пойин роҳ рафтан лозим буд. Боз ҳамон роҳи каҷмокаҷак, вале сербару ҳамвор моро як-ду соате масруф сохт, то ки ба шаҳрчаи Хинҷон расидем.

Хинҷон бо меваи тути ҳаррангааш машҳур аст. Сари роҳи сермошине, ки аз ҷониби Кобул то вилояти Балху он тарафтар сарҳади Шӯравӣ ҳаракат мекарданд ва баръакс воситаҳои нақлиёте, ки аз самти шимол ба маркази кишвар ва дигар шаҳрҳои ҷанубии Афғонистон бор мебурданд, ҳатман чанд лаҳзае қарор мекарданд, то ки аз тути Хинҷон ҳаловат баранд. Мо низ бо хоҳиши ронанда наздики тутфурӯшон таваққуф кардем. Оби яхи кӯҳӣ ҷорӣ буд. Тутфурӯшон дар сабадчаҳо тутҳои навъҳои гуногунро дар об мешустанд ва ба мусофирон пешниҳод мекарданд. Банда, ки ошиқи тути ватан будам, болои кате нишастам ва сабадеро наздам гузоштам. Кофарский низ маро дар тутхӯрӣ ҳамроҳӣ кард. Умуман, лаҳзаҳои тутфурӯшиву тутхӯрӣ манзараи дилчасперо пеши назар меовард.

Маълум шуд, ки гурӯҳи геологии мо аз ҷониби Кобул ба тарафи рости Хинҷон, дар соҳили дарёи Андароб ва дар

назди қариячоте бо номи Бону қароргоҳ доштааст. Саринженери нав бо гурӯҳаш ошно шуд, бандаро ба онон шинос кард. Хаймаи маро муайян карданд. Баъд аз муҳити гарму дашту биёбонҳои Ҳирот, манзараи Бону ва рӯди Андароб бароям биҳишти худодоро мемонд. Аз нахустин дақиқаҳо худро хушҳол эҳсос намудам. Ҳарчанд ки Бону баландие буд, шаҳрчаи геологии мо боз ҳам баландтар қарор дошт. Чашми кас аз тамошои манзараҳои зебои Бону сер намешуд. Гузашта аз ин, мардуми минтақаи Хинчон ва бахусус Бону тоҷикон буданд. Онҳо низ мисли мо «чурғот» мегуфтанд, ҳол он ки дар Кобул, Ғазнӣ ва Қандаҳору Ҳирот истилоҳи «мост» ройиҷ буд. Одатан, дар кӯҳистон забони классикӣ нигоҳ дошта мешавад. Деҳоти кӯҳистон қавмҳоеро дар худ меғунчонад, ки онҳо решаҳои қавмӣ доранд. Дар ин мардум бадалшавии хун камтар ба мушоҳида мерасад. Ин чиҳат то чое боиси носолимии инсонҳо мешавад. Бесабаб нест, ки бошандагони Бону чи марду чи зан лоғарандом ба назар мерасанд. Ба чанд касе, ки дар сӯҳбат шудам аз бад будани саломатиашон шикоят карданд. Аммо чеҳраҳои ориёии хешро нигоҳ доштаанд. Замоне аз байни Бону Искандари Мақдунӣ бо лашкари чандҳазорааш гузашта сӯи Бадахшон роҳ пеш гирифтааст. Дар чанд километр роҳи васеъбаре ба чашм мерасид, ки Искандар барои гузаштани аробаву фойтунҳояш сохта будааст. Мардум таърихи он роҳро хеле хуб медонистанд. Ҳатто чо-чо камингоҳҳои чангии Искандари Мақдунӣ ҳоло ҳам ба назар мерасанд.

Ман, асосан, дар хайма баъзе корҳои амалии геологҳоро осон мекардам. Вазифаам чун пештара таъмини маводи ғизоӣ буд. Ба ин хотир як рӯз баъд ба Хинчон барои овардани гӯшту нон мерафтам. Дар Хинчон низ чанд мутахассиси роҳсози Шӯравӣ ифои вазифа доштанд. Тарҷумонашон Набичон Каримови душанбегӣ буд. Ба гумонам, Набичон ҳоло Шӯъбаи журналистикаи факултети филологияро хатм накарда буд. Шояд дар соли чаҳоруми таҳсил буд, ки ӯро ба сифати тарҷумон равон кардаанд. Боре ӯро сари сабадҳои тутфурӯшон дидам. Соате бо вай саққобозӣ кардам. Аз дидори якдигар шод шудем. Дар яке аз дидорҳо ӯ ба ман «мазори трактору булдозерҳо»-и шӯравиро нишон дод, ки чанд гектар заминро банд карда буданд. Чунин шудааст, ки баъди ба поён расондани сохтмони роҳи Соланг - Мазори Шариф ҳама техникаи вазнинро чое чамъ овардаанд. Барфу борон онҳоро ҳамасола зангор мезанонд. Аз он боигарӣ касе парвое надошт. Афғонҳо низ ба он техника зарурат надоштанд. Ҳол он ки бисёре аз

булдозеру тракторхо ва мошинҳои асфалтпӯшӣ қобили истифода буданд. Акнун мефаҳмам, ки футурравии Давлати Шӯравӣ ҳамон солҳо оғоз ёфта будааст...

Моҳи июл ҳам фаро расид. Таърихи дуюм буд, ки аз радио суханронии Кириленкоро дар митинги видоъ бо кайҳоннавардони Шӯравӣ - Доброволский Г.Т., Волков В.Н. ва Потсаев В.И., ки баъд аз 24 рӯзи парвоз, ҳини пойин фаромадан, фавтида буданд, шунидем.

Баъдан Кириленко суханро ба президенти Академияи илмҳои Шӯравӣ, академик Келдиш дод. Аз суханронии раиси комиссияи дафн - Кириленко маълум гардид, ки онҳо 30-юми июн, соати 21-40 дақиқаи шаб ба маркази иттилоот аз ба поён расидани барномаи парвоз хабар расонда, сипас барои фаромадан ба замин аз парашютҳои хеш истифода кардаанд. Вақте ки гурӯҳҳои омодабош бо чархболҳову мошинҳо ба мавзеъи муайяншудаи пойиноии кайҳоннавардон ҳозир мешаванд, онҳоро бечон мебинанд. Албатта, илми кайҳоннавардӣ сабаби марги ононро муайян карда метавонист, вале дар ин шакл нобуд шудани се кайҳоннавард саволҳои бисёреро падид меовард. Мо бо шунидани ин хабари ғайричашмдошт ҳамагӣ хунчигар шудем. Русҳо ба сигоркашӣ шурӯъ карданд. Банда бошам ба теппае баромада, худро ба дунёи Шӯравӣ ва Ватани азизам Тоҷикистон задам. Мутаассир аз он шудам, ки се ҷавони зиндақаҳрамон бо сабаби носаҳеҳие дар ҳисобу китоб талаф ёфтанд. Инсон ҳамеша барои худ марг меҷӯяд. Илми кайҳониро кӣ кашф кард? Инсон. Бомбаи атомиро кӣ ихтироъ кард? Инсон. Автомати «Калашников»-ро, ки дар тамоми дунё бо он одамкушӣ мекунанд, кӣ сохт? Инсоне бо номи Калашников, ки чандбораҳо унвони Қаҳрамони Шӯравиро гирифтааст. Пас, инсонро чӣ зарурат аст, ки боз дунёбезорӣ мекунад, шикоят пеш меорад, аз ноҷӯриҳои ҷомеаи инсонӣ худро ноҷӯр эҳсос менамояд? Охир, ӯ худ боиси марги хеш, ранҷур сохтани худ мешавад-ку! Сари ин мавзӯот андеша бояд кард. Шояд Холиқ дар эҷоди мавҷуде бо номи инсон ба иштибоҳ роҳ дод? Чаро инсонро ҳамчун падидаи мураккаб шинохтаанд?... Ин ҳама он саволҳоеанд, ки инсон худаш ба онҳо ҷавоб бояд пайдо кунад.

Гурӯҳи нақшабардороне, ки акнун банда бо онон ҳамкорӣ дорам, асосан касонеанд, ки аз расму русуми шарқӣ огоҳанд. Чанд каси онҳо аз Душанбе буданд. Масалан, Гена Очилов зодаи Душанбе буд. Падараш тоҷик, модараш рус. Инсони ачибе буд. Сигор дуд доданро хуш дошт. Дар Афғонистон чунин расм аст, ки ҳар пагоҳӣ бо якдигар

рухсор ба рухсори ҳамдигар монда вохӯрӣ мекунанд. Гена ин навъ салому алейкро дӯст намедошт. Ба назари ӯ рӯйҳои афғонҳо ношуста ва собуннозада буданд. Аз ин рӯ ҳар пагоҳӣ аз ман хоҳиш мекард, ки Назар ба онҳо бигӯй, ки бо ман бӯсобӯсӣ накунанд. Ин лаҳзаҳо барои геологҳои дигар хандаовар менамуд. Камбудии Гена он буд, ки забони тоҷикиро намедонист. Аз ин ҷиҳат афғонҳо ба вай норозиёна назар мекарданд. Онҳо мегуфтанд, ки охир, насабаш форсӣ аст-ку, чаро ба дарӣ сӯҳбат намекунад. Ин касалӣ ба ҳама русҳои онвақтаи Тоҷикистон тааллуқ дорад. Гап дар ин аст, ки ҳамон даврон русзабонҳо ба донистани забони тоҷикӣ зарурат надоштанд. Ҳама ҷо забони русӣ ройиҷ буд ва ҳар тоҷик русиро хуб медонист. Яъне, тоҷикҳо ба забони русӣ, ки эҳтиёҷ доштанд, онро азхуд карданд. Русзабонҳо, ки эҳтиёҷ надоштанд, тоҷикиро нодида гирифтанд.

Дар маҷмӯъ аъзоёни ин гурӯҳ ба ман маъқул буданд ва онҳо низ эҳтироми бандаро ба ҷой меоварданд. Боре аз бозори Бону як кабкро бо қафасаш ба қимати 40 афғонӣ харидам. Он назди ҳайма овезон буд. Ҳар пагоҳӣ ширин мехонд. Кабкҳои дигарро, ки дар баландиҳо қарор доштанд, ба мусобиқа даъват меамуд. Рӯзе як марди афғон кабки дигареро бароям ҳадя карда гуфт: «Ин кабк барои шумо, тарҷумон соҳиб». Акнун ду кабк доштам. Вақтҳои холигӣ ба онҳо машғул мешудам. Тахминан як моҳ дар минтақаи Андароб ба корҳои нақшабардорӣ машғул шуда, сипас ба воситаи қаторкӯҳҳои Ҳиндукуш ба минтақаи Панҷшер ворид гардидем. Панҷшерро баъзан Панҷшир ҳам мегӯянд. Аслан маъниаш Панҷ зиёрат будааст.

То ба дараи Панҷшер расидан заҳмати зиёде дар роҳҳои мушкилгузари қаторкӯҳи Ҳиндукуш кашидем. Роҳи мо ба воситаи Сурхкӯтал сурат гирифт. Агар аз тарафи Кобул ба Панҷшер биоеду ба ҷониби Бадахшон ҳаракат кардан шавед, ҳатман Сурхкӯталро паси сар кардан лозим мешавад. Ин кӯталро барои он сурх мегӯянд, ки хокаш сурх аст. Мо аз ҳамин Сурхкӯтал пойин фаромадем ва дар аввалин қариятоти он, ки Бозорак ном дошт, қароргоҳи худро дар майдоне интихоб намудем. Дарёи Панҷшер низ аз ҳамин мавзеъ оғоз меёфт. Ба ибораи дигар, гурӯҳи мо дар саргаҳи рӯди Панҷшер шаҳрчаи навашро бино сохт.

Ҳар пагоҳӣ геологҳо аз пайи касби хеш мешуданд. Ман бошам бо мардуми таҳҷоии ин деҳа ҳамсӯҳбат мегардидам. Рӯзе лаби рӯд, ки аз ду тарафаш деҳаҳо мавҷуд буданд, бо мӯйсафеди нуроние, ки 80 сол умр дошт, вохӯрдам. Ӯ мисли ришсафедҳои тоҷик ҳарф мезад. Назар ба нақли эшон

авлодони деҳаи Бозорак ва ҳам навоҳии Панҷшер замоне аз Даҳбеди Самарқанд ба ин ҷо кӯчида омадаанд. Он мӯйсафед ду зани никоҳӣ дошта, соҳиби чаҳордаҳ фарзанд буд. Писаронаш дар шаҳрҳои Афғонистон ба касби тоҷирӣ машғул будаанд. Худи ӯ бошад давлати пирӣ меронд. Аз банда низ чанд савол кард ва то ҷое ҷавоб гирифт. Дар поёни сӯҳбат «мо ҳам тоҷик ҳастем», - гуфт. Баъдҳо, ки ба Кобул сафар мекардаму - сари роҳ дар деҳаҳо барои истироҳати чандлаҳзаӣ қарор мекардам, медидам, ки воқеан ин мардум чи аз ҷиҳати чеҳраи зоҳириву қавора ва чи тарзи либоспӯшӣ аз дигар манотиқи Афғонистон тафовут доштанд. Духтарону занонаш хушқавора буданд. Дар сар рӯмолҳои сафед мепӯшиданд. Мӯйсафедонаш ришҳои дарози шоназада доштанд. Лаҳҷаашон ба лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистони Тоҷикистон шабеҳ буд. Аммо баъзе гуфтору рафторашон аз самарқандӣ буданашон шаҳодат медод. Дар чойхонаҳошон бештар паниру мавиз ва кулчаҳои қаймоқӣ мефурӯхтанд.

Ин ҷо низ муддати як моҳ мондем. Аз мардуми Панҷшер ва дараи зебоманзари он хушам меомад. Дараи Панҷшерро кӯҳои сарбаланди кабудчатоб соя меафканд. Гузашта аз ин, дараи Панҷшер ҷое буд, ки аз нигоҳи амният мустақилияти том дошт. Аксари сармоядорону шахсиятҳои шинохтаи Афғонистон ба сифати канизак ё зан кардан духтарони хушқавораи Панҷшерро интихоб менамуданд. Масалан, модари Бабрак Кормал панҷшерӣ буд. Мегӯянд, ки бобокалони Кормал, ки чеҳраи шинохтае будааст, дар ҳавлиаш канизаке аз духтарони Панҷшер доштааст. Ин духтар чунон зебо ва хушрафтор будааст, ки писари ӯро мафтуни худ мекунад. Ниҳоят ин канизакдухтарро ба занӣ мегирад. Ин писар, баъдҳо яке аз ҷенералҳои даврони Зоҳиршоҳ буд. Дар замони Довуд волии Ҳирот таъин гардид...

Дигар ин ки кӯҳҳои сарбаланди Панҷшер ба душманон имконият намедоданд, ки минтақаро таҳти тасарруф дароранд. Ин қавм асосан аз авлоди худ хонавода месохт. Духтар медоданд, аммо духтарарӯс намегирифтанд.

Қарияе, ки мо қарор доштем яке аз калонтарин деҳаҳои ноҳияи Панҷшер буд. Ҳар тобистон, ки шоҳ ҷониби Бадахшон ба шикор баромаданӣ мешуд, чанд рӯз бо хонаводаву сагҳои тозиву аспҳои бузкаш дар ҳамон майдоне, ки мо хайма зада будем, шаҳрчаи шоҳонаи хешро барпо мекард ва аз меваи туту кабкҳои дараи Панҷшер ҳаловат мебурд. Ин айём аз гирду гӯшаи Панҷшер шахсиятҳои ба

шоҳ наздикидошта назди ӯ ҷамъ омада, барояш аспе ё оҳуе ҳадя менамуданд. Бузкашҳои моҳири минтақа бо аспҳои овозадори худ, маҳорати бузкашиашонро нишон медоданд.

Рӯзе дар хайма менишастам, ки меҳмони аспакие пайдо шуд. Ба пешвозаш баромадам. Якдигарро муаррифӣ кардем. Чашмам ба аспаш бархӯрд. Аспи сиёҳи мушкӣ хеле калон буд. Бадани асп ҷило медод. Афзори сару гардани асп бо ситорачаву тугмаҳои ранга оро ёфта буд. Аз соҳибаш пурсидам, ки ин чӣ аспест? Ӯ ҷавоб дод, ки ин навъ аспҳо дар Афғонистон бо номи аспи қатаған маъруф мебошанд. Аз ҳунари асп пурсон шудам. Он мард, ки либосҳои ғайримаъмулӣ дошту дар пой мӯзаҳои болобаланди чармӣ, аз ҷой бархост ва бо як ҳаракат худро болои зини нақшунигоршуда гирифт ва бо пошна задан сари аспро бо ду пойи пешаш ба ҳаво муаллақ гардонд. Гӯё асп рақс мекард. Вале ин тарзи ҳаракати асп ба хотири он будааст, ки аз байни сад-дусад аспи бузие, ки дар ҳолати «қура» қарор доранд, бузро гирифта, худро берун занад. Боз чанд ҳунари роҳгардии аспашро намоиш дод. Ҳини сӯҳбат фаҳмидам, ки ӯ худ аз мардуми қатаған будааст. Вақте фаҳмидааст, ки ин ҷо шӯравиҳо омадаанд, хостааст, ки аспашро намоиш диҳад. Ҳамон айём нархи ин навъ аспҳо хеле баланд буд. Ӯ мегуфт, ки «аспаш қимат надорад». Афсӯс, ки геологҳои гурӯҳ ҳузур надоштанд, вагарна аз дидани ин асп ҳаловати зиёде мебурданд.

Сипас Шоҳмуҳаммади ошпазамон чою ғизо таҳия кард ва меҳмонро бо овардани иззату эҳтиромоти шарқӣ гусел намудам. Ӯ аз тоҷик будани банда ифтихор мекард. Ифтихор аз он дошт, ки русҳо бе мадади банда дар минтақаи онҳо ҳеҷанд. Ба ақидаи эшон тарҷумонҳои тоҷик ҳастанд, ки шӯравиҳо дар Афғонистон муносибатҳои байнидавлатиашонро пиёда месозанд. Ин марди қатаған дар назарам ҷаҳонгашта менамуд. Тарзи гуфтору муносибаташ аз дигар таҳҷоиҳо фарқ дошт. Ҳини хайрухуш ваъда дод, ки боз хоҳад омад, вале дигар ба дидораш мушарраф нашудам. Ҳол он ки бисёр мехостам, як дафъа ба аспи ӯ савор шуда, онро ба роҳравии резапай ё роҳгардии духтарона, ки эҳтиёткорона қадам мениҳад, маҷбур созам. Зеро аз хурдсолӣ асптозиро дӯст медоштам. Борҳо ҳини тозондани аспи пуштлуч аз болояш рӯи замин афтодаам.

Азбаски муҳити ҷуғрофиёии Панҷшер мураккаб буд, геологҳо бандаро бо худ намегирифтанд. Онҳо тарс доштанд, ки ин филолог боз аз баландие ҷар нашаваду дар бало монанд. Бинобар ин чун пештара баъзе корҳои техникиро

анҷом дода, вақти бештари худро ба тутхӯрӣ ва дар соҳили дарёи Панҷшер бадан сӯзондан сарф мекардам. Ҷое дуртар аз соҳил реги сӯзонро пайдо намуда, дар он баданамро то миён гӯр менамудам. Зонуи ростам, ки аз солҳои таҳсил дар омӯзишгоҳ дард дошт, баъд аз табобати чандрӯза аз дард монд. Ба чунин амали банда чанд афғон аз баландӣ наззора мекардаанд. Рӯзе пурсиданд, ки «тарҷумон соҳиб, чӣ зарурат аст, ки худро бо реги сӯзон пинҳон месозӣ?» Вақте ки сирри реги сӯзонро фаҳмиданд, онҳо низ дар паҳлуи банда худро бо рег мепӯшонданд. Ҳатто як инженери рус низ чанд рӯз пойҳои дардмандашро бо ин усул табобат кард.

Он касали русҳо ба ман ҳам таъсир гузошта буд, ки ҳамарӯза ба моҳигирӣ машғул мешудам. Ин дарё гулмоҳӣ дошт, вале ҷараёни об ки тезу тунд буд, бо чангак шикори моҳӣ барор намегирифт. Аммо гоҳе чанд дона моҳӣ медоштам ва бегоҳӣ ҳамкоронамро бо гулмоҳӣ зиёфат мекардам. Онҳо фақат «офарин, офарин» гӯён орзу мекарданд, ки рӯзи дигар моҳии бештар биёрам.

Ба ҳамин тариқ, 18-уми август корҳои геологии соҳаи Хинҷону Андароб ва Панҷшер поён ёфт. Барномаи пешбинишуда иҷро гардид. Аз Кобул иҷозати бозгашт гирифтем. То Ҷашни истиқлол чаҳор рӯзи дигар монда буд. Дар ин рӯз ҳама гурӯҳҳои геологӣ бояд дар Кобул мешуданд. Мо низ бегоҳии ҳаждаҳум ба хонаҳои кобулиамон расидем...

Ҷашни истиқлол

Бисту сеюми августи соли 1971 ба аввали Сунбулаи соли 1350-и ҳиҷрии шамсӣ рост омад. Дар ҳамин рӯзи соли 1919 Афғонистон истиқлолияти хешро эълон доштааст. Бегоҳии 23-юм бо оқои Ҳақназар Назаров маслиҳат карда, мавзӯи субҳ дар расми гузашти афғонҳо иштирок доштанро матраҳ сохтем. Расми гузашт (намоиши низомӣ) дар майдони Чаман сурат мегирифт. Майдон аз шаҳрчаи мо дар масофаи 500 метр қарор дошт. Ба ин хотир пагоҳии 23-юм бо хонумҳову фарзандҳоямон сӯи Чаман равона гардидем. Барои меҳмонони хориҷӣ гузаргоҳҳо баста набуд. Мардум ҳазор-ҳазор саросемавор ба ҷониби Чаман мерафтанд. Вақте ки ба саҳни Чаман наздик шудем, кормандони полисе, ки бояд ба хориҷиҳо хизмат мекарданд, моро роҳбаладӣ намуда, ҷойҳои нишастамонро нишон доданд. Ақрабаки соат акнун сӯи ҳафт мерафт, ки майдони Чаман ва нишастгоҳҳо пур аз одамон шуд. Офтоб нурафшонӣ мекард. Табъи ҳамагон

болида ба назар мерасид. Дар паҳлуям Парвиз нишаста, ҳар лаҳза мепурсид, ки кай расми гузашт оғоз мешавад. Ӯ, ки хурдакак буд, мехост, ки ба майдон баромада бозӣ кунад. Ба зӯрӣ аз дасташ медоштам ва мефаҳмондам, ки ин ҷо ором нишастан лозим аст.

Дар ҳамин ташвиш будам, ки соати ҳашт баёнияи ҷашнии Зоҳиршоҳ ба воситаи радио майдонро пахш намуд. Ба ҷониби минбар, ки шоҳ он ҷо бояд қарор мегирифт, назар андохтам, вале шоҳро надидам. Махсусан, меҳмонони хориҷӣ дар ҷустуҷӯи чеҳраи Зоҳиршоҳ буданд ва мехостанд фаҳманд, ки садои ӯ аз кадом гӯшаи майдон мебарояд. Баъдан фаҳмидам, ки Зоҳиршоҳ аввалан ба зиёрати марқади қиблагоҳаш - Нодиршоҳ, ки дар баландие қарор дошт рафта, аз он ҷо ба воситаи радио мардуми Афғонистонро табрик мегуфтааст. Сухани табрикии шоҳ тӯлонӣ набуд. Чанд дақиқае идома ёфту бас. Сипас Аълоҳазрат дар иҳотаи мотасиклистҳо ба Майдон ворид гардид. Ҳозирин аз ҷойҳо баланд шуда, шоҳро бо кафкӯбиҳои дуру дароз истиқбол гирифтанд. Мо низ дар пой рост истода, кафкӯбӣ менамудем. Парвиз болои сарам баромад, то ки омадани Зоҳиршоҳро дида тавонад. Оқои Ҳақназар бо хандаи пурмаънии хеш ҳоли бандаро назора мекарду каф мезад. Хонумҳоямон низ моро пайравӣ мекарданд.

Дар бахши аввали расми гузашт техникаи вазнини низомӣ ва дигар қисмҳои харбӣ яко-як аз майдон гузаштанд. Сипас тайёраҳо аз болои сари ҳозирин парвоз карданд. Ҳама навъҳои техникаи харбии Афғонистон сохти шӯравӣ буд. Баъдан қисмҳои пиёдагард бо ичрои расми низомӣ як ними рӯй сӯи шоҳ пойзанон боиси таваччӯҳи тамошочиён гардиданд. Коргарони фабрику заводҳо, макотиби миёнаву олӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ ҳунармандона бо садои уро, уро майдонро тарк гуфтанд. Дигар намоишҳои ҳунариро низ дар нақши артистон ба мушоҳида гирифтем.

Ба гуфтаи афғонҳо ҷашни имсола бояд бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мешуд. Вале, ба сабаби ин ки дар кишвар хушксолӣ омад, ғалла нашуд ва манотиқро гуруснагиву қаҳтӣ фаро гирифт, садри аъзами нав Доктор Зоҳир мӯҳлати ҷашнро аз ҳафт рӯз ба се рӯз овард. Солҳои қабл дар Чаман аз тамоми кишварҳои хориҷӣ намоишҳо ташкил мешудааст. Аммо ин сол аз Шӯравӣ ва ду-се давлати дигар намоишҳо ичозат дода шуда буду бас. Ҳамасола аз қисми бегоҳ дар майдони Чаман бозиҳои ҳархела мегузаштааст, ки имсол аз тамошои он маҳрум мондаанд.

Бояд гуфт, ки Доктор Зоҳир то ишғоли вазифаи

садриаъзамӣ дар Италия сафорати Афғонистонро ба ӯҳда дошт. Мавсуф вазифаи баландпояро дар вазъияти душвори иқтисодӣ қабул кард. Чунонки дар мавриди ҷашн арз намудам, ӯ баъзе тағйирот рӯи кор овард, масрафҳои беҳудаи давлатиро ба низом даровард. Баъзе имтиёзҳои парламону вузороро аз байн бурд. Аммо чунин чорабиниҳо кишварро аз бӯҳрони иқтисодӣ начот дода натавонист. Аз ин ҷост, ки баъд аз ҳашт моҳи садриаъзамӣ худ истеъфо дод ва ба ҷояш Мӯсо Шафиқ омад. Доктор Зоҳир падари Аҳмад Зоҳир овозхони шинохтаи Афғонистон буд. Баъдан Доктор Зоҳир ба вазифаҳои расмӣ-давлатӣ таваччӯҳ накард.

Ҷашн дар Афғонистон маънии васеъ дорад. Таҷлили ҷашн фақат аз тамошои расми гузашт нест, балки тамоми рӯзҳои ҷашн мардум, воқеан истироҳат мекунад. Дар Ҷашни истиқлол аз тамоми гӯшаву канори кишвар хоҳишмандон ба Кобул меоянд. Мардуми самти шимол, ба хусус аз Мазори Шариф, Қундуз, Файзобод, Пули Хумрӣ, Шибирғон ва Бағлон ду-се рӯз қабл аз ҷашн худро ба Кобул расонда, дар ҷо-ҷои Ҷаман барои истироҳати чандрӯза ҷой мегирифтанд. Баъзе ашхоси доро бо аҳли байташон меомаданд. Бо ин роҳ онҳо муҳити зистро тағйир медоданд. Дар ҳар гӯша мардону занон ба назар мехӯрданд, ки чаҳорпанҷнафарӣ сари дастархоне менишастанд, аз ғизоҳои ҷашнӣ ва шириниҳои он ҳаловат мебурданд. Кобулиҳо бошанд, аз шаҳр ба масофаи 10-15 км берун мерафтанд. Боғи шоҳии Пағмон дар ин рӯзҳо серодам мешуд. Хориҷиҳо низ бештар майли дар ҳамин боғ истироҳат карданро доштанд.

Дар рӯзҳои Ҷашни истиқлол гурӯҳи хиппиҳо пайдо мешуданд, ки сару либоси дарида, мӯйҳои ҷӯлида, шалворҳои ҷинсии хиштхӯрда доштанд. Ин тоифа аз духтарону писарон иборат буд. Дар гардани ҳар кадоме сумкачаҳои чармии мӯҳрадору кокулдор овезон буд. Сӯҳбаташон инглисӣ сурат мегирифт. Тарҷумони форсӣ надоштанд, балки бо имову ишора мақсадашонро мефаҳмонданд. Шаклу шамоилашон барои мо шӯравиҳо хеле дилгиркунанда буд. Рости гап нафратам меомад, вақте ки онон аз паҳлуям мегузаштанд. Ин тоифа бештар шарки исломро мепазируфтанд, зеро дар ин кишварҳо мардуми камбизоат бештар буд. Ба онҳо маҳз ҳамин навъ зиндагии дахшатбор маъқул буд. Шоҳидон мегуфтанд, ки ин хиппиҳо аз мардуми бехонумони Инглистон нестанд, балки онҳо дар маҷмӯъ фарзандони сармоядорони калон будаанд.Зиндагии шоҳона бароятон дилгиркунанда будааст. Бинобар ин мехоҳанд, ки дар миёни ҷавонони пойбараҳнаву ҷандапӯш

бошанд. Гуё рӯзгори якнавохти сармоядорӣ ба онҳо ҳаловат намебахшид. Воқеан, ин тоифа сердоллар буданд. Бесабаб нест, ки беҳтарин намунаҳои антиқаро харидорӣ мекарданд. Борҳо ба мушоҳида гирифтаам, ки сари деворҳои Сипинзару ҷодаи Майванд тангаҳои қарнҳои пешинро бо пули гарон мегирифтанд. Хиппиҳо асосан дар минтақаи Шаҳри нав қароргоҳ интихоб менамуданд. Сокинони Шаҳри нав сармоядорон буданд. Дар ҳар ду-се моҳ гурӯҳи хиппиҳо нав мешуд. Гурӯҳи пештара ё сӯи Ҷалолобод роҳ пеш мегирифт ё ҷониби Қандаҳор. Онҳо ҳамагӣ қоматбаланду малламӯй буданд. Ин тоифа аз банг истифода мекард. Вақте ки сари деворе менишастанд хумориҳ ба назар мерасиданд. Дар назарам бадани онҳо моххо обу собунро намедид.

Одатан, рӯзҳои ҷашн сафорати Шӯравӣ чорабиниҳои махсус пешбинӣ мекард. Масалан, дар шаҳрчаи Нодиршоҳӣ бозиҳои шохмот, теннис, волейбол миёни мутахассисин ташкил мегардид. Дар майдони сафорат мусобиқаи волейболбозон, кашидани банди ғафс (канат) сурат мегирифт. Дастаҳои ҳунарие, ки аз Маскав ва дигар ҷумҳуриҳои шӯравӣ омада буданд, барои мутахассисон консертҳо намоиш медоданд. Мақсад ин буд, ки шӯравиҳо ба шаҳр набароянд ва камтар ба чашми дохилиҳо расанд. Яъне амнияти шӯравиҳо бояд таъмин мегардид.

Ба хонаҳои дохилиҳо меҳмонӣ рафтан манъ мешуд. Ҳамчунин аз ҷумлаи афғонҳо меҳмон қабул кардани мо низ таҳти назорати шӯъбаҳои махсуси хидматӣ қарор дошт. Ҳарчанд ки банда озодона метавонистам дар хиёбонҳои Кобул сайру гашт кунам, аммо тартибро вайрон кардан намехостам. Аз ин рӯ, бештар бо оқои Ҳ.Назаров якҷо менишастем ва сари мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ сӯҳбат мекардем. Дар ҳамин рӯҳия Ҷашни истиқлоли Афғонистонро ба мушоҳида гирифта, то нуҳуми сентябр дар муҳити хонавода истироҳат намудам. Сентябр оғоз шуду мавзӯи омодагии Фотима ба мактаб мутаваҷҷеҳам сохт. Ҳамеша дар фикри ӯ будам, ки чӣ ҳол дошта бошад, аз сару либос таъмин аст ё не.

Даи Чӯпон ё Деҳаи Чӯпон...

Ҳаштуми сентябр сардорамон бандаро хост ва мавзӯи омӯзондани инженерони афғониро ба миён гузошт. Дар барномаи геологҳои шӯравӣ таълими ҷавонони дохилӣ акс ёфта буд. Мавсуф таъкид кард, ки мо нафақат маъданиёти

Афғонистонро кашф мекунем, балки аз ҳисоби афғонҳо кадрҳои геологӣ ҳам тарбия менамоем. Дар ҳамин замина маро огоҳ сохт, ки ҳамроҳи геологи шӯравӣ - Слава Гришин ва чанд тан аз инженерони афғонӣ ба Даи Чӯпон рафта, он ҷо дарсҳои геологиро тарҷума кунам.

Ба ҳамин мақсад, нуҳуми сентябр ба воситаи шоҳроҳи Кобул - Қандаҳор ҷониби Деҳаи Чӯпон сафар намудем. Майдони Ғазнӣ ва Мукурро паси сар кардем. Слава ба харитаи дар дастдоштааш нигоҳ карда, ба ронанда амр кард, ки ҷилавро ба тарафи рост тоб диҳад, ки сараки хома буд. Вақти аср ба мавзеъи Деҳаи Чӯпон расидем. Албатта, роҳаш хароб буд. Деҳаи Чӯпон мақоми улусволӣ - ноҳияро дошт. Ин ҷо намояндаи ҳукуматро улусвол мегуфтанд, ки аз калимаи пашту гирифта шудааст. Ҳарчанд ки дар талаффузи афғонҳо низ Даи Чӯпон гуфта мешуд, аммо бо дидани минтақа ба ин хулоса омадам, ки талаффузи Деҳаи Чӯпон дурусттар хоҳад буд. Яъне талаффузи афғонӣ ба талаффузи русӣ мувофиқат мекард. Сокинони минтақаи Деҳаи Чӯпон паштунҳо буданд. Тақрибан форсизабоне дучор наомад. Мардумаш ба форсӣ чандон хуб сӯҳбат намекард.

Мо дар даҳкилометрии Деҳаи Чӯпон қарор гирифтем. Афғонҳо дуртар аз мо хайма рост намуданд. Дарсҳо дар шаклҳои назариявӣ ва амалӣ мегузашт. Ҳарду дарс ҳам дар саҳро сурат мегирифт. Слава аз рӯи нақша ҷоеро интихоб менамуд, ки он ҷо нишонаҳое аз ин ё он маъдан вуҷуд дошт. Ӯ аввалан дар бораи маъдани марбута маълумоти назарӣ медод ва баъдан амалияи онро дар дониши бардоштаи геологи афғонӣ санҷиданӣ мешуд. Слава хеле самимиву илмӣ сари мавзӯъҳои маъданиёт сӯҳбат менамуд, худро хунҷигар месохт, аммо афғони коромӯз гӯё ҳеҷ чизро намефаҳмид, ки боз ба Слава ҳама гуфтаҳояшро ба тариқи савол ҳавола мекард. Банда бо забони соддаву равон тарҷума менамудам, вале афғон худро ба нодонӣ зада дувумбора «тарҷумон соҳиб, оқои Слава чӣ мехоҳад?» Вақте ин суханро барои Слава тарҷума менамудам, ӯ қариб ки девона мешуд ва ба лафзи худаш мехост, ки коромӯзро ҳақорат диҳад. Азбаски Слава дар Кафтарӣ шатаи дашноми русиро хӯрда буд, худро нигоҳ медошт ва сеюмбораву ҷорумбора навъи маъданро барои геологи афғонӣ шарҳу эзоҳ медод. Табиист, ки Слава мисли муаллим асабӣ мешуд, сигори «Беломор-канал»-ро рӯи ҳам бар лаб мегузошт, оҳ мекашид, ин тарафу он тараф рафтуо менамуд ва ба русӣ «ё худоё ба кучо афтодаам», мегуфт. Ин лаҳзаҳо Славаро ба пуртоқативу таҳаммул даъват мекардам ва ҳамзамон ба афғон мефаҳмондам, ки аз ин зиёд сари

геологи шӯравӣ ҷабр кардан аз рӯи инсоф нест. Афғон ҳис мекард, ки мо ранҷидаем, қавораашро таври сунъӣ тағйир медод ва аз Слава узр хостанӣ мешуд. Хеле ба душворӣ мефаҳмондем, ки Афғонистон бояд геологҳои худро дошта бошад. Охир, то кай хоричиҳо маъданиёти кишварашонро кашф мекунанд? Ман аз ин дарсҳо ба хулосае омадам, ки афғонҳо ҳеҷ гуна заҳматро баҳри коромӯзӣ ва дар оянда кашф кардани маъданиёти хеш кашидан намехостанд. Танбалӣ меъёри зиндагии онҳо буд. Давлат ба онон маош ва пули хидмати сафарӣ медод, то ки аз шӯравиҳо кор ёд гиранд. Афсӯс, ки ба ақидаи хеш содиқ мемонданд ва гуфтаҳои моро қариб, ки иҷро намекарданд.

Воситаи нақлиёти мо бештар асп буд. Ба ин хотир барои рафту омад дар кӯҳу теппа чанд сар аспи боркаш кироя намудем. Охирин дафъа соли 1955 ба аспи падарам дар қарияи Хонободи Кӯлоб савор шуда, то хонаи махсуми Лавова рафта ва пас баргаштам. Аз он рӯз 16 сол сипарӣ шуда буд. Сардори афғониамон беҳтарин аспҳоро барои мо - шӯравиҳо ҷудо кард. Мутаассифона, аспҳо хеле лоғару корношоям буданд. Ба душворӣ роҳ мерафтанд ва баъзан аз пошназанӣ пойҳо монда мешуданд. Рӯзе инженери дохилӣ оқои Расулӣ, ки инсони хубе буд, ба маршурут меравад ва ҷое аспаш дар чуқурие дар монда, болои обу лой меафтад. Асп ба он дараҷа беҳол будааст, ки баъди ёрии чандкасаи одамон аз ҷой баланд мешавад.

Бегоҳӣ вақти шом дидам, ки дар қароргоҳи афғонҳо сару садоҳо баланд шуд. Ман наздиктар рафта, аз вазъият хабардор шудан хостам. Оқои Расулӣ шахсеро, ки вазифааш аспҳоро коҳу ҷав додан буд, мезад ва бо лафзи худ ҳақоратҳои қабеҳ медод. Воқеан, барои коҳу ҷав пули даркорӣ ҷудо карда мешуд. Аммо вазъи ноҳинҷори иқтисодӣ инсонҳоро водор сохта буд, ки ҳаққи ҳайвонро ҳам ба нафъи хеш истифода намоянд. Азбаски ба аспҳо хӯроки заруриро намедоданд, табиист, ки онҳо ба он теппаҳои баланд баромада наметавонистанд ва аз роҳҳои качу килеби сангдор ҳам фаромаданашон беҳтар набуд, вале шикоят кардан намехостем, то ки боиси муноқишаи сардор ва хидматгорон нашавем. Дар гурӯҳи коромӯзии мо ҷавонони хатмкардаи синфҳои дувоздаҳ зиёд буданд. Ба хотири вақтро беҳуда нагузарондан як дастаи волейбол ташкил додем. Мо, ки дар маркази улусволӣ қарор доштем, ҷавонони таҳҷӯй низ чунин даста доштанд. Ҳар бегоҳ дар майдони спортии мактаб байни мову бачаҳои қария мусобиқа сурат мегирифт.

Дар ин сафар китоби генерали Армия Штименкоро бо

худ доштам, ки вақтҳои фароғат онро мехондам. Китоб «Штаби генералӣ дар солҳои ҷанг» унвон дошт. Муаллиф ҷараёни ҷанги панҷсоларо бо ҳама сарфармондеҳҳояш хеле ҷиддӣ инъикос карда буд. Штименко дар бораи сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи шӯравӣ И.В.Сталин содиқона ҳарф мезад. Мақоми ӯро дар иртибот бо миллати рус барҷаста рӯи тасвир оварда буд. Аз ҳама саҳифаҳои ҷолиби диққати ин китоб ҳамонҳоеанд, ки суханронии И.Сталинро дар шабнишинии Рӯзи Ғалаба бар фашизм дарбар кардаанд И.В.Сталин қадаҳ мебардорад ва чанд сухан дар ҳаққи халқи рус иброз медорад. Ӯ миллати русро дар миёни тамоми миллатҳои дигари шӯравӣ ба сатҳи аввал мебарорад. Истилоҳи «бародари калон» баъди ҳамин суханронӣ маъмул гардид. Ба ақидаи Сталин аз миллати рус дида дигар қавми баақлу ҷасур ва ташкилотчӣ нест. Ҳамчунин ӯ тамоми музаффариятҳои ҷангро ба ҳамин халқ нисбат медиҳад ва дар поёни суханаш аз ҳозирин даъват мекунад, ки ба саломатии миллати рус қадаҳҳояшонро баланд намоянд.

Воқеан, И.Сталин ба халқи рус баҳои баланд дода, ӯро дар арсаи байналмиллалӣ шӯҳратёр сохт. Ленинро низ Сталин шӯҳратёр карду доҳӣ эълонаш намуд. Давлати Шӯравиро Сталин давлати абарқудрат эълон дошт. Афсӯс, ки бо ҳамин қадар хизматҳо ин миллат аз И.Сталин қадршиносӣ накард, фақат бо як далел, ки ӯ гурҷӣ буд. Хидмате, ки гурҷӣ барои ин миллат раво дид, намояндаи ягон миллати дигар, алалхусус рус карда натавонистааст. Саркардагони ҳамин «миллати бузург» буданд, ки ҷасади Сталинро аз Мавзолей берун кашиданд. То ҷанде ки аз ғалаба бар фашизм ба дуриҳо меравем, ҳамон андоза мақоми боландаи Сталин равшантар мегардад. Ғалаба бар фашизмро бидуни мақоми сиёсиву низомии И.Сталин тасаввур кардан мумкин нест. Дар ин ҷанги хонумонсӯз сесад ҳазор кас аз Тоҷикистон иштирок дошт ва аз онҳо 51 нафарашон ба унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф гардиданд. Афсӯс, ки бо пареш хӯрдани Давлати сермиллати Шӯравӣ ҷанобон - роҳбарони ҳозираи Россия вобаста ба ин ғалаба ягон маротиба аз хуни рехтаи миллатҳои дигар ёдовар намешаванд. Фақат русҳо гӯё бо фашизм ҷангидаанд. Албатта, шовинизми русӣ дар айни ҳол қувват мегирад. Оқибаташ ба хайр шавад. Гумон намекунам, ки халқиятҳои дигари собиқ Шӯравӣ дувумбора худро дар бағали шовинистҳои рус меандозанд. Дуруст аст, ки Сталин чечену ингушҳоро аз зодгоҳашон ронд, вале накушт. Онҳо дар

Қазоқистону дигар мавзеъҳои Осиёи Миёна инкишоф ёфтанд. Вале ҳоло Россия нисбати халқияте, ки дар дохили он аст, чӣ амалҳоро ба анҷом расонида истодааст? Бо номи терроризм, наход ки як миллати мусулмон несту нобуд карда шавад? Магар дигар роҳҳои аз терроризм халосшавӣ нест? Оё, фақат мусулмонҳо террорист ҳастанд? Ин як навъ мусулмонкушӣ хоҳад буд, ки таърих ҳатман онро рӯи об мебарорад. Фаъолият ва ба чӣ ҳол гирифтор шудани Мелошовичи югослав мисоли равшани ин иддаост.

Чаҳордаҳуми сентябр бо ҳамроҳии Слава Гришин ба масофаи 12 км моҳигирӣ рафтем. Он ҷо қишлоқе буд, ки Марӣ ном дошт. Аз назди ин қария дарёе мегузашт, ки ҷараёнаш ором буд. Обаш мусафо. Дар дохили об моҳиҳоро дидан мумкин буд, ки ба болову поин рафтуо доштанд. Чунонки гуфтам, моҳигирӣ барои мо навъи истироҳат ба ҳисоб мерафт. Ҳатто афғонҳо борҳо савол мекарданд, ки чӣ сир аст, ки шӯравиҳо обу моҳиро ин қадар хуш доранд? Бо мурури замон баъзе аз инженерони афғонӣ низ чангак пайдо карда, бо мо ҳамкорӣ менамуданд. Ин рӯз бо мо маъмури гурӯҳ ҳамроҳӣ кард. Қоида чунин буд, ки мо бе афғонҳо ба ҷое бояд намерафтем, зеро мавзӯи амният пеш меомад. Ин дафъа мо ду нафар даҳ кило моҳӣ доштем. Бегоҳӣ ба қароргоҳи хеш баргашта, моҳиҳоро тақсим намудем. Афғонҳо хеле моҳихӯрӣ карданд. Онҳо худро сарзаниш менамуданд, ки чаро аз ин гӯшти болаззат истифода намекунанд.

Ҳангоми фаъолият дар ин гурӯҳ ҳам мо ҳар бегоҳ бо ҷавонони афғон доирашакл шуда, тӯббозӣ мекардем. Албатта ин тарзи бозӣ чандон ҳаловат намебахшид. Ба хулосае омадем, ки бегоҳиҳо ба мошинҳо савор шуда, ба маркази Деҳаи Чӯпон равем ва бо мактаббачагони он мусобиқаи волейбол ташкил диҳем. Аз мавзӯъ намояндаҳои мактаби марказро огоҳ сохтем.

Бегоҳии дигараш бо Славаю маъмури гурӯҳ ва чанд тан инженерони дохилӣ роҳи маркази улусволиро пеш гирифтем. Дар назди мактаб муаллимону шогирдонаш моро пазирой карданд. Майдончаи спортии мактаб озодаву обзадагӣ буд.

Дастаи мо бо номи дастаи волейболбозони Кобул омодаи бозӣ шуд. Дастаи мактаби марказ низ ба майдон баромаданд. Дар дастаи мо ману Слава беҳтар бозӣ мекардем. Дигар ҳамроҳонамон чандон маҳорат надоштанд. Аммо дастаи мактаб хеле чолок ва моҳир буд. Аз ин ҷост, ки се навбати аввал мо бозиро бохтем. Слава асабӣ мешуд,

афғонҳоро ҷанг мекард. Баъдан мо системаи бозии ононро омӯхтем ва онҳо бой доданд. Дар мачмӯъ бозӣ бошавқ гузашт. Аз сӯи дигар, чунин бозиҳо маънии дӯстиву рафоқат миёни афғонҳо ва Шӯравиро ҳам дошт. Мо дар ҳисоботамон ин мавзӯъро таъкид мекардем, то ки роҳбаронамон ҳини гузоришҳои хеш аз бозиҳои спортӣ ёдовар шаванд.

Маълум шуд, ки он бегоҳ ҳокими Деҳаи Чӯпон бо дастгоҳаш бозии моро тамошо кардааст. Баъд аз бозӣ моро ба ҳоким муаррифӣ намуданд. Ҳоким шахси бомаърифату ҷаҳонгаштае буд. Аз Шӯравӣ ба хушӣ сӯҳбат менамуд. Ӯ худ пашту буд, вале форсиро ҳам хуб медонист. Мо мехостем бо онон хайру хуш кунем, аммо ҳоким аз ҷониби муаллимини мактаб дастаро ба як пиёла чой даъват кард. Мавзӯъро ба маъмури гурӯҳ ҳавола намудем. Маъмур даъвати ҳокимро пазируфт. Муаллимин чою бодом таҳия намуда будаанд. Бодомаш аз меваҳои асосии Деҳаи Чӯпон ҳисоб мешудааст. Сӯҳбати мо сари дастархон то дер идома гирифт. Чою бодом гуфтанду вале ғизои шомро ҳам таҳия карданд. Хуфтан буд, ки бо соҳибхонаҳо хайру маъзур намудем. Ин бегоҳ истироҳати воқеӣ шуд. Ба роҳат хоб рафтам.

Нуздаҳуми сентябр мубоҳисаи ғайричамдоште миёни банда ва Слава Гришин сурат гирифт. Мо баъд аз нони чошт болои чапаркатҳои хеш дароз мекашидем. Ҳардуямон рӯй ба боло, дар даст китобе доштему мутолиа менамудем. Якбора Слава ба ман чунин савол дод:

-Назар ту чаро ба Афғонистон омадӣ? Магар дар ватан буданат хуб набуд?

-Ман ҷавоб ба аблаҳ сукут гуфта, гӯё саволи ӯро нашунидам, хомӯш мондам. Лекин Слава ин ҳолатро пай бурда, дуюмбора саволашро такрор кард.

Банда, ки дар рӯҳияи ватанпарварӣ тарбия ёфта будам ба Слава чунин ҷавобро салоҳ дидам: Вақте ки Давлати Шӯравӣ лозим донистааст маро барои хизмат фиристодааст, чӣ тавр метавон рад кард? Яъне Ватану Халқ бо ёрии мо барин кадрҳояш зарурат дорад. Илова ба ин, Афғонистон бо давлати мо дӯстӣ дорад, ҳамсоягӣ дорад. Дар Афғонистон будани мо, - гуфтам, мувофиқаи тарафайн аст. Магар ба Давлати Шӯравӣ зарур аст, ки форсидону русидонро аз ягон кишвари дигар гирифта фиристад. Дар айни ҳол ягона ҷумҳурии форсизабон дар ҳудуди Шӯравӣ Тоҷикистон аст. Аз ин ҷост, ки аксари тарҷумонҳои форсӣ ба русӣ аз ин ҷумҳурӣ интихоб мегарданд. Дар поёни сухан боз таъкид намудам, ки давлат ба мо барин кадрҳо зарурат дорад. Албатта, касеро дар гарданаш банд карда, зӯран ба

Афғонистон ё Эрон намебаранд. Давлат ишора мекунад, ки бародар, ман туро ин қадар сол тарбия намудам, бепул хонондам, акнун, ки ту соҳибихтисос гардидаӣ чанд муддат хизмати Ватанро адо карданат зарур аст. Бо шунидани ин суханон Слава яку якбора оташ гирифт, дуди сигораш бо дуди худаш омезиш ёфт, чеҳрааш сурх буд, сурхтар шуд ва сӯи ман нигоҳ карда гуфт: Мо ҳамаамон бо хоҳиши худ омадаем, зеро ба мошину ҳавлӣ зарурат дорем. Моро эҳтиёҷи шахсӣ, манфиати шахсӣ ба Афғонистон овардааст. Ҳеҷ хел ватандӯстӣ дар миён нест. Масалан, илова кард ӯ, - дар Бюрои ноҳиявии ҳизб аз ман пурсиданд, ки барои чӣ ба Афғонистон рафтан мехоҳам, ҷавоб додам, ки барои манзил харидан. Слава ба аъзоёни Бюро шарҳ додааст, ки навакак хонаи кооператив гирифтааст, аммо пулаш бепардохт мондааст. Ду-се соле, ки дар Афғонистон кор мекунам, пули хонаро бояд ҷамъ кунам.

Албатта, Маскав пойтахт буд ва шаҳрвандонаш низ шояд дар ҳамин навъ рӯҳия тарбия ёфта буданд. Он вақт ба мо мегуфтанд, ки манфиати давлат дар ҷои аввал бояд бошад. Дар Тоҷикистон агар мо ба саволҳои аъзоёни Бюрои ҳизбӣ мисли Слава ҷавоб медодем, гумон буд, ки моро ба хориҷа мефиристоданд. Ҳарчанд ки дар ботин бештар аз манфиати шахсӣ ҳарф мезадем, вале шифоҳан мо манфиати давлатро ба назар гирифта хизмате ё кореро анҷом медодем. Дигар ин ки давлат ҳам хуб мефаҳмид, ки ба ғайр аз манфиатҳои давлатӣ инсон манфиатҳои шахсӣ ҳам дорад. Лекин кадоме аз онро бояд дар ҷои аввал гузошт, ин масъалаи ҷиддие буд. Агар ин ду манфиат ҷойҳои худро пайдо намекарданд «хатои сиёсӣ» сар мезад ва як умр дар рӯ ба рӯи исми шахс саволе бо ранги сурх гузошта мешуд. Ман намегӯям, ки аз ин сафар манфиатманд набудам. Ҳаштод рубли солҳои ҳафтод барои каси оиладор, магар басанда буд? Агар дар хона ду меҳмон меомад, китобҳои луғатро болишт мекардам. Аммо маро, ки аз байни ҳашт нафар ҳамдарсонам яке аз нахустин интихоб карданд, ин ҷиҳат бароям шарафи калон буд. Бо вуҷуди эҳтиёҷмандӣ хизмат ба ватанро дар мадди аввал гузоштам ва баъд розигии худро додам. Метавонистам наравам. Ба ҷои ман дигар касро пайдо мекарданд. Садҳо хатмкардаҳои факултетҳои филологияву шарқ ва таърих солҳо интизорӣ мекашиданд ва орзу мекарданд, ки боре ба хориҷа сафар намоянд.

Пӯшида нест, ки ҳамон солҳо истилоҳи «факултети чархшиносӣ» пайдо шуд. Яъне касоне, ки ба шарқшиносӣ ҳуҷҷат месупориданд, онҳоро «чархшиносони» оянда

меномиданд. Чунин суханонро касоне мебофтанд, ки худ бахил буданд, нодидагирӣ мекарданд ва сиёсати давлатро ғалат мефаҳмиданд. Фаъолияти ҳамин навъ кӯрнамакҳо буд, ки Шӯравӣ пош хӯрд.

Вобаста ба талаботи ҳамон давр ман ҳайрон будам, ки баъди фаҳмидани мақсади Гришин чӣ тавр ба ӯ тавсиянома додаанд? Охир, вай рӯирост изҳор доштааст, ки барои сарватманд шудан ба сафари Афғонистон баромадааст. Намедонам чаро, вале рафтори Слава хеле мутаассирам сохт. Агар ман баъди баргаштан ба Кобул чунин рафтори ӯро ҷое арз медоштам, аҳволи Славаро бад мекарданд. Ба ҳар ҳол ӯ бо ин баҳсаш бандаро ранҷонд. Бори дувум аст, ки муносибати ношоями эшонро нодида мегирам. Гап дар ин аст, ки Славаро на шӯравиҳо ва на афғонҳо дӯст намедоштанд. Чандин дафъа геологҳои ҳамкорамон ӯро танбеҳ додаанд ва огоҳаш сохтаанд, ки ба хатои сиёсӣ роҳ надиҳад. Ҳар гапро носанҷида нагӯяд, афғонҳоро эҳтиром кунад. Аммо вай бо гузашти вақт боз ба беандешагӣ роҳ медод. Ба назарам чунин менамуд, ки Слава бо дили нохоҳам кор мекард. Зуд-зуд асабӣ мешуд, афғонҳо маъқулаш набуданд. Воқеан, агар ӯ ба пул эҳтиёҷ намедошт ду-се моҳ ҳам тоқат намекард ва роҳи Маскавро пеш мегирифт.

Дар Деҳаи Чӯпон, тақрибан бист рӯз маъмал шудем. Охирҳои сентябр ба Кобул баргаштем, зеро минтақае, ки қарор доштем, ҳавояш рӯ ба хунукӣ меовард ва ҳам барномаи таълимиашон ба поён расид. Ба чунин хулоса омадам, ки аз дарсҳои мо афғонҳо ҳеҷ баҳрае набурданд, чунки хоҳиш надоштанд. Бештари сафарҳои геологии мо вақтгузаронӣ буду бас.

Баъди ба Кобул баргаштан дах рӯз назди хонавода будам. Вақти хуби Кобул сентябру октябр аст. Ин моҳҳо беҳтарин навъи ангур, ба хусус ангури Шибирғон дар бозорҳои Кобул фаровон мешавад. Ҳамчунин харбузаи ширин низ ҳамин фасл лаззат мебахшад. Гӯшам бод ёфт, ки гурӯҳи геологие сафари Ҳирот дораду бандаро тарҷумон гирифтанӣ аст. Илоҷ набуд. Ба сафари навбатӣ омодагӣ бояд гирифт. Ин сафарҳо ҳаловатбахш ҳам буданд. Вагарна чӣ тавр метавон кишварро маҷонӣ тамошо кард?

Ҳирот - Шайдо...

Даҳуми октябр як ҳайати сенафарӣ аз геологҳои шӯравӣ дувумбора чониби Ҳирот рахти сафар бастем. Се рӯз дар

роҳ будем. Сездаҳум вориди Ҳирот шуда, қароргоҳи хешшаҳрчаи сохтмончиҳои шӯравиро интихоб карданӣ шудем. Азбаски гурӯҳи афғонии мо ҳоло дар роҳ буданд, ду-се рӯз маъталшуданамон зарур буд. Аз ин рӯ хостем, ки аз ҳисоби инженерони роҳсози шӯравӣ хонаеро иҷора гирем. Вале роҳбарашон Сергей Дмитровичи ҳафтодсола ба Кобул рафта будааст. Маҷбур шудем, ки ба муовини ӯ Павлюк Владимирович Денисович муроҷиат намоем. Вай чандон одами чиддӣ набуд ва ба гумонам ба ғайр аз худаш каси дигареро аз Шӯравӣ дидан намехост. Аз ин ҷост, ки «хонаи холӣ надорем», гуфт. Баъди чанд дақиқа гӯё пушаймон шуду хонаи тарҷумони собиқ Абдурасулро пешниҳод кард. Маълум гардид, ки ҳафтуми сентябр қарордодаш ба поён расидаасту ба Ватан баргаштааст. Бо шунидани ин хабари ногаҳонӣ андак худро ноҳуш эҳсос намудам. Махсусан, вақте ки дарвозаи хонаи Абдурасулро барои мо кушоданд, зиқӣ фишорам овард. Ин ҳолат орзуе ба сарам зад, ки чаро ман дар ватан не? Рӯзе мерасида бошад, ки ба Душанбеи азиз рахти сафар бандаму дар ҳалқаи хешу табор ва дӯстон бошам. Ин лаҳзаҳое буд, ки худамро танҳои танҳо медидам. Ман ба ӯ унс гирифта будам. Дар сафари аввал як моҳ дар хонаи вай истиқомат доштам ва ҳамеша якҷоя ба сайру гашти ҷойҳои таърихии Ҳирот мерафтем. Ҳарчанд ки мо се кас будем, аммо ҷойи Абдурасул холӣ буд. Чеҳраи хандонаш ҳоло ҳам пеши рӯям қарор дошт.

Анҷомҳоро ба хона дароварда ҳар кадом як ҳуҷраро банд кардем. Ин хона чор ҳуҷра дошт. Аз он шод будем, ки чанд рӯз дар шароити хубе қарор хоҳем гирифт. Вале чунин нашуд. Соатҳои 8-и шаб хабар омад, ки тарҷумони нав бо завҷааш бидуни хабари қаблие аз Кушка омадааст. Вақте ки ин хабар расид, мо дар клуб мехостем филми наверо тамошо кунем.

Тарҷумони нав Додарҷонов Қаландаршоҳи дарвозӣ соли 1965 Шӯъбаи арабии Донишгоҳи давлатиро хатм карда буд. Ачиб ин буд, ки ӯро дар Кушка касе пешвоз намегирад, зеро телеграмма аз Маскав нарасида будааст. Қаландаршоҳ бо оилааш аз поезд поён мешаванд, ин тарафу он тарафро назора мекунанд, аммо меҳмондорашонро намеёбанд. Тасодуфан марде аз қарордоди духтурон, ки ба Кушка рафта будааст, тарҷумонро бо худ ба Ҳирот меорад. Мо маҷбур будем, ки хонаро холӣ кунем. Аз қабати поён ба мо хонаи дигар пайдо карданд. Банда бо Қаландаршоҳ мондам. То як ҳиссаи шаб Душанбе ва солҳои донишҷӯиро ба хотир овардем. Аз чанде рӯйдодҳо қисса кард. Ӯ баъди Донишгоҳ

ба Дарвоз рафта будааст.

Банда, ки то ҷое таҷрубаи тарҷумонӣ андӯхта будам, ӯро ба баъзе шароитҳои кор ва тарзи рӯзгордорӣ ошно сохтам. Ҳарчанд Каландаршоҳ хоҳиш кард, ки то вақте дар Ҳирот ҳастам, дар яке аз ҳуҷраҳои ӯ зиндагӣ кунам, вале лозим надонистам ва ба қабати поён фаромада бо шарикони худ иқомат намудам. Аслан ман дар хонае, ки зани бегона ҳузур дорад, истода наметавонам зеро зане, ки дар деҳот калон шудааст назди мардони ношинос худро ноҳинҷор эҳсос мекунад. Ҳол он ки завҷаи Қаландаршоҳ бонуи хушрафторе буд. Сухани ширин мегуфт ва эҳтироми бандаро ба ҷо меовард.

Баъд аз ду-се рӯз аъзоёни гурӯҳи мо бо сардории Исматуллоҳхон ба Ҳирот расиданд. Дигар истодани мо дар Ҳирот зарурат надошт. Рӯзи дигараш ҷониби Шайдо ҳаракат намудем, ки дар самти Машҳад қарор дошт. Геологҳои мо он ҷо тилло пайдо карданӣ буданд.

Рӯзи шонздаҳуми октябр ба Шайдо расидем. Дар ҷойи барҳавое хаймаҳоро барқарор кардем. Ман барои худ хаймаи дукаса интихоб намудам, зеро дар хаймаи калон бо русҳо будан барои банда марговар буд. Онҳо сигор дуд медоданд, вале дуд ҷойи баромадан намеёфт. Як дафъа қариб ки дар бистараи геологӣ нафасгир шавам. Баъди он ҳодиса худи русҳо хоҳиш мекарданд, ки дар назди дуди сигори онҳо наистам. Мавзӯи хаймаи алоҳида ҷудо кардан ҳам ташаббуси русҳо буд. Дохили хайма чароғу радио доштам. Шабона то дер китоб мутолиа менамудам ва гоҳе андешаҳои танҳоӣ ҷониби Душанбе равонам месохт. Ин лаҳзаҳо дилтанг мешудам ва соатҳо хоб аз ман мегурехт.

Рӯзи ҳабдаҳум ба корҳои геологии мавзеи Шайдо оғоз кардем. Шайдоро метавон аз минтақаҳое донист, ки он ҷо бисёре аз гурӯҳҳои геологии шӯравӣ барои пайдо намудани маъданиёт моҳҳо вақт гузарондаанд. Яъне, яке аз нуқтаҳои асосии геологӣ, ки рӯи нақшаи ҷустуҷӯӣ гузошта шудааст, Шайдо ҳам буд. Масалан, чанд нуқтаро номбар кардан мумкин: Нористон, Бадахшон, Шибирғон, Ҳилманд, Андароб, Пактиё,Банди Амир, Шайдо, Кафтарӣ, Оҳанкашон, Панҷшер ва ғайра.

Шайдо номи умумии мавзеъ ё минтақа аст. Дар он ҷо-ҷо деҳачаҳои хурд-хурд ҷойгир шудаанд. Худи мавзеъ аз тешаву ҳамвориҳои регдор иборат аст. Ин фасли сол бо вуҷуди ин ки рӯзҳо офтобӣ мебошанд, ҳаво сард маълум мешавад. Шабона дохили хайма хунук аст. Ҳавояш мӯътадил набуд. Рӯзҳое буд, ки гармӣ боло мерафт ва рӯзҳое меомад,

ки ҳаво сард мешуд. Чун пештара ман бештар дар қароргоҳ мемондам. Баъзе корҳои майда-чуйдаро монанди ба тартиб даровардани намунаҳои сангу хок, тарҷумаи фармоишоти саринженер ва ғайраро ба анҷом мерасондам.

Дар ҳар сафари дур аз китобхонаи сафорат китобҳои бадеӣ мегирифтам. Банда бештар ба асарҳое алоқа доштам, ки дар бораи кору рӯзгори табақаи коргар буданд. Ин сабаб дошт. Доир ба ташаккули синфи коргари тоҷик бояд рисолаи номзадӣ менавиштам. Аз ин рӯ, мехостам, ки ҳама қиссаву румонҳои адибони шӯравиро дар мавриди мавзӯи синфи коргар мутолиа намоям. Ҳамарӯза ин навъ китобҳоро хонда ба дафтари садварақае мазмуни онҳоро ёддошт мекардам. Ҳамкоронам ба ин ҳоли банда механдиданд. Наход, мегуфтанд, кас вақташро ба хондани чунин асарҳои фач сарф намояд. Дар назари онҳо сарнавишти синфи коргар ҳеҷ дилчаспие надорад. Русҳо, умуман адабиёти ба қалами адибони рус тааллуқдоштаро намехонданд. Баръакс, ба асарҳои мочарописандӣ, детективӣ ва фантастикӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Аз ин ҷост, ки дар борхалтаҳои онҳо румонҳои Виктор Гюго, Ҷек Лондон, Балзак ва дигар адибони Ғарбро пайдо кардан мумкин буд. Албатта, банда ҳам ба китобҳои коргарӣ чандон шавқ надоштам, вале чӣ илоҷ, ки мавзӯи рисолаи номзадиам ҳамон буд ва мавод бояд ҷамъ мешуд, то ки ба таври типологӣ-муқоисавӣ мавзӯи мавриди назар дар мисоли ҳама асарҳои коргарӣ баррасӣ шавад.

Бояд гуфт, ки хонандаи Шӯравӣ аз солҳои шаст сар карда рӯ ба адабиёти Ғарб овард. Оғози ғарбгароиро маҳз ба солҳои шаст бояд иртибот дод. Ин падида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дертар, солҳои ҳаштодум ба мушоҳида гирифта шуд. Дар мисоли русҳои Маскаву дигар шаҳрҳои фарҳангии Шӯравӣ, ки бо банда ифои вазифа доштанд, метавон гуфт, ки онҳо нисбат ба мо барвақттар рӯ ба Ғарб овардаанд. Ғарбгароии тоҷикон дар асари таъсир бардоштан аз русҳо буд. Аз ин ҷост, ки адабиётфаҳмии онон нисбат ба мо боло рафта буд. Дар ин масъала мо маҳдуд будем.

Ҳаёте, ки ҳамарӯза дар дохилаш ҳастам чӣ зарурате ба хонданаш бошем. Русҳо рӯзгори ғарибиёнаро меписандиданд. Он ҷо озодандешӣ буд, дардҳо буд, инсони воқеӣ сухан мегуфту ақидаи хоси худро дошт. Дар мо чӣ? Ҳама ҳарфҳои қолабии ҳизбиёна рӯи коғаз оварда мешуданд. Он чи гуфтам ақидаи русҳо буд.

Моҳи Рамазон

Рамазони соли 1971 ба моҳҳои октябр-ноябр мувофиқ омад. Ба солшумории ҳичрии шамсӣ аввали Ақраби соли 1351, ки 20-уми октябр мешавад, дар кишварҳои исломӣ моҳи Рамазон оғоз ефт. Ҳама мусулмонони ҷаҳон ин рӯз барои ичрои яке аз аркони дини мубини Ислом муддати сӣ рӯз рӯза мегиранд. Солҳои даврони шӯравӣ рӯза барои мо ҷавонони тоҷик чандон муҳим набуд. Теъдоди каме аз ҷавонон шояд рӯза мегирифтанд. Аммо калонсолони табақаи деҳқону коргар, албатта рӯзаро пос медоштанд. Аз миёни зиёиён кам ашхосеро пайдо кардан мумкин буд, ки ин расми исломиро адо менамуданд. Дурусттараш муаллим, олим, духтур донишҷӯ ва шахсони дар мансабҳои давлатибуда рӯза намегирифтанд. Онҳо аз сиёсати давлат метарсиданд. Масалан, агар мефаҳмиданд, ки зану фарзанди муаллим ё мансабдоре рӯза доштааст, ӯро ба ҷазои маъмурӣ мекашиданд. Ёдам ҳаст, ки падарамро борҳо ба хотири ин ки модарам рӯза медошт, дар шӯрои педагогии мактаб муҳокима карданд. Вале ин муҳокимаҳо модарамро наметарсонд, балки мегуфт: «Муаллим, охир ман зани хонашине ҳастам, корашон чист, ки ман рӯза мегирам ё намоз адо мекунам»? Падарам андак асабӣ мешуду боз андеша мекард ва ба хулоса меомад, ки модарам ҳақ аст.

Банда, ки дар оилаи муаллими «сурх» тарбия ёфта ва боз коммунист ҳам будам, ба ин маърака чандон таваҷҷуҳ надоштам. Аммо шабе, ки дар регистони Шайдо афғонҳо гурӯҳ-гурӯҳ аз хаймаҳо берун шуда, рӯ ба тарафи осмони торик карданд, ман ҳайрон мондам ва аз яке пурсидам, ки ин мардум дар осмон чиро пайдо кардани ҳастанд? Исматуллоҳхони роҳбари гурӯҳи афғонӣ хандаи нозуке карду «тарҷумон соҳиб, пагоҳ дар Афғонистон моҳи Рамазон оғоз мегирад, аммо хабари расмие аз радио пахш нашуда истодааст. Ин мардум худашон мехоҳанд дар осмони ситоразор моҳтобро бубинанд». Маълумам шуд, ки дидани моҳи нав онҳоро боварӣ медиҳад, ки пагоҳ рӯза бигиранд. Ман ба Исматуллоҳхон гуфтам: «Омир соҳиб, ин мардум имшаб моҳи навро дида наметавонанд. Кас моҳро шабе мебинад, ки он се-чоррӯза шудааст. Падид омадани моҳро дар рӯзи аввал фақат ба воситаи асбобҳои ситорашиноси метавон дид.» Бале, ҷавоб дод, омири гурӯҳ. Хо, ба ин мардуми бесавод чӣ метавон гуфт? Онҳо чизи хостаи худро мекунанд. Ба ҳамин тарз то соатҳои даҳи шаб афғонҳо моҳро

ҷустанд, аммо дида натавонистанд. Пас ҳамагӣ ба хаймаҳо даромаданд ва гӯшҳо ба радио гузоштанд. Дар ахбори соати даҳӣ аз Кобул иттилоъ расид, ки моҳро дар Арабистони Саудӣ ба мушоҳида гирифтаанд ва пагоҳ аввали Ақраб дар кишвар рӯзи нахусти Рамазон шиноҳта шуда, ба ин муносибат дар сар то сари кишвар се рӯз рухсатӣ эълон мешавад.

Дуруст аст, ки Афғонистон давлати исломӣ буд. Аммо исломӣ на ба он дараҷае, ки масалан, ҳоло дар Эрону Арабистони Саудӣ ба мушоҳида мерасад. Сокинони Афғонистон дар гаштору тарзи либоспӯшӣ ва иҷрои фармудаҳои исломӣ аз Тоҷикистони шӯравӣ тафовути кам дошт. Дар мо, ки озодии вичдон мегуфтанд, он ҷо низ тахминан ҳамин тавр буд. На ҳамаи мардуми кишвар рӯзаву намозро адо мекарданд.

Табақаи зиёӣ ва кормандони идораҳои давлатӣ ба теъдоди хеле кам рӯза медоштанд. Рӯзаву намозро бештар табақаи камбизоат риоя менамуд. Яъне ҳамин табақа ҳудотарс маълум мешуд. Онҳо ботинан на аз худо, балки аз якдигар метарсиданд. Гуё агар ӯ намоз нагузорад шарикаш ҷое мегӯяд, ки фалонӣ намоз нахонд ва ё рӯза нагирифт.

Чанд соле, ки мушоҳида намудам, шоҳи Афғонистон-Аълоҳазрат Зоҳиршоҳ шаби аввали Рамазон бо ҳавопаймои шахсиаш - ИЛ-18, ки шӯравӣ ҳадяаш карда буд, роҳ сӯи маркази Итолиё-Рим пеш мегирифт. Афғонҳо хандида мегуфтанд, ки «шоҳ ба рухсатӣ баромада». Воқеан, ӯ бо аҳли байташ як моҳи Рамазон дар кишвар набуд. Аммо шабе, ки пагоҳаш дар масҷиди шоҳӣ намоз бояд сурат бигирад, Зоҳиршоҳ худро ба Кобул мерасонд ва пагоҳӣ дар соати муайян пушти сари мулло намози Иди Рамазонро адо менамуд. Албатта, мардуми Афғонистон хуб мефаҳмиданд, ки шоҳ дар Рим чанд меҳмонхонаву бӯстонсаро дорад, ҳама дороияш дар банкҳои Шветсария маҳфузанд, муддати як моҳи Рамазон ба айшу ишрат дода мешавад. Ҳол он ки шоҳро дар кишвар сояи худо мегуфтанд. Аз ин ҷост, ки дар Афғонистон чӣ номаъқулие, ки шавад, ҷавобашро на шоҳ, балки садри аъзам медиҳад. Сояи худо ба камбудҳои халқу ватан коре надошт. Магар чунин рафтори Аълоҳазрат худофиребӣ набуд. Ҳамин буд, ки Афғонистон валангор шуд, вале боз ҳам мардуми бечора ҷабр кашид.

Дар гурӯҳи мо ҷавононе, ки синфи дувоздаҳ хатм карда буданд, ба хотири ин ки дар мусофират қарор доштанд, рӯза намедоштанд «Мо дар мусофират ҳастем», - мегуфтанд. Ҳамон вақт хулоса баровардан ммкин буд, ки

Рамазон барои киҳост.

Шахсоне, ки дар гурӯҳ рӯзадор буданд, аз соатҳои сеи рӯз ба пухту паз омодагӣ мегирифтанд. Соати панҷу панҷоҳу панҷ дақиқаи бегоҳӣ вақти рӯзакушоӣ муайян шуда буд. Субҳ соати чаҳор аз хоб бархоста, то соати панҷи пагоҳӣ субҳона мехӯрданд. Вақтро ҳамарӯза радио эълон менамуд, зеро ҳар рӯз якдақиқаӣ илова мешуд. Ҳама муздурҳои гурӯҳ ба касалӣ гирифтор шуданд, зеро ғизои дуруст надоштанд. Онҳо аз ман даво мехостанд. Таблеткаҳои тетратсиклин зиёд доштам. Ҳар касале, ки мебуд аз ҳамин таблетка барояшон медодам, гӯё сиҳат мешуданд.

Дар моҳи Рамазон аз соати 8 то 14 кор мекарданд. Мо ҳам ин тартибро риоя менамудем. Аслан моҳи Рамазон қариб, ки кор набуд. Ба ҳар ҳол Рамазон идома дошт. Дар ин муддат мо ҷашни Октябрро интизорӣ мекашидем. Ин рӯзро дар Ҳирот бояд ҷашн мегирифтем. Аз ин рӯ, рӯзи чаҳоруми ноябр ҷониби Ҳирот ҳаракат намудем. Боз ҳам шаҳрчаи роҳсозонро қароргоҳ интихоб намудем. Шарикони ман хонаи як инженери роҳсози русиро ба ҷашнгоҳ табдил доданд. Чун пештара ин дафъа ҳам ба хонаи тарҷумони ҳамдиёрам Қаландаршоҳ меҳмон шудам.

Барои ману Қаландаршоҳ ин ҷашн чандон дилчасп набуд. Ҷашнҳои даврони шӯравӣ бо шаробаш аҳамият пайдо мекарданд. Дар ин рӯз на банда ва на Қаландаршоҳ мизи махсуси ҷашнӣ тартиб надодем, балки як палави тоҷикӣ омода сохтему сари мавзӯъҳои гуногуни рӯзгори хориҷиамон сӯҳбат оростем. Албатта, ҳамкоронам бо тамоми қоидаҳояш ҷашни Октябри 1971-ро пешвоз гирифтанд.

Субҳи ҳафтуми ноябр гӯшаки радиоро тоб додам, то ки аз Душанбе ҷараёни ҷашни Октябрро шунавам. Садои табрикотии нотиқ Абдусалом Раҳимов ба гӯшам расид. Тасаввур намудам, ки чи навъ дар ин рӯз донишҷӯёну устодони Донишгоҳи азизам аз майдони Ленин мегузаранд. Дар минбар роҳбарони ҷумҳурӣ - Ҷ.Расулов, А.Қаҳҳоров, М.Холов ва дигар чеҳраҳои шинохтаи соҳаи сиёсату фарҳанг қарор доранд ва бо дастҷунбонӣ мардумро пазироӣ менамоянд. Ин ҳолатҳо кас худро бекасу кӯй ва ғариб мебинад. На ҷойи рафтан ҳасту на дастурхони сӯҳбатзеб. Хуб аст, ки русҳо бо маю шароб дарди ғарибиашонро паси сар мекунанд, аммо банда чӣ? Дар гӯшае танҳо, худ дар худ қарор доштам. Ба истироҳати хонаводагии Қаландаршоҳ халалдор шудан намехостам. Аз ин рӯ, худро зудтар дар саҳро дидан мехостам. Он ҷо ба зиқ шудан вақт надоштам, балки бо афғонҳо сари масъалаҳои гуногун гап

мезадам ва аз онон чизҳое барои худ меомӯхтам.

Рӯзи нуҳуми ноябр саринженерамон бо геологҳои дигар ба масофаи дусад километр роҳ паймуда, соҳаи дигареро диданӣ рафтанд. Дар қароргоҳ аз шӯравиҳо ману Юра мондем. Юра инсони хубе буд, ба чизе кор надошт, ҳеҷ гоҳ бандаро бечо ташвиш намедод. Азбаски ошпазамон - Шоҳмаҳмад низ рафта буд, Юра ошпазӣ мекард ва гӯё аз ин ҳунар истироҳат медид.

Чунонки гуфтам, бо ҷавонони афғон ва умуман табақаи мактабхонда сӯҳбат карданро хуш доштам. Аз гуфтугӯе, ки миёни банда ва ҷавонон сурат мегирифт, маълум мешуд, ки аксари онҳо мутолиаи китобу маҷалла ва рӯзнома надоранд. Дониши суннатӣ ва муосирашон хеле заиф буд. Албатта намозу рӯзаро адо мекарданд ва ҳамонро ҳам хеле содда мефаҳмиданд.

Дар Афғонистон шахси инженер касе аст, ки худро аз ҳама босавод мебинад. Ӯ гӯё ҳама мавзӯотро мефаҳмад ва сари онҳо баҳсҳои илмӣ ороста метавонад. Дуруст аст, ки ин тоифа соатҳо ҳарф мезанад, аммо ягон зарра ба мавзӯъ наздик намешаванд. Сафсата ва бас. Чунин инженерон дар гурӯҳи мо се нафар буданд. Яке аз онҳо Оқогул буд, ҳамоне ки рӯзҳои дар Кафтарӣ будан дар бораш андаке маълумот дода будам. Ӯ, воқеан баҳсро дӯст медошт. Вақте ки аз банда акси ҷавобҳои хешро медид, аз баҳс мегурехт. Дигар ҷиҳати Оқогул он буд, ки дохили хайма аз ҳама боло менишаст ва шахсони аз худ хурдтарро насиҳат мекард. Ба онҳо кору зиндагиро ёд доданӣ мешуд, аз таҷрибаи рӯзгори хеш мисолҳо меовард. Оқогул хатмкардаи донишгоҳ буд, вале аз илми геология бӯй намебурд. Хеле тааҷҷубовар буд, ки аз нақшаи геологӣ ва компас - қутбнамо истифода бурда наметавонист. Аксаран аз банда мепурсид, ки «тарҷумон соҳиб, чи навъ самти ҷанубу ғарб ё шарқро ба воситаи компас муайян кунам?». Танбалиаш ба он дарача буд, ки бештари вақтҳо худро дурӯғакӣ бемор эълон мекард, то ки бо геологҳо ба саҳро наравад. Яку якбора худро маризу бемор нишон додан ба ҳамаи ҷавонони гурӯҳи мо тааллуқ дошт. Ҳамааш гапро дӯст медоранд, аммо ба заҳмат кашидан майлу хоҳиш зоҳир наменамоянд. Яъне сухан доранду амал не.

Онҳо, ки китобхонии бандаро ба мушоҳида мегирифтанд, мехостанд барояшон китобе ба хати арабӣ пайдо кунам. Аз чунин китоб дар дастам «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил буд, ки ба онон тавсия намудам. Китобро ба ду дасти адаб қабул карда, ба пешонӣ гузошта бӯсиданд, вале мутолиа накарданд. Вақте ки баъд аз як моҳ аз онҳо савол кардам,

ки «Шӯроб» маъқул шуд ё не? Гуфтанд, ки то ҳол варақ назадаанд. Ин ҷавонон хоҳиши русихонӣ пайдо карданд. Банда вазифаи муаллимиро ба ӯҳда гирифтам. Як-ду маротиба ҷамъ шудем, гӯё дарсҳо оғоз шуданд. Ҳайҳот, ки тоқати дарсхонӣ ҳам зоҳир накарданд.

Ҷамъияти дӯстии Шӯравиву Афғонистон як силсила филмҳои русиро ба форсӣ таҳия намуда, дар гӯшаву канори кишвар намоиш медод. Дар гурӯҳи мо низ аз чунин филмҳо намоиш медоданд. Баъд аз тамошои филм афғонҳо изҳори нобоварӣ мекарданд, ки гӯё шӯравӣ фақат муваффақиятҳояшро ба тамошобинон пешниҳод намуда, аз камбудҳои рӯзгори мардуми хеш чизе намегӯяд. Албатта, ин эродашон воқеият дошт, вале онро тасдиқ ҳам кардан душвор буд. Воқеан, аз филмҳое, ки ба ҷанги Олмону Шӯравӣ бахшида мешуданд, бештар саҳнаҳои немискуширо медиданд. Немисҳо беақлу гумроҳ, тарсончаку беқудрат рӯи навор омада буданд. Гузашта аз ин, он даврон марказҳои иттилоотии Би-би-си, Садои Амрико ва ғайра бисту чаҳор соат ташвиқу тарғиби зидди Шӯравӣ мешунавонданд. Афғонҳо ҳамашаба, баъд аз соати даҳ, ин гуна садоҳоро гӯш мекарданд ва табиист, ки ба он садоҳо боварӣ ҳосил менамуданд.

Дигар чизе, ки ба мушоҳида мерасид, бемасъулиятии инженерони дохилӣ буд. Тавре ки болотар ишора кардам, инженер худро каси эҳтиромманд медид. Ӯ, ки дипломи мактаби тахассусии олӣ дорад, бояд эҳтиёт шавад. Агар аз ӯ зиёд кор гирифтан мешуд, ин як навъ беэҳтиромӣ нисбат ба эшон буд. Аз ин ҷост, ки инженерони рус шаш рӯзи ҳафта заҳмат мекашиданд, вале геологҳои афғонӣ ҳафтае ду рӯз ба саҳро мебаромаданду халос. Рӯзҳои дигар худро мариз эълон медоштанд. Ачабаш он буд, ки шахси бемор тамоми шаб сурудхонӣ мекард, аммо субҳ, ки шуд, боз худро ба маризӣ мезад.

Метавон гуфт, ки борони аввалини фасли хазони Шайдоро шаби даҳуми ноябр ба мушоҳида гирифтем. Минтақаи Шайдо боду ҳавои ачибе дошт. Як дам бод мевазид, боз гармӣ таъсир меовард. Дар як шабонарӯз ҳаво чанд дафъа тағйир меёфт.Аз ҳама падидаи бадаш бодҳои шадид буд. Бод ҳам мустақил набуд. Агар як рӯз аз самти чануб оғоз мегирифт, рӯзи дигар чараёнашро аз тарафи шимол шурӯъ мекард. Мо ҳеҷ намедонистем, ки дарвозаи хаймаро аз кадом самт гузорем. Ҳар рӯз як бор ҷойгирии дарвозаи хаймаро тағйир медодем. Гӯё чараёни бод аз ҳоли мо воқиф шуда буд, ки аз ҳар тарафе, ки дарвоза мемондем,

бод аз ҳамон сӯ шиддат мегирифт ва мустақим худро ба дохили хайма мезад ва чангу хоки даруни онро ба ҳаво паҳн менамуд. Аз ҳамон вақт сар карда, бодро дӯст намедорам, зеро ҳамеша табъамро хира месохт.

Дар ҳамин замина, шаби 10-уми ноябр ҳаво ба боридан сар кард. Банда бо Юра дохили бистараҳо шудем. Торафт борон шиддат ёфт. Мисле ки борон ҳам монанди бодҳои Шайдо ҷараён дошт: гоҳе шиддаташро зиёд ва гоҳе ором мекард. Борон то соатҳои 12-и рӯзи ёздаҳум идома ёфт. Азбаски хаймаи мо зери теппаҳо қарор дошт, ҳавф аз он доштем, ки ба ногоҳ шабона сел ояд ва моро бо хаймаву анҷомҳомон ба дарёчае, ки поёнтар ҷорӣ мешуд андозад. Чунин ҳодисаҳо зиёд рух додаанд. Аз ин рӯ, хобамон нороҳат шуд: гоҳ бедору гоҳе хоб. Хайрият, чошти дигар борон қатъ гардид. Ба ивази борон акнун боз боди шадиде ба вазидан шурӯъ намуд. Ин дафъа бод сахттар ба назар мехӯрд. Хаймаи даҳнафарии моро ба рақс даровард. Хайма ба лаҳзаҳои чаппашавӣ дучор меомад. Ман дидам, ки хайма чаппа шудани аст, ба омири гурӯҳ Исматуллоҳхон муроҷиат намудам, то ки ду-се муздурро барои ёрии мо сафарбар намояд. Мо аз онҳо хоҳиш кардем, ки ҳарчи зудтар ба гирду атрофи хайма хок андозанд. Чунин тадбир хаймаи моро наҷот дод.

Дуртар аз қароргоҳи мо, дар соҳили дарёча гурӯҳи геологии Коваленко хаймаҳо зада буданд. Онҳо дар гӯшае «ташноб-ҳоҷатхона» доштанд. Ҳамеша худро нисбат ба гурӯҳи мо маданӣ меҳисобиданд: бубинед, мо муҳити зистро эҳтиёт мекунем, ҳарҷо ки рост омад, таҳорат намешиканем, балки ташноби тарзи аврупоӣ сохтаем. Албатта, ин корашон ибратангез буд. Вале борони дишаба оби дарёчаро зиёд карда, аз сатҳи соҳил боло бароварда, ташноби ҷаноби Коваленкоро кайҳо ба қайиқ табдил дода буд. Аммо онҳо аз ин ҳодиса хабар надоштанд. Пагоҳии дигар яке аз геологҳои гурӯҳи мазкур сигор бар лаб ҷониби ташнобашон меравад ва мебинад, ки он дар ҷояш нест. Ин тарафу он тараф назар меафканад, вале ташнобро намебинад. Баъд аз саргардониҳои зиёд рӯ ба соҳил меорад ва пай мебарад, ки ташнобро селоби ҷӯй канда бурдааст. Ин ҳодиса боиси хандаи мо шуд. Коваленко хеле асабӣ буд, намедонист, ки гуноҳро ба сари кӣ бор кунад. Фақат сигор дуд медод. Ману Юра аз баландӣ ҷониби қароргоҳи Коваленко назар медӯхтему ба ҳолашон механдидем. Хандаовар буд, ки дар чӯлистоне, ки пур аз талу теппа аст, боз ташноби махсуси аврупоӣ сохтаанд. Чӣ

зарурат дорад, вақте ки ҳавои кушод дар ихтиёр аст?

Бо вуҷуди чунин боронҳо, дар Афғонистон чанд соли охир хушксолӣ омад. Ин боиси гуруснагӣ ҳам гардид. Бесабаб набуд, ки Афғонистони шоҳӣ аз чандин давлатҳои дигар ғалла қарз гирифт. Масалан, Шӯравӣ ба маблағи ҳафт ҳазор доллар тухмию кунҷора ва гандум ёрӣ расонд. Албатта, ин маблағ мардуми кишварро қаноат кунонда наметавонист. Онҳо миёни худ дар сӯҳбатҳошон аз Шӯравӣ гилаҳо доштанд. Барои онҳо ҳафт ҳазор доллар ҳеҷ буд. Ҳол он ки маблағи мазкурро Шӯравӣ бидуни пардохт ба Афғонистон дода буд. Умуман, ҳама кӯмакҳои Шӯравиро афғонҳо нодида мегирифтанд. Гузашта аз ин, онон ба мо эрод мегирифтанд, ки газро кашф кардему ба манфиати худ истифода менамоем ва ғайра.

Дар ин рӯзҳо аз Кобул хабар расид, ки як ҳайъати чанднафарӣ аз мутахассисони шӯравӣ мехоҳанд, ки корҳои геологии гурӯҳҳои минтақаи Ҳиротро тафтиш кунанд. Чунонки гуфтам, чанд гурӯҳи геологӣ ифои фазифа доштанд. Ҳайъат аввалан ба қароргоҳи мо ва гурӯҳи Коваленко, ки дар Шайдо будем, омаданд. Онҳоро пешвоз гирифтанд ва барои ҷойи хоб шаҳристони Коваленкоро интихоб намуданд. Аслан ҳар меҳмоне, ки меомад Коваленко аввалтар аз дигар саринженерон ташаббус нишон медод ва ӯро ба қароргоҳи хеш мебурд. Саринженери мо марди фурӯтан буда, тамаллуқро дӯст намедошт.

Табиист, ки чунин ҳайъатҳои тафтишотӣ ба гурӯҳҳои геологӣ ҳеҷ ёрии назариву амалӣ намедоданд, балки бо андак ошноӣ бо нақшаҳои геологӣ ва маълумот гирифтан аз роҳбарони гурӯҳ дигар ба шаробнӯшиву қартабозӣ масруф мегаштанд. Русҳои гурӯҳи мо низ ба хотири меҳмонҳо шароб менӯшиданд ва як ҳиссаи шаб масту аласт ба хаймаи хеш бармегаштанд. Дар ин навъ нишастҳои дастаҷамъӣ банда ҳеҷ гоҳ шарик намешудам. Радио гӯш мекардам, китоб мехондам. Ҳолати танҳоии маро инженерҳои афғонӣ эҳсос мекарданд ва ба хаймаи банда меомаданд ва то дер сари мавзӯъҳои гуногуни зиндагӣ сӯҳбат менамудем. Бештар Исматуллоҳхон меомад ва танҳоиямро барҳам мезад. Имшаб ҳам дуямон сӯҳбати гарме доштем, ки геологҳои руси омаданд. Дар пой истода наметавонистанд. Исматуллоҳхон, ки аз шароб парҳез дошт, ба зудӣ худро ба беруни хайма зад. Ин лаҳзаҳо хешро шармсор медидам ва дар ботин мегуфтам, ки чаро мо шӯравиҳо ба ҳар кишваре, ки равем, қонуну тартиботи хоси худро ҷорӣ кардани мешавем? Чаро

мо урфу одати давлати қарордоштаамонро эҳтиром намекунем? Шаъну шарафи шаҳрванди Шӯравӣ будан чӣ мешуда бошад? Ва ба ҳамин монанд саволҳо азиятам медод. Чунин ҳолати моёнро ба мушоҳида гирифта, афғонҳо ба ман савол медоданд, ки мо аз ин мардум чиро бояд омӯзем? Гузашта аз ин, Афғонистон кишвари исломӣ буд ва вақти ба ин кишвар омадани мутахассисе ба ӯ мефаҳмонданд, ки эҳтиёт бошад, ба нафси мардуми мусулмон нарасад ва анъаноти онро эҳтиром дорад. Баръакс ба ин ҷо, ки меомад, таъкидҳои идораҳои марбутаро фаромӯш мекард ва назди худ саволҳо мегузошт, ки чаро афғонҳо рӯза медоранд ва чаро намоз мегузоранд? Як камбудии ҷиддии мутахассисини русӣ дар он буд, ки онҳо дар бораи кишвари Афғонистон, таъриху адабиёти он, фарҳангаш ва мазҳабаш тасаввурот надоштанд. Ягон нафар аз бузургони ин мардумро намедонистанд. Табиист, ки миллати рус ва дигар русзабонҳои шӯравӣ зери таъсири қудрати халқи кабир монда, ба ғайр аз таъриху адабиёти русӣ дигар донишро аз халқиятҳои шӯравӣ азбар намекарданд. Тавре ки мо тоҷикҳо аз таъриху адаби русӣ иттилоъ доштем, Пётру Пушкинро медонистем, «бародарони бузург» аз ин падида бебаҳра буданд. Баъдан онҳо ҳайрон мешуданд, ки аз куҷо мо ба чеҳраҳои таърихиву фарҳангии онҳо ошно гардидаем. Банда ҷавоб медодам, ки аз барномаҳои таълимии мактабҳо, аз китобҳо онҳоро шинохтаем. Ҷойи тааҷҷуб буд, ки халқиятҳои Осиёи Миёнаро қариб, ки намешинохтанд. Дар бораи Турсунзодаву Ғ.Ғулом, Б.Карбобоеву Зулфия ва дигар чеҳраҳои муосири ин мардум маълумот надоштанд. Андаке Чингиз Айтматовро бо «Прошай, Гулсарӣ»-аш мешинохтанд. Вақте ки ман доир ба сарнавишти Л.Толстой, Достоевский, Маяковский, С.Есенин, М.Шолохов ва даҳо дигарон нақл мекардам, геологҳои русӣ ҳайрон мемонданд ва ҳамон Слава Гришин мегуфт: «Мо ба бузургони шумо зарурат надорем, онҳо ба дониши ҷаҳонӣ чизе зам накардаанд, аммо Пушкини мо воқеан бузург аст». Он бадбахт кай медонист, ки гузаштагони Пушкин аз кадом қавм асту авлодони Петр аз куҷо ба Россия омадаанд. Албатта, кӯшиш мекардам, ки бо онҳо ба баҳс дода нашавам, зеро фоида надошт. Бузургманишиашон хеле боло буд. Аммо банда худамро ба он тасалло медодам, ки аз онон беҳтар дар бораи адабиет маълумот дар ихтиёр доштам. Барномаҳои таълимии даврони шӯравӣ барои миллиятҳои ғайрирусӣ аз беҳтаринҳо буданд. То ҷое моро маҷбур месохтанд, ки адабиёту фарҳанги шӯравиро хубтар шинохта бошем. Дар маҷмӯъ худро

вобаста ба рафтори ношоями ҳамкорони шӯравиам нороҳат медидам.

Ниҳоят, рӯзи охири Рамазон низ расид. Афғонҳо шаби 18-уми ноябр боз аз хаймаҳо берун шуданд ва худро барои дидани моҳи нав, ки аз оғози Иди Рамазон шаҳодат медод, омода сохтанд. Афсӯс, ки боз дида натавонистанд ва аз радиои Кобул шуниданд, ки дар Арабистони Саудӣ моҳи навро ба мушоҳида гирифтаанд. Ба ҳамин тариқ, рӯзи 18-ум-мутобиқ ба 29 Ақраб дар кишварҳои исломӣ оғози Иди Рамазон эълон карда шуд. Се рӯз рухсатӣ буд. Рӯзи охири Ид ба якуми Қавс рост меомад. Мусулмонон як моҳ ин рӯзро интизорӣ кашиданд. Ҳамкорони афғонии мо ниҳоят шоду хуррам маълум мешуданд. Вақте ки аз радиои Кобул иттилоъ пайдо карданд, ҳамагӣ «фардо ид, фардо ид», - гӯён хурсандӣ мекарданду кулоҳҳои худро ҳаво медоданд. Аз ин ҷост, ки дохилиҳо то рӯз интизорӣ накашида, шабона Шайдоро тарк карда, сӯи Ҳирот раҳсипор гардиданд. Ин ба он хотир буд, ки пагоҳии 18-ум дар намози ид, ки дар Масҷиди ҷомеи Ҳирот баргузор мегардид, иштирок намоянд.

Мо шаби идро дар хаймаҳои хеш гузаронда, пагоҳӣ барвақт сӯи Ҳирот ҳаракат намудем. Мақсад ин буд, ки рӯзҳои идро дар шаҳри сарҳадии Кушка гузаронем. То ба Ҳирот расидан сари роҳ бояд мавзеъи Зиёратгоҳро убур мекардем. Зиёратгоҳ шаҳри мурдаҳоро мемонд. Мардуми зиёде ба гуруҳҳои сесад-чорсаднафарӣ тақсим шуда дар атрофи мазори авлодону мақбараҳои авлиёҳову хоҷагон қарор доштанд. Асосан авлодону хонаводаҳо ҷамъ шуда буданд. Зиёратгоҳ дар 8-10 километрии шаҳри Ҳирот ҷойгир шудааст. Зиёратгарон дегҳо гузошта буданд ва зери ҳар кадом оташ бо дуди ғализи худ ба чашм мерасид. Дудҳо ҳархела буданд, зеро маводи сӯхташон низ фарқ мекард. Мардум бо либосҳои идона гузаштагони хешро ёдоварӣ мекард. Ҳатто бачаҳои шаш-ҳафтсола дар сар дасторҳои сафед доштанд. Бонувон дар тан болопӯшҳои ҳаррангаи дароз ва дар сарҳошон рӯймолҳои калони сафед пӯшида буданд. Роҳи асосӣ аз миёни издиҳоми зиёратгарон мегузашт. Азбаски ронандаҳои мо ид доштанд, як геологи рус сари ҷилави мошин қарор дошт. Ӯ боэҳтиёт мошин меронд, то ки ба касе зарар наорад.

Воқеан, тамошои аҷибе буд. Ниҳоят ба Ҳирот расидем. Паспортҳои мо дар ихтиёри Федосеев С.Д. буд. Мутаассифона, эшон ба Кушка рафта будааст. Набудани ӯ моро сахт асабӣ сохт. Маҷбур будем, ки рӯзи аввали рухсатиро дар қароргоҳи роҳсозони Шӯравӣ гузаронем.

Федосеев бегоҳии 18-ум ба Ҳирот баргашт. Рӯзи дигараш ҷониби Кушка ҳаракат намудем. Аз Ҳирот то Кушка 120 км роҳ буд. Ин шоҳроҳро шӯравиҳо сохта буданд. Дар тӯли роҳи дусоата то сарҳади Афғонистон манзараҳои дилчасп ба назар нарасид. Фақат теппаҳои сурху сиёҳро медидему бас. Қароргоҳи сарҳадчиёни Афғонистон бо номи Турғундӣ ёд мешуд. Ин ҷо як аскари салладорро бо автомати «Калашников» дидем, ки сарҳадро бонӣ мекард. Мо аз мошин поён шуда бо ӯ салому алейк намудем ва сипас қумондони сарҳадро пурсон шудем. Ману он аскар сӯи хонаи иқоматии қумондон роҳ пеш гирифтем.

Мутаассифона, дар хонааш пайдояш накардем. Духтараш ба мо гуфт, ки мудир ба идгардак рафтааст. Дигар илоҷе набуд. Аз ин рӯ ба қароргоҳи сарҳадӣ баргаштем ва ба ин сӯву он сӯ назар андӯхтем, то ки қумондонро пайдо намоем. Ҳушбахтона, ӯ мошини моро аз дур дида будааст, ки дав-давон ба ҷойи кориаш меомад. Дар масофаи 10-15 метр банда ба пешвозаш рафтам, ба иди Рамазон табрикаш гуфтам ва худро муаррифӣ кардам. Эшон аз тоҷик буданам изҳори хушӣ намуда, ба маъданшиносони русӣ салому алейкро ба ҷо оварда, сипас дохили дафтари кориаш шуд. Ман паспортҳоро назди вай гузоштам. Қумондон ба зудӣ ба шиносномаҳои мо мӯҳри иҷозат зада, ҳамзамон ба посте, ки амри гузаштани сарҳадро медод телефон карда, супориш дод, ки ин меҳмононро бидуни тафтиши гумрукӣ иҷозати гузаштан диҳад. Банда бори дигар ба қумондон миннатдоргӣ намудам ва чанд сухани таъоруфие, ки мансабдорони афғониро аз шунидани онҳо хуш меомад, иброз доштам. Қумондон дар посух «на,на, тарҷумон соҳиб, хайр аст, шумо меҳмони мо ҳастед, қобили ташаккур надорад, бифармоед», гӯён моёнро аз қароргоҳаш гусел кард. Фосилаи байни сарҳади афғониву шӯравӣ 100-150 метрро ташкил медод. Албатта сарҳади Шӯравӣ ҷиддӣ муҳофизат мешуд. Сарҳадбонон сари роҳи моро гирифтанд. Қавораашон хеле ҷиддӣ буд. Чунин ба назар мерасид, ки вайронкунандагони сарҳад дар рӯ ба рӯи онон қарор гирифтаанд. Шиносномаҳоро бо диққат медиданд ва чеҳраи ҳар кадоми моро бо акси болои шиноснома муқоиса мекарданд. Нозири сарҳад, шиносномаи бандаро ба даст гирифту ба ришу мӯйлабҳои дарози ман назар андӯхт ва хулоса бароварда, ки соҳиби акси шиноснома банда ҳастам. Баъдан моро ба хоначаи дигаре даъват намуда, анҷомҳоямонро тафтиш карданд. Чизи шубҳаноке ба назарашон нахӯрд. Сипас иҷозати аз сарҳад гузаштанро доданд. Баъди чанд лаҳза мо

вориди шаҳрчаи низомии Кушкаи Туркманистон гардидем. Дар меҳмонхонае ҷой гирифтаем. Мо дар кӯчаву хиёбонҳо озодона мегаштем, зеро ин шаҳрча гӯшае аз ватани мо буд. Русҳо ба зудӣ худро ба почта заданд, то ки ба хонаҳошон телефон кунанд. Онҳо дигар ба тарҷумон зарурат надоштанд. Бояд гуфт, ки дар ин рухсатӣ шӯравиҳои дигар низ ба Кушка омада буданд. Ман чандин касонро дидам, ки аз гурӯҳи маъданшиносони русӣ буданд. Бо Слава ба телефонхона даромадам ва дидам, ки Коваленко ба шаҳри Орҷоникидзе занг мезад. Вай чунон кайф дошт, ки аз духтараш мепурсид, ки «канӣ зани ман». Духтараш аз он тараф «падарҷон, ин ман мегуфт», аммо ӯ ба ҷои ҳолу аҳволи духтарашро пурсидан, «занам дар кучост», гӯён дод мезад. Маълум шуд, ки занаш пайдо гардид. Онҳо чанд дақиқае сӯҳбат карданд. Табиист, ки моҳҳо дар кишваре бе оила зистан, сахт буд. Аз ин рӯ, дар тасаввури Коваленкои ғариб низ на фарзандон, балки завҷааш чарх мезад. Вақте ки ман ба Коваленко тарзи сӯҳбаташро бо телефон ошкор сохтам, ӯ дар ҳайрат монда, «находи ки духтарамро аҳволпурсӣ накардаам», мегуфт. Бовар намекард, вале ба ҳоли худ механдид.

Банда, ки дар Душанбе телефон надоштам, беташвиш будам. Ба клуб даромада, чанд соате ба сақабозӣ худро масруф сохтам. Ҳамроҳонам бошанд, баъди занг задану худро ором эҳсос намудан, ба кабобхонаҳо даромада, аз шароби «водка», ки ин ҷо фаровон буд, лаззат мебурданд. Ман фақат кабоб хӯрдаму дигар бо онҳо ҳамроҳӣ накарда, ба тамошои шаҳрчаи Кушка дода шудам. Ин як шаҳри начандон калони сарҳадӣ буда, бошандагонашро бештар низомиён ташкил медод. Туркманҳо хеле кам ба назар мехӯрданд. Чунин ҳам шуд, ки ҷое маро ду милисионер нигоҳ дошта, чанд саволе доданд то ки шахсиятамро маълум намоянд. Вақте ки «аз он тараф буданам»-ро донистанд, узр хостанду истироҳати хуб орзу намуданд. Гузашта аз ин, ман ҳис мекардам, ки зери назорати кормандони бехатарӣ будем. Ҷо-ҷо ба мушоҳида мерасид, ки шахсони номаълуме пушти сари мо мегаштанд. Ба серӣ то бевактии шаб аз ҳавои Ватан нафас гирифтам. Хоби шабонаам ҳам бароҳат гузашт.

Бистуми ноябр бо як ҷаҳон ноумедӣ бо худ нишониҳое аз хӯрокворихои Ватан харидорӣ намудему боз худро ба шоҳроҳи Кушка-Ҳирот задем. Барои баргаштан пойҳо ҳаракат намекарданд. Русҳои ҳамкорам дилшикаста маълум мешуданд. Ин лаҳзаҳо онҳо қаҳрашонро ба воситаи дуди сигарет мебаровардан. Аммо чӣ илоҷ? Мо дар хизмати Ватан будем. Бо амри ҳамин хизмат худро тасалло медодем. Бегоҳӣ

ба Ҳирот расидем. Азбаски ин ҷо иқоматгоҳе надоштем, сӯи қароргоҳи кориамон Шайдо роҳ пеш гирифтем.

Баъд аз Иди Рамазон боз корҳои маъданшиносӣ идома ёфтанд. Кормандони афғонӣ ҳам пайдо шудан гирифтанд. Дар ин рӯзҳо худро бад эҳсос мекардам, зеро ба дарди гулӯ гирифтор шуда будам. Рӯзе се маротиба бо ширу сода худро табобат мекардам. Ин рӯзҳо ду нома аз ақрабо расид, якеаш аз хоҳарам Аноргул ва дуюмаш аз бародари калониам - Холназар. Тақрибан ҳарду мактуб як маънӣ дошт. Бародарам масъалаи ба шавҳар баромадани Аноргулро ба миён гузошта буд ва мехост, ки ман ба рухсатӣ биояму дар тӯйи арӯсии хоҳарамон бо онҳо бошам. Аноргул низ дар бораи ҷавонеро дӯст доштанаш менавишт ва фикри бандаро гирифтан мехост. Ман ба онҳо навиштам, ки: «Дил дили Зайнаб». Ба дӯстдоштааш ба шавҳар диҳед, ман розӣ ҳастам. Вобаста ба мавзӯи ба рухсатӣ рафтанам, онҳоро воқиф сохтам, ки ҳоло ин масъаларо назди роҳбарон нагузоштаам ва шояд ба рухсатӣ намеравам. Бо ҳамин мазмун 29-уми ноябр ду мактуб навиштам ва ба воситаи роҳсозони Ҳиротӣ ба Кушка фиристондам.

Ман чун ҳарвақта дар хайма мемондам. Тақрибан ҳамарӯза кӯчиҳо барои як порча нон пайдо кардан ба қароргоҳи мо меомаданд. Дар миёни онҳо писарбачае буд, ки гоҳе аз ҳамроҳонаш ҷудо шуда, худ танҳо дуртар аз хаймаи мо қарор мегирифт. Ӯро афғонҳо мезаданд ва бо ресмоне дар пояи хаймаашон мебастанд. Банда чанд вақт ин лаҳзаҳоро ба мушоҳида гирифта, тоқат накардаму дахолат намудам.Ин коратон хуб нест, гуфтам ба онҳо. Охир, ин кӯдак инсон аст, зиндагии даҳшатбор, нодириву бенавоӣ ӯро ба чунин ҳолат гирифтор кардааст, пас чаро ин бечораро азият медиҳед? Онҳо дар ҷавоб изҳор медоштанд, ки ин бечора нест, балки дузд аст, вайро аз ин ҷо рондан лозим аст. Ман бошам ба афғонҳо муқобилият нишон дода, писараки беҳолро аз банд халос карда, пораҳои нонҳои хушкро ба халтааш меандохтам. Вай ин ҳодисаро ба ҳамроҳонаш қисса кардааст ва гуфтааст, ки як шӯравӣ ӯро аз чанголи афғонҳои худӣ наҷот додааст. Рӯзи дигар, он писарак боз пайдо шуд. Ин дафъа дар масофаи бист метр аз хаймаи мо қарор гирифта, бараҳм-бараҳм сӯи ман менигарист ва бо ишораи даст сӯи даҳон бурдан, нон мепурсид. Ҳамзамон ҷониби хаймаи афғонҳо назар меандӯхт, то ки боз ресмонбандаш накунанд. Банда боз нонпораҳоро ҷамъ карда ба ӯ медодам. Писарак аз шодӣ оби дида мекард

ва «ташаккур мистер, ташаккур мистер», гӯён бо чашмони ҳарос, ба роҳаш пас мегашт. Борҳо медидам, ки чунин бечорагонро афғонҳо сангборон мекарданд, мезаданд. Мутаассифона, дар ҷомеаи афғонӣ ба ин қабил эҳтиёҷмандон бисёрҳо дучор омадан мумкин буд. Барои ман он чиз тааҷҷубовар менамуд, ки онҳо нони сафед ва конфети қоғазпечро намешинохтанд. Агар ба онҳо порае нони сафед медодам, онро ин рӯву он рӯ гардонда, барои газида хӯрдан ҷуръат намекарданд. Ба ин маънӣ, рӯзе хаймаи моро чанд тан аз чунин бечорагон гирд карданд, то ки онҳоро аз гуруснагӣ наҷот бидиҳем. Русҳо хеле мардуми раҳмдил мешаванд. Онҳо барои талбандаҳо нони сафед ва конфет доданд. Бо дидани нони сафед, онон аз мо дур шуданд, гумон карданд, ки чизи сафед ягон маводи таркандаест ва мо мехоҳем, ки онҳоро тарконем. Ин ҳолатро дида, ба форсӣ фаҳмондамшон, ки на, ин маводи тарканда нест, нон аст, нони сафед. Якеаш ба тарс-ба тарс наздиктар омад ва нонро ба дасташ дошта, хуб назора кард, бӯй кашид ва сипас зери дандон чӣ будани онро санҷиданӣ шуд. Конфети коғазпечро бошад рӯи тахтасанге гузошта, бо санги дигар онро задан гирифтанд. Банда, боз ба ёрии онҳо расидани шуда, гуфтам: «О, чӯҷа, он чизе нест, балки чоклет аст, чоклети коғазпеч, ширин аст, як дафъа ба забонат мон, баъд мефаҳмӣ, ки чӣ ҳаст». Он рӯз бечорагони афғонро аз анвои ғизо огоҳ сохтам ҳам ба сафед будани нон боварӣ ҳосил карданд ва ҳам бовар намуданд, ки чоклет ҳам коғазпеч мешудааст. Аз истилоҳи инглисии конфет - чоклет истифода кардан ба ин хотир буд, ки онҳо ба ин мафҳум ошно буданд, зеро инглисҳо сад сол дар ин кишвар таъсир доштанд. Аз ин ҷост, ки бисёре аз номҳои маводи хӯрока ва лавозимоти дигар миёни мардум ба ингилисӣ маъруфият дорад. Масалан, стаканро гелос ном мебурданд.

Табиист, ки даврони шоҳӣ хеле даҳшатбор ба назар мехӯрд. Таассуфовар аст, ки акнун чунин камбизоатӣ ва нодориро дар ҷомеаи тоҷик мебинам, ки дар ҳар сари қадам садҳо талбандагони кӯчимонанди афғонро ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

«Мусулмонони Ӯзбекистон»

Ин унвони филми мустанаде буд, ки бегоҳии 29-уми ноябр дар Шайдо бо ташаббуси Ҷамъияти дӯстии афғону Шӯравӣ намоиш дода шуд. Ин филмро чи шӯравиҳо ва чи

афғонҳо бо дилгармӣ тамошо кардем. Филм ба рӯзгори мусулмонони Ӯзбекистон бахшида шуда буд. Мулло Бобохон - сардори мусулмонони Осиёи Миёна чанде аз намояндагони кишварҳои исломиро, монанди Арабистони Саудиву Покистон, ба ҳузури хеш мепазирад. Меҳмононро бо дастхатҳои нодири қадима, ки бо хати арабӣ навишта шудаанд ва китоби мукаддаси дини Ислом -Қуръон ошно месозад. Ҳамзамон дар масҷиди ҷомеи Тошканд меҳмонон бо мусулмонони ин шаҳр намоз мегузоранд. Филм ба таҷлили зодрӯзи Расули Акрам-Муҳаммад (с) ба поён мерасад.

Бахусус, лаҳзае ки сурае аз Қуръони Карим дар қироати қории масҷид садо дод, афғонҳоро ҳаячон фаро гирифт. Онҳо, ки рӯи замини пурхок менишастанд, ҳангоми даст ба дуо баланд кардани қорӣ, ҳамагӣ ду даст ба рӯй кашида, омин гуфтанд. Баъзе аз афғонҳо ба эҳсосот омада, ашк мерехтанд. Вақте ки филм поён ёфт афғонҳо гирди банда ҷамъ омаданд ва як савол ба миён гузоштанд: чаро чунин филмҳое, ки аз рӯзгори мусулмонони шӯравӣ ҳикоят мекарда бошанд, кам ба намоиш гузошта мешаванд? Гап дар ин аст, ки расонаҳои хабарии Ғарб чунин маълумот пахш мекарданд, ки гӯё русҳо баъд аз тасарруфи Осиёи Миёна ҳама мусулмонҳоро ба қатл расондаанд. Аммо бо тамошои филми мазкур афғонҳо боварӣ ҳосил карданд, ки дар Шӯравӣ мусулмонҳо будаанд ва ҳама расму русуми исломӣ риоя мешудааст. Аз сӯи дигар, онон дар филм ҳеҷ гуна сохтакориро ба мушоҳида нагирифтанд, балки он чи ба навор бардошта шудааст, воқеият дорад.

Чунин филмҳо метавонистанд меҳру муҳаббати афғонҳоро нисбати Шӯравӣ афзоёнад, зеро дар тасаввури онҳо гӯё Шӯравӣ кишварест, ки ба ғайриисломиҳо иртибот мегирифт. Ҳол он ки дар сохтори Шӯравӣ ҳафт ҷумҳурии исломимазҳаб вуҷуд дошт ва миллатҳое бо номҳои тоҷик, ӯзбек, туркман, қирғиз, қазоқ, тотору осетин (қисман), озар, чечен, инчунин, доғистонӣ мусулмон буданд. Вобаста ба ин ҷиҳат, баъзе афғонҳое, ки маълумоти олӣ ва миёна доштанд, савол медоданд, ки оё дар Шӯравӣ фақат ӯзбекҳо мусулмонанд?

Яъне ба филм чунин ном гузоштан ҳамин маъниро медод. Беҳтар мебуд, агар филм «Мусулмонони Осиёи Миёна ва ё Шӯравӣ» номида мешуд. Камбудии дигари филм дар он буд, ки мусулмононро фақат вақти намоз гузоштан нишон медод. Мебоист зану марди мусулмонро дар сари дастгоҳҳо, макотиб ва дигар соҳоти зиндагӣ рӯи навор мегирифт. Он вақт таъсири ташвиқиву тарғибии филм боз

ҳам боло мерафт. Ҳарчанд ки банда ба ҳама саволҳои афғонҳо посух медодам ва мегуфтам, ки дар Шӯравӣ ҳуқуқи ҳама қавму миллиятҳо баробар аст ва ҳеҷ гуна фишори диниву мазҳабӣ дар миён нест, афғонҳо боз шубҳаомез сӯи ман менигаристанд.

Зиёрати Хоҷа Ансорӣ ва Хоҷа Ғалтон

Дар шаҳри бостонии Ҳирот зиёратгоҳҳои зиёде мавҷуданд, аммо ин ду зиёратгоҳ миёни мардум бештар шӯҳрат доранд. Туристҳои хориҷӣ ба тамошои зиёратгоҳҳои мазкур майли хоса зоҳир менамоянд. Ҳамарӯза одамон ба ин зиёратгоҳҳо мераванд. Воқеан, ҳам Хоҷа Ансорӣ ва ҳам Хоҷа Ғалтон тамошогоҳҳои хубанд. Банда низ таърифҳову қиссаҳо шунида будам, аммо дар давраи аввали дар Ҳирот буданам, вақти зиёрат ва тамошои онҳоро надоштам. Давраи дуюм, ки ба Ҳирот омадаму бештар аз як моҳ дар минтақаи Шайдо ба кашфи маъдан машғул ҳастам, дар назди худ вазифа гузоштам, ки ин ду зиёратгоҳро ҳатман бубинам. Вале ҳар ҳафтае, ки барои харидории маводи ғизоӣ ба бозори Ҳирот меомадам ҳеҷ фурсати муносиб пайдо намекардам, ки ба ин ниятам ҷомаи амал пӯшонам. Боре бо Юра Серебряков дар мошини Халифа Юнус ба Ҳирот омадему аз пайи иҷрои ин орзу шудем. Аввалан роҳ сӯи мазори Хоҷа Ансорӣ пеш гирифтем. Ин мазор дар масофаи панҷ километр дуртар аз Ҳирот ҷойгир шуда буд. Аз дур қарияи Хоҷа Ансорӣ ва бинои зиёратгоҳро дидан мумкин буд. Дар назди дарвозаи зиёратгоҳ аз мошин поён шудем. Атрофи он бо девори баланде иҳота шуда, дарвозаи даромадаш дутабақаи чӯбин буд. Зиёратгарону тамошобинони зиёде гирди он ҳисор мегаштанд, яке дуо мекарду дигаре аккосӣ менамуд. Мо низ хеле ин сӯву он сӯи ҳисорро наззора карда, сипас ба даромадгоҳ наздик шудем, то ки ба ҳавлии он, ки марқад он ҷост, дохил шавем. Аз рӯи қоида ва эҳтиром ҳамагон пойпӯшу кафшҳои худро беруни дарвоза мегузоштанду «бисмиллоҳи раҳмонир раҳим» гӯён пой ба дохили зиёратгоҳ мемонданд. Албатта, мусулмонҳо «бисмиллоҳ» гӯён ворид мешуданд аммо ба хориҷиён, ки насронӣ буданд, риояи ин русум шарт набуд. Касе иҷрои ин талаботро назорат намекард. Ҳама озодона вориди зиёратгоҳ шуда метавонистанд. Ҳар кореро, ки ман мекардам, Юра низ

онро ба таври сунъӣ ичро менамуд. Вай бештар ба сурат бардоштан таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд. Ман ҳам, ки бори аввал чунин манзараро медидам, ба шореҳе эҳтиёҷ доштам, то ки дохили зиёратгоҳро бароям шарҳу эзоҳ диҳад. Ин вазифаро ронандаамон Халифа Юнус ба ӯҳда дошт.

Саҳни дохилии мазор хеле васеъ ба назар мерасид. Гирдо ба гирди он аз ҳуҷраҳои якнафарӣ иборат буд. Дар ҳар ҳуҷра як кас менишаст ва болои зонувонаш китоби Қуръонро нигоҳ дошта, ба қироат машғул буд. Инҳо шахсони чиланишин буданд, ки моҳҳо ришу мӯи сар ислоҳ намекарданд. Сару либосҳояшон даридагӣ ва баданашон ба ғайр аз ҷойҳои шарм урён маълум мешуд. Баъзе аз онон солҳо ин ҷо менишастаанд. Сару гардан ва мӯйҳои сарашонро шапуш зер карда буд. Онон ҳеҷ гоҳ сар боло намекарданд. Гӯё аз одамони тамошобин шарм медоштанд. Дар чеҳраҳошон нишонии инсони зиндаро ба мушоҳида гирифтан душвор буд. Маълум шуд, ки ин тоифа аз ҳисоби пули даромаде, ки зиёратгоҳ ҳамарӯза ба даст меовард зиндагӣ менамуданд. Яъне вақти муайян хӯроки гарм медиданд. Мазор маъмурият дошт ва чандин касон хизмат адо менамуданд. Барои дохил шудан пули муайян таъин набуд, балки ҳар кас ба қадри ҳиммат ба сандуқча мепартофт. Масалан, мо бист афғонӣ андохтем, Юнус, ки дохилӣ буд, даҳ афғонӣ лозим дид. Даромади пулии зиёратгоҳи Хоҷа Ансорӣ ба назарам хеле зиёд буд, зеро мисли бозор одамон мебаромаданду медаромаданд. Ягон гӯшаи зиёратгоҳ холӣ намемонд. Сипас ба назди марқади Хоҷа Ансорӣ омадем. Атрофаш панҷара дошт. Гӯр шакли гаҳворамонандро мемонд. Болои гӯр бо бахмалҳои нақшу нигордори парчаи пӯшида буда, рӯи он оятҳое аз Қуръон ба назар мерасид. Навиштаҷоте ҳам сари санги гӯр дар бораи шахсияти Ансорӣ сабт шуда буд. Дар сари гӯри Ансорӣ як сутуни мармари сафед меистод. Сутун хеле зебо маълум мешуд. Санъати кандакориаш аз санъати меъмории қарни ХУ шаҳодат медод. Дар паҳлӯи чапи гӯр дарахти бузурге қарор дошт, ки номашро Хинчак мегуфтанд. Ин дарахт қадимӣ буд. Аз рӯи нақли ришсафеде, ки назди мо истода буду хатҳои болои гӯрро хондан буд, маълум шуд, ки ин дарахт қабл аз фавти Ансорӣ шинонда шудааст. Тамоми бадани дарахт мехчакӯб шуда буд. Дар шоҳидии мо чанд тан зиёратгарон аз чайби худ мех бароварда, ба нияте ба бадани дарахт мекӯбиданд. Ба назарам бадани ин дарахт ягон ҷойи обод надошт. Аз бехи ҳар мехча гӯё қатраҳои хун чорӣ мешуд. Қатраҳо хушк

шуда буданд. Фақат изи шоридаи онҳо ба мушоҳида мерасид. Албатта, ин мехчазаниҳо ба тоифаи мутаассуб тааллуқ дахл дошт. Сабаби мехкӯбиҳоро мефаҳмидам, вале барои Юраи маскавӣ ин чиҳат мӯъҷизаеро мемонд ва аз ин ҷост, ки чанд дафъа акси он дарахти мехчазорро гирифт. Табиист савол ҳам дод, ки ин мехчазаниҳо чӣ маънӣ дорад? Банда шарҳи онро аз мӯйсафеди паҳлуям пурсон шудам, ки гуфт: «Мехро касе ба бадани дарахт мезанд, ки ӯ ба Хоҷа Ансорӣ эътиқоду ихлос дорад. Ин хоҷа ҳар дардро шифо мебахшад. Масалан, шахсе ҳаст, ки дандонаш дард мекунад. Ӯ ба нияти шифо ёфтан ба ин даргоҳ меояд ва мехе мекӯбад. Баъди чанд лаҳза дарди дандонаш сиҳат меёбад. Ба ҳамин монанд, заифе ҳаст, ки дарди бефарзандӣ мекашад, ё ба мушкилоти дигаре рӯ ба рӯст бо мех задан худро бароҳат эҳсос менамояд...»

Дониши дигаре, ки аз дохили ин зиёратгоҳ барои худ гирифтам он буд, ки ҳама чиланишинон гуноҳҳои сахти нобахшиданӣ содир карда буданд. Дар миёни онҳо ашхосе ҳам қарор дошт, ки инсонеро ба қатл расондааст, ба духтаре дасти таҷовуз дароз намудааст, ё молу мулки шахсӣ ва давлатиро ба яғмо бурдааст ва онон аз тарафи давлат ҷустуҷӯ мешуданд. Хоҷа Ансор ба он дараҷа шахсияти бузурги исломӣ будааст, ки каси гунаҳгор агар тавонад ки ҳини таъқиб худро ба дохили зиёратгоҳ пинҳон намояд, ҳатто шоҳ қудрати ӯро аз ин ҷо берун кашидану зиндонӣ сохтанро надоштааст.

Чунонки дида мешавад, Хоҷа Ансорӣ миёни мардуми Афғонистон ва табақаи камсаводи он ҳамчун шахсияти мазҳабӣ шӯҳрат дорад. Ӯро бештар на осори илмиву фалсафӣ ва адабиаш, балки ривоятҳо ва қиссаҳое дар бораш маъруф сохтааст. Аз ин ҷост, ки на ҳар шахси зиёратгар Ансориро дуруст мешиносад. Ба ибораи дигар, чаро Ансорӣ ба сифати бузургворе эътироф гардидааст, барои бисёриҳо маълум нест. Ӯро ҳамчун мазоре зиёрат мекунанд. Ҳол он ки ӯ яке аз олимони барҷастаи қарни X1-и дунёи форсизабон мебошад, ки дар бораш асарҳои зиеде таълиф шудаанд. Акнун афсӯс мехӯрам, ки маълумоти болои сангҳо ва сутуни он мавҷудбударо ёддошт накардам, вагарна ҳоло дар бораи зиёратгоҳи Хоҷа Ансорӣ маводи ҷиддитареро барои хонандагон пешниҳод кардан мумкин мешуд. Ҳамон айём шояд ба моҳияти ин зиёратгоҳҳо худам дуруст сарфаҳм намерафтам. Бо ҳамин қадар мушоҳидаву дониш Хоҷа Ансориро тарк гуфта, роҳ сӯи Хоҷа Ғалтон пеш гирифтем. Сари роҳ аввалан марқади Абдурраҳмони Ҷомиро бори дигар зиёрат намудам. Ин ҷо ҳам Юра чанд аксе бардошт.

Истилоҳи Хоҷа Ғалтон худ мӯъҷизаосо буд. Он ҳам аз марқаде иборат буд, ки ба Хоҷа Ғалтон нисбат дода мешуд. Ин шахсиятро ҳамчун валӣ мешинохтанд.
Валигарӣ байни муслимин мартабаи баланде буд. Ҳар бузургро валӣ гуфтан раво набуд. Валигии ӯ дар он зоҳир мешуд, ки ихлосмандонро ғел медод. Қаблан маро номи ин зиёратгоҳ бештар мутаваҷҷеҳ сохт -Хоҷа Ғалтон. Чӣ навъ хоҷа будааст, ки ба он номи Ғалтонро пайвастаанд? Ин савол ҷавоб мехост. Барои дарёфти ин савол манзараи Хоҷа Ғалтонро аз наздик дидан лозим омад. Мошинро Юнус дуртар аз зиёратгоҳ нигоҳ дошт. Зиёратгарони бисёр дар атрофи майдони мазор қарор доштанд ва ҳамагӣ ба поён менигаристанд. Аз дур чунин ба назар мерасид, ки ҷасадеро ба хок супурда истодаанд. Вақте ки наздиктар омадем, дидем, ки дар пойгоҳи марқади валӣ майдончае ба ҳаҷми 20 ба 20 мавҷуд буда, рӯи он регу сангмайдаҳоро ҳамвор карда буданд. Он майдон шакли сурфаро дошта, атрофашро девори хиштии начандон баланде оро медод. Хоҷа Ғалтон дар даште ҷойгир буд. Бо ин ном қарияе дар наздикиҳо ба мушоҳида намерасид. Дар мобайни он майдончаи суфамонанд тахтасангеро гузошта буданд, ки вазифаи болиштро адо менамуд. Ман шунида будам, ки он тахтасанг одамро ғел медиҳад. Мо низ дар паҳлуи тамошогарон қарор гирифтем ва омодаи мушоҳида шудем. Аз гӯшае марде кафшҳояшро бароварда ба як сӯ гузошт ва ба он майдонча поён шуд. Байни майдон ришсафеди тахминан 60-70 солае меистод, ки ҳама амали Хоҷа Ғалтон ба ӯ вобастагӣ дошт. Он мард даҳ афғонӣ ба довар дод ва сарашро болои тахтасанг гузошта дароз кашид. Чашмонашро маҳкам кард, дастонашро бо баданаш рост намуд. Сипас мӯйсафед болои сари ихлосманд омада, хам шуд ва бо ду даст гӯшҳои ӯро молиш доду «бисмиллоҳ» гӯён вайро андаке тела дод. Баъдан ғел хӯрдани мард то замоне, ки мӯйсафед ӯро нигоҳ надошт, идома ёфт. Ғел хӯрдани шахс ба ҷониби қибла бояд сурат мегирифт, он ҷо, ки боз як санги мармарии сафед нишонӣ гузошта шуда буд. Ривоят мекарданд, ки агар кас бегуноҳ бошад, валӣ ӯро ба сӯи қибла ҷониби он санги сафед ғел медодааст, агар кас гуноҳи зиёд дошта бошад, вайро валӣ ба дигар сӯ меғелондааст. Вақте ки он мард бо ёрии мӯйсафед аз ҷо баланд шуд, чанд лаҳза аз роҳгардӣ монд. Чашмонаш суп-сурх шуданд. Ӯ ба ҳуш омада самти ғелхӯрдаашро медид, то ки бегуноҳ буданашро фаҳмад. Бар асари ғел хӯрдан, хун ба сараш зада буд ва чашмонаш сурх шуда буданд. Мард аз бегуноҳиаш хурсанд буд. Фақат мегуфт: «Худоё,

гуноҳҳоямро бубахш». Ман ба Юра назар андӯхта воқеияти манзараи ғелхӯриро пурсон шудам. Ӯ низ тасдиқ кард, ки дар ғелхӯрии мард ягон шубҳае набуд, худаш ғел мехӯрд, агар вайро мӯйсафед нигоҳ намедошт ба он санг бархӯрда, хуншор шуданаш аз имкон дур набуд.

Бо поён ёфтани манзараи аввал марди дигаре поён шуд ва мисли он каси пештара дароз кашид. Мӯйсафед гӯшҳояшро молиш дод ва «бисмиллоҳ» гуфта як ғелаш дод, вале ӯ ғел намехӯрд. Ришсафед саросемавор боз ғелаш дод, аммо боз ғел нахӯрда, балки аз ҷояш парида хест ва хандид, ки ӯ аз валӣ зӯртар баромад. Ин ҷавон ба шахси зиёй қаробат дошт ва банда аз эшон савол кардам, ки чаро шуморо ғел надод. Вай ҷавоб дод, ки ба Хоҷа Ғалтон ихлос надорад ва бовар ҳам намекунад. Касоне ғел мехӯранд, ки ба таассуб дода шудаанд ва ба ҳар бофтаву дурӯғи шахсоне чун ин ришсафед бовар мекунанд. Нақл карданд, ки боре Зоҳиршоҳ ҳини сафар ба Ҳирот аз зиёратгоҳҳои он дидан карда, ба Хоҷа Ғалтон ҳам омадааст. Шоҳ бегуноҳии худро санҷиданӣ шуда, сарашро болои тахтасанг гузошта, ба мӯйсафед амр кардааст, ки ӯро ғел диҳад. Ришсафед амри шоҳро ичро кардааст, вале шоҳ ғел нахӯрдааст. Ин ҷиҳатро падидаи мусбат эълон кардаанд ва гуфтаанд: «Ҳазрати шоҳ аз ин валӣ валитару зӯртар будааст». Зоҳиршоҳ ҳам бо ин дурӯғ боварӣ ҳосил карда ва шояд дар ботин гуфтааст: «Ихлос надорам». Ин ҳама бофтаҳои мутаассибин ҳастанду бас. Бо вуҷуди ин, баъд аз ин ҳодисаи мазкур миёни мардум шиори: «Шоҳ валӣ аст, аз Хоҷа Ғалтон зӯртар аст» паҳн мегардад.

Чунонки гуфтам, ин зиёратгоҳҳо бештар ҷанбаи истироҳатӣ доранд, на мазҳабӣ. Касеро ба мушоҳида нагирифтам, ки вақти ба зиёратгоҳ ворид шудан, ба ҷояш нишаста дар ҳаққи гузаштагон даст ба дуо боло карда бошад. Ҳар касро, ки медидам ба тамошои чиланишинон ва ғелхӯрии одамони ихлосманд машғул буд. Ба ҳар навъе, ки буд, ин рӯз аз тамошои зиёратгоҳҳои номбурда ҳаловат бурдам. Ин саёҳат панҷ-шаш соат давом намуд. Юра хеле аккосӣ кард. Сипас соатҳои панҷи бегоҳ боз роҳ сӯи Шайдо пеш гирифтем.

Ба ҳамин тариқ, сафари дуюми банда ба Ҳирот 26-уми декабри соли 1971 хотима ӯфт. Гурӯҳи мо ба Кобул омад. Мавсими зимистон, одатан, ба корҳои амалии маъданшиносӣ машғул мешудем. Дар ин корҳо тарҷумонҳо ҳам ҳисса мегузоштанд. Ман дар Биби-моҳрӯ ном минтақаи

Кобул, ки дар сари роҳи майдони ҳавоӣ мавқеъ дошт, кор мекардам. Корамон муқаррарӣ буд.

Саққабозӣ (биллиардбозӣ)

Ба ин навъи бозӣ хеле барвақт завқ пайдо кардам. Ҳанӯз солҳои таҳсил дар Омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб ба боғи истироҳатии Ленин мерафтам. Он ҷо толори саққабозӣ буд. Мудираш акаи Кӯлобӣ мизи хурдеро барои ман ҷудо мекард, то ки аввал дар мизи хурд бо саққаҳои хурд ин бозиро машқ кунам. Ӯ ҳамеша наззора мекард ва тарзи доштани чӯб ва ба якдигар задани саққаҳоро ёд медод. Дар ин муддат ҳаққи хидмат талаб наменамуд. Вақте ки аз имтиҳони акаи Кӯлобӣ гузаштам, иҷозати дар мизҳои калон бозӣ карданро дод ва ҳам бист тину сӣ тинамро мегирифтагӣ шуд. Баъдан ба ҳар ҷое, ки мерафтам, ин навъи бозиро идома медодам. Хушбахтона, дар клуби шаҳрчаи Нодиршоҳӣ низ чанд мизи калони саққабозӣ мавҷуд буд, ки вақтҳои истироҳат ва бекорӣ ба ин бозӣ машғул мешудам.

Дар гурӯҳи мо ба муносибати пешвозгирии рӯзи маъданшиносон мусобиқаи саққабозӣ ташкил гардид. То ҷашн ду моҳ дар пеш буд. Ҳамарӯза баъди хатми кори расмӣ ба клуб мерафтам ва ҷиддӣ омодагӣ мегирифтам. Дар ин мусобиқа тақрибан 60 нафар номнавис шуда буд. Ин шаст нафар ба якдигар бозӣ карда, то хатми он се кас бар дигарон ғалаба ба даст оварда, ки якеаш банда буд. Рӯзи дуюми апрели сол 1972, ки ба ҷашни маъданшиносон рост меомад, мусобиқа бояд ҷамъбаст мегардид. Барои ин мебоист ҷойҳои аввалу дувуму сеюм муайян карда мешуд. Ҳамин рӯз аз тарафи субҳ байни мо мусобиқа шурӯъ гардид. Дар натиҷа банда ҷойи дуюмро гирифтам. Сардори гурӯҳамон Чемирёв В.М., ки тоза Котовро иваз карда буд, дар вазъияти тантанавор ғолибонро табрик гуфта, аз ҷумла ба ман як баста стаканҳои гулдори хориҷӣ ҳадя намуд. Дар ин ҷашнвора аз сафорати Шӯравӣ намояндаҳо иштирок доштанд. Баъдан мусобиқаҳо байни гурӯҳҳои мутахассисини шӯравӣ дар сафорат идома ёфтанд...

Чанд моҳи аввали соли 1972 дар муҳити шаҳри Кобул гузашт. Моҳҳои январу феврал сербарф омаданд. Тақрибан ҳамарӯза барф меомад. Баъд аз се соли хушксолӣ дар Афғонистон, албатта сероби ба фоидаи иқтисодиёти он буд. Аз сӯи дигар, кишвар ба чунин сардиҳо омодагӣ надошт. Аз ин ҷост, ки ин зимистон бисёре аз моли майдаи мардумро

нобуд сохт. Баъзе шаҳру қарияҳоро об зер кард. Масалан, дар вилояти Фароҳ селе омад, ки 1200 хонаводаро бемакони зист гардонд. Аз қаторкӯҳҳо харсангҳо хато хӯрда манзили одамонро хароб кард. Дар матбуоти давр менавиштанд, ки ҳар санги кандашуда то 200 тонн вазн доштааст. Чунин сангҳо дар Кутаи Сангии шаҳри Кобул низ хато хӯрданд. Оби дарёи Ҳарирӯд чандин метр аз сатҳаш боло баромада, боиси обхезӣ шуд. Дар натиҷа чанд қарияҷоти Ҳирот зери об монд ва ғайра. Ин сербарфӣ шароити зисту рӯзгори моро низ ноором кард. Дар назди хонаҳои истиқоматии мо барф то 50 см мерасид. Кӯчаву хиёбонҳои Кобул сари вақт аз барф тоза карда намешуд. Роҳ рафтани пиёдагардҳо ва ҳаракати мошинҳо низ душвор шуд. Дар маҷмӯъ зимистони соли 1972 боиси қаҳтӣ дар кишвар гардид. Хуб буд, ки дар фасли зимистон макотиби Афғонистон ба таътил мебаромад, вагарна чи қадар толибилмин дар азоб мемонданд.

Чунин чорабинӣ ба он хотир буд, ки дар мактабҳои чи шаҳру чи деҳот марказгармӣ вуҷуд надошт. Чӯби сӯхт ҳам ин ҷо камёфт буд. Гази табиӣ набуд, барқ ҳам кифоят намекард. Дар бозорҳо ҳезумро бо нархи гарон мефурӯхтанд. Вобаста ба ин мавзӯъ, метавон гуфт, ки вақти он расидааст, ки макотиби Тоҷикистон низ таътили тобистонаи мактабиёнро ба фасли зимистон мувофиқ созанд. Ҳатто дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ягон мактаб чи миёнаву чи олӣ гармӣ надорад. Ҳамасола роҳбарони мактабҳо аз толибилмон пул ҷамъ карда, бухориҳои барқии сохти Эрон ва ғайра харидорӣ мекунанд. Магар як бухорӣ як дарсхонаи 40-50 касаро метавонад гарм созад? Асло не. Гузашта аз ин, ин бухориҳо то соли дигар боқӣ намемонанд, балки муаллимони эҳтиёҷманд «вайрон шуд» гуфта, бухориҳоро ба хонаҳои хеш мебаранд. Соли дигар боз барои харидории бухорӣ пул ҷамъ менамоянд. Ин ҳоли бадест, ки тамоми ҷомеаи тоҷикро фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, ҳеҷ ҷойи айб надорад, агар Тоҷикистон ҳам ба системаи таътилии макотиби солҳои 70-уми Афғонистон баргардад. Таҷрибаи баде нест. Баръакс Ҳукумати ҷумҳурӣ метавонад аз мазаммати мардум, андаке бошад ҳам, раҳоӣ ёбад. Он даврон ҳеҷ тасаввур намекардам, ки солҳое мешавад, ки мо тоҷикҳо ба чунин рӯзҳои сахти бегармӣ рӯ ба рӯ меоем.

Сағҷанг

Метавон гуфт, ки дар Афғонистони даврони шоҳӣ ҷанг андохтани сагҳо як намуди спорт ва истироҳати одамон буд.

Ин навъи бозӣ, асосан, дар фасли зимистон сурат мегирифт. Баъзан мушоҳида менамудам, ки дар кӯчаҳои Кобул шахсоне бо сагҳои чӯпонӣ ва авчаркаҳои олмонӣ ба ин тарафу он тараф медаванд. Баъдҳо фаҳмидам, ки он сагҳо барои фасли зимистон, ки бозии сагҷанг оғоз меёбад, машқ дода мешудаанд. Масалан, то ин вақт медонистам, ки аспҳои бузкаширо медавонданд ва онҳоро барои бузкашӣ омада месохтанд. Гузашта аз ин, борҳо дида будам, ки ин навъ сагҳоро ба кучое кашола карда мебурданд. Рости гап, доир ба мавзӯи сагҷанг маълумот надоштам. Андактар фаҳмидам, ки дар Афғонистон дар баробари бозиҳои кабкҷангу хурӯсҷанг бозии сагҷанг ҳам маъруф будааст.

Рӯзе яке аз ҳамкорони маъданшиносам бо номи Шер бандаро дар кӯча дида, савол дод, ки оё ман сагҷангро дӯст медорам? Дарҳол оре, гуфтам, дар кӯдакиам худам кучукҳоро ба якдигар ҷанг меандохтам. Ҷанги онҳо бароям хеле ҷолиб менамуд.

Ин тавр ки бошад, гуфт ӯ, - рӯзи ҷумъа тайёр шав, ду-се кас шуда ба тамошои сагҷанг меравем. Дар заминаи ҳамин маслиҳат яке аз рӯзҳои ҷумъаи моҳи феврали соли 1972 Шер, Зуҳур Ёров, Абдулмачид Холов, Шоҳниёз Мӯсоев, банда ва боз ду маъданшиноси рус бо ду мошини ГАЗ-69 роҳи майдони бозии сагҷангро пеш гирифтем. Азбаски зимистон сард буду барф меборид либосҳои гарм пӯшидем. Майдони сагҷанг ба самти шоҳроҳи Кобул -Ғазнӣ, дар масофаи ду-се километр қарор дошт. Аз дур майдон намудор мешуд. Мошини зиёде талу теппаҳои барфпӯшро сиёҳӣ андохта буд. Мо низ мошинҳоро дар гӯшае гузошта, ба издиҳом наздик омадем. Ҷое, ки майдони сагҷанг интихоб шуда буд, ба стадиони футбол монандӣ дошт. Дурусттараш ҷое будааст, ки сангу хокашро барои сохтмон кашида бурдаанд. Яъне, майдон сунъӣ менамуд. Онро касе махсус барои бозии сагҷанг насохта буд. Одамони зиёде атрофи он майдонро печонда буданд. Сагҳои ҷангии хеле зиёде ба назар мерасиданд. Баъзе сагҳо дар дохили мошинҳои навъи хоричӣ нигоҳ дошта мешуданд. Мардум ба ду гурӯҳ тақсим шуда буд. Яке онҳое буданд, ки бо сагҳошон ва мухлисонашон аз шаҳрҳои Кобул, Қандаҳор, Ҷалолобод, Бадахшон, Ғазнӣ ва ғайра омада буданд. Гурӯҳи дигар, асосан мардуми Кобул ва гирду атрофи он буданд, ки вазифаи тамошобинро адо менамуданд. Мо хоричиҳо ба гурӯҳи тамошобин дохил мешудем. Гурӯҳи аввал касоне буданд, ки дар ин бозӣ масъулият ҳис мекарданд ва ҳам фоида ба даст меоварданд.

Мо бошем ҳеҷ гуна масъулият эҳсос намекардем, аммо гоҳе барои сагҳоро ба ҷанг андохтан соҳибонашонро ташвиқ менамудем. Ин чунин маънӣ дошт, ки мо ба ин ё он гурӯҳ худро мепайвастем. Агар худро ба ин ҳолат одат намекунондем, боз кайфияти сагҷангро дуруст фаҳмида наметавонистем. Манзараи аҷиб он буд, ки ҳамаи сагҳои ҷангӣ сӯи сагҳои дар майдонбуда меҷакиданд. Садоҳои ҳархела: ғафс, маҳин, воҳиманок, нарм, силсиладор ба гӯш мерасид. Ҳар кадом аз ин сагҳои ҷангӣ бо ин ҷакиш аз соҳибонашон хоҳиш мекарданд, ки бандҳоро сар диҳанд, то ки онҳо ба ҷанги дастаҷамъӣ худро бипайвандаанд.

Чунин амалро сагҳои дохили мошинҳобуда низ иҷро мекарданд. Гоҳе бо сарҳошон шишаҳои мошинро мезаданд. Баъзе сагҳо дар гирди соҳиби худ гӯё рақс менамуданд. Тасаввур кунед, ки одамон низ бо садоҳои ҳархела сухан мегуфтанд. Агар он замон асбобҳои сабти садоҳо мешуд, омезиш ёфтани овози сагҳо бо одамонро хуб дарк кардан мумкин мешуд. Бидуни мазоқу ханда чунин омезишёбии садоҳо барои муҳаққиқини соҳаи фонетикаи забон маводи хубе дода метавонист. Ин ҷо на мавзӯи маънӣ, балки масоили савтиёт дар миён хоҳад буд. Дар соҳаи забоншиносӣ чунин дастгоҳҳои савтиёт мавҷуд аст. Масалан, хондани булбул, кабк, бедона ва дигар паррандаҳо ба магнитафон сабт шуда, барои табобати асаби инсон истифода мешаванд.

Тавре гуфтам, маъракаи бозии сагҷанг ба тариқи команда-даста сурат мегирифт. Дар як сӯ дастаи сагҳои Қандаҳор, дар ҷониби дигар дастаи сагҳои Кобул қарор мегирифт. Дигар минтақаҳо низ ба ҳамин шакл дастаҳояшонро ҷо ба ҷо мекарданд.

Қоидаи бозӣ ин тавр буд: дар байни майдон се довар ва як ришсафед менишинад. Онҳо ба ҷанги сагҳо бодиққат менигаранд ва саги ғолибро муайян мекунанд. Ба ибораи дигар, ин се нафар аъзоёни жюри буданд. Жюри саги ғолибро бо медал, ки аз бахмали сурхи пӯпакдор сохта шудааст, сарфароз мегардонд. Саги ғолиб бандаш дар дасти соҳибаш ба назди жюри меомад ва яке аз аъзоёни он ба гардани саг медали ғалабаро меовехт. Ин лаҳза тарафи саги ғолиб бо тамошобинони дигар қарсак мезаданд. Табиист, ки ҷониби саги мағлуб тарафи ғолибро ҳақорат медод ва ғалабаи онҳоро ноҳақ мешуморид. Агар саг дар се навбат ғалаба ба даст меовард соҳиби се ҷоиза мешуд. Одатан, тамошобинон сагҳои зӯрро, ки ҳоло ба майдон набаромадаанд, аз рӯи медалҳояшон мешинохтанд.

Бояд гуфт, ки ба майдон баровардани сагҳои ҷангӣ аз

рӯи хоҳиши жюри сурат намегирифт. Тарзи бозӣ озод буд. Масалан, аз панҷшериҳо саге ба майдон мебарояд. Сагу соҳибаш ба довар муаррифӣ мешуданд. Ҷониби дигар баъди омӯхтани саги панҷшерӣ сагашро ба майдон мебароварад. Ин ҳолат жюри ҳарду ҳарифро барои тамошобинон муаррифӣ менамуд.

Дар ин намуди бозӣ мисли гӯштин вазн ба назар гирифта мешавад. Сагҳои калон бо сагҳои хурд ҷанг андохта намешаванд. Ҳамаи сагҳо гарданбанд ва ниқоби даҳан доранд. Саҳнаи ҷанги сагҳо чунин аст: ҳарду саг дар рӯ ба рӯи якдигар қарор мегиранд Соҳибонашон аз гардани сагҳо медоранд. Фосилаи байни онҳо ду-се метр мебошад. Ҳарду саг ҳам ба нияти ғалаба ба майдон мебароянд. Онҳо якдафъагӣ ба якдигар ҳуҷум намекунанд, балки аввал гӯё омодагӣ мегиранд, сӯи якдигар меҷаканд. Бо ин ҷакиш ҳамдигарро тарсонданӣ мешаванд. Баъди гузаштани ин марҳала довар бо ишораи чӯби даст иҷозат медиҳад, ки ҷилави сагҳо сар дода шаванд. Лаҳзаи оғози ҷанги ду саг хеле ҷолиб ва хотирмон аст. Ҳарду ба ҳуҷум гузашта чанд дақиқа қоматро рост карда, дастҳоро боло мекунанд. Онҳо ин лаҳза ба гардани якдигар дастҳояшонро меандозанд ва синазанӣ мекунанд. Марҳалаи дигари ҷанг он аст, ки саги ботаҷриба аз як кашаки даҳони ҳарифи худ медорад ва сари ҳар вақт сахт ба ин сӯву он сӯ метилтонад. Ин манзара то 10-15 дақиқа давом мекунад. Дар ин муддат саги мағлубшаванда хеле мубориза мебарад, бо дастонаш кӯшиши кашаки даҳонашро халос кардан мекунад. Вақте ки ба ин нияташ ноил намешавад, беҳолона худро рӯи замин меандозад. Бо чунин ҳол низ довар ғалабаро эълон намедорад, балки саги рӯи замин хобрафта зӯр мезанад, то ки худро аз чанголи ҳарифаш халос намояд. Саги ғолиб ҳарифашро ба ин тарафу он тараф кашола мекунад. Саги мағлуб дигар чорае наёфта, садо мебарорад ва он садо хеле дарднок маълум мешавад. Вақте ки нолиши саги мағлуб чандин дафъа такрор шуд, он вақт довар саги ғолибро бо боло кардани дастҳояш эълон менамояд. Лаҳзаҳое ҳам мешавад, ки саге кашаки даҳони ҳарифашро медаронад, ё аз гулӯи он то дараҷае сахт мегазад, ки саг ба ҳолати марг гирифтор мешавад. Дар мавридҳои дигар дасту пойҳои якдигарро майда мекунанд, чашмҳои якдигарро мекананд. Баъзан дигар навъи маҷрӯҳшавии сагҳо ба мушоҳида мерасад.

Манзараи хотирмони дигар аз ин бозӣ дар он аст, ки баъзан бо ғолиб омадани тарафе ҷониби дигар дар шахси муштариёни саги мағлубгардида, ба майдон даромада

тарафдорони саги ғолибро заданӣ мешаванд. Сагҳо ҳайрон мемонанду соҳибонашон ба мушту лагадзании ҳамдигар мепардозанд. Муноқиша то он ҳад тезу тунд мешавад, ки пулис дахолат карда, чандтои ононро бо чӯбдастаи хеш зада маҷрӯҳ менамуданд.

Дар ин рӯз аз ҳама бештар ғолибият насиби сагҳои панҷшерӣ гардид. Вақте ки сагҳои ин минтақа медалҳоро зиёдтар соҳиб шуданд, мавзӯи бозори сагон пеш омад. Харидорони сагҳои панҷшерӣ ба ҳар саги ғолиб нархи муносиб гузошта, сагҳои медалдорро соҳиб мешуданд. Гузашта аз ин, соҳиби саг то ки сагашро ба ҷанг меандозад, онро нарх мемонад. Ин ҳолат бозор миёни ду шахс, ки соҳибони саг ҳастанд, сурат мегирад. Масалан, нархи сагҳошонро ду-се ҳазор афғонӣ муайян мекунанд. Агар дар ҷанг саге мағлуб шуд, соҳибаш ба соҳиби саги ғолиб пули таъиншударо медиҳад. Сагҳое низ ба фурӯш монда шуданд, ки дар бадали шаш-ҳафт ҳазор афғонӣ харидорӣ гардиданд. Бадахшие дар шоҳидии мо сагеро ба қимати ҳафт ҳазор афғонӣ харидорӣ намуд. Аммо, вақте ки онро ба майдони ҳарбу зарб дохил кард, он аз ҷанг гурехт. Соҳиби саг ин ҳолатро дида, ҳайфи ҳафт ҳазор афғонӣ гӯён, қариб буд, ки гиря кунад. Ба ҳоли он бадахшӣ раҳмамон омаду аз ӯ хоҳиш намудем, ки як дафъаи дигар сагашро ба ҷанг омода созад. Ӯ хоҳиши моро, ки аллакай медонист тоҷикем, ба ҷо оварда, сагашро ба майдон кашид. Ин дафъа саги бадахшӣ гулӯи ҳарифро чунон маҳкам гирифт, ки он дигар илоҷи наҷот наёфта худро таслим сохт. Хурсандии бадахшӣ ва мо ҳадду канор надошт. Дар ин ташвиқ аз ҳама беш Зуҳуриддин ҳисса гузошт. Шер ҳам гоҳе ташвиқ карданӣ мешуд, вале ба иллати форсиро хуб надонистанаш ҷуръат ба ташвиқ намекард. Дар маҷмӯъ аз ин ки панҷшериҳо ғалаба ба даст оварданд, мо тоҷикони шӯравӣ худро сарбаланд эҳсос кардем, гӯё ки мо ғолиб омада бошем.

Ҳини тамошои ин саҳнаи хуношом, ки инсон ҳайвони ваҳширо ба якдигар ҷанг андохта, сару рӯи онҳоро хуншор намуда ва худ ҳаловат мебарад, ба мушоҳида гирифтем, ки ин навъ бозиҳо ба дунёи сарват иртибот мегиранд. Ҳеҷ гоҳ шахси камбизоат саг парвариш намекунад. Бесабаб нест, ки як нишонаи ҷомеаи сармоядорӣ саг доштан аст. Бисёре аз миллиардерҳои Ғарб дар дохили мошинҳои қиматбаҳои хеш саг мешинонанд ва бо ин гуфтанӣ мешаванд, ки онҳо шахсони пулдор ҳастанд. Дар Аврупо низ ашрофзодаҳо сагбозиро хуш медоранд. Он рӯз мо низ медидем, ки соҳибони сагҳои ҷангиву медалдор, асосан, ашрофони афғонӣ буданд, ки аз

дур, ё аз дохили мошинҳошон ҷанги сагҳояшонро назора мекарданд. Ба ин навъ бозиҳои ғайриинсонӣ дунёи сармоя ва одамонаш дар шакли он боло шавқу рағбат зоҳир менамоянд. Вагарна кадом тоҷик пешгӯӣ мекард, ки рӯзе дар шаҳрҳои Тоҷикистон низ бозии сагҷанг сурат мегирад? Ҳоло ки аз истиқлолияти ҷумҳурӣ даҳ сол сипарӣ мешавад ва мо низ ба иқтисоди бозоргонӣ рӯ овардаем, дар чанд гӯшаи шаҳри Душанбе рӯзҳои якшанбе бозии сагҷанг барпо мешавад. Соҳибони он сагҳо ҷенеролҳо, тоҷирон, раисони ҳукуматҳо ва дигар шахсони пулдори ҷумҳурӣ мебошанд. Ҳатто шахсе, ки саги ҷенеролеро ба майдони ҷанг медарорад, зери болопӯшаш автомати Калашников дорад. Ин ҷо ҳам дидам, ки сагҳоро дар мошинҳои хориҷӣ, дар ҷипҳову бенсҳо меоранд. Хеле хандаовар аст, ки сагеро ба хотири ҳунук нахӯрданаш камзули милисагӣ пӯшонда буданд. Масхарабозӣ то куҷо. Ба ҳамаи ин ҳодисаҳо пулу сармоя гунаҳгор аст. Рӯзе аз миёни тамошобинон шунидам, ки ба баъзе сагон бо сӯзандору нашъа дода, сипас ба ҷанг меоварданд. Оре, аз ин ҷиҳат мо низ «пеш меравем»...

Рухсатӣ

Масъалаи ба рухсатӣ баромадани банда дар байни як ҳафта ҳал гардид. Ба рухсатӣ рафтан саргардониҳои зиёде дошт. Барои ҳама хешу ақрабо ва ёру дӯстон тӯҳфачае омода сохтан лозим меомад. Бозоргардӣ масрафи зиёде талаб мекард. Маош ночиз буд. Бо вуҷуди ин, ба рухсатӣ нарафта ҳам наметавонистам. Дар Душанбе духтарамон Фотима монда буд ва дуруст намедонистем, ки ҳолу аҳволаш чӣ навъ аст. Ҳамин қадар медонистам, ки ӯ дар тарбияи духтари холаи завҷаам мондааст, бародарони ман бошанд ба ҳавлии Нагорний рафтаанд. Вақте ки мо ба ин сӯ сафар кардем хонаи 46-умро ба ихтиёри хоҳараму бародаронам гузоштам, то ки Фотимаро нигоҳубин кунанд. Маълум аст, ки хеши зан ҳамеша бологузар аст ва он хеши занам ба зудӣ шавҳар кардааст ва шарм надошта, хонаро азхуд намудааст. Ҳарчанд ки бародаронам - Ҷумъахону Мӯсо дар ин бора наменавиштанд, лекин то ҷое хабарҳои нохуш мерасид ва ин ҷиҳат то рафт нороҳатам месохт. Албатта, занак аз вазъият бохабар буд, вале ба ман чизе намегуфт. Гузашта аз ин, чунонки ҷое ишора карда будам, ягона хоҳарам - Аноргул ҷавонеро дӯст дошта буд ва мехост, ки издивоҷ кунад, вале набудани банда садди роҳ

шуда буд. Аз ин ҷост, ки дар чанд моҳи охир дар ҳама номаҳои расида тақозо мешуд, ки зудтар ба рухсатӣ бароям. Дар ҳалли ин мавзӯъ ман ҳам масъулият ҳис мекардам, зеро Аноргул ягона хоҳарамон буд. Гап дар ин аст, ки дар хонадони мо панҷ писару як духтар буд. Модари мо, ки дар 38-солагӣ сари фарзанд рафт, фақат як духтар ба дунё овард. Вақте ки модарамон моро тарк гуфт, Аноргул ҳафтсола монд. Чанд сол дар тарбияи модарандар буд. Ман, ки дар Донишгоҳ мехондам, рӯзе ба аёдати падар рафтам. Рӯзҳои охири май буд. Чанд рӯз баъд имтиҳонҳои тобистонаам оғоз меёфтанд. Ҳарчанд аҳволи падар бад буд ва рӯзҳои охири ҳаёташро медид, наметавонистам аз ду рӯз зиёд назди ӯ бошам. Қиблагоҳ, ки як умр муаллим буд, вазъияти бандаро фаҳмида мегуфт: «Писарам аз пайи хонданат шав, ман хуб мешавам». Пагоҳие, ки бояд сӯи Душанбе мерафтам, назди падар даромадам ва хайрухуш карда, бо дидаи гирён берун шудам. Якдафъаӣ садои падар дубора бандаро ба назди кати қиблагоҳ овард. Падар гуфт: «Худойназарҷон! Саломатиам бад аст. Ман дигар сиҳат намешавам. Бинобар ин, ман ба ту чанд васият мекунам: Аноргулро баъд аз хатми мактаби миёна ба бародари фалон одам ба шавҳар дода, сипас ба Душанбе бурда, ба мактаби олӣ мон...» Ман гирён шудам ва ба падар ваъда додам, ки ҳатман хостаашонро иҷро хоҳам кард. Ин охирин сӯҳбат ва дидор бо падар буд. Дигар ӯро зинда дарнаёфтам, баъди чанд рӯз дар ҷанозааш иштирок намудам. Афсӯс, ки васияти падарро иҷро карда натавонистам. Соли 1967 Аноргул синфи 10-ро ба поён расонд. Ба ҳавлии падар рафтам ва Аноргулро ба наздам шинонда, васияти қиблагоҳро барояш гуфтам. Мутаассифона, ин духтари якрав парвои васияти падар накарда, қотеъона гуфт: «Ман ҳеҷ гоҳ додари фалониро намегирам, ӯ дар қария зиндагӣ мекунад» ва ба ин монанд гапҳои дигарро ба рӯям зад. Ман дигар илоҷе наёфтам. Тобистони соли 1967 Аноргулро ба Душанбе овардам. Соле буд, ки худам донишҷӯ будам. Бо дӯстам Қурбон Бобоев (ҷояш ҷаннат бод), ки акнун факултети таърихро ба поён расонда, ба сифати ассистент дар назди Кафедраи таърихи навини Донишгоҳ кор мекард, маслиҳат кардам, ки вазъият ҳамин тавр аст, як хоҳар дорам, чӣ кор кунам, ки ӯ ба Донишгоҳ дохил шавад? Қурбон бо дили кушод, ҳеҷ гап не, дохилаш мекунем, гуфт. Хушбахтона, Қурбон он сол дар имтиҳони қабул иштирок мекард ва имтиҳони таърихаш дар дасти худи ӯ буд. Хулоса, ҳуҷҷатҳои Аноргулро ба

шӯъбаи савдои факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатӣ супоридем. Соле, ки мо сафари Афғонистон кардем, ӯ Донишгоҳро бояд тамом мекард.

Аноргул дар тӯли таҳсил бо мо буд. Вақте ки мо дар микрарайони 46-ум хонаи давлатӣ гирифтем, ҳавлии Нагорнийро ба номи ӯ кардам, то ки азоб накашаду дар ҳамин ҷо кору зиндагӣ кунад. Баъд аз рафтани мо ба ҳамсоягии мо донишҷӯе аз Донишгоҳи тиббӣ омаду рафт доштааст. Ин рафту омад боиси шиносоии Аноргул ба он ҷавон мешавад. Онҳо маслиҳатро пазонда, ҳарду ба Кӯлоб мераванд. Яке ҳамчун духтури кӯдакон ва дигаре шахси масъули идораи савдои шаҳри Кӯлоб.

Ҳамон айём Аноргул ягона духтаре аз Кӯлоб буд, ки тахассуси олӣ дар соҳаи савдо дошт. Акнун Аноргул дар тарбияи тағоям - Ҷӯрахон Тоҳиров қарор мегирад. Он ҷавон ҳафтае як бор хонаи тағоям хостгор мефиристад. Тағоям дар мактубҳояш аз банда хоҳиш мекард, ки ҷиян зудтар биё, Аноргулро ба шавҳар додан лозим, он бача гаранг кардааст.

Рости гап, баъд аз ин ки Аноргул васияти падарро нагирифт, намехостам дар тақдири оилавиаш худро масъул донам. Аммо боз ҳам мавзӯи як хоҳар буданаш бандаро ором намегузошт. Аз ин ҷост, ки бо сардорамон маслиҳат карда, ариза навиштаму ба рухсатӣ баромадам, ки ин ба таърихи 13-уми апрели соли 1972 рост омад.

Ба ин муносибат бегоҳии 12-ум чанде аз ҳамкорону дӯстонро ба як пиёла чой даъват намудам. Онҳо тақозо доштанд, ки зудтар баргардам. Махсусан, сардори маъданшиносони шӯравӣ дар Афғонистон - Чемирев В.М., ки инсони хубе буд, хоҳиш намуд, ки зудтар аз рухсатӣ ба Кобул биоям, зеро корҳои маъданшиносӣ оғоз мешавад ва ният аст, ки бандаро ба минтақаи хеле пураҳамият бифиристад. Хушбахтии кас он аст, ки агар миёни ҳамкорон обрӯ пайдо мекунад ва худ эҳсос менамояд, ки ба ӯ зарурат доранд. Чунин муносибат бандаро рӯҳбаланд месохт ва барои боз як соли дигар кор кардан нерӯи тоза мебахшид.

Пагоҳии 13-ум аз дасти Парвиз гирифтаму бо эҳсоси Ватанро дидан аз зинапояҳои манзили чорошёна поён шудам. Мошин бо муовини сармутахассисамон - Исоев интизорӣ дошт. Дар ин сафар моро Абдулмаҷид Холов ва Ира Назарова (завҷаи Ҳ.Назаров) гусел карданд.

Дар гумрук касе аз кормандон саволе накард. Бидуни кадом тафтише ичозати гузаштан доданд, зеро диданд, ки як оила ду ҷомадони бисткилоӣ доранду халос. Ҳатто яке аз

кормандони гумрук пурсид, ки «тарҷумон соҳиб, чаро анҷоматон кам аст, ҳол он ки русҳо панҷ-шаш ҷомадонӣ бо худ мегиранд». Ман гуфтам, ки намехоҳам тартиботи гумрукиро хароб созам. Сари касе бист кило муайян шудааст, чӣ зарурат аст, ки қонунро вайрон кунам. Офарин, гуфт ва роҳи сафед талабид.

Ба ҳамин тариқ, мо ба ҳавопаймо савор шудем ва соатҳои сеи рӯз ба Тошканд расидем. Гумруки Тошканд ҳарду ҷомадонро кушода, ҳама анҷомҳоро таку рӯ намуда ва баъд фармуд, ки акнун худатон ҷо ба ҷо кунед. Кормандони гумрук ба мо хеле рафтори нохуб нишон медоданд. Ман, ки шаҳрванди шӯравӣ будам чандон гӯё азоб надоданд, аммо афғонҳоро ба дараҷае таҳқир мекарданд, ки забони кас намегардад. Ҳар чизи қиматбаҳо, ки ба дасташон мехӯрд, ин мамнӯъ аст, гӯён зуд мусодира мешуд.

Моро лозим буд, ки аз Тошканд ба Душанбе билет пайдо кунем. Азбаски ӯзбекӣ сӯҳбат карда наметавонистам, билет нест мегуфтанд. Касонеро хуб қабул медоштанд, ки агар ӯзбекӣ сӯҳбат мекарданд. Баъд аз саргардониҳои чандсоата ва пули иловагӣ додан билет ба даст овардем. Ҳавои толори майдон гарм, Парвиз об мепурсад, вале пули шӯравӣ надорем, ки ба кӯдак об гирифта диҳем. Як ҳоли бад. Бо ҳамин ҳол то соати даҳи шаб дар майдони ҳавоии Тошканд азоб кашидем. Ниҳоят, соати 10.45 ба ҳавопаймои ЯК-40 нишастем ва шукри худо гуфтам, ки аз дӯзахи майдони Тошканд халос шудем. Бадбахтона, дар майдони ҳавоии Душанбе касе моро интизорӣ надошт. Ҳарчанд ки мо рӯзи омаданамонро хабар дода будем, вале бо сабабҳои номаълуме бародаронам беиттилоъ мондаанд, вагарна Чумъахон корманди ГАИ-и шаҳр буд ва метавонист, ки моро пазирой кунад. Нимашаб дар майдони Душанбе ин тарафу он тараф медавидам, то ки мошине пайдо кунам. Бо душворие соатҳои яки шаб мошинаеро киро кардему ба микрорайони 46-ум расидем. Ҳама хоб буданд. Чанд дақиқа занги дарвозаро такрор ба такрор зер кардем. Якдафъаӣ садои Фотима баромад, ки «дадамшон омаданд, дадамшон омаданд», мегуфт. Дар кушода шуду Фотима худро ба гардани банда печонд ва ба модару додараш оғӯш ба оғӯш шуд.

Аз дидори духтарам шод шудам ва шукр гуфтам, ки сиҳату саломат будааст. Аммо аз чеҳраи духтари холаи занаму шавҳари ноошнояш, таъбам хира гардид ва дилу нодилон ба онон салому алейк кардаму бештар мутаваҷҷеҳи Фотима гардидам, ки хеле пазмонаш шуда будам. Аз

хонданаш савол кардам, ҳамааш «панҷ» гуфт. Вале ҳушу гӯшаш ба он буд, ки барояш чӣ тӯҳфаҳо овардаем. Парвиз бо виқор менишаст ва маълум буд, ки хоб фишораш овардааст.

Аввалан ба утоқи кориам даромадам. Баъзе китобҳоямро рӯи даст гирифтам. Ба мизи кориам назар андӯхтам ва баъд хостам, хонаи хобамро бубинам, вале афсӯс ки он хона аллакай аз мо набуд. Он ду беномуси навхона рахти хоби моро аз худ карда буданд. Ин ҳолати бандаро модари бачаҳо пай бурд, ки ба осетинӣ ким-чӣ ба хешдухтараш гуфт. Қавораш ҷиддӣ шуд. Фотима низ инро пай бурд, ки сӯи ман менигаристу гуфтанӣ мешуд, ки хайр аст, дадаҷон, ҷангашон накунен. Ҳама тахминҳои ман дар мавриди ин хонаро ба кадом сабаб тарк гуфтани бародаронам дуруст баромаданд. Бародаронам хуб дарк карда будаанд, ки ба хотири бародаршон бо хеши зан муноқиша набояд кард. Банда дар ботин аз онҳо узр хостанӣ будам, зеро дар хатҳоям то ҷое онҳоро ҷанг мекардам. Шояд хеши занак Фотимаро хубтар нигаҳбонӣ мекард. Ин ҳақиқат буд. Фотима шикояте надошт. Гӯё аз ҳама чиз таъмин менамуд. Шаби аввали рухсатиро дар хонаи худ дар ҳолати нороҳатӣ сипарӣ кардам. Фақат пагоҳаш бародаронам - Ҷумъахону Мӯсо ба аёдатам омаданд. Шод буданд, ки бародарашонро дар рӯ ба рӯяшон мебинанд. Онҳо дигар парвои чизе надоштанд ва хуб ҳам медонистанд, ки ихтиёри ҷомадону туҳфаҳо дар дасти янгаашон мебошад. Касе ҷуръат намекард, ки ба ҷомадонҳо наздик шавад. Ҳама тақсимот ба ӯҳдаи занак буд. Ҳоло гуфта наметавонам, ки барои хешони банда низ тӯҳфае харидорӣ шуда буд ё не. Фақат медонам, ки барои туйи арӯсии Аноргул ким-чиҳо харида будем ва барои устодам - Соҳиб Табаров низ тӯҳфае омода сохта будам.

Пагоҳии 14-умро дар Душанбе пешвоз гирифтам. Ҳамин рӯз маълумам гашт, ки «иҷоранишинҳо»-и мо муддати ҳашт моҳ пули хонаро насупоридаанд. Бо вуҷуди ин ки хона ба номи занак буд, онҳоро аз иқомати баъдӣ дар ин хона маҳрум сохтам. Онҳо низ чизе нагуфта баромада рафтанд. Албатта, ин рафтори ман чандон хуб набуд. Вале дар сари қаҳр аз ин ҳам корҳои бадтарро содир кардан мумкин аст. Табиист, ки занак чунин амалро намепазируфт, аммо дигар илоҷе надошт. Дар хонадони осетинҳо низ гапи мард дар ҷойи аввал аст, махсусан дар ватанашон - Осетия. Масалан, дар дохили автобус ё ҷойҳои дигар ҳамеша бонувон барои мардон ҷой холӣ мекунанд. Ё ин ки агар зану марди осетин ба бозор раванд, халтаи борро зан

мебардорад на мард. Ин одатҳо ба ман хеле маъқул буданд.

Ҳамин рӯз буд, ки пеш аз ҳама устодам С.Табаровро зиёрат кардам. Сипас ба факултет рафта, дӯстонам Раҳимҷону Шаҳбоз ва дигар устодону ҳамкоронамро дидам. Як рӯзи дароз кӯчаву хиёбонҳои Душанберо сайру гашт намудам. Ин саёҳат хеле ҳаловатбахш буд. Баъдан бо бародарону хонавода сӯи Кӯлоб ҳаракат кардем. Рӯзи тӯй маълум шуда буд. Тағоям дар бораи домодшаванда маълумот дод. Аз колхози ба номи Ленини Восеъ, шаҳрчаи Крупская будааст. Миллаташ ӯзбек, Исмоил ном доштааст. Модару апаҳояш тарбияташ кардаанд. Аз Аноргул пурсидам, ки магар он ҷавонро дӯст медорад? Оре, гуфт. Медиҳед ҳамин, намедиҳед ман дигар касро намегирам. Хеле ҷиддӣ сӯҳбат мекард. Аноргул андак мардаквор гап заданро хуш дорад. Ӯ низ бояд мард зода мешуд, аммо бо ҳукми Худо духтар таваллуд ёфта буд. Дар ин сӯҳбат бародари калонам - Холназар ва бародарони хурдам Соҳибназар, Ҷумъахон ва Мӯсо низ иштирок доштанд. Калони тӯй ягона тағоямон - Ҷӯрахон буд. Тӯй дар хонаи ӯ сурат гирифт, зеро хонаи падарии мо дар Арчаи Фархор монда буд ва онро модарандарамон, ки тоза ба шавҳар баромада буд, соҳибӣ мекард. Ин ҳам васияти падар буд, ки баъд аз фавташ ҳавлӣ ба модарандар ва ё духтарҳояш - Майдагул, Саодат ва Файзигул гузошта шавад. Ҳамин буд, ки ҳама бародарон, ки исмашонро овардам ба эҳтироми падар аз ҳавлӣ берун шуданд. Холназар дар Арча хонаи дигар гирифт. Ҷумъаву Мӯсо ва Аноргулро ман ба Душанбе бурдам ва Соҳибназар баъди хатми аскарӣ дар Кӯлоб муқимӣ гардид. Яъне мо бародарон то ҳол ҳавлии падарӣ надорем. Падар, ки муаллим буданд аз Чилчаи Балҷувон то Момаиву Ҷинисой ва Ӯтунқалъаю Сангиғӯр ва Хонободу Тосқалъа ин касбро адо намуданд ва дар ҳама қарияҳои номбурда ҳавлиҳо обод карданд. Ба ин маънӣ, ҳавлиҳои падарии мо якто не, балки чандто мебошанд. Ҳавлии охирати падар теппаи Золи Зарди Арчаи Фархор мебошад. Ба ин хотир, бародари калон дар ин деҳа ҳавлӣ сохт, то ки аз мазори қиблагоҳ ҳифозат намояд.

Хулоса, тӯйи арӯсии Аноргул ба хурсандӣ гузашт. Онҳоро ба хонаашон гусел кардем. Ба Фархор нарафтам. Андаке аз бародарам ва дигар хешу ақрабо малол будам, зеро дар тӯли як соли набудани банда ягонтаашон боре ҳам аз ҳоли хонаи мо, ки он ҷо духтарам монда буд, хабар нагирифтанд. Ҳини ҳаракат аз Кӯлоб сӯи Душанбе дар ботин аз падар узр хостам, ки мазорашро зиёрат накарда меравам.

Васияти падару насиҳати калонро нагирифтани Аноргул он шуд, ки хеле баъд бо се фарзанд, хонавайрон шуд. Он шавҳари дӯстдоштааш зани дигареро пазируфт. Дар ин хонавайронӣ душвор аст касеро айбдор сохтан. Аммо як чиз мусаллам аст, ки дар ҳар хонавайронӣ бештар зан айбдор хоҳад буд. Занро мебояд ба ҳар мушкилот гузашт кунад. Шавҳарро бо хешу ақрабо ва дӯстонаш эҳтиром намояд. Вале марде, ки дар ин ҳолат даъвои хонаву молу мулк мекунад ва раҳми фарзандонро, ки одатан бо модар мемонанд, намехӯрад, онро мард номидан хатост. Мард бояд мардона рафтор кунад. Мутаассифона, «Исмоилҷони» Аноргули мо даъвои тақсими хона кардааст ва кай парво дорад, ки фарзандони ӯ дар чӣ ҳоланд, балки зани навашро доимо сари хонаводаи собиқааш барои бардоштани ҷанҷолу хархаша мефиристод ва худаш аз дур назора мекард. Ҳайфи мардӣ. Умуман бо зан дар чунин ҳолатҳо муноқиша бардоштан кори номардон аст. Марди воқеӣ, агар тақдир раво бинад, бо як сару либоси дар тан доштааш хонаро тарк мегӯяд ва баъдан хонаи нав барпо мекунад. Ҳамзамон то обод сохтани фарзандон ҳамеша бо онҳо дасти ёрӣ дароз мекунад. Фақат бо паррончак шудани фарзандони монда рафтааш, ӯ метавонад худро осоишта бинад... Афсӯс ки Исмоилҷони домоди мо чунин накард. Ба ҳар ҳол ӯ боре нисбат ба банда беэҳтиромӣ накардааст. Шояд тақдир ӯро дигар сӯ кашид. Шояд Аноргули мо низ дар рӯзгори оилавӣ бемасъулиятӣ зоҳир намуд. Шояд ва боз шояд. Ҳарчи ки шуд ҳарду саломат бошанд...

Дар давоми рухсатӣ, 11-уми май, дар дифоъи рисолаи номзадии ҳамдарси омӯзишгоҳиям Абдукибор Гадоев иштирок намудам. Ҳимояи рисола дар толори Донишгоҳи давлатӣ гузашт. Муқарризон баҳои баланд доданд. Сипас барои аъзоёни шӯро ва дӯстону меҳмонон дар чойхонаи «Роҳат» зиёфат оростанд. Садри маҷлис устоди банда Соҳиб Табаров буд. Дар ин маҳфил ҳамдарси донишгоҳиям Ҷӯрабек Назрӣ ҳофизӣ кард. Ба ин баҳона хеле аз ҳамдарсону дӯстонро дидам. Чунин маҷлисҳои илмӣ ҳаловатбахшанд. Менишастаму дар ботин ба Абдукибор ҳасад мебурдам. Ин ҷиҳат бандаро водор месохт, ки сари мавзӯи рисолаи номзадиам ҷиддитар машғул шавам. Абдукибор нахустин шахс буд, ки аз ҷумлаи хатми соли 1960-и Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб номзади илм мешуд. Ин дифоъ бешубҳа падидаи мусбат буд.

Дар муддати рухсатӣ ба хулосае омадем, ки Фотимаро дар таътили тобистона бо худ бигирем. Ба ин хотир ба

воситаи Вазорати корҳои хориҷӣ сураташро дар шиносномаи модараш расмӣ кунондем. Дар Интурист барои 23-юми май билети Тошканд - Кобулро фармоиш додем. То чанде ки рӯзҳои рухсатӣ кам мешуданд ҳамон андоза нороҳатӣ фароям мегирифт. Ҳеҷ поям намекашид, вале боз маънии хидмат ба Ватан водорам месохт, ки омодаи сафар бошам.

Рӯзи 22-юм ҳам фаро расид. Тақрибан ҳама хешу ақрабо дар хонаи микрорайони 46-ум ҷамъ омаданд. Бегоҳии ин рӯз ба майдони ҳавоӣ рафтем. Акнун хонаводаи мо сарҷамъ буд: банда ва Фотимаву Парвиз бо модарашон. Бародарам Соҳибназар то Тошканд моро гусел кардан шуд. Бо қалбҳои реш-реш бо хешу ақрабо хайру хуш намудам. Ҳамаашонро ба оғӯш гирифтам. Дилам ба додари хурдиам Мӯсо месӯхт, ки гӯшае чеҳраи маҳзунашро пинҳон кардан мешуд. Ҷумъахон низ аз сафари банда шод набуд. Ғариби чизи бадест. Дар ҳамин рӯҳия бо зинаҳои ҳавопаймои ЯК-40 боло шудем. Дар назарам олам дигар шуд. Даҳшате фишорам меовард. Аз дохили ҳавопаймо авлодонро медидам, ки даст меафшонданд. Аноргулу домод худро хуш эҳсос мекарданд, зеро бо омадани банда ҷуфт шуданд. Фотима хеле хушҳол буд. Дар фикраш Кобул буд, кишвари дигареву дунёи дигаре. Парвиз парвое надошт, медонист, ки ҷӯраҳои кобулиаш интизораш ҳастанд ва ӯ метавонад барояшон росту дурӯғ қиссаҳое аз Душанбе кунад. Ҳатман лаҳзаи тӯйро хоҳад гуфт, ки чи навъ домодро бо салаву ҷома дид ва чи навъ пеши биниаш рӯймолча нигоҳ медошт.

Нимашаб дар майдони ҳавоии Тошканд аз ҳавопаймо пиёда шудем. Шабро дар меҳмонхонаи назди майдон гузарондем. Рӯзи 23-юми май то соати се маътали ҳавопаймои «Бойинг» шудем. Ниҳоят, парвози Тошканд-Кобулро эълон карданд. Дар ин сафар Соҳибназар хеле ёрӣ расонд. Бо ӯ низ хайрухуш намудем. Гирён шуд. Банда оби дидаамро аз фарзандон пинҳон кардам. Одатан, дар «Бойинг» мусофирони хориҷӣ кам мешуданд. Бештар афғонҳо, ҳиндуҳо, покистониҳо парвоз мекарданд. Яъне вақти саворшавӣ ҳеҷ ташвише пеш намеомад. Хидматгорони ҳавопаймо низ духтарон стюардессаҳои зебову хушандоме буданд. Навозишкорона сӯҳбат мекарданд. Ширинию кока-колаву фанта пешниҳод менамуданд. Парвози «Бойинг» ҳамеша бароҳат сурат мегирифт.

Дӯстону ҳамкорони кобулиам аз парвози мо хабар доштаанд. Вақте ки сарамро аз дарвозаи ҳавопаймо баровардам, назарам ба балкони бинои майдон расид, ки Абдулмаҷид, Азимҷон, бону Дониста (завҷаи Зуҳириддини

маъданшинос) ва Ира Назарова даст боло мекарданд. Онҳо зуд поён фаромаданд, то ки моро зудтар аз толори гумрукӣ берун бикашанд. Дар назари онон мо бӯи Душанбе-Тоҷикистон мекардем. Азимҷон шӯхикунон ҳамаи моро бӯй кашид, бӯсид ва ҳатто дар чашмонаш ашки шодӣ падид омад. Табиист, ки занҳо низ якдигарро ба оғӯш гирифтанд ва аз навиҳо фаҳмиданӣ мешуданд. Фотима ҳайрон монда буд. Медид, ки ин ҷо лаҳҷаи сӯҳбат дигар аст. Сару либоси кормадони майдон, бо зебоиву дилрабоиаш диққати Фотимаро ҷалб намуда буд. Чун ҳарвақта кормандони гумрук моро ба хушӣ пазируфтанд ва нагузоштанд, ки мо маътал бимонем.

Рӯи ҳавлии майдон мошинҳо моро интизорӣ доштанд. Исоеви муовин бо даҳони пур аз ханда, «офарин, офарин» гӯён наздик омада, моро пазироӣ кард. Соати шаш аллакай дар манзили кобулиамон ҷо ба ҷо шудем. Ҳамсояҳо омодагӣ гирифта буданд. Шабона ҳама дӯстону ҳамкорон сари мизи мо қарор гирифтанд ва аз савғоҳои мо нӯши ҷон карданд. Бо ҳамин рухсатии банда ба поён расид ва рӯзи дигараш - 24-уми май сари вазифаи хеш ҳозир шудам. Акнун худро орому осуда медидам, зеро ҳарду фарзандам бо ман буданд. Дар ин таътил Фотимаи мо танҳо набуд, балки дигарон ҳам фарзандҳошонро даъват карда буданд. Дар гурӯҳ махсус барномаҳои истироҳативу маърифатӣ пешбинӣ шуда буд. Яъне Фотима зиқ намешуд, дугонаҳои нав пайдо мекард.

Музоҳира дар раёсати маъдан

Бисту чаҳоруми май буд. Ин рӯз баъди рухсатӣ сари вазифа ҳозир шудам. Корам дар Раёсати маъдан муқаррар гардид. Аз автобус поён шудам, ки дар назди дарвозаи бинои асосии Раёсати маъдан ва ҷиюлучӣ одамони зиёде ҷамъ омада шиори «Нест бод Мирзод»-ро бо овози баланд пахш менамуданд. Мо мутахассисони шӯравӣ аз шунидани чунин шиори сиёсӣ ба ҳаяҷон омадем. Дар миёни намоишгарон чанде аз шиносони банда низ буданд, ки бо ҳам кор мекардем. Онҳо дар мактабҳои олии Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсил дида, баъзеашон рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуда, бо номи «доктор соҳиб» маъруфият доштанд.

Банда гӯё онҳоро надида бошам, дохили бинои асосӣ гардидам. Дар даҳлезҳо суханҳои ҳархела шунида мешуд. Сармутахассиси маъданшиносони Шӯравӣ ва котиби ташкилоти ҳизбии гурӯҳ ба ташвиш афтода буданд.

Талаботе, ки музоҳирачиён доштанд ва онҳоро дар рӯзномаи «Афкори нав» рӯи нашр оварда буданд, то чое зидди фаъолиятҳои маъданшиносии шӯравӣ ҳам буд. Дар мақола раиси Раёсат инженер Саид Ҳошим Мирзодро гунаҳгор эълон дошта, истеъфои ӯро тақозо мекарданд. Зимни ин, муаллифони мақола чандин нуқтаҳои маъданиро, ки шӯравиҳо кашф намудаанду ба назари онҳо натиҷае ба даст наовардаанд танқид карда, корҳои маъданшиносони шӯравиро бефоида меҳисобиданд.

Гурӯҳе, ки ин мақоларо ташкил карда буд, аз 125 нафар инженеру докторҳо иборат буд. Соҳибони мақола ба як тир ду нишон заданӣ мешуданд. Яке ин ки ба ин восита аз раиси Раёсати маъдани Афғонистон халос меёфтанд ва ҳам фаъолияти маъданшиносии Шӯравиро барҳам задан мехостанд. Гурӯҳи намоишгаронро доктор Субот, ки дар Олмони Ғарбӣ таҳсилоти олӣ бардошта буд, сарварӣ менамуд. Ҳамчунин доктор Абдулло хатмкардаи Донишгоҳи Петербург ва чанд тани дигар дар паҳлуи доктор Субот қарор доштанд. Музоҳира ду ҳафта идома ёфт. Ҳамарӯза аз пагоҳӣ то бегоҳӣ назди бинои Раёсат ҷамъ мешуданд ва шиори «Нест бод Мирзод»-ро такрор менамуданд.

Дар ин самт ҷониби Ҳукумат ҳам корҳои пинҳонӣ ташкил мекард. Ҳамин буд, ки Мирзод гурӯҳи калони кормандону коргарони Раёсатро ба муқобили намоишгарони дипломдор бархезонд. Илова ба ин, музоҳирачиён зери назорати қувваҳои тартиботи давлат қарор доштанд. Пулис шабонарӯзӣ навбатдорӣ мекард, ба таври ноаён баъзе аз музоҳирачиёнро ба ҳабс мегирифт. Мавзӯъро парламони кишвар таҳти мутолиа қарор дода, ба чунин хулоса омад, ки раиси Раёсати маъдан ҳеҷ гуноҳе надорад ва намоишгаронро пароканда кардан лозим аст. Ба асоси файсалаи Маҷлиси парламон музоҳира барҳам зада шуд. Лаҳзаи парокандакуниро банда аз ошёнаи дуюм ба мушоҳида мегирифтам. Пулис дар чанд мошини зиреҳпӯш пайдо шуда, музоҳирачиёнро пароканда карданӣ буданд, ки занозанӣ оғоз шуд. Ҳарду тараф муқобилият нишон медод. Дар ин занозанӣ гурӯҳҳои махсуси ҳукуматӣ саркардаҳои музоҳирачиёнро дошта, ба мошинҳошон маҳкам мекарданд. Табиист, ки намоишгарони бесилоҳ дар муқобили силоҳбадастони давлатӣ истодагарӣ карда натавонистанд ва ба ҳар сӯ дар гурез шуданд.

Пулис ба таъқиби онҳо афтода, чандтои ононро аз назди майдони Паштунистон ва Бонки милливу меҳмонхонаи «Кобул» дошта, лату кӯб намуданд. Қисме аз намоишгарони

маъданчӣ аз чанголи пулис худро халос карда, ба ҷойҳои серодами шаҳри Кобул, монанди майдони Спинзар, ҷодаи Майванд ва Ҷаман издиҳомро истифода бурда, шиорҳои зиддиҳукуматӣ медоданд. Аммо фаъолияти ташвиқиву тарғибии онон дер давом накард, балки пулисҳои савора, ки дар таъқибашон буданд ба осонӣ баъзеҳошонро дастгир карданд. Бо ҳамин намоиши докторону инженерони Раёсати маъдан ва ҷиюлучии Афғонистон хомӯш гардид. Масалан, дар як ҷамъомади Порки Зарнигор якбора 27 нафар музоҳирачӣ ба ҳабс гирифта шуд.

Вақте ки намоиш натиҷаи дилхоҳ надод, баръакс мавқеи Мирзод дар назди парламон ва Зоҳиршоҳ қавитар шуд, баъзе аз таҳсилдидагони Шӯравӣ ба назди мо омада, узрхоҳӣ мекарданд ва моро бовар мекунонданд, ки музоҳираи онҳо фақат ба хотири аз вазифа дур сохтани Мирзод буд, на ба мақсади нодида гирифтани фаъолияти маъданшиносони Шӯравӣ. Ман ба онҳо ҷавоб медодам, ки мо - шӯравиҳо ба сиёсати дохилии Афғонистон дахолат нахоҳем кард. Ин кори дохилии худи шумост. Моро барои ёрӣ даъват намудед, омадем. Дар ин мавзӯъ шартномаи байнидавлатӣ мавҷуд аст. Аз мо ҳеҷ гуна фаъолияти инқилобӣ тақозо накунед.

Дар ҳамин замина баъди чанд рӯз доктор Тоҳирхон, ки таҳсилдидаи Петербург буд ва чанд муддат дар Душанбеи мо низ иқомат доштааст, сари роҳи бандаро гирифту узр хост: аз мо ранҷур нашавед, тарҷумон Худойназархон. Мо мехостем, ки Мирзод сабукдӯш шавад. Тоҳирхон ба русӣ сӯҳбат мекард, зеро дар гирду атрофи мо афғонҳои зиёде ҷамъ омаданд ва мехостанд фаҳманд, ки он музоҳирачӣ ба тарҷумони шӯравӣ чиҳо мегӯяд. Дар ин чанд рӯзи ташвишҳои намоишгарӣ Тоҳирхон хеле хаста ва лоғар шуда буд. Бегоҳ ӯро низ ба ҳабс гирифтанд.

Бояд гуфт, ки Зоҳиршоҳ Мирзодро дӯст медошт. Махсусан, вақтҳое ки ба шикор мебаромад, ҳатман Мирзодро бо худ мегирифт. Бесабаб набуд, ки дар чанд рӯзи фаъолияти музоҳирачиён пулис аз назди Раёсати Мирзод дур намешуд. Аз сӯи дигар, ӯро ҳамеша кормандони Вазорати бехатарӣ то хонааш гусел мекарданд ва пагоҳиҳо низ дар зери ҳимояи онҳо сари вазифаи давлатӣ ҳозир мешуд. Рӯзҳое, ки намоишчиён зидди Мирзод сару садо бардошта буданд, Зоҳиршоҳ чанд дафъа ӯро ба ҳузури хеш пазируфта будааст. Ҳамчунин қисса мекарданд, ки гоҳе дар нони чошт бо Зоҳиршоҳ якҷо менишастааст. Аз ин ки парламон ӯро тарафдорӣ кард, ҳамин маъниро дошт.

Ногуфта намонад, ки соли 1351-1972 дар тамоми

Афғонистон музоҳираҳо сурат гирифтанд.Ҳатто дар баъзе манотиқ корпартоиҳои коргарон ба мушоҳида мерасид. Табиист, ки намоишчиён назди Ҳукумат талаботи хешро мегузоштанд ва бештар кӯшиш бар он доштанд, ки аҳволи иқтисодии ҷомеаро боло бубаранд. Гӯё Шоҳ бо ҳукуматаш дархостҳои мардумро нодида намегирифт, балки ваъдаҳо медод ва онҳоро бовар мекунонд, ки иншооллоҳ солҳои наздик вазъи зиндагии мардум хуб хоҳад шуд. Ҳарчанд ки ҳукумати шоҳӣ буд, нишонаҳои демократия, монанди хештаншиносӣ ва озодии сухан риоя мешуд.

Оромгоҳи Нодиршоҳ

Нодир дар замони салтанати Амонуллоҳхон вазири ҳарбӣ буд. Дар асари инқилоби Бачаи Саққо (Ҳабибуллоҳхон ҳам мегуфтанд) Амонуллоҳ фирор мекунад. Ин замон Нодир дар Фаронса курси мактаби ҳарбиро тай менамуд. Ингилисҳо, ки ба ивази Амонуллоҳи озодандеш Бачаи Саққоро аз роҳи Чоряккор ба сари қудрат оварданд, баъд аз ҳашт моҳи салтанат ӯро низ аз байн бурданӣ шуданд. Ба ин хотир Нодирро аз Порис ба Хуст оварданд ва қудратро ба дасташ доданд. Соли 1929 Нодир худро шоҳи нави Афғонистон эълон намуд. Соли 1933 дар яке аз маҳфилҳои фарҳангӣ бо дасти донишҷӯе, ки ҳамроҳи писараш - Зоҳир таҳсил мекард, ба қатл расид. Ба ивази Нодиршоҳ писари ӯ - Зоҳир ба шоҳӣ пазируфта шуд. Ҷасади Нодиршоҳ дар яке аз теппаҳои шаҳри Кобул ба хок супурда шуд. Баъдтар Зоҳиршоҳ марқади қиблагоҳашро бунёд сохт, ки аз ҳар гӯшаи Кобул метавон онро ба мушоҳида гирифт. Вақте ки шӯравиҳо дар майдоне дуртар аз марқади Нодиршоҳ шаҳрчаи навъи аврупоӣ бунёд карданд, Зоҳиршоҳ онро ба номи «Нодиршоҳ» расмӣ кунонд. Мардуми Афғонистон ба мазори Нодиршоҳ эҳтиром доштанд ва рӯзҳои ҷашну иди Фитр ба зиёрати Нодиршоҳ мешитофтанд. Ҳамчунин оромгоҳи Нодиршоҳ барои хориҷиён низ ҷолибият пайдо карда буд...

Як сол аз фаъолияти кориам пурра шуд, вале фурсат намеёфтам, ки боре зиёратгоҳи Нодиршоҳро аз наздик бубинам. Баъди баргаштан аз рухсатӣ чунин фурсат фароҳам омад. Яке аз рӯзҳои охири моҳи май бо ташаббуси Ҳақназари Назар ба дидори марқади Нодиршоҳ расидам. Дар ин саёҳат Зуҳуриддин Ёров ҳам буд. Рӯзи хубе ҳам буд.

Банда бо фарзандонам - Фотимаву Парвиз, Ҳ.Назар

бо духтарчаҳояш - Бобошаву Заррина ва Зуҳур бо писараш - Ифтихор пойи пиёда, сӯҳбаткунону суратгирон то пояи марқади Нодиршоҳ омадем. Майдони калонеро барои зиёратгоҳи Нодиршоҳ ҷудо карда будаанд. Маълум, ки турбати Нодиршоҳ дар зери гунбази чандметра қарор дорад. Дохили гунбаз қабри гаҳворашакли мармарӣ ҳамчун рамзи гӯри шоҳ сохта шуда буд. Болои гӯр, ки толорро мемонад, одатан барои тамошои хориҷиён хидмат менамуд. Саҳни майдони мақбараи гунбаздор бо мармари сурху сафед пӯшонда шуда буд. Атрофи майдонро занҷирҳои ғафси ҳарранга оро медоданд. Дарвозаи даромад ҳам дошт, ки аскар меистод. Сари китфи аскар туфанги сохти инглисӣ овезон буд. Назди аскар омадему салом додем ва баъд савол кардем, ки иҷозат ҳаст, ки ба оромгоҳ ворид шавем? Аскар сӯҳбати моро, ки сирф ба лаҳҷаи форсии кобулӣ сурат мегирифт, шунида, на хайр гуфт, шумо дохилӣ ҳастен, шумо бояд ба манзили поёни зиёратгоҳ биравед. Ин боло барои хориҷиён таъин шудааст. Ҳарчанд ки даъвои шӯравигӣ мекардем, аскар ба ин сӯву он сӯяш назари шубҳаноке андохта, хоҳиши моро рад мекард ва мегуфт «валлоҳ, ки маро бозӣ медиҳед». Аскар чунин амр гирифта буд, ки манзили боло фақат барои туристон ва хориҷиён аст, на барои афғонҳо. Ҳеле мубориза бурдем, нашуд. Чанд калимаи русиро бо кӯдакҳо санҷидем ва ниҳоят аскар ба шаҳрванди шӯравӣ будани мо боварӣ ҳосил карду иҷозати даромадан дод. Аскар ҳамоно аз пушти сари мо нигоҳ мекарду ба худ савол медод, ки оё қонунро вайрон накардааст?

Даруни марқад зебу зинат ёфта буд. Тамоми гунбазро мармари ранга оро медод. Аз он ҷо берун баромадему хандакунон ба аскар гуфтем, ки ту ғалат кардӣ, мо дохилӣ ҳастем. Акнун мехоҳем, ки манзили поёни оромгоҳро низ тамошо кунем. Аскар дар қаҳр шуда, гуфт: «Дохилӣ бошед ҳам барои манзили поёнро дидан иҷозат намедиҳам» Хайр аст, гуфтему нахостем дигар ӯро азият диҳем. Аз ҳама беш Зуҳур ӯро азоб медод, ҳар хел шӯхиҳо мекард, аммо аскари бечора аз тарс майли ханда ҳам надошт.

Дар саҳни берунии майдони оромгоҳ мехостем чанд қитъа акси хотиравӣ бардорем, боз ҳам аскар «мамнӯъ, мамнӯъ», гӯён моро барои зудтар майдонро холӣ кардан даъват менамуд. Бо вуҷуди ин, андаке аскарро бо гап банд кардем, то ки оқои Ҳақназари Назар моро ба филми ранга гирад. Вақти баромадан аз аскар узр хоста, даҳ афғонӣ ба дасташ часпондем. Аз ин саёҳат аз ҳама бештар кӯдакҳо хушӣ мекарданд.Фотима ба духтарҳои Ҳ.Назар унс гирифту

Парвиз бо Ифтихори Зухур. Сипас бо роҳи омадаамон ҷониби манзилҳомон равон шудем ва сари роҳ кӯдакҳоро бо сихкабоб меҳмондорӣ намудем. Оби кока-кола ва фанта барои бачаҳои мо хеле хуш омада буд. Он даврон чунин обро дар Шӯравӣ ба даст овардан номумкин буд. Кӯдакҳои мо чизеро мехостанд, ки дар ватанашон камбуд аст. Тамошои оромгоҳи Нодиршоҳ бароямон манфиатбахш тамом шуд.

Сафари Чихчарон

Дар қарордоди маъданшиносон кор кардан барои банда дилчаспӣ дошт. Агар дар қарордодҳои дигар мебудам, шояд аз Кобул берун намебаромадам. Баъди рухсатӣ як моҳи дигар дар Раёсати маъдан ифои вазифа намудам. Чунонки гуфта будам, сармутахассисамон даъватам карду гуфт: «Назар дар гурӯҳи шумо саринженери нав омадааст. Исмаш Шербина Юрий Иванович. Ӯ тиллошинос, ба замми ин инсони хубест. Мувофиқи барномаи корҳои гурӯҳ шумо бояд ба Оҳанкашон ном ҷой биравед. Ту, ки таҷрубаи хубе дорӣ, хоҳиш ки ба роҳбари нават ёрӣ расон, то ки муваффақ шавад». Ман бо шунидани номи ҷуғрофиёии нав шод шудам ва ба Чемирёв ваъда додам, ки осуда бошед, ман боварии шуморо қимат мешуморам. Ташаккур, ки маҳз бандаро ба минтақаи нав мефиристед. Бо сардор хайрухуш кардаму худ ба худ, Оҳанкашон, Оҳанкашон гӯён аз дафтари кории сармутахассис берун шудам. Кадом маъданшиносе худ ба худ сӯҳбат карданамро диду гуфт: «Назар чӣ шуд? Чаро худ ба худ гап мезанӣ»? Гуфтам: «Оҳанкашон чӣ маънӣ дорад, он магар маҳал аст»? Он маъданшинос, ҳа, ҳа фаҳмидам. Ин як нуқтаи маъданиёт аст, ки дар вилояти Чихчарон ҷойгир аст. Бо шунидани номи Чихгарон хурсандиам ҳадду канор надошт. Охир, Чихчарон шаҳри қадимист. Наздикиҳои он манори Ҷом ҷойгир аст. Олӣ, гуфтаму роҳи хонаро пеш гирифтам, то ки барои сафари дурудароз омодагӣ бигирам. Дар ботин мегуфтам: «Бо дидани ҳар маҳалли наву шаҳри нав дониши кас меафзояд». Тамошои бепул ва саёҳати беминнат дар пеш буд.

Мувофиқи барномаи гурӯҳ мо ду-се моҳ дар минтақаи Чихгарон ба корҳои маъданшиносӣ бояд машғул мешудем. Аз Кобул то Чихгарон ба воситаи Афғонистони марказӣ роҳи наздиктаре мавҷуд буд, вале бар асари зимистони сахти имсола ба он роҳ ҳаракат кардани моро манъ карданд. Амр шуд, ки бо вуҷуди садҳо километр дур будан аз шоҳроҳи Кобул - Қандаҳор ва Ҳирот истифода бурдан лозим аст. Ин

шоҳроҳ 1080 км тӯл дошт.

Аммо барои ба Чихчарон рафтан то Ҳирот расидан зарурат надошт, балки аз самти Шинданд ба тарафи рост сараки хомае оғоз мегирифт, ки онро роҳи Шинданд - Чихчарон ном мебурданд. Ин роҳ аз 500 км иборат буд. Шинданд аз калимаи паштуӣ буда, маънии форсиаш чаманзор мебошад. Вале он чандон ба чаманзор шабеҳ набуд. Албатта, барои мардуми пашту, ки рӯзгори кӯчигарӣ доштаанд, мавзеи Шиндандро чаманзор пиндоштан ғалат нест.

Дар тӯли ин роҳи панҷсадкилометра, ҷо-ҷо қарияҳои хурде ба назар мехӯрд. Баъзе деҳаҳо аз 5-6 хонавода беш надоштанд. Табиист, ки мардуми ин маҳаллот ғаллакору молдор буданд. Аҳолии ин минтақа зиндагии даҳшатборе аз сар мегузарониданд. Ҳар ҷо ки ба мушоҳида гирифтам, онҳо бо нону чой қаноат мекарданд. Шаби аввалро дар қарияе бо номи Тӯпак, ки мақоми улусволиро дошт, сипарӣ намудем. Дар ин сафар аз Шӯравиҳо мо се нафар будем: Шербина Ю.И., Слава Гришин ва банда. Инженерони афғониамон дар мошинҳои дигар пушти сари мо меомаданд.

Субҳи 25-уми май баъди ношто сафари Чихчаронамонро идома додем. Табиати ин минтақа нисбат ба табиати Ҳироту Фароҳ, Қандаҳору Муқур ва Ғазнӣ дилчасптар ба мушоҳида мерасид. Дар тӯли роҳ манзараҳои ҷолибе ба назар мехӯрд. Чаманзорҳо, чашмаҳо моро пешвоз мегирифтанд. Метавон гуфт, ки ин роҳ бо табиаташ то ҷое ба шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоби Тоҷикистон шабеҳ буд.

Дар ҷараёни ҳаракат деҳаи зебоманзаре аз пешорӯямон намоён шуд. Соат ҳам сӯи чошт ҳаракат дошт. Ба Шербинаву Слава пешниҳод кардам, ки биёед ин ҷо нони чоштро бубинем. Онҳо гӯё ба чунин пешниҳод кайҳо тайёр будаанд, ки ба зудӣ розӣ шуданд. Ба ронанда фаҳмондам, ки назди самовоти беҳтарин мутар(мошин)-ро нигоҳ дорад. Мо бо иштиёқ сихкабоб мехӯрдем, ки се мошини сохти фаронсавӣ пур аз мусофир аз назди корвонсаройи мо гузаштанд. Мисле ки шитоб доштанд. Ронандаи мо гуфт, ки онҳо туристҳои фаронсавиянд, ки шояд нияти тамошои манори Ҷомро доранд. Чанд лаҳза баъд дидем, ки он мошинҳо пас омаданд ва он корвонсаройро, ки мо наздаш хӯрок мехӯрдем, аккосӣ намуданд. Маълумам шуд, ки дар нақшаи туристии фаронсавиҳо корвонсаройи мазкур ҳамчун бозёфти таърихиву фарҳангӣ инъикос ёфта будааст. Қимати ин корвонсарой он буд, ки солҳои бистум бо амри Амонуллоҳхон сохта шудааст. Мо низ бори дигар ба ин корвонсарой назар

андӯхтему роҳамонро пеш гирифтем.

Замоне буд, ки фаронсавиҳои шитобзада мошини моро пушти сар гузошта, миёни чангбодҳои якдигар аз назари мо ғайб заданд. Мо шитоб надоштем, ором ҳаракат менамудем ва ба ҳама талу теппа назари ҷиюлуҷӣ-маъданшиносӣ меандохтем. Шербина чун одами нав ба чунин табиат, ки бори аввал рӯ ба рӯ меомад, таваҷҷӯҳи зиёде мекард. Славаи бечора дар ҳар сафар мотам мегирифт. Ин қадар завҷаву писарчаашро дӯст медошт, ки лаҳзае аз онҳо дур шудан намехост. Боре ман аз Слава савол кардам, ки охир ту чӣ хел маъданшинос ҳастӣ, ки аз оила ҷудо буданро хуш надорӣ? Ӯ гуфт: «Ману Люба дар вақти корҳои саҳрой ошно шудем ва ҳама сафарҳои мо дар Шӯравӣ якҷо мегузашт». Ҳарчанд ки Люба ҳам маъданшинос буд, вале ба Афғонистон шавҳараш - Слава ҳамчун мутахассис фиристода шудааст. Завҷаш ба сифати узви оила, кадхудои хона, касе, ки барои шавҳараш хӯрок мепазад, сару либосашро мешӯяд ва ғайра. Мушкилӣ он буд, ки Слава завҷаашро дар чунин сафарҳо бо худ гирифта наметавонист. Банда ҳамеша дилбардориаш мекардам, ҳеҷ гап не, мегуфтам, чор моҳаш, чор рӯз барин мегузарад. Слава шӯхии маро фаҳмида, «издеваешся, да?», мегуфт. Ин ҳолат сигори тозаро оташ мегиронд ва дуди ғамашро бо дуди сигор якҷоя бо оҳи чуқуре берун мебароварад. Дилам ба ӯ месӯхт. Баъзан мисли кӯдак худро нишон медод... Бо андешаҳои ботиниам сари Слава будам, ки аз пешорӯ ҷангбоде хест. Миёни ҷангбод дидам, ки яке аз мошинҳои фаронсавиҳо чаппа шуд. Ба зудӣ аз мошин поён шуда, ба ёрии туристҳо расидем ва мошинро дар пояш қарор додем. Хайрият, касе мачрӯҳ нагардида буд. Яке аз онҳо ба фаронсавӣ фаҳмонд, ки Фаронсаву Шӯравӣ ҳамеша дӯст буданд. «Рашан, рашан», гӯён ба мошинҳошон боло шуданд ва ҳамон суръати баландро давом доданд. Дигар онҳоро надидем.

Баъд аз асри рӯз ба шаҳри Чихчарон расидем. Дар меҳмонхонааш ҷой гирифтем. Шаҳр чандон бузург набуд. Аз байни он дарёи Ҳарирӯд мегузарад. Рӯд хеле сероб аст. Чихчарон гӯё дар даште бунёд гардидааст. Дарахташ кам ба назар расид. Шаҳр тафсон буд. Мардуми Чихгарон ин минтақаро «Зиндони Сулаймон» меномиданд. Гӯё ҳазрати Сулаймон ҳама гуноҳдоронро ба дашти Чихчарон мефиристодааст. Чунин ривоятҳо миёни мардум зиёд аст. Солҳое, ки истгоҳи барқии Норак сохта нашуда буд, аз Кӯлоб, ки сӯи Душанбе меомадем, ҳатман дар чойхонаи сари роҳи Норак як пиёла чой мегирифтем. Ҳамон вақтҳо

ҳам дарёи Норак пуртуғён буд, вале шаҳр хеле тафсон ба назар мерасид. Чунонки чихчарониҳо мегуфтанд, норакиҳо низ Норакро яке аз дӯзаххои худо ном мебурданд. Ин ривоят ба асоси табиати гарми Чихчарон бофта шудааст. Он ҷо, ки дарё ҷорист, табиист ки сангзор ташкил мешавад. Сангзор бошад гармиро ба худ қабул менамояд. Одатан, чунин минтақаҳои сангзор рӯзона метафсанду шабона шаббода пайдо мекунанд. Ҳавои Чихчарон аз тарафи шаб аз ҳисоби шабободаи Ҳарирӯд салқин аст.

Тааҷҷубовар буд, ки аз миёни шаҳр дарёи пурталотуме ҷорист, аммо дохили шаҳр аз беобӣ чӯлистонро мемонд. Дуруст аст, ки дарё аз сатҳи ҷойгиршавии шаҳр чандин метр буд, вале имкон дошт, ки ба воситаи дастгоҳҳои барқии обкашӣ шаҳрро сероб кунанд. Ба назарам мардумаш танбал буд. Сари ҳар кӯчаву назди бозори Чихчарон садҳо ҷавонону мардони тануманд, ба сарҳо кампал - ҷодар кашида ҳоб мерафтанд. Талбандаҳояш нисбат ба дигар минтақаҳои дидаам бештар менамуд. Бошандагонаш офтобсӯхта буданд. Сӯҳбат фақат ба форсӣ сурат мегирифт. Андаке дуртар аз шаҳр даштҳо сиёҳӣ мезад. Он сиёҳиҳо хаймазорҳои мардуми кӯчии Афғонистон буданд, ки ба ҷойҳои салқинтар ҳаракат доштанд.

Чихчарон шаҳри магасҳоро мемонд. Шаҳр ифлос. Оби ҷӯйчаҳо бӯи бадеро ба машом мезад. Ахлот аз хонаҳо ба кӯча сар дода мешуд. Дар ҳар сари қадам ахлотҷойҳо ба мушоҳида мерасид. Ин ҳама чиркинӣ боиси зиёд шудани магаси сиёҳ буд. Агар дар кабобхонае нишаста, ғизо фармоиш диҳед, аз дасти сермагасӣ хӯрокро хӯрда наметавонед. Аз ин ҷост, ки мо ҳамеша аз таблеткаҳои зидди заҳролудшавии меъда истифода менамудем. Бештари вақт кӯшиш мекардем, ки дар чунин ҷойҳо ғизо истифода нанамоем, балки аз гӯшти консерва ва дигар навъҳои ғизоҳои сунъӣ кор бигирем.

Ман то дер бозору шаҳрро тамошо намудам. Бо чанде аз ҷавонони мактабхони шаҳр ҳамсӯҳбат шудам. Мактабашон 12-сола буд. Бачаҳои қобил ва донишдӯст бисёр ба назар расид. Онҳо шикоят аз он доштанд, ки ба мактабҳои олӣ дохил шуда наметавонанд. Чихчарон яке аз минтақаҳои дурдасти кишвар ба ҳисоб мерафт. Ин ҷо волӣ ҳукумат мекард. Моҳҳо намояндаҳои давлатӣ ба Чихчарон намеомаданд. Аз ҳама иқтисодиёти бад дар ҳамин вилоят назаррас буд. Давлат ҳам чандон диққат намедод ва ҳатто аз ҳолу аҳволи ин мардум иттилоъи кам дар даст дошт. Тақрибан дар шаҳри Чихчарон ҷойҳои дидании ба назар

намерасид. Одатан қавмеро аз рӯи чеҳраҳои зоҳирии бонувонаш баҳо медиҳанд. Ҳарчанд ки сайру гашт намудам ягон духтар, ё зани зебочеҳра ба чашмам нахӯрд. Масалан, шаҳри Ҳирот хеле занҳои зебо дорад, Қандаҳор ҳамчунин. Ба назарам табиат ва муҳити ноҳинҷор бонувони Чихчаронро ба худ мувофиқ кунонда буд. Инсонро табиату манзараҳои дилкаш зебо нигоҳ медорад. Боз мегуфтанд, ки бонувони зебо дар хонаҳо менишинанд, онҳо кам ба кӯчаву бозор мебароянд.

Шом ба меҳмонхона баргаштам. Ҳамсафаронам қартабозӣ мекарданд. Шабона ҳама дару панҷараҳоро кушодем, то ки ҳавои тоза аз сӯи дарё ба ҷойи хоби мо дохил шавад. Афсӯс, ки шаббода не, балки пашшаи газанда то субҳ дар пеши бинниву бехи гӯшҳо ҳофизӣ кард. Илова бар ин, кайку шабзод то он ҷо ки тавонистанд хунҳоямонро макиданд. Слава чанд дафъа ба ҳаммом даромада бо оби хунук хунҳоро шуст. Шербина бошад бо чароғи батареядори дастӣ зери болишту кати хоб шабзод ҷустуҷӯ менамуд. Ман ба ҳоли онҳо хандида мегуфтам: кайку шабзодҳои Чихчарон фаҳмидаанд, ки мо Шӯравӣ ҳастем, меҳмоннавозӣ мекунанд, вагарна дохилиҳоро азоб намедиҳанд-ку!

Ду рӯз дар шаҳри Чихчарон бо гармселу кайку магасу шабзодҳояш мубориза бурдем. Пуртоқат будани мардуми шӯравиро исбот кардем. Хайрият аъзоёни дигари гурӯҳ бо мошинҳои боркашу анҷомҳои геологӣ ба Чихчарон расиданд. Дар беруни меҳмонхона хайма заданд, то ки шабро сипарӣ намоянд. Мо ҳам метавонистем хайма занем, аммо аз рӯи дастурҳои расмии бехатарӣ, шӯравиҳо бояд дар дохили шаҳру маҳалҳо хайма намегузоштанд. Дашту биёбон ҷойи хаймаҳои мо буданд, ки озодона нафас мекашидем. Бегоҳӣ Шербина нақшаи сафари пагоҳро бароям арз кард. Ман ба ҳамаи кормандон фаҳмондам, ки чӣ навъ бояд ба роҳ баромад ва нуқтаи охири хаймагзории мо кадом мавзеъ қарор хоҳад гирифт.

Дар роҳи Оҳанкашон

Нуқтаи охирини сафари мо минтақае бо номи Оҳанкашон буд. Аз рӯи нақшае, ки мо дар даст доштем масофаи роҳ аз Чихчарон то Оҳанкашон 150 км-ро ташкил медод. Роҳи муайян надошт. Ба он роҳи хомае, ки сафар сурат мегирифт даҳсолаҳо мошине ҳаракат надоштааст. Ба ҳар навъе, ки буд, 27-ми май пагоҳии барвақт корвони

маъданшиносони шӯравӣ пули болои Ҳарирӯдро паси сар намуда, сӯи Оҳанкашон роҳ пеш гирифт. Умуман, дар як бероҳагӣ ҳаракат доштем. Мошини мо вазифаи роҳбаладиро иҷро мекард, зеро нақшаи роҳпаймоӣ дар дасти Шербина буд. Соатҳои ҳафти бегоҳӣ ба мавзеъе расидем, ки ботлоқзорро мемонд. Мошинаҳои ГАЗ-69 ба душворие аз ботлоқ гузаштанд, вале мошини боркашамон, ки тамоми маводи ғизоӣ дар он ҷойгир буд, дар байни ботлоқзор фурӯ рафт. Чарху балонҳояш пурра ба лой ғӯтиданд. Бо ресмону трос хеле зӯр задем, вале мошинро аз даруни ботлоқ кашида натавонистем. Шом шуд. Наздики ботлоқ қарияе ба назар хӯрд, ки аз чанд хонавода иборат буд. Он деҳа Даҳана ном доштааст. Ачиб он буд, ки деҳа хона дошт, вале дар хонаҳо одам ба назар намерасид. Маълум шуд, ки зимистони қаҳратун одамонро нобуд сохтааст. Чунин қарияҳои беодам дар ин минтақа кам набуданд. Шоҳидон қисса карданд, ки аз ин деҳаҳо чанд касе аз зимистон нақот ёфта, ҳоло дар теппаву кӯҳҳо аз пайи пайдо кардани алафҳои безаҳранд. То ин вақт худ дида будам, ки дар яке аз қарияҳо чой менӯшидем, ки бачаи 10-12 солае аз кӯҳ поён шуду назди мо омад. Ӯ аз мо чизе пурсиданӣ буд, аммо забонаш гапашро намегирифт. Яъне вай беҳол шуда буд. Ман ба ӯ як дона конфет, ду афғонӣ ва як порча нон додам. Писарак инъоми бандаро маҳкам дошта, худ ашк мерехт. Баъд дастҳояшро боло карда сӯи осмон назар дӯхту ба мо дуои нек дод: «Ҳеҷ гоҳ хориро набинед, мистер». Тасаввур мекардам, ки ба ӯ баринҳо ба ғайр аз мо—роҳгузарони хориҷӣ, касе луқмае намепартофт. Дар деҳаи Даҳана низ ҳамин хел бепарасторон зиёд буданд, ки бо дидани хаймаҳои мо аз кӯҳҳо поён фаромаданд.

Пагоҳии 28-ум ба хотири нонушта нону маскаву гӯшти моҳӣ ва панирро омода сохтем. Шербина як пора панирро ба даст гирифту ҷойҳои вайроншудаашро бо корд бурида, аз хайма дуртар партофт. Баъди лаҳзае дидем, ки як бачаи 7-8 сола пораҳои панирҳои пӯпанакзадаро аз болои алафҳо чида тез-тез ба даҳонаш андохта истодааст. Ӯ ҳини хӯрдан ба атрофаш парешонҳолона нигоҳ мекард, то ки гуруснаи дигаре пайдо нашаваду луқмаи ӯро нимта кунад. Ба ҳоли вай раҳмамон омаду ба наздамон даъваташ намудем. Аз гӯшти моҳиву нон баҳраваш сохтем. Ба назарам дар умраш мисли он рӯз хӯроки болаззат нахӯрда буд.

Дар ҷараёни роҳи Чихчарону Оҳанкашон боз аз чанд деҳоте гузаштем, ки одамонаш нимбараҳна ва сармозада буданд Ҷавонону духтароне вохӯрданд, рангҳо зард,

дандонҳо сип-сиёҳ, шикамҳошон варамида буд. Дар чеҳраи одамиашон хун надоштанд. Онҳоро алафи баҳорон аз мурдан мераҳонид. Варами шикаму сиёҳиву зардии дандонҳо нишонаи истеъмоли гиёҳ ва алафҳои ҳархела буд. Ҳамчунин ба қарияҳое рӯ ба рӯ омадем, ки тамоман одам надоштанд. Фақат қабрҳои тозаро медидему бас. Ба деҳе расидем, ки аз мардҳо нишоне набуд, вале занҳояш зинда монда буданд. Занҳо бефаранҷӣ, бо сари бараҳна ва мӯйҳои парешон атрофи моро доира гирифтанд. Зане шикоят дошт, ки «ин зимистон ҳамаамон бимурдем». Ҳамаи занҳо баробар гап мезаданд. Онҳо гумон доштанд, ки ки мо фиристодаҳои давлат ҳастему ба дарди онҳо даво мешавем. Бо онон танҳо ман сӯҳбат менамудам. Шербинаву Слава асабӣ шуда буданд ва ба русӣ суханҳои қабеҳеро нисбат ба давлати вақти Афғонистон мегуфтанд. Ҳарчанд ки инженерони афғониамон онҳоро ором карданӣ мешуданд, занҳо сӯи мо - се нафари хориҷӣ қариб ҳуҷум меоварданд. Азбаски аксари онон ба касалиҳои гузаранда гирифтор буданд, аз тарси он ки бо дастҳошон сару рӯи моро молиш надиҳанд, ба ду ҳамсафарам ба рӯсӣ фаҳмондам, ки зудтар ба мошин савор шаванд, гурехтан лозим, гуфтам. Шербина ва Слава, воқеан, тарсончак буданд. Слава аз тарс ба ларза даромад, сигор дар даҳонаш меҷунбид. Шербина бошад аз ман мепурсид, ки куҷо омадем, ҳоламон баъдтар чӣ мешавад? Онҳоро дилбардорӣ кардам ва тасаллошон додам, ки парво накунед то вақте ман ҳастам ба шумо ҳеҷ кас ғараз нахоҳад гирифт. Ба роҳ даромадему ба андеша дода шудам. Ин чӣ ҳолест, ки худо ба инсонҳояш раво дидааст. Инсонҳоятро, ки саришта карда наметавонӣ чаро онҳоро ба дунё меорӣ? Аз ҳама бадбахтарин эҷоди худо шояд инсонҳояш бошанд. Бадбахтӣ дар он буд, ки ман ҳоли онҳоро ҳам медидам ва ҳам дардашонро мешунидам. Он ду ҳамкорам хушбахт буданд, ки медиданду намефаҳмиданд.

Оре, бо се-чор километри дигар пеш рафтан, боз аз сари роҳамон сарлучону пойлучони нав баромаданду мошинҳои моро аз ҳаракат доштанд. Акнун занҳо ҳамон қадар метавонистанд, ки ҷойҳои шармашонро бо дастҳо пӯшонанд. Илоҷе набуд, банда аз мошин поён шудаму андаке аз мошин дуртар рафта, ба саволҳояшон гӯш додам. Ба Шербинаву Слава ишора намудам, то ки аз ҷойҳояшон наҷубанд. Занҳоро бовар кунондам, ки ба наздкӣ намояндаҳои давлат бо мошинҳои гандумбор ба ин ҷоҳо меоянд, иншооллоҳ ҳолатон хуб мешавад. Онҳо ҳамагӣ дасти дуо бардошта, рӯй ба худо оварданд ва ёрӣ талабиданд.

Алафи имсола, мегуфтанд, ба дардашон намехӯрад. Худоё, тавалло менамуданд, охир, алаф барои гову мол аст, на барои инсон. Яке наздам омад ва гуфт: «Мо дар кӯҳҳо мегардем, зира мечинем ва онро чӯшонда, обашро фурӯ мебарем». Ҳайҳот, ки на ҳукумати марказ ва на волии Чихчарон аз ҳоли ин бечорагон хабаре надоштанд ва ҳеҷ ёрие ҳам барояшон зоҳир намекардаанд. Ин чо, ки сӯҳбат дорем, деҳаи Рахна буд. Занҳо изҳор мекарданд, ки ягона роҳи халосӣ аз чунин рӯзгор мурдан аст. Онҳо нерӯе надоранд, ки ба марказ раванду дардашонро ба ҳокимон арз кунанд. Шабро, ки ин чо гузаронданӣ будем, аз захираи хӯрокаамон ҳарчи ки доштем ба он бонувон додем. Ман аз муовини омири гурӯҳ Саидчаббор хоҳиш намудам, то ки онҳо низ барои он бечорагон лутф намоянд. Ҳатто чанде аз занони чавон, ки аз шавҳарҳошон халос шудаанд, ба хотири зинда мондан шабона ба хаймаҳои инженерони дохилӣ медаромаданд. Баъзеашон розӣ буданд, ки зани дуюму сеюм шаванд. Пагоҳии дигар афғонҳо бо хушнудӣ қисса доштанд, ки дар Кобул зан кардан гарон аст, мешавад, ки аз инҳо зан гирифт. Шояд чунин ҳам карда бошанд, вале ман дигар пушти чунин амалҳои ношуд нагаштам. Мулки худашон буд. Агар бонуеро аз ин чо зан мекарданду ба Кобул мебурданд, шояд як инсон боз зинда мемонд.

Роҳи мошингард то Рахна буд. Аз ин рӯ, ин чо қароргоҳи марказӣ ташкил додем. Ҳама ронандаҳо бо мошинҳошон, таҳвилдор (анборчӣ) ва чанд нафар корманди дигарро низ дар қароргоҳ монондем. Мо бо худ орд, равған, консерва ва дигар маводи ғизоӣ доштем. Қисмеро ин чо монда, маводи заруриро бо худ гирифтем. Гурӯҳи мо аз хоричиҳо то афғонҳо як қишлоқ одам буд. Азбаски то Оҳанкашон 20 км роҳи душворгузари кӯҳӣ дар пеш буд, 10-20 маркабу чанд уштуру асп киро намудем. Уштуру аспҳоро аз минтақаи Қандаҳор харидорӣ кардем. Исматуллоҳхони сардори гурӯҳ, ки худ қандаҳорӣ буд, ҳама нақлиёти чониро аз он чо ба даст меовард. Хулоса, тамоми амволу анчомҳоро ба хару уштурҳо бор карда, худамон аспи саворӣ интихоб намудем. Корвони мо тӯлонӣ шуд. Дар сари корвон банда бо саринженерамон - Шербина қарор гирифтем.

Роҳи бузраву харрав кӯҳи баландеро рахна мекард. Дар баъзе чойҳои роҳ пиёда ба душворӣ гузаштан мумкин буд. Чанд дафъа маркабҳо бо борашон чаппа шуданд, ҳол он ки маркабҳо махсус аз ҳисоби роҳбаладон соҳиб доштанд. Онҳо касоне буданд, ки дар ин роҳи качмокачак борҳо

рафтуомад доштанд. Ба душворӣ кӯҳро боло шудем. Акнун роҳамон нисбатан рӯ ба ҳамворӣ овард. Бо ҳамин минвол ба нуктаи Оҳанкашон соати 9-и шаб расидем. Торикӣ ҳукумфармо шуд. Даштеро, ки аз наздаш ҷӯйи оби кӯҳӣ ҷорӣ мешуд, қароргоҳи чормоҳаи хеш интихоб намудем. Муздурон ба зудӣ хаймаҳои моро ҷо ба ҷо карданд. Аз самти поёни қароргоҳ дар масофаи бист-сӣ метр дуртар афғонҳо хаймаҳои хешро ҷойгир намуданд. Субҳ аз хоб хестаму ин тараф он тарафро назора намудам ва хостам, ки қарияи Оҳанкашонро пайдо намоям. Вале ба шакли деҳа мавзее ба чашм намерасид.

Оҳанкашон, аслан, номи кӯҳе будааст, ки назар ба таҳқиқоти маъданшиносони инглису олмонӣ тилло доштааст. То омадани маъданшиносони фарангӣ, дар қадим аз ин кӯҳ одамон тилло истихроҷ мекардаанд. Чаро кӯҳ Оҳанкашон унвон гирифтааст, ба касе маълум набуд. Воқеан, дар пояҳои кӯҳ ҷойи коркарди тилло ба воситаи шустани рег ба мушоҳида мерасид. Баъдан, ки ба гирду атрофи кӯҳи Оҳанкашон аз наздик ошноӣ пайдо кардам, бовар намудам, ки ин ҷо замоне маъданшиносони хориҷиву маҳаллӣ корҳои бисёреро анҷом додаанд. Ҳавои Оҳанкашон форам буд. Обаш сард ва маъданӣ ба назар мерасид. Шабона боду ҳаво яш сард мешуд. Дар ин минтақа буттаҳои пӯш, уқрай, бияҳ, гулхор мерӯид. Алафи аҷириқ фаровон буд. Дарахтони бемева ва худрӯй низ ҷо-ҷо ба назар мехӯрд. Теппаву кӯҳҳояш пурра сангӣ набуда, балки хокӣ буданд. Бинобар ин, дар баландиҳо ҳатто ҷойҳои сарсабз зиёд дида мешуд. Оҳанкашон аз сатҳи баҳр 2600 метр баланд буд. Аз ин ҷост, ки шахс тез хастагӣ эҳсос менамуд ва нафаскашиаш душвор мегардид. Албатта, касе аз моён фишори хун надоштем. Мо ҳамагӣ ҷавон будем. Ин ҷо аз навъи ҳашарот-каллаи гӯсола, тортанак, магаси сиёҳ ва калон, говзанбӯр вомехӯрд. Ба сабаби ин ки дар ин минтақа моли майда зиёд чаронда мешуд, мор кам ба мушоҳида мерасид. Аммо каждум баъзан ба чашм мехӯрд. Дараҳои Оҳанкашон серкабк буд. Пагоҳиҳо овозашон то хаймаҳои мо мерасид.

Шабе дар Оҳанкашон

Аввалин шабамон дар Оҳанкашон ба сиюми май рост омад. Шаби бароҳате буд. Баъди роҳи бузрави бисткилометра мисли барра истироҳат кардем. Рӯзи якуми тобистон арбоби деҳаи Чамбарак оқои Маҳмуд меҳмони мо шуд. Дар ин

минтақа қарияҳои зиёде вуҷуд доштаанд, ки асосан дар ҳамвориҳо ва қад-қади дарёи Рахна ҷойгир будаанд. Дар поякӯҳҳои Оҳанкашон молдорон рӯзгор доштаанд. Аз рӯи нақли Маҳмуд деҳаи Ӯ дар масофаи 10 км қарор доштааст. Рӯзе, ки мо ба Оҳанкашон расидем, аллакай тамоми қарияҳои минтақа воқиф шудаанд, ки як гурӯҳи калони маъданшиносони шӯравӣ барои истихроҷи маъдани Оҳанкашон омадаанд. Табиист, чунин корҳо ба нерӯи коргарӣ зарурат дорад. Мақсади омадани Маҳмудхон он буд, ки мо мардикоронро аз деҳаи вай интихоб намоем. Маҳмудхон аввалан бо Саидҷаббор мавзӯъро ҳал карда, сипас ба хаймаи мо омада буд. Ман ба Шербина масъаларо фаҳмондам. Ӯ гуфт, ки ба кор гирифтани мардикорон ба мо шӯравиҳо иртибот надорад. Маъмурияти афғонӣ худашон ҳал кунанд. Бо вуҷуди ин, ман ба Маҳмудхон аз ҷониби худ арз кардам, ки арбоб соҳиб шумо метавонед пагоҳ се нафар мардикоратонро ба қароргоҳи мо бифиристед. Гап дар ин буд, ки ҳама касеро, ки ба гурӯҳ ҷиҳати мардикорӣ ҷалб менамуданд, бе иҷозати банда амалӣ карда наметавонистанд. Албатта, аз ин супориши шӯъбаи махсуси сафорат роҳбарони гурӯҳи шӯравӣ воқиф набуданд. Баъзе амрҳои расмие содир мешуд, ки иҷро ва назорати онро ба ӯҳдаи тарҷумонҳо мегузоштанд. Ин ҷо гап сари таъмини амнияти мутахассисини шӯравӣ мерафт. Аксари тарҷумонҳо ду вазифаро адо мекарданд: яке тарҷумонӣ ва дигаре аз балоҳои ногаҳонӣ раҳонидани инженерони шӯравӣ. Ин мавзуъро ман ба маъмури кадрии гурӯҳ фаҳмонда будам ва ҳар касеро, ки ба кор мегирифтанд, бо роҳи дигаре аз сӯҳбати банда мегузаронданд. Ҳоло ки аз Маҳмудхони арбоб чунин тақозо намудам ба он хотир буд, ки Ӯ инсони безарар ва самимӣ метофт. Ба вай бовар кардан мумкин буд. Ин сӯҳбатро на Шербина фаҳмиду на Слава, ки ҳамеша бодиққат гӯш медоданд ва мехостанд, ки мавзӯи сӯҳбатро фаҳманд. Намедонам ба Шербина ҳам чизе гуфта буданд, ки Ӯ дар чанд рӯзи якҷоя буданамон ҳама чизро аз ман мепурсид ва баъд иҷро мекард. Ҳини Маҳмудхонро гусел намудан, боз ба Ӯ таъкид кардам, ки «оқои арбоб касонеро фиристед, ки ба онҳо боварӣ доред». «Ҳатман тарҷумон соҳиб. Ман шуморо хуб фаҳмидам». Бо ҳамин Маҳмудхон рафт.

Афғонҳо мардуми ачибеанд, воҳима андохтанро дӯст медоранд. Аз қисса намудани ҳар навъ ҳодисаҳои моҷарописанд хушашон меояд. Махсусан табақаи маъмурин, ки аслан ҳеҷ кореро анҷом намедиҳад, дар мавзӯи воҳимаандозӣ миёни дигарон ҳамто надоштанд. Онҳо, ки

дар ҷараёни роҳ гуруснагиву қаҳтиро ба мушоҳида гирифтанд, дар ин минтақа кор кардани маъданшиносонро хатарнок дониста, байни якдигар воҳима андохтаанд, ки дар ин ҷоҳо дуздон зиёд рафтуо мекунанд. Ба ҳеҷ кас бовар доштан дуруст нест. Масалан, ҳамин саворае, ки худро арбоби деҳаи Чамбарак эълон намуд, дурӯғ аст. Ӯ сардори дуздони минтақа аст, ки бо дидани ҷою макону амволи мо имшаб дуздонашро ба сари мо меорад. Дар миёни маъмурин шахсе бо номи Азимхон фаъолият мекард, ки чанд вазифаро бар ӯҳда дошт. Мавзӯи ба кор гирифтан, ҳуҷҷат омода сохтан, дархостҳоро пиёда намудан, маошро тақсим доштан ва дигар масъалаҳои ҳуҷҷатнигорӣ ба зиммаи ӯ гузошта шуда буд. Вақте ки Азимҷон аз забони дигарон сабаби омадани арбобро мефаҳмад, ӯ ба ваҳм меафтад, назди кормандони дигар ҷиддӣ будани мавзӯъро изҳор медорад. Ин воҳима ба гӯши банда низ расид, вале лозим надонистам, ки ба русҳо гӯям, то ки шаби дувумро низ бароҳат гузаронанд. Ҳарчанд ки ба ин воҳима чандон боварӣ надоштам, таъбам хира шуд ва болои чапаркат дароз кашида, ба андеша фурӯ рафтам. Як ҳиссаи шаб буд, ки ҳамон Азимхон, ошпази мо Абдулмуҳаммад ва боз як маъмури дигар бо чароғҳои дастӣ дохили хаймаи мо шуданд. Хун аз чеҳраи Азимхон парида буд. Ӯ моро огоҳ кард, ки ҳушёр бошем, ки имшаб ба қароргоҳ дуздҳо ҳуҷум мекунанд. Русҳо аз қавораи Азимхон ким-кадом ҳодисаи нохушро пай бурданд ва аз ман хоҳиш карданд, ки хостаи онҳоро бароямон тарҷума кунам. Шербинаву Гришин ба чунин маълумот ба зудӣ боварӣ ҳосил намуда, аз ҷойи хобашон хеста сарулибосашонро пӯшида, бо чакушу ракетнитсаҳо худро мусаллаҳ сохта, аз хайма берун шуда, ба хаймаи дохилиҳо даромаданд. Гӯё паноҳгоҳ меҷустанд.

Вақте ки ҳодиса таҳқиқ шуд, маълум гардид, ки маъмурини дохилӣ аз тарсу будани Азимхон истифода бурда, ӯро бо чунин воҳима тарсонданӣ шудаанд. Онҳо оқибати воҳимаро фикр накарданд ва гумон надоштанд, ки Азимхон ин ҳодисаро ба шӯравиҳо мерасонад. То вақте ки мо ба хаймаи афғонҳо рафтем, онҳо Азимхонро муҳокима намуданд ва сарзаниш кардаанд, ки воҳимаи онҳо шӯхӣ буд, мо хостем туро тарсонем. Ин чунин маъно надошт, ки ба шӯравиҳо хабар бикашӣ. Табиист, ки Азимхон аз кори кардааш пушаймон мешавад, афсӯс мехӯрад, ки онро насанҷидааст. Мо низ аз ин мухокима хабар надоштем ва мавзӯъро ба Саидҷаббор, ки омири гурӯҳро иваз менамуд,

гуфтем ва хоҳиш кардем, ки чорае биандешанд. Бо шунидани арзи мо онҳо ба якдигар бо назари шубҳаангез нигаристанд ва баъд сӯи мо назар андӯхта узр хостанд, ки гуноҳ аз дигарон гузаштааст, ба ин далел ки хостаанд Азимхони маъмурро мазоҳ намоянд ва миёни кормандон хандасораш кунанд.

Ман, ки дилам ба ду ҳамкорам месӯхт, воқеан онҳо сахт тарсида буданд, дигар ҷониби роҳбарам назар накарда, ба таври расмӣ эълом доштам: «Оқоёни мӯҳтарам, ба шумо ҳеҷ кас иҷозат надодааст, ки шӯхию мазоҳатонро сари шӯравиҳо бор кунед». Тағйири қавораи ман Шербинаро ҳушёр сохт, ки саросемавор, Назар, Назар чӣ шуд, чаро қаҳрат баромад, чӣ гап аст, бигӯй, ки мо ҳам огоҳ бошем. Банда оромона фаҳмондам, ки онҳо байни худ шӯхӣ кардаанд ва хостаанд Азимхонро тарсонанд. Маъмурин аз мо узр мехоҳанд, гуфтам ва аз ҷоям баланд шудам.

Шербинаву Слава тез пушти сари ман аз хаймаи маъмурин баромаданд. Ман ба он дараҷа асабӣ шуда будам, ки намедонам дар он торикии шаб чӣ навъ ба хаймаи худ расидам. Ин вазъияти бандаро Саидҷаббори муовин пай бурд ва ба хаймаи мо омада, расман эълон кард, ки агар мо розӣ бошем худи пагоҳ Азимхони маъмурро аз вазифа сабукдӯш менамояд. Албатта, ба чунин амал мо розӣ шуда наметавонистем. Фақат ба Саидҷаббор фаҳмондам, ки мо шӯравиҳо тарсончак нестем. Агар ин воҳима ҳақиқат медошт, мо мехостем бо шумо якҷоя чора бубинем, то ки молу мулки гурӯҳро дифоъ карда бошем. Бори дигар муовин аз ҷониби маъмурин узр хост. Бо вуҷуди ин, Саидҷаббор эҳсос кард, ки мо тарсидаем ва худро нороҳат мебинем, як нафари афғониро ба сифати посбони хаймаи мо фиристод. Ӯ то рӯз чӣ навъе ки дар хидмати аскарӣ қарор дошт, хоб нарафта дар атрофи хаймаи мо мегашт ва гоҳе сулфаи нарм мекард, то ки мо боварӣ ҳосил намоем, ки ӯ ҳамин ҷост ва ором бихобем.

Воқеан, дар дили мо низ ваҳм ҷой гирифт. Махсусан, Гришин бетоқат шуда буд ва оҳистакак аз ман хоҳиш кард, то ки дохилиҳо хаймаи моро бонӣ намоянд. Вале ин хоҳишро рад намуда, ба русӣ фаҳмондамаш, ки мо набояд ба тарсу ҳарос дода шавем. Мо шӯравӣ ҳастем. Мо бояд тарзе худро вонамуд созем, ки ҳодисае рӯй надодааст ва мо парвое надорем. Агар тарсу воҳимаи моро афғонҳо дарк намоянд, ҳар вақти дигар воҳимаҳо андохта, моро бовар мекунонанд, ки ба сабаби набудани амният минтақаро тарк гӯем. Гришин дигар чизе нагуфт. Ман ҳеҷ гуна тарсро ҳис намекардам,

балки бароҳат хоб рафтам. Вале он ду ҳамкорам то субҳ ин тарафу он тараф давр мехӯрданд ва ҳар сари вақт каташон ғичир-ғичир мекард.

Ин шаби ба истилоҳ даҳшатнок паси сар шуд. Пагоҳии барвақт чанд тан аз маъмурини афғонӣ, аз ҷумла Азимхон бо чеҳраҳои гуноҳкарда аз банда хоҳиш карданд, ки ҳодисаи иншабаро ба дафтари хотирот сабт нанамоям. Он рӯз, «хайр аст» гӯён ваъдашон додам, аммо шабона чанд сатре раво дидам, ки акнун боиси рӯи коғаз омадани мазмуни боло шуд.

Сӯҳбате бо Ғуломсахӣ

Мавзее, ки мо қароргоҳ интихоб намудем, на қария дошту на шаҳр. Дар манотиқи дигар, ки будем, ман ҳафтае як бор барои бозорӣ ба шаҳр мерафтам. Акнун имконияти Чихчарон рафтан надорам. Ҳол он ки тамоми хӯрду хӯрокро барои худамон ман бояд таъмин намоям. Маблағ дар дастам ҳаст ва дигар коре надорам. Ба ин хотир маро лозим меомад, ки ба қарияҳои минтақа робита пайдо кунам, то ки дар мавриди маводи ғизоӣ, ба хусус гӯшт бандаро мусоидат кунанд. Чунин дастури расмӣ ҳам аз ҳукумати Афғонистон доштем. Мазмунаш чунин буд: Ба ҳамаи улусволҳо, волиҳо ва арбобҳо расонда мешавад, ки ба мутахассисини шӯравӣ дар мавриди зарурат ҳамкорӣ карда шавад. Бидуни чунин нома доштан низ ришсафедону арбобони деҳот ҳамеша ба мо дасти ёрӣ дароз мекарданд ва ҳатто дар масъалаи таъмини амнияти мо чораҳо меандешиданд. Масалан, онҳо ба бошандагони деҳашон мефаҳмонданд, ки дар минтақа хориҷиҳо ифои вазифа доранд ва нашавад, ки шумо ба молу ҷони онҳо хатар ored. Ба хусус дар бораи муносибат ба мутахассисини шӯравӣ фармоиши махфии Зоҳиршоҳ мавҷуд буд, ки онро фақат волиҳову органҳои ҳуқуқӣ ва ҳифозатӣ хуб дарк менамуданд. Борҳо шудааст, ки дуздҳо бо фаҳмидани ин ки ҷабрдидаашон табааи шӯравӣ аст, ба зудӣ аз ҷиноят даст кашида, рӯ ба гурез меоварданд. Кам ҳолатҳо шудааст, ки маъданшиносони шӯравиро, ки дар тамоми манотиқи кишвар ба кашфи маъдан шуғл меварзиданд, озор дода бошанд. Аз ин ҷост, ки банда бидуни кадом ҳаросе ба қарияҳо ворид мешудам ва худро муаррифӣ менамудам.

Дар ҳамин замина, рӯзе аз қарияи Чамбарак, ки арбобаш Маҳмудхон буд, Ғуломсахӣ ном шахси баобрӯе ба қароргоҳи мо омад. Аспи хубе зери пой дошт. Моли майдаи ӯ дар наздикиҳои мо чарронда мешудааст. Пои як гӯсфандаш шикаста будааст. Азбаски ӯ фаҳмидааст, ки мо ба гӯшт

зарурат дорем, гӯсфандро сар зада гӯшташро барои мо оварда буд, то ки дар бадали маблағе ба фурӯш расонад. Ба гӯсфандаш 600 афғонӣ нарх гузошта буд. Албатта, ба ин гӯшт дохилиҳо зарурат надоштанд ва қудрати харидориро ҳам карда наметавонистанд. Як вақт ошпазамон назди банда ҳозир шуда, хабар дод, ки тарҷумон соҳиб гӯштамон тамом шудааст, имкон дорад, ки гӯшти гӯсфанди он нафари аспакиро бихарем? Банда, ки дар андешаи пайдо кардани гӯшти тоза будам, дарҳол ба назди он оқо, ки ҳоло номашро намедонистам рафтам ва баъд аз шиносшавӣ аз эшон пурсон шудам, ки ба чанд афғонӣ гӯсфанди куштаашро дода метавонад.? Ӯ бидуни кадом мулоҳизае гуфт: инженер соҳиб, ман 600 афғонӣ мепурсам. Гуфтам гӯсфандат шишак аст? Гуфт, на. Пас гӯшти гӯсфанди модаро овардаед. Оре, гуфт. Сипас ба почаи хӯрчинаш назар кардам ва дидам, ки гӯсфанди хурдест. Он кирои 600 афғонӣ намекунад. Бо ин андеша ба гӯшти гӯсфандаш 350 нарх мондам. Вале ӯ розӣ нашуд, балки 450 афғонӣ талаб кард. Баъди бозоргарии дуру дарозе гуфтам: оқои Ғуломсахӣ на 450-и шумо ва на 350-и банда, агар розӣ шавед 370 афғонӣ дода метавонам. Вай дигар даъвое ба миён нагузошта, хеле хуб, гуфт, насиб кунад. Ошпази мо хӯрҷинро поён карда, гӯштро берун кашид ва аз пайи бирён кардани дилу ҷигар шуд. Банда бошам меҳмонро ба хайма даъват намудам. Зимни сӯҳбат маълумам гашт, ки Ғуломсахӣ шахси басалоҳияти минтақа ба шумор мерафтааст. Дар назди волии Чихчарон эътибори калон доштааст ва яке аз бойтарин одамони қарияи Чамбарак будааст. Дилу ҷигар ҳам омода шуд ва меҳмонро гӯё бо гӯшти овардаи худаш меҳмондорӣ кардам. Ӯ, ки хеле шитоб дошт, дигар андешаи рафтан накард, балки доир ба вазъи минтақа қиссаҳо кард, ки барои ман дарсеро мемонд. Банда бо оғози сӯҳбат ва идома ёфтани он мехостам фаҳмам, ки масъалаи дар минтақа фаъолият доштани дуздону роҳзанон воқеият дорад, ё бофтаи маъмурини гурӯҳи моянд, ки зудтар мехостанд ба хонаҳошон пас гарданд. Ғуломсахӣ ба куллӣ он овозаҳоро ғайри қабул шуморида, иброз дошт, ки дар ин минтақа ҳар қария дуздони худро дорад. Онҳо фақат агар ба дуздӣ даст заданӣ шаванд, ба молу мулки давлатӣ ғараз намегиранд, балки моли деҳаи ҳамсояро ба яғмо мебаранд. Рӯзи дигараш дуздони деҳаи ҷабрдида чорвои он деҳаро медузданд. Бо ин роҳ гӯё ҳисобашон баробар мешавад. Дар мавриди ин ки он дуздон барои рабудани молу анҷоми кормандони давлатӣ амал нишон доданианд, ғайриимкон аст. Сипас мавзӯи қашшоқӣ ва бенавоии минтақа мавриди баҳси

мо қарор гирифт.

Назар ба нақли Ғуломсахӣ дар минтақаи Оҳанкашон ягона деҳае, ки дар ин зимистон бошандагонаш аз мурдан наҷот ёфт, қарияи Чамбарак буд. Зимистони соли гузашта ҳам қаҳратун омадааст, вале азбаски мардум захираи ғалладона доштаанд чандон зиёд талаф надидаанд.

Оқои Ғуломсахӣ нақл кард, ки қисми зиёди одамон баъди хӯрдани алафҳои ҳархела нобуд шудаанд. Масалан, онҳо алафи ришқаро дар об ҷӯшонда мехӯрдаанд. Дар натиҷа варами шикам пайдо шуда, дар байни се рӯз инсонро аз байн мебарад. Дар ҳамин замина боз саволаш додам, ки чаро ин қадар деҳоте, ки талафоти ҷонӣ дидааст, мо қабристонҳоро ба мушоҳида нагирифтем? Ғуломсахӣ ин мавзӯъро низ воқеъбинона барои банда шарҳ дод. Маълумам гардид, ки ба сабаби ин ки зимистон сербарф омад, хонаҳоро ба зери худ гирифт. Одамон, ки ғизо надоштанд, аз беҳолӣ берун баромада барфҳоро аз болои бому роҳравҳо рӯфта наметавонистанд. Бинобар ин бисёре аз хонаводаҳо ба тақдир тан дода, дохили манзилҳошон монданд ва аз гуруснагӣ ҷон доданд. Шоҳидон нақл мекунанд, ки баъд аз об шудани барфҳо наҷотёфтагон дарвозаи ҳар хонаеро, ки воз кардаанд, дидаанд, ки аҳли хонавода ба хотири дигар аз ҷой барнахестан рӯи фарши хона қаторак хоб рафтаанд. Аз ин рӯ, мардони гирду атроф ҷамъ омада, онҳоро аз манзилҳо берун кашида, ҷаноза кунонда, ҳарҷо-ҳарҷо зери санг кардаанд. Бисёре аз мурдаҳоро сагону гургон ва дигар ҳайвонҳои ваҳшӣ аз қабати сангҳо берун оварда хӯрдаанд. Ба ин маънӣ, қарияҳои осебзада қабристони алоҳида надоштаанд.

Вақте ки мо бо роҳи Чихчарон-Оҳанкашон ҳаракат мекардем, сари роҳҳо ва канортар аз роҳ медидем, ки ҷо-ҷо зери тахтасангҳо устухони одамон гузошта шуда буданд. Он вақт ман сабабҳои онро наҷустам. Акнун Ғуломсахӣ даҳшати ба сари инсон омадаро хеле бошавқ ҳикоят менамуд ва ифтихор аз он дошт, ки қарияи ӯ ба чунин ҳолат гирифтор нашудааст.

Ғуломсахӣ суханашро идома дода, бадбахтӣ дар он буд, ки мегуфт ӯ, - ҷасадҳои одамон - бекафану бечаноза монданд. Ҷанозагар пайдо намешуд. Масалан, аз як деҳа танҳо як мард зинда мондааст. Дигар наҷотёфтагон занону духтарон буданд. Ғуломсахӣ шӯхикунон мегуфт, ки занони ин қария он мардро арбоби деҳаи худ интихоб кардаанд. Илм ҳам исбот намудааст, ки ҷинси зан нисбат ба мард пуртоқат мешавад.

Дар баъзе қарияҳои фалокатзада чунин ҳам шудааст, ки мурдаҳоро аз хонаҳо берун набароварда, балки дарҳошонро боз пӯшидаанд. Ин хонаҳо сағонаро мемонд, ки дар ҳар кадомаш 10-12 ҷасади устухоншуда, дар дохили латтапораҳо боқӣ мондаанд. Дар хотима, Ғуломсахӣ хулоса кард, ки ин минтақа қариб, ки дар назорати давлат қарор намегирад. Сабабаш бероҳӣ аст. Мардуми минтақа ҳамасола заҳмат кашида, ғалладона кишт мекунанд, чорвои майда ва калонро инкишоф медиҳад, то ки қисме аз онро ба фурӯш расонда, рӯзгор бинанд. Боз аз ҳама бадии кор дар он аст, ки мегуфт Ғуломсахӣ, мардуми мо бозор надорад, ки молашро ба фурӯш расонад. То бозори Чихчарон бурдани моли майда ғайри имкон мебошад. Тавре ки дидем, сӯҳбати риққатовари Ғуломсахӣ буд сари тақдири инсони Афғонистони шоҳӣ. Аз сӯҳбати Ғуломсахӣ дониш андӯхтан мумкин буд. Махсусан, он айём барои банда шунидани чунин қисса, қиссае, ки дар бораи беқадр мондани инсон буд, ҷолиб менамуд. Ҳамон вақт ба Ғуломсахӣ гуфта будам: оқои мӯҳтарам мо тоҷикони шӯравӣ то омадани Инқилоби Уктубр чунин рӯзгор доштем. Шукри худо бар асари рӯи кор омадани сохти нав ва ҳаёти нав мардуми тоҷик ҳамаҷиҳата рӯ ба инкишоф оварда ва акнун қиссаҳое чун қиссаҳои шуморо аз саҳифаҳои румонҳову навиштаҳои таърихӣ мешунаванд. Он рӯз орзу карда будам, ки дар Афғонистон низ мисли Инқилоби мо рӯйдоде ҷараён гираду мардуми азияткашидаи он ба рӯзгори ширину пурбор рӯ ба рӯ ояд.

Ғуломсахӣ, ҳарчанд ки чунин Инқилобро намехост, омин гуфт ва бо банда хайру хуш намуд. То дидори баъдӣ гуфтам, оқои Ғуломсаҳӣ. Ӯ низ «бо амони худо» гуфту болои зини аспаш қарор гирифт ва ваъда дод, ки рӯзҳои наздик боз хоҳем дид.

Ин қиссаҳое буд аз дафтари аввали хотироти банда, ки якуми июли соли 1972 дар минтақаи Оҳанкашон саҳифаҳои сафеди он ба поён расид. Ҳикоятҳои дигаре аз Оҳанкашон ва дигар навоҳии Афғонистонро аз дафтари дувум хоҳед хонд.

ДАФТАРИ ДУВУМ

(3.07.1972 - 8.09.1972)

Оҳанкашон

Дар дафтари аввал фаромӯш шудааст, ки гӯям, минтақаи Оҳанкашон ба вилояти Чихчарон не, балки ба вилояти Қалъаи нав марбут буда, барои Афғонистон яке аз мавзеъҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пураҳамият ба ҳисоб мерафт. Махсусан, соҳаи чорвои майда боигарии асосии ин вилоят ҳисоб мешуд. Навъҳои ғалладона низ дар вилояти мазкур ҳосили хубе медод. Табиист, ки давлат аз ин ҳисоб баҳраҳо мегирифт, аммо худ барои мардум, тақрибан чизе намедод. Ба ибораи дигар, мардум худашро худаш мехӯронду мепӯшонд.

Чунонки қаблан арз доштам, сараввал маънии номи Оҳанкашон боиси таваҷҷӯҳи маъданшиносони шӯравӣ қарор гирифт. Дар илми маъданшиносӣ низ аз ривоятҳо, мафҳумҳои маҳал, нақли бошадагони қарияе истифода мебаранд. Ба ин маънӣ, аз ин ки минтақа Оҳанкашон унвон гирифтааст, он аз ҳосили маъданиёташ сарчашма бардоштааст. Дар ҳар сари қадам ба пораҳои хоми оҳан вохӯрдан мумкин буд. Замоне ин ҷо мардумони зиёде иқомат доштаанд ва ба короти истихроҷи маъдан машғул будаанд. Мегӯянд, ки бузургии маҳалҳоро аз рӯи қабристонҳояш муайян кардан осонтар аст. Он ҷо ки мо қароргоҳ доштем, дар масофаи як километр поёнтар, қабристоне мавҷуд буд, ки гӯрҳояш ба ҳазор мерасид. Наздикии он қариячоте вайрону хароб нишонии худро гузошта буд. Илова ба ин, солиён болои ҳар гӯре шохҳои бузҳои кӯҳӣ қарор дошт. Ин шохҳо аз он шаҳодат медоданд, ки дар кӯҳҳо ва баландиҳои Оҳанкашон бузи кӯҳӣ инкишоф меёбад. Ман худ шоҳид будам, ки шикорчие аз Чамбарак бузи кӯҳиеро сайд кард, ки 45 кило вазн дошт. Мо шӯравиҳо як роне аз он гирифта, дигарашро ба мардикорону маъмурин тақсим намудем. Шояд онҳо бори аввал ин ҷо чунин гӯштро чашиданд.

Вақте ки аз ин қариячот ба поён, ба соҳили рӯди Рахна мефароед, аз ду ҷониб кӯҳҳои сар ба фалак касро иҳота мекунанд, ки танҳо осмонро дидан мумкин мешавад. Аҷобат дар он буд, ки дар қабати кӯҳҳо ҳуҷрачаҳо сохта шуда буданд ва манзараи шаҳреро дар бағали кӯҳ ба хотир меовард. Ривоят мекарданд, ки ин шаҳр хеле қадимист. Мардуми ин минтақа аз аҷнабиҳо гурехта дар қабати кӯҳҳо панаҳ бурдаанд. Шояд мардум, ки дар он баландиҳо кӯҳро шикофта, барои иқомати худ ҳуҷраҳо бино кардаанд, ба хотири маъдани Оҳанкашон будааст?

Тавре ки мебинем, минтақаи Оҳанкашон бесабаб ҷустуҷӯиҳои геологиро талаб намекард. Аз ин ҷост, ки як сол қабл гурӯҳе аз нақшабардорони шӯравӣ таҳти роҳбарии Дронов Виктор Иванович, ки аз гурӯҳи маъданшиносони Помир буд, ба Оҳанкашон омада, чанд моҳе ба миқёси 1:50000 корҳои нақшабардориро анҷом дода буд. Вазифаи гурӯҳи Дронов аз он иборат буд, ки ҳама нуқтаҳои маъданиётро болои нақша оварда ва дар он кадом навъи маъдан буданро таъйин менамуд. Гӯё Дронов ин амалро олимона анҷом дода буд. Акнун дар ин маҳал ба асоси нақшаи бардоштаи Дронов марҳалаи дувуми корҳои геологӣ сурат мегирифт. Раёсати маъданшиносони Шӯравӣ дар Афғонистон баъди таҳқиқу мутолиаи нақшаи Дронов ба чунин хулоса омад, ки гурӯҳи моро, ки корҳои ҷӯяндагиву иктишофиро бар ӯҳда дошт, бо сардории Шербина ба Оҳанкашон фиристонад. Дар назди гурӯҳи мазкур вазифа гузоштанд, ки фақат тилло ҷустуҷӯ намояд. Баъд аз он ки корҳои ҷустуҷӯӣ ба поён расиду дар хулосаи илмии гурӯҳ тилло воқеият пайдо кард, марҳалаи сеюми корҳои геологӣ сурат мебандад, ки онро гурӯҳи истихроҷӣ ба анҷом мерасонад. Масалан, тиллои Шугнов солҳост, ки истихроҷ мешавад. Онро дар шакли регу хок бо техникаи махсус мекананд ва баъд мешӯянд, ки ҳосилаш тиллои холис мешавад ва ғайра...

Ба ҳамин монанд, гурӯҳи Шербина бояд тиллои Оҳанкашонро ба воситаи гирифтани хоку реги он ва баъд аз лаборатория гузарондан, муайян мекард. Шербина бояд дар ҳисоботаш менавишт, ки оре, дар Оҳанкашон тилло ҳаст ва захирааш барои сад сол мерасад. Он вақт корҳои истихроҷӣ сурат мебастанд. Аз ин ҷост, ки Шербина ва Гришин ҳамарӯза бо инженерони дохилӣ ва кормандони техникӣ ба доманакӯҳҳо мерафтанд ва дар халтачаҳо намунаҳои сангу хок бардошта меомаданд. Бо поён ёфтани корҳои саҳроӣ ҳама намунаҳоро дар чанд мошин ба Кобул бурда, дар лаборатория таҳқиқ менамуданд. Он вақт натиҷаи кори гурӯҳи Шербина маълум мешуд.

Банда маъданшинос набудам ва ин илмро дарк намекардам, лекин аз чеҳраҳои Шербинаву Гришин эҳсос менамудам, ки дар намунаҳои бардоштаи онҳо на тилло ҳасту на маъдани дигаре. Баъзан онҳо ба ман мегуфтанд, ки нишонаҳои гузоштаи Дронов дурӯғанд. Ин ҷо аз маъдани тилло бӯе нест... Албатта, пайдо кардани тилло бо захираи калоне ҳам барои афғонҳо ва ҳам барои Шӯравӣ тӯҳфаи хубе буд. Маълум буд, ки дар тӯли даҳ соли фаъолияти

маъданшиносони Шӯравӣ чизе аз маъданиёт кашф нагардидааст. Ин ҷо нафту гази шимоли Афғонистон истисност, ки кашфи он ҳам на ба пурраги ба фаъолияти маъданшиносони Шӯравӣ иртибот дошт. То оғози кори шӯравиҳо захираи нафту гази шимол маълум буд. Фақат дар истихроҷи он шӯравиҳо ҳисса гузоштаанд.

Афғонистони шоҳӣ давлате буд, ки аз кишварҳои дигари хориҷӣ қарзи зиёде гирифта буд. Маъданшиносони шӯравиро ба ин хотир даъват карда буд, ки онҳо ҳарчи зудтар маъданиёти Афғонистонро кашф кунанду онро аз қарзҳои хориҷӣ халос намоянд. Дар тӯли дах соли фаъолияти шӯравиҳо ва то омадани шӯравиҳо Амрикову Инглистону Олмон низ дар Афғонистон ба корҳои маъданшиносӣ машғул буданд. Баъзе маъданҳо кашф карда шуданд, вале захираи онҳо хеле поин муайян гардида буд. Камии захираи маъдан имконият намедиҳад, ки онро истихроҷ намоянд. Масалан, агар захираи он барои ду-се сол бошад, чӣ навъ метавон дастгоҳҳои истихроҷиро бо нархи гарон аз хориҷ харидорӣ кард, ё фабрика сохт? Ин ҳолат пули даромад аз захираи ду-се сола наметавонад, пули масрафшударо ҷиҳати харидории таҷҳизот ва ғайра пӯшонад. Масалан, дар шимоли Афғонистон, дар рӯ ба рӯи Сарчашмаи Кӯлоб, аз тарафи Афғонистон маъдани тилло кашф гардидааст. Аммо захирааш ночиз аст. Як киштие, ки аз дохили об тиллои онро кашида мегирад, ҳамон нархеро дорад, ки фақат ба захираи он маъдан кифоят мекунаду бас. Пас, чӣ зарурат дорад, ки онро истихроҷ намоянд? Бигузор зери об хоб рафтан гирад. Тавре ки мебинем, кашфи маъдани бадардхӯрд дар Афғонистон кори содда набудааст. То ин ҷо ки расидам, як моҳи корамон, паси сар шуд. Моҳи июн пушти сар шуду моҳи июл пешвозамон гирифт. Боз ду-се моҳи дигар ин ҷо тилло ҷустуҷӯ хоҳем намуд. Ба ҳар ҳол шарҳчаи хубе бунёд сохтем. Рӯзҳои ҷумъа барои моҳигирӣ мерафтем ва гоҳе меҳмони деҳае мешудем. Агар мехостем ба воситаи телефон - ратсия ба Кобул дар тамос мешудем. Аз ҳолу аҳволи бачаҳомон огоҳ мегардидем. Яъне зиндагиамон муқаррарӣ буд ва аз рӯи қонунҳои худ пеш мерафт...

Моҷарои Свеженсев

Қаблан ишора рафт, ки тобистони соли 1971 гурӯҳи нақшабардории Дронов дар минтақаи мазкур ифои вазифа намуда буд. Азбаски аксари аъзоёни ин гурӯҳ аз Тоҷикистон

буданд ба тарҷумон эҳтиёҷ ҳам надоштанд. Ҳар кадоми онон то ҷое аз тоҷикӣ огоҳ буданд ва метавонистанд, ки бо имову ишора ва ангуштбозиву чашмпарониҳ мақсадашонро ба афғонҳо фаҳмонанд.

Свеженсев ном маъданшинос, ки аз гурӯҳи Помир буд, рӯзе ба сафари нақшабардорӣ баромада, шабона пас намегардад. Ҳама ташвиш мешаванд, ки чӣ ҳодиса рӯй дода бошад, ки инженери рус ба қароргоҳ ҳозир нашудааст. Чанд тан аз афғонҳо бо аспҳо савор шуда, ба ҷустуҷӯи Свеженсев мебароянд, вале ба натиҷае намерасанд.

Дронов бо аъзоёнаш асабӣ. Худо кунад, ки ҳодисаи нохуше рох надода бошад, ташвишангез, мегӯяд саринженер. Аз ҳама бештар тарафи афғонӣ безобита мешавад, чунки ғайб задани мутахассиси хориҷӣ ҷавобгарӣ дошт. Албатта, онҳо низ аз он амри Зоҳиршоҳ, ки касе ба шӯравиҳо дасти ғараз дароз намекунад, иттилоъ доштанд, аммо шояд он роҳзан надонад, ки ҷазояш сахт хоҳад шуд. Ш а б сипарӣ мешавад. Рӯзи дигараш, вақти чошт, мебинанд, ки Свеженсев бо либоси тагпӯш аз сӯе пайдо мешавад. Тамоми гурӯҳ ба пешвозаш мебароянд ва саволборонаш мекунанд, ки зудтар қисса намо, чӣ ҳодиса рӯй дод, гап зан охир, чаро хомӯшӣ? Дронов бо ҳамкоронаш аз чунин рафтори Свеженсев дар ҳайрат меафтанд, наход ӯ забонашро гум карда бошад, фикр мекарданд, инженерони рус. Афғонҳо бошанд бараҳм-бараҳм ҷониби ҷабрдида менигаристанду бо забони худ, «ой лаънатиҳо, мурдагавҳо, ин чи ҳолест, ки ба сари як меҳмони мо овардед. Бубинед, камбағалро тамоман луч кардаанд, хайрият либосҳои тагпӯшашро монондаанд, вагарна ӯ чӣ навъ, ба қароргоҳ бармегашт?» Свеженсев ҳанӯз ҳам хомӯш буд ва фақат тавонист, ки сигоре бар лабонаш гузорад. Чанд лаҳза мегузараду якдафъаӣ гӯё ба худ меояд ва сари тамошочиён дод мезанад: чӣ ин ақадар ало, ало менигаред. Намебинед лучам карданд. Чӣ ҷойи қисса дорад, ҳамааш маълум-ку. Дронов, ки хеле шахси фурӯтан буд, оромона ба Свеженсев мегӯяд: «Юра, давай всё попорядку. Расскажи, что случилось?»

Свеженсев бо асабоният ҷавоб медиҳад: Виктор Ивановичи мӯҳтарам! Охир аввалан ба ман сару либос диҳед. Бубинед, афғонҳо ба ҳоли ман хандида истодаанд. Мисле ки Дронов ҳам ҳушёр мешавад, бале, бале, узр. Мо ин тарафи масъаларо фикр накардаем, хушнуд ҳастем, ки ту зиндаӣ. Луч буданат аҳамият надорад, ту мардак ҳастӣ, миёни мо занҳо нестанд, ки камбудиатро ошкор созанд. Дар шакли урён ҳам хеле марди олуфта менамоӣ. Ҳамагӣ

механданд ва ҳатто Свеженсев ҳам ба ханда медарояд. Сипас Свеженсев хеле дақиқона моҷарои ба сараш омадаро қисса менамояд. Хеле ҳарисона чой менӯшад, зеро ду рӯз боз чою нонро надида буд. Деги ош ҳам ба чӯшидан даромад. Ҳатман баробари анҷоми қиссаи моҷарописанди Свеженсев зиёфат ороста мешавад. Аз ин ки ӯ сиҳату саломат мондааст, чанд қадаҳӣ бардошта хоҳад шуд. Қисса кӯтоҳ, Свеженсев мехост барномаи кориашро дар мавзее амалӣ созад. Одати маъданчиён он аст, ки онҳо фақат ба пеши по менигаранд ва ҳар сангу шағале, ки дар назарашон дилчасп менамояд, боло мекунанд, чанд лаҳза онро бо зарабин меомӯзанд ва агар ҷолиб бошад, онро ба борхалтаашон меандозанд. Ба ҳамин минвол чандин фарсах роҳро тай мекунанд. Свеженсев ҳам бо ҳамин тартиб пеш мерафт, гоҳе дар ҷояш меистод, бо пояш сангчаҳоро тагу рӯ мекард, болои замин менишаст ва бо нӯги чакуш заминро мекофт, то ки нишоне аз маъданиётро пайдо намояд.

Аслан ӯ шахси ором буда, андаке соддагиҳо дошт ва то ҷое ба қаҳрамонҳои асарҳои моҷарописандӣ шабеҳ буд. Дар назарам ба ғайр аз касбаш дигар ба чизе мароқ зоҳир намекард. Ҳеҷ ба руси душанбегӣ монанд набуд. Дурӯғгӯӣ ва дурӯягӣ надошт. Вазифаашро содиқона анҷом медод, баръакс завқааш хеле бонуи хушандом ва зираке буд. Ӯро малламӯй мегуфтанд. Аз ин ду намедонам кадомаш бештар хушбахт буд.

Ҳанӯз ҳам Свеженсев дар андешаи пайдо кардани маъдани нодир аст ва бо сари хам фақат рӯ ба пеш дорад. Дар ин қисса кор то ҷое мерасад, ки Свеженсев нафаҳмида аз сарҳади муқаррашудаи нақшаи кориаш берун баромада ба мавзеи дигаре худро мезанад. Ҳине, ки ӯ болои замин намунае аз бозёфташро мутолиа менамуд, чанд тан аз роҳзанони даштӣ пайдо мешаванду ҳа, мистер, мегӯянд. Свеженсев дар аввал намефаҳмад, ки чӣ гап аст. Гумон мекунад, ки ин нафарҳо, ки дар рӯ ба рӯяш рост истодаанд, ҳамон афғонҳоеанд, ки дар гурӯҳ вазифаи намунагириро анҷом медиҳанд. Аммо, вақте ки ҷиддитар ба чеҳраи онон менигарад, мебинад, ки дар сари китфи яке туфанги инглисӣ овезон аст. Акнун ба ҳуш меояд ва худро ба даст мегирад ва аз онҳо мепурсад, ки чӣ мехоҳанд. Табиист, ки роҳзанон саволи мистерро намефаҳманд ва ба имову ишора амр мекунанд, ки Свеженсев аввал болопӯшашро, баъд пироҳану кулоҳу шалворашро бо пойафзоли чармиаш кашида ба дасти онҳо диҳад. Ҳарчанд ки кӯдаквор мефаҳмонад, ки ба ҳолаш раҳм кунанд, дар ин дашти сӯзон пойлучу сарлуч чӣ тавр

метавонад ба қароргоҳаш баргашт, вале роҳзанҳо мили тӯфангро бар синааш гузошта таҳдиди парронданӣ мекунанд. Свеженсев мефаҳмад, ки не, бо ин «ҷанобон» шухӣ намудан нашояд, бало ба пасаш, либоси тагпӯшамро монанд, хайр аст, як бало карда роҳи хонаро меёбам. Роҳзанҳо ба осонӣ Свеженсевро луч карда, ба ҷонибе ғайб мезананд. Ӯро тани луч бо чакушаш дар он дашти калон мегузоранд. Акнун ӯ на компас дошту на нақшаи ҳаракат. Бераҳмҳо борхалтаашро низ кашида гирифта буданд, то ки либосҳоро дар он ҷой кунанд. Рӯз ҳам аз пешин гузашта буд. Вай ба чор тарафаш назар мекунад ва мехоҳад фаҳмад, ки қароргоҳашон дар кадом самт қарор дорад. Ниҳоят, аз рӯи ҷойгиршавии кӯҳҳо самти лозимиро пайдо мекунад. Тамоми шаб роҳ мегардад. Бечора пои луч, миёни сангзору хасу хор бо сад ранҷу машаққат то қароргоҳаш мерасад. То ин ҷо қиссаро тамом карда, мегӯяд: инак банда дар назди шумоям. Дигар чизе илова карда наметавонам. Чеҳраҳои он нобакорон маълумам нест, ҳамин қадар фаҳмидам, ки роҳзан буданд, аммо бештар ба афғонҳои кучӣ монандӣ доштанд. Ӯ воқеан дуруст фаҳм кардааст, зеро дар он дашту биёбонҳо фақат кӯчиҳо метавонистанд тоқат дошта бошанд.

Бо шунидани ин қиссаи моҷарописандона тарафи афғонӣ воқеаро ба дастгоҳи ҳукумати Чихчарон мерасонад ва аз он ҷо ба Кобул иттилоъ дода мешавад. Ин ҳодиса барои афғонҳо рӯйдоди ҷиддӣ буд. Чанд рӯз баъд тамоми минтақаро ба воситаи пулис ва аскарони подшоҳӣ, ки 40-50 нафарро ташкил медоданд, тоза мекунанд. Бо вуҷуди чунин чорабинӣ қуввахои низомӣ роҳзанҳоро ба даст оварда наметавонанд. Вале аз тамоми қариячоту улусволиҳо яроқу аслиҳаашонро ҷамъ мекунад. Аслан, дар ҳар хонаводаи афғон як ё ду туфанги шикорӣ мавҷуд аст. Барои шароити онон ин аслиҳа зарурат аст, чунки бештарашон шикорчӣ ҳастанд ва рӯзгорашон низ аз ҳамин ҳисоб мегузарад.

Соли 1972, ки мо он ҷо будем, бошандагони маҳалаҷот ҳамон ҳодисаи нохушро ёдовар шуда, шикоят мекарданд, ки барои амали ноҷои ду падарсаг ва як шӯравӣ ҳукумат мардумро бехонумон сохт. Ҳамзамон онҳо таъкид доштанд, ки рафтори он роҳзанҳо бар хилофи қонунҳои Афғонистон сурат гирифтааст.

Имрӯз, ки дар бораи моҷарои Свеженсев менависам, сеюми июл аст ва табъи болида дорам, зеро бегоҳӣ дастаи футболи «Помир»-и Душанбе ба дастаи «Автомобилист»-и Налчик бо ҳисоби ду бар сифр (2:0) ғалаба ба даст овард.

Ба яғмо рафтани амвол

Як моҳ сипарӣ шуду воҳимаи фаъолияти дуздону роҳзанон рӯи об баромад. Ба ҳар ҳол мардуми таҳҷоӣ муҳиташонро аз мо беҳтар медонистанд. Воҳимаи Азимхони маъмурро нодида гирифтем ва қариб буд, ки аз вазифа сабукдӯшаш намоем. Ҳол он ки торафт овозаи дуздодуздӣ дар минтақа паҳн мегардид.

Ҳамон навъ ки гуфтам, мо дар қарияи Рахна қароргоҳ гирифта, анҷомҳоямонро он ҷо нигоҳ медоштем ва мавриди зарурат ба воситаи гову маркаб ба Оҳанкашон интиқол медодем. Банда ҳафтае як бор ба он ҷо мерафтам ва вазъиятро мефаҳмидам. Ронандаҳо, мудири анбор ва дигар кормандони мо дар Рахна зиқ намешуданд, боду ҳавои тоза, аз наздашон дарёча мегузашт ва аз ҳама муҳимаш чанде аз он бонувони бевамонда дар ихтиёрашон буданд. Ин дафъа, ки ба он ҷо ҳозир шудам, занони лоғару бараҳна ба назарам нанамуданд, балки онҳо хеле шодону хандон ва чеҳраҳошон суп-сурх маълумам гардид. Чанде аз онҳо шармгинона ба наздам омаданд ва ташаккур инженер соҳиб, гуфтанд, лутфи шумо буд, ки моро ин ҷо нигоҳубин мекунанд ва мо низ дар хизматашон ҳастем. Аз ронандаҳо пурсидам, ки дигар сӯи Кобул шитоб надоранд, гуфтанд, ки «на тарҷумон соҳиб, ин ҷо хуб ҷоест. Ҳастем дига, ба шӯравиҳо расонед, ки ором бошанд, мо худмон маводи зарурӣро барояшон таҳия хоҳем кард». Ба қароргоҳи Рахнаи мо ҳамоно аз Чихчарон ва Кобул маводи зарурӣ интиқол дода мешуд.

Рӯзи 6-уми июл амборчии гурӯҳ ду гови боркашу як сар маркабро киро гирифта, ба онҳо чаҳор халта орд ва чанде аз анҷомҳои анборро бор карда, бо се нафар соҳибонашон сӯи Оҳанкашон мефиристад. Мо медонистем, ки то бегоҳ корвони амволамон ба қароргоҳ мерасад.

Дар ҳамин андеша соатҳои сеи рӯз китоберо ба даст гирифта, ба мутолиа пардохтам, ки якбора аз сӯи хаймаҳои дохилиҳо сару садо баланд шуд. Аз хайма берун шуда, вазъиятро фаҳмиданӣ будам, ки муовини афғонӣ Саидҷаббор саросемавор: тарҷумон соҳиб, тарҷумон соҳиб, гӯён ҷониби ман медавид. Хайру хайрият аст?- гуфтам. Аз куҷо хайру хайрият, дуздон молу амволамонро дар роҳ задаанд. Банда оромона мавзӯъро пурсон шудам. Ӯ ба тарафи хаймаи худ ишора карда, ана шоҳид худаш омада, бубин сару рӯяш хуншор. Дидам, ки гап ҷиддӣ аст, ба назди он ҷабрдида рафтам ва гуфтам, ки чӣ ҳодиса рӯй дод?

Ҷабрдида хуни сару рӯяшро мешуст. Сар боло кард

ва дидам, ки як бари рӯяш бо корд бурида шуда буд. Хун ҳамоно ҷорӣ мешуд. Фармудам, ки болои ҷароҳаташ шакар пошанд, то ки хун манъ шавад. Ошпазамон ба зудӣ ин амалро анҷом дод. Ҷавон, ки андаке осуда гашт, ба нақлаш оғоз бахшид. Онҳо се нафар будаанд. Вақти кӯтали Рахнаро боло баромадан ва сӯи Оҳанкашон роҳ пеш гирифтан ногаҳон аз чуқурие чор нафар одамони мусаллаҳ баромада, чанде лату кӯб карда ва баъд дасту пои ду нафарамонро бо ресмон баста, сеюмиро бо гову хару амвол бо худ мебаранд. Ин ҷавони хуншор яке аз он ду буд, ки бастааш кардаанд. Баъд аз ин ки дуздон нопадид шудаанд, он ду басташуда кӯшиш намудаанд, ки ба ёрии якдигар худро аз ресмон халос кунанд. Бо маслиҳати якдигар ин ҷавонаш барои хабар расондан омадааст ва дигараш ба таъқиби дуздон сарозер шудааст.

Ман Саидҷаббор ва чанд ҷавони чобуки дигарро сафарбар намудам, ки аспҳои савориро гиранду ба зудӣ ба ҷустуҷӯи он дуздон шаванд. Барои муайян кардани самти ҳаракати дуздон, он ҷабрдидаро низ бо худ бигиранд. Тасодуфро бинед, ки ҳамон рӯз дар қароргоҳи мо ду ҷавони тануманди савора ва ҳам мусаллаҳ пайдо шуданд. Банда, ки дар тараддуди дастгир кардани дуздон будам, онҳоро аз аспҳошон фароварда, туфангҳошонро кашида гирифтам ва гуфтам: оқоён, маъзарат мехоҳам, ки бо шумо чунин муносибатро раво мебинам, лекин дониста бошед, ки то мо дуздони амволамонро пайдо накунем, шуморо аз ин ҷо баромадан наметонем. Онҳо мегуфтанд: Инженер соҳиб, мо аз деҳаи Чамбарак ҳастем, даҳ сар говамонро роҳзанҳо бурдаанд, мо пушти сари он дуздон мегардем ва дигар худсафедкарданҳоро арз доштанд. Банда ба Абдуллоҳ ном ҷавон фармудам, ки то аз дуздони амволамон хабаре расидан як туфангро бигираду онҳоро назорат кунад. Дар ин даву ғеҷҳои мо Шербинаву Слава иштирок надоштанд, балки дар кадом талу теппае тилло меҷустанд, вагарна талхакаф мешуданд.

Хайрият, бегоҳӣ ҷавонҳои савораи мо ордҳоро бо як гову як маркаб ба қароргоҳ расониданд. Аммо як гови дигарро кучо бурда буданд, маълум набуд. Саидҷаббор худро қаҳрамон меҳисобид. Ин қадар таърифе, ки худро кард. Гӯё агар ӯ дар ин набард ҳисса намегузошт, ғалаба ба даст овардан гумон буд. Ман ҳам таърифаш намудам, офарин гуфтам, охир ту фарзанди Афғонистон ҳастӣ, авлодони ту ҳамин навъ такра (чобук) буданд, баҳсе надорад.

Саидҷаббор нақл кард: вақте роҳзанҳо эҳсос

намудаанд, ки аз паяшон дарафтодаанд, он ҷавонро бо як гову хар ва чор халта орд раҳо намуда, як говро сурак карда, тарафи ҷарӣ бурдаанд. Яъне Саидҷаббори қаҳрамон дуздонро ба чашми хеш надида буд, балки амволи сари роҳ партофта рафтаро пас ба қароргоҳ интиқол дода буд. Баъд аз ин, ман аз ду бошандаи Чамбарак бори дигар узр хостам, бо чою нон меҳмондориашон намуда, раҳошон кардам. Аз онҳо хоҳиш намудам, ки ба арбоб Маҳмуду Ғуломсахихон саломи бандаро расонанд. Хайр аст, тарҷумон соҳиб, он дуздони шумо дуздони мо ҳам ҳастанд, гуфтанду қамчине ба сағрини аспҳошон заданду рафтанд. Тахмин мерафт, ки дар минтақа касоне пайдо шудаанд, ки фақат гов медузданд. Ҳамин ҳолат моро водор месохт, ки ба ҳар навъ нохушӣ омодаи зарба задан бошем.

Ин шабамон нороҳат гузашт. То рӯз гумон доштем, ки он дуздон, ки ном монданд, имкон дорад, ки сафҳошонро зиёд намуда, шабохун зананд. Пагоҳии рӯзи дигар бо Саидҷаббор маслиҳат кардем ва ба ин хулоса омадем, ки ӯ бояд ба Чихчарон равад ва асли воқеаро ба ҳукуматиён арз намояд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Саидҷаббор то Рахна рафта, аз он ҷо дар яке аз ҷипҳо ба Чихчарон равона шуд.

Чунин ҳодисаҳои нохуш аз ҳама беш ба Гришин таъсир мекарданд. Ӯ хеле тарсончак буд. Бо хоҳиши вай шабона хаймаи моро ду нафар афғоне, ки хизмати аскарӣ карда буданд, посбонӣ менамуданд. Чароғҳо дар даст то субҳ гирди хаймаи мо чарх мезаданд. Вале Шербина ҳеҷ парвое надошт. Мӯйи сарашро зуд-зуд шона мезад ва истироҳат мекард. Банда низ ба чунин воҳимаҳо одат карда будам ва ҳеҷ хатареро барои худ ва ҳамкоронам эҳсос наменамудам. Аммо бетаваҷҷӯҳ ҳам набудам, зеро амнияти ин ду нафар бештар ба фаъолияти банда иртибот мегирифт. Ба ман маълум буд, ки минтақа дар вазъияти ноҳинҷори иқтисодӣ қарор дорад, мардум гуруснагӣ мекашад ва ҳам медонанд, ки шӯравиҳо бо худ маводи хӯрокаи фаровон доранд, аз имкон берун набуд, ки ба қароргоҳи мо дарафтанд. Аз ин рӯ, эҳтиётро аз даст доданӣ ҳам набудем. Шаби ҳаштум Абдулмуҳаммади ошпаз палави кобулӣ омода карда буд ва аз лаззаташ хел ҳаловат бурдем. Бар ин ҳаловат ғалабаи дастаи «Помир» бар «Спартак» ҳаловати тоза бахшид. Тӯбҳоро ба дарвозаи ҳариф Сиганков ва Ғуломҳайдаров заданд.

Рӯзи нуҳуми июл, соатҳои 10-и пагоҳӣ як даста аспсаворон ба қароргоҳи мо омаданд. Якеаш инженер Саидҷаббор ва дигаронаш қумондони пулиси Чихчарон, саркотиби пулис ва як нафар аскар буд. Онҳо мустақиман назди ҳай-

маи мо омада, аз аспҳо поён шуданд. Банда худамро муаррифӣ кардам ва онҳо низ. Баъд аз сӯҳбати чанддақиқаи оғои қумондон савол кард, ки банда аз кадом шаҳри Афғонистон ҳастам. Фармудам, ки банда табааи шӯравиам ва ба қавм тоҷик мебошам. Валлоҳ гуфт, қумондон, фоҳмида намеша, ки шумо хориҷӣ ҳастен, ин дараҷа сӯҳбати форсиатон ба кобулии мо наздик аст? Оре, гуфтам, лаҳҷаи тоҷикӣ низ шоҳае аз забони бузурги форсиву дарист, фақат андаке тафовути лаҳҷавӣ ба мушоҳида мерасад, дигар як забон аст. Бале,бале, тарҷумон соҳиб, дуруст фармудед. Борҳо чунин шубҳа сари дохилиҳо омада буд ва ҳамеша бандаро аз табааи Афғонистон меҳисобиданд. Барои ҳар тарҷумон чунин ҷиҳат мусбат тамом мешуд ва ҳам боварии дохилиҳоро нисбати Шӯравӣ меафзоёнд. Ин ҷиҳат як навъ сиёсат ҳам буд, ки дар пешбурди корҳои тарафайн аз аҳамият холӣ набуд.- Қумондон дар хаймаи мо қарор гирифт, ӯро касе гӯё надида буд. Вале соате нагузашт, ки ҳама арбобони қарияҷоти минтақа назди ӯ ҷамъ омаданд. Маълум буд, ки қумондон пеш аз ин ки ба Оҳанкашон сафар кунад ба воситаи дастгоҳи вилоятӣ арбобҳоро огоҳ сохтааст, то ки дар Оҳанкашон гирди ҳам биоянду мавзӯъро дар якҷоягӣ ҳаллу фасл намоянд. Қумондон ва саркотиби пулис бо онҳо сӯҳбати дуру дарозеро анҷом дода, ононро гунаҳкор ба он сохт, ки дуздҳояшонро саришта намекунанд. Қумондон дуруст мегуфт. Ҳама арбобҳо дуздони худро доштанд. Одатан онҳо аз якдигар ба воситаи дуздону роҳзанҳошон қасос гирифтанӣ мешуданд. Дар поёни сӯҳбат ӯ аз ҳамаи арбобҳо гӯё забонхат гирифт, то ки минбаъд дуздони онҳо ба хориҷиҳо ва дохилиҳое, ки дар ин минтақа аз пайи кори давлатианд, ғараз нагиранд. Бо ҳамин мазмун сӯҳбати қумондон бо арбобҳои минтақа поён ёфт ва гӯё қумондону саркотиби пулис низ вазифаи расмиашонро ба ҷо оварданд. Дар ин мизи мудаввар банда аз ҷониби Шӯравӣ, Саидҷаббор аз тарафи Раёсати маъдани Афғонистон ва қумондону саркотиби пулис ба намояндагӣ аз ҳукумати вилояти Чихчарон иштирок доштем. Протоколи ҳамдигарфаҳмӣ ва осоиштагиро ба имзо расондем. Оре, мақсад аз барпо шудани ҷаласаву ҷамъ овардани ҳокимони маҳалҳо низ аз ҳамин иборат буд. Пулис ваъда дод, ки мавзӯъро ба мақоми волии Чихчарон арз медорад ва натиҷаи он марбут ба дастгоҳи вилоят хоҳад буд. Аз навъи чорабиниҳояшон моро воқиф насохтанд, фақат тасалломон бахшиданд, ки боз аз ҳолу аҳволи мо хабар хоҳанд гирифт.

Қумондону пулис рафтанду аз онҳо барои банда як адад тасбеҳ хотира монд. Қумондон тасбеҳашро фарамӯш карда буд. Баъд аз рафтани меҳмонони давлатӣ арбоби деҳаи Чамбарак маро ба меҳмонӣ даъват намуд. Банда розӣ шудам, зеро гӯштамон тамом шуда буду гӯсфанде харидорӣ кардан ният доштем. Ба ӯ ваъда додам, ки рӯзи сешанбе ҳатман меҳмонашон мешавам. Тарафи афғонӣ ба меҳмониравии банда розӣ набуд, метарсондам, ки дар роҳ дуздонаш маро луч хоҳанд кард. Аввалан, ҳеҷ тарсу ҳаросе надоштам ва сониян ваъда ки додам, бояд равам, - гуфтам дар дилам. Нарафтанро нишонаи номардӣ меҳисобидам.

Дар меҳмонии арбоб-Маҳмуд

Дар арафаи меҳмонравӣ будам, ки шаби 11-уми июл ду марди силоҳдори тануманд ба қароргоҳи мо ҳозир шуданд. Ин меҳмонони нохондаро афғонҳо иҳота карда, туфангчаву камони шикорӣ ва пулу молашонро мусодира намуданд. Сипас ба хаймае дароварда ба таҳдидашон сар карданд, ки дузд ҳастанду аз ҷояшон шӯр нахӯранд (яъне наҷунбанд). Шаб ҳам шуда буд. Банда барои фаҳмидани қазия ба хаймаи дохилиҳо рафтам. Маъмурин дар хаймаҳояшон ларзида менишастанд. Ҳар кадом бо асбоби буррандаву вазнине худро мусаллаҳ карда буд. Дар зери болишту дохили бистарашон (кӯрпаҳои махсусе, ки ба дохилаш даромада мехобанд) чӯбу корд нигоҳ медоштанд. Як инженери тарсу, ки хоб рафта буд, садои маро шунидан замон бедор шуд ва корди дудамаеро нишон медод. Ба ҳоли онон хандаам омад. Ачаб мардуме ҳастанд, - гуфтам дар дилам. Чунонки гуфтам: аз тарсугӣ кор мегиранд. Пинҳонӣ аз ҳам нон мехӯранд.

Оре, ин тоифа на «афғон», балки форсизабон буданд. Вақте ки дар навиштаҳоям калимаи афғон истифода мекунам, манзурам мардуми Афғонистон аст, на паштунҳо. Дар гурӯҳи мо ба ғайр аз сардорамон, ки қандаҳорӣ буду аз миллати пашту, дигар касе аз ин қавм кор намекард. Яъне онҳое, ки хислати тарсӯй доранд, бештар тоҷиконанд. Ҳарчанд ки онҳо одат накардаанд, ки бигӯянд: мо тоҷик ҳастем, балки мегӯянд: мо форсигӯ мебошем. Ҳатто тоҷики Панҷшер худро тоҷик муаррифӣ намекунад. Ӯ бо ифтихор панҷшерӣ ҳастам, мегӯяд. Аммо туркман, ӯзбек, ҳазора ҳатман бо номи қавмашон хешро ошно месозанд. Ин ҳодиса табиӣ мебошад. Тоҷик дар ҳама ҷо бисёр аст. Тақрибан

тамоми форсизабонон тоҷик бояд бошанд. Бухорой ҳам тоҷик аст, аммо дар Лондон аз як авлоди шоҳи гурезаи Бухоро Олимхон савол карданд, ки ӯ аз кадом миллат намояндагӣ мекунад, гуфт: ман бухорой ҳастам. Миллат, ки бузург шуд, бештар бо номи маҳал ё забон ифтихор кардани мешавад. Агар ҳамин ҷиҳати тарсӯи дар тоҷикон намебуд, онҳо аз даҳшати толибон гурехта, ба Эрону Арабистони Саудӣ ва ё Тоҷикистон намерафтанд. Чаро паштунҳо намегурезанд? Сад сол бо ингилис дар набард буданд.

Таърих гувоҳ аст, ки ҳама асрҳо аҷнабиён, аз қабили арабу турку чингизиёну муғулон сари мардуми тоҷик ҷабру ситам оварда ва тоҷики шаҳрнишин ба хотири наслро нигоҳ доштан рӯ ба кӯҳпораҳо овард. Он тарсу ҳаросро дар чеҳраи тоҷиконе, ки бо банда дар хизмат мебошанд, ба мушоҳида мегирам. Вале онҳое, ки дохили хайма пут (лап) задаанд, намедонанд, ки ин тарсӯй аз куҷо ба онҳо интиқол шудааст. Тамоми шаб сари ҳамин мавзӯъ фикр кардаму таҳлил намудам ва ба хулосае омадам, ки набояд онҳоро мазаммат кард, балки муҳити сиёсиро бояд маҳкум намуд.

Субҳи дигар ба назди маъмурин рафта, хоҳиш кардам, ки он ду шахси дуздэълоншударо рухсат диҳанд, ки аз паи корашон шаванд. Воқеан, онҳо аз чанголи дуздони дигар гурехта хостаанд, ки дар қароргоҳи мо паноҳгоҳ пайдо намоянд. Ман ба муовини гурӯҳ гуфтам: оқои Саидҷаббор, кадом дузди аҳмақ худаш худашро занҷирбанд мекунад? Охир, инҳо дузд мебуданд, ба ин ҷо намеомаданд, балки дар сари ана, он баландӣ худро пинҳон сохта, шабона вақте ки шумоҳо дар хоби ғафлатед, ба хаймаҳотон медаромаданд ва он тарафашро худо медонад, ки ба ҷонатон раҳм карданд ё не. Саидҷаббор хеле ба фикр фурӯ рафту сипас амр кард, ки рафта, он ду мардро озод намоянд ва туфангчаву туфанги шикорӣ ва 2500 афғонашонро баргардонанд. Дар озодшавии он «дуздҳо» банда ҳисса гузоштам. Ин ҷиҳатро дарк карданд, магар ки ба ман изҳори миннатдорӣ баён намуданд. Фаҳмидам, ки онҳо аз қарияи Марғзор будаанд. Вақти ба роҳ даромадан, «ба амони худо» гуфтанду рафтанд. Гоҳе батарс-батарс ба қафояшон менигаристанд, то ки дубора «зиндонӣ» нашаванд. Баъди чанд лаҳза худро пушти теппа заданд. Ин воҳима ҳам пушти сар шуд. Акнун метавонистам ба меҳмонӣ азми сафар намоям.

Ба ҳамин ният, нуздаҳуми июл бо ҳамроҳии маъмури гурӯҳ Азимхон ва Шамсуллоҳи Чамбаракӣ аспакӣ роҳи хонаи Маҳмуди арбобро пеш гирифтем. Шамсуллоҳ яке аз он се нафар муздороне буд, ки Маҳмуд ҳамчун мардикор

фиристода буд. Шамсуллоҳ муздурӣ намекард, балки ба шикори бузи кӯҳӣ машғул буд. Воқеан, шикорчии моҳире буд. Бо як нишон бузеро, ки аз чашма об менӯшид ба замин афтонд. Тир бар гарданаш расида буд. Ҳоло ӯ моро роҳбаладӣ мекард. Инженерони афғонӣ, ки ба ин сафари банда розӣ набуданд, «тарҷумон соҳиб, фаъолият ба худатон бошад», гуфтанд. Бо ин суханашон гуфтанӣ буданд, ки агар баногоҳ дуздон лучат кунанд, мисли Свеженсев, онҳо ҷавоб намегӯянд. Масъулият ба дӯши худам буд. Хайр аст, гуфтам, худо нигаҳбон аст.

Аз қароргоҳи мо то қарияи Чамбарак 10 км роҳ буд. Аввалан сарнишеб рафтем ва баъди ба соҳили дарё фаромадан, роҳамон ҳамвор шуд. Қад-қади ҷӯйи Рахна ҳаракат кардем. Гоҳе ба ин тарафи ҷӯй ва гоҳе ба он тарафи он мегузаштем. Роҳ мустақим буд, вале роҳи ҷӯй каҷмокаҷ сурат мегирифт. Роҳи даҳкилометраро дар се соат тай намудем. Мо то худи деҳаи Чамбарак нарафтем, балки арбоб дар қароргоҳи тобистонааш бо тамоми аҳли деҳааш қарор дошт. Тобистон дар ин ҷоҳо молчаронӣ карда, ҳаво, ки рӯ ба сардӣ овард, боз ба хонаҳои гилинашон, ки андаке поёнтар қарор дошт, кӯч мебастанд. Ҳоло ки мо ба ҳузури Маҳмуд расидем, қарияе буд хаймазор, хаймаҳое, ки худдузӣ шуда буданд. Аксари хаймаҳо ранги сиёҳ доштанд.

Арбоб-Маҳмуд дар болои майсазоре хайма зада буд ва моро интизорӣ мекашид. Хаймаи арбоб аз хаймаҳои дигар бошандагони деҳа бо нақшу нигори худ фарқ мекард. Тартиб чунин будааст. Ҳар касе ки аз ин роҳ мегузашт, бояд хаймаи арбобро мешинохт. Ман, ки ҳар як ҷузъиётро ба мушоҳида мегирифтам, хуб медидам, ки дар ҳақиқат мардуми қарияи Маҳмуд рӯзгори бад надоштанд. Дар чеҳраҳои зану мардонаш сурхӣ маълум мешуд. Сару либосашон низ мувофиқи шароит буд. Эҳсос кардам, ки арбоб - Маҳмуд мардумашро барои қабули меҳмони шӯравӣ омода сохта буд. Ҳамаашон дар тан либосҳои нав доштанд. Чорвои майда хеле зиёд ба назар мерасид. Назди ҳар хаймае 40-50 сар бузу гӯсфанд мехобид. Маҳмуд дар бораи табиати деҳааш бо як шавқе нақл карда, сипас моро ба дохили хайма даъват намуд. Аз рӯи анъана аввал барои ҳар кас як чойникӣ чойи фомил ва ширинӣ таҳия намуданд. Соате гузашту ду навъ ғизо оварданд. Яке фатирмаска (молида ё чангольӣ ҳам мегуфтаанд), дигаре қурутоб буд. Онҳо болои фатирмаска шакар мечошидаанд. Нонаш хеле болаззат пухта шуда буд. Ман ғизои равғаниро чандон хуш надоштам, аммо барои он ки мабодо соҳибхона малол нашавад, оҳиста-оҳиста нолаҳои

хурд мегирифтам. Ҳар дафъа бомаза таҳия шудани ғизоро таъриф мекардам. Маъмур Азимхон хеле бошавқ навола мечид. Дар хайма, ки ҳамсоягони арбоб ҳузур доштанд, ба табақи мо даст дароз намекарданд, балки мушоҳида менамуданд, ки меҳмони шӯравӣ чӣ навъ ғизо меҳӯрда бошад. Банда эътироз кардам ва онҳоро ба нон даъват намудам.

Соҳибхона-арбоб дасту остин бар зада бо мо ҳамроҳ шуд. Нонро хӯрдем ва дуо кардем. Дастурхонро бардоштанд. Акнун сӯҳбати дӯстон оғоз гардид. Ҳар кадом аз ҳозирин дар бораи рӯзгори мардуми шӯравӣ, вазъи ислом ва мусулмонӣ дар ин кишвар саволҳо медоданд. То ҷое, ки мумкин буд, ба саволҳои эшон ҷавоб медодам. Медидам, ки онҳо ба якдигар бо ишораи чашму қош мегуфтанд, ки дар шӯравӣ ҳам мусулмонон будаанд-ку. Онҳо, ки дар оғози сӯҳбат ба банда бошубҳа менигаристанд ва ба воситаи саволҳояшон мехостанд, ки маро муттаҳам созанд, акнун дар чеҳраҳошон хушӣ ҳувайдо гардид, мисле ки эҳтиромашон нисбат ба камина афзуд. Дар байни нишастагон мулло Искандар ном шахс менишаст, ки бештар ӯ савол медод. Аз гузориши саволҳояш маълумам гардид, ки вай чандон муллое нест, балки андаке аз аркони мусулмонӣ бохабар аст ва шояд намозро ҳам хеле содда гузорад. Бо гӯш додану хулосаҳои бандаро таъйид карданаш дарк намудам, ки ӯ маро муттаҳам карда наметавонад. Ин ҳолат худамро озодтар эҳсос намудам. Ниҳоят, савол гузошт, ки аз кучо ман ба дини ислом баладият пайдо кардаам? Ӯ иқрор шуда буд, ки ман маънии сураҳои Қуръонро возеҳ шарҳу эзоҳ медиҳам. Дар масъалаи китоби Қуръонро фаҳмиданам, ба мулло Искандар гуфтам, ки ин китоби муқаддаси мусулмонҳоро аз забони арабӣ ба русӣ донишманди рус Крачковский тарҷума кардааст ва ҳар шахси чи мусулмон ва чи ғайр метавонад онро мутолиа намояд ва маънии ҳар сураи онро азбар кунад. Вақте ки аз тарҷума сухан оғоз намудам, мулло нобоварона сӯям менигарист ва гуфтанӣ буд, ки тарҷумон соҳиб, то он ҷо ки мо мусулмонҳо иттилоъ дорем, китоби Қуръон тарҷуманашаванда аст ва маънии сураҳои онро танҳо Ҳазрати Муҳаммад (с) метавонист маънӣ кунад.

Мулло Искандар ҳайрон монд, ки чӣ навъ фикри ӯро пешгӯӣ кардам. Бале, гуфтам Мулло Искандар, дар миёни мардум баъзе муллоҳои чаласавод фатво додаанд, ки сураҳои Қуръон тарҷума намешаванд. Пас, шумо намояндаи дини мубини Ислом бигӯед, ки оё китоби Қуръон бемаънӣ аст?

Агар сураҳои онро маънидод кардан мамнӯъ бошад, чӣ навъ дини Исломро мо метавонем ташвиқу тарғиб намоем? Ниҳоят, гуфтам мулло Искандар, китоби Қуръон падидаест, ки дар он тамоми рӯзгори одамон, ҳайвоноту наботот оварда мешавад. Дар маҷмӯъ ин китобест рамзи зиндагӣ, китобест, ки инсонҳоро ба сӯи накӯкорӣ, заҳматталабӣ, аҳлоқи ҳамида ва инсонгарой даъват менамояд. Хуни ноҳақ нарезед, мегӯяд дар сурае. Хулоса карда гӯем, китоби Қуръон илми ахлоқи ҳамидаву одамшиносӣ ва дунёшиносист. Агар ҳар кадоми мо нишастагон аз ин илм заррае баҳравар шавем, хонаҳои якдигарро намесӯзем, амволи касро ба яғмо намебарем, дасти бечорагону бепарасторонро мегирем, зеро онҳоро низ худо офаридааст ва ӯ аз халқкардаҳояш умедҳои зиёде дорад. Мулло Искандар гӯш медоду чеҳрааш гӯё мешукуфт, дар чашмонаш барқи дониш пайдо шудан мегирифт. Ришсафедоне, ки дар паҳлуи мулло Искандар менишастанд, ба якдигар назари хушҳолӣ дӯхта ва ҳатто якеаш ҷуръат карда, чунин изҳор дошт: «Валлоҳ, ин тарҷумон аз баъзе муллоҳои мо мусулмониро хубтар мефаҳмад...» Бале, бале гӯён, мулло Искандар ва арбоб-Маҳмуд сухани ҳамсояҳояшонро тасдиқ мекарданд.

Тавре ки гуфта шуд, мардуми ин минтақа, ки кӯҳистон ҳам ҳаст, тоҷикон буданд. Лаҳҷаи тоҷикӣ барои онҳо батамом фаҳмо буд. Вақте ки ман як-ду соат сӯҳбати тоҷикӣ доштам, онҳо ҷое нагуфтанд, ки фалон калимаро нафаҳмидаанд. Масалан, ҷое ҳам ишора карда будам, онҳо як коса мостро болои дастархон гузошта буданд, ки банда онро ҷурғот ном бурдам. Чамбаракиҳо ҳайрон шуданд, ки мостро онҳо низ ҷурғот меноманд. Азимхони маъмур ба ман эрод гирифта, таъкид дошт, ки на, тарҷумон соҳиб, ин ҷурғот нест, балки мост аст. Вале онҷоиҳо ба зудӣ маъмурро рад карда, каминаро тарафдорӣ намуданд: «Тарҷумон соҳиб, дуруст мегӯяд, дар ҷойҳои мо низ ҷурғот истифода мешавад». Ин ҳолат ба онҳо калимаи «дуғ»-ро талаффуз карда будам, ки ана дидед, мо ҳам дуғ мегӯем, садо баровардаанд ҳамагӣ. Чанд дафъае, ки Азимҷони маъмур сухане гуфтанӣ мешуд, мулло Искандар аз ман савол мекард, ки «ин оҷо чӣ гуфтанӣ аст, нафаҳмидам манзураш чист». Маҷбур мешудам, ки ҳарфҳои Азимхонро барои мулло дубора шарҳ диҳам. Шеваи гӯйиши банда ба онон хеле фаҳмо ва маъқул буд. Ба назарам ба дараҷае аз банда хушашон омад, ки ҳеҷ намегузоштанд сӯҳбатро ба поён расонему боз ба роҳ бароем.

Соат дуи рӯз шуд. Бори дигар ба дастархони Маҳмуд фотиҳа хонда, рӯи ҳавлӣ баромадем. Ман бояд гӯсфандҳоро

медидам ва агар маъқулам шавад, ягонтаашро харидорӣ мекардам. Лекин бошандагони деҳа, ки мардонаш ҳамагӣ 10-15 нафар буданд ва миёни онҳо Ғуломсахихони ошноям ҳам буд, зориву тавалло мекарданд, то ки шаб меҳмони онҳо бошам ва соате чанд сӯҳбатамонро идома бидиҳем. Якеаш шӯхикунон гуфт: «Чорта чақ-чақ мекардем». Албатта, пазироияшон олӣ буд, аммо ман наметавонистам шабро он ҷо гузаронам, зеро ба ҳар ҳол банда хориҷӣ будам ва агар ҳодисаи нохуше рух медод, он қария аз тарафи давлат азият медид. Бо вуҷуди ин, ба онҳо фаҳмондам, ки узр мехоҳам, бародарон, барои мо хориҷиҳо, дар ҳарҷо бидуни иҷозати идораҳои марбута истироҳат намудан манъ аст. Ҳамзамон ваъдашон додам, ки рӯзе фурсат ёфта, меояму ҳатман шабро бо онҳо мебинам.

Маҳмуди арбоб моро ба сари гӯсфандҳояш роҳбаладӣ намуд. Як гӯсфандаш, ба ман хуш омад ва ба тахминам 800 афғонӣ қимат дошт. Баъди андаке сӯҳбат ба таъбири афғонҳо «ҷӯр» омадему ба 700 афғонӣ розӣ шуду онро моли худ гардондам. Гӯсфанд шишак буд. Азбаски интиқол додани як гӯсфанд ба масофаи даҳ км душворӣ пеш меовард, боз баррачаеро бо нархи 350 афғонӣ харидам. Ғуломсахӣ ва дигарон ханда карда гуфтанд: «Тарҷумон соҳиб, як буз ҳам мехаридӣ, ҳарсеяш бисёр хуб роҳ мерафтанд». Гуфтам, дуруст фармудед, вале як ҳазор афғоние, ки бо худ доштам, ба ҷейби шумо рафт, агар лутф кунеду бузро маҷҷонӣ бо гӯсфандҳои ман ҳамроҳ кунед, ташаккур мегуфтам. Ин шухӣ ба онон хуш омад, ки дастаҷамъӣ хандиданд.

Фурсатро истифода бурда, аз Ғуломсахихон хоҳиш кардам, ки туфанги думилаи шикориашро таври амонат ба ман диҳад. Ӯ дар ҳол «ба чашм» гӯён туфангашро бо ду картусаш оварда дод. Туфангро сари китф овехта, «ба амони худо» гуфтаму сари аспро ҷониби Оҳанкашон гардондам. Дар роҳ Азимхони маъмур, ки андаке соддагӣ дошт, «валлоҳ, тарҷумон соҳиб, ту ба ин мардум хуш омадӣ», гуфт ва суханашро идома дод: ин қария ба дохилиҳо эътибор (боварӣ) надорад, аммо ба ту эътибор намуда, ҳатто бароятон туфанг ҳам ҳадя карданд».

Ба ҳамин тартиб, мусофирати аввали банда ба қарияи Чамбарак бомуваффақият анҷом ёфт. Соатҳои ҳафти бегоҳӣ хаста шуда, ба Оҳанкашон расидем. Маъмурини афғонӣ, ки ба ин сафар шубҳа доштанд, бандаро бо туфанг дида: «Валлоҳ, тарҷумон фаъолият кард», мегуфтанд. Азимхони воҳимачӣ аз асп поён шудан замон қиссаи меҳмондории чамбаракиҳоро ба ҳамкоронаш оғоз намуд. Ҳамин шаб

гӯсфанди шишакро сар задем ва баррачаро нигоҳ доштем. Тақдири барра баъд аз 15-20 рӯз ҳал хоҳад шуд. Аспсавории даҳкилометрӣ ва пас гаштан боиси он шуд, ки ду-се рӯз ҷуръати болои асп баромаданро накардам. Акнун ҳар шаб як муздур бо туфанги кироя хаймаи моро бонӣ мекард. Ба ибораи дигар, мо мусаллаҳ будем, дигар тарсу ҳарос надоштем. Аз ин ба баъд Гришин бароҳат хоб мерафт. Хизмати туфанг дар пеш хоҳад буд.

Ташрифи арбобҳо ва моҷарои тозае

Рӯзе ки бар асари дуздии амволи мо аз Чихчарон қумондон бо саркотиби пулис омад, тақрибан ҳамаи арбобҳои минтақа ҷамъ омада буданд. Баъд аз даҳ рӯз боре арбоб-Маҳмуд «ассалом» гӯён назди хаймаи мо пайдо шуду «тарҷумон соҳиб дар хайма бошанд», гуфт. Ман ба зудӣ аз хайма ба пешвозаш баромадам, дидам, ки дар паҳлуяш як марди тануманде меистод. Арабоб бо банда оғӯш кушода тарҷумон соҳиб, ин мардро, ки мебинӣ, «арбоби калони мо, арбоби деҳаи Харбед» аст. Хеле шодам, бифармоянд, як пиёла чой. Ба хайма ворид шуда, сари мизи оҳанӣ қарор гирифтем. Исми меҳмонро аз Маҳмуд пурсидам. Ғуломнабӣ ном доштааст. Бо ин кас, ки бори аввал аз наздик сӯҳбат мекардам, ҳамон саволҳоеро раво медид, ки дар хонаи арбоб-Маҳмуд бошандагони деҳаи Чамбарак дода буданд. Бештар мехост фаҳмад, ки дар Шӯравӣ рӯзаву намоз ҳаст ё не. Ман дар бораи рӯзгори мусулмонони Шӯравӣ, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон ба Ғуломнабӣ ба таври мухтасар нақл кардам.

Сӯҳбати мо идома дошт, ки боз садои бегонае ба гӯшам расид, ки дар кӯчо будани арбоб-Маҳмуду Ғуломнабиро мепурсид. Пурсандаро яке аз маъмурин роҳбалади карда, ба хаймаи мо овард. Маҳмудхон ин шахсро бо номи Қодирхон арбоби деҳаи Работак муаррифӣ намуд. Ӯ, тақрибан 55 сол дошт. Даромадан замон ба гап шурӯъ кард. Сергап барин буд. Яке назараш ба дастгоҳи «ратсия» хӯрд. Ин чист гуфта, ба назди дастгоҳ рафту аломатҳои онро тамошо кардан хост. Ин телефони ҳавоӣ аст, гуфтам ба ӯ. Яъне чӣ?, -гуфт. Ман ҳам ба воҳима даромадам. Арбоб соҳиб, ин дастгоҳест, ки мо мавриди зарурат аз он истифода менамоем. Масалан, агар ба волии Чихчарон гапамон бошад, зуд онро чолон мекунему арзамонро барош мерасонем. Ҳамин

тавр ба волии Қалъаи наву Ҳукумати Кобул ҳам сӯҳбат карда метавонем. Агар имрӯз дуздони арбобе ба қароргоҳи мо ҳуҷум кунанд, дар ҳол ба воситаи ин дастгоҳ ба пулиси Чихгарон хабар медиҳем, ки дуздони деҳаҳои Работак, Харбед ва ё Рахна ба ҷони шӯравиҳо таҳдид оварданд. Он тарафашро худатон хуб мефаҳмед, ки ҳоли шумоён арбобҳо чӣ мешавад. Қодирхон бофтаҳои каминаро ҷиддӣ пиндошта, дигар саволе надод ва бо ҳамин сӯҳбатро идома надод. Нисбат ба Қодирхон Ғуломнабӣ шахси ҷаҳонгаштаву доно менамуд. Вай ба ҳар суханаш ҷавобгӯ буданашро эҳсос менамуд. Аз ин ҷост, ки бо андеша сухан мегуфт ва эҳтироми ҳамсӯҳбаташро ба ҷо меовард.

Баъд аз сӯҳбат фаҳмидам, ки инҳо барои гурӯҳи мо лутф карданӣ шуда, як бузу чанд кило зардолу ва ҷурғоту чака оварда будаанд. Аз зардолуву ҷурғоташон моро низ меҳмондорӣ карданд. Кори дигар, ки надоштанд, дар қароргоҳи мо рӯзро бегоҳ намуданд ва ҳини хайрухуш ба меҳмонӣ даъватамон карданд.

Рости гап, Ғуломнабӣ ба ман хеле хуш омад. Мехостам, ки ин арбоби ҷавону то ҷое фарҳангиро дар деҳааш бубинам. Ба ин мақсад панҷ нафар аз маъмуринро, ки дар миёнашон Саидҷаббори муовин, Абдуллоҳи коллектор (оне, ки намуна мегирад) ва Азимхон низ буданд, пагоҳии 28-уми июл сӯи деҳаи Харбед равон шудем. Вақте ки ба соҳили дарёи Рахна расидем, бо маъмурин пойга-аспдавонӣ кардам. Абдуллоҳ, ки худро хеле аспсавор мешинохт, бо банда баҳси пойга кард. Ман ҳам, ки кайҳо аз ин навъи бозӣ бебаҳра монда будам, розигӣ додам. Азимхону Саидҷаббор мавқеи довариро интихоб намуданд. Аспи ман сиёҳӣ думдарозу гардандарозе буд. Чанд дафъа, ки онро тозондам фаҳмидам, ки дар бузкашиву пойгаҳо борҳо санҷида шудааст. Абдуллоҳ лоф мезад, ки «тарҷумон соҳиб, ҷилави аспро маҳкам дор, ки афғонҳо асптозони моҳиранд, нашавад, ки пойгаро бой бтӣ. Ҳоло мебинем, ки дар пойга кӣ такра (чолок) маълум меша». Доварҳо дар ҳиссае аз роҳ моро баробар гузошта, баъдан ба сағрии аспҳои мо бо қамчин заданд. Пойга оғоз гирифт. То сад метр мо баробар будем, ки аз пешорӯ ҷуйи обе бо паҳнии ду-се метр пайдо шуд. Абдуллоҳ наздики он расида, бехотир лаҷоми аспашро сахт кашид, то ки онро нигоҳ дорад, вале асп карор нагирифта, даруни ҷӯй чаппа шуд. Ман, ки таҷриба доштам, ҷилави аспро накашида, балки лаҷомро суст мондам, то ки асп он масофаро хез гирад. Табиист, ки ин ҳолат қоши зинро маҳкам дошта ва ҳамин буд, ки бо ҷаҳидани асп ва ҷӯйро паси сар кардани он болои

зин мондам. Ман пойгаро бурида будам. Хушҳолона сари аспро ба қафо гардонда дидам, ки Абдуллоҳро шариконамон аз зери аспи даруни чӯйбуда кашида баровардаанд. Як пояш таги асп монда, лат хӯрда буд. Ӯ лангон-лангон сӯи ман менигаристу чи гуфтанашро намедонист. Шарм мекард. Ҳамроҳонамон бошанд ба ҳоли ӯ механдиданд. Банда аз асп поён шуда, суханҳои тасаллобахшаш гуфтам. Фақат ба ӯ рӯй оварда, дар кучо хато карданашро фаҳмондам. Ҳарчанд ки Абдуллоҳ ҳунари асптозиро ёд дошт, аммо баъзе меъёрҳои онро намедонист, вагарна бояд лачоми аспро накашида, балки сар медод. Саидчаббору Азимхон ба камина офарин, офарин мегуфтанд. Ба саволашон ки дар кучо асптозиро ёд гирифтаам - чавоб додам, ки дар хонавода, аз падар ва дигар бузкашҳои моҳире, ки борҳо мушоҳидаашон кардаам.

Ба умеди пойгамонӣ шуда, роҳгум задем. Баъди пурсопурсиҳои зиёде соатҳои 12 ба деҳаи Харбед расидем, ки дар соҳили дарёи Рахна воқеъ шуда буд. Ғуломнабӣ зери бедзоре чойи нишасти меҳмононро омода сохта, чашм ба роҳи мо дошт. Болои қолинҳо тушак--курпача андохта, барои ҳар меҳмон як болиштӣ гузошта буд. Чун анъана, сараввал моро бо чою ширинӣ пазируфт. Сӯҳбат сари мавзӯи рӯзгори бошандагони деҳааш сурат гирифт. Саволаш додам, ки арбоб соҳиб, чаро он рӯз, ки дар хаймаи мо будед, Маҳмудхон шуморо ҳамчун «арбоби калони мо» муаррифӣ намуд? Магар арбобҳои минтақа боз сараробб ҳам доранд? Ғуломнабӣ андаке ба андеша монду оре, гуфт, Худойназархон, банда бо амри волӣ соҳиб, болои ҳамаи арбобҳои маҳаллот назорат мебарам. Ҳар саволе, ки ба боло иртибот пайдо кунад, чавобашро аз камина мепурсанд. Хо, гуфтам, шумо арбоби оддӣ набудед, афсӯс, ки дертар ошно шудем. Хайр аст, гуфт Ғуломнабӣ, минбаъд зуд-зуд хоҳем дидор дид. Ману арбоб сӯҳбат мекардему ҳамроҳонам, ба хусус Азимхон, чойнакҳои чойро бо ширинаш бозавқ омезиш медод. Ӯ хеле пурхӯр буд. Хушаш меомад, агар вайро бо худ ба чое даъват менамудам. Афғонҳо шӯхӣ карда мегуфтанд: «Тарчумон соҳиб, чеҳраи Азимхон чунон сурх шуда, ки қавораи духтарони гулчеҳраро мемонад». Азимхон рӯи гирд дошт ва сурхинамӯ буд. Хо, мегуфтам, Азимхон орёии асил астӣ, дига. Чӣ кунум, мегуфт, Азимхон. Нонро ки овардан, онро бояд нӯши чон кард. Лутфи Худойназархон аст, ки тарбиятамон мекуна. Ташаккур, тарчумон соҳиб. Нону мулк аз худтон аст, насибатон куна, мегуфтам ба онон. Ин сӯҳбатро Ғуломнабӣ дақиққорона ба мушоҳида мегирифт ва шояд дар ботин мегуфт: Ин тарчумон бехӣ худӣ шуда...

Сӯҳбат акнун гарм мешуд, ки палави хосаву ҷурғот рӯи хони Ғуломнабӣ қарор гирифт. Ногуфта намонад, ки ин рӯз арбоби деҳае, ки поёнтар аз Харбед воқеъ шуда буд, оқои Мирзоалаёр низ ҳузур дошт. Мавсуф фақат сӯҳбати моро гӯш мекард ва чашм аз банда намеканд. Чунин мушоҳида намудам, ки маро меомӯзад. Ӯ низ бандаро ба деҳааш даъват намуд...

Қарияи Харбед (яъне Беди калон) манзараҳои дилнишиние дошта, дар мавзеъе ҷойгир буд, ки атрофашро кӯҳҳои як замоне шаҳрбуда мепечонд. Ҷое доир ба ин шаҳрҳои дар қабати кӯҳҳо воқеъшуда ишора карда будам. Ин дафъа ба қабати кӯҳҳо дурусттар назар дӯхтам ва чунин ба мушоҳида расид, ки ҳоло ҳам хонаҳо ва оташдонҳои одамон барқароранд. Лекин аз бошандагони ин маҳалла касе ёд намедод, ки дар кадом асру давр ин ҷо иқоматгоҳи инсон будааст. Яке мегуфт, ки қарияҳои кӯҳӣ аз замони инглисҳо боқӣ мондаанд, дигаре тахмин мекард, ки давроне ин ҷоҳо қариячот будаасту бо мурури замон зери об мондаанд. Баъдан, ки об поён фаромадааст, дубора нишонии онҳо айён шудаанд. Аз поён то нишонии он қарияҳо, тахминан, 50-60 метр масофа аст. Байни ҳар хона пайраҳаҳо мавҷуд аст. Дуди оташдонҳо чӣ навъ сиёҳии худро ба дару деворҳо гузоштааст, ҳоло ҳам маълум мебошад. Банда то ҷое ки тавонистам, он қарияҳои қабати кӯҳро аккосӣ намудам. Дар ин кор каминаро Тарасенко ёрӣ расонд. Афсӯс, ки муаррих набудам, вагарна он маҳалҳоро дурусттар меомӯхтам.

Арбоби дигаре, ки ин рӯзҳо дар ҳузураш будам, Муҳаммадакбар буд, ки деҳаи Орти Дилшодро дар ихтиёр дошт. Бори аввал, ки дар қароргоҳи хеш ошноӣ пайдо намудем, эшон хоҳиш кард, ки агар гӯсфанд кор дошта бошам, фақат ба ӯ муроҷиат намоям. Гӯё ҳар навъ гӯсфанде, ки мо зарурат дорем, байни моли майдаи арбоби мазкур пайдо мешавад.

Хонандаи гиромӣ шояд пеши худ савол гузорад, ки ман дигар коре надорам, ки фақат гӯсфандҳарӣ менамоям. Савол баҷост, вале қаблан ҳам гуфта будам, ки банда ба ғайр аз фаъолияти тарҷумонӣ боз гурӯҳи маъданшиносони хешро ба маводи ғизоӣ таъмин менамудам. Гап дар ин аст, ки тарҷумон дар гурӯҳе як кас буда метавонад, вале инженерони ба тарҷумон эҳтиёҷманд панҷ-шаш нафаранд. Чӣ навъ метавонист, вақтҳои корҳои маъданшиносӣ як тарҷумон ҳамзамон ба шаш нафар хизмат расонад? Дигар ин, ки онҳо ҳар пагоҳӣ ба хати ҳаракати худ мераванд, ин

ҳаракат ба як самт сурат нагирифта, балки ба чор тарафи минтақа иртибот пайдо мекунад. Аз сӯи дигар, худи саринженер ва аъзоёни гурӯҳ бештар ба ҳамин ҷиҳати фаъолияти тарҷумонашон зарурат эҳсос мекарданд.

Рӯзи якуми август баъд аз нони чошт, Азимхони маъмурро бо худ гирифта, ҷониби қарияи Орти Дилшод аспҳоро қамчин задем. Ба деҳа нарасида, ба моли ин арбоб рӯ ба рӯ омадем, ки дар дашти сералафе мечарид. Арбоб ҳам дар сари молаш буд. Муҳаммадакбар, ки ҷое такя мезад, моро аз дур дидан замон аз ҷояш баланд шуда, ба пешвозамон шитофт. Ба чӯпонаш амр дод, ки аспҳоро зудтар гирад. Баъди салому алейк ва ҳолпурсӣ ба сари мақсад расидем. Арбоб ба чӯпонаш фармуд, ки ҳо ана ҳамон гӯсфанди бузургҷуссаро дошта ба назди мо биёрад. Гӯсфандро даст зада, гӯшту равғанашро тахминан муайян карда, сипас аз арбоб пурсидам, ки нархи мешашон чанд хоҳад буд. Арбоб дар ҷавоб «ҳарчи ки мети бте, ман чизе намегӯям». Ва афзуд: « тарҷумон соҳиб, ки ба хонаи ман омадааст, хайр аст, гирифта равад». Шашсаду панҷоҳ афғониро ба дасти Муҳаммадакбар часпонда, худоҳофизӣ кардему гӯсфандро пешандоз намуда, сӯи Оҳанкашон роҳ пеш гирифтем. Дар роҳ Азимхон мегуфт: «Худойназархон, валлоҳ, гӯсфанди арбоба муфт азхуд кардӣ. Ин рақам гӯсфандро дар бозори Чихчарон дар ҳазору панҷсад афғонӣ наметан».

Ба қароргоҳ расидему ба ошпаз фармудам, ки тезтар гӯсфандро сар занад, зеро он рӯз Тарасенкои инженер, ки тоза ба гурӯҳи мо худро пайваста буд, зодрӯз дошт. Бегоҳӣ мизро омода сохтем ва аз дохилиҳо Исматуллоҳхонро бо Саидҷаббору Азимхон даъват намудем. Исматуллоҳ як шиша роми итолиёвӣ оварда ва табиист, ки мо «водка» доштем. Маъракаро хуб гузашт. Тарасенко дар зодрӯзаш гӯсфанд сар заданро чандон напазируфт. Бе зодруз ҳам мо гӯсфандро сар мезадем, гуфтам ба ӯ. Фақат харидории гӯсфанд ба ин рӯз рост омад ва хуб ҳам шуд.

Вақте ки дар ин боб аз лутфи арбобҳои минтақаи Оҳанкашон сухан рафт, дар бораи як меҳмонии дигар нагуфта намешавад. Чунонки қаблан арз шуд, Ғуломалаёр арбоби деҳаи Оби Гарм низ мехост шӯравиҳо соате меҳмонаш бошанд. Банда ба ӯ ваъда дода будам, ки фурсате ба даст ояд, ҳатман чойи эшонро менӯшем. Чунин фурсат ба рӯзи 4-уми август рост омад. Рӯзи ҷумъа буд, ягона рӯзе, ки мо истироҳат доштем.

Бояд арз кунам, ки дар муддати ин ду моҳ, ки гурӯҳи

Шербина дар минтақа корҳои ҷӯяндагӣ мебурд, сафи мутахассисини шӯравӣ афзоиш ёфт. Аввалан, Вадим Тарасенкои худамон баъд аз бемории хонумаш ба гурӯҳ баргашт ва дуюм ин ки чанд мутахассиси соҳаи геофизика (заминшиносӣ) бо дастгоҳҳои махсуси хеш қароргоҳи моро серодамтар карданд. Чанд рӯз қабл мо шӯравиҳо ҷамъ шудему мавзӯи ба меҳмонӣ рафтанро ба деҳаи Оби Гарм баррасӣ намудем. Ин ҳолатҳо банда раисӣ мекардам. Шербина ва ду се нафарамон нахостанд ба меҳмонӣ раванд. Гришин ва Тарасенко розигӣ доданд, ки бандаро ҳамроҳӣ кунанд. Ба ин меҳмонӣ тарафи афғонӣ ҳам омодагӣ мегирифт. Дар рӯйхат 18 кас номнавис шуд. Хайрият, то рӯзи сафар ин рӯйхат ба 10-12 нафар пойин фаромад. Аз ҷониби дохилиҳо худи Исматуллоҳхони сарвар, муовинаш Саидҷаббори «қаҳрамон», Азимхони воҳимачӣ, Абдуллоҳи ошиқ ва боз чанд касоне, ки синфи 12 тамом карда буданд, интихоб шуданд. Азбаски ин меҳмонӣ ҷиддӣ буд, мо мехостем, ки ошпази худамон ғизо омода созад, Аз ин рӯ, Абдулмуҳаммадро як рӯз пештар ба хонаи Мирзоалаёр фиристодам. Бо ин амал мехостам, ки шубҳаро аз Гришину Тарасенко дур созам ва рафтани онҳоро бехатар бубинам. Аз сӯи дигар ошпази мо моҳир буд ва ҳам замоне ба олмониҳо ошпазӣ карда, навъҳои ғизоҳои ғарбиро омӯхта буд. Бинобар ин, ғизое тайёр менамуд, ки ҳатман ба шӯравиҳо хуш меомад. Мо ба ғизоҳои пухтаи ошпазамон одат ҳам карда будем.

Бегоҳии ҷумъа ҳайатро дар ду гурӯҳ муайян кардем. Гурӯҳи Худойназархон ва гурӯҳи Исматуллоҳхон. Ба гурӯҳи банда Гришин ва Тарасенко шомил шуданд. Вадим тамоми шаб ба сафар омодагӣ гирифт. Фотоаппараташро бо фитаҳояш санҷид, то ки дар роҳ манзараҳои ҷолибро ба акс бардошта тавонад. Ӯ суратгири моҳире буд. Аҷаб ин ки дигар русҳо ба аккосӣ завқ надоштанд, онҳо бештар моҳигириро мепазируфтанд.

Субҳи чорум, соатҳои панҷ, нонушта кардему аспҳоро зин задем.Азбаски дохилиҳо хобро хуш доштанду дер ба субҳона оғоз карданд, гурӯҳи сенафараи мо ба роҳ баромад. Баъд аз ним соати дигар бояд дохилиҳо низ ҳаракат мекарданд ва роҳро якҷоя тай менамудем. Дар сафи пеш банда бо либоси пулисиву туфанги думила сари китф қарор доштам. Ҳар кас, ки аз дур маро ба мушоҳида мегирифт, гумон мекард, ки пулис бо фармоише меояд. Чунин тарзи либос дар бар кардан то ҷое дузду роҳзанҳоро метарсонд. Гузашта аз ин, дар китфу гардани Вадим ду-се хел

дастгоҳҳои суратгирӣ овехта шуда буд. Азбаски мардуми ин минтақа чунин асбобҳои суратгириро надида буданд, Тарасенко дар назарашон ба қумондонҳои кӯҳгарде, ки пушти дуздону роҳзанон мераванд, монанд буд.

Ба майсазоре расидем, ки хеле зебоманзар буд. Андак тавақуф намуда, аспҳоро чаррондем, то ки гурӯҳи Исматуллоҳхон худро бипайвандад, вале онҳо дер карданд. Хостем роҳамонро кӯтоҳтар созем. Ба як сероҳагӣ омадем. Намедонистем, ки аз ин се роҳ кадомаш моро ба деҳаи Оби Гарм мебарад. Вадим, ки кӯҳгардиҳои зиёде дошт аз таҷрибааш истифода кардани шуда, роҳи байнро интихоб намуд. Ин роҳ ба қарияе моро расонд, ки бошанда надошт. Хонаҳо ва молхонаҳо ба мушоҳида мерасид, аммо ягон зиндае ба назар нахӯрд. Шояд ин аз ҳамон қарияҳое буд, ки бо гуфтаи Ғуломнабӣ дар ин зимистон ҷон ба ҳақ таслим карда буданд. Сипас сӯи қабристони он ҳаракат намудем. Гӯрҳои тоза надошт. Гӯрҳо, тақрибан умри 50-60-сола доштанд ва болои ҳар кадомаш чӯбеву латтапорае ва шоҳҳои бузҳои кӯҳӣ гузошта шуда буд. Онсӯтар рафта будем, ки аз пеш ҷарии бетаге пешвозамон гирифт, яъне он роҳи мобайнӣ то ҳамин қарияи мурдаҳо меомадааст. Гӯё дигар баромади роҳро ба ҷонибе наёфтем ва боз ба ҳамон роҳамон расидем, то он сероҳагӣ. Ду роҳи дигар монда буд. Кадомашро интихоб кардан душвор буд. Дидам, ки аз ин ду кӯҳгард дониши тозае гирифта намешавад, банда роҳи дасти ростро пешниҳод намудам. Гришин ба Вадим назар дӯхта, дуди сигорро фуру бурду гуфт: «Вообще-то Назар прав». Вадим ҳам «ладно» гӯён ба сарғии аспаш қамчинро часпонд. Чанд километрро тай карда будем, ки деҳаи Оби Гарм намоён шуд. Атрофамонро кӯҳҳои сарбафалак иҳота мекард. Ҳамин рӯз буд, ки Вадим деҳаҳои номаълуми дар қабати ин кӯҳҳо қарордоштаро рӯи акс овард. Боз ҳамон ҷӯйбори сероби Рахна моро роҳбаладӣ кард ва то деҳаи Оби Гарм расонд. Гап дар ин аст, ки ҳама деҳаҳои минтақаи Оҳанкашон қад-қади ҳамин ҷӯйи Рахна қарор доштаанд. Байни ҳар қария ду-се километр масофа буд. Ҳар кадом аз ин қарияҳо дар теппаҳои ба кӯҳи Оҳанкашон наздик заминҳои чарогоҳ доштанд. Дар собиқ мардуми ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон низ ба ҳамин шакл рӯзгор медиданд. Масалан, бобоҳои модарии банда дар Қалъаи Сурхи Балҷувон ҳавлӣ доштанду заминҳои молчарониашон қад-қади дарёи Сурхоб, дар даштҳои Лойсой, ки наздики Файзободи Балҷувон қарор дорад, будааст. Тобистон бо кӯчу бандашон, бо чӯпонҳошон ба Лойсой мерафтаанд, зимистон, ки шуд боз ба Қалъаи

Сурх пас мегаштаанд. Ҳама мардуми молдор дар ду мавзеъ одатан макон месохтаанд. Арбобҳои қарияҳои Харбед, Оби Гарм, Рахна, Орти Дилшод ва ғайра низ чӯпонҳои шахсӣ доштанд, ки ба ивази заҳматшон соле бо онҳо чанд сар гӯсфанду буз медоданд. Бо мурури замон он чӯпон худ соҳиби рамаи гӯсфанд мегардид. Вале чӯпон ҳеҷ гоҳ гӯсфандҳояшро аз моли сад-дусадсараи арбоб ҷудо намекард, балки бо рамаи соҳибаш омехта буданд. Аҷобат дар он аст, ки чӯпон дар байни садҳо гӯсфанд, моли худро мешинохт. Ҳамон рӯзе, ки мо аз арбоби деҳаи Орти Дилшод гӯсфанди калонеро харидорӣ намудем, соҳиби гӯсфанд чӯпони арбоб буд. Аммо чӯпон ба хотири эҳтироме, ки ба хӯҷаинаш дошт, нархгузориро ба ӯҳдаи ӯ ҳавола намуд. Шахси чӯпон ва шахси хӯҷаин ба ҳамдигар боварӣ доранд ва ҳамеша содиқ мемонанд. Бобои бандаро, ки Тоҳирбой мегуфтанду ҳама авлодонаш бой гузаштаанд, вақте ки соли 1922 аскари рус ба Балҷувон ворид мешавад, тамоми чорвояшро ба зудӣ байни чӯпонҳояш тақсим мекунад, то ки Ҳукумати Шӯравӣ молашро давлатӣ эълон карда натавонад. Русҳо мебинанд, ки ин бой ба камбағалҳо рамаи гӯсфандашро маҷҷонӣ тақсим кардааст, дигар ӯро ба ҷазо накашида, балки имкон додаанд, ки оромона рӯзгор барад. Тоҳирбой то соли 1945 зинда буд ва ҳамон чӯпонҳояш рӯзгорашро таъмин менамуданд. Чунин шуда буд, ки чӯпони собиқ ҷойи хӯҷаинашро гирифт. Аммо он чӯпон медонист, ки чорвое ки дар дасти ӯ қарор дорад, аз Тоҳирбой аст, пас пинҳонӣ аз Ҳукумати давр ӯро мехӯронд ва бо ин роҳ кори савоберо анҷом медод. Банда ду чӯпони бобоямро дар Арча ва Карл Маркси Фархор дида будам, ки якеро бобои Мирзоалӣ меномиданду дигареро бобои Мулло Ҷӯрахон мегуфтанд. Онҳо то нимаи дуюми солҳои 70-ум дар ҳаёт буданд ва ҳар дафъа, ки ба он ҷо меҳмон мешудам, бобои Мирзоалӣ «набераи Тоҳирбой омадааст», гӯён ба наздам меомад ва аз нигоҳи қавора ба бобоям монанд буданамро тасдиқ мекард. Чунонки мебинем, мардуми тоҷики кӯҳистон дар ҳар минтақаеву кишваре, ки бошад, зиндагиаш якранг будааст. Он айём рӯзгори мардуми қарияҳои номбурда дар якҷоягӣ бо арбобҳову чӯпонҳояш ба ҳаёти ба истилоҳ тоинқилобии халқи тоҷик шабеҳ буд. Даврони шӯравӣ гӯё тоҷикро аз чӯпонгариву бойигарӣ «наҷот» дод. Акнун ки мустақилият ба даст овардаем, гумон мекунам, ин ду касби анъанавии тоҷик боз бадардхӯр мешавад, албатта бо шаклҳои дигархелтаре... Метавон мустақилияти Тоҷикистонро давоми ҳамон Инқилоби русӣ ҳисобид...

Он рӯз соатҳои дуи рӯз ба деҳаи Оби Гарм худро

расондем. Хеле хаставу беҳол шудем. Гурӯҳи Исматуллоҳхон кайҳо ҷойҳояшонро гирифта буданд. Онҳо роҳро ғалат накарда, бидуни саргардоние расидаанд. Ин ҷо гуноҳ аз худи мо шуд, ки дохилиҳоро маътал нашудем ва ҷазояшро дидем. Ғизо кайҳо омодаи хӯрдан буд, вале мо, ки дер кардем, меҳмонҳои дохилӣ чанд соате фақат бо чою ширинӣ қаноат кардаанд.

Мирзоалаёр ба ин меҳмонӣ чанд арбоби дигар, аз ҷумла арбоб-Ғуломнабиро даъват карда будааст. Ин меҳмонкарданҳои арбобҳо бандаро ба хулосае овард, ки онҳо байни худ маслиҳат карда, хостаанд, ки ҳар кадомашон боре шӯравиҳоро меҳмондорӣ кунанд. Шояд чунин амр аз ҳукумати вилоятҳои Чихчарону Қалъаи Нав расида бошад. Зеро ҳар меҳмонии баъдӣ аз қаблӣ хубтару банизомтар сурат мегирифт. Арбоби баъдӣ аз пешина камбудиҳоро меомӯхт ва рӯзи меҳмондории хеш онҳоро ислоҳ мекард. Масалан, Мирзоалаёр ду ҳуҷраро барои меҳмонҳо омода сохта буд. Яке барои шӯравиҳо ва инженерони афғон ва дигаре барои табақаи поёнтар, ки дар он ҷумла чанд маъмури афғонии мо низ шомил буд. Ҳуҷрае, ки барои мо тайёр карда буд, бо қолинҳои гулдори сохти ватанӣ ва болишту кӯрпачаҳои бахмалин ороиш ёфта буд. Дар дигар меҳмониҳо ин тавр нашуда буд. Се нафари моро аз боло гузаронда, Исматуллоҳхону дигар дохилиҳо поёнтар менишастанд. Болои дастархон чанд навъи нӯшока мавҷуд буд. Маълум, ки арбоб бозори шаҳрро «тамошо кардааст». Ин харидорӣ маънии омодагии чиддиро медод, ки Мирзоалаёр дида буд.

Маълум шуд, ки арбоб гӯсфандеро сар задааст. Меҳмонхонааш дар зери дарахтони чормағзу зардолу сохта шуда буд. Дар болои дастархон мавҷуд будани нӯшокиҳои дараҷадор бандаро ба тааҷҷуб овард. Арбоб тааҷҷуби маро пай бурд, ки «тарҷумон соҳиб, ҳеҷ худро азият натен, ин меҳмонӣ ба хотири шӯравиҳо тартиб ёфтааст ва мо медонем, ки ин мардум бешароб ҳаловат намебаранд. Хайр аст, ҳарчанд мо мусулмонҳо шаробро истифода намекунем, вале боз маснади меҳмон боло меистад ва ба хотири онҳоро қаноатманд сохтан мо аз ҳеҷ чиз рӯй намегардонем». Офарин,- гуфтам ба ӯ. Вадим ва Слава бошанд бо шубҳа сӯи шишаҳои ҳарранга менигаристанд, аммо одати исломӣ онҳоро имкон намедод, ки аз қадаҳ истифода намоянд. Ду рони пухтаи гӯсфанд дар паднусҳои афғонӣ болои дастархон гузошта шуд. Кордҳоро ҳам омода карданд, то ки ҳар кас худаш аз ҷойи хостааш пораеро ҷудо кунаду ба наздаш

гузорад. Слава оҳистакак ба гӯшам хонд: «слушай это всё нам что -ли?» Ман гуфтам, «оре, дорогой, ешь, не бойся всё оплаченно». Баъд аз ин суханонро аз банда шунидан Мирзоалаёр, ки дар паҳлуи камина менишаст, «тарҷумон соҳиб, шумо ҳам шӯравӣ ҳастен, бифармоед, аз оби ангуру ҷав нӯши ҷон кунен». Ташаккур гуфтам, андаке таклифи меъда доштанам намегузорад, ки аз ин нӯшу неъмати худодод ҳаловат барам. Хо, гуфт, Ғуломнабӣ. Шумо, ки таклифи меъда дорен, мо низ ба таклифҳои бофтаи эшон боварӣ ҳосил намудем ва баланд хандид. Таклифи меъда дорам, яъне меъдаам дард мекунад. Дар лаҳҷаи дарӣ ва умуман миёни форсизабонони Афғонистон, калимаи таклиф маънии беморӣ ва дардманд буданро медиҳад. Таклиф маънии дигар ҳам дорад. Вақте ки як кас мегӯяд: «Оқо маъзарат мехом, таклифтон додам». Ин ҳолат таклиф маънии заҳматро мегирад. Заҳмататон додам, мегӯяд. Яъне вақтатонро гирифтам, азиятатон додам, гуфтанӣ гап аст. Ҳол он ки дар лаҳҷаи тоҷикӣ калимаи таклифро ба маънии даъват истифода менамоянд. Банда ба ин ақида ҳастам, ки истилоҳи таклифро даризабонҳо дуруст истифода менамоянд. Масалан, мо то солҳои наздик бештар аз шакли «таклифнома» кор мегирифтем. Беҳтараш «даъватнома» аст...

Абдулмуҳаммади ошпази мо, воқеан, ғизоро хеле олӣ пухта буд. Чанд навъ таъом хӯрдем. Азимхон одатан ҳини хӯрокхӯрӣ, гоҳе ба таги чашм сӯи банда менигарист, ки эроде нагирам. Исматуллоҳхон, ки маданияти олии одамгарӣ дошт ва ашрофзода ҳам буд, мудом шӯравиҳоро мисли «гиред, гиред»-и шимолиҳо ба нон даъват менамуд. Слава бо завқ гӯштро бо шароби сохти итолоёвӣ медид. Вадим одати шармгинӣ зоҳир менамуд. Маъмурини афғонӣ шаробро бо ду шӯравӣ боҳам диданд. Тасаввур кунед, ки Афғонистон кишвари исломӣ буд, аммо рӯзгорашон вобаста ба масъалаи риояи урфу одатҳои аврупоӣ оддиву озод ба мушоҳида мерасид. Касе касеро мазаммат намекард, намегуфт, ки ой, мусулмон, чаро нӯшидӣ?! Дар шаҳрҳои бузургаш занону духтарон, аслан, бо мӯйҳои бурида ва сару либоси ғарбӣ мегаштанд.

Соат ҳам сӯи панҷи бегоҳ ҳаракат дошт. Нонро дуо кардем. Маъмурини афғонӣ ба Оҳанкашон пас гаштанд. Азбаски он ду ҳамкорам баъди аспсаворӣ монда шуда буданд, маслиҳат намудем, ки шабро дар хонаи Мирзоалаёр мегузаронем. Ба ин хотир хостем, ки аз манзараҳои зебои қарияи Оби Гарм ҳаловат бубарем ва андаке моҳигирӣ кунем. Рӯи ҳавлӣ баромадем, ки хизматгорони арбоб гӯсфанди

дигареро қассобӣ доранд. Ман арбобро бо ин иқдомаш сарзаниш кардам. Чӣ лозим масрафи зиёдатӣ - гуфтам ба арбоб. Табиист, ки аз шаб мондани мо иттилоъ ёфта, гӯсфандро барои хӯроки шом хун кардаанд. Чунки он як сар гӯсфанди дишаба барои 10-15 каси мо ва боз ҳамсояҳояш кифоят намудасту бас. Акнун мо се кас ва Исматуллоҳхону Раҳиммуллоҳхон, ки шабист шудем, дигар чора надоштанд. Дар ботин гуфтам, ҳеҷ гап не, чорвои арбоб зиёд аст, чандон зараре нахоҳад дид ва ҳам имкон дошт, ки гӯсфанди дуюм аз ҳисоби ягон чӯпонаш бошад.

Чангакҳои моҳигириро омода сохта, ба соҳили рӯди Рахна фаромадем. Он ҷо, ки моҳӣ бояд мегирифтем, яке аз бошандагони деҳа, ки хонааш дар лаби ҷӯй буду ҳавлиаш майсазореро мемонд, дастархон ороста буданд, то ки мо ҳам моҳӣ бигирему ҳам болои кӯрпачаҳо такя занем. Яъне истироҳати маданӣ кунем. Албатта, ин ташаббуси арбоб буд. Ӯ фаҳмид, ки маҳз он ҷо моҳӣ мегирем, пешакӣ ба соҳиби хона фармудааст, ки меҳмонҳоро хуб пазирой кунад. Бо чунин рафтор арбоби деҳаи Оби Гарм Ғуломнабиро фаҳмонданӣ мешуд, ки дидӣ меҳмондорӣ чӣ хел мешавад. Ғуломнабӣ ҳам зирак буд ва аз нияти Мирзоалаёр огаҳӣ дошт. Ман ба Ғуломнабӣ шӯхӣ карда гуфтам: арбоб соҳиб, дар назарам арбоби калони шумо Мирзоалаёр бояд бошад. Оре, дуруст аст, аз ин баъд мо арбобҳо ҷамъ шуда, ин масъаларо ҳал хоҳем кард. Албатта, арбоб ин суханро ҷиддӣ намегуфт, балки барои он мегуфт, ки саволи ман бечавоб намонад. Ҳозирҷавобӣ низ як навъ маҳорат аст, ки аз он Ғуломнабӣ бархӯрдор буд.

Вадим ва Слава бо завқ моҳӣ медоштанд. Ҳавои тарафи бегоҳ дилнишин ҳам буд. Ману Ғуломнабӣ ва Исматуллоҳхону Раҳиммуллоҳхон болои майсазор дароз кашида, аз чою ширинихои бошандаи деҳаи Оби Гарм ҳаловат мебурдем. Ҳамкорони банда дар байни як соат 10-20 моҳиро аз об берун кашиданд. Ба Мирзоалаёр гуфтам, ки арбоб соҳиб, гӯсфандро бечо сар задӣ, ин шӯравиҳо гӯшти моҳиро ёбанд, гӯсфанд нахоҳанд хӯрд. Шом ҳамин тавр ҳам шуд, онҳо моҳибирён хӯрданд.

Шабона дар он ҷоҳо чароғи барқӣ набуд. Онон рӯзгори бобоӣ доштанд. Чароғҳои алакайн (навъи инглисӣ, ба чароғ-фонарҳои русӣ монанд мебошад) истифода менамуданд. Мо низ дар саҳро аз ҳамин навъ чароғҳо кор мегирифтем. Аз ин рӯ, арбоб рӯи ҳавлӣ болои сӯфае ҷойи нишасти меҳмонҳоро дуруст карда буд.

Вақти хоб ҳам расид. Мо чунон беҳол шуда будем, ки

ҳар кадом метавонистем дар ҷойи нишастамон якпаҳлу афтем. Вале арбоби ҳушёри мо аллакай дар ҳуҷраи ба тартибаш барои моён-шӯравиҳо рахти хоб андохта буд. Ҳама кӯрпачаву болопӯшҳояш тозаву озода маълум мешуд. Бо вуҷуди ин, мо либосҳоро накашида ба истироҳат пардохтем. Ҳавои ин ҷо нисбат ба Оҳанкашон гарм буд. Мо, ки аз кайку дигар ҳашарот хавотир будем, хайрият ки ягонтоаш сӯи шӯравиҳо «назар накард». Бароҳат хоб рафтем. Шунидам, ки Мирзоалаёр чанд хидматгорашро барои амнияти мо дар атрофи хонаву болои бом гузоштанӣ шуд. Арбоб нороҳатии моро ҳис кард, ки каме сар даруни ҳуҷраи хоби мо карда, ба банда чунин муроҷиат намуд: «Тарҷумон соҳиб, ба ин дӯстони рус фаҳмон, ки хона муроқибат мешавад. Бепарво истироҳат кунанд, касе ба қарияи Мирзоалаёр ҷуръати ҳуҷум карданро намекунад». Зинда бошӣ, гуфтам ба арбоб. Дигар ҳамроҳонам рӯи ҳавлӣ хоб карданд. Ғуломнабӣ нимашаб ба деҳаи хеш рафтан мехост. Деҳаи ӯ чандоне дур набуд, шояд 2 км роҳ буд.

Бори аввал буд, ки мо дар қарияи бегона хонаи дохилие хоб мерафтем. Барои ман, албатта, аҳамият надошт, зеро ин мардум ҳам аз ман буд ва гӯё дар хонаи авлодам меҳмон будам. Аммо барои он ду ҳамкори русам, меҳмони шабист шудан ғайри одати онҳо ҳисоб меёфт. Шабона баъзан, ки бедор мешудам, мешунидам, ки посбон дар атрофи ҳуҷраи хоби мо рафтуо мекард. Бояд иқрор шавам, ки ман то ҷое худро нороҳат эҳсос менамудам. Дар сарам сад хел андеша пайдо мешуд. Аз он тарс доштам, ки дуздони арбоби дигаре сари қарияи Мирзоалаёр ҳуҷум меоранд. Ба ин иллат хобам дуздона буд ва ҳам ширин. Мурғфарёд бедор шудам. Аз ҳавлӣ ким-чи хел ғолмоғол (ҷанҷол) ба гӯшам расид. Ба соатам нигоҳ кунам, ақрабак ҷониби чор равон аст. Боз ба хоб дода шудам. Ним бедору ним хоб ин шаби меҳмонӣ ба поён расид. Вадиму Славаро бедор кардам. Онҳо, ки расо кайф карда буданд, шабона боре ҳам рӯи дигар нагаштанд. Яъне ҳеҷ масъулияте бар дӯш надоштанд, ба банда боварӣ мекарданд, зеро борҳо шоҳид буданд, ки ононро аз вазъиятҳои ногувор баровардаам.

Рӯи ҳавлӣ дасту рӯй шустем. Дуртар дар масофаи 30-40 метр 10-15 ҷавони тануманд, ҷо-ҷо дар китфҳошон тӯфангҳои шикории англисӣ ва панҷтираҳо қарор доштанд. Арбоб ҳам онсӯтар истода буд ва чеҳрааш парешон менамуд. Наздиктараш омадам, хайру хайрият аст, арбоб соҳиб гуфтам. Хайру хайрият, тарҷумон соҳиб. Кори нохубе шуда, ки баъд баротон хоҳам гуфт. Ман ҳам парешон шудам, вале

назди Вадиму Слава сирро бой надодам. Чойи субҳ ҳам омода буд. Ширчойро бо маскаи гӯсфандӣ хӯрдем. Соат нӯҳ шуд. Аз Мирзоалаёр хоҳиш намудем, то ки моро рухсат кунад. Ба амони худои гуфтему ба аспҳо савор шудем. Арбоб ҳам тӯфангеро ба китфаш андохту бо мо ҳамсафар шуд. Ӯ хост, ки то қарияи Ғуломнабӣ моро гусел намояд. Баъд аз ним соат ба деҳаи Харбед расида будем, ки Ғуломнабӣ сари роҳамонро гирифта, ба як пиёла чой даъватамон кард. Вай дар гӯшаи зебое таги дарахтон, дастархон густурда буд. Болои дастархон чою нони қалама ба назар хӯрд. Ҳарчанд ки навакак ширчойи гӯсфандӣ нӯши чон карда будем, нони қалама моро хуш омаду чандтоашро бо чой хӯрдем. Аз ҳама беш қалама ба Слава маъқул шуд. Ду соати дигар дар хонаи Ғуломнабӣ меҳмон шудем ва андаке бо туфанги панҷтираи инглисии арбоб нишонзанӣ ҳам кардем. Ғуломнабӣ нишонзани моҳире будааст. Дар қабати кӯҳ буттаеро нишонӣ гирифт ва тираш бехато ба он бархӯрд. Ман ҳам ду-се бор файр кардам (яъне паррондам). Бозии дилчаспе буд. Вадиму Слава ба тирпарронӣ рағбате зоҳир намекарданд. Вадим ин саҳнаро аксбардорӣ менамуд. Агар андаке менишастем, боиси ташвиши арбоб шуданамон мумкин буд. Боз меҳмондории тоза оғоз мегирифт. Аз ин рӯ, ба арбоб ташаккур гуфтему роҳи Оҳанкашонро пеш гирифтем. Соатҳои сеи рӯз ба манзили кӯҳиамон расидем.

Аз ин меҳмонӣ чанд рӯз сипарӣ шуду Ғуломнабӣ, ки бо банда унс гирифта буд, меҳмонам шуд. Вақти чойнӯшӣ якбора аз банда пурсид: «Оқои Худойназархон фаҳмидӣ, ки он шаби меҳмониатон чӣ ҳодиса рух дод». На хайр, гуфтам ва илова намудам, соатҳои чори шаб ғолмоғоле ба гӯшам расид, аммо сабабашро нафаҳмидам. Бале, тарҷумон соҳиб, ҳамон ҳиссаи шаб аз қарияи мо сари деҳаи Мирзоалаёр ҳуҷум сурат гирифт, вале бо кӯшиши ман онро рафъа намудем. Ба он ҳам он ҷо будани шӯравиҳо халал расонд, вагарна коҳу хонаҳошонро оташ зада, молу мулкашонро ба кӯҳ мебурданд.

-Чӣ гап шудааст, ки чунин ибтикор сурат гирифтааст,- пурсидам аз Ғуломнабӣ.

Сабаби сар задани воқеа он будааст, ки аз қарияи Оби Гарм ҷавоне зани аскареро аз деҳаи Харбед дуздидааст ва хостааст, ки зан кунад. Авлодони он духтар аз ин ҳодиса хабар ёфта, сари деҳаи Мирзоалаёр таҳдид оварданӣ шуданд. Табиист, ки илова кард Ғуломнабӣ чунин корҳо бе маслиҳати арбоб амалӣ намешаванд. Хешу ақрабои духтар ба ман мурочиат карданд, вале вақте ки онҳоро иҷозати

ҳуҷум надодам, бародарони духтар пинҳонӣ аз ман ба хонаву дари он ҷавони духтардузд ҳамла оварда, коҳу ғаллаи даравидаи гандумашонро оташ заданд. Ин ҳолат ман ҳамчун арбоб масъулияти давлатӣ эҳсос кардаму бо чанд тан мусаллаҳи дигар сари он худсарҳо ҳамла овардем, туфангҳошонро зада гирифтем ва дасту поҳошонро баста намудем. Ғуломнабӣ фақат ба хотири ин ки Мирзоалаёр меҳмони хориҷӣ доштааст, нахостааст, ки қарияи ӯро валангор созад. Ӯ ба авлодони духтар ваъда додааст, ки ҳоло ором бошед, шӯравиҳо, ки аз қария бадар шуданд, мо бо Мирзоалаёр ин мавзӯъро ҳал менамоем.

Воқеан, он ҷавон қонуншиканӣ карда буд. Зеро дар қонуни давлати Афғонистон навишта шудааст, ки агар шахсе ба завҷаи аскари подшоҳӣ дасти таҷовуз дароз кунад, ӯ ба ҷазои сахте кашида хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, он ҷавон духтарро дуздида, ба кучо бурда буд, касе намедонист. Дигар ин ки, он ҷавон зани аскари шоҳиро ҳатман бо хоҳиши худаш «дуздидааст». Агар хоҳиши тарафайн вуҷуд намедошт, ин ҳодисаи нанговар сар намезад.

Ҳоло бояд фаҳмем, ки баъди берун рафтани шӯравиҳо аз қарияи Оби Гарм, воқеаро чӣ тавр ҳал кардаанд. Ҳамон замоне ки мо тирпарронӣ мекардем, ҷавонони Ғуломнабӣ аллакай қарияи Оби Гармро ба муҳосира гирифта будаанд. То он мавриде ки мо аз назари онҳо ғайб назадаем, ҷабрдидагон ҷуръати тасарруфи Оби Гарм накардаанд. Баъдан онҳо ҳамла оварда, майдонҳои ғаллаи Мирзоалаёрро оташ задаанд, чорвои майдаи ононро пешандоз намуда, ба баландиҳо бурдаанд. Яъне дилҳошонро сард кардаанд. Аҷибии кор дар он буд, ки духтару ҷавон аз худ дарак намедоданд. То он рӯз, ки мо сӯҳбат доштем духтару ҷавон дар таъқиби пулис қарор дошт. Агар он ду дилдода пайдо мешуд, шояд ҷавонро ба ҳабс мекашиданд. Пас, ҳоли духтар чӣ мешуд, маълум набуд. Нангу номуси одамӣ чӣ? Саволҳое бечавоб монданд. Ғуломнабӣ дигар мавзӯъро нахост пеши банда шарҳу эзоҳ диҳад. Дар назарам мавзӯъро пул ҳал карда метавонист. Чунин ҳам бояд шуда бошад. Ин буд, пораи дигаре аз ҳикоёти мочарописандонаи банда, ки худ шоҳиди он будам.

Пазирой аз Телешев

Дувоздаҳуми август ба воситаи ратсия аз гурӯҳи Пасобанд, ки он чо низ маъданшиносони шӯравӣ ифои вазифа доштанд, ба қароргоҳи мо хабар доданд, ки муовини

сармутахассиси маъданшиносони шӯравӣ дар Афғонистон-Телешев Григорий Иванович, барои санҷидани корҳои мо ба Чихчарон мераванд ва касе ӯро бояд пазирой кунад. Табиист, ки чунин одами «бекор» дар гурӯҳ банда буд.

Телешев кӣ буд? Вайро борҳо дар маҷлисҳо медидам. Синну солаш аз ҳафтод боло, аз Маскав ба мақоми баланде фиристода шуда буд. Ҳамчун инсон, шахси фурӯтану нарме ба мушоҳида мерасид, аммо ба сифати мутахассис ба гумонам чандон арзанда набуд. Чунонки ҷое ҳам гуфтам, ин сардорҳо ба гурӯҳе мераванд, чанд рӯзеро бо маъданшиносон мегузаронанд, аммо агар пурсанд, ки ба онҳо чӣ ёрие расонданд, касе ҷавоб дода наметавонист. Ин роҳбарон як ҳунар доштанд: вақти ба соли сеюм монондани мутахассис нақши худро мегузоштанд. Аз ин ҷост, ки онҳоро «эҳтиром» мекарданд. Агар беэҳтиромие нисбати онон аз ҷониби шӯравие сурат мегирифт, ӯро ба соли дигар тамдид (дароз) намекарданд. Дар зоҳир онҳоро мепарастиданд.

Ба ин хотир, аз омад-омади Телешев саринженери моро бо Слава Гришин ғам пеш омад. Дар ташвиш монданд. Аз банда хоҳиш карданд, ки зудтар ба Чихчарон равам, вагарна интизорӣ хоҳад кашид. Рӯзи дигар, пагоҳӣ то Рахна аспакӣ рафта, аз он ҷо ҷиперо гирифта, сӯи Чихчарон ҳаракат намудам. Соатҳои чори рӯз расидам, аммо аз Телешев дарак набуд. Меҳмонхонаи шаҳрӣ рафтам, то ки ҷойи хоб бигирам, вале ҳуҷраи холӣ пайдо нашуд. Маҷбур будам дар қароргоҳи худамон, ки он ҷо чанд маъмури афғонӣ меистоданд рафта, шабро дар ҳуҷраи кирояи мудири анбор гузаронам. Хайрият, шабона кайку шабзод азобам надоданд.

Азбаски Телешев субҳ ҳам пайдо нашуд, ба бозори Чихчарон даромадам. Бозораш дилчасп набуд. Аммо талбандаҳои зиёде дошт. Онҳо хориҷиҳоро хуб мешинохтанд. Бандаро, ки диданд, наздам омаданд ва дастҳошонро сӯям дароз карда, пайса пурсиданд. Акнун, ки таҷриба аз рӯзгори даҳшатбори Афғонистон доштам, ҳеҷ гоҳ даст тарафи ҷейб намебурдам. Дар акси ҳол дастамро дигар аз ҷейб баровардан душвор мешуд. Ба ҳамин иллат, ҳарчанд ки ба баъзеашон чизе додан мехостам, аммо ин амалро иҷро карда наметавонистам. Илова бар ин, агар ба як пойлучаш як қирон медодам, ҳамааш дар атрофам ҷамъ мешуданд, «мистер як қирон, мистер як қирон» гӯён дастонашонро ба баданаму сару рӯям мемолиданд. Дар ҳамин андеша будам, ки як ҷипи Милали Муттаҳид омада, назди бозор қарор гирифту аз он чанд тан кормандонаш поён омада, ба талбандаҳо лутф карданӣ шуданд. Яъне чӣ хел? Онҳо ба

нонвой рафта, як баста нонро харида, порча-порча карда, тақсим намуданд. Лаҳзае чанд, тамоми пойлучону нимбараҳнаҳо чи кӯдаку чи пиру ришсафед ба онҳо ҳучум оварданд ва кор то ҷое расид, ки сару либоси кормандони Милалро пора-пора намуданд. Онҳо дигар илоҷе наёфта, рӯ ба гурез оварданд. Аз пушти сари онҳо духтаракону бачачаҳои 5-6 сола бо тамоми қувва «мистер бош, мистер бош», гӯён таъқиб мекарданд. Ин ҳолро дида, маъмурини пулис дахолат карда, он «раҳмдилон»-ро аз чанголи бачаҳои гурусна халос намуданд. Албатта, чунин хайрхоҳии онон кори неке буд, аммо барои ҷони худашон хавф ҳам дошт. Агар ин тоифа 50-60 кас мебуд, саволе ба миён намеомад. Бо дидани ин бенавоён мутаассир мегардидам, вале илоҷи дигар надоштам, ба ғайр аз ин ки ба мушоҳида мегирифтам.

Хостам, ки аз ин бенавоён худро дуртар нигоҳ дорам. Назди ошхонае омадам, то ки пинҳонӣ аз он бечораҳо ғизое хӯрам. Сари мизе нишастам ва ба кабобфурӯш чор сих фармудам. Ҳамин вақт, пешхидмате аз дохили ошпазхона як сатил ахлотро, ки аз пӯсти картошкаву пиёз ва таҳмондаҳои дигарон буд, ба сӯе партофт. Саге ба зудӣ худро ба ахлотпораҳо зада буд, ки ду кӯдак аз пушти ошпазхона баромада, сагро пеш карданду саросемавор ба чида хӯрдани ахлот сар карданд. Он ду бо якдигар сӯҳбаткунон ин амалро идома дода, бо тарс ба атрофашон нигоҳ мекарданд, то ки гуруснаи сеюму чорум пайдо нашаваду луқмаи муфти ононро нимта накунанд. Ин ҳолро дида, дигар кабоб хӯрданро лозим надониста, боз ба кӯча баромадам. Ба кучо рафтанамро намедонистам, ки як зобит (лейтенант)-и жондорм, ки Нургулхон ном дошту рӯзе дар моҳигирӣ ошноӣ пайдо намуда будем, ассалом инженер соҳиб, гӯён диққати бандаро ба худ ҷалб кард. Хушҳол шудам, ки ӯро дидам. Вай вазъияти бандаро фаҳмидагӣ барин, ба дафтари кораш даъват намуд. Нургулхон хеле таассуф хӯрд, ки чаро дар ин ду рӯз маро надидааст, вагарна дар меҳмониаш қарор мегирифтам.

Ба утоқи кориаш ворид шудам. Пешхизматаш чою ширинӣ оварда. Сӯҳбат тӯлонӣ шуд. Аз ҳар сӯ саволҳо медод. Ман медонистам, ки Нургулхон зобити жондорм аст ва онҳо ҳар шахси тоза ба шаҳр дохилшударо таҳти назорат қарор медоданд, муносибати хуб мекарданд ва ҳам суханчинӣ. Аз ин рӯ, ман ба ҳар саволаш боандеша ҷавоб медодам.

Нургулхон ҳеҷ гоҳ аз сиёсат сӯҳбат намекард. То ҷое ӯ бандаро меомӯхтааст. Чунки вай боварӣ надоштааст, ки камина табааи Шӯравӣ ҳастам. Бо ин далел, савол кард, ки аз кадом вилояти Афғонистон мебошам. Ин саволаш ба ханда

кардан маҷбурам сохт. Гуфтам: «Зобит соҳиб, бовар кунен, ки аз Тоҷикистон ҳастам». На хайр, на хайр, инженер соҳиб, гуфт Нургулхон. Хо, гуфтам дилитон бовар накунен, чӣ ҳам мегуфтам.

Гап дар ин аст, ки рӯзҳои аввале, ки мо ба Чихчарон омадем, бегоҳие бо Гришин моҳигирӣ рафтем. Мо ба шастамон менигаристем, то ки ғофил намонем. Нохост назарам ба ду зобит расид, ки дар рӯ ба рӯямон қарор доштанд. Онҳо байни худ чизе дар мавриди мо мегуфтанд. Сипас ин ду ба назди мо омада, аҳволпурсӣ карданд, то хеле моҳигирии моро тамошо намуданд. Ҳамон вақт бо онон бо лаҳҷаи кобулӣ сӯҳбат доштам. Ин ба он маъно набуд, ки бандаро дохилӣ гумон кунанд. Ман дигар пушти он сӯҳбат нагаштам. Акнун, ки яке аз онҳоро дидам, ӯ чунин қисса намуд. Баъд аз ин ки мо аз соҳили дарёи Ҳарирӯд сӯи иқоматгоҳи хеш рафтем, ин ду зобит бо ҳам баҳс кардаанд, ки банда хориҷӣ ҳастам ё дохилӣ. Яке гуфтааст, ки бадахшиам, дигараш тахмин намудааст, ки аз тоҷикони Панҷшерам. Ҳамон даврон дандонҳои пеши ман сунъӣ-хулагӣ буданд. Ҳамин нишонӣ онҳоро ба чунин хулоса овардааст: азбаски дар Афғонистон сохтани дандонҳои нуқрагӣ ва тиллоӣ одат набуд, ман бояд хориҷӣ бошам. Яъне якеаш бандаро хориҷӣ пиндоштааст, дигараш дохилӣ. Шарт ҳам бастаанд. Ҳоло ки ман дар рӯ ба рӯи яке аз он ду қарор доштаму худро хориҷӣ муаррифӣ менамудам, барои ин зобит тааҷҷубангез менамуд.

Бо ҳамин сӯҳбатро ба поён расонда, рӯи ҳавлӣ баромадам, ки чанд тан аз зобитҳои жондорм байни худ сӯҳбат мекарданд. Яке аз онҳо рутбаи туран (капитан) дошта, бо сари даст бо банда салом карду ҳоламро пурсон шуд. Шукри худо гуфтам, ҳастем дигар. Туран аз лаҳҷаам бо худ тахмин кардааст, ки панҷшериам. Ҳуди ӯ низ панҷшерӣ будааст. Шахси хушгуфторе маълум шуд. Мебахшен, туран соҳиб, банда табааи шӯравиам, агар эътибор надошта бошен, ана ин поспурти ман, ки ба ивази поспурти хориҷӣ аз Раёсати маъдан ва ҷиюлучии Афғонистон дода шудааст. Туран поспуртро, ки ба форсӣ хонапурӣ шуда буд, дасташ гирифта, бодиққат гӯё онро хонд ва изҳор кард, ки акси болои поспурт аз шахси дигаре ҳаст. Ин акси шумо нест, гуфт. Ин акс сохта аст. Ту тоҷики панҷшерӣ астӣ, ки дар Шӯравӣ таҳсил кардаӣ ва акнун инженери хокшинос шудаӣ. Туран суханашро идома дода, дар хотима ин тавр изҳор кард: «Мо аз ин ифтихор мекунем, ки як тоҷик низ аз Панҷшер дар Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ таҳсил намудааст».

Ҳарчанд ба ӯ мефаҳмондам, ки туран соҳиб, хоричӣ будани банда воқеият дорад, вай бовар намекард. Вақти хайрухуш гуфт: инженер соҳиб, агар ин дафъа ба Ленинград равӣ, барои ман як туфанги шикорӣ тӯҳфа биёр. Чӣ ҳам мегуфтам, ба ғайр аз тасдиқи хоҳишаш. Дигар ба сӯҳбати туран идома надода, ба роҳ даромадам. Нургулхон то саҳни бозор гуселам кард. Ҳоло ҳам ин зобит ба хоричӣ будани банда шубҳа дошт.

Соат дуи рӯз шуд. Телешев ҳам аз Пасобанд расид. Ӯро пазирой кардам. Вай гуфт: «Ҳа, медонистам, ки ту пешвозам мегирӣ». Андаке сӯҳбат кардему дигар интизори касе нашуда роҳи Оҳанкашонро пеш гирифтем. То Рахна омадем. Аспҳоро тайёр карда буданд. Мӯйсафедро ба аспе шинондам ва худам ҳам. Бист километр роҳ дар пеш буд. Аз тарзи дар асп нишастани Телешев пай бурдам, ки ӯ кам аспсаворӣ кардааст. Вақти кӯтали Рахнаро боло баромадан, ҷое аспаш ба харсанге бархӯрда, қариб буд ба дарё сарозер шавад. Ин ҳолатро дида, аз аспи худам поин шуда, ҷилави аспашро гирифтам ва тарзи болобароиро ёдаш додам. Душвориҳои роҳи кӯҳӣ паси сар шуду соати 8-и шаб ба қароргоҳи хеш омадем.

Дар қароргоҳ мизи меҳмонро омода сохта буданд. Шаб то дер нишастем, сари мавзӯи корҳои ҷӯяндагии гурӯҳ сӯҳбат шуд. Асосан Шербина аз рӯи нақшае, ки дар даст дошт, ба роҳбари кобулиаш ҳисобот медод. Чун анъана рӯзи дигар Телешев ҳамроҳи Шербина минтақаро тамошо кард. Баъзе хулосаҳояшро арз намуд. Се рӯз дар қароргоҳи мо буд. 16-уми август боз ба аспаш савораш кардаму ҳамроҳи Исматуллоҳхон то Чихчарон гуселаш намудем. Рӯзи 17-ум бояд ҳавопаймои дувоздаҳҷояи канадой аз Кобул ба Чихчарон меомад. Вале бо кадом сабабе наомад. 18-ум ҳавопаймои дигар аз Чихчарон сӯи Кобул парвоз карданаш лозим буд. Банда барои Телешев билет харида, ба дасташ дода дар меҳмонхона ҷо ба ҷояш намуда, худоҳофизӣ карда, боз роҳи Оҳанкашонро пеш гирифтам. Рафту омади роҳ байни Чихчарону Оҳанкашон хеле дилбазан буд. Баъди ҳар сафар ду рӯз кас бояд истироҳат менамуд, то ки заҳмати роҳ бароварда мешуд.

Дар ин сафар якуним рӯз мондем. Исматуллоҳхон, ки дар ин шаҳр дӯстоне дошт, моро меҳмондорӣ карданд. Яке аз ошноҳояш мудири литсей оқои Ниёзӣ буд. Дигараш муовини мудири маорифи Чихчарон Умар ном дошт. Исматуллоҳхон хост, ки ба воситаи дӯстонаш Телешевро меҳмоннавозӣ кунад. Дар ҳарду хонадоне, ки меҳмон шудем,

ғизои асосиашон палови кобулӣ буд. Дар Афғонистон низ барои меҳмони олиқадр палови кобулӣ тайёр мекунанд. Аз ин нишаст, рафтори писари чаҳорсолаи оқои Умар хотирмон буд. Ин писарак Абдулҳамид ном дошт. Хеле шӯхтабиат намоён шуд. Ӯ ҳунари артистиро дӯст медошт ва худаш ҷо-ҷо нақши баъзе шахсиятҳои Чихчаронро бозӣ мекард. Масалан, падараш аз Абдулҳамид хоҳиш мекард, ки «канӣ бачаҷон қумондон соҳиб чӣ рақам роҳ меравад, як барои меҳмонҳо нишон деҳ?», ё ки: «Волӣ соҳиб чӣ навъ нигоҳ мекунад? « ва ғайра. Абдулҳамид ба завқ омада, аз ҷояш баланд мешуд ва бо санъати хосае роҳгардии қумондону тарзи нигоҳи волиро тақлид мекард. Ин кӯдак, ки аз қавми пашту буд, забони форсиро низ хуб медонист.

Ногуфта намонад, ки дар Афғонистони шоҳӣ паштузабонҳо дар ҷомеа мавқеи бештарро дар ихтиёр доштанд. Аз ин ҷост, ки он ду вазифае, ки зикр гардид, дар Чихчарони форсигӯ, ба уҳдаи қандаҳориҳо гузошта шуда буд.

Ҳунари Абдулҳамиди чаҳорсоларо дидаму аз қиблагоҳаш тарбияи баъдии ӯро хоҳиш намудам. Агар вай дуруст тарбия мешуд, ҳунарманди хуби саҳна гардиданаш аз имкон дур набуд. Оқои Умар ваъда дод, ки ҳатман Абдулҳамидро дар тахассуси актёрӣ хоҳад хононд.

Баъди пазирой аз Телешев чанд рӯз таъбам хира монд. Сабабаш он буд, ки Фотимаро бояд ба Душанбе гусел мекардам, вале аз сармутахассиси гурӯҳ — Чемирев иҷозат нарасид. Вақте ки Шербина ин хоҳишро ба воситаи ратсия ба Кобул расонд, баъди 15 дақиқа аз Пули Хумрӣ Чемирев гап зад ва иҷозати ба Кобул рафтани бандаро манъ кард. Ҳамкоронам ба ин сармутахассиси бюрократ лаънат хонданд. Ҳол он ки худи Чемирёв ҳам писари синфи даҳашро аз ҳисоби давлат ба Кобул оварда, ҳамон рӯзҳое, ки хоҳиши бандаро рад кард, дар Пули Хумрӣ бо писараш моҳигирӣ дошт. Бюрократчигӣ дар сохтори шӯравӣ хеле қавӣ буд. Ба хусус дар хориҷа ин мавзӯъ баҳсро намехост. Барои ояндаи кас хатар меовард.

Ба ин хотир, номае ба Кобул фиристондам, то ки Фотимаро модараш то Душанбе гусел намояд. Ба иллати ин ки дар мактаби тоҷикӣ мехонд, наметавонистем ӯро манъ кунем. Ҳамин хел ҳам шуд. Фақат мехостам, ки дар Ҷашни Истиқлоли Афғонистон чанд рӯзе бо Фотима бошам ва то майдони ҳавоии Кобул гуселаш кунам. Воқеан, чунин сурат гирифтани мавзӯи гусели фарзанд бароям нороҳатӣ овард. Чемирёв ҳеҷ чиз бой намедод, агар барои банда иҷозат медод.

Одамгариаш боло мерафт. Ҳамин муносибаташ буд, ки дигар ӯро гӯё намедидам. Наход роҳбар фақат манфиати худро бинаду бас.

Гузориши Зоҳиршоҳ дар Ҷашни Истиқлол...

Ҳамасола, рӯзи 23-юми август, дар сар то сари Афғонистон Ҷашни Истиқлол таҷлил мегардид. Имсол ҷашнро дар Оҳанкашон ба мушоҳида гирифтам. Аз 15-умҳои август сар карда, рафтани мутахассисини афғонӣ ва маъмурин сӯи Кобул оғоз шуд. Аз ҷумла, ошпази мо Абдулмуҳаммад низ хоҳиш намуд, ки рухсаташ диҳем. Барои мо маълум буд, ки ҳеҷ гоҳ сармутахассиси маъданшиносони шӯравӣ иҷозати дар ҷашн рафтани гурӯҳро намедиҳад. Бо вуҷуд ин, Шербина ба Кобул телегром дода, мавзӯъро фаҳмонд, ки дар Оҳанкашон фақат се-чор шӯравӣ мондем, чӣ кунем, иҷозат аст, ки мо ҳам барои дах рӯз ба Кобул баргардем. Лаҳзае нагузашт, ки дар ратсия садои воҳиманоки Чемирёвро шунидем, ки мегуфт: шумо ба ҳеҷ кучо намеравед. Афғонҳо, ки рафтанд, ҷашнашон ҳаст, шумо чӣ? Корҳоро идома диҳед. Бо шунидани чунин амр Гришин, Тарасенко зиқ шуданд. Шербина парвое надошт, зеро дар Кобул ҳеҷ касаш набуд. Ман ҳам ором будам, чунки пеш аз пеш медонистам, ки ба ман ки ҷавоб надод, ба гурӯҳ низ иҷозат нахоҳад дод. Иҷозат надодани сардор аз рӯи мантиқ буд. Ин сафар масрафи зиёдеро тақозо менамуд. Афғонистон барои чунин рафтуомадҳои хориҷиҳо қудрати иқтисодӣ надошт.

Чанд рӯз қабл хаймаамро аз русҳо ҷудо кардам. Гришин, Тарасенко сигорро хуш доштанд. Онҳо қисми зиёди шаб китоб мехонданд ва барои хобро гурезондан «Беломорканал» дуд медоданд. Бо худ радио доштам, хабарҳоро мешунидам ва соатҳои 11-и шаб барномаи «Қадри нон»-ро аз Душанбе гӯш мекардам. Имрӯз, яъне 19-уми август, баъди рад шудани хоҳиши мутахассисин онҳо қаҳрашонро бо рӯбучини хайма баровардани шуданд. Ҳама сару либос ва рахти хобро беруни хайма кашида, офтоб доданд.

Ду-се кас аз маъмурини афғонӣ ба хаймаи ман омада, ба ҳоли мо механдиданд. Шумо шӯравиҳо, мегуфт якеаш, ҳеҷ ҳуқуқе надоред, мисли зиндонӣ мебошед, вагарна чӣ душворӣ дошт, ки бо афғонҳо ҷашнро дар назди хонавода

пешвоз мегирифтед. Ба онҳо фаҳмондам, ки тартиб гуфтанӣ чиз аст. Мо интизомро риоя мекунем. Мардуми шӯравӣ дар рӯҳияи назму низом тарбия ёфтааст. Ҳар сухани роҳбар барои мо қонун аст. Қонунро бояд риоя кард.

Бо рафтани ошпаз дар гурӯҳ мушкилот пеш омад. Кӣ бояд ӯро иваз кунад? Даҳ-дувоздаҳ рӯз мо бе ошпаз мемондем. Ман ҳамкоронамро дилбардорӣ карда, гуфтам, ки ҳеҷ гап не, банда ошпазӣ мекунам. Ба ин хотир, бо як шикорчии моҳир ва Абдуллоҳи маъмур ба кӯҳу теппаҳо баромада, бузи кӯҳиву кабк шикор мекардам. Гузашта аз ин, дар чунин мавридҳо аз консерва истифода менамудем. Дар захираамон чанд қуттии картонӣ пур аз ин навъи ғизоҳо доштем.

Рӯзи 23-юм ҳам омад. Аз тарафи субҳ гӯшаки радиоро тоб додам. Нотиқи радиои Кобул эълон кард, ки баъд аз чанд дақиқа Аълоҳазрат ҳумоюнӣ Зоҳиршоҳ ба воситаи радио Халқу Ватанро ба муносибати Ҷашни Истиқлол табрик хоҳад гуфт. Ақрабаки соат болои ҳашт қарор гирифта буд, ки Зоҳиршоҳ ба микрофон наздик шуд. Кас нафаскашии шоҳро ба хубӣ мушоҳида менамуд.

Аълоҳазрат гузориши табрикиашро ба ибораи «Ҳамватанони азиз!» оғоз кард. Сухани табрикотии Зоҳиршоҳ ба забони форсӣ сурат гирифт. Банда бодиққат ин гузоришро гӯш медодам, то ки баъдтар мазмуни онро барои ояндагон арз дошта тавонам. Ин лаҳзаҳо шӯравиҳо хоб буданд ва агар бедор ҳам мебуданд, маро халал расондан намехостанд. Аз дигар сӯ, вазифаи банда буд, ки маънии гузориши шоҳро барои мутахассисин нақл намоям.

Бояд гуфт, ки матни табрикии Аълоҳазрат тамоми мавзӯоти кишварро дарбар карда буд. Эшон, махсусан сари мавзӯъи иқтисодӣ ва мушкилиҳое, ки кишварро фаро гирифта буд, муфассал сухан гуфтанд. Соли ҷорӣ, таъкид намуд шоҳи Афғонистон, барои мамлакат ва мардуми он яке аз солҳои пурдаҳшат ба шумор меравад. Зимистони сахту гуруснагии давомдор халқи Афғонистонро аз пой афтонд. Аълоҳазрат пуртоқат будани мардумро ёдовар шуда, ба онҳо ташаккур гуфт ва миннатдорӣ изҳор дошт. Ҳамчунин ба кишварҳои хориҷие, ки дар чунин рӯзҳои сахти иқтисодӣ Афғонистонро танҳо нагузоштанд, миннатдории хешро баён сохт. Ёрию мадади давлатҳои марбутаро Афғонистон ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард, илова намуд Зоҳиршоҳ.

Сипас Аълоҳазрат ба мавзӯи муносибати беруниву дохилии кишвараш дахолат карда, орзуманди он шуд, ки халқҳои арабу Ветнам ва Ҳинду Чин ва Покистон аз зулму

тааддӣ озод шаванд. Ҳамзамон шоҳ орзу кард, ки Паштунистон низ мисли Бангладеш мустақилияти миллӣ пайдо намояд. Вобаста ба масъалаи Паштунистон таъкид сохт, ки Афғонистон дар ҷаласаи Луи ҷиргаи худ (Шӯрои олӣ) масъалаи Паштунистонро ба сифати мавзӯи асосӣ қарор дод. Мо афғонҳо, ҳамеша тарафдори озодиву мустақилии Паштунистон мебошем. Дар поёни паёмаш Аълоҳазрат ҳамватанони худро бо чунин суханони ҳаловатбахш табрик гуфт: «Ин айёми фархундаро ба тамоми халқ табрику таҳният гуфта, дар ин рӯзи равшан ва дар ин рӯзи моборак илоҳо тамоми орзуҳои ҳар як хонавода амалӣ гардад. Сиҳатию некбахтиатонро ба худо месупорам...»

Баъд аз бист дақиқа нотиқи забони пашту паёми табрикии Зоҳиршоҳро барои паштузабонони кишвар қироат кард. Нотиқ табрикотро бо «Бисмиллоҳир- раҳмонирраҳим» оғоз намуда, бо «Зинда бод шоҳ, поянда бод Истиқлол» ба поён расонд.

Бояд гуфт, ки Зоҳиршоҳ паёми табрикиашро аз Қасри Гулхона қироат намуд. Қасри мазкур дарбори шоҳ низ буд. Баъдан Шоҳ ба зиёрати марқади қиблагоҳаш Нодиршоҳ рафт. Чунонки дар дафтари аввал оварда будам, Зоҳиршоҳ гӯё аз падар дуо гирифта, сипас ба майдони Чаман меояд. Ин лаҳза дар паҳлуи Аълоҳазрат ҳамсараш Малика, ки бо номи модари маънавии миллати афғон шинохта мешавад, амакаш Шоҳ Шовалихон, Доктор Зоҳир (садри аъзами давр) ва писараш Аҳмад, ки валиаҳд буд ва духтаронаш қарор мегиранд. Расми гузаштро ҷенерол--вазири ҳарбии кишвар Акбархон қабул кард. Баъдан намоиши қувваҳои низомии Афғонистон оғоз гирифт, ки то соати 12-и рӯз идома ёфт.

Соли гузашта дар ин ҷашн иштирок доштам, вале ба сабаби каси нав будан ва нашинохтани шахсиятҳои Афғонистон он маъракаро чандон дуруст рӯи коғаз наоварда будам. Ин ҳам мисли футбол аст. Агар тамошобин номҳои бозингаронро надонад, дар қатори аввал нишаста бошад ҳам, бозингари тӯбзадагиро намешиносад. Он рӯз, ки дар назди радио нишаста будам, тамоми ҷараёни расми гузаштро оид ба Ҷашни Истиқлоли Афғонистон ба воситаи репортаже, ки кормандони радио омода карда буданд, бехтар ба мушоҳида гирифтам.

Расми гузашт ба поён расиду ба андеша рафтам, ки оё Фотимаву Парвиз бо модарашон ба ин маърака даъват шудаанд ё не. Баъдҳо доир ба ин мавзӯъ саволе ба миён нагузоштам. Шояд ягон кас аз душанбегиҳо онҳоро бо худ

бурда бошад. Он вақт Ҳ.Назаров, З.Ёров, А.Холов ва дигар дӯстон дар Кобул буданд.

Хонандаи мӯҳтарам, ки дар даҳсолаи аввали асри бисту як қарор доред ва дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон рӯзгор мебинед, ба мазмуни боло ҷиддитар мутаваҷҷеҳ шавед ва барои худ чизи тозаву донишдиҳандае ҷустуҷӯ намоед. Банда низ ҳамин саволро ба худ додам ва ҳатто худамро сарзаниш ҳам кардам, ки чӣ гапи тозае ёфтӣ, ки чандин саҳифа коғазро барбод додӣ. Вақте ки ба навиштаи хеш назар андӯхтам, як падидаи фарҳангиро барои худ кашф намудам, ин ҳам бошад, ба забони форсии-дарӣ сурат гирифтани паёми табрикотии Зоҳиршоҳ буд.

Тасаввур кунед, ки давлати Афғонистонро Аҳмадшоҳи Дурронии паштузабон соли 1747 таъсис дод ва забони давлатӣ форсиро пазируфт. Ҳамин авлод буд, ки маркази кишварро аз шаҳри паштуҳо — Қандаҳор ба Кобули форсигӯҳо интиқол дод. То соли 1936 ягона забони расмии давлатии Афғонистон форсӣ шинохта шуд. Фақат соли 1936, Зоҳиршоҳи ҷавон, ки навакак се сол дар маснади шоҳӣ қарор дошт, дар паҳлуи форсӣ забони паштуро ҳамчун забони расмии давлатии Афғонистон эълон кард. То он ҷо, ки банда воқиф ҳастам, Зоҳиршоҳ хеле кам ба забони модариаш ҳарф мезад. Шоҳидон нақл мекарданд, ки ҳар кучо, ки шоҳ мерафт, бо худ тарҷумони забони пашту мегирифт. Агар дар маҷлиси расмие мулоқот ба забони пашту сурат мегирифт, тарҷумони пашту ҷараёни онро ба форсӣ ба шоҳ нақл мекард. Ва агар забони маҷлис форсӣ мебуд, Зоҳиршоҳ худаш ҳисса мегирифт ва аз тарҷумон истифода намекард. Ин чунин маънӣ дорад, ки Зоҳиршоҳ дар муҳити форсизабонон тарбия ёфта буд. Масалан, аз ин ки раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ба тоҷикӣ озод сухан мегӯяд ва соатҳо таваҷҷӯҳи иштирокчиёнро сӯи худ ҷалб менамояд, сабаб аст, ки муҳити кӯдакиву наврасии вайро лаҳҷаи зебову ширини форсии тоҷикӣ фаро гирифта буд.

Саволе ба миён меояд, ки чаро Зоҳиршоҳ аввалан ба забони пашту паёмашро арз накард? Зоҳиршоҳ хуб медонист, ки ҳаштод фоизи мардуми Афғонистон форсигӯянд, бақияе, ки пашту ҳастанд, забони форсиро аз бар кардаанд. Гузашта аз ин, шоҳ дуруст дарк менамуд, ки забони форсӣ дар Афғонистон ба ғайр аз забони расмии давлатӣ буданаш, забони муошарати байни қавму миллиятҳои кишвар ҳам ҳаст. Зоҳиршоҳ ба ҳар кишваре, ки мерафт, ба забони форсӣ ҳарф мезад.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон ба истисноӣ Раиси давлат дигар касе аз мансабдорон парвои забони тоҷикӣ надорад. Ҳама протоколу хулосаҳошон аввал русӣ навишта шуда, баъд ба забони давлатӣ баргардон мешавад. Тасаввур кунед, ки падару модари вазире тоҷиканд, аммо вазир тоҷикиро намедонад. Дар миёни мансабпешаҳои Тоҷикистон ҳоло ҳам мафкураи забонфаҳмии даврони шӯравӣ боқӣ мондааст. Онҳо гумон мекунанд, ки агар ба тоҷикӣ маҷлисро пеш баранд, мардум намефаҳмад, аммо ба русӣ аҳли толор мақсадро хубтар дарк мекунад. Ин магар ифтихороти миллӣ аст? Ҳаргиз. Дар ин даҳ соли наздик забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мавқеъ пайдо карда наметавонад, зеро ҳама собиқ таҳсилдидаҳои мактабҳои коммунистӣ дар сари қудрат мебошанд. То ки кадри дорои ифтихори миллӣ тарбия мешавад, даҳсолаҳо сипарӣ хоҳанд шуд. Ҳол он ки Зоҳиршоҳи пашту ифтихори тоҷикӣ дошт ва ин забонро ҳеҷ гоҳ хор насохта буд. Акнун баъзеҳое , ки шоҳро мазаммат менамуданд, ба қадраш мерасанд.

Банда ки ин бахшро рӯи коғаз овардам, маҳз ба хотири он буд, ки Зоҳиршоҳ паёми табрикотиашро ба форсӣ пахш намуд ва баъд тарҷумаи паштуи он сурат гирифт. Гумон мекунам, ки чунин ибтикороти шоҳи даври Афғонистон барои имрӯзиён ва давлатдории тоҷикон намунаи ибрат хоҳад буд.

Моҷарои Мирзоалаёр

Он рӯзе, ки меҳмони Мирзоалаёр будем, ҳоло ӯро нашинохта будаем. Аз нахустин сӯҳбат, ки дар хонадони Ғуломнабӣ сурат гирифт, то ҷое пай бурдам, ки ин арбоб хеле зираку ҳушёр менамояд. Ҳамон вақт эҳсос карда будам, ки вай дар ҳар суханаш сирреро ниҳон медорад ва ягон амалашро беманфиат анҷом намедиҳад. Борҳо дар бораи ӯ қисса мекарданд, ки вай яке аз бойтарин арбобони минтақа мебошад. Молу мулки зиёде доштааст. Хеле кам дар бораи Мирзоалаёр сухани мусбат шунидан мумкин буд. Бештар мазамматаш мекарданд. Ҳар гову гӯсфанде, ки аз қарияҳои дигар гум мешуданд, ҷабрдидагон аз дуздони Мирзоалаёр медиданд. Шоҳидони бисёре буданд, ки ба чунин роҳи бад рафтани эшонро тасдиқ менамуданд. Худаш

дар яғмову ғорати моли ҳамсоягон амали ношудро ҳамроҳи бародарону амакбачаҳояш анҷом медод. Акнун ман ҳам ба Мирзоалаёр бо назари шубҳа менигаристам ва он ду-се ҳодисаи дуздие, ки дар мавриди амволи мо сурат гирифт, шояд кори ӯ буд. Бесабаб қумондони пулис таъкид накарда буд, ки арбобҳо дуздонашонро дигар сари маъмурину кормандони давлатие, ки феълан дар ин минтақа ифои вазифа доранд, равон накунанд. Дар ҳамон сӯҳбат медидам, ки сари ҳар вақт арбобҳо ба якдигар бо назари тааҷҷуб менигаристанд. Гӯё ҳар кадомаш гуноҳи якдигарро медонистанд.

Ба ҳамин андешаҳо масруф будам, ки аз дур Мирзоалаёр пайдо шуд. Ӯ рост ба хаймаи мо меомад. Вайро бо хушнудӣ пешвоз гирифтам ва дипломатона сухан мекардам. Арбоб соҳиб гуфтам, аз дидоратон шод ҳастам, воқеан бисёр мехостам, ки шуморо аз наздик бубинам ва бори дигар аз қиссаҳои ширини шумо баҳравар гардам. Лутф мекунен, тарҷумон соҳиб. Банда ҳам чанд рӯз боз чурт мезадам, ки агар ба саломи Худойназархон равам, айб намешуда бошад. Валлоҳ, ки тарҷумон соҳиб, бошандагони Оби Гарм аз сӯҳбати шумо як чаҳон маънӣ бардоштаанд ва агар боз боре ба дидори онон бирасен, хеле шод мешуданд. Ҳоло ҳам ки банда ин ҷо ҳастам, бо амри бошандагони Оби Гарм сурат мегирад. Онҳо сиҳатии шуморо мехоҳанд ва мегӯянд, ки худо кунад, ки як дафъаи дигар бо дидори Худойназархон мушарраф шавем. Яъне ман омадам, ки шуморо расман ба меҳмонӣ даъват намоям. Дидам, ки ӯ боз бофтанҳои зиёде дар нақша дорад, пеши даҳонашро гирифтанӣ шуда, изҳори миннатдорӣ кардам ва ваъда додам, ки ҳоло як моҳи дигар ин ҷо ҳастем, агар фурсати муносибе ба даст биояд, ҳатман барои хайрухуш аз маҳаллаи шумо дидан хоҳам кард.

То ин ҷо ки расидем, чою ширинӣ ҳам болои миз гузошта шуд. Ҳини чойнӯшӣ аз вазъи минтақа ва баъзе моҷароҳое, ки ба гуноҳи ин ё он шахс рух медоданд, сухан оғоз карда, дар ҳалли чунин масоил нақши баланд доштани хешро таъкид намуд. Ман нафаҳмидам, ки чаро якдафъай аз нақши худ дар минтақа сӯҳбат орост. Бо вуҷуди ин, дарк намудам, ки гапҳои коғазпечро баъдтар хоҳад гуфт. Маълумот ҳам дар даст доштам, ки Мирзоалаёр агар як ҳафта моҷароеро барнахезонад, мариз мешавад. Мегуфтанд, ки амали дӯстдоштааш моҷаро сохтан аст. Албатта, ҳамин моҷароҳо набошанд, бофтаҳои банда низ бехонанда мемонданд. Зиндагӣ худ аз низоъву тазодҳое иборат аст. Ин

тазодҳо боз пешбарандаи шахсияти касу ҷомеа шуданаш аз имкон берун нест.

Чунонки интизор будам, Мирзоалаёр қиссаеро ба хотир овард, ки қаҳрамони ҳалкунандааш худи ӯст. Ба наздикӣ, --гуфт ӯ, --аз як деҳа зани аскаре гум мешавад. Вақти ба таъқиби зан афтодан ӯро аз қарияи Мирзоалаёр пайдо мекунанд. Дар ин кор арбобро гунаҳгор эълон кардан нодуруст буд, зеро он зани аскар бо писари холааш, ки дӯсташ медоштааст, аз деҳаи хеш фирор кардааст. Қариядорони духтар барои қасос гирифтан аз Мирзоалаёр 40-50 нафар мардонро бо туфанг мусаллаҳ сохта, ҷониби деҳаи Оби Гарм мефиристанд. Миёни ду қария ҷанги бемаънӣ чанд соат давом мекунад ва дар натиҷа обигармиҳо ғалаба ба даст меоранд.

Назар ба нақли арбоб, ҳамдеҳагони духтар ба мақсади муайяне он моҷароро худ сохта буданд. Аз рӯи урфу одат ва қонуни нонавиштаи қариядорон ҷониби Мирзоалаёр ба ивази он духтари гуреза бояд чор духтар ва 50 ҳазор афғонӣ ба қарияи духтар ҷарима медод. Бо ин талаботи тарафи духтар Мирзоалаёр розӣ мешавад, вале шарт мегузорад, ки агар ҳамон аскари зангумкардаро пайдо кунанд, марҳамат ӯ ҷаримаро мепардозад. Лекин илова кард, Мирзоалаёр, аскар дар кучое худро пут (пинҳон) карда буд, ки ёфтанаш муяссарашон намешавад. Ба ин далел Мирзоалаёр ба онҳо мегӯяд, ҳарчи хоҳен медиҳам, аммо духтарро пас намегардонам. Зеро таъкид мекард арбоб, духтар, ки ба нангу номуси ҳамдеҳагонаш садама оварда буд, дар ҳолати пас баргардондан ба азобу шиканҷаи зиёде дучор меомад. Ин ҷо Мирзоалаёр шахси дилсӯзу инсондӯст будани худро исбот кардани мешуд.

Баъд аз шунидани ин қазия ба зудӣ ба сарам ҳодисаи чанд рӯз пештар байни бошандагони Харбед ва Оби Гарм рухдода расид. Қариб буд, ки қиссаи Ғуломнабиро, ки тақрибан заминааш ҳамин моҷаро буд, барои Мирзоалаёр гӯям. Аммо боз андеша намудаму гапро ба дигар сӯ кашидам. Ин ҳолат арбоб ба ман нигаристу чизе нагуфт. Ба гумонам, бо ин қисса арбоб мехост фаҳмад, ки ман аз ҳодисаи онрӯза бохабарам ё не. Аз сӯи дигар, ӯ мехост садоқати Ғуломнабиро нисбати худ санҷад, ки ӯ нону намаки вайро хӯрда боз бадгӯияш накарда бошад. Вақте ки аз ман чизи дигаре нашунид, андаке чеҳрааш кушода шуд. Ман дар худ меандешидам, ки кадоме аз ин арбоб дуруст мегӯяд: Ғуломнабӣ, ё Мирзоалаёр? Албатта, чунин моҷаро сар

заданаш аз воқеият дур набуд. Вале дар ҳаллу фасли он ҳар арбоб нақши худро ба ҷойи аввал мегузошт. Дар сухани ҳарду арбоб бофтаҳо мавҷуд мебошанд. Муҳимаш он аст, ки ин ду арбоб масъулият эҳсос мекунанд ва ҳарду ҳам дар муроқибати деҳаи худ фаъолият нишон медиҳанд ва нангу номуси ҳамдеҳагони хешро дифоъ менамояд. Тавре дида шуд, дар бисёре аз манотиқи Афғонистон, ба хусус дар минтақаи мавриди назар, ҳеҷ гуна қонуни давлат амал намекунад. Қонунҳое ин ҷо мавқеъ доранд, ки аз ҷониби арбобҳо ва шахсиятҳои шинохтаи қариячот бофта мешаванд. Пӯшида нест, ки маҳз ҳамин навъ қонунҳо бештар ба дарди ин мардум мехӯранд. Давлате, ки ба халқаш чизе дода наметавонад, табиист, ки қонунҳояшро ҳам сари мардумаш татбиқ карда наметавонад.

Хулоса, моҷароҳои ин ду арбоби ҳамсоя ба зудӣ ҳалли худро ёфтанд; касе ҷазо надид ва ҳам ба касе зарари маънавӣ нарасид. Зани аскари гумшуда шояд хонаи нав обод кард ва бахташро ёфт. Дар рӯзгори одамӣ чунин ҳолатҳои ноҳуш рух медиҳанд. Ин буд боз як порчаи аз ҳаёти деҳоти Афғонистони шоҳӣ. Шояд боз ҷое ба рӯзгори деҳ бармегардем. Моҷароҳо дар ҳолати сар задананд...

Дар шинохти чанд шаҳри Афғонистон

Дар муддати беш аз як соли дар Афғонистон будан чанде аз шаҳрҳои онро тамошо намудам. Ба хотири шинохтани шаҳрҳои дидаам баъзе мушоҳидаҳоро рӯзҳои дар Оҳанкашон будан ба дафтари рӯзномаам овардаам, ки он шинохт ба солҳои аввали ҳафтодум тааллуқ доранд. Он чӣ, ки баъдҳо дар шаҳрҳои он сурат гирифтаанд, сарфи назар хоҳад шуд. Банда он чиро, ки дидаам, баён медорам.

Кобул

Шаҳри Кобул пойтахти давлати шоҳии Афғонистон мебошад. Нуфузи он тақрибан 500 ҳазорро ташкил медиҳад. Кобул дорои се роҳи баромади заминӣ мебошад. Дарвозаи аввалро метавон дарвозаи Қандаҳор номид, ки касро аз Кобул ба Ғазнаву Қандаҳор ва баъд ба Ҳирот мебарад. Роҳи

баромади дигараш Кобулро ба шимоли кишвар мепайвандад. Шоҳроҳи сеюм сӯи Ҷалолобод ва он тараф то сарҳади Покистон мерасад. Кобул роҳҳои ҳавоӣ ҳам дорад. Ҳавопаймоҳои Афғонистон ба ҷониби Тошканд, Маскав, Деҳлӣ ҳафтае ду-се маротиба парвоз мекунанд. Илова бар ин, Кобул бо ҳама шаҳрҳои дигари кишвар роҳи ҳавоӣ дорад.

Дар маркази шаҳри Кобул қасри шоҳӣ мавҷуд аст, ки атрофи онро девори хиштии баланд иҳота менамояд. Ин қаср, асосан як дарвозаи марказӣ дорад, ки он аз ҷониби аскарони дастаи шоҳӣ муҳофизат мешавад. Болои гунбази қаср байрақи Афғонистон ҷавлон мезанад. Дар вақтҳое ки шоҳ аз кишвар берун меравад, байрақ фароварда мешавад. Яъне байрақ рамзи шоҳ ҳам ҳаст.

Дар Кобул қасрҳое бо номҳои Доруламон ва Чилсутун мавҷуданд. Қалъаи Болои Ҳисор ҳам ҳаст, ки нисбатан қадимитар мебошад.

Шаҳри Кобул чандон қадимӣ нест. Бошандагони он асосан аз ҳисоби мардуми тамоми кишвар ташкил ёфтааст. Дар Кобул забони гуфтугӯӣ форсии дарӣ мебошад. Забони пашту фақат миёни худи паштуҳо сурат мегирад. Метавон тамоми маркази Кобулро бозор номид. Як кӯчаи асосӣ дорад, ки аз майдони ҳавоӣ оғоз ёфта, дар майдони Паштунистон ба поён мерасад. Дар тӯли ин кӯча бозору дӯконҳо ҷой гирифтаанд. Ҳама кӯчаҳо аз ду тараф дӯкон доранд. Шабу рӯз бозорҳо фаъолият мекунанд.

Дар шаҳри Кобул биноҳои навъи аврупоӣ каманд. Ҷ о-ҷо манзилҳои дуошёна-сеошёнаи ин ё он вазоратхонаҳо ба назар мерасанд. Ҳавлиҳои ашрофзодаҳо аз катеджҳо иборатанд. Ин навъи ҳавлиҳо дар Шаҳри нав бештар сохта шудаанд. Мардуми дигар дар қабати кӯҳҳои Кобул иқомат мекунанд. Дар тамоми шаҳр хатти обакии ахлот вуҷуд надорад. Ба ин маънӣ дар кӯчаҳои дарунтари Кобул, дар ҳиссаи Спинзар, ҷодаи Майванд ва Қутии сангин, бошандагон ахлотро ба роҳравҳо сар медиҳанд. Аз ин ҷост, ки Кобул шаҳри сермагас аст. Фаслҳои баҳору тобистон ва тирамоҳ дар кӯчаву бозорҳои Кобул сайру гашт кардан барои шахси аз кишвари дигаре омада хеле нороҳатӣ меорад. Даҳону биниро напӯшонда, 50-100 метр ҳаракат кардан душвор аст. Чанд сол қабл дар самте аз шаҳри Кобул Шӯравӣ шаҳрчаи навъи аврупоӣ сохтааст, ки дорои хатти обакии ахлот мебошад. Дар ин шаҳрча шӯравиҳо, булғорҳо, чехҳо, пуландиҳо, чиноиҳо рӯзгор доранд, ки ба асоси шартномаҳои байни давлатӣ бо Афғонистон ҳамкорӣ менамоянд. Илова ба хориҷиҳо дар ин шаҳрча табақаи

пулдор ва ашрофзодагони Кобул иқомат мекунанд. Вақте ҳам шудааст, ки хостаанд хоричиҳоро аз он ҷо бароранд, то ки аз дохили шаҳр манзилҳоро ба кироя гиранд. Даъвои афғонҳо дуруст ҳам буд, зеро мо — шӯравиҳо, бидуни пардохти хонапулӣ зиндагӣ мекардем. Дар миёни мансабпешаҳои Афғонистон чунин ақида ҳам пайдо шудааст, ки гӯё шӯравиҳо ин шаҳрчаро барои худашон сохтаанд. Пас чаро хонапулӣ намесупоранд?

Дар ҳар минтақаи шаҳр масҷидҳо мавҷуданд. Аммо як масҷиди марказӣ дорад, ки бо номи масҷиди Пули хиштӣ машҳур аст. Атрофи ин масҷидро бозорҳо иҳота менамоянд. Дар назди масҷид пули хиштӣ ҳаст, ки масҷид ба номи он гузошта шудааст.

Шаҳри Кобул ҷойҳои таърихӣ кам дорад. Марқади Темуршоҳ, Зиёратгоҳи Нодиршоҳ, музейи шаҳрӣ, китобхонаи миллӣ, театрҳои Кобул Нандорӣ, Ориёно дар маҷмӯъ моҳияти таърихиву фарҳангӣ доранд.

Кобул аз сатҳи баҳр дар баландии 1800 м қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки офтобаш пуртаъсир ба назар мерасад. Боду ҳавояш аз Душанбе чандон тафовуте надорад. Фақат бодҳо дар Кобул тезанд ва ҳам чангу хок зиёд аст. Аз байни Кобул дарёи Кобул ҷорист, вале на ҳамеша сероб аст. Фасли тобистону тирамоҳ маҷрои ин дарё ба ахлотҷо табдил меёбад. Махсусан, баҳораш баҳори Душанберо мемонад. Дар хиёбоне, ки аз қасри шоҳ то ҳиссаи Бибӣ Моҳрӯ идома ёфтааст, аз ду тараф чанорҳо қомат рост кардаанд.

Биноҳои сафоратхонаҳои Чин, Амрико ва Шӯравӣ боҳашаматанд. Дигар давлатҳо низ сафоратхонаҳо доранд, вале чандон ҷолиби диққат нестанд. Бинои Вазорати дифоъ, ки дар наздикии қасри шоҳ қарор дорад, бо мармари сафеду сурхча ороиш ёфтааст. Бинои радио ва телевизионаш ҳам бад нест. Аз ҳама майдони дилчасп Чаман ном дорад. Хиёбонҳои Майванд, ки бо номи Ҷодаи Майванд бештар машҳур аст, ҷолиби диққат мебошад. Аз ду тарафи он биноҳои думанзилаи, тахмнан, 60-70 сол умрдошта қомат рост кардаанд. Ошёнаи аввали ҳамаи ин биноҳо бо дӯконҳои тиҷоратӣ мошин, наҷҷорӣ, қолинфурӯшӣ ва дигар лавозимоти мавриди зарурат банд карда шудаанд. Хиёбони Спинзар ва деворҳои сари роҳи он бо китобфурӯшиҳояш қобили тавоҷҷӯҳ мебошад. Меҳмонхонаи «Кобул» ҳам басо назаррабо аст. Фурӯшгоҳи бузурги афғон, ягона маркази савдои Кобул аст, ки ба тарзи муосир сохта шудааст.

Албатта, ин фурушгоҳ ҷойи хариди мардуми авом нест, балки ба он бештар аврупоиёну ғарбиён, саёҳони хориҷӣ, хиппиҳо ва ашрофзодагони Афғонистон дарову баро мекунанд. Дар ҳамин замина аз ресторани баландошёнаи Интерконтинентал бояд ёдовар шуд, ки ҷойи нишасти пулдорон аст. Аз ҳар гӯшаи шаҳр ин ресторанро дидан мумкин мешавад. Боғи ҳайвоноти Кобул ҳам дилчасп аст.

Ногуфта намонад, ки Кобул чун дигар пойтахтҳои давлатҳову кишварҳо дорои макотиби олӣ, литсейҳо, омӯзишгоҳҳо мебошад. Донишгоҳи Кобул яке аз марказҳои асосии тарбияи мутахассисони Афғонистон ба шумор меравад. Илова бар ин, дар Кобул Институтҳои политехник, кишоварзӣ, тиббӣ фаъолият мекунанд. Фарҳангистон — академияи улум низ дар Кобул ҷойгир аст. Шифохонаи бузурги ин шаҳр бо номи «Чорсадбистара» (яъне дорои 400 кат) машҳур аст, ки бо ёрии Шуравӣ бунёд ёфтааст.

Литсейҳо ба духтаронаву писарона тақсим мешаванд. Дастаҳои ҳунарии ҳофизон низ фаъолият мекунад, ки борҳо ба Душанбе сафари ҳунарӣ кардаанд. Махсусан, овозхони ҷавон Аҳмад Зоҳир хеле шӯҳрат пайдо кардааст. Ҷавонон ҳунари ӯро бештару хубтар мепазиранд. Зоҳир Ҳувайдову Сорбон ва Ҳангомаву Залонд низ дар ин ҷода муваффақиятҳо доранд.

Хулоса, Кобул шаҳри дилхоҳе мебошад. Аммо на Порис асту на Петербург, балки як шаҳри оддии ним шарқиву ним аврупоӣ мебошад. Кобулро фақат як вақт метавон ба тамом тамошо кард, ҳамон дақиқаҳое, ки ҳавопаймо болои он ду дафъа тоб хӯрда, сипас болои замин фуруд меояд. Хеле манзараи дилчасперо хоҳед дид, агар ҳавои Кобул офтобӣ бошад.

Шаҳри Кобул яке аз марказҳои адаби форсии тоҷикӣ шинохта мешавад. Аз ин нигоҳ метавон Кобулро дар қатори шаҳрҳои фарҳангии Теҳрону Машҳад ва Душанбе қарор дод. Кобул шаҳрест, ки чанд асри наздик адабиёту фарҳанги форсиро зиндаву ҷовид нигоҳ дошт ва инкишоф дод. Кобул пойтахтест, ки бо форсизабононаш ифтихор менамояд. Маҳз дар ҳамин шаҳр забони форсӣ ба сифати забони муоширати байни қавму миллиятҳои Афғонистон шинохта шудааст. Дар Осиёи Миёна шаҳре, ки забони форсӣ чунин мақомро дошта бошад нест, ҳатто дар Душанбе забони тоҷикиро ба ин сатҳ шинохтан нашояд, чунки забони муоширати байни қавму миллиятҳои Тоҷикистон, забони русӣ аст. Худо кунад, ки Кобул бо забони форсиаш ин мақомро дар асри бисту як ҳам нигоҳ дорад ва минбаъд онро идома бидиҳад.

Ғазнӣ

Банда шаҳри Ғазниро аз рӯи мазмуни китобҳои адабиёт мешинохтам. Махсусан, ба воситаи «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ хонандаи форсизабон ба шаҳри Ғазнӣ ва ҳокими даври он Султон Маҳмуд ошно мебошад. То ҷое шаҳри Ғазниро рамзи Султон Маҳмуд медонистанд ва баръакс Султон Маҳмудро рамзи Ғазнӣ...

Ғазнӣ қарнҳо яке аз марказҳои тамаддуни форсигӯён ба ҳисоб мерафт. Нашъу нумуи фарҳангии шаҳри Ғазнӣ ба замони салтанати Султон Маҳмуд ва сулолаи ӯ иртибот мегирад. Бесабаб нест, ки ба исми Султон Маҳмуд нисбаи «Ғазнавӣ» илова шудааст.

Чунонки қаблан ҳам арз доштам, борҳо дар роҳи сафари Кобул—Ҳирот ва дар бозгашт, ин шаҳрро гӯё дида будам. Вале аз байни шаҳре гузаштан ҳоло маънои онро надорад, ки кас шаҳри мазкурро тамошо кардааст. Аз ин рӯ, ҳар вақте ки ба шаҳри Ғазнӣ наздик мешудам, орзу менамудам, ки ҳамкоронам барои хӯрдани ғизо, ё тамошои пӯстинҳои бузии ин шаҳр, мошинро қарор бидиҳанд. Мутаассифона, чун русҳо ба ин шаҳр алоқае надоштанд ва намедонистанд, ки Фирдавсӣ чӣ симое ҳасту Султон Маҳмудаш кист, онҳо ҳаракатро идома медоданд. Чанд дафъа аз ҳамкорони русам хоҳиш кардам, ки ним соат барои банда вақт диҳанд, то ки ин шаҳри қадими авлодони хешро бубинам ва ҳам марқади Султон Маҳмудро зиёрат намоям. Вале онҳо чӣ лозим,- мегуфтанд. Хайр як шоҳи хунхор будааст, барои ӯ шуда вақтро ғирифтан зарурат надорад. Охир ин тоифа кай медонистанд, ки ин шоҳи хунхӯр беш аз 400 чеҳраҳои фарҳангии форсиро тарбият намуд, онҳоро шӯҳратёр сохт. Кай медонистанд, ки Султон Маҳмуд ёздаҳ маротиба ба Ҳинд лашкар кашид, то ки онро батамом исломӣ созад. Маъданшиносони русзабони шӯравӣ ба ғайр аз Пушкину Достоевский ва Иван Грозный шахсиятҳои дигаронро донистан намехостанд. Дар тасаввури банда онҳо бояд Султон Маҳмудро мешинохтанд. Умуман, ин тоифа ба ҳавзаҳову маъхазҳои таърихии форсӣ ҳеҷ таваҷҷӯҳ зоҳир намекард. Ононро маҷбур намудан ҳам намешуд. Фақат фурсатро мебоист интизорӣ кашид.

Ниҳоят, ҳамон фурсати даркорӣ пайдо шуд. Моҳи июни соли 1971 аз Ҳироту Қандаҳор сӯи Кобул равон будем. Дар гурӯҳи мо шаш нафар мутахассис кор мекард. Вақти ҷо ба ҷо шудан дар мошинҳо ман бо инженерони дохилӣ нишастам.

Сандалии пешро ишғол кардам. Худамро бароҳаттар эҳсос намудам. Ҳарду мошини «Ҷип» пушти сар мерафтанд. Хушбахтона, мошини мо вайрон шуд. Мошини «Ҷип»-и саринженери русӣ, ки пешопеши мо мерафт, пушти сари худро боре нигоҳ накарда, аз назарҳо пинҳон монданд. То Ғазнӣ чанд километр роҳ монда буд. Бо душворие «Ҷип»-ро дуруст карда, соатҳои панҷи бегоҳӣ ба Ғазнӣ расидем. Азбаски шӯравиҳои мо аллакай рафта буданд, аз Саидҷаббори инженер хоҳиш намудам, то ки зодгоҳашро барои банда нишон диҳад. Эшон аз шаҳраш, ки ифтихор дошт, «ба чашм, тарҷумон соҳиб», -гуфт.

Бояд гуфт, ки шаҳри Ғазнӣ ба ғайр аз мақбараи Султон Маҳмуд, дигар ҷойи диданӣ надошт. Ба масофаи панҷсад метр поёнтар аз гӯри Султон Маҳмуд, қасри сохтаи вай мавҷуд буд, вале он хеле харобшуда ба назар мерасид ва аз сӯи дигар, қароргоҳи низомиён шуда буд ва албатта барои тамошояш иҷозат намедоданд. Бозори шаҳр бад набуд. Бо болопӯшҳои чармиву қолинчаҳояш шӯҳрат дошт, вале ин маҳсулотро борҳо дар дӯконҳои Кобул дида будам. Аз ин рӯ, барои ман фақат гӯри Султон Маҳмудро дидан пураҳамият буд.

Ба ҳамин мақсад, сӯи зиёратгоҳи Султон Маҳмуд равон шудем. Атрофи мақбара девор дошт ва дарвозаи даромадаш чандон бузург набуд. Баъди ба ҳавлии мазор ворид шудан роҳи зинадор касро ба марқад мебурд. Мақбара аз сатҳи рӯи ҳавлӣ баландтар қарор дошт. Аз рӯи одат, аввалан кафшҳоро назди дарвозаи марқад кашида, сипас «бисмиллоҳ» гуфта, пой ба даруни зиёратгоҳ гузоштем. Ҳуҷраи барҳавои гунбаздори калоне моро пешвоз гирифт, ки мобайни он гӯри Султон Маҳмуд дар шакли гаҳвора ба чашмам расид. Болои онро бахмали сиёҳи гулдору нақшин оро медод. Муллое болои сари гӯр менишаст ва барои ҳар каси тозаомада дуо мехонд ва чанд қиронро қабул менамуд. Гирду атрофи ин хона пур аз токчаҳо буд, ки дар ҳар кадомаш болиштчаҳои бахмалини ҳарранга гузошта буданд.

Шахсе, ки ба нияти зиёрат меомад, аз як сар ҳама болиштҳоро мебӯсид. Намедонам, чаро, вале банда ин амалро анҷом надодам. Саидҷаббор ҳам болиштҳоро набӯсид. Шояд ман ин ҳолат худро дар сарзамини хеш дидам ва ин амалро раво надонистам. Аммо ин инженери ғазнигӣ ба кадом далел аз бӯсидани болиштҳои Султон канорагирӣ кард, намедонам ва ҳамон рӯз чунин саволро назди эшон нагузоштам.

Дар самти қиблаи девори мақбара бо хати зарҳалдор соли таваллуд ва фавти Султон Маҳмуд ва ҳам солҳои

салтанати ӯ сабт шуда буд. Байни шифти мақбара зангӯлаҳои тиллоӣ овезон буданд. Дар девори тоқчаҳои шишагин бошад афзорҳои ҷангии Султон, монанди кулоҳи тиллоӣ, шамшер, гурз, сипар, камон ва ҷавшан ҷо ба ҷо шуда буданд.

Дар як гӯшаи мақбара зини аспаш бо лаҷоми оби тиллодору нуқраӣ ҷавлон мезаданд. Қамчини рӯдабофти Султонро ҳам дидам. Мӯзаҳои ҷармии болобаланди нӯгборик хеле ҷолиб ба назар расид. Хулоса, хӯрҷину дигар лавозимоти ҷангии Султон Маҳмудро бо сару либосаш аз наздик тамошо кардем. Албатта, барои даст расондан ба чизе иҷозат набуд.

Баъдан рӯи ҳавлӣ баромадем. Дар пушти мақбара боғи бузурге ба назар расид, ки зиёратгарон таги дарахтонаш қарор доштанд. Боғро дарахтони мевадиҳанда оро медод. Вале аз ҳама беш ба назарам дарахтони туту зардолу расид. Ин боғ ба хотири сайру гашти бошандагони Ғазнӣ истифода мешудааст. Мо низ даруни боғро тамошо намудем ва ин ҳолат ба андешае омадам, ки шояд ҳамон боғи шоҳие, ки барои Абулқосими Фирдавсӣ ҳамчун манбаи илҳоми эҷодгарӣ хизмат кардааст, ҳамин бошад. Ривояте ҳаст, ки Султон Маҳмуд барои Фирдавсӣ дар ин боғаш ҳама шароити эҷодгариро омода месозад, то ки «Шоҳнома»-ро ба поён расонаду ба Султон инъом кунад...

Аз зиёрати гӯри Султон Маҳмуд ва тамошои боғи ӯ ҳаловати маънавӣ бардошта, ба кӯча баромадем. Чанде аз дӯстону ҳамдарсони Саидҷаббор пеши роҳамонро гирифтанд ва тавалло карданд, ки меҳмонашон шавем. Ба сабаби ин ки дар роҳи сафари Кобул будему барномаи махсуси ҳаракат доштем, даъвати ононро ба фурсати муносибтаре гузоштем. Онҳо ба ғайр ба зардолу моро меҳмонӣ кардан, дигар илоҷе наёфтанд. Зардолуи Ғазнӣ хеле офтобхӯрда ва ширин будааст. Бо хӯрдани 10-12 донааш кас қаноат ҳосил мекунад. Зардолу рамзи он буд, ки бо Ғазнӣ ҳаққи намак шудам. Бо Ғазнӣ ва Султон Маҳмуд хайру хуши рамзиро ба ҷо оварда, роҳи Кобулро пеш гирифтем. Торик шуда буд, ки ба Кобул расидем. Аз ин сафар як дониши андӯхтаи бандаро метавон зиёрати Султон Маҳмуд ва Ғазнии таърихӣ ҳисоб кард.

Ҷалолобод

Дафъаи дувум, ки ба ин шаҳр сафар кардам ба охирҳои моҳи март рост омад. Шинохти аввалямро аз ин шаҳр қаблан арз доштам. Ҳоло кӯшиш мекунам, ки аз ин

шинохт дониши тозае барои хонандагон пешниҳод намоям. Тавре ки мебинем, Ҷалолобод сирф номи форсист, шаҳре, ки Саид Ҷамолиддини Афғонӣ он ҷо зода шуд ва ҳамчун назариётчии дини мубини Ислом шӯҳратёр гардид. Бо вуҷуди ин ки Ҷалолободро давроне форсигӯён бунёд сохтаанд, аммо бо мурури замон он шаҳри қабилаҳои пашту гардид ва акнун дар он форсизабонеро пайдо намудан душвор аст. Албатта, маҳалу мавзеъҳое шояд дошта бошад, ки мардуми форсизабон ҳоло ҳам иқомат мекунанд. Сарфи назар аз ин, аз воқеият гурехта намешавад. Гузашта аз ин, ҷойи хушбахтист, ки дар бисёре аз мавзеъҳои сарзамини Ҳинду Покистон, маҳалу шаҳрҳо номҳои форсӣ доранд, мисли Ҳайдаробод Ҳинд.

Мутаассифона, чанд соате, ки дар кӯчаву хиёбонҳои Ҷалолобод сайру гашт намудам, форсии ширинро нашунидам. Форсӣ ҳаст, вале хеле шикаставу дағал, ки паштунҳои дӯкондор аз рӯи зарурати бозор истифода менамуданд. Яъне ҷойи таҳсин аст, ки форсӣ дар ҳар маркази савдои Афғонистон мавқеи муошират дорад.

Ҷалолобод шаҳри гармест, ин ҷо барфу борон қариб ки намеборад. Тарбод дорад. Аз ин ҷост, ки пироҳан дар бадан намакбанд мешавад. Нафасгирӣ душвор мегардад. Офтобаш аз шуоъҳои зараровар орӣ нест. Бесабаб нест, ки чандин нафар аз мутахассисини шӯравӣ баъдҳо ба бемории лейкос (саратони хун) гирифтор шуданд, ки табобат надорад.

Бояд гуфт, ки зимистони соли 1972 дар ин ҷо низ барф омад. Мутахассисини шӯравӣ, ки ба парвариши афлесуну лиму ва мандарин машғул буданд, аз ин сардии ғайричашмдошт ба даҳшат афтоданд. Нақл карданд, ки ҳамон рӯз, тамоми шаб шӯравиҳо дар зери дарахтони афлесуну лиму балонҳои мошинҳоро оташ гиронданд, то ки дарахтонро сармо назанад.

Дӯкондорони ин шаҳр, асосан, аз мардуми ҳиҷраткардаи Ҳиндустон мебошанд. Онҳоро бо номи «ҳинду» мешинохтанд. Шуғли тиҷорат ононро маҷбур сохтааст, ки форсиро ёд гиранд. Ҳамчунин забони паштуро низ медонанд.

Дар Ҷалолобод дарахти нахл хеле зиёд сабзиш дорад. Ин дарахт хоси минтақаи гарм мебошад. Баъдан парвариши найшакар дар ин минтақа хеле босамар аст. Дар ҳама кӯчаҳо дида мешуд, ки найшакарро мисли алаф майда карда, аз он обашро ба воситаи дастгоҳҳои махсус ҷафида ба фурӯш мерасонданд. Саёҳоне, ки ба ин шаҳр меомаданд, дар бозгашт дарза-дарза найшакар бо худ мебурданд.

Дар мавриди ҷойҳои таърихии Ҷалолобод ҳаминро

илова кардан мумкин аст, ки вақте соли 1961 шоҳи собиқи Афғонистон--Амонуллоҳ дар Италия мефавтад, ҷасади ӯро барои гӯрондан дар Кобул иҷозат намедиҳанд. Авлодони шоҳи гуреза маҷбур мешаванд, ки ба воситаи Покистон турбати шодравонро ба Ҷалолобод оварда, дар паҳлуи падараш Ҳабибуллоҳхон дафн намоянд. Аз ин рӯ, оромгоҳи Амонуллоҳ ва қиблагоҳу хонумаш ва боз як бародараш ҳамчун аз ҷойҳои дидании Ҷалолобод шинохта мешаванд.

Ёдгории таърихии дигарро бо номи Будоҳои Ҳада мешиносанд, ки аз ҷониби яке аз бостоншиносони афғонӣ кашф гардидааст. Ба асоси тадқиқоти муаррихин ин Будоҳо ба қарни 1У то м. тааллуқ доштаанд.

Будоҳо монанди будоҳои Бомиён бузург нестанд. Фақат рони пойи яке аз ин будоҳо, ки дар байн қарор дорад, калон ба назар расид. Афсӯс ки барои аккоси иҷозат надоданд.

Ҷалолобод ба Покистон ҳамсарҳад мебошад. Дар ин ҷо садои тиру тӯпҳои ҷанги байни Покистону Ҳиндустон (октябри соли 1971) ба гӯш мерасид.

Воқеан, Ҷалолобод шаҳри зебоманзарест. Дар ин шаҳр чанде аз ҳамдарсони донишгоҳии банда, монанди Маҷид Холов, Давлатхӯҷа Додов (ҷояш ҷаннат бошад), Азимҷон Юсуфов ва то инҳо Ҳомид Маҷидов, Рустам Ҷӯраев (рӯҳаш шод бошад), Шодӣ Ҳаниф ва дигарон ифои вазифа доштанд. Чунон ки гуфтам, Ҷалолобод, ки гармиаш ба 40-50 дар дохили хона мерасид, дӯстони дар боло номбаршуда, кӯшиш мекарданд, ки моҳҳои июлу август ба рухсатӣ бароянд. Гоҳ-гоҳе, ки ба Кобул меомаданд, онҳоро «Ҳа, африқоиҳо омадед», мегуфтем, зеро чеҳраашон сип-сиёҳ шуда метофт. Ин буд шинохти дувуми банда аз шаҳри Ҷалолободи Афғонистон.

Қандаҳор

Дар Афғонистони шоҳӣ Қандаҳор баъд аз Кобул дувумин шаҳри бузург ба шумор меравад. Тақрибан ҳама шоҳону амирони Афғонистон баъд аз фавти Аҳмадшоҳи Дурронӣ, аз ҳамин шаҳр баромаданд. Агар ҳашт моҳи салтанати Бачаи Саққоро истисно кунем, то соли 1972, ҳама сарварони давлати шоҳӣ аз қавмҳои пашту интихоб шудаанд. Авлодони Зоҳиршоҳ аз Қандаҳор будаанд. Ба ин маънӣ,

бошандагони вилояти Қандаҳор ба куллӣ афғонҳоанд. Ин мардум ба забону қавми худ ифтихор мекунанд ва ҳамеша бо форсизабонҳо, махсусан тоҷикон дар муноқишаанд. Онҳо бар ин ақидаанд, ки Афғонистон мулки афғонҳо (паштунҳо) мебошад. Дар ин кишвар ба ғайр аз афғонҳову тоҷикон қавму миллиятҳои дигар, ҳамчун ҳазораҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқҳо, балучҳо ва ғайра иқомат менамоянд. Ҳукумати шоҳӣ дар қонуни асосиаш навиштааст: «Ҳар фарде, ки дар Афғонистон зиндагӣ мекунад, афғон аст». Аз ин ҷост, ки дар Афғонистони шоҳӣ ситами миллӣ ба пурраги вуҷуд дорад. Масалан, ҳеҷ имкон надорад, ки ба дастаҳои низомии кишвар ба ғайр аз қисми сохтмончиён қавмҳои ғайрипашту ҷалб карда шавад. Яъне Қандаҳор шаҳри роҳбарон, вазирон, ҷенеролҳо ва ҳам шаҳри тиҷоратӣ мебошад.

Шаҳри Қандаҳор бо анору ангураш хеле шӯҳрат дорад. Ин ду навъи меваро ба бозори ҷаҳонӣ содир мекунанд. Аз маъданиёт дорои захираи калони санги мармар ҳам ҳаст, ки дуртар аз Қандаҳор дар Лашкаргоҳ истихроҷ мешавад. Дар минтақаи Қандаҳор америкоиҳо обанбори бузурге сохтаанд, ки он дар обёрии заминҳои лалмии вилоят дорои аҳамият аст.

Қандаҳор майдони ҳавоии бузурге дорад, ки аз ҷониби америкоиҳо сохта шудааст. Мардуми ин шаҳр агар сӯи Кобул рафтанӣ шаванд, бештар аз ҳавопаймоҳо истифода мекунанд. Яъне, бошандагони Қандаҳор нисбат ба дигар навоҳии Афғонистон доротаранд. Дар ин шаҳр тиҷорат хуб ба роҳ монда шудааст, ки дар ин ҷода ҳиссаи Покистону Ҳиндустон ба назар мерасад.

Қандаҳор шаҳри сабз ва дорои кӯчаву хиёбонҳои дилчасп мебошад. Ин ҷо низ мактабҳои оливу миёна фаъолият менамоянд. Чандин рӯзномаҳо дар ин шаҳр нашр мешаванд. Махсус мачаллаи адабиву иҷтимоии «Қандаҳор» мунтазам ба забони пашту чоп мешавад. Дорои театру клубҳои бо назму низом аст. Аз забонҳои хориҷӣ, ин ҷо инглисӣ бештар мавқеъ дорад. Бошандагонашро аксаран ашрофзодаҳои пашту ташкил медиҳанд. Бонувони ин шаҳр хеле зебопайкаранд. Ҳамаи онон мӯю чашми сиёҳ доранд. Нигоҳҳои духтарони қандаҳорӣ дилрабоанд. Мардҳояш низ зебову қоматбаландаанд. Мӯйсафедонаш ҳамеша озода ба назар мерасанд.

Чунонки болотар ишора кардам, ин мардум бо забони модарии хеш ифтихор доранд. Моҳи марти соли 1972 бо

супориши роҳбарони кобулиамон аз маъдани флорити Қандаҳор, ки дар мавзеъи Тирин воқеъ аст, дидан кардам. Ин маъдан аз Қандаҳор ба масофаи 189 км дуртар қарор дорад. Аз шӯравиҳо Телешев, Литвиненко, Никитини молдавӣ ва аз дохилиҳо Саидасғари инженер ба ин ҳайат шомил буданд.

Вақте ки ба Қандаҳор омадем, дар меҳмонхонаи «Аҳмадшоҳ» ҳучра гирифтем. Пагоҳаш сӯи Тирин ҳаракат намудем ва дар тӯли роҳи се-чорсоата ба муҳити минтақа, тарзи рӯзгор ва урфу одати бошандагонаш ошноӣ пайдо намудам. Барои банда аз ин сафарҳо маъданеро ҷустуҷӯ намудан чандон аҳамият надошт, балки мардуми қарияҷот, урфу одат ва дигар падидаҳое, ки ба шахси инсон тааллуқ доштанд, муҳим буд. Аз чунин сафарҳо мехостам дониши тоза бардорам.

Вобаста ба мавзӯи ифтихороти миллӣ як ҳодисаро ин ҷо оварданиам, ки дар рӯи ҳавлии меҳмонхонаи «Аҳмадшоҳ» байни ману кафшдӯз рух дод. Рӯзе, ки аз Тирин ба Қандаҳор пас гаштем, боз ба меҳмонхонаи номбурда рафтем, то ки шаби дигаре иқомат намоем. Ба сабаби ин ки кафшҳои банда серҳок буданду ба он шакл ба меҳмонхона ворид шудан хуб набуд, ба назди кафшдӯз омадам, то ки пойпӯшамро аз хок пок кунам. Ин лаҳзае буд, ки кафшдӯзи пашту анҷомҳояшро ҷамъ мекарду рафтанӣ буд. Аммо маро диду аз нав сандуқи кафшдӯзиашро боз намуда, рангу бурсҳояшро берун кашид. Банда ба форсӣ аз ӯ хоҳиш намудам, ки кафшҳоямро бо ранги сиёҳ поккорӣ кунад. Дар ҷавоб бо пашту чизе ба ман мегуфт. Банда изҳор доштам, ки паштуро намедонам. Ӯ низ эътироз карда, маро танбеҳ доданӣ шуда боз гуфт: ҷаро мо форсии шуморо ёд гирифтему шумо забони паштуро хуш надоред. Эҳсос намудам, ки вай сахт ранҷур шуд, гуфтамаш: «Маъзарат мехоҳам оқо, ман шаҳрванди Афғонистон наям, балки хоричӣ ҳастам»: Кафшдӯз боз назаре андӯхту ба ришу фашам бодиққат нигариста узр хост, ки ӯ нафаҳмидааст, ки ман табааи Афғонистон нестам. Ҳамин ҳолат Саидасғар бо Телешеву Литвиненко - флоритшиносони шӯравӣ сӯҳбати моро шунида наздик шуданд. Ба онҳо гуфтам, ки ин оқо барои паштуро надонистанам андак худро нороҳат дид. Кафшдӯз сӯи онон нигариста гуфт: «Ман фикр кардам, ки ин оқо афғон аст». Иловатан, Саидасғар, ки худ пашту буд, ба ӯ чизе фаҳмонд. Албатта, дар ин маврид кафшдӯз ҳақ буд. Хело хуб мешуд, ки агар ҳар форсигӯ ба забони пашту, чи хеле ки онҳо медонанд, ҳарф занад. Вале мавзӯи забондонӣ

аз эҳтиёҷ доштан ба забони дигаре сар мезанад. Пас маълум мегардад, ки паштунҳо ба форсӣ эҳтиёҷ доранду форсигӯҳо ба паштуӣ не. Ин мисли он аст, ки дар Душанбе ҳар шахси тоҷик русиро медонад, зеро бе донистани ин забон аз сарҳади Тоҷикистон берун рафта наметавонад, аммо шахси рус бо вуҷуди ин ки дар Душанбе зода шудааст, тоҷикиро намехоҳад донад, чунки ба ин забон зарурат надорад.

Аз ҳама ҷойи дидании Қандаҳор ба назари банда марқади Аҳмадшоҳи Дурронӣ мебошад. Моҳи октябри соли 1971 ҳини сафар сӯи Ҳирот ба зиёрати ин чеҳраи таърихиву адабии Афғонистони шоҳӣ мушарраф гардидам. Ҳамроҳам Никитин буд. Паҳлуи мақбара Масҷиди ҷомеъ ҳам қомат рост кардааст, ки номи Аҳмадшоҳро дорад.

Рӯзҳои ҷумъа дарвозаи зиёратгоҳ барои хориҷиён баста мешавад, зеро ин рӯз намози ҷумъаи шаҳри Қандаҳор сурат мегирифт. Ҳар мусулмон чи бозоракӣ аст ва чи раҳгузар орзу дошт, ки намози рӯзи ҷумъаашро дар Масҷиди ҷомеи Аҳмадшоҳ ба ҷо орад. Ман ба мутавалии марқад, ки мӯйсафеди нуроние буду тасбеҳ мегардонд, аз рӯи таомули исломӣ муроҷиат намуда, худро муаррифӣ кардам. Албатта, эшон ба хориҷӣ будани камина бовар накард, вале паҳлуи ман Никитинро дид, ки воқеан хориҷӣ буданам маълумаш шуд, дарвозаро кушод. Кафшҳоро кашидем ва ба марқад ворид шудем. Гӯраш монанди мақбараи Султон Маҳмуд дар байни толор қарор дошт. Ин ҳам ба шакли гаҳвора буда, болояш гулпӯшӣ гардида буд. Тамоми сару либос ва аслиҳаи ҷангии Аҳмадшоҳ бо афзорҳои аспаш ба намоиш гузошта шуда буд. Чанд адад китобе ҳам дар баробари Қуръон дар токчаҳо ба назар хӯрд. Шояд девони ашъораш бошад, зеро ин шоҳ ба сифати шоири хубе ҳам шинохта шудааст.

Ин зиёратгоҳ боз аз он ҷиҳаташ ҷолиби диққат менамуд, ки он ҷо ду тори мӯйи ҳазрати Муҳаммад(с) мавҷуд буд. Албатта, ин мӯйи рамзӣ мебошад. Нишоние аз Муҳаммад (с) ду тор мӯйи ӯро интихоб кардаанд. Афсӯс ки ба ин толор иҷозатамон надоданд. Вақти намоз наздик расида буд, дар саҳни зиёратгоҳ мӯйсафедони зиёде байни худ сӯҳбаткунон давр мехӯрданд. Ба гӯшам ягон сухани форсӣ нарасид. Муҳиту забон ҳама паштуӣ буд. Ба мутаваллӣ даҳ афғонӣ садақа намуда, аз даргоҳи муқаддаси афғонҳо хориҷ гардидем. Никитин ачаб ҳамсафари хубест. Ин ҳолатҳо ӯ гӯё гунг мешавад. Мавсуф ҳамеша чеҳрааш сурх маълум мешуд. Агар кас рӯй ва рухсораҳои вайро қаблан надида бошад, гумон мекунад, ки масти аласт аст. Аз дигар сӯ, Никитин дар чунин ҷойҳои муқаддаси исломӣ намехост

ҳарфи русӣ гӯяд. Ба назари ӯ дар ин ҷойҳо сухани русӣ мамнӯъ мебошад. Ин ҷиҳаташ ба банда маъқул буд. Агар Слава мебуд, саволҳои бемаъниашро додан мегирифт. Ӯ намефаҳмид, ки зиёратгоҳ аз музей ва боғи ҳайвонот ё намоишгоҳе тафовут дорад. Дар ин хел ҷойҳо кас оромона назар медӯзад ва худро дар дунёи дигар қарор медиҳад ва чанд лаҳзае аз душвориҳои рӯзгор хешро дур андохта, сари беоқибатии дунё меандешад. Ҳини тамошои муқаддасоти исломӣ, ба хусус, сӯҳбат сурат намегирад. Ҳама ҳарфу суханро қироати сурае аз китоби муқаддаси мусулмонон - Қуръон дарбар мегирад. Мисле ки ин меъёрҳоро Никитин дарк менамуд. Ин буд шинохти иҷмолие аз шаҳри Қандаҳори Афғонистони шоҳӣ. Иншооллоҳ аз ин шинохт низ сухани тозае барои донишандӯзии хеш хоҳед бардошт. То ин ҷо, ки расидам, аз шинохти шаҳрҳои Афғонистон ба шинохти дигар мавзӯъҳои рӯзгори хориҷиам мепардозам. Боз бармегардам ба Оҳанкашон, ки моҷароҳои дигареро интизор аст.

Муаммо ҳал шуд

Муаммо ба духтарам Фотима тааллуқ дошт. Ӯро вақти аз рухсатӣ баргаштан бо худ ба Афғонистон овардем. Ду-се моҳ аст, ки дар муҳити Кобул рӯзгор дорад. Намедонам таътилашро чӣ навъ гузаронд, вале моҳи сентябр наздик шуда истода буду мавзӯи баргаштанаш ба Душанбе ҳамчун муаммо боқӣ мемонд. Дар як хаташ ӯ менавишт, ки 24-уми август сӯи ватан сафар мекунад. Модараш дар як номааш мепурсид, ки агар розӣ бошам, ӯро то Душанбе худаш гусел намояд. Ин нома кадом таърихро дошт, намедонам, зеро вай ҳар дафъа, ки хат мефиристод, таърихи рӯз надошт. Чанд маротиба фаҳмондам, ки ой, занак, вақте ба ман мактуб менависӣ, гузоштани рӯзи фиристоданашро фаромӯш накун. Аммо ба таъбири хуҷандие «боз ҳамон қилиқи худаша» мекард. Номаҳои ман ба Кобул қариб, ки бечавоб мемонданд. Шӯравиҳои дигар, вақте аз хонумҳошон нома мегирифтанд, соатҳо мехонданд, Слава қариб, ки ашк мерехт. Боре яке аз номаҳои бонувони русиро дидам, ки даҳ саҳифаи варақи дафтари мактабӣ буд. Вале хонуми ман гӯё олимона менавишт, ки аз як ё ним саҳифа зиёд гап надошт. Масъалаи ин ки ман чӣ ҳол дорам, барои завҷаи банда чандон аҳамият надошт. Аз ин рӯ, ман аз хатҳояш ҳеҷ ҳаловате намебурдам. Шояд ин ба он хотир буд, ки бо шавҳари худ боз изҳори

дӯстдориву муҳаббат кардан аз рӯи одати бонувони осетинӣ набуд. Хонумҳои тоҷикӣ низ шояд чунин менавиштанд. Аммо дар он сари кӯҳи баланд, хеле мехостам, ки номаҳои завҷаам неруи тозаам бахшанд, боиси илҳомам шаванд, ба дунёву зиндагӣ умед бастанро талқинам кунанд ва ғайра орзуҳоро дар банда парвариш намоянд. Афсӯс ки модари фарзандони ман хеле фурӯтан буд ва ҳарфҳои дорои муҳаббатро ба хотири шарми занона доштанаш, лозим намедонист. Аслан, банда, ки дар чаҳордаҳсолагӣ аз канори модару падар ҷудо шудаму роҳи хонданро пеш гирифтам ва қарияро ба шаҳр иваз намудам, доимо ба муҳаббати касе эҳтиёҷ дорам. Ҳарфи муҳаббатомезро бонувон хубтар гуфта метавонанд. Ин суханҳоро барои он мегӯям, ки дар тӯли ду-се моҳи фаъолияти корӣ аз хонадон дур будам, Парвизу Фотимаро намедидам. Аз ин рӯ агар чунин нома мерасиду боиси рӯҳбаландиам мешуд, худро хушбахт мешуморидам.

Бисту чаҳоруми август ҳам паси сар шуд, аммо аз рафтани Фотима иттилоъ надоштам. Боз бо ратсия бо Кобул дар алоқа шудем. Аз он ҷо хабар доданд, ки ягон шахсе пайдо шаваду Фотимаро бо худ барад, муаммо ҳал хоҳад шуд. Баъдан боз номаи бе таърихи хонумам расид, ки дар бораи Фотимаро гусел карданаш то Душанбе ва рад шудани ин хоҳиш аз ҷониби Чемирёви бюрократу худбин, менавишт. Ин мактуб асабиам сохт ва агар дар Кобул мебудам, чунин таҳқиру нодидагирии роҳбари беандешаамро қабул надошта, балки бо хоҳиши худ қарордодро қатъ менамудам. Охир, як тасаввур кунед, ки чӣ навъ метавон духтарчаи синфи чорумро танҳо ба Душанбе фиристонд. Гузашта аз ин, тасаввур кунед, ки ҳавопаймои «Бойинг» ӯро то Тошканд мебурд, баъд чӣ? Чӣ тавр духтарак билет ба даст меоваради ба танҳоӣ соати даҳу чилу панҷи шаб сӯи Душанбе парвоз мекунад?! Воқеан, ин муаммои ҳалнашавандае буд чи барои банда ва чи барои модараш. Кадом модар розӣ мешуд, ки кӯдакашро бесаробон бигзорад? Ҳарчанд ки дар Оҳанкашон ман ҷойи пой монданамро намедонистаму шабу рӯз дар фикри ҳалли ин муаммо будам, дар Кобул низ ин мавзӯъ мавриди баҳси роҳбарон қарор мегирифт ва онҳо низ роҳи ҳалли дурусти онро ҷустуҷӯ менамуданд.

Табиист ки, бетоқатии бандаро ҳамкорони шӯравиам хуб дарк мекарданд. Слава Гришин доимо нисбат ба Чемирёв суханони мазамматомези зиёде мегуфт. Шербина бошад аз чунин рафтори роҳбар мутаассир буд. Ӯ назди худ савол мегузошт, ки чӣ барои Чемирёв мо ҳамчун мутахассис лозим ҳастему фарзандонамон не, магар? Дар ҳамин рӯҳия аз

Шербина хоҳиш намудам, ки ба Кобул телегром фиристад. Аввалан мазмуни телегромро рӯи коғазе навишт, ки чунин буд: «Духтари Асоевро равон кардед, ё не, агар равон карда бошед, бо кӣ»?»

Дар ратсия, ки номи шартиаш «Топол» буд, Отставнов - котиби ҳизбии гурӯҳ, менишаст. Ӯ дарҳол ба Йсоеви муовин доир ба масъалаи кадр, телефон кард ва баъди ду-се дақиқа ба мо хабар дод, ки «Барои рӯзи 7-уми сентябр билет фармоиш шудааст. Ӯро модараш гусел мекунад...» Ин хабари хурсандибахше буд. Дарҳол барои хонумам номае сохтам ва баъзе хоҳишҳоямро навиштам, то ки вақти аз ватан баргаштан, онҳоро иҷро намояд.

Ба ин хотир бояд бо иҷозати Шербина роҳи Чихчаронро пеш мегирифтам. Аз он ҷо хатро ба воситаи пилотҳои афғонӣ ба Кобул равон кардан лозим меомад. Тахминан, медонистам, ки ҳафтае се-чор бор ҳавопаймоҳои дохилӣ аз Кобул мусофир меоранд ва боз ба зудӣ пас мегарданд. Як вақтҳо ҳавопаймои ЯК-40-и шӯравӣ, ки бо пилотҳояш як мушовири рус буд, ба Чихчарон мусофир меовардану мусофир мебурданд. Вале боре ҳини фуруд омадан, майдон қувват намекунаду чархҳои «ЯК-40» ба замин фурӯ мераванд. Баъд аз ин хати парвози ин ҳавопаймоҳо муваққатан қатъ намуданд. Акнун ҳавопаймоҳои сохти Канадаву Чехословакия, ки аз 12 мусофир беш ғунҷоиш надоштанд, ба Чихчарон парвоз мекарданд. Ҳарчанд ки ба воситаи афғонҳо ба ҷое нома фиристондан, одати мо набуд, аммо ин дафъа илоҷе надоштам ва маҷбур шудам, ки як рукни меъёри дар хориҷ буданро вайрон кунам.

Дар ҳамин рӯҳия сеюми сентябр аспакӣ то Рахна, ки қароргоҳамон он ҷо буд, омадам ва ҷиперо гирифта сӯи Чихчарон ҳаракат намудам. Соатҳои чори аср назди меҳмонхона худро расондам, аммо чун ҳарвақта боз ҳуҷра пайдо накардам. Саёҳони зиёде ба Чихчарон омада буданд. Аз ин рӯ, бо ронандаам ба ҳавлии муовини инкишофи маҳал оқои Ниёзӣ рафтем. Ин оқо аслан ғазнавӣ, яъне форсизабон буд. Ӯ ду ҳуҷра дошт ва хуб шуд, ки завҷааш ба Ғазнӣ рафта будааст. Оқои Ниёзӣ бо писари синфи ҳашташ - Муҳаммаднаим дар хона монда буд. Ин оқо пешхизмате бо номи Карим дошт. Мо анҷомҳоямонро дар хонаи Ниёзӣ мондему барои хӯроки шомро дидан, роҳи бозорро пеш гирифтем. Нахуст дӯконҳоро сар-сарӣ тамошо намуда, нияти он кардем, ки харбузаву нони гарм гирифта ба соҳили дарёи Ҳарируд рафта, дар ҳавои тозаву бемагас хӯроки шом хӯрем.

Харбузаи Қундуз бозорро пахш намуда буд. Харбузаҳо шакли дарозрӯя дошта, хушбӯй менамуданд. Як дона харбузаро ба қимати чил афғонӣ мефурӯхтанд. Ду дона харбуза гирифта назди нонвой истодам, ки ба чашмам он турани панҷшерӣ расид, ки аз самти поёни бозор бо чанд нафар сӯҳбаткунон меомад. Банда гӯё ӯро надидаам, нонҳоро тагу рӯ кардан гирифтам.

Намехостам, ки вайро бубинам, зеро ба ҳар ҳол пулис буд. Номаълум ба таги чашм назар андӯхтам ва дидам, ки туран бо ҳамроҳонаш хайрухуш карду сӯи ман омадан гирифт. Ваҳ, хуб нашуд, гуфтам дар ботин. Чӣ бояд кард, агар биояд? Дар ҳамин андеша будам, ки наздикам омад. Ҳоло ӯ гап накушода буд, ки сӯяш нигаристаму гӯё, ки акнун медидамаш «о, туран соҳиби мӯҳтарам, бубахшед, ки банда шуморо надида мондаам, бисёр хоҳиш мекунам, каминаро бубухшед...», гуфтам. Туран оғӯш кушод ва вохӯрии тоҷикӣ кард. Одатан, дар шаҳрҳои Афғонистон ҳини вохӯрӣ ба якдигар рӯй мемонанд. Туран чунин накард, чунки ҳоло ҳам ба шӯравӣ будани ман боварӣ надошт. Банда, ки сахт дар оғӯшам фишораш овардам, додзанон мегуфт: «Ҳо, ҳамватан! Оҳистатар, ки ман лоғар ҳастам» Хо, гуфт инженер соҳиб, чӣ мекнӣ? Хандидам ва гуфтамаш: «Бо мо андиволӣ (ҳамроҳӣ) кунен, ина оли дстӣ(дастӣ) харбузаву нонмона мегирему ба канори дарё мерем. Бифармоед, бо моён». Туран хоҳиш мекард, ки «биёед ба утоқи ма брем». Азбаски ман бо худ ду ҳамроҳи дохилӣ доштам - оқои Ниёзӣ ва ронанда, даъвати туранро қабул карда наметавонистам. Дар ҳамин гуфтугӯ будем, ки Нургули зобит, ки дӯстӣ пайдо карда будем, аз кучое пайдо шуд. Бо зобит дӯстони афғониро, ки бо ман буданд муаррифӣ намудам: «Зобит соҳиб, ана ин ду нафаре, ки бо банда мебинӣ ҳамватанои шумо астанд. Ино ҳам машриқӣ мебошанд». Зобит дигар бандаро гӯш накарду моёнро ба ҳавлиаш бурданӣ шуд. Панҷшерии «ҳамватанам» бо овози баланд мегуфт: «Ана, ду-се машриқӣ ду панҷшериро аз раҳ бароварда истодаанд. Ҳоло ино ба даъвати ман нарафтанд, лекин ин машриқӣ омаду инора бурд...».

Банда даъвати Нургулро рад карда натавонистам. Мо се нафар ва ҳам он турани панҷшерӣ ба манзили зобит меҳмон шудем. Харбузаву нонҳомонро бо ҳам дидем. Панҷшерӣ, ки хушсӯҳбат буд, хеле сари ватану ватандорӣ сӯҳбат намуд. Бо онҳо хайру хуш намуда, хонаи муовин омадем ва шабро дар он ҷо гузарондем. Барои муовин панҷ дона патоқӣ (детонатор) оварда будам, ки бисёр хуш шуд.

Патоқӣ мисли патрони камон аст, ки онро бо динамиту сим пайваст мекунанд ва баъд ба дарё меандозанд. Баъди лаҳзае таркиш ба вуҷуд меояд, моҳиҳо беҳуш шуда болои об мебароянд. Он вақт ба об даромада, бе заҳмат моҳиҳои беҳушшударо чинда мегирифтанд. Ин тарз як навъ роҳи бемалоли моҳигирӣ буд. Аз ин ҷост, ки ҳама мансабдорони болоии Чихчарон, бандаро ки медиданд, хоҳиш менамуданд, ки барояшон патоқӣ ҳадя кунам. Онҳо хуб медонистанд, ки ин навъи маводи таркандаро мо_маъданшиносон бо худ дорем. Ҳатто боре волии Чихчарон одамашро наздам равон кард, то ки барояш чанд дона патоқӣ фиристам.

Рӯзи чорум ҳавопаймои мусофиркаш аз Кобул наомад. Ин рӯзро ҳам як навъ карда гузарондам. Бозор даромада чанд дона картуси туфанг харидорӣ намудам. Ҳамзамон кабке гирифтам, то ки онро баъд аз поён ёфтани корҳо ба Кобул барам. Ба Парвиз ваъда дода будам, ки кабкаш меорам. Лекин кабк то Оҳанкашон нарасид. Аз дасти ронанда хато хӯрда, ба кӯҳ гурехт.

Хайрият субҳи 5-уми сентябр ҳавопаймо омад. Миёни пилотҳо бо номи Нурмуҳаммад ошное доштам, ки дар Киев таҳсил дида буд. Мактуби худаму Гришину Шербина ва Тарасенкоро ба ӯ додам ва хоҳиш намудам, ки худи ҳамин рӯз ба дасти Биков, ки намояндаи Аэрофлот буд, расонад. Нурмуҳаммад «ба чашм» гуфта ваъда дод, ки ҳатман имрӯз то бегоҳ номаҳо ба соҳибонашон мерасанд.

Ба Нурмуҳаммад изҳори ташаккур намуда, роҳи бозорро пеш гирифтам. Барои ҳамкоронам ду-се дона ҳарбуза харидорӣ карда, ба роҳи дилбазани Оҳанкашон худро задем. Ронанда ба хотири чанд афғоние даромад дидан ду-се мусофири бордорро бо иҷозати банда гирифт. Аз ин кори ронанда таъбам хира шуд. Он бечораҳо моҳҳо рӯи обро надида буданд ва табиист, ки баданашон бӯй медод. Мисле ки хӯрчинҳошон бори вазнин доштанд, ки ҷипи чаҳордарвозаи базӯр роҳ мерафт. Агар дар роҳ мошин хароб мегардид ҳоламон табоҳ мешуд. Дар ин роҳ ба ғайри магасу зоғ дигар ҷондореро дидан мушкил буд. Бо ҳамин андешаҳо ба Рахна расидем. Аспам, ки ду рӯз дам гирифта буд, маро интизорӣ дошт. Туфанги сохти чехиро ба китф андохта, танҳои танҳо сӯи Оҳанкашон аспро қамчин задам. Ин роҳи душворгузари кӯҳӣ дар дилам зада буд. Ҳар ҳафта як ё ду бор ба Рахна меомадам, то ки баъзе камбудҳоро ислоҳ намоям. Роҳи хатарноке ҳам буд. Аз дурҳо роҳзанон ҳамеша маро ба мушоҳида мегирифтанд, вале барои сари роҳамро гирифтан метарсиданд, зеро мусаллаҳ будам ва

ҳам онҳо гумон доштанд, ки ман маъмури пулис ё қумондони пулис мебошам. Шояд дар дурбинашон ба ҳамин шакл маълум мешудам. Гоҳе медидам, ки дар баландие бандаро назора доранд. Вақте ки наздик меомадам, аз ҷой баланд шуда, бо ду дасти адаб «қумондон соҳиб, салом арз мекунем»,- мегуфтанд. Саломшонро монанди қумондонҳои пулис алейк гирифта, «ҳа, шербачаҳо ҷоеро-ку назаден. Боз ба кадом қария сар мезанен? Дуздони кадом арбоб ҳастен?» ва ғайра саволҳоро боршон мекардам. Онҳо ба ларза даромада, на хайр, қумондон соҳиб, мо ҳамагӣ молдор ҳастем, чанд адад гӯсфандҳоро гум кардем, ки пушти сари онҳоем. Хайр аст, мегуфтаму боз роҳамро идома медодам. Аз ин рӯ ба ҷонам ҳеҷ хатареро намедидам, балки ба он муҳит худро омода сохта будам. Ҳамин буд, ки ман онҳоро бо дуздони дигар метарсондам ва шояд онҳо низ бандаро роҳзан гумон мекарданд, чунки ба ҳар гӯшаи Оҳанкашон, ки мерафтанду бо дурбин назар меандӯхтанд, маро медиданд, ки бо либоси пулисиву сару рӯйи пурмӯй миёни буттазору дарахтзорҳо мегаштам. Ин лаҳзаҳое буд, ки ба шикори ҷондоре саргардон будам. Ман ҳама тарзҳои дуздии онҳоро медонистам. Соатҳо пушти теппае ба ишкам зада, роҳҳои одамгузарро назора менамуданд ва агар лозим мешуд, ҳуҷум мекарданд. Ё ин ки аз ду кас як касаш сари роҳи мусофирро гирифта, чунин савол медод: «Оқо, маъзарат мехом. Аз он сӯ ки меомаден дар чашмтон ягон уштури сафед нахӯрд?» Ин ҳолат дузди пушти теппа меомӯхт, ки ин мусофир амволе дорад ё не. Аз ин рӯ, мусофири ботаҷриба, истод намуда, на хайр надидам, мегуфту тез роҳашро идома медод. Чунин рафтори мусофир роҳзанҳоро мефаҳмонд, ки ӯ медонад, ки мо дузд ҳастем. Бинобар ин он мусофирро ғараз намегирифтанд. Бо вуҷуди ин, ҳини чунин сафарҳоям ҳамеша туфангам омодаи файр (паррондан) буд.

Ба ҳамин тариқ, муаммои сафари Фотима ба хубӣ ҳал шуд. Дигар муаммо надоштам. Таъбам ба ҷо буд. Медонистам, ки пагоҳ 7-уми сентябр Фотима бо модараш сӯи Тошканд ва баъд Душанбе парвоз хоҳанд кард.

Ҷавоби номаамро, ки ба завҷаам навишта будам, 15-уми сентябр интизорӣ мекашидам. Ин рӯз дар майдони ҳавоии Чихчарон Нурмуҳаммадро пешвоз хоҳам гирифт, ки мактубҳои моро меовард. Рӯзгори кӯҳгардиам ҳоло идома дорад.

Шикори кабк

Дар ин ду-се моҳе, ки ин ҷо рӯзгор дорам, ягона чизе, ки бандаро боиси илҳому асабҳоямро ором кардан мешуд, ҳамарӯза ба шикор баромадан буд. Ҳол он ки ҳеҷ гоҳ ба ин навъи фаъолият масруф нашуда будам. Дар ин ҷода гӯё барои худ муаллимеро гирифтам, то ки қонунҳои шикорро ёдам диҳад. Ин устоди шикорам Аҳмад ном дошта, бошандаи қарияи Ҷавванд буд. Ӯро ба сифати мардикор гирифта будем. Моҳе сӣ афғонӣ барояш медодем. Вай хурсанд буд, ки маош мегирад. Аҳмад рӯзи аввале, ки ба қароргоҳи мо омад, ба дасти холӣ наомада буд, балки се-чор кило гӯшти оҳу бо худ овард. Аз гӯшти оҳу хомшӯрбо пухтем. Ҳамон вақт пай бурдам, ки гӯшти оҳу нисбат ба гӯшти ҳайвонҳои дигар сахттар мешудааст.

Нахустин фаъолияти шикорчигиам, дуюми август сурат гирифт. Шабона Аҳмадро огоҳ сохтам, ки пагоҳии барвақт ба шикор мебароем. Аз тарафи бегоҳ туфангҳоро омода сохтем. Субҳ Аҳмад наздам омад, ки «тарҷумон соҳиб, мерем дига». Ман Абдуллоҳро садо кардам ва гуфтам, ки «ту ҳам бо мо меравӣ, аспи Азимхони маъмура метонӣ бигирӣ». Аҳмад минтақаро хуб омӯхта буд ва медонист, ки дар кӯҷоҳо селаи кабкон макон мегиранд. Ба дарае моро бурд ва дар сари теппае чанд адад кабкро дид ва бидуни омодагие файр кард ва кабкеро бечон сохт. Дигар ҳарчанд ки кӯшиш намуд, кабкҳо ба чангаш нахӯрданд. Ману Абдуллоҳ аз дур мушоҳида менамудем, ки чӣ навъ Аҳмад ба шикам роҳ мерафт ва чӣ навъ ба садои кабкҳо гӯш медод, аз назари мо дур наемонд. Дарси аввали банда бо як кабкро бечон сохтан ба поён расид.

Шикори дувумам ба мақсади оҳу сурат гирифт. Рӯзи дигараш соатҳои чори субҳ якҷоя бо Аҳмад ба баландии Оҳанкашон баромадем. Пушти ин баландӣ майсазорҳо ба назар мерасид. Маълум, ки дар он ҷоҳо оби чашма ҷамъ мешуд. Аҳмад маро сари он баландӣ пинҳон нигоҳ дошта, худаш ба равиши бод мутаваҷҷеҳ шуд. Ӯ мехост ҷараёни вазиши бодро муайян созад. Гӯё муайян кард, ки роҳашро дигар намуд. Ба ман ишора кард, ки гап назанам, то ки ба омадани оҳу сӯи чашма халал нарасонам. Болои майса якпаҳлу задам ва хостам ки чӣ навъ пайдо шудани оҳуро бубинам. Аҳмад аз ҷонибе худро қарор дод, ки бод ба муқобилаш мевазид. Яке бо баромади шуоъи офтоб, оҳуе сари кӯҳ пайдо шуда, чор тарафашро як назора карду рӯ

ба сӯи чашма овард. Аммо оҳу якдафъаӣ поён нашуд, балки эҳтиёткорона, ба ин сӯву он сӯяш нигоҳкунон аз кӯҳ мефаромад, мисле ки саросема набуду, об хӯрдан намехост. Аз ин ҷост, ки чанд ҷо истода, алафҳои хушбӯйро чарида, боз ба фаромаданаш идома дод. Аз роҳгардии бовиқоронаи оҳу ҳаловат мебурдам ва ҳам дилам месӯхт, ки баъди чанд дақиқа ҳадафи тири Аҳмад қарор мегирад. Вале бо ин ки инсон бераҳм аст, худро тасалло медодам. Инсон бояд кушад, сӯзонад, занад, ба яғмо барад, таҷовуз кунад. Оре, инсон хеле ҷоҳил аст. Чӣ ҳам гуфта метавонистам, ки ин ҳамаро инсон гӯё ба хости худо мекунад. Вақте ки инсон инсони дигареро ба қатл мерасонад, оҳуи бечора чӣ илоҷ пайдо мекунад? Ҳеҷ! Оҳу ба ҷоҳилии инсон иқрор буд, зеро борҳо дидааст, ки оҳубачаҳояшро заданду бурдаанд. Аз ин ҷост, ки ин субҳи содиқ оҳу аз инсон тарс дошт ва бисёр боэҳтиёт сӯи чашма мерафт. Оҳу гӯё охирин лаҳзаҳои зиндагиашро мефаҳмид, ки намехост алафҳои фоидаоварро начарида гузарад, боз каме, боз каме гӯён ҳарчи гиёҳе аз пеши рӯяш мебаромад, онро ба даҳон мегирифту сар боло карда, хеле боиштиёқ мехоид ва баъд фурӯ мебурд. Бо ин ҳол то сари чашма расид. Сар поин кард, лабон ба оби чашма гузошт, аммо нанӯшид, балки бори охир сар боло кард, ҷаҳонро бо зебоиҳояш дид ва баъд майли обнӯшӣ намуд. Хеле бозавқ аз оби чашмаи кӯҳӣ ҳаловат мебурд, ки якбора садои тир ба гӯшаш омаду дигар чора наёфту якпаҳлу болои замин афтид. Оҳу ҳис кард, ки аз қабати гӯшаш хун ҷорӣ мешавад, хост ки аз ҷояш бархезад, баланд ҳам шуд, аммо дигар на он баландӣ буд, ки ӯро наҷот дода метавонист. Оҳу бори охир ба умеди зиндагӣ чашм кушод, вале болои сараш инсонро дид, ки корде дар даст дошт. Оре, оҳу маҷрӯҳ шуда буд.

Банда ҳама ин даҳшати ба сари оҳу омадаро назора мекардам. Ман ҳам интизорӣ надоштам, ки ба ин зудӣ хуни оҳу мерезад. Ин лаҳза худро маломат мекардам, ки охир, бо айби ман Аҳмад оҳуро бечон кард. Чӣ лозим буд, ки бо гуноҳи ман ин ҳайвони кӯҳии зебопайкар ба қатл расад? Боз андеша кардам, ки ман ҳам инсон ҳастам-ку! Пас ман, ки ҳаминам, бояд ба сари оҳуи маҷрӯҳ ҳозир шавам. Аҳмад ҳам даст гардонд, то ки ба наздаш поин шавам. Давидам, чанд бор афтидам ва хуб ҳис кардам, ки кӯҳдавиву кӯҳфурӯӣ ҳам ҳунар аст. Агар ба қоидаҳои он риоя накунӣ, гардан шикастан мумкин аст. Банда, ки ҳанӯз дар навҷавонӣ аз мактаби кӯҳнавардӣ бо устодони петербургӣ гузашта будам ва дараҷа ҳам доштам, аз кӯҳгардӣ чандон тарс надоштам.

Омадам. Болои тани оҳу сарамро пойин кардам. Дидам, ки оҳу гиря мекард, гӯё ба ман менигарист ва «ҳай, ҳай» мегуфт. Аҳмад пирӯз шуда буд. Ӯ исбот кард, ки шикорчии моҳир аст. Дидӣ, Худойназархон? Бо як файр оҳу чашма шуд. Оре, гуфтам, ту воқеан шикорчии моҳир будаӣ ва илова намудам: «Аҳмад, магар дилат ба ин оҳуи зебочашм намесӯзад»? На хайр, --гуфт Аҳмад. Ин неъмати худост. Худои муттаол оқилиҳо бисёр дора. Ҳама чизи зебо ва неъматҳоро ба хотири мо офарида. Ин оҳуи зебочашм ҳам аз ҳамон неъматҳост, ки ин субҳ барои мо ато карда; шукри худо, ки дар ин ҷода дасти бандаро кам накарда, балки муваффақ сохта, гуфт Аҳмад. Бояд пӯстша хароб накард. Оҳуро тарзе пӯст канд, ки ҷое аз он нуқс пайдо накунад. Табиист, ки нархи пӯсти оҳу дар бозор гарон буд. Оҳу хеле калон намудор шуд. Тани оҳуро ба чанд қисм ҷудо карда ба хӯрҷинҳо андохт. Аспҳоро кашон-кашон оварда, гӯштро ба аспҳо бор кардем. Аспҳо ба душворӣ роҳ мерафтанд. Соатҳои 12 ба қароргоҳ расидем. Ба Аҳмад фармудам, ки як ронашро ба ошпази мо диҳад, дигарашро баробар ба ҳама муздурону маъмурин тақсим кунад. Дар ботин мегуфтам: агар ин оҳу неъмати атокардаи худо бошад, пас мо кори савобе анҷом додем. Ин бандаҳои худо дар умрашон кам гӯшт хӯрдаанд. Акнун ду-се рӯз гӯштхурӣ мекунанд. Бигузор ба инсони худо ташаккур гӯянд.

Бегоҳӣ шӯравиҳо аз кӯҳу дашт баргашта, пӯсти оҳуро диданд, ки намак мехӯрд. Слававу Вадим наздики пӯст рафта, пурсиданд, ки ин чанд кило гӯшт дошт? Аҳмад ҷавоб дод, ки «тахминан, ҳаштод килу гӯшт кард дига». Ин бегоҳӣ Абдулмуҳаммади ошпаз барои муштариёни хориҷиаш аз гӯшти рони оҳу котлет пухта кард. Котлеташ нисбат ба гӯшти шӯрбояш болаззаттар баромад. Ин оҳу боис шуд, ки даҳ рӯз бепул гӯшт хӯрем.

Хун дар рӯи муздурон ҳам пайдо шуд. Онҳо ҳамагӣ ба тарҷумон умри тӯлонӣ мехостанд. Азимхони маъмур мегуфт: «Агар дар ин гурӯҳ Худойназархон набоша, мо ҳамагӣ аз бегӯштӣ мемирем. Офарин ба тарҷумон!»

Субҳи ҳафтуми сентябр дар рӯҳияи ин ки Фотима парвоз мекунад, боз ба шикор баромадам. Акнун худам танҳо. Дараеро интихоб намудаму аспро он сӯ рондам. Офтоббаромад селаи кабкон аз кӯҳ ба доманаи он поён мефаромаданд, то ки аз оби мусаффои кӯҳӣ баҳравар шаванд. Он ҷоро интихоб кардаму интизорӣ кашидам. Аспро дуртар сар додам, зеро баъзан пих-пих карда кабкҳоро мегурезонд. Дидам, ки кабкҳо бо роҳгардиҳои кабконаи худ, гоҳе сар

ба замин мебурданду гоҳе сарҳоро болокунон ба ҳадаф наздик шуда истодаанд. Чил-панҷоҳ кабк, бо роҳбаладии саркардаашон ба лаби ҷӯй фаромаданд. Дар лаҳзаи обнӯшиашон халал нарасондам. Бигузор, оромона об нӯшанд. Агар лаҳзаи обнӯшиашон тир холӣ мекардам, барои онҳо ҷабр мешуд. Шояд тир ба ҳамоне мехӯрд, ки ҳоло аз об сер нашудааст. Хуб тамошошон кардам, кабкҳои ватанам пеши назарам омаданд. Кабкҳои бузургу гардансафед, чунон аз оби саҳарӣ ҳаловат мебурданд, ки ҳеҷ ангуштам ба зер кардани забончаи туфанг намерафт. Гӯё аз об сер шуданд, ки ҳамагӣ нӯлҳошонро як такон дода, сипас барои шикори малаху дигар ҳашарот ба теппа рӯболо шуданд. Бо дили нохоҳам файр кардам, ки сето кабк пар-паркунон ба замин афтоданд. Кабкҳои дигар як назар ба кабкҳои тирхӯрда андохтанду байни буттаву хас худро пинҳон намуданд. Имкон дошт, ки шикорро идома диҳам, вале нахостам, барои чор кас се кабк кифоя мекунад,- гуфтаму кабкҳоро бо химчае ҳамел андохта сари қоши зин партофтам. Ин нахустин шикорам буд, ки се ҷондорро бечон сохтам. Дуруст аст, ки дар бачагӣ бо ғулак шикори гунҷишк мекардам ва ҳамон айём хеле моҳир ҳам будам. Ҳамарӯза 10-15 гунҷишк бо санги ғулаки ман гирифтор мешуданд. Он вақт намефаҳмидам, ки баъди рӯи замин афтидани гунҷишк гардани онро бо корд буридан лозим аст, балки ман зуд калаашонро канда мепартофтам. Ин рӯз, ки се кабкро ғелондам, калаашонро накандам ва аз корд ҳам истифода набурдам, зеро тири сочма хуни онҳоро рехта буд, аз ин рӯ онҳоро ҳалол шуморидан мешуд. Аз шикори банда ҳамкоронам хушҳол буданд. Слава мегуфт, ки гӯшти гӯсфанду оҳу ба дилам задааст, хуб шуд, ки акнун ба гӯшти кабк, ки яке аз ғизоҳои Брежнев ҳаст, одат мекунем.

Субҳи ҳаштум низ нияти шикори кабк намудам. Ин дафъа дигар самтро интихоб кардам. Он ҷо, ки фақат хаси сафед мерӯид. Одатан, аз асп поён нашуда, ба роҳравиҳои кабк диққат медодам. Ҳар ҷондоре, ки миёни алафҳо шӯр мехӯрд, гӯшҳои асп сих мешуданд. Узви ҳисси шунавоии асп ҳам хеле тараққикарда будааст. Ҳамеша огоҳам месохт, ки ҳушёр бошам. Гӯшҳои асп ки сих мешуданд, картусро ба тирдон меандохтам ва омода мешудам, ки аз кадом сӯ кабк садо мебарорад. Гап дар ин аст, ки бисёри мавридҳо кабкҳо бо хонданҳошон шикорчиро хабар медоданд, ки ой, ин тараф нигоҳ кун, мо ана ин ҷо байни хаси баланд пинҳон ҳастем. Воқеан, имрӯз хеле болову поён аспро азоб додам, ҳеҷ не ки кабкеро ба мушоҳида гирам. Офтоб гармиашро зиёд

месохт. Дар назарам офтоб он қадар наздик буд, ки кӯҳи Оҳанкашон аз офтоб баландтар меистод. Ман кулоҳ доштам, вале аз болои кулоҳ ҳам таъсири офтоб сарамро месӯзонд. Дар дил мегуфтам, ин саҳар бо кадом даст аз ҷой баланд шуда бошам, ки ягон паррандае пар намезанад. Асп монда шуда буд, ки сарашро ба поин хам менамуд. Ба гумонам, ташна шуда буд, вале аспи тарбиятдидаи қандаҳорӣ ба эҳтироми соҳиби болои зинаш аз пуртоқатӣ кор мегирифт ва ҳатто пих-пих ҳам намекард. Агар ба ҷойи асп маркаб мешуд, вингоси хармагасеро баҳона карда, ду дафъа пойҳои қафояшро ба осмон ҳаво дода, соҳибашро болои замин мегузошту худаш фихаскунон роҳи қароргоҳро пеш мегирифт. Ба ҳар ҳол асп харигарӣ надорад, балки ҳайвони аҷибест, ки кас мехоҳад соатҳо тамошояш кунад. Аспи банда ҳамин навъ асп буд. Ист мегуфтам, қарор мекард, рафтем мегуфтам, боз оромона пеш мерафт.

Бо андешаҳои аспдӯстиам банд будам, хоб ҳам фишорам оварда буд ва ноумедона сари аспро ҷониби қароргоҳ гардонданӣ будам, ки аз байни тӯпи хасҳову гулхорҳо садои хондани кабкҳо ба гӯшам расид. Асп ҳам гӯшҳояшро сих намуда, бо он бутаҳо нигоҳ кардан гирифт. Хеле интизор шудам, то ки бори дигар хондани кабркро шунаваму ҷояшро муайян намоям, вале дигар садое набаромад. Ҳарчи бодо бод гуфтаму аспро огоҳ сохтам, ки ҷонвар ман аз болоят поин намешавам, натарс, садои тир бароят хавфе намеорад. Худамро болои зин маҳкам ҷо ба ҷо намуда, ба байни хасҳо як тир холӣ кардам. Асп як шӯр хӯрду дигар амале нишон надод. Ғайричашмдошт, аз байни хаси баланд кабке тапар-тапаркунон болову поин мешуд. Ба зудӣ аз асп поён шуда, байни хасу хор даромада, онро ба даст гирифтам. Кабки калон буд. Тахмин кардам, ки ду кило гӯшт мекунад. Акнун худамро ба сифати шикорчии моҳире эътироф мекардагӣ шудам. Охир, ба як ҷойи номаълум тир андозеду аз он ҷо ҷонваре пар-паркунон пешвозат гирад, магар кайфият надорад? Оҳо, инро ҳамон шахсе мефаҳмад, ки худ анҷом додааст ба даст доштааст. Хушҳол шудам. Намедонам болои асп чи хел баромадаму чи навъ ба хаймаам расидаам. Асп ҳам роҳгардиашро тағйир дод, агар аввал топ-топ кунон пой мемонд, акнун йурға шуд, яъне роҳгардии духтаронаро пеш гирифт. Йурға, навъи роҳгардии махсуси аспҳост. Ин ҳолат ҷонвар гӯё парида-парида роҳ мерафт.

Шаби ҳаштум ҳам бародарони шӯравиамро бо гӯшти кабк меҳмон намудам. Онҳо, мисле ки мазахӯрак шуда буданд, ки савол медоданд: пагоҳ низ гӯшти кабк мехӯрем?

Бале, гуфтам, агар шикорам барор гирад, албатта мехӯред. Онҳо, албатта дар ботин мегуфтанд, хуб тарҷумони содда дорем. Барои як кило гӯшт шуда теппа ба теппаву кӯҳ ба кӯҳ мегардад. Вале барои банда шикори кабк як навъ истироҳати ҳаловатбахше буд. Шикор, агар барор ҳам наёбад, инсонро бачуръат месозад, ӯро солим нигоҳ медорад ва ҳам масъулиятмандаш менамояд. Аммо шикор барои ҷони шикорчӣ хатар ҳам оварданаш мумкин аст. Албатта, ба банда боре гургу паланг ҳучум наовардааст ва ин навъи ҳайвони дарранда вуҷуд ҳам медошт, онҳо дар баландиҳо ҷойгир буданд, ки ба он сари кӯҳҳо ҷуръати баромадан намекардам. Вале боре бехотир аз пеши роҳам, рост шудани мори айнакдор, кайфамро паронд. Хайрият болои асп будам. Мор бошад дар масофаи ду-се метр намегузошт, ки роҳамро идома бахшам. Асп ҳам тарсида буд, зеро мор фашшаст мекард ва забонашро се-чор сантиметр берун мебароварду боз дарун мекашид. Ҳеҷ гоҳ мори айнакдорро аз наздик надида будам. Намедонистам чӣ кор кунам. Роҳ, ки аз даруни ҷангалзор мегузашт, чунон танг буд, ки ҷилави аспро ба қафо гардондан ҳам имкон надошт. Аз сӯи дигар, метарсидам, ки агар шӯр хӯрам шояд бо як ҷаҳиш ба рӯям неш мезанад. Чанд дақиқа чашм сӯи чашмони мор қарор додам. Дар фикрам зад, ки аз баҳри як картуси сочма газараму ба сараш файр кунам. Аммо мор ин қадар зебо буд, ки рӯяш рӯи духтарро мемонд. Мисле, ки дар сар рӯймоли зарде дошт. Аз замин, ки ним метр боло меистод, тамоми баданаш нақшу нигор дошт, гӯё пироҳани парчай дар бадан карда буд. Воқеан зебо буд. Ин аст, ки пӯсти онро ғарбиён ин қадар зиёд мепазиранд. Бонувони ашрофзодаи даврони Николай ва хонумони фаронсавӣ аз пӯсти мори айнакдор барои худ ҳар навъ афзор месохтаанд. Ҳайрон аз он будам, ки чаро дақиқаҳо мегузаранду мори айнакдор ҳоло ҳам забондарозӣ мекунад. Наход гумон намекард, ки дар рӯ ба рӯяш инсон истодааст, соҳиби табиату ҷаҳон инсон аст, чаро ин қадар бо инсон ба воситаи чашму забон ва садои фашшасдораш баҳс менамояд? Агар инсон ба қаҳр биояд, ҳолаш чӣ мешуда бошад. Ман дар рӯ ба рӯи мор қарор доштаму аз ҷониби он ба андеша даромада раҳми вайро мехӯрдам, ки ҳамин қадар ҷонвари зебо имкон дорад, ки бо якравиву сарсахтиаш худашро хуношом созад. Хулоса, аз сӯҳбати мор чизе нафаҳмидам. Чӣ мехост, худаш медонист, на ҳучум меовард ва на аз сари роҳам дур мешуд. Рӯзаш тамом шуда будааст. Туфангро, ки дар қоши зин овезон буд, боло бардоштаму яке якбора файр кардам. Сочма

ба сару рӯяш хӯрд. Мор як ҳавоӣ шуду ба замин афтод. Хеле худро шӯр дод, кӯшиш намуд, ки боз баланд шаваду забонбозӣ кунад, вале натавонист. Сочма тамоми сару рӯяшро шикофта буд. Ҳоло ҳам аз асп поён намешудам, зеро мегуфтанд, ки ҳар мор боз ҷуфте дорад, ва ҳатман аз пайи қасос мешавад. Чанд дақиқа интизор шудам, аммо аз ҷонибе ба ҷони мори айнакдори якрав ёрӣ нарасид. Сипас аз асп фаромадаму морро аз замин боло карда ба сари қоши зин гузоштам. Тақрибан якуним метр дарозӣ дошт. Дигар ба хотири шикори кабк ба пеш нарафта, балки сари аспро сӯи шаҳрчаамон гардондам. Рӯз ҳам гарм шуда буд. Аспро ба ҷояш бастаму пинҳонӣ аз дохилиҳо морро ба даст гирифта, болои девори ташнобамон (ҷойи даст ба хок), ки як метр бо девори сангӣ баланд карда будем, гузоштам. Мақсади ман, Славаро тарсондан буд. Соатҳои чор ҳамкоронам аз сафари тиллокобӣ омаданд. Нони чоштро дар аср хӯрданду ба истироҳат пардохтанд. Ман назди хаймаам сандилиеро гузошта, ба китобхонӣ машғул шуда, аммо ҳушу гӯшам сӯи мори мурда буд, ки сари девор ҳоло ҳам дароз хоб рафтааст. Ноомади корро бинед, ки ягон каси шӯравиҳо ба ташноб эҳтиёҷ пайдо намекард. Ҳайрон мондам ва ҳам бетоқат шудаму ба Слава садо задам. Чаро гуфтам ҳар рӯз бо дуди сигорат аз ташноб берун намешудӣ, вале имрӯз ин қадар ором ҳастӣ. Чӣ гуфт, дигар кор надорӣ, ки ба ташнобравии ман ғараз мегирӣ? Не, ҳамин хел як пурсидам. Нахоҳӣ, нарав, касе туро маҷбур намесозад. Ман ҳамин хел дар омади гап пурсидам. Славаҷон гуфтам, наранҷ, ман шӯхӣ кардам.

Банда ҳоло ҳам сари оқибати мори сари девор андеша доштам ва худ ба худ мегуфтам, ки ба умеди шӯхиам ягонтааш боз гурдакаф нашавад. Боз ҳам чиҳати шӯхигариам боло гирифту тоқат намуда, интизорӣ кашидам. Як вақт дидам, ки Слава саросемавор аз каташ боло шуду сигорро бар лабон гузошту берун шуд ва дид, ки ман пойҳоям болои ҳам нишастааму гӯё ӯро намебинам. Слава рост ба тарафи ташноб мерафт. Ман чашмам гӯё ба китоб буду ӯро мушоҳида менамудам. Ба ташноби сангӣ даромаду шалворашро поён мекард, ки чашмаш ба мор афтид, ки дароз хоб рафта буд. Ҳамин ҳолат, «ой, мама», гӯён тасмаи шалвор дар даст тарафи хайма мегурехт. Чӣ шуд, Слава, чӣ гап аст, гӯй охир, магар каждум газид? На хайр, на хайр гуфт саросемавор, он ҷо сари девори ташноб мори бузургчуссае хоб рафтааст. Шербинаву Тарасенко ва боз ду геофизики дигар, ки дар хаймаашон буданд, давида баромада, «где, где» гуфта аз

Слава мепурсиданд. Дар ташноб, гуфт Слава. Ман ҳам ин лаҳза гӯё чизеро намедонам, бо онҳо якҷоя сӯи ташноб давидам. Ҳамакаса ташнобро муҳосира кардем. Ҳеҷ кас ҷуръат намекард. Шербина мегуфт, оҳиста, шӯр нахӯред, мор хоб аст, агар бедор шавад, ба ягонтоамон дармеафтад. Як ҷузъиётро нагуфтам. Вақте ки морро болои девор гузоштам, сари онро, ки пурхун ва ғелбол шуда буд, зери сангҳо пинҳон намудам. Аз ин ҷост, ки русҳо фақат тани морро медиданду бас. Дар қароргоҳ сару садо баланд гардид. Афғонҳо ҳам аз хаймаҳо баромада, ба тамошои мор ҳозир шуданд. Маслиҳат мекарданд, ки чӣ бояд кард? Ҳоло мор дар истироҳат аст, бедор шавад, ин қароргоҳро ба хок яксон менамояд. Ин воҳимаро Азимхони маъмур меандохт. Яктоаш мегуфт: «Ой, бача шӯр нахӯр, ки морро бедор мекунӣ». Ман дуртар рафта мушоҳида менамудам, ки кадоме аз инҳо ҷуръат карда, морро зада мекушад. Вале на шӯравиҳо ва на афғонҳо ба чунин амал даст заданро зоҳир накарданд. Баъди тамошои 10-15 дақиқаӣ дидам, ки ба мақсадам расидам, наздики мор рафтаму онро аз нӯги думғозааш дошта боло намудам ва қоҳ-қоҳ ханда сар додам. Хун ба рӯи ҳама давид. Вақте ки ба худ омаданд, ҳамагӣ хандаи баланде сар доданд. Банда морро кашолакунон ба масофаи бист метр дуртар аз ташноб гӯрондам, то ки дувумаш дар кофту коби он шуда, боз шӯравиҳоро натарсонад. Слава, ки аз ҳама беш тарсида буд, қариб ки бо ман даст ба гиребон шавад. Дар ҳақиқат, ӯ тарсида буд. Субҳи дигар дар лабонаш доначаҳо ва ҷароҳат пайдо шуд. Бо ман қаҳрӣ буд, гап намезад. Банда бошам, фурсат мекофтам, ки бо Слава оштӣ кунам. Вақти чошт ҳам расиду ошпаз ғизои аввалро болои миз гузошт. Нонхӯри шурӯъ шуд ва дидам, ки бечора Слава қошуқро ба душворӣ ба даҳон мебарад. Дилам сӯхту гуфтам: Слава, «Вазелин помогает». Ӯ як сӯям песонду гуфт: «Без тебя знаю». Вадим бошад, таги дил хуб механдид. Шербина сир бой намедод.

Бо тасвири моҷарои мори айнакдор ва оқибати нохуби он бо Слава Гришин, мавзӯи шикорро ба поён мерасонам. Ҳоло ҳам дар Оҳанкашонам ва шояд гапҳои мегуфтании дигар ҳам падид оянд. Ба умеди дониши дигаре аз минтақаи Оҳанкашон...

Нон ва қадри он

Моҳҳое, ки дар Оҳанкашон будам, ҳар шаб, соатҳои

11, барномаҳои радиои Душанберо гӯш мекардам. Шаби 5-уми сентябр як барномаеро шунавонданд, ки «Нон ва қадри он» унвон дошт. Ҳулосааш он буд, ки ҷавонон ба қадри нон расанд. Ин барномаро шунидаму имрӯзи Афғонистон аз пеши назарам гузашт ва хостам, ки ба ин мавзӯъ чанд саҳифае бахшам. Аммо боз ба андешае рафтаму як дафъа солҳои кӯдакиву наврасии худамро ба хотир овардан шудам. Ин ҳолат дидам, ки рӯзгори тоҷиконе, ки имрӯз сӣ сол доранд ва ё ба чилсолагӣ расидаанд, аз рӯзгори имрӯзи Афғонистон ҳеҷ тафовуте надошт. Банда, ки ҳафт моҳ баъд аз оғози ҷанги Олмон бо Шӯравӣ таваллуд ёфтаму акнун ба сию як қадам мемонам, панҷ соли ҷангро ба хотир надошта бошам ҳам, солҳои 1946—1950-ро хуб дар ёд дорам. Дар хонаводаи мо се бародарон тарбият меёфтем. Падарамон муаллими «сурх» буду модарамон хонашин. Қиблагоҳ маоши баде намегирифт, вале бо пул нон харидан душвор буд. Дар хонадони муаллим маводи ғизоӣ камчин буд. Аз Кӯлоб барои муаллим нони сиёҳи туруш равон мекарданд.

Рӯзеро дар ёд дорам, ки модари бечораам маро бо худ гирифта алафчинӣ бурд. Мо алаферо бо номи «тоқисарак» чинда, хона овардем. Модарам он алафро ба дег андохта хӯб ҷӯшонд ва баъд ба табақ кашиду як коса дӯғро ба он омехта намуд. Модарам хӯрдани ману бародари калонамро аз гӯшае назора карда, гиря мекард, ки фарзандонаш алаф хӯрда истодаанд. Оҳиста-оҳиста зиндагии мардуми тоҷик хуб шуд. Чунон сериву пурӣ шуд, ки дар чойхонаву хонаводаҳо халтаҳо пур аз нони тагмонда мешуд. Солҳои донишҷӯӣ ба мушоҳида мегирифтам, ки дар ошхонаҳои шаҳри Душанбе ҷавонон баъд аз хӯрок лабҳоро бо коғази рӯи миз не, балки бо нон пок мекардагӣ шуданд. Ҳамон солҳо эҳсос менамудам, ки чунин рафтори одамон дар мавриди нон касофатеро пеш хоҳад овард...

Ҳоло дар Афғонистон мебинам, ки нон то чӣ андоза камёфт аст. Садҳо ва ҳазорон кӯдакону наврасон ва модарон ба нон эҳтиёҷ доранд, нон гуфта ҷон ба ҳақ месупоранд. Дар ҳама ҷо: чи бозор ва чи кӯча бенавоёни Афғонистон нон мегӯянд. Гуруснагӣ кӯдаконро маҷбур сохтааст, ки пучоқу пӯсти харбузаву тарбуз ва картошкаву себро аз ахлотҷойҳо чида хӯранд, то ки намиранд. Ҳукумати Афғонистони шоҳӣ 90 нафар кӯдакони дар кӯчаҳо саргардонбудаи Чихчаронро ба ҷое ҷамъ намуда, ба онҳо нону шир медиҳад. Чунин иқдоми давлат идома нахоҳад ёфт, зеро тамоми навоҳии Чихчарон ба ширу нон эҳтиёҷманд аст.

Рӯзҳои наздик дар бозори Чихчарон кӯдаки чорпанҷсолаеро дидам, ки ба хотири як бурда нон, ё як қирон ба даст овардан, байтҳои ишқиро азёд мехонд. Ин кӯдак роҳи зинда монданро ҷустуҷӯ дошт. Зани бенавое дар назди ошхонаи толибилмон менишаст, то ки ба ӯ низ ғизое бидиҳанд. Кормандони пулис вайро мезаданд, болои замин кашак мекарданд, вале ӯ ҳамоно муқобилият нишон медод ва доду фарёд мекард: «Оқо, оқоҷон ғаразам нагир, аз гуруснагӣ мемирам. Маро бигзоред ба ҳоли худ, то ки ин кӯдакҳо ягон порча нонро сӯям партоянд». Ин лаҳзаҳои мудҳишро медидаму ба зӯр оби дидаамро медоштам. Мисоли дигар: Кӯдаки сесолае акнун роҳгардиро меомӯзаду ачалпачал чанд ҳарф мебофад, аммо калимаи нонро хело бурову равшан талаффуз менамуд. Дастчаҳояшро ба пеш дароз карда, касе ки аз наздаш мегузашт, фақат нон мегуфту бас. Калимаи дигареро ёд надошт. Чӣ хел як шӯравӣ метавонист ба ҳоли ин кӯдак нигарад? Хеле даҳшатбор буд, барои банда, ҳарчанд ки кӯдакии ман ҳам аз ин кӯдак хуб набуд, вале фарқ дар он буд, ки мо наметалабидем.

Дар кӯчаҳои Чихчарон сайру гашт мекардаму аз як сар ба кӯдаконе менигаристам, ки сари роҳ, болои зонуи модарон хобанду онҳоро магас мехӯрад. Кӯдакон ба ин дараҷа беҳоланд, ки магасашонро пеш карда наметавонанд. Чунин рӯзҳо ба ҳар куҷо ки мерафтам, ба гӯшам як садои ғамангез мерасид:»Соҳиб гушнаам, соҳиб як ҳафта боз чизе нахӯрдаам...» Лекин бо сабабҳои маълум ба онон ёрие расонда наметавонистам. Бисёр буданд, хеле бисёр... Онҳо ҳазорон буданд, ки аз бехи девору дарахтон чашм ба нафари чоқ—фарбеҳ медӯхтанд.

То ин ҷо расидаму ба фарзандонам муроҷиаткунон чунин ҷумлаҳоро раво дидам: «Фарзандони азиз! Насиҳатам ин хоҳад буд, ки ҳеҷ вақт нонро пеши пой назанед. Майдарезаҳои нонро мисли ришсафедон аз замин бардошта бибӯседу баъд ба даҳон партоед. Нон сарчашмаи зиндагии инсон аст. Орзумандам, ки рӯзе мерасаду ин кӯдакони барҷомондаи Чихчарон мисли кӯдакони тоҷики мо, мисли шумо--азизонам, соҳиби нон мешаванд, дигар ба хотири нон онҳоро магасҳо хуру пуч намекунанд».

Ба ин ҷумлаи охир нуқта монда будам, ки соат ёздаҳу сии шаб шуду ҳунарманди тоҷик Фузайлов бо қӯшнай навохтан дорад. Чи садои фораму чи садои пурмаъние. Як ҷаҳон маънӣ дошт он садои қӯшнайи Фузайлов. Гӯшаки радиоро дигар сӯ тоб додаму аз даргоҳи худованди карим талаб намуда, гуфтам: «Оҳ, худо накунад, ки давроне пеш

ояду рӯзгори кӯдаки тоҷик ба солҳои ҷанги Олмон баргардад, он вақт бадбахтии бузурге мардуми моро пахш хоҳад кард». Бо овардани мазмуни фавқ мехоҳам дафтари дувумро пӯшонаму таваҷҷӯҳи хонандаро ба дониши тозае аз дафтари сеюми хотираҳои Афғонистони шоҳӣ равона созам. Дар таърихи ҳаштуми сентябри соли 1972 дафтари рақами ду ба поён расид. Худо кунад, ки аз ин дафтар хушатон омада бошад.

ДАФТАРИ СЕЮМ

(9.09.1972 - 22.11.1973)

Шикор ба хотири чӣ буд?

Ҳар вақт, ки ба сафар мебаромадем, вобаста ба мӯҳлати корҳои саҳрой, чанд ҳазорӣ афғонӣ ҷамъ менамудем. Пули ҷамъшуда дар дасти тарҷумон — хазинадори гурӯҳ қарор дошт. Азбаски ҳар кадоми мо ба ғайр аз хӯрдану пӯшидан бояд андаке маблағ ҷамъ менамудем, ҳини сафарҳои дуру дароз кӯшиш мекардем, ки камтар масраф кунем. Дар ин навъ сафарҳо пул бештар барои гӯшти тоза харидан лозим буд.

Тавре ки хонандаи гиромӣ, огаҳ шудед, мавзӯи гӯсфандхарии банда ҳамеша мавриди баҳс қарор мегирифт. Дар ин ҷода арбобҳои минтақаро истифода намуда, ба нархи хеле арзон гурӯҳро бо гӯшти гӯсфанд таъмин мекардам. То рафтанамон тақрибан як моҳ монда бошад ҳам, масъалаи ба гӯшт таъмин кардани гурӯҳ дар миён буд. Арбобҳо дигар чандон ба мо диққат намедоданд. Ҳар дафъа, ки барои харидории гӯсфанде ба онҳо мурочиат менамудам, баҳонаҳо пеш оварда, вақти ваъдагӣ гӯсфандро ба қароргоҳи мо ҳозир намекарданд.

Ошпазамон Абдулмуҳаммад рӯзе назди банда ҷанҷол бардошт, ки «тарҷумон соҳиб, чӣ кунам, гӯшт тамом шуд. Ин шӯравиҳо бегӯшт ғизо намехӯранд. Ягон чора биандешед...» Ӯ дуруст мегуфт, худи ман ҳам бе гӯшт хӯрокро намепазируфтам. Аз ин рӯ, ба қарияи Работак рафтанӣ шудам. Арбобашро Қодир мегуфтанд, ки хеле мумсик буд. Ҳини ҳаракат яке аз муздуронамон иттилоъ дод, ки гӯсфандҳои Қодир дар ҳамин наздикиҳо мебошанд. Ба ҳар ҳол субҳ барвақт болои асп худро гирифтаму аз Слава Гришин хоҳиш намудам, ки ба воситаи ратсия фаҳмад, Фотима бо модараш парвоз кардаанд ё не. Ратсия, ки соати 8.00 чолон мешуд, маътал шуда наметавонистам.

Мутаассифона, арбоб-Қодирро дар деҳааш пайдо накардам. Ду писараш, ки он ҷо ҳузур доштанд, аз мақсади камина пай бурданд ва гуфтанд: «Мо гӯсфанди савдоӣ надорем». Азбаски худи арбоб набуд, бо бачаҳои ӯ сӯҳбат кардан фоида надошт. Дар ғам мондам. Гӯшту равғанамон барои ду рӯз мерасид. Маҷбур будем, ки ба гӯсфанди ваъдагии Мирзоалаёр интизорӣ бикашем. Ба чунин андеша омадам, ки агар дар ин ду рӯз аз арбоби Оби Гарм гӯсфанд нарасад, маҷбур мешавем баррачаи нозанинамонро, ки худамон калонаш карда будем, қурбон кунем.

Пас гаштанам мумкин набуд. Бояд арбоб-Қодирро

пайдо мекардам. Як роҳгузар нафаҳмида гуфт, ки ҳоло дидааст, ки арбоб дар сари гандумҳояш мебошад. То он ҷо аспро давондам, то ки арбоб нагурезад. Тасаввур кунед, ки аспи бечора нимсоата роҳро давидааст. Аз бадани асп обу арақ мерехт. Чӣ илоҷ? Масъулият бар дӯшам буд. Арбоб як гӯсфанди лоғарро нишон дода, қиматашро 1200 афғонӣ гуфт. Ҳол он ки гӯсфандаш ба 400 афғонӣ намеарзид. Оре, мумсикии арбоб бори дигар аён гашт. Қаҳрам омаду сари аспро сӯи теппа, ки ба Оҳанкашон мебурд, гардондам. Бо табъи хира ба қароргоҳ расидам. Ошпаз дид, ки бидуни гӯсфанд омада истодаам, гуфт: «Хо, тарҷумон соҳиб, хайр аст, баррачаро сар мезанам. Медонам, ки дӯсташ дорӣ, аммо хоҳу нохоҳ рӯзе мекушемаш, ба Кобул-ку онро намебарӣ!». «Бале, бале, Абдулмуҳаммад метавонӣ баррачаи шӯравиҳоро сар бизанӣ. Аммо равғанаш, ки кам аст, касеро ба Чихчарон равон кардан лозим меояд, ки равған харидорӣ намояд». Гӯшти баррача барои шаш-ҳафт рӯз кифоя мекард.

Шояд саволе ба миён биояд, ки чаро гӯсфандҳоро фақат аз арбобҳо мерӯёндем? Ҷавоб ин аст, ки ҳар арбоб то ҳазор сар моли майда дошт. Аз дигар сӯ, онҳо амри волиро гирифта буданд, ки дар он масъалаи дасти ёрӣ дароз намудан ба мутахассисин матраҳ шуда буд. Гузашта аз ин, аз арбоб бо нархи камтар харидорӣ намудан, айб набуд. Гӯсфанде, ки ба ҳазор афғонӣ меарзад ба 500 афғонӣ мегирифтам. Дигар ин ки аксари арбобҳо эҳтиромам мекарданд. Баъзан чунин ҳам мешуд, ки онҳо пули гӯсфандро намегирифтанд, лекин ба ҷейбашон меандохтам.

Аммо вақтҳои охир ҳис менамудам, ки баъзе арбобҳо муносибаташонро нисбати гӯсфандхариҳо тағйир доданд. Онҳо ваъда медоданду иҷро намекарданд. Масалан, рӯзи 18-ум ҳамроҳи Мирзоакрам ном мардикорамон ба ҷониби деҳаҳои Харбед ва Оби Гарм сафар кардем. Бояд ду сар гӯсфанд ба даст меовардем, то ки барои рӯзҳои боқимонда басандагӣ кунад. Сари роҳ як кабкро бечон намудам, ки аз ин ҳисоб нони чоштамон беминнат мешуд. Аввал ба деҳаи Харбед омадем. Ғуломнабӣ аз кабки худамон шӯрбо омода сохт. Табиист, ки Ғуломнабӣ медонист, ки саргардонии тарҷумон баҳри чист, аммо ваъдаи қатъӣ надод. Сипас роҳи қарияи Оби Гармро пеш гирифтем. Мирзоалаёр кайҳо ваъда карда буд, ки гӯсфандеро худаш меорад. Сари роҳ ба хонаи Мирзоакрам даромадем. Бо хоҳиши соҳибхона як пиёла чой гирифтему ба хонаи Мирзоалаёр раҳсипор шудем. Худаш боз дар ҳавлиаш набуд. Бародараш Абдулҳаким ба пешвозамон баромад. Маълум шуд, ки соатҳои 12-и рӯз ӯ

ба таъқиби дуздон баромадааст. Як саду се сар гӯсфандашро бо ҳамшираш дуздони арбобе ба яғмо бурда буданд. Ба ин хотир, Мирзоалаёр бо чанд бародараш мусаллаҳ шуда, аз пайи дуздони беинсоф ба кадом самте рафтааст. Боз ҳам арбоби ваъдабоз ба чангам нахӯрд. Аз омадан пушаймон будам.

Рӯз ҳам бегоҳ мешуд. Барои пас гаштан вақтамон кифоят намекард. Мақсад гузоштем, ки имшабро дар меҳмонхонаи арбоб мегузаронем. Меҳмонхонаро ҷорӯб заданд. Чангу хок ба осмон печид. Чанд дақиқа лозим шуд, ки рӯи ҳавлӣ бимонам. Ин дафъа як кӯрпачаи чиркин насибам гашт. Узр хостанд, ки омадани меҳмонро чашмдошт набудаанд. Шаб хӯроки шомам шӯрбои гӯсфандӣ шуд. Мо се кас сари дастархон будем, аммо дар як коса оби шӯрбо ва дар як косаи дигар гӯшту картошка оварданд. Шӯрборо ба тартиби афғонӣ-шарқӣ хӯрдем. Ба коса нонро майда карда, дасту остинро бар зада, сипас навола ҷӯр намудем. Ҳеле монда шуда будам ва намехостам, ки сӯҳбате сурат бигирад. Ин хоҳиши каминаро Абдулҳаким фаҳмид, ки зуд рахти хобамро омода сохт. Азбаски кӯрпаву кӯрпачаҳояш чандон озода набуданд, аз рӯйчӯй ва кампали пашмин истифода намудам.

Бо вуҷуди ин, шабам нороҳат поён ёфт. Кайку шабуш ва шабзод фаъолият мекарданд. Баданамро молиш медоданд. То субҳ бо онҳо муборизa бурдам. Пагоҳӣ баъди нонушта як пансад афғониро ба ҷейби Абдулҳаким андохтам, то ки онро ба арбоб бидиҳаду хоҳиши бандаро хотиррасонаш намояд. Тавре ки боре гуфтам, ҳам Мирзоалаёр ва ҳам бародаронаш дуздони моҳири минтақа буданд. Аз ин рӯ, метарсидам, ки ягон гӯсфанди дуздидаашро ба сарам бор мекунад. Бо ҳамин андеша аз бародари арбоб хоҳиш намудам, ки «гӯсфанди ҳалолии худатонро биёред..., агар дуздӣ мекарда бошед, лозим нест». Абдулҳаким хандиду «на хайр, на хайр» гуфт аз пушти сари мо.

Дар бозгашт арбоб-Ғуломнабиро дидем, ки даъватшудагони қарияашро ба хизмати аскарӣ гусел мекард. Модарону арӯсон ва хоҳарон оби дида мерехтанд. Даъватшудагон бояд то маркази вилояти Қалъаи Нав пойи пиёда мерафтанд.

Ғулонабӣ низ аз мавзӯъ сухан накушод. Ман ҳам дигар лозим надонистам, ки бори дигар аз гӯсфанд сӯҳбат биороям. Худоҳофизӣ кардаму роҳи Оҳанкашонро кӯтоҳ кардани шудам. Ин дафъа низ дар хӯрҷинам «ваъда» овардам.

Омадан замон ба ҳаммом даромадам. Сару либосамро ба тамом аз тан кашида ба тағора андохтаму оби ҷӯшонро сар додам. Мехостам, ки чанд шабуше, ки аз меҳмонхонаи Мирзоалаёр қаҳр карда ба ҷони ман часпида, то Оҳанкашон омаданд, то ки ин ҷо наслашонро дар ҷони шӯравиҳо зиёд нанамоянд, дар оби сӯзон нобуд шаванд. Худам ҳам баданро бо собуни махсуси хориҷӣ шустам ва либосҳои нав пӯшидам.

Ҳамон навъе ки дидед, дар ин чанд рӯз гӯсфандхарии ман барор нагирифт. Худ ба худ андешидам, ки бе гӯшт ҳам рӯзгор дида намешавад. Бояд фаъолияти шикорчигиро инкишоф дод. Аз ин ҷост, ки дар тӯли моҳи сентябр ҳамарӯза ба шикори кабк мебаромадам ва ҳеҷ вақт бидуни кабки бечон ба қароргоҳ намеомадам. Гоҳ-гоҳе Слава низ ба ин касалӣ гирифтор шуд. Ӯ хоҳиш мекард, ки туфангро барояш диҳам ва дар шикори кабк муваффақ мешуд. Пас, шикор, ки дар аввалҳо барои ман ҳамчун вақтгузаронӣ ва истироҳат буд, як моҳи охир моро аз бегӯштӣ ҳам раҳонид. Аз ин рӯ, ба саволе, ки дар сарлавҳа гузоштам, чунин ҷавоб додан мумкин аст: шикор ба хотири гӯшти тоза ба даст овардан сурат мегирифт.

Табиати Оҳанкашон тағйир ёфт

Баъд аз бистумҳои август ҳавои минтақа рӯ ба сардӣ овард. Абрҳои парокандае пайдо мешуданд. Як рӯз баъд боз ҳаво гарм мешуд. Чанд рӯз аст, ки «аҷинабодак» зиёд шудааст. Соатҳои 12 чунин бодҳо пайдо шуда, соатҳои чор ором мешуданд. Шабона дар бистар эҳсоси хунукӣ мекардем. Бод боз ҷараёнашро тағйир медод. Агар пештар соати 12 шурӯъ мешуд, акнун аз соати ҳашти пагоҳӣ ба вазидан оғоз мекард. Рафта-рафта боди Оҳанкашон шиддат гирифт. Хаймаи шашнафариву даҳнафариро чунон меларзонд, ки дигар тоқати дар даруни он истодан надоштем. Хаймаи ман, ки дунафара буд, бод чандон ба он зӯр оварда наметавонист.

Рӯзе бод шиддат гирифт. Хаймаҳоро ба ҷунбиш даровард. Дар хайма истироҳат мекардам. Азбаски бод чангу хокро бардошт, табъам хира шуд. Мехостам хоб равам. Хобам бурдааст. Хоб мебинам, ки ба хаймаи шӯравиҳо даромаданӣ шудаму сарам ба чӯбаш бархӯрда хуншор шуд. Саросемавор ҷойи бархӯрди сарамро даст-даст кардам, то ҷараёни хунро боздорам. Ҳамин лаҳза аз хоб бедор шудам. Бод шадидан мевазид. Дар ҳолати хоболуд аз хаймачаам

берун шудам ва дидам, ки хаймаи русҳо болои замин асту доду фиғони Слававу Вадим ва Шербина дар ҳаво мепечад. Чӯби байни хайма ба фишори сахти бод тоб наоварда мешиканад ва хайма болои инженерони хоб рафтагӣ чаппа мешавад. Ба сабаби ин ки хайма калону брезенташ хеле вазнин буд,онҳоро пахш мекунад.

Геологҳо бо тамоми қувва зӯр мезаданд, аммо худро халос карда наметавонистанд. Роҳи баромади хаймаро пайдо кардан душвор буд. Зуд ошпазро садо кардам, то дигаронро ба ёрии шӯравиҳо биоварад. Аз куҷое як поячӯби ростро пайдо намуда, бо мушкилие хаймаро ба пой гузоштему шӯравиҳо наҷот ёфтанд. Ин бод то соати шаши бегоҳ шиддаташро паст накард.

Таҳҷоиҳо гуфтанд, ки чунин бодҳо дар ин ҷоҳо ҳамон вақт шиддат мегиранд, ки агар дар осмон абрҳои пароканда падид оянд. Сабаби хестани ин рақам бод, абрҳо мебошанд, — мегуфтанд. Намедонистем, ки фардо ҳоламон чӣ мешавад. Хушбахтона, рӯзи дигар ҳаво мӯътадил шуд.

Даҳаи аввали сентябр номӯътадилии ҳаво идома ёфт. Аз рӯзҳои 12-13-ум табиат боз гарм шуд. Якбора дараҷаи гармӣ ба 27-29 баромад. Вале рӯзи 18-уми сентябр ҳавои минтақа дубора сард шуд. Ҳатто аз тарафи бегоҳ барф борид. Ин нахустин барфи сол буд. Барф шакли жоларо дошт. Мушоҳида мекардем, ки дар баландтарҳо шиддати барф зиёд мешавад. Маҷбур шудем, ки сандуққоро кушода либосҳои тагпӯшро берун кашем. Дигар шабона бо либоси нозук дохили бистара будан душвор хоҳад шуд. Радиои Кобул ҳам иттилоъ дод, ки ин абру борон дар бисёре аз манотиқи кишвар ба мушоҳида расидааст. Ба хусус дар шимоли Афғонистон сардӣ бештар таъсир ворид сохтааст. Дар Роғ 25 см барф боридааст. Ҷӯйчае, ки аз қаторкӯҳҳо поён шуда, аз назди мо мегузашт, ях баста буд. Радиои Душанбе ҳам эълон дошт, ки дар баъзе навоҳии Тоҷикистон борон ба барф табдил ёфтааст. Баъд аз чошт ҳавои Оҳанкашон чунон сард шуд, ки куртаҳои пахтагин пӯшидем.

Вазъи ҳавои Оҳанкашон ба воситаи ратсия ба Кобул дода шуд. Мақсад он буд, ки чӣ кор кунем? Дигар сардӣ имкон намедиҳад, ки корҳои ҷустуҷӯиро ба хотири ба даст овардани тилло идома диҳем. Роҳбарон ба ягон хулоса меомадагистанд гуфтему ба рӯзгорамон идома бахшидем. Мо дар ихтиёри Кобул будем. Шояд онҳо дарк кунанд, ки ҳама шаб дар дохили бистараҳоямон то рӯз мерақсем, аммо боз ба хотири хизмат ба Ватан тасалломон мебахшид.

Моҳигирӣ ба воситаи патоқӣ

Ҷое ба Нурмуҳаммади пилот ваъда дода будам, ки 15-уми сентябр боз пешвозаш мегирам. Ин сафарам ба Чихчарон ба хотири мактубҳо аз авлодону хонум- ҳомон буд, ки аз Кобул Биков мефиристод . Рӯзи 13-ум ҳаммомро гарм кардам. Аз ҳама чизи муҳим барои инсон тозагӣ аст. Шахс агар худро тоза нигоҳ дорад, умраш ҳам дароз хоҳад гардид.

Дар Оҳанкашон мо тақрибан ҳама шароити хонаводагиро дар ихтиёр доштем. Агар дар минтақаҳои Кафтариву Шайдо аз беҳаммомӣ азият дида бошем, ин ҷо нахустин иқдоме, ки амалӣ сохтем дар дохили хаймаи чаҳоркаса ҳаммом рост кардем. Онро ба воситаи чӯб гарм мекардем. Ҳар вақт ки аз саҳро бармегаштем, аввал ба ҳаммом медаромадем. Банда одатан пеш аз ҳар сафарам ҳаммом карда, баъд ба ҷое роҳ пеш мегирифтам. Ин дафъа низ аз ин амали савоб истифода бурдам.

14-уми сентябр ба Чихчарон рафтам, то ки ҳавопайморо пешвоз гираму мактубҳоро ба Оҳанкашон биёрам. Вақте ки кас аз хона дур мешавад, ягона чизе, ки ӯ доимо интизориаш мекашад, номае аз фарзандону дӯстон мебошад. Рӯзҳое, ки мо чанддонаӣ мактуб мегирифтем, табъамон хуш мегардид. Ҳамон рӯз Слава механдидагӣ мешуд. Ҳар дафъа, ки зиқӣ фишораш меовард, мактубҳои Любаро дубора мехонд. Завҷааш бонуи хубу бофарҳанге буд. Доимо барои шавҳараш китобҳои бадеӣ мефиристод. Агар Слава аз Кобул бо як-ду китоб меомад, дар тӯли ду-се моҳи корҳои саҳроӣ китобҳояш ба 20-30 адад мерасид. Як халта бор мешуд, ки ин чиҳат ронандаҳоро асабӣ мекард. Слава бештар китоб мехонд. Як китоби 500 варақаро дар як рӯз хонда ба поён мерасонд. Барои дигарон низ он рӯзи мактубҳоро метавон рӯзи тӯй дар Оҳанкашон номид.

Соатҳои сеи рӯз ба шаҳри Чихчарон расидам. Ба ронанда фармудам, ки сӯи меҳмонхона равад. Вале чун ҳарвақта ҳуҷра пайдо нашуд. Ноилоҷ ба хонаи дӯсти пулисам Нургулоқо рафтам. Ӯ дар хонааш будааст. Либосҳои хонагӣ дарбар карда буд. Ин чунин маънӣ медод, ки дар истироҳат аст. Аз дидори банда хушҳол шуд. Эшон шикоятамро дар мавриди меҳмонхонаи шаҳрӣ гӯш карду бисёр хоҳиш намуд, ки як шаб меҳмонаш бошам. Табиист, ки ӯ ва дигар маъмурини пулис дар ҷойҳои дигар, ки хизмат мекарданд, оилаашонро бо худ ба он ҷойҳо намебурданд. Яъне

Нургулоқо ҳам рӯзгори муҷарради медид. Вақте маро дар андеша дарёфт, такроран изҳор кард: «Худойназархон, як шаб як шаб аст, дар утоқи ман хоб мешавӣ».

Рӯз ҳам сӯи бегоҳӣ ҳаракат мекард. Нургулоқо пешниҳод кард, ки ба Ҳарируд моҳигирӣ меравем. Ӯ медонист, ки дар ҳар сафарам ба Чихчарон барояшон патоқӣ (детонатор) меовардам. Баъзан шӯхикунон мегуфтанд: «ҷаноби патоқӣ» омада, ӯра хуб бояд пазирой кард». Ронанда мошинро ба роҳ даровард. Нургулоқо ва банда ба соҳили дарё роҳ пеш гирифтем. Вай пешакӣ ба чанд тан пулисҳо амр кард, ки дар соҳили Ҳарируд интизораш бошанд. Нафаҳмидам, ки ба он чанд тани дигар чӣ зарурат аст. Зобит фармуданд: инженер соҳиб, ҳоло мефаҳмед, ки пулисҳои фармуда чӣ кореро анҷом хоҳанд дод? Вақте ки ба соҳил расидем, даҳ-дувоздаҳ маъмури пулиси Чихчарон он ҷо ҳавохӯрӣ мекарданд. Нургулоқо ба ду нафар пулис амр кард, ки патоқиҳоро омода созанд. Дар ин муддат онҳо чунон дар ҷо ба ҷо кардани патоқӣ усто шуда будаанд, ки ҳайрон мондам. Вақте аз мавзӯъ бохабар шудам, ҳар дафъа ки аз ман патоқӣ мегирифтаанд, он рӯзро рӯзи «соттирӣ» ва моҳигирӣ эълон мекардаанд. Маънии соттирӣ, вақтгузаронӣ (соатгузаронӣ) гуфтан аст. Дар лаҳҷаҳои онҳо калимаи соат нест, балки сот аст. Масалан, мепурсанд: Оқо, соттон чанд шуда? Соти чанд сари вазифа ҳозир хоҳӣ шуд? Парвоза ба соти чанд монданд? Соттириро ба маънии истироҳати маданӣ ҳам истифода менамоянд. Воқеан, ширинии ҳар забон дар лаҳҷаҳояш маҳфуз аст. Лаҳҷа чизи ширинест, ки ба соҳибаш махсусият ато мекунад.

Патокӣ омода шуд. Чанд адад тайёр карда буданд. Банда чун ҳарвақта мушоҳидачӣ мемондам. Нургулоқо якбора садо зад: Худойназархон, сайъ кун (яъне нигоҳ кун). Сайъ ба маънии назар андоз, нигар истифода мешавад. Дидам, ки Нургулоқо патоқиро бо ҳаракати сахти дасти рост сӯи дарёи пурталотум ҳаво дод. Он ҷо, ки патоқӣ афтид, ҷойи нисбатан ороми об буд. Чанд лаҳза ба ҷойи афтодаи патоқӣ назар андӯхтам, ки ҳубобчаҳо пайдо шуданд. Ҳамин ҳолат буд, ки патоқӣ дар дохили об таркид. Об ба чаҳор тараф пареш хӯрду боз ба ҳам омад. Нургулоқо бандаро мутаваҷҷеҳи болои оби ором сохт: «Инженер себ, сайъ кун, сайъ кун. Моҳиҳоро сайъ кун. Мебинӣ не, валлоҳ чӣ хел хубуш». Болои оби равон пур аз моҳӣ шуд, ки онҳо рӯ ба боло шино мекарданд. Сипас марҳалаи дуюми моҳигирӣ оғоз ёфт. Чанд тан аз пулисҳо либосҳоро кашида, худро ба ҳавзаи моҳиҳои гарангшуда андохтанд. Онҳо хеле чолокона

моҳиҳоро дошта ба соҳил ҳаво медоданд. Патоқии аввал ду-се кило моҳӣ дод. Боз чанд патоқии дигарро омода сохта, ба дарё партофтанд. Оби Ҳарирӯд сард ҳам буд. Бечора пулисҳое, ки рутбаҳои поёнӣ доштанд боз ба дарё мепариданду моҳӣ мечиданд. Дар натиҷа ду-се сатил гулмоҳӣ ба дасти пулисҳо фаромад. Моҳиҳоро ба мошини мо бор карда, боз роҳи хонаи Нургулоқоро пеш гирифтем. Фаҳмидам, ки ин пулиси машриқӣ меҳмонашро бо моҳии холдор зиёфат кардани аст.

Ин чанд тан зобит-пулисҳое, ки дар моҳичинӣ фаъолият нишон доданд ба ҳам ҳамсоя будаанд. Ҳар кадомаш аз ҷумлаи аскаре пешхизмат дошт. Ба иллати ин ки ҳамаашон беоила буданд, худашон даруни моҳиҳоро тоза карданд. Онҳо бо назму низоми хоса поккорӣ менамуданд. Нургулоқо ҳини ба моҳиҳо машғул шудан мегуфт: имшаб моҳиро чунон пухта кунам, ки аз хӯрданаш сер нашавед. Нургулоқо дар ин кор сардор буд. Ӯ фармуд, ки пӯсти моҳиҳо канда шавад. Тамоми моҳиро пӯст канданд ва ба табақи калоне андохтанду бо оби сир омехта намуданд. Баъдан моҳиро пухта дар лаъличаҳо бардошта болои дастархон гузоштанд. Дар ҳақиқат, моҳӣ чунон балаззат буд, ки кас ҳоло нахӯрда оби даҳонашро ба зӯр медошт. Банда, ки меҳмони олиқадрашон будам аз ҳама боло гузашта нишастам. Беҳтарин гӯшти моҳиро дар табақи ман мемонданд. Нургулоқо «бифармоед, бубинем, ки моҳӣ чӣ навъ масза мета». Хеле масза дод. Хӯрдани моҳии ба воситаи патоқӣ ба дастомада поён ёфт. Дастархон ҷамъ шуду назди ҳар кас як чойнаки чойи фомил гузоштанд. Чою ширинӣ баъди гӯшти моҳӣ, ки обталаб мешуд, ҳаловат мебахшид. Сипас сӯҳбати дӯстон оғоз ёфт, онҳо ҳар саволе, ки ба миён мегузоштанд, ба рӯзгори мусулмонони Шӯравӣ иртибот дошт. Банда тахассуси пулисонро ба назар гирифта, ба пурсишашон ҷавоб медодам. Дидам, ки ақрабаки соат рӯи ёздаҳ қарор гирифтааст. Гуфтам: «Бародарони гул! Банда аз роҳи дуру дарозе омадаам ва хеле хаста ҳам шудаам, агар иҷозат бошад ба истироҳат пардозем». Ҳамсояҳои Нургулоқо хона ба хона рафтанд. Дар ҳуҷраи бо назму низоме бароям ҷойи хоб омода карданд. Зобит бароям истироҳати хуш хоста, ҳамзамон таъкид намуд, ки аскаре дар таги дарвоза пайраҳа меистад. Ҳеҷ ташвише нахоҳад буд. Ором истироҳат кунед. Худаш ба ҳуҷраи дигар гузашт. Аскари пайраҳа масъулиятро эҳсос мекард. То субҳ чашм напӯшида, ҳуҷраи меҳмонро ҳифз кард. Ба ҳар ҳол Нургулоқо ба шӯравӣ будани ман бовар карда буд. Ӯ мефаҳмид, ки меҳмонаш табааи кишвари

дигарест ва ӯро бояд ҳимоят кард. Шаб бароҳат гузашт, фақат баъзан чой зарур мешуд, ки болои сарам чойнакеро қаблан монда будаанд.

Ҳоло дар истироҳат будам, ки Нургулоқо ба бозор рафта, барои меҳмонаш омодагии субҳонаро гирифта буд. Соатҳои шаш аз ҷой баланд шудам. Пешхизмат об рехту сару рӯйро шустам. Дастархони ношто интизорӣ дошт. Нони гарм, қаймоқ ва чойи фомилу шакари Канада субҳонамон шуд. Ба Нургулоқо арзи сипос карда, сӯи майдони ҳавоӣ шитофтам. Ҳавопаймо соати 8.45 ба замин фуромад. Нурмуҳаммад бо чеҳраи хандон аз зинаҳо поён мешуду бо ду чашм ҷустуҷуям менамуд. Ӯро аллакай дида будам ва дар дасташ, ки ду баста дошт, ҳатман барои ман буд. Ба пешвозаш рафтам. Салому алейк кардем ва пилут гуфт: «Тарҷумон соҳиб, ин ду покат ҳам аз шумост. Хуш бошед». «Ташаккур гуфтам, оқои Нурмуҳаммад, маъзарат мехом ки шуморо заҳмат додам». «На хайр, тарҷумон соҳиб, шумо барои мо хизмат мекунен, меҳмони мо ҳастен, ҳеҷ таклифе надора. Худо ҳофиз. То дидори баъдӣ» Ман ҳам ба ӯ чанд ҳарфи лутфомезро раво дидаму дар поёни сухан гуфтам. «Хо, Нурмуҳаммадхон, иншооллоҳ дидори баъдимон ба аввали уктабур рост меояд, дига». «Бале,бале, боз хоҳем дид». Покатҳоро, ки якеаш маҷаллаву рӯзномаҳои чопи Маскав буданд ва дигараш бастаи номаҳо ба дасти ронанда додаму ҷониби ҷип равон шудам. Ба мошин нишастан баробар дар ҷустуҷӯи номаҳои худам шудам. Аз як мактуб маълумам гашт, ки Фотима ва модараш рӯзи 7-уми сентябр ба ватан парвоз кардаанд. Гуё ташвиши ҷиддие, ки доштам ба поён расид. Бо гуноҳи сармутахассиси беандеша Фотима як ҳафта аз дарсҳояш қафо монд. Мактуби дигар аз хоҳарам Аноргул ва домод — Исмоил буд.

Ронанда ба мошинронӣ масруф буду банда номахонӣ мекардам. Сипас рӯзномаву маҷаллаҳоро дар тӯли 150 км варақ задам.

Шарҳи чанд нома

Аз фаъолияти тарҷумониам як солу даҳ моҳ сипарӣ шуд. Дар ин муддат, асосан, аз бародаронам - Ҷумъахону Мӯсо ва ягона хоҳарам - Аноргул, аз устодам Соҳиб Табаров, аз дӯсти Маскавиам - Қурбон Бобоев, аз ҳамдарси донишгоҳиам - Шаҳбоз Кабиров ва аз ҳамкорам --Раҳим Мусулмонқулов ва чанд қадрдони дигар номаҳо гирифтам.

Чунонки гуфтам, ягона манбае, ки бандаро ба рӯзгори хешу ақрабо ва ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон мепайваст номаҳо буд. Ҳафтае ду маротиба аз Маскаву Тошканд ҳавопаймо ба Кобул меомад. Ин ду рӯз аз пагоҳӣ чашми ҳама ба омадани ҳавопаймо нигарон мешуд. Почтаро аввалан ба сафорат мебурданд, он ҷо сурогаҳои маҷаллаву рӯзнома ва мактубҳо таъин мешуд. Сипас аз ҳар қарордод намояндае почтаи гурӯҳро ба шаҳрчаи Нодиршоҳӣ меовард. Одатан, почтаи гурӯҳро ба «Красный уголок» - гӯшаи сурх мегузоштанд ва аз ҳар бино як кас онҳоро ҷудо намуда, ба соҳибонаш мерасонданд. Соате чанд аз мутахассисин касе дар кӯча наемонд. Ҳама нома мехонд. Яке хурсанд буд, дигаре нороҳат. Лаҳзаҳои аҷибе дорад, мактубхониҳо. Банда, ки дар Кобул кам мемондам, табиист, ки аввалин хонандаи номаҳои ба сурогаи ман омада завҷаам буд. Албатта он мактубҳоеро мехонд, ки аз хонадон бошанд. Номаҳое, ки сирф барои ман тааллуқ мегирифтанд, ба воситае фиристонда мешуданд.

Номаҳои хотирмон аз устодам Соҳиб Табаров буданд. Эшон ҳамеша насиҳат медод ва барои баланд бардоштани сатҳи донишу савод ташвиқам менамуд. Дар ягон номаи устод ғайбату бадгӯии касе ба мушоҳида намерасид. Насиҳат ва боз ҳам насиҳат мазмуни асосии мактубҳои С.Табаровро ташкил медод. Баъзан номаҳои саросемавор навиштаамро мавриди танқиду сарзаниш қарор медод. Тарзи навишти баъзе калимаҳои русиро зикр мекард. Таъкид менамуд, ки ҳар чизи як бор навиштаамро чанд карат хонам, ислоҳ кунам ва баъд ба покат андозаму ширеш намоям. Устод худашонро мисол оварда менавиштанд, ки ӯ ҳар навиштаашро мисли С.Айнӣ чанд бор хонда таҳрир мекунад. Ҳол он ки тачрибаи чандинсолаи нависандагӣ доранд, китобҳо ба нашр расондаанд. Ҳамин чиҳатҳоро барои банда низ пешниҳод менамуд, то ки дар оянда ёд гирам.

Ҳамеша устод дар номаҳояш аспирант буданамро таъкид менамуд. Маҳз мактубҳои устод ва фармудаҳои эшон буд, ки дар мавриди Ҳошими Шоиқи Бухорой мавод ҷамъ кардам. Ба ибораи дигар, ҳама мактубҳои устод бандаро дониши тоза мебахшиданд. Бо таъкиди устод русинависиро аз русҳои ҳамкорам омӯхтам. Дар ботин ба муаллимҳои русии мактабиву донишгоҳиам лаънат мехондам, ки аз бахилӣ моёнро русии дуруст ёд намедоданд, балки бо донистани чанд калима, ё сӯҳбати русӣ кардан баҳои «аъло» мегузоштанд. Аз ин ҷост, ки ҳамеша аз Слававу Шербина ва Тарасенко тарзи навишти баъзе алфози русиро

мепурсидам. Вақтҳои холигӣ китобҳои русӣ мутолиа менамудам. Масалан, дар ҳамин замина, бистуми сентябри соли 1972 румони нависандаи қазоқ - Чекменевро бо унвони «Семиречье» ба поён расондам ва мазмунашро дар дафтари хотиротам ёддошт намудам. Баъд аз сарзанишҳои устод бештар асарҳои адибони рус ва ҷаҳонро мехондагӣ шудам.

Номаҳои дигар ба ҳамкор ва дӯстам Раҳим Мусулмонқулов тааллуқ доштанд. Дар назарам Раҳимҷон ҳам дар мактубҳои ман ғалату камбудҳои бисёри услубиву имлоиро ба мушоҳида мегирифтанд, вале ба сабаби ин ки ӯ шахси хеле фурӯтан буд, лозим намедонист, ки дӯсти дар ғарибӣ қарордоштаашро ғарибтар гардонад. Баръакс дар бораи навиҳои илму фарҳанг менавишт. Дар мавриди рӯзгори факултет ва устодон сухан мегуфт. Аз ин ки ман аз вай дур мондаам, афсӯс мехӯрд ва танҳоӣ кашиданашро иброз медошт. Мудом номаҳои Раҳимҷон бароям рӯҳи тоза, нерӯ мебахшиданд ва боиси илҳомам мешуданд. Ба гумонам, Раҳимҷон, ки борҳо аз устод С.Табаров сарзанишҳо шунидааст, мефаҳмид, ки то чӣ андоза касро сарзаниш кардан душвор аст. Ҳарчанд Раҳимҷон аз нахустин шогирди С.Табаров буд, аммо дар мавриди сухани танбеҳона гуфтан ба устодаш пайравӣ намекард. Масалан, устод С.Табаров дар ҳошияи рисолаҳои курсиву дипломӣ ва номзадӣ чунин ифодаҳоро кор мефармуд: «бесавод, бесавод ва боз ҳам бесавод, дузд, дузд, аҳмақӣ, аҳмақӣ» ва дигар калимаҳои сахттаъсир. Раҳимҷон, ки таҷрибаи бештар дошт ба чунин навиштаҳои устод одат карда буд. Вале банда, ки акнун аспиранти он кас шуда будам, ҳоло ба шунидани сарзанишҳои воқеъбинонаи устод одат накарда будам. Аз ин ҷост, ки баъд аз мактуби дувуми устодро хондан чандин соат ба андеша рафта, худ ба худ савол додам, наход суханони С.Табаров дар мавриди банда дуруст бошанд. Андеша кардам: «не, ба он дараҷа набудагист, акнун аз Донишгоҳ баромадаӣ, ҳоло корҳову саводомӯзӣ дар пеш аст». Ҳамин андеша буд, ки дигар ба устод нома нанавиштам, балки фақат ба муносибати ҷашне табрикаш мекардаму бас. Аммо торафт, ки аз андешаҳоям кор мегирифтам, ҳақ будани устод собит мегардид. Он вақт андешаам боз тасаллоям медод: «Ҳоло ин сарзанишҳо чизе нест, сабр кун, дар пеш навиштани рисолаи номзадӣ аст. Он вақт мебинӣ, ки чӣ навъ устод дар ҳошияҳои рисолаи номзадии Нозимов Барот суханҳои обдор менавиштанд. Оре, қаҳри устодро баъдтар хоҳӣ дид. Бале, андешаҳоям дуруст буданд...»

Чанд хати дигар аз Донишгоҳи Ломоносови Маскав

дӯстам Қурбон Бобоев навишта буд. Номаҳои ин бародар бештар оҳанги шӯхиомез доштанд. Гоҳе дар бораи навиҳои Тоҷикистон ва баъзе дӯстон маълумоти тоза равон менамуд. Чунонки дар дафтари аввал зикри номаш рафта буд, ӯ чанд рӯз дар кӯчаву идораҳои давлатии Маскав бандаро роҳбаладӣ намуда, хуб азоб ҳам кашида буд. Вақте ки ба Кобул ворид шудам, аввали март буд ва баъди чанд рӯз Ҷашни Наврӯз мерасид. Ба ин хотир ба суроғаи Қурбон номае сохта ва як қитъа акси рангаро, ки болояш ду сагбачае дар сабадчае менишастанд, бароям фиристондам. Хостам, ки бо он қитъаакси ранга Қурбонро бо Темур Муҳиддин, ки якҷоя дар аспирантура мехонданд, табрики наврӯзӣ намоям. Сагбачаҳо хеле зебо буданд. Якеаш хурдтар буду дигараш калонтар. Ин акс рамзе буд. Ба назари банда сагчаи калонаш Темур буду хурдаш Қурбон, зеро Темур аспиранти соли сеюм буду Қурбон соли дувум. Ин сирре буд ва гумон надоштам, ки онҳо ин рамзро мефаҳманд. Бепарво мегаштам ва аз он табрикномаи наврӯзӣ фаромӯш ҳам карда будам, ки баъди бист рӯз мактуби Қурбон ба Кобул расид. Қурбон аз гирифтани номаи банда хушҳол шуданашро таъкид дошта, баъд менависад: «Аз он рӯзе, ки ту ба Афғонистон рафтӣ ману Темур бисёр зиқ шудем. Ҳамеша дар фикри ту будем, ки ҳолат чӣ шуд. Аммо навакак номаат бо як дона аксат расид, ки моро ба дидорат ошно сохт. Хеле зебо шудай, офарин. Боз аксҳои тозаат бошад, бифирист».Мактуби Қурбонро хонда хуб хандидам ва дар ботин гуфтам, ин ду аспиранти ҷавон чанд рӯз фикр карда чунин мазмунро сохта бошанд. Оре, тири хушгӯии банда ба нишон нарасид, балки он тир боз ба сари худам хӯрд. Вақте ки рухсатӣ омадам, Қурбон диду гуфт: «Ҳа, Худойназар дигар аксҳои рангаатро равон накардӣ. Темур доим мепурсад, ки Худойназар аксҳои тозаашро равон накардааст»? Якҷоя ба завқ хандидем.

Дар Оҳанкашон будам, ки боз як номаи тозаи Қурбон омад. Ӯ дар мактубаш аз навигариҳои илму фарҳанг навишта, баъд мавзӯи дохилшавии бародари хурдам -Мӯсоро зикр карда буд.

Гап дар ин буд, ки имсол - 1972 Мӯсо мактаби рақами 35-и Душанберо ба поён мерасонд ва ба кучо дохил шуданаш бароям номаълум буд. Чунин шуд, ки баъди аз рухсатӣ баргаштанам, дигар на аз Ҷумъа ва на аз Мӯсову дигарон хат намегирифтам. Бародарон шояд мегуфтанд, навакак дидемаш-ку. Боз чӣ лозим хат навиштан.

Номаи Қурбонро хондаму беихтиёр ҳушёр шудам. Ӯ

вобаста ба дохилшавии Мӯсо бародари дигарам Ҷумъаро айбдор менамуд. Гӯё Ҷумъа як рӯз қабл аз имтиҳони навбатӣ назди Абдукибор Гадоев, ки дар Институти тиббӣ аз фанни «Таърихи Партияи Коммунистӣ» дарс мегуфт ва тоза номзади илм ҳам шуда буд, рафта гуфтааст, ки «пагоҳ Мӯсо аз фанни физика имтиҳон хоҳад супорид». Абдукибор аз рӯи гуфтаи Ҷумъа амал карда, имтиҳонгирандаҳои физикаро огоҳ месозад, ки пагоҳ Асоев Мӯсо дар назди шумо имтиҳон месупорад. Хоҳиш, ёрдам кунед... Вале рӯзи дигараш Мӯсо аз Физика не, балки аз Химия баҳои «ғайриқаноатбахш» мегирад. Аз рӯи маълумоти Қурбон гӯё Ҷумъа аз чӣ имтиҳон супоридани Мӯсоро нодуруст ба Абдукибор гуфтааст. Воқеан, рӯзҳои рухсатиам, ки дифоъи рисолаи номзадии Абдукибор сурат гирифт, ба ӯ мавзӯи дохилшавии Мӯсоро хоҳиш намуда будам. Ӯ рад накарда буд ва ваъда ҳам дод, ки ҳатман дастгирӣ мекунад. Шояд маълумоти Қурбон дуруст бошад. Вале ба ин маълумот бовар надоштам. Гап дигар хел сурат гирифтагӣ аст. Дертар хоҳам фаҳмид, он вақте ки худи Мӯсо ё Ҷумъа нома мефиристанд. Мактуби Қурбон бароям муаммои навро тавлид кард. Акнун дар фикр задам. Ҳоли ин бача чӣ мешуда бошад. Бадбахт сесола буд, ки модарамон сари фарзанд рафт. Ҷумъа ҳоло оиладор нашудааст, ӯро кӣ нигоҳубин мекарда бошад. Мисле, ки муаммои Фотима ҳал шуду муаммои Мӯсо пайдо гардид. Андешаҳоям шабонарӯзӣ азобам медоданд.

Чӣ андешаҳое дар сарам намезаданд. Чӣ бояд кард? Дар фикри он будам, агар дохил нашуда бошад, ба аскарӣ равад беҳтар будагист, то ки ду сол аз тангдастӣ халос шавад. Аз завҷаам ҳам, ки дар Душанбе буд, хабаре нест. Шояд ӯ ягон гапи тоза дар бораи Мӯсо меорад. Андеша болои андеша. Ҳатто хоҳарам, ки навакак номаашро гирифтам дар бораи додараш чизе наменавишт. Ӯ, ки тоза ба шавҳар баромада буд, ба гумонам худашро медиду Исмоилҷонашро, фикр ҳам намекард, ки ин бародари бепаноҳашро кӣ бояд дар тарбияи худ гирад. Аноргул дар мактубаш умуман дар бораи ҳеҷ кас чизе намегӯяд. Маълум буд, ки ӯ ба мақсадаш расидааст ва барои вай дигарон вуҷуд надорад.

Ҳол он ки баъди аз рухсатӣ баргаштан нахустин номае, ки ба ватан фиристондам, ба унвони Аноргули арӯс буд. Панҷ моҳ аз он нома сипарӣ шуду акнун ҷавобаш расид. Мактуб таърихи 28-уми августро дошт. Ин таърих боз ҳам асабитарам сохт, чунки то ин рӯз тақдири имтиҳонсупории Мӯсо ҳал шуда буд. Аноргул, албатта, медонист, ки додаракаш ноком шудааст, вале чизе наменавишт. Гӯё олам

гулистон. Ҳама тинчу ором. Хайрият, касе аз наздикон намурда буд, вагарана навиштани ин хабарро низ нодида мегирифт.

Маълум мешавад, ки номаи банда дар Кӯлоб ба як Асоеваи дигар расидааст. Он духтар мактуби шахси ношиносро хонда, баъзе ҷойҳояшро ёддошт намуда, баъд ба кучое партофтааст, ки дигар пайдояш накардааст. Рӯзе дар яке аз хиёбонҳои шаҳр ҳамон духтар занеро мебинад, ки либосҳои аз тикаи ҳиндӣ дӯхташуда дар тан дорад. Баъзе лаҳзаҳо, ки аз хати банда дар хотираш будааст, духтари аз пешорӯ меомадаро маън карда «апа, шумо Аноргул ном дорен, фамилиятон Асоева аст?», гуфта савол мекунад. Он духтари пироҳани парчадор, ҳайрон шуда мегӯяд: « ҳа, ман Аноргул ном дорам. Чӣ шудааст? « Вай қиссаи номаи шахси бегонаро хонданашро ба Аноргул мегӯяд. Вақте ки Аноргул номаро талаб мекунад, гумаш кардам мегӯяд, Асоеваи дигар. Хайр, аққалан мазмуни мактуб дар хотират ҳаст?, мепурсад хоҳарам. Ӯ мегӯяд, ки «ҳа, дар ҷое навишта шуда буд, ки он кас ба сайри кӯҳ мерафтааст». Аз як мактуби калони банда ҳамин қадар мазмун дар хотираш монда будааст.

Аз ифодаи «сайри кӯҳ» Аноргулу шавҳараш хулоса мебароранд, ки «ба кӯҳ, ки рафта бошад, суроға надорад. Сабр мекунем, то ки номаи дуюмаш бирасад». Гӯё се моҳ интизор шудаанд, вале хати дувуми банда нарафтааст. Сипас қалам ба даст гирифтаанду барои банда ба ду забон - русӣ ва тоҷикӣ мактуб сохтаанд. Домод менавишт: как живёт наш тест?, яъне хусураш чӣ ҳол дорад?« Аноргул бошад, тоҷикӣ менавишт. Аз ин номаи ширу шакар ҳеҷ маъние бардошта натавонистам. Чунонки болотар гуфтам, дар бораи хешу ақрабо ягон сатр наменавиштанд.

Ҳар нома ба кас дониши тоза бояд ато кунад, мисли мактубҳои устод ва Раҳимҷон Мусулмонқулов, ки дар хотирам нигаҳ дошта хоҳанд шуд. Номаи ба ғарибӣ фиристондамешуда бояд тарзе иншо гардад, ки боиси ранҷиши хотири гиранда нашавад, балки ба вай ҳаловати маънавӣ бахшад ва дар ҷодаи ба дунё умед бастан мусоидаташ кунад. Ба назарам Раҳимҷон хеле олӣ услуби мактубро риоя менамуд. Ба ҳамин монанд, номаи ҷавобии Қурбон Раҳимови фархорӣ низ хеле ҷолиби диққат буд, ки дар дафтари аввал сари он мулоҳизаҳоямро баён карда будам.

Дар ҳамин замина, мактубҳои Ҷумъахон низ ба талабот ҷавоб дода метавонистанд. Ҳарчанд ки ҷумлаҳои бақуввату босавод камтар ба назар мехӯрданд, вале Ҷумъахон ҳеҷ гоҳ аз камбудиҳои рӯзгор наменавишт. Ҳама суханҳояш

оромона сурат мегирифтанд. Кӯшиш менамуд, ки ягон гапи тоза бошад, онро зикр кунад. Баъзан маълумоти дар дастдоштаи маро ӯ чунон мегуфт, ки гӯё ҳеҷ ҳодисае рух надодааст. Мӯсохон акнун машқи номанависӣ мекард. Нағз хонда истодаам, мегуфт ва ин барои ман муҳим буд. Фотима низ бештар дар бораи аълохониаш сухан мекард. Маълум, ки ӯ худтаърифкуниро дӯст медошт. Хайр ин одати кӯдакӣ аст, ки дар оянда ислоҳ хоҳад шуд.

Услуби мактуб воқеиятро мехоҳад. Дарозгапиро нома намепазирад. Ҳар ҳарфи номаи содиршуда бояд дорои маънии равшан бошад. Ин ҳикоятро ба хотири номаҳои баъдии дӯстону хешу ақрабо ба поён мерасонам ва узр мехоҳам, агар ба ногоҳ боиси ранҷиши хотирашон шуда бошам...

Омад-омади Торели

Торели духтури гурӯҳи маъданшиносии Шӯравӣ дар Афғонистони шоҳӣ аз гурҷиён буд. Исми хонаводагияшро Басария мегуфтанд. Барои вай дар Кобул ҳеҷ коре набуд. Аз ин рӯ роҳбарон то ки пулро ҳалол кунад, ба гурӯҳҳо маҷбуран мефиристондандаш.

Бистуми сентябр, чошт, ба воситаи ратсия огоҳ сохтанд, ки Торели омаданӣ аст. Омадани вай барои мо на ба сифати духтур, балки ҳамчун касе, ки почтаро меовард, муҳим буд. Ҳар маъмуре, ки чи аз шӯравиҳо ва чӣ аз дохилиҳо ба назди мо меомад, ҳатман рӯзномаву номаҳои гурӯҳро бо худ мегирифт. Ин амал ба ҳукми анъана даромада буд. Яъне, махсус шахсеро ба ин кор вобаста намекарданд. Масалан, рӯзҳои наздик Исматуллоҳхони омир, ки як моҳ боз бо баҳонаи Ҷашни Истиқлол дар Оҳанкашон набуд, аз Кобул омад. Маълум, ки баъди Қандаҳор ба Кобул меравад ва ба Раёсати маъдан медарояд, то ки супорише аз роҳбарони хеш бигирад. Табиист, ки роҳбарони шӯравии гурӯҳро низ зиёрат кардааст, ки ба ӯ як даста мактубҳои дар Кобул ҷамъшудаи моро медиҳанд. Хушбахтона, барои ман ҳам як нома аз завҷаам буд. Исматуллоҳхон боз ду шиша шароби сохти Қандаҳорро тӯҳфаам кард. Чанд қитъа акс ҳам тақдимам шуд. Инженерони дигари гурӯҳ низ аз дасти омири гурӯҳ мактубҳошонро гирифтанд. Як моҳ сари вазифа ҳозир набуданаш ба зудӣ аз хаёлҳо дур шуд. Зеро набудани ӯ ва омаданаш ба фоидаи мо ҳал гардид. Ба ҳамин монанд, Торелиро бетоқатона интизорӣ мекашидем, то ки аз хабарҳои тоза воқиф шавем. Барои овардани Торели

бояд касе ба Чихчарон мерафт. Ман қатъан розӣ нашудам ва гуфтам, ки фақат аз роҳбарон агар шахсе биёяд, барои пазироияш меравам. Ҳар ҳафта дар Чихчаронам. Монда шудаам аз рафтану омадан. Шербина чизе нагуфт, Слававу Вадим ҳам пофишорӣ накарданд. Ман гуфтам, ки ба Чихчарон мошин мефиристем. Торели ҳатман ба қароргоҳи Чихчаронии гурӯҳ муроҷиат мекунад. Ҳамагӣ розӣ шуданд. Аз рӯи баъзе маълумотҳо Торели рӯзи 22-юм бояд дар Оҳанкашон бошад. Ба истиқболаш Вадим Тарасенко то қароргоҳи Рахна рафтанӣ шуд. Аз омад-омади доктори шӯравӣ Ғуломнабӣ огаҳӣ ёфта, ба наздам омад, то ки Торелиро як дафъа ба қарияи Харбед барам. Он ҷо дардмандони зиёде ҳастанд, ки ба доктор эҳтиёҷ доранд. Ваъда додам, ки агар Торели биояд, ӯро огаҳ месозам. Ба асоси ин ваъда Зариф ном мардикори Харбедиро ба деҳааш равон кардам ва хатчае ҳам ба номи Ғуломнабӣ навиштам.

Бисту дуюм ҳам расид. Тарасенко субҳи козиб роҳи Рахнаро пеш гирифт, то ки Торелиро пешвоз бигираду ба Оҳанкашон биёрад. Ин рӯз ҷумъа буд. Ҳамагӣ дар хаймаҳомон машғули корҳои шахсӣ гардидем. Рӯз бегоҳ шуд, вале аз омад-омади Торели хабаре нест. Ташвиш шудем. Ҳаво торик шуд. Соатҳои нуҳи шаб Вадим пас гашт. Аммо худаш танҳо буд. Мавзӯъро пурсон шудем. Вай нақл кард, ки то соатҳои ҳафт дар Рахна интизорӣ кашидам, аммо ҷипи рафтагӣ наомад. Дигар интизор нашудаму омадам, - гуфт Тарасенко. Аҷаб саргардоние. Охир, ӯ метавонист, ки он ҷо шабро рӯз кунад. Мошин, ки наомадааст, яъне Торели ба Чихчарон ҳозир нашудааст. Пас, Торели 23-юм дар Чихчарон хоҳад шуд ва то бегоҳ ба Рахна меомад. Вадим гуфт, ки дар он ҷо шароити хоб набуд. Рост мегуфт. Бистараашро набурда буд. Дигар ин ки Вадим хеле олуфта мегашт. Ҳар рӯз либосашро иваз мекард. Ду рӯз баъд бистар ва рахти хобашро офтоб медод. Ман ҳам, ки мебудам дар Рахна миёни ронандаву анборчиҳо хоб намерафтам. Он ҷо пур аз шабушу кайк буд.

Субҳи 23-юм ба воситаи ратсия ба Пасобанд дар тамос шудем. Шербина пурсид, ки Торели кучо шуд? Ин ҷо интизораш ҳастем, аммо омад-омадаш ҳасту худаш нест. Аз Пасобанд ҷавоб доданд, ки Торели субҳ соати ҳафт ба тарафи Чихчарон ҳаракат кард. Онҳо хоҳиш намуданд, ки Торелиро ягон кас пешвоз гирад. Дигар илоҷ набуд. Аспро зин задаму туфангро ба китф андохтаму сарозер шудам. Бояд ба Рахна мерафтам, зеро раҳи бисткилометра хатар ҳам дошт.

Бо шитоб мерафтам, ки дар наздикиҳои Рахна Торели

бо ду ронандаи гурӯҳ болоӣ меомаданд. Ман, ки дар либоси пулисӣ будам, туфанги хориҷӣ доштам ва ришу мӯйлаб ҳам ба кӯчиҳову роҳзанҳо шабеҳам сохта буд, аз дур «Торели, руки верх», гуфтам. Ӯ айнакашҳояшро қариб ки аз чашмон афтонда буд, маро дида шинохту « слушай Назар, так не шутят»; маро тарсондӣ, гуфт. Гумон кардааст, ки дар рӯ ба рӯяш ягон роҳзани русидон қарор дорад. Ронандаҳо ба завқ механдиданд. Якеаш гуфт: «валлоҳ, тарҷумон соҳиб, ҳеҷ ба шӯравӣ монанд нестӣ. Мо ҳам дар аввал гумон кардем, ки ба чанги роҳзанҳо гирифтор шудем».

Торели хуш шуд, ки одами худӣ пешвозаш гирифт ва то Оҳанкашон бе ташвиш меравад. Доктор хеле хушсӯҳбат буд. Кадом гурҷӣ чақ-чақӣ нест? Аз туфанги ман хушаш омад. Торели дигар парвои дардмандон надошт, балки дар фикри шикор буд.

Сӯҳбаткунон бо Торели соатҳои ёздаҳи рӯз ба қароргоҳамон ҳозир шудем. Ба ҳамкоронам, гуфтам, шумоён бе ман чӣ мекунед? Як касатро барои истиқбол фиристондем, вале бо дасти холӣ омад. Вадим тасдиқ намуда, гуфт: «Ты прав, Назар, мы без тебя никто» (Оре, ту ҳақ ҳастӣ, мо бе ту ҳеҷем). Торели ба ҳамагон вохӯрдӣ карда, сӯи ман ишора намуда, пурсид: шумо аз ин қавора наметарсед. Ӯ, қариб ки талхакафам кард. Слава, ки аллакай дар дасташ чанд номаро медошт, «бале, гуфт: ин хел тарҷумонро кофтан даркор. Мо бо Назар бошем, ҳеҷ гуна проблем пайдо намешавад». Нони чоштро Абдулмуҳаммади ошпаз тайёр карда буд. Торели як шиша спирти тозаро болои миз гузошт. Андаке гулуҳоро тар кардем. Торели дигар тоқати коре надошт. Мехост, ки ҳарчи зудтар ба шикор барояд. Туфангро бо чанд картус ба меҳмони гурҷӣ додам. Слава ҳам бо вай ҳамроҳ шудан хост. Ман майли бо онон рафтан надоштам. Фақат самтеро нишоншон додам ва гуфтам, соатҳои чор кабкҳо барои об нӯшидан мефароянд. Даҳ-понздаҳ дона кабкро бечон кунеду дигараша барои рӯзҳои дигар дар шакли зинда захира монед, ки гӯшти гӯсфандамон тамом шудан дорад. Тарасенко ҳам бо онҳо рафт. Мебинам, ки се кас бо як туфанг чӣ кор мекунанд. Бегоҳӣ бо як кабки захмӣ баргаштанд. Азбаски он ба як қаноташ тир хӯрда буду азоб мекашид, ошпазро фармудам, ки ҳалолаш кунад ва Торелиро ба шикори худаш зиёфат кунад.

Ҳамин бегоҳ буд, ки Ғуломнабӣ ба назди мо омада, бо Торели шинос шуд. Ба ӯ чанд дона таблетка дод, ки хурсандиаш ҳадду канор надошт. Торели ваъда дод, ки фардо ба қарияи вай меравад. Арбоб «ба чашм», гуфту

худоҳофизӣ намуд. Торели рӯзи 24-ум баъди Тарасенко ва Гришинро сӯзани холера задан чанд нафар аз дохилиҳоро ба ҳузураш пазируфт ва ба дардашон гӯё даво шуд. Ҳангоми қабули онҳо ман тарҷумонӣ кардам. Баъд аз кори расмӣ Торели ва Гришин боз ба шикор баромаданд. Ин дафъа бо се тир як кабк оварданд. Аз қисми бегоҳӣ фурсат ёфта, ба номаҳои хонумаму дӯстам Қурбон ва хоҳарам ҷавоб навиштам. Мехостам, ки Торели мактубҳоро ба Кобул барад, то ки ба Тоҷикистон фиристонда шаванд.

Рӯзҳое, ки Торели дар меҳмонии мо буд, барномаи корӣ дар Оҳанкашон ба поён расид. 26-уми сентябр ба деҳаи Рахна бояд мекӯчидем. Аз кӯҳпораҳо ба ҳамворӣ мефаромадем. Аммо дар деҳаҳои Харбед ва Оби Гарм чанд рӯз бошандагон омад-омади Торелиро интизорӣ мекашиданд. Ба ин хотир ману Торели ва Абдуллоҳ ба ин деҳаҳо рахти сафар бастем. Ин рӯзи охирини дар Оҳанкашон будани банда ҳам ҳисоб меёфт. Шӯравиҳо анҷомҳои маро ҳам ба Рахна интиқол хоҳанд дод, зеро дигар ба Оҳанкашон барнамегаштам.

Инак, 25-уми сентябр, мо се кас ба роҳ баромадем. Торелии гурҷиро аз ин минтақа хеле хушаш омада буд. Шабе барояш нақл намудам, ки роҳе аст, ки касро сӯи деҳаи Орти Дилшод мебарад. Ҷолибии ин роҳ дар он аст, ки дар як ҷой туннели сунъӣ ба вуҷуд омадааст. Он туннел як сурохии калонро мемонд. Аз он аспу маркаб ва уштур гузашта метавонанд. Аммо вақти убур хатар пайдо мешавад. Ба ногаҳ асп ё одам ба девори он бархӯрад, чашма шуда, ба дарё ғарқ шуданаш мумкин буд. Мисле ки Торелиро худо дод. Ду пой дар як мӯза гузошту тавалло намуд, ки ӯро маҳз аз ҳамин роҳ бубарем. Абдуллоҳ, ки аз гузаштани он сурохӣ метарсид, хоҳиш кард, ки ӯро аз он роҳ набарам. Аз ин рӯ, ба ӯ гуфтам, ки ба роҳи асосӣ рафта ягон одамро аз Орти Дилшод гирифта, аз он сӯи туннел моро интизор шав. Мақсад ин буд, ки онҳо аз суроҳӣ аспҳои моро гузаронанд. Ману Торели роҳи тунелро пеш гирифтем. Дар ин сӯи сӯрох хеле интизорӣ кашидем, аммо аз Абдуллоҳ дарак нашуд. Торели он сӯрохро тамошо кард. Он туннели табиӣ буд, ба ин маънӣ, ки касе онро шикоф накарда, балки бо мурури замон об зада-зада сӯрохиро ба вуҷуд овардааст. Гузаштан аз он сурохӣ барои аспи ман ҳеҷ даҳшате намеовард, зеро борҳо бо соҳибаш онро убур карда буд. Аспи Торелиро ман аз лаҷомаш кашаккунон ба он тарафи сӯрох баровардам. Аз тарс чашмони асп мисле ки аз косахонаи сараш зада мебаромад. Торели чанд аксе аз ин манзара бардошт. Хӯроки

роҳ доштем. Нон ва гӯшти обпази кабк буд. Бо Торели лаби чашмаи кӯҳие нишастему бо иштиҳо нони чошт хӯрдем. Ба амали Торели ва чеҳраи ӯ назар меандӯхтаму бовар мекардам, ки ӯ «бачаи кӯҳ» буд. Тамошокунон соатҳои се ба қарияи Харбед расидем. Ғуломнабӣ интизори мо буд. Аввалан, дар косаҳо шӯрбои гӯсфанд овард. Баъди каме қомат рост кардан, роҳамонро идома додем, то ки ба деҳаи Оби Гарм бирасем. Ба қария нарасида, сари роҳ Мирзоалаёрро дидем, ки ба шикори кабк машғул буд.

Ин сеюм бор аст, ки дар ҳавлии арбоб меҳмон мешудам. Имшаб ҳам дар хонаи ӯ хоҳем монд. Арбоб аз кабкҳои ҳалол кардааш моро меҳмонӣ кард. Ғизоро хуб ҳам пухта буд. Торели мехӯрду таъриф мекард. Хоби шабам чандон бароҳат нагузашта бошад ҳам, ба хотири меҳмони гурӯҳӣ шикояте надоштам. Торели ҳам аз рӯи одати гурӯҳиаш чизе намегуфт, баръакс лоф мезад, ки хеле бароҳат хобаш бурдааст, гӯё дар гӯшае аз Гурҷистон истироҳат кардааст.

Субҳ барвақт аз хоб баланд шудем. Ношто кардем. Баъдан Торели ба қабули маризону дардмандон оғоз намуд. Духтараке, ки панҷааш захмӣ шуда буд, ба назди духтур омад. Торели дасташро ба сӯи ӯ мебурд, то ки захмашро мушоҳида кунад, аммо духтар дасташро мекашид, намехост шахси бегонае захми онро бубинад. Торели хира шуд, ба ӯ мефаҳмонд, ки ман духтур ҳастам, бояд аз наздик бубинам, ки чӣ захмест? Бо азобе захми духтарро дид, ки аллакай хушк шудан дошт. Торели фаҳмонд, ки худаш сиҳат мешавад, ба давое зарурат надорад. Духтарак он сӯтар рафту ба падараш, ки бародари Мирзоалаёр - Абдулҳаким буд, гуфт: «Оқо, о ин доктар ҳам набудааст-ку!»

Бояд гуфт, ки бисёре аз ҳоҷатафтодагон ба даво эҳтиёҷ доштанд. Вале Торели барои он наомада буд, ки касалмандони қарияҳои Оҳанкашонро муолиҷа намояд. Торели нахост, ки хоҳиши арбобро дар замин монад. Гузашта аз ин, арбобҳо ҳам бо ин амал бошандагонашонро гуфтанӣ мешуданд, ки дидед, мо чӣ навъ ғами шуморо мехӯрем. Ҳатто доктори шӯравиро даъват намудем, ки дарди шуморо муоина кунад. Бошандагони ин деҳаҳо, ки бандаро мешинохтанд, бештар аз ман хоҳиш менамуданд, ки ба дарди онҳо даво шавам. Ман ҳам монанди вузарои Афғонистони шоҳӣ ваъдашон медодам, ки дар оянда доктарро ҳатман бо як халта даво ба наздатон мефиристам. Касалҳошон, асосан, захм, пӯчак, синадард ва ғайра буд, ки барои инҳо Торели ҳеҷ давоие надошт. Акнун андаке ба қафо баргашта, шаби хонаи Мирзоалаёрро ба хотир биоварам, ки дар ҳузури

меҳмони гурҷӣ чӣ сӯҳбате сурат гирифт.

Дар гуруҳи мо як афғони ғурбандӣ ба сифати устои кӯҳкафон кор мекард. Ӯ зан надошт ва ният карда буд, ки аз Рахна, ки занону духтарони бесоҳиби зиёде он ҷо зиндагӣ доштанд, ягонтоашро зан кунад. Ба ақидаи ғурбандӣ агар зан шавҳармурда бошад беҳтар буд. Чунин зан пайдо шудааст. Хеле зебопайкар ҳам будааст. Овозаи зангирии ғурбандӣ тамоми минтақаи Оҳанкашонро пахш мекунад. Бонувон ҳар ҷо ки менишастанд қиссаи ба шавҳарбароии он занро оғоз менамоянд. Чунин мешавад, ки ҳодисаи зангирии он мард ба қисса табдил меёбад. Қисса, ки шуд, дар атрофи он ҳар кас бофтаҳои худашро илова мекунад. Гӯё он марди зангир ном надоштааст. Бошандагон мехоҳанд, ки исми марди зангирро муайян созанд. Ба ин мақсад ҳар хел тахминҳо дар мавриди мардҳои гурӯҳ сурат мегирад. Аввалан бошандагон гумон мебаранд, ки он марди зангир омири гурӯҳ Исматуллоҳхон аст. Баъди чанд рӯз овозаро дигар сӯ кашола медоранд. Ҳа, мегӯянд он духтари шавҳармурдаро тарҷумони гурӯҳ зан мекардааст. Сипас овоза паҳн шуд, ки он бевазанро ҳарҷо бошад, Абдуллоҳ ба занӣ мегирад. Тавре ки дида мешавад, мавзӯи зангирии он кӯҳкафон ҷиддӣ мешавад. Тааҷҷубовар он овозае буд, ки ба банда иртибот мегирифт. Охир, ман шӯравӣ ҳастам, чаро чунин овозаро дар мавриди банда раво дидед. Боз мегуфтанд, ки охир, онҳо гумон доранд, ки ту ҳам афғон ҳастӣ. Ба онҳо мефаҳмондам, ки ҳар қиссае, ки сохтанӣ мешавед, бандаро ба он дохил насозед, ки хуб намешавад. Мо ин ҷо фақат барои хидмат омадаем ва нияти зан кардан надорем. Агар роҳбарони сафорат огаҳ шаванд, чӣ хоҳанд гуфт. Воқеан, бошандагони қариячоти Оҳанкашон ҳамагӣ маро ҳамчун инженери дохилӣ мешинохтанд. Хайр, пур буд ҷавонони дохилие, ки дар Шӯравӣ таҳсили тахассус дида, русӣ медонистанд. Дигар ин ки қавораи ман сирф афғонӣ шуда буд.Ба дохилиҳои гурӯҳ рӯзе гуфтам: зангир киву киҳо азияташа мекашанд. Исматуллоҳхон кр-кр хандида, «хо, Худойназархон, пушти ин гапо нагарден, ин як навъ соттирист, дига. Дар ин се моҳ пушти хонумҳошон диқ шуданд. Аз ин лиҳоз ҳар рақам гапа мебофанд». Ман медонистам, ки зангир кист, рӯзе ба наздаш омада гуфтам: «Ой, Аҷабгули ганс(гаранг) тезтар он бевазанро тӯй куну моёнро аз қиссасозиҳо холос намо». «Хуб тарҷумон соҳиб, ин як қиссае буд, дига, воқеият ку надора. Ба ин бачаҳо чи бугум, диқ шуданд, дига». Ин қиссаи бофта ба Торели хеле хуш омаду гуфт: «Назар, ҳоло ки Кобул рафтам қиссаи

зангириатро ба хонумат мегӯям, баъд мебинӣ, ки чи мешавад». Ой, гурчӣ, гуфтам, ба ин хел қиссаҳои бофта шӯхӣ кардан лозим нест. Ман ҳам метавонам, ки ба ин қисса номи туро ҳам дохил кунам, ту ҳам чеҳраи афғонӣ дорӣ-ку. Не,не, хоҳиш мекунам, маро ба сужаи ин қисса дохил накун, ки зани ман девона аст, зуд бовар мекунад, ҳа, мегӯяд ин як моҳ, ки гум будӣ пушти зани нав гаштӣ, магар? Бо шунидани тарҷумаи суханҳои Торели ҳама ҳозирини меҳмонхона дуру дароз хандиданд...

Тавре ки гуфтам, Торели «бачаи кӯҳ» буд ва ин ҳунарашро дар деҳаи Оби Гарм исбот кард. Субҳ Торели аз хоб хесту як ба кӯҳҳои сарбафалак назар андохт ва бевосита кӯҳҳои Кафкозро ба хотир оварду нияти кӯҳбарӣ намуд. Ман ҳам андаке роҳ бо ӯ боло шудам, вале дигар натавонистам. Дилам ҳаво гирифт. Аммо Торели фоттоапшарат дар гардан мисли бузи кӯҳӣ боло мешуд. Дар поён мардони зиёде ҷамъ омада, дастҳоро ба пешонӣ айвон сохта, кӯҳбароии Торелии гурҷиро тамошо мекарданд ва аҳсан мехонданд. Ман бошам дар тарс будам, ки баногаҳ чаппа нашавад. Он вақт дар бало гирифтор шуданам мумкин буд. Аз ин рӯ, Торелиро садо мезадам, ки ой, гурҷии якрав, кифоя аст, поён шав, ки дерамон мешавад. Вале, ӯ ҳамоно боло мерафт. Аз назарҳо ғайб зад. Замоне дидем, ки аз сари баландие поёнро аккосӣ менамуд.

Ба ҳамин тариқ, омад-омади Торели боз чанд қарияи дигарро низ фаро гирифт. Аз деҳаи Оби Гарм, ки ба самти Рахна меомадем, аллакай қарияҳои сари роҳамон аз омад-омади Торели иттилоъ доштанд, ки духтаракону навҷавонон бо овози баланд: «доктари шӯравӣ омад, доктари шӯравӣ омад», мегуфтанд. Ман ба онҳо мефаҳмондам, ки «чӯчаҳои нозанин, худо маризтон насоза. Афсӯс ки доктари шӯравӣ шитоб дора ва ҳам бо худ ҳеҷ навъ даво надора, монен ки брава, вақти дига боз меоя». Торели гумон дошт, ки бошандагони деҳаҳо ба истиқболаш баромадаанд, ба ин хотир, фақат сар мечунбонд ва даст боло мекард. Бо ҳамин рӯҳия, сафари Торели дар қарияи Рахна ба поён расид. Рӯзи дигараш ба ҷониби Чихчарону Кобул гуселаш намудам. Бо вуҷуди ин, то чанде дар мавриди омад-омади Торели миёни дохилиҳо сӯҳбатҳо идома ёфт.

Қарияи Рахна

Мафҳуми Рахна нисбат ба қария васеътар аст.

Метавон онро ба маънои мавзеъ истифода бурд. Рахна бештар ҳамчун дарё маъруфият дорад. Дарё гуфтани Рахна андаке касро ба муболиға кашола кунад ҳам, ҷараёни он тӯлонӣ мебошад. Агар оғози ин дарёчаро ба қарияи Рахнаву Даҳана иртибот бидиҳем, пас ҷараёни он қад-қади қаторкӯҳҳои Оҳанкашон ба даҳо километр дарозӣ рӯ ба поён дорад. Оби он аз ҳисоби чашмаҳо ва обҳоеанд, ки аз қаторкӯҳҳо поён шуда, чӯйи бузурги Рахнаро ташкил додаанд. Ҳамчун қария чанд хонае ба назар мерасид, ки ба ғайр аз чанд зани бевамонда дигар бошанда надорад. Он ҷо, ки қароргоҳи мо ҷойгир буд, як дашти майсазореро мемонд. Умуман, соҳилҳои дарёчаи Рахна сарсабз мебошанд. Гузашта аз ин, Рахна як номи муайян надорад. Он аз байни ҳар деҳае, ки гузарад, бошандагон номи онро бо номи деҳаи хеш мегиранд. Масалан, дарёи Даҳана, дарёи Харбед, дарёи Оби Гарм, дарёи Орти Дилшод ва ғайра. Бо ин тарз бошандагони ҳар деҳа бо дарё доштани худ ифтихор мекарданд.

Дарёи Рахна сермоҳӣ аст. Асосан бештар ширмоҳӣ дорад. Мардум аз оби он барои гандумзорҳояшон истифода мекарданд. Аз оби чашма бошад чою ғизо мепазанд. Ба назари бошандагон оби Рахнаро нӯшидан зараровар аст. Гӯё моҳӣ доштани он боиси заҳролуд шудани он об мешудааст. Хеле тааҷҷубовар буд, ки мардуми деҳаҳои номбурда аз бенонӣ азоб доштанд, вале аз гӯшти моҳӣ истифода намекарданд. Чанд рӯзе, ки мо дар ин минтақа будем, кам-кам моҳихӯриро ба таҳҷоиҳо ёд додем. Мо, асосан бо чангак моҳӣ медоштем, мисли пулиси Чихчарон патоқӣ истифода намекардем, вале дар як соат сатил-сатил моҳӣ медоштем. Аз он барои худамон ду-се кило мегирифтему дигарашро ба бошандагони деҳаҳо тақсим мекардем. Оҳиста-оҳиста онҳо ба моҳидорӣ майл пайдо карданд.

Мавзеи Рахна, ки дар пастӣ ҷойгир буд ва нисбат ба Оҳанкашон гармтар менамуд, пашшаи бисёр дошт. Фақат вазиши бод моро аз пашшаҳои газанда наҷот медод. Бодҳои ин ҷо ба ду самт мевазиданд. Субҳ аз ҷониби шарқ ва аз тарафи бегоҳ аз самти ғарб. Одатан, бодаш аз соати шаши субҳ шурӯъ шуда, то соатҳои ёздаҳи рӯз идома меёфт. Боз чошт оғоз мегирифт ва то соати ҳашти бегоҳ давом мекард. Дар Рахна дарахти бед зиёд аст, он ҳам бештар дар соҳили дарёча ба мушоҳида мерасад. Манзараи табиаташ зебо нест. Дар баландиҳояш дарахти тут месабзад. Мевачоту сабзавот надорад. Аз тарафи шаб боду ҳавояш тағйир меёбад. Кас сардӣ эҳсос мекунад. Шаббода дорад.

Баъди аз Оҳанкашон ба соҳили Рахна фаромадан, мо хостем, ки қароргоҳамонро аз ин қария, ки дохилиҳо он ҷо хайма зада буданд, ба самти Чихчарон болотар интихоб намоем. Ба ин хотир, аввалан чашмаеро бояд пайдо мекардем. Бо Шербина ду соат ба чашмакобӣ машғул шудем. Дар натиҷа чашмаи сероберо пайдо намудем. Онро тоза кардем. Обаш мусафо ва хеле ширин буд. Ба оби маъданӣ шабеҳият дошт. Обаш на ғафс балки нарм ба назар мерасид. Ба маъданӣ буданаш аз он фаҳмидам, ки агар дар шиками холӣ нӯшед, меъдаро ба ҳаракат медароварда. Он ҷо, ки чашма ҳаст, бояд қарияе вуҷуд дошта бошад. Аммо деҳаеро дар ин наздикиҳо намедидем. Фақат болотар аз чашма ба масофаи 50-60 метр ду девори на чандон баланде намоён буд. Ман аз баъзе роҳгузарони минтақа пурсидам, ки ин ҷо, ки чашмаи серобе ҳаст, чаро қария нест. Онҳо гуфтанд, ки ин ҷо замоне деҳа мавҷуд буд ва номашро Деволак (Деворак) мегуфтанд. Пас, гуфтам, кӯҷост он Деволак? Онон гуфтанд, ки ҳоло қария аз байн рафта, вале деворакҳояш монда. Маълум шуд, ки қария бо номи он ду деворак ёд мешудааст. Яъне қароргоҳи нави мо дар деҳаи Деволак ҷой гирифт. Ин ҷо чанд муддат корҳои ҷӯяндагиро идома додан зарур буд. Акнун аз бегӯштӣ чандон камбуд надоштем, зеро моҳӣ фаровон буд. Барои русҳо моҳӣ беҳтарин гӯшт ҳисоб меёфт. Агар дар Оҳанкашон камбудии гӯшти гӯсфандро гӯшти кабк мепӯшонд, ин ҷо моҳӣ буд. Аммо гӯшти моҳӣ барои мо аз як ҷиҳат қимат метофт. Ошпазамон ғолмағол мебардошт, ки «тарҷумон соҳиб, ин моҳитон ҳама равғани мара хӯрд». Дар ҳақиқат, барои бирён кардани гӯшти моҳӣ равған бисёр масраф мешуд.

Ошпазро ором карда мегуфтам, «хайр аст, дига шӯрбои «уха» мепазӣ». Ӯ «уха»-ро нафаҳмида, «боз ухаш чӣ рақам шӯрбост», мегуфт. Барояш шарҳ медодам: ухаш, яъне гӯшти моҳиро дар об ҷӯш метӣ, чанд кулча пиёзро ба он майда карда меандозӣ, каме намак ҳам ба кор аст ва халос, ухашӯрбо тайёр меша ва мебарӣ назди шӯравиҳо мемонӣ. Онҳо бо хӯрдани уха, фақат ба ту ташаккур мегану бас. О, Абдулмуҳаммади гӯл, мегуфтам, ту мефаҳмӣ ки русҳо хомшӯрбо надоранд, балки ухашӯрбо доранд». Ошпаз бо диққат суханҳои бандаро гӯш медоду баъд нимхандае карда, мегуфт: « Тарҷумон соҳиб, ту валлоҳ мара мазоқ мекунӣ». Ин ошпаз хеле марди ачиб буд. Қавораи сурх, мӯйсари сурх ва чашмони кабуд дошт. Мегуфтамаш : «валлоҳ, ту бесабаб бо олмониҳо кор намекардаӣ. Бубин ҳам сурх ҳастӣ ва ҳам кабуд. Ин ҷиҳатҳо ба ориёиҳо хос мебошад». «На хайр,

тарҷумон соҳиб», ма олмонӣ нестум, ма мусулмон ҳастум, охир уно кофиран дига», мегуфт Абдулмуҳаммади мо, ки соли дуюм аст барои шӯравиҳои гурӯҳ ғизо мепазад.

Бо вуҷуди ин ки моҳӣ доштем, он нафаре, ки чанд рӯз қабл барои овардани гӯсфанди ваъдагӣ ба деҳаи Оби Гарм рафта буд, бо гӯсфанди сергӯшту серравғане ба қароргоҳи Деволак ҳозир шуд. Ошпазамон гӯсфандро пешвоз гирифт ва гуфт: «Хуб шуд, ки аз моҳипазӣ халосам карден». Аслан, ошпаз моҳипазиро дӯст намедошт. Намедонам чаро. Вале тахмин мекардам, ки моҳипазӣ кори бисёртареро талаб мекард. Онро аввалан поку тоза менамуд, баъд ба он намаку сир ва орд мезад, сипас порча-порча дар тоба бирён мекард ва аз пеши он дур намерафт, чунки ҳар лаҳза онро рӯйгардан карданаш лозим меомад. Ба иборае афғонҳо моҳипазӣ барои ошпаз таклиф меовард, заҳмати зиёд меовард. Албатта, Абдулмуҳаммад ин душвориҳоро нагуфта, танҳо равғанро бисёр хӯрдани моҳиро таъкид менамуд. Аммо гӯшти гӯсфанд чӣ? Як килоашро ба дег мепартофту баъзан онро шӯр медод. Албатта, барои ошпаз гӯшти гӯсфанд пухтан осонтар буд. Аз дигар сӯ, ҳар рӯз гӯшти моҳӣ ҳам хӯрда намешуд. Дар дили кас мезанад. Ман чандон хӯрдани моҳиро хуш надоштам, вале илочи дигаре набуд. Дар бегӯштӣ моҳӣ ҳам гӯшт буд. Гӯшти моҳӣ моҳ ба моҳ гуфтаанд, лекин ҳафтае як бор ҳам хӯрдани моҳӣ ҳаловат мебахшид. Қароргоҳи нави мо низ бо ширмоҳиҳояш аз Оҳанкашон фарқ мекард. Ба шӯравиҳо ин моҳӣ лаззат набахшид, ки дирӯз - 28-уми сентябр роҳи Чихчаронро пеш гирифтанд, то ки гулмоҳӣ шикор кунанд. Ман нарафтам. Исматуллоҳхонро хоҳиш намудам, то ки ононро роҳбаладӣ кунад. Банда бо андешаҳоям дар Деволак мондам. Акнун мехостам рӯзе бе русҳо истироҳат кунам, ки арбоби деҳаи Чамбарак — Маҳмудхон бо мӯйсафеди ҳафтодсолае меҳмонам шуданд. Онҳо асосан ба Абдуллоҳ кор доштанд, аммо чӣ будани мавзӯъро аз банда пинҳон накарданд. Маҳмудхон қисса кард, ки Абдуллоҳ духтари ин ришсафедро зан кардаӣ аст. Ин ҳолат Ғуломсахӣ ҳам пайдо шуд, оне, ки туфангаш пеши банда буд.

Маҳмудхону мӯйсафед бо Абдуллоҳ қисса оғоз карданду ману Ғуломсахӣ роҳи қарияи Сиёҳкӯҳро пеш гирифтем. То он деҳа роҳи мошин мавҷуд буд. Аз ин рӯ, Сарвари ронандаро бо мошинаш ба кор омода намудам. Ғуломсахӣ рӯзҳои наздик ба аскарӣ даъват шуда буд ва мехост, ки бо ҳамшираш, ки дар ин деҳа мезист, худоҳофизӣ кунад. Ҳамшираи Ғуломсахӣ моро бо чою нону чормағз

меҳмондорӣ кард. Аскаршавандаро назди хоҳараш мондаму худ бо Сарвар ба Деволак пас гаштам. Ҳеҷ нафаҳмидам, ки Ғуломсахӣ маро ба чӣ максад ба деҳаи Сиёҳкӯҳ бурд. Ба гумонам мехост, ки бошандагони деҳаи хоҳараш бубинанд, ки ӯ бо мошини чип омадааст. Дигар тахминеро кашф карда наметавонам. Ҳамин буд чанд мушоҳидаҳои банда, ки вобаста ба қарияи Рахна гуфта шуданд.

Исматуллоҳхони қандаҳорӣ...

Кайҳо мехоҳам, ки дар бораи ин шахс чизе бинависам, аммо масъалаи шинохти дурусте надоштан аз ӯ, садди роҳам мешуд. Як солу ҳафт моҳ аст, ки мо дар як гурӯҳ ифои вазифа дорем. Ман тарҷумони вай ва саринженери русӣ ҳисоб меёфтам. Аз нахустин соатҳои шиносшавӣ мо ба якдигар унс гирифтем. Исматуллоҳхон, воқеан ҳам маро эҳтиром мекард, шояд бештар барои он буд, ки қиблагоҳаш исми Худойназархонро дошт. Баъзан мегуфт, ки ман барои вай ҳар амре диҳам иҷро хоҳад кард, зеро ҳукми қиблагоҳӣ доштаам.

Исматуллоҳхон аз ашрофзодагони Қандаҳор буд. Дар зодгоҳаш замини биёре дошт. Боғоти ангуру анор ҳам дар ихтиёраш буд. Яъне ӯ яке аз сарватмандони Қандаҳор маҳсуб мегардид. Мумсикӣ надошт. Шахси дилсофе буд. Ҳеҷ гоҳ баланд сӯҳбат намекард. Бисёр бошитоб гап мезад. Одатан, паштунҳо тез-тез гап мезаданд. Ҳамин чиҳат ба тарзи суханронии форсии Исматуллоҳхон таъсир гузошта буд. Форсиро хуб медонист, ҳарчанд ки дар гуфтораш оҳанги пашту ба мушоҳида мерасид.

Мавсуф хатмкардаи донишкадаи гиюлучии Донишгоҳи Кобул буд. Дар кадом кишвари хориҷие тахассусашро баланд бардоштааст. Дар Раёсати маъдан мақоми инженериро соҳиб буд. Инженер Исматуллоҳхонаш садо мекарданд. Нисбат ба русҳо бадбиниаш эҳсос мешуд. Америкоиҳову олмониҳоро мепазируфт. Тоҷикони шӯравиро хуш дошт. Роҳбари воқеъбине буд. Қавораи паштуӣ дошта, марди зебое буд. Агар аз русҳои мо касе ба ӯ гапе ёд медод, қабул менамуд, ба шарте ки ҳақ бошад ва агар фаҳмад, ки шӯравӣ ноҳақ аст, дар рӯяш ноҳақиашро мезад. Истиҳола намекард.

Рӯзе, ки ҳамкорони шӯравии гурӯҳ майли ба Чихчарон рафтан карданд, Исматуллоҳхон низ розӣ шуд, ки бо онҳо бошад. Аммо субҳи рафтанашон хоҳиши рафтан накард, балки бо ман дар Деволак монд. Ман он лаҳза чандон пай набурдам, ки чаро шаб ваъда доду акнун аз райъаш гашт.

Рӯзи ҷумъа ҳам буд. Гӯсфанди обигармӣ мечарид. Ошпазро фармудам, ки гӯсфандро қассобӣ карда, дилу чигарашро барои ду кас пазад, зеро омири гурӯҳ Исматуллоҳхонро даъват доданиам. Ошпаз хуш шуд, ки омирашон меҳмон мешавад, дар байни як-ду соат ҳама корҳои меҳмондориро иҷро намуд. Соат 12-и рӯз шуд. Исматуллоҳхонро бо камоли майл ба хаймаам даъват кардам. Гӯё, ки ин лаҳзаро интизорӣ мекашид, «ба чашм, гуфт, тарҷумон соҳиб». Аммо илова намуд: «Худойназархон, ин кортон хуб нест, барои ман айб аст. Охир шумо меҳмони Афғонистон астед, ман бояд шуморо даъват бидиҳам». «Хайр аст, гуфтам, имрӯз писару падар бояд сӯҳбати хосае дошта бошанд». Ин лутф хеле маъқулаш шуду ба зудӣ омад. Сари сандалӣ нишаст ва болои миз назар дӯхту изҳор кард: «тарҷумон соҳиб, аз оби бутал чизе мондааст ё на». Ҷавоб додам, ки «валлоҳ, ягон қатра ҳам намондааст, кулуша нӯшидаанд». Оби бутал шаробро дар назар дошт, ки дар ҳақиқат надоштем. Ӯ аз ҷой бархест ва рафт тарафи хаймаи хеш. Чанд лаҳза баъд як бутал шаробро оварда болои дастархон гузошт.

Нони чошт хеле болаззат пухта шуда буд. Мо як қадаҳӣ барои муносибатҳои дӯстонаи Афғонистону Шӯравӣ нӯшидем. Шароб ба зудӣ ба мағзи Исматуллоҳхон зад. Чеҳрааш суп-сурх шуд. Сӯҳбатамон рӯ ба гармӣ меовард. Боз ду-се қадаҳи дигар бардошт, ки ба тамом қаворааш тағйир кард. Бо вуҷуди ин, диплумосона сухан мекард, то ки ба нафси банда нарасад. Сипас сӯҳбаташ ранги озоду ошкорро гирифт. Исматуллоҳхон бевосита дар бораи корҳои гиюлуҷии шӯравиҳо дар кишвараш ҳарфҳо мезад. Аз таҳлилҳояш пай бурдам, ки ӯ ба фаъолияти баъзе аз кормандони шӯравӣ розӣ нест. Ба ақидаи эшон қисме аз моён сидқан кор намекунем, балки фиреб медиҳем, вақтамонро беҳуда мегузаронем. Масалан, як инженери русро мисол овард, ки Рудин ном дошт. Дар кадом гурӯҳе вазифаи техникро, яъне шахсеро, ки аз ҷойҳои маълумшуда намуна мегирад, адо менамудааст. Исматуллоҳхон низ дар ҳамон гурӯҳ ҳамкорӣ доштааст. Ҳамин Рудин чанд тан муздури афғониро бо худ гирифта барои намунагирӣ ба масофаҳо мерафтаасту болопӯши пахтагиро зери сар монда, худ ба хоб мепардохтаасту афғонҳои ғайримутахассисӣ аз рӯи фаҳмиши худ намуна мегирифтаанд. Ба ибораи дигар, Рудин ба онҳо мефармудааст: «Ҳо ту аз он кӯҳҳо рафта намунаи хок бигир».

Сарфи назар аз ин, Исматуллоҳхон бисёре аз инженерони моро таъриф мекард. Ин ақидаи Исматуллоҳхон

бандаро ба андеша бурд ва воқеият доштани чунин ҳолатҳоро дар таҷрибаи корӣ беш аз яксолаам пеши назар овардам ва дар ботин эроди Исматуллоҳхонро тасдиқ намудам. Ман ҳам дар мисоли маъданшиносони гурӯҳи хеш медидам, ки онҳо баъзан рӯзе аз ду соат беш кор намекарданд. Тасаввур кунед, ки соати 8 аз хоб баланд мешаванд, як соат ношто мекунанд, соати 9.30 ба аспҳошон савор мешаванд ва соати яку сӣ боз ба қароргоҳ ҳозир мешаванд. Аз ин панҷ соат, тақрибан се соаташ дар роҳ мегузарад. Пас ду соати корӣ доранду бас. Чунин тарзи корҳои моро ҳама дохилиҳо ба мушоҳида мегирифтанд. Махсусан, аз фаъолияти Слава Гришин Исматуллоҳхон розӣ набуд. Тамоми рӯз китоб мехонд ва ҷомашӯӣ мекард. Намунагирҳояш ҳам афғонҳо буданд. Слава низ мисли Рудин техник буд. Натиҷаи ҳамин бемасъулиятии Гришин буд, ки дусад дона намунаи сангу хоки гирифтаи онҳо ба зери пой андохта шуд. Ҳол он ки барои гирифтани ин теъдод намуна, як ҳафта сарф шудааст, муздурон маош гирифтаанд, аспҳо коҳу ҷав хӯрдаанд ва ғайра масрафҳо. Албатта, Исматуллоҳхон ғайривоқеӣ сӯҳбат намекард. Ё ин ки корҳои гурӯҳ ба поён расидааст, аммо бо ратсия ба Кобул хабар намедиҳанд, ки барномаашон поён ёфт, чӣ кор кунанд, биоянд ё не? Баръакс, дар Деволак қароргоҳи нав сохтем, боз дохили хаймае ҳаммом ҷӯр намудем ва гӯё корҳои боқимондаро ин ҷо бояд ба поён расонем. Акнун саволе ба миён меояд, ки чаро Шербина ба Кобул телеграми поёнёбии корҳои гурӯҳашро хабар намедиҳад? Ин корро дониста мекарданд. Агар чунин хабар ба марказ мерасид, Чемирёв амр медод, ки аз ин ҷо ба фалон гурӯҳ худро бипайванданд ва то оғози сардиҳо ёрӣ расонанд. Чунин амр воқеият дошт. Таҷриба нишон медод, ки борҳо ҳамин тавр шудааст. Аз ин рӯ, гиюлуҷҳои шӯравӣ дар хайма менишастанд, нақшаҳоеро дар пешашон мегузоштанд ва бо қалам дубора онро нақшу нигор медоданд. Тарафи афғонӣ ба хубӣ медонист, ки барномаи ҷӯяндагии гурӯҳ иҷро шудааст. Онҳо борҳо иброз медоштанд: «Тарҷумон соҳиб, корҳомон-ку тамом шуда, чаро ин ҷо маътал мондем?» Ин ҳолатҳо, масъулиятро бар дӯши Шербина вогузошта, суханҳои ӯро тарҷума мекардам. Шербина мефаҳмонд, ки на хайр, ҳоло даҳ-бист рӯзи дигар корҳои шударо бояд ба назму низом дарорем. Яъне чӣ? Пушти ин касе намегашт. Як роҳи нуқс овардан ба иқтисоди давлат ҳамин навъ фиребгариҳо буд. Дар гурӯҳи мо 70-80 маъмуру муздур дар ин мӯҳлат ҳаққи заҳмат мегирифт. Сӣ сар асп коҳу ҷав мехӯрд. Мошинҳо ба ин сӯву он сӯ равуо мекарданд, ки

садҳо литр бензин бефоида дар ҳаво сӯхта мерафт.Ин ҳама масрафҳои бекора буд. Аммо ҳанӯз ҳам шӯравиҳо аз пайи корҳои нотамоманд. Ман ба хубӣ чунин камбудҳоро медидам, вале чизе гуфта наметавонистам. Банда вазифаамро содиқона анҷом медодам. Тарҷумон кист? Касест, ки марбут ба мутахассис аст, онҳо ба ӯ зарурат доранд, пас кор мекунанд ё не, лекин гапҳои бекора ҳам ки бошанд тарҷума намоям. Барои ман ичро шудан ё нашудани барнома аҳамият надошт.

Ба назарам Исматуллоҳхон ҳам ба он гурӯҳи докторонe, ки зидди Саид Ҳошим Мирзод намоиш ташкил доданд, ҳамақида буд. Як талаби онҳо мавзӯи бесамар баромадани фаъолияти маъданшиносони шӯравӣ дар Афғонистон буд. Натича намедод. Ҳар маъдане, ки кашф шуд, дубора маҳкам гардид. Чаро? Захираи кофӣ надошт. Афғонистонро маъдане лозим буд, ки барои сад сол захирааш басанда бошад. Ҳоло ки мо дар Оҳанкашон чор моҳ боз корҳои ҷустуҷӯӣ мебарем, ҳосилаш сифр хоҳад буд. Аз ин рӯ, Исматуллоҳхони қандаҳорӣ дуруст мегуфт, ки ҷустуҷӯҳои маъданшиносони шӯравӣ сифат надоранд. Чаро дар Эрон ин қадар маъданиёт ҳасту дар Афғонистон не? Ҳама кор масъулият мехоҳад, афсӯс ки на ҳамаи фиристодагони Шӯравӣ ба Афғонистон дар назди худу Ватан масъулият эҳсос менамоянд. Он рӯз таъкиди Исматуллоҳхон бандаро боз ба андеша овард, вале дар ин ҷода иқдоме карда наметавонистам ва «даҳони пӯшида ҳазор тилло» гуфта, бо маъданшиносон кор мекардам. Бубинем, ки баъдҳо чӣ мешавад.

Шербина ба зун (зона) меравад

Шербинаро Юрий Иванович мегуфтем. Ӯ аз тарафҳои Сибир ба сифати мутахассиси тилло омада буд. Вай ба синну сол аз банда даҳ-понздаҳ сол калон буд. Ҷисми майдае дошт. Шояд вазнаш ба 40-45 кило мерасид. Гӯё, ки дониши назариявии қавӣ дошт, амалияашро баъдҳо хоҳем фаҳмид. Инсони хубе буд. Бисёр бамулоҳиза ва расмӣ сӯҳбат карданро дӯст медошт. Ӯ ҳамеша ба коре машғул буд. Кадом планшетеро, ки наздаш мегузошт, соатҳо онро мутолиа менамуд. Ҳамчун саринженери гурӯҳ миёни ҳамкоронаш чандон мавқеъ надошт. Гришин, ки маскавӣ буд, дониши ӯро эътироф намекард. Вай бар ин ақида буд, ки марказиён бехтар масоили марбутаро мефаҳманд. Баъзан ба баҳс якдигарро мекашиданд, вале Шербина таслим мешуд, зеро бо Гришин баҳс оростан фоида надошт.

Ба назарам як ҳодисаи нохуше, ки дар Кобул ба сари Шербина омада буд, эътибори мавсуфро то ҷое миёни маъданшиносони шӯравӣ поён бурд. Ин ҳодиса ҳам хандаовар аст ва ҳам нороҳаткунанда. Дар Кобул ҳамин хел расм аст, ки мутахассиси навомада агар беоила бошад, ба хонае ҷо карда мешавад, ки он ҷо аллакай ду-се инженери дигар иқомат мекунанд. Вақте ки Шербина ба Кобул меояд, ба сабаби як худаш будан ба ӯ хонае медиҳанд, ки дар он як зани бешавҳари русӣ, ки дар лаборатория кор мекард, зиндагӣ менамуд. Масалан, агар панҷхонагӣ бошад, дар ҳар ҳуҷрааш як кас рӯзгор медид. Шербина дар яке аз чунин ҳуҷраҳо ҷо ба ҷо мешавад. Ошпазхона якто аст, ташнобу ҳаммом ҳам умумӣ мебошад. Шербина баъзан бо он зан ҳини чойнӯшӣ сӯҳбат мекардааст. Он бону андак девонагӣ доштааст, касе дӯсташ намедошт ва ҳам ҷанҷолӣ буд. Исоеви муовин аз вай ҳамеша шикоят менамуд. Яъне ӯ шикоятчӣ буд. Ба вай ҳама чиз номаъқул менамуд. Шербинаи мо бо ҳамин навъ бева дар як шароиту муҳит қарор дошт. Шабе дар Кобул замин сахт ҷунбид. Бисёриҳо аз тарс берун баромаданд. Баъзе шаҳрвандони Россия умуман заминҷунбиро намефаҳмиданд. Масалан, Слава Гришин хеле тарс мехӯрд. Ҳолате, ки замин ҷунбидааст, ин зан ба балкон баромадааст, чунки бо либосҳои хобравиаш будааст, аммо Шербина тарсида ба ин дару он дар худро задааст, вале дарвозаи баромадро наёфтааст. Чи кор карданашро надониста, дари ҳуҷраеро мекушояду зери кати оҳанӣ худро пинҳон мекунад. Ларзиши замин поён меёбаду он зан боз бемалол болои каташ дароз мекашад. Шербина ҳис мекунад, ки хато кардааст, вале ҳанӯз зери кат қарор дорад. Хеле тоқат мекунад, ки зан аз боло ба ин тарафу он тараф тоб хӯрда Шербинаро заҳмат медиҳад. Боз чанди дигар тоқат менамояду мехоҳад, ки ҷояшро бароҳаттар кунад. Ин ҳолат каме мечунбад, ки зан мефаҳмаду аз ҷояш баланд шуда, ҷорӯбро мегираду Шербинаро зада-зада кашида мебарорад. Дар ҳуҷра сару садо мехезад, ҳамсояҳо бедор мешаванд ва ба он хона медароянд, ки Шербинаву зан дар торикӣ дар ҳолати нимбараҳнагӣ қарор доранд. Он зан ба зудӣ даъво мекунад, ки ин аблаҳ хост, ки ба вай таҷовуз кунад. Ҳарчанд ки Шербина вазъияти шудагиро мефаҳмонад, он зан доду фиғонашро сахттар мекунад. Албатта, Шербина дар ҳолати ногувор мемонад. Бисёриҳо гапи занро бовар мекунанд, зеро Шербина дар хонаи вай буд, на дар даҳлез ё ошпазхона. Хулоса, рӯзи дигараш комитети маҳаллӣ ҳар дуро ба муҳокима мекашад. Дар натиҷа сармутахассис, ки девонагии

он занро медонист, Шербинаро дифоъ менамояд, аммо бечора Шербина намедонист чи хел миёни ҳамкоронаш гардад. Ҳамаи мо медонистем, ҳатто бачаҳомон аз ин ҳодиса воқиф буданд. Ман эҳсос мекардам, ки Шербина ҳамеша худро нороҳат медид. Хайрият, он занро баъди як моҳ гусел намуданд... Бадбахтӣ он шуд, ки номи Шербинаро «заминҷунбӣ» ниҳоданд...

Шербина ҳам китоб зиёд мехонд. Вақте ки ҳама дохили бистарҳо мешудем, ӯ китоби ғафсеро болои миз мегузошт, шонаи занонаашро паҳлуи китоб мемонд ва баъд чароғи алайканро наздик оварда худро ба хондан омода месохт. Ман дар дохили бистарам қарор дорам ва кадом китоберо мехонам. Аммо ҳушу гӯшам ба Шербина аст. Мехостам фаҳмам, ки ин китоби ҳазорварақаро чӣ навъ мехонад, ки дар як шаб тамомаш мекунад. Шербина ба касе диққат намедод, гӯё худаш танҳо буд. Слава низ дохили бистараш аст ва дуд болои дуд пуф мекунаду саҳифаҳои китобро варақ мегардонад. Шербина китобро мекушояд, баъди ҳар лаҳза саҳифа мегардонад. Ман ҳайрон мемондам, ки ин чи хел китобхонӣ аст, ки ду-се дақиқа ба саҳифа менигараду саҳифаи навро сар мекунад. То хеле мушоҳида намудам ва ба ин хулоса омадам, ки ӯ китобҳои суратдор бо худ меовардааст. Вақти хондан саҳифаҳои суратдорро тамошо мекардаасту бас.

Юрий Иванович борҳо шуда буд, ки ба китобхонӣ банд мешуд ва аз чӣ гуфтани «Маяк» бехабар мемонд. Дар он минтақа мавҷи «Маяк» ҳама вақт дар мавҷе кор мекард, ки Ашқобод буд. Як шаб «Маяк» тамом карду Ашқобод шурӯъ кард. Ҳофизони туркман хеле бозавқ мехонданд, лекин Шербина намедонист, ки ин «Маяк» аст ё Ашқобод. Ман ин ҳолатро дида, хандидам. Ӯ сӯи ман нигаристу чӣ механдӣ, гуфт. «Маяк»-атон сурудҳои туркманӣ мехонад-ку!, гуфтам.

Рӯзе дар радио бояд репортажи футбол сурат мегирифт. Ман ҳам хоб нарафта соати онро интизорӣ кашидам. Ба умеди Шербина шуда, як вақт соатро бинам ба тамомшавии футбол ду-се дақиқа мондааст.

Шербина шахси зудбоваре буд. Соддагиҳо ҳам бисёр дошт. Ба қароргоҳи мо Ғуломсахӣ аз деҳаи Чамбарак омаду ба ӯ иттилоъ дод, ки дар ҷое зуни (яъне зона) маъданро ба мушоҳида гирифтааст ва агар инженер хоҳиш дошта бошад, метавонад онро аз наздик бубинад. Ба Шербина ин хабар маъқул шуд ва сӯи ман назар карда гуфт: «Ғуломсаҳӣ ҳақ аст. Шояд он ҷо зони нав аст, ки касе ҳоло кашфаш

накардааст». Хеле мехост, ки дар соҳаи гиюлучии Афғонистон кашфиёте кунад. Ду-се рӯз сари он зони нав ба андеша рафт ва баъд бандаро огаҳ сохт, ки омода бошам, пагоҳ ба он зона хоҳем рафт. Ин зона дар деҳаи Чамбарак воқеъ буд. Чанд вақт боз, ки шикор намерафтам, ин пешниҳод мавриди қабули ман ҳам қарор гирифт. Ба ғайр аз ин, ба хотири поён ёфтани корҳоямон туфангро ба соҳибаш бармегардонам.

Чаҳоруми октябр ба мақсади зонаи навро дидан бо Шербина роҳи Чамбаракро пеш гирифтем. Аз теппаи Чамбарак мефаромадем, ки аз пешорӯямон арбоби деҳа - Маҳмуд рӯболо меомад. Баъди салому алейк маълум кардем, ки ӯ ба деҳаи Деволак назди мо рафтанӣ будааст. Бо Маҳмудхон худоҳофизӣ кардему ба қария поён шудем. Хушбахтона, Ғуломсахӣ рӯи ҳавлиаш сайру гашт дошт. Моро дидан замон ба истиқболамон шитофт. Ман гуфтам, «оқои Ғуломсахӣ саринженер мехоҳад ҳарчи зудтар зуни маъданро бубинад. Аз рӯи тахмини эшон бояд он ҷо маъдани кашфношудае ниҳон аст». Ғуломсахӣ боз ҳам хушҳолтар шуд, мисле ки аз он гуфтааш фаромӯш карда буд, «бале, бале, ёдам омад, меравем, мебинем, зуни дилчаспест», гӯён «аввал як пиёла чой ва баъд зун», гуфт. Ин хоҳишро ба Шербина тарҷума намудам, рад накард. Як пиёла чой бошад, як пиёла чой.

Пешхизматҳо ба зудӣ аспҳои моро ба гулмех банд намуданд. Аз паси Ғуломсахӣ сӯи меҳмонхонааш равона шудем. Завҷааш бо духтарчааш, ки назди дарвоза меистоданд, дастҳо пеши бар ба мо салом арз намуда, хуш омадед гуфтанд. Бандаро пеш гузаронданд ва дохили утоқ шуда будам, ки Шербина пешониашро ба болочӯби дарвоза зад. Бо ин ҳодиса андаке худро нороҳат ҳис намудам, зеро медидем, ки сари ӯ лат хӯрда буд. Дар ботин мегуфтам, ин бечора бори аввал ба хонаи афғоне ворид мешаваду боз шатта ҳам мехӯрад. Худамро сарзаниш мекардам, ки пастии дарвозаро фаҳмида ӯро бояд огаҳ месохтам, ки сарашро хам карда дарояд. Кошкӣ ӯ шахси баландқомат мебуд, аз якуним метр беш баландӣ надошт. Агар қадаш мисли ман мешуд шояд аз гарданаш ба дарвоза бармехӯрд.

Меҳмонхона озода буд. Кӯрпачаҳои нав болои қолин партофта шуда буд. Ғуломсахӣ ду се нафар аз амаку амакбачаҳояшро даъват намуда буд, ки яке аз амакҳояш дар назарам ҳаштод сол дошт. Ин мӯйсафед дар рӯ ба рӯ менишаст ва ҳеҷ аз Шербина чашм намеканд. Воқеан, Юрий Иванович чеҳраи фаромӯшношуданӣ дошт. Рӯй сап-сафед,

аммо мӯйи сар зард, абрувон зард, мӯйи дастҳо зард. Чунин ба мушоҳида мерасид, ки ин гуна одам ба ин минтақа ҳеҷ вақт, меҳмон нашудааст. Дигар ин ки ӯ бо номи одами шӯравӣ шинохта мешуд. Шояд Ғуломсаҳӣ ба бошандагони деҳааш гуфта будааст, ки рӯзҳои наздик як шӯравии воқеӣ меҳмонаш мешавад.

Ману саринженер паҳлуи ҳам менишастем ва ҳар сари вақт суханҳои соҳибони хонаро барояш тарҷума мекардам. Байни худамон русӣ сӯҳбат мекардем. Дидам, ки он ришсафед хеле бодиққат ҳарфҳои моро гӯш мекунад, аз ӯ савол кардам, ки «бобо, маъзарат мехом, шумо гапҳои моро мефаҳмен, ки ин қадар гӯшатон тарафи мост?» Ӯ ҷавоб дод, ки «ҳеҷ намефаҳмам, ки шумо ба якдигар чиҳо мегеи». Банда шухӣ карда гуфтам: «мо-ку ба форсии кобулӣ ҳарф мезанем, магар шумо лафзи кобулиро ёд надоред?» Мӯйсафед як дар ҷояш ҷунбиду изҳор кард: «не, лафзи кобулӣ мушкил будаст». Ришсафед ҳамоно хӯрокхӯриву сӯҳбати моро гӯш медод. Дар ҳамин замина, рӯ ба мо оварду гуфт: «валлоҳ гапатонро кам-кам фаҳмида истодаам». Ҳама ҳозирин ин сухани мӯйсафедро шунида хандиданд.

Болои дастархон аввал маскаю ҷурғот ва нони гарми гандумӣ гузоштанд. Маскаро бузӣ гуфтанд. Маска бо нони гарм хуб мазза медод. Ман, ки дар ин кор таҷрибаи кофӣ доштам, нонро «гӯши гург» карда маскаро ба он мепечондам, Шербина аз қошуқ истифода мекард. Саринженерро намедонам, ман то сер шуданам хӯрдам, зеро солҳо буд, ки ба чунин таъоми худӣ сару кор нагирифта будам.

Як нуктаро бояд хотирнишон сохт, ки дар ин минтақаи кӯҳӣ занону духтарон рӯй пинҳон намекунанд, яъне он тартиботе, ки дар шаҳрҳои Афғонистон дар ин маврид ба мушоҳида гирифта мешавад, дар қариячоти кӯҳистон риоя намегардад. Бонувон озодона бо мардон сӯҳбат менамоянд. Шояд ин ҷиҳат аз он ҷо сарчашма бардоштааст, ки қариячот, асосан, ҳама аз як авлоданд ва ба якдигар хешу табор шудаанд. Рӯйро аз одамони бегона пинҳон мекунанд, ки ба бонувони шаҳрӣ тааллуқ дорад, зеро дар шаҳрҳо мардони бегона зиёд ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, он рӯз мо ба мушоҳида гирифтем, ки баъд аз даҳ-понздаҳ дақиқаи омадани моён ба деҳаи Чамбарак тамоми духтарони қадрас ва ҳатто занҳои калонсол дар таги дарвозаи Ғуломсаҳӣ ҷамъ омаданд. Онҳо ба он хонае мутаваҷҷеҳ буданд, ки мо менишастем. Пеш аз ҳама диққати онҳоро гапзании мо ва чеҳраи Шербина ҷалб карда буд. Ғуломсаҳӣ ба мо мегуфт, ки инҳо чанд дафъа аз ӯ савол кардаанд, ки шӯравиҳо чӣ

рақам мешаванд ва чӣ рақам сӯҳбат мекунанд? Акнун, имрӯз мегуфт соҳиби хона, онҳо бо чашми сару гӯши худ, дар шахси Шербина ҳам одами шӯравиро мебинанд ва дар сӯҳбати шумо сухани русиро мешунаванд. Онҳо, воқеан, ин қадар ба Шербина менигаристанд, ки гӯё ӯ аз коинот пойин шудааст. Ба нонхӯрӣ ва чойхурии Юрий Иванович сарҳоро паст карда менигаристанд ва гоҳе бо ангушт сӯи вай ишора мекарданд. Кор то чое расид, ки чунин рафтори бонувонро Шербина дида, шарм фишораш оварду аз нонхӯрӣ даст кашид. Ҳарчанд Ғуломсахӣ ва банда мегуфтем, ки боз хӯред, не, гуфт, бас аст. Косаи чурғот, ки наздаш буд сӯи худ кашидам ва то поёнаш нӯши чон кардам. Баъд чой оварданд. Боз чанд лаҳзаи дигар сӯҳбатро сари чой давом дода, сипас аз он ришсафед хоҳиш намудем, ки дастархонро дуо кунад. Рӯи ҳавлӣ баромаданӣ шудем. Пеш аз ин ки меҳмонхонаро тарк гӯем, Шербинаро огаҳ сохтам, ки хушёр бошад, то ки сарашро ба болодарӣ назанад. Медонам, гуфт. Яъне ҳоло ҳам чойи задагиаш дард мекардааст.

Ҳини дастҳоро шустан аз Ғуломсахӣ пурсидам, ки «чаро бачаҳоят зард ҳастанд». Намедонам, гуфт. Аз модарашон пурсидан лозим аст. Ин сӯҳбатро завчаву духтари Ғуломсаҳӣ, ки дар гӯшае меистоданд шунида, бо андак шарми занона баробар хандиданд. Ин сӯҳбат ба ҳозирин хуш омад, ки ҳамакаса ба ханда дода шуданд. Дар интиҳо аз хешу ақрабои соҳиби хона ва дигар бошандагон, ки моро гирд карда буданд, узр хоста, ташаккур карда, худоҳофизӣ намудему бо Ғуломсаҳӣ роҳи зонаи маъданро пеш гирифтем. Он зона аз қария чандон дурӣ надошт. Мавзеъ бо номи Арчамазор ёд мешудааст. Назди зона аз аспҳо пойин шудем. Ғуломсахӣ бо ифтихор Шербинаро сӯи зона, ки аз санги бисёре иборат буд, роҳнамоӣ намуд. Саринженер чанд сангро ба дасташ гирифта бо заррабин бодиқат омӯхт ва хулоса бароварда, ки дар ин сангҳо ҳеч гуна нишонае аз маъданиёт ба мушоҳида намерасад. Ҳамааш сангҳои одӣ мебошанд. Табъи Шербина хира шуд. Боз чанде ин сӯву он сӯи «зун»-ро тамошо карду гуфт: рафтем, вақтро сарф кардан маънӣ надорад. Ғуломсаҳӣ низ худро нороҳат эҳсос мекард, вале ӯ гуноҳе надошт. Дар назари вай ин сангҳо чолиб маълум шудаанд ва гумон кардааст, ки ҳамон доначаҳое, ки дар офтоб милт-милт мезананд, маъдани қиматбаҳоест. Ман ӯро тасалло додам, ки хайр аст, Ғуломсахихон, чойятонро нӯшидем, маконатонро зиёрат кардем, тавре ки мардуми мо мегӯяд: ин сафари мо элак баҳонаю дидор ғанимат шуд. Оре, оре, гуфт, Ғуломсахӣ. Мо бо чеҳраҳои кушод бо ӯ ба амони худо

арз намуда, роҳи Деволакро пеш гирифтем.

Боз дар соҳили дарёчаи Рахна рӯболо шудем. Шитоб надоштем. Роҳ ҳамвору бехатар буд. Туфангро бо ду дасти адаб ба соҳибаш баргардонидам. Туфанг хеле хизмат кард. Ҳам дифоъмон намуд ва ҳам мавридҳои зарурат бо гӯшти кабку оҳу таъминамон кард. Шербина болои аспаш ҳар хел шеърҳо мехонд. Ба назарам, ба хонаву хонаводааш пазмон шуда буд. Латифаҳо мегуфт. Мушоҳида менамудам, ки дар гӯши аспаш чизе мехонд. Пайхас намекард, ки аспҳои афғонӣ забони русиро намефаҳманд. Ҳол он ки аспи ӯ форсиро ҳам дарк наменамуд, зеро аз Қандаҳор харидорӣ шуда буд. Шербина ба аспаш «Рыжик» ном ниҳода буд. Аспаш ҳам мисли худаш зард менамуд. Агар касе ба вай мегуфт, ки «Рыжики шумо танбал», - қаҳраш меомад.

Он рӯз дар ҷараёни роҳ дар баъзе ҷойҳои ҳамвору бесанг пойга мондем, аммо Шербина бой дод. Ин сафарамон беташвиш ба поён расид. Соатҳои дую ним ба қароргоҳи Деволак расидем. Сарфи назар аз ин ки зона ба Шербина чизе надод, ӯ соатҳо таассуроти сафарашро ба деҳаи Чамбарак байни ҳамкорон нақл мекард. Ба гумонам аз ин дидор ҳаловат бурда буд. Банда ҳам.

Манори Ҷом

Моҳи октябр ҳам даромад. Аслан корҳои мо ба поён расида буд, аммо аз Кобул ҳоло иҷозати баргашт надоштем. Яъне гурӯҳи маъданшиносии мо дар марҳалаи «рӯзкуркунӣ» қарор дошт. Ба ин хотир, тасмим гирифтем, ки рӯзи шашуми октябр ба саёҳати Манори Ҷом бароем. Аз Деволак то манор 60-70 км роҳ буд. Одатан, ба ҳарҷо ки сафар мекардем, пагоҳии барвақт онро амалӣ менамудем. То хеле ба самти Чихчарон роҳ рафта, баъд ба дасти рост ҳаракат намуда, чандин деҳаҳои хурду калонро паси сар кардем. Роҳаш чандон хуб набуд. Роҳи дусоатаро дар се-чор соат тай намудем. Баъзе ҷойҳои он хатарнок ҳам буд. Махсусан, вақте ки то манор ду-се километр мемонад, хатари чаппашавии мошин пеш меояд. Дар масофаи се-чор километр то манор қарияе аз пешамон баромад, ки ҳоли бошандагонаш табоҳ ба назар расид. Онҳо чандон ба роҳгузарҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намекарданд. Фақат фаҳмидам, ки аҳолии ин қарияи начандон калон форсизабон буданд. Ба гумонам мардумаш асосан шуғли чорводорӣ доштанд. То ин деҳа, ки омадем, мошинро истод намуда, аз бошандае, чӣ навъ то манор рафтанро пурсидем. Ӯ ҷавоб дод, ки он сӯтар ҳаракат кунед,

гардише оғоз мешавад, ки шуморо ба соҳили Ҳарирӯд мебарад. Дар ҳақиқат, бо андак пештар рафтан манори Ҷом маълум гардид, ки дар он сӯи Ҳарируд воқеъ буд. Вақте ки расидем, ақрабаки соат болои ёздаҳ қарор дошт. То худи манор роҳи мошин набуд. Мошинҳоро дар як тарафи дарё монда, анҷомҳоро бо худ гирифта, аз болои пулчае, ки одам ба зӯр роҳ мерафт, гузаштем. Дар наздикии манор майдончаи сарсабзе вуҷуд дорад. Маълум, ки то мо он ҷо саёҳон омадаанд ва соатҳо истироҳат ҳам кардаанд. Чанд ҷой ба назар расид, ки аз сангҳо дегдонҳо рост карда буданд, то ки ғизову чой омода созанд. Мавзеъ хеле хароб буда, ягон нишони зиндагие ба мушоҳида намерасид.

Анҷомҳоро ба замин гузоштан замон Гришину Тарасенко чангакҳоро омода сохта, дар қисми болотари дарё ба моҳигирӣ оғоз карданд. Ман ҳайрон шудам, ки чаро онҳо аққалан сар-сарӣ гирди манор нагаштанд, ин сӯву он сӯи онро надида, ба зудӣ моҳигириро авлотар донистанд? Исматуллоҳхон, ки бо чанд тан маъмуринаш бо мо ҳамроҳӣ дошт, гуфт: «Тарҷумон соҳиб, ин шӯравиҳо барои дидани манор омадаанд ва ё ба хотири моҳӣ». Ман чӣ ҳам ҷавоб медодам? Фақат ҳайфи Шӯравӣ мегуфтам, ки чунин инсонҳои бемасъулиятро ба ин ҷоҳо фиристондааст. Фаҳмидам, ки чунин муносибати шӯравиҳо ба нафси дохилиҳо расид ва онҳо хеле дар ғазаб шуданд ва якеаш изҳор дошт: «Охир, ага ино моҳӣ мехостанд дар ҳамон Рахна пур буд-ку! Чаро ҳафтод километрро тай намуда, ин қадар литар петрул (бензин)- ро масраф сохта, ба ин ҷо омаданд. Инҳо гуфтанд, ки саёҳат мераванд. Ба муҷассамаҳои мо, ки эътиқоду эҳтиром ба ҷо намеоранд, чӣ зарурат буд, ки ин барномара ҷур карданд?» Мулоҳизаҳои афғонҳо дуруст буд. Ин лаҳзаҳо, ки ҳамеша банда азият медидам, онҳоро қаноат кунонданӣ шуда, гуфтам, ки ҳоло ки салқин аст, моҳӣ ба чангак хубтар мезанад, ба ин хотир инҳо аввал аз моҳӣ оғоз карданд. Моҳигирӣ, ки тамом шуд, ҳатман манорро тамошо мекунанд. «Хо, интур боша, хайр аст», гуфт яке аз маъмурин.

Гузашта аз ин, аввалан ба моҳигирӣ пардохтан чунин маънӣ ҳам дошт, ки нони чоштамон аз гӯшти моҳӣ мешуд. Мехостем, ки шӯрбои моҳӣ пазем. Ин сабабро низ ба афғонҳо фаҳмондам, ки агар русҳо аз моҳӣ шурӯъ накунанд, ин даҳ нафаре, ки ба саёҳат омаданд, чӣ мехӯранд. «Ин тур бошад, дуруст мекунан дига, ки моҳӣ мегиран», гуфт, Азимхони маъмур, ки аллакай гурусна монда буд.

Бо каме дохилиҳоро ором кунондан ману Шербина ба

майдончаи назди манор рафта, ҷойи нишаст дуруст намудем. Аммо медидам, ки Слававу Вадим то ба чангакҳошон ду-се моҳигӣ медоранд, ки рӯз меравад. Аз ин рӯ ба Ачабгули нигарон (кӯҳкафон) фармудам, ки даҳ адад потоқиро ҷур кунаду ба дарё андозад, вагарна бе нони чошт мемонем. Ӯ ба зудӣ ин амалро ичро намуд. Ҷамъан чор маротиба инфилоқ (таркиш) сурат гирифту болои об пур аз гулмоҳии беҳуш гардид. Чанд дона моҳии калон ҳам рӯи об баромад. Слава бо чанд тан аз дохилиҳо ба шӯрбои моҳигӣ машғул шуданд. Соати якуним моҳишӯрбо тайёр шуд. Дигар маводи ғизоӣ бо худ доштем. Дар гӯшае чой монданд. Истироҳати воқеӣ сурат гирифт.

Сипас ҳамагӣ ба тамошои Манор рафтем. Шербина андаке ба сохтмони манор таваҷҷӯҳ зоҳир намуд. Слава ва Вадим низ атрофи манорро давр заданд ва боз ба моҳигирӣ пардохтанд. Мехостанд, ки аз ин моҳии холдор барои Абдулмуҳаммади ошпаз ҳадя баранд.

Манори Ҷом 75 метр баландӣ дорад. Ин хел манорҳо дар Ҳирот чандтоанд. Манори Ҷом низ ба ҳамон шакл бино ёфтааст. Онро аз хишти пухта сохтаанд. Нақл карданд, ки манорро дар қарни X1 бо супориши Султон Ғиёсиддини Ғуротӣ бино кардаанд. Яъне, ин меъморӣ ба давлатдории Ғуриён иртибот мегирифт. Давлати Ғуриён (1148-1206) бо номи давлати тоҷикон, баъд аз сулолаи Сомониён шинохта шудааст. Асосгузори ин давлатро бо номи Сайфуддин ибни Иззуддини Ҳусайн, ки ба хонадони ғуриҳо тааллуқ дошт, нисбат медиҳанд. Давлати Ғуриён, махсусан, дар аҳди Ғиёсиддин Муҳаммад, ки аз соли 1163 то 1203 ҳукумат кардааст, хеле ривоҷу равнақ ёфта, тақрибан тамоми хоки Афғонистон, Синд, Панҷоб, Банорас ва баъзе навоҳии Ҳиндустонро тахти тасарруфи худ қарор медиҳад.

Номи давлат ба кӯҳи Ғур иртибот гирифтааст. Мутаассифона, ин давлати тоҷикӣ дар натиҷаи мубориза бо Хоразмшоҳиён торафт рӯ ба заъифӣ оварда, ниҳоят соли 1206 шикаст хӯрд. Ин давроне буд, ки баъд аз сари Ғиёсиддин (соли 1203) Шаҳобиддин ба салтанат нишаста буд.

Маълум мешавад, ки дар самти рости Ҳарирӯд, ки мо он ҷо мошинҳоро гузоштем, шаҳри Ғур мавҷуд будааст, ки ҳамчун пойтахти давлати Ғуриён дар таърих сабт ёфтааст. Ҳоло аз ин давлат фақат ҳамин манор ҳамчун нишона боқӣ мондааст. Албатта, рисолаҳои тадқиқотӣ низ доир ба ин манор ва давлатдории Ғуриён мавҷуд аст, ки он баҳси дигархелтарро мехоҳад. Аммо банда он чиро, ки бо чашмони хеш дидаам, ҳамонро рӯи тасвир меорам.

Чунонки гуфтам, дар тарафи рости дарё шаҳри Ғур ва дар он сӯи дарё, яъне дар рӯ ба рӯи шаҳр, манор бар пой меистад. Аз байн дарё мегузарад. Роҳи омадан ба манор на аз болои дарё, балки аз зери он сохта шудааст. Шояд аз қасри султон ба чанд метр поён кофта шуда, сипас аз зери дарё тавассути туннел роҳи рафту омади султон ва дигар меҳмонони олиқадри ӯро ба манор таъмин мекардаанд. Нишониҳое аз шаҳр то ҳол боқӣ мондааст, чанд ҷой девори хонаҳову манорчаҳо ва пасту баландиҳое ба мушоҳида расид.

Ҷойи шаҳр дар теппаи ҳамворе будааст, ки сангзореро мемонад. Ба ибораи дигар шаҳрро болои теппаи сангӣ сохта буданд. Замини хока ба назар намерасид. Атрофи шаҳрро бо манор кӯҳҳо печондаанд. Аз ин ҷост, ки ҳарчанд манор 75 метр баландӣ дорад, аз ягон гӯшаи минтақа онро дидан имкон надорад. Ҳариӯд мустақиман рӯ ба поён дорад, аз самти чапи манор дараи кӯҳие мавҷуд аст, ки аз он ҷӯи калоне ҷорист ва худро ба Ҳарируд мепайвандад. Манор ва шаҳр дар ҷойе барпо шудаанд, ки фақат аз як ҷониб, аз он тарафе, ки мо омадем ба онҳо расидан мумкин асту халос. Чунин тарзи шаҳрсозиҳо аҳамияти стратегӣ доштааст. Ин ҳолат душман наметавонад, ки аз чор тараф шаҳрро муҳосира намояд. Вай метавонад танҳо аз як роҳи умумӣ ба шаҳр ворид шавад. Дар ин сурат ба муқобилияти сахте дучор меомад. Вале ба манор аз ҳеҷ ҷониб роҳ вуҷуд надошт. Фақат роҳаш аз зери дарё буд, ки онро на ҳар кас метавонист бубинад. Аз кӯҳҳои сарбафалак ба манор ҳуҷум овардан ғайриимкон буд.

Тавсифе аз манори Ҷом бад-ин қарор аст: манор аз тарафи дарё даричае дорад, ки аз сатҳи замин дар баландии як-якуним метр ҷой гирифтааст. Бо зинапояи чӯбӣ ба воситаи он дарича ба манор дохил шудан мумкин аст. Манор ду роҳи зинагӣ дорад. Яке ба боло мебарад дигаре аз боло ба зери дарё. Шахси саёҳро лозим аст, ки аз ҳамон зинае, ки ба боло мебарад роҳ равад ва боз ба ҳамон ба поён фарояд. Агар аз боло ба поён бо зинаи дувум фароед, ба қаъри дарё расида, бо роҳи зериобӣ ба он дарвозае расидан мумкин аст, ки аз тарафи қалъа қарор дорад. То чанд вақт роҳи зериобӣ кушода будааст. Саёҳон ба он бо ёрии чароғҳои дастӣ то дарвозаи ҷониби қалъа мерафтаанд. Аммо баъдан дарвоза аз пушташ бо хоку санг маҳкам шуда аст. Шояд роҳе, ки аз қалъа то дарвоза меояд, фурӯ рафтааст ва фақат роҳи зери дарё мондааст. Акнун, он соле, ки банда онро дидам, убур аз роҳи зеризаминӣ ичозат набуд. Гӯё чанд сол қабл саёҳони

фаронсавӣ хостаанд, ки аз он роҳ ба самти қалъа раванд, вале касе, ки пешо - пеш мерафтааст, дафъатан гум мешавад. Садое ҳам аз ӯ ба гӯши ҳамроҳонаш намерасад. Ин лаҳза саёҳи дуюм ҷуръати пеш рафтан накарда, ба қафо бармегардад. Ҳарчанд ки онҳо ба зудӣ ҷараёни дарёро мебинанд, то ки саёҳи ғарқшударо пайдо кунанд, аммо натиҷае ба даст намеоранд. Пас, ба хулоса омадаанд, ки то ба кучо фурӯ рафтани саёҳро муайян сохтан аз Фаронса мутахассони обгард омада, хеле кӯшиш намудаанд, аммо нишоние аз ватандорашон пайдо накардаанд. Ҳамон вақт мегӯянд, ки Зоҳиршоҳ омада ҷойи ҳодисаро диданӣ шуда, аз зинаи дуюм ба роҳи зери дарё мефарояд ва чанд аскар пешопешаш то он ҷо меравад, ки сурохии калоне пайдо шудааст. Зоҳиршоҳ дигар мавзӯъро таҳқиқ накарда, амр медиҳад, ки шохи дарахтеро ба ҳамон ҳиссаи туннел гузоранд, то ки дигар он тараф касе гузашта натавонад. Аз ин ба баъд, ҳар касе ки бисёр хоҳиши туннелро дидан мекунад, бо чароғ то он чӯб мераваду пас мегардад.

Баъд аз шунидани ин қисса шӯравиҳо тарсида, гуфтанд, ки лозим не, мо мехоҳем зинда ба ватанмон баргардем. Он фаронсавӣ аҳмақ будааст, ки бо дасти худ худро нобуд сохтааст. Бахусус Слава ва Шербина сахт тарсиданд ва ҳатто аз девори манор худро дуртар гирифтанд, аз тарси ин ки манор болояшон чаппа нашавад.

Ману Исматуллоҳхон ният кардем, ки ба баландии манор бароем. Маъмурини афғонӣ ҳам ба манор даромаданро рад карданд. Мо ду кас ба воситаи зинапояча дохили манор шудем. Назди зинае, ки ба боло мебаромад қарор гирифтем. Роҳи зинадори качмокачак моро интизор буд. Исматуллоҳхон пеш даромад. Чароғе ҳам бо худ надоштем. Манор ҷо-ҷо мӯричаҳо дошт, ки ба роҳзина равшанӣ медод. Аммо равшанӣ ба тамом роҳро равшан намесохт, балки дар сари ҳар гардиш равшанӣ ба мушоҳида мерасид. Аввалан хостем, ки зинаҳоро аз поён то боло бишморем, лекин то 14-15-то ҳисоб намудему баъд ҳисобро гум кардем.

Бо эҳтиёт пушти сари Исматуллоҳхон боло мешудам. Ниҳоят ба нуқтаи охири манор расидем, ки он тарафаш мӯҳричае осмонро нишон медод. Зинаи дувумро ҳам дидам, ки ба зери об мебурд. Вале баъди ҳодисаи саёҳи фаронсавӣ ҷуръат накардем. То ки ин саёҳати банда таърихӣ шавад, болои як хишти манор ба хати арабӣ чунин навиштам: «Худойназар мутахассиси Шӯравӣ».14 мизони 1351 баробар ба 6-уми октябри 1972. Дар хишти дигар сабте шуд, ки ин буд: «Исматуллоҳхон, ҷиюлучи афғон» ва ҳамон таърих.

Он ҷо навиштаҷоти гуногуне бо алифбоҳои дигар мавҷуд буд. Бо адои ин сабт, аз зинароҳи баромадаамон поён фаромадем. Дар назди манор чанд акси хотиравӣ бардошта шуд, ки ба ташаббуси Вадим сурат гирифт. Як акси пурраи Манори Ҷом, ки хеле ҷолиб буд, то солҳои 80-ум пешам нигоҳ медоштам. Аммо, академик Аҳрор Мухторов мехост мазмуне сари Манори Ҷом нависад ва хоҳиш намуд, ки он аксро ба ихтиёраш гузорам. Чанд вақт баъд, дар «Садои Шарқ» мақолаи эшон ба табъ расид ва расми номбаршуда он ҷо оварда шудааст.

Чанд соати дигар дар пояи Манори Ҷом истироҳат намуда, ба баландии он ва навиштаҷоту санъати кошигариаш менигаристему ба созандаи он офарин мегуфтам. Тасаввур кунед, ки дар садҳо километр дур аз Кобул, дар чӯлистону кӯҳистоне чунин маъхази таърихиву фарҳангӣ қомат рост кардааст, ки дар харитаи саёҳии ҷаҳон номаш зикр ёфтааст. Ҳамасола аз кишварҳои Ғарбу Шарқ садҳо саёҳон ба Афғонистон меоянд, то ки ин манорро бубинанд. Воқеан, ин манорро метавон яке аз арзишҳои фарҳангии қарни ёздаҳи дунёи форсизабон шуморид. Оне, ки аз давлатдории Ғуриён ва султоне аз он бо номи Ғиёсиддин намояндагӣ мекунад.

Сад афсӯс, ки ин муҷассамаи таърихӣ аз назари бахши фарҳангии Афғонистони шоҳӣ дур мондааст ва он сол то сол рӯ ба харобӣ меорад. Бисёре аз ҷойҳои девори он валангор шуданд.

Тамоми чӯбҳои зинаҳо, ки дар қатори хиштҳо қарор доштанд, арра карда шудаанд. Аз ин ҷост, ки се-чор зинаи қисми болоии манор тамоман афтодаанд. Бисёре аз саёҳон хиштҳои кошӣ ва навиштаҷоти онро бо туфангча зада афтонда, ҳамчун намуна бо худ бурдаанд. Хулоса, ин меъмории таърихӣ аз тарафи давлат ва ташкилоти ЮНЕСКО ҳифз намешавад. Агар чунин мебуд, дар назди он касеро мутасаддӣ мекарданду як бечораи афғон аз ин ҳисоб рӯзгор медид.

Андешаҳои дигаре, ки бандаро бештар азият медод, муносибати нодидагиронаи ҳамкорони шӯравиам буд, ки ба ин муҷассамаи таърихии шарқи мусулмонӣ ҳеҷ таваҷҷӯҳе зоҳир накарданд. Магар барои як инсоне, ки аз кишваре мисли Шӯравӣ мебошад, як дониши маъданшиносӣ, ё техникиву касбӣ кифоят мекунад? Охир наход барои шахси маъданшинос аз ин манор чизе донишдиҳанда набуд? Шаҳрванди кишвари бузурге монанди Шӯравӣ, Амрико, Фаронса, Ингилистон, Эрон, Ҳинд, Чин, Ҷопон ва ғайра бояд шахсе бошад, ки аз ҳама донишҳои тахассусӣ каму беш

дар ихтиёр дошта бошад. Вақте ки кас фарҳанги халқи дигареро мепазирад, маъниаш он хоҳад буд, ки ӯ шахси фарҳангии кишвари хеш аст. Дар ғайри ин, ӯро наметавон каси бофарҳанг эълон дошт. Ин шӯравиҳои бадбахти гурӯҳи мо ба ҳамон илми худашон ҳатто бетаваҷҷӯҳӣ зоҳир мекарданд. Масалан, «Шоҳно- ма»-и Фирдавсиро надонистани ин тоифа, барои ман хеле шармовар буд. Охир, ин асар фақат хоси форсизабонон нест, балки он моли ҷаҳониён аст. Ба ҳамин монанд, даҳо асарҳои ҷовидонии дунёро донистани ҳар як шаҳрванди шӯравӣ ҳатмист. Фақат худиҳоро донистану эътироф кардан нишонаи фарҳангмандӣ шуда наметавонад. Дар ҳамин замина, банда худамро хушбахт медонам, ки Пушкину Толстой, Достоевский, Есенини русҳоро медонам, Балзаки фаронсавиро мешиносам, Ҳомерро медонам, «Иллиада»-ро базавқ мехонам, аз Исмоили Сомониву Петри Кабир ифтихор мекунам. Ленинро мепазирам, ба Сталини гурҷиву русӣ офарин мефиристам, Черчилу Рузвелтро эътироф менамоям ва ниҳоят аз адабиёти ҷаҳону дунёи форсизабон бохабар ҳастам. Аз ин нуқтаи назар мо тоҷикон хеле бурд кардаем. Мутаассифона, русҳо, ки худро миллати аввалдараҷа мешуморанд, ки дар ин ҷода хизмати хирсонаи Сталинро набояд фаромӯш кард, ба ғайр аз таъриху фарҳангии славянии хеш дигар чизеро намедонанд. Оре, Балзаку Дюмаи Калону Хурдро мехонанд, аммо ҳама фарҳанги славяниро гумон аст ки донанд. Ин русҳои мо, «Хонед, хонед, боз хонед»-и Ленини бузургро нодуруст фаҳмидаанд. Ҳол он ки Ленин бо хондан мехост ҷаҳонро шиносад. Албатта, ин шиор чандон навие надорад, лекин барои русҳо бояд омӯзанда бошад, чунки аз худашон аст.

Як маъмури афғонӣ нодидагирии шӯравиҳоро ҳис кард, ки гуфт: «Инҳо чӣ рақам ҷиолуҷ ҳастанд, ки ҳадди аққал як хишташро ҳам даст накарданд». Бале, ман ҳам ҳайронам, ки чаро ин ҳамкорони банда ин қадар бемайлу хоҳиш ва худбин тарбия шудаанд? Дар рӯзгори инсонӣ саволҳои бечавоб зиёданд, ки шояд дар ояндаҳои дур посухи худро пайдо кунанд.

Бо ҳамин андешаҳо, задаву хеста, ба қароргоҳамон расидем ва ҳар кадом кӯшиш менамуд, ки аввалтар дар ҳаммоми хаймагӣ ворид шавад. Ин ҳолатҳо банда чобукиро аз даст намедодам. Зери оби гарм худ ба худ гуфтам: хуб шуд, ки як мавзеъи таърихиву фарҳангии ниёгони хешро зиёрат намудам ва андаке дониши аспирантиамро боло бурдам. Слава дари ҳаммомро мекӯфт, Назар, бас будагист,

чӣ хобат бурд, магар? Бале, баъдан хеле бароҳат хобам бурдааст, ки пагоҳаш бо майнаи пур аз таассуроти ҳаловатбахши Манори Ҷоми Султон Ғиёсиддин аз хоб баланд шудам ва дар ботин гуфтам: «Худоё ҳамин навъ султонҳоро зиётар намо, то ки қасрҳои фарҳангиву муҷассамаҳои таърихӣ барпо кунанд ва бо ин ибтикор худро хотирмони таъриху фарҳанги миллати хеш гардонанд. Он ривоят, ки аз безурётии Ғиёсиддин шаҳодат медод, дуруст мегуфт. Султон аз чанд зан фарзанд намеёбад ва дар андеша мешавад, ки ин қадар дороиву шӯҳратро чӣ кунам? Фарзанде надорам, ки султониамро идома бахшаду давомдиҳандаи салтанати Ғуриён шавад. Вақте ки чунин аст, амр бояд содир кард, то ки маноре созанд, ки аз ман нишонӣ бимонад. Ҳамин амр буд, ки даҳсолаҳо ҳазорон муздурону меъморон маноре ба баландии 75 метр барпо карданд ва номашро Манори Ҷом гуфтанд ва дар тахтасанге навиштанд, ки ин муҷассама баёнгари шахсияти султон Ғиёсиддини Ғурӣ мебошад, ки дар қарни ёздаҳи мелодӣ салтанат кардааст.

Офарин ба ин султони дурандеш, бо манораш, ки қарнҳо боиси таваҷҷӯҳи ҷаҳониён гардидааст. Худо кунад, ки бори дигаре Зоҳиршоҳ ба ин ҷо ташриф биёраду ин меъмории таърихиро дар зери назорати Афғонистони шоҳӣ қарор бидиҳад. Омин! Боз як рӯзе аз хидмати хориҷиам кам гардид. Меравам ба умеди рӯзҳои дигар, ки донишҳои тозаеро ато хоҳанд кард. Ҳамкоронам, ки ҳеҷ ҳаловате аз манор набурданд, дар фикри онанд, ки кай Кобул рухсати аз ин минтақа рафтанамонро медиҳад.

Таҳлили зодрӯзи Аълоҳазрат

Дар Афғонистон Зоҳиршоҳро Аълоҳазрат ҳам ном мебаранд. Ҳамасола 22-юми Мизон (14-уми октябр) зодрӯзи Зоҳиршоҳро таҳлил менамоянд. Ин маърака ба ҳукми расмият даромадааст. Албатта, дар ин маврид дастури болоие сурат нагирифтааст, аммо чунон ки маълум аст як фаъолияти дастгоҳи ҳар ҳукумат аз иҷрои чунин вазифаҳо иборат ҳам ҳаст. Масалан, дар ягон ҷо навишта нашудааст, ки Президенти Тоҷикистонро «Ҷаноби Олӣ ё Мӯҳтарам» гӯянд. Ҳол он ки халқи Тоҷикистон Президентро интихоб мекунад ва олитарину боэҳтиромтарин ҳамон унвонест, ки Сарвари давлати Тоҷикистонро бо ҳамон ном ба расмият даровардаанд. Истилоҳи Президент ҳам аз Ҷаноби Олӣ ва ҳам аз Мӯҳтарам болотар меистад.

Оре, вақте ки ягон ҳуҷҷати расмиро аз дафтари сафорат ба дастгоҳи Зоҳиршоҳ мефиристонданд, дар русиаш аълоҳазратро «Его Превосходителёство» тарҷума мекарданд. Яъне калимаи Аълоҳазрат маънии Ҷаноби Олиро медиҳад.

Зоҳиршоҳ ҷое намегуфт, ки ба номи ӯ калимаи Аълоҳазратро ҳамроҳ кунанд. Шоҳ хеле калимаи муқаддас аст. Шоҳро дар замин сояи худо мегӯянд. Аз ин рӯ, шоҳро ҳақорат додан, ё таҳқир кардан гуноҳ ҳисоб мешавад. Ҳамчунин президентро ҳақорат додан кори аҳмақону бефарҳангон хоҳад буд. Дар ҳар ҷомеа аз ҳама табақаи нодидагир ҳизбиён мебошад. Бештар онон шоҳро бо калимаҳои қабеҳ ном мегирифтанд.

Зоҳиршоҳ то соли мавриди назар 39 сол дар тахти шоҳӣ буд. Ӯ ба назари банда шоҳи фурӯтан буд. Ҳеҷ гоҳ чунин нашудааст, ки вақти ба кор омадану баъди кор ба истироҳатгоҳи беруни шаҳрӣ рафтанаш роҳҳои Кобул баста шаванд, ё кормандони бехатарӣ бехи чанорҳову болои бомҳо назорат кунанд. Чанд дафъае, ки омаду рафти Зоҳиршоҳро дидаам, ду мототсикл аз пеш ва дуи дигар аз пушти сари мошини Зоҳиршоҳ қарор доштанд ва ҳеҷ гуна чир-чиру усу бра, ису бра ба мушоҳида намерасид. Ҳеҷ кас сирру асрори Зоҳиршоҳро намедонист. Ӯ ҳар коре ки мекард дар пинҳонӣ сурат мегирифт. Шоҳро касе интихоб намекунад, балки давлат ба асоси сохтори шоҳӣ фаъолият менамояд. Ҳукуматро шоҳ таъин менамояд. Тамоми масъулияти давлатдорӣ бар ӯҳдаи ҳукумат аст, ки дар сари он садри аъзам қарор мегирад.

Таҷлили ҷашни Зоҳиршоҳ танҳо рӯзи таваллудаш ба воситаи радиои Кобул ба тамоми кишвар пахш мешавад. Имсол ӯ 59-сола мешуд. Аълоҳазрат ҳар сол даҳ-понздаҳ рӯз қабл аз зодрӯзаш бо Малика ба кишвари хориҷие сафар мекард. Соли 1971 шоҳид будам, ки ӯ ба Иттиҳоди Шӯравӣ рафт. Имсол аввал ба Туркия ва баъд ба Италия сафар мекунад. Дар ҷараёни ин сафар Малика ба мақсади муолиҷа роҳи Боннро пеш гирифт. Дар ин ду соле, ки ба мушоҳида гирифтам, зодрӯзи Зоҳиршоҳ ба моҳи Рамазон рост омад. Албатта, табақоте, ки шоҳро чандон намепазируфтанд, сафарҳои хориҷии Аълоҳазратро ба таври дигар эзоҳ медоданд. Онҳо мегуфтанд, ки шоҳ рӯза гирифтан намехоҳад, халқашро эҳтиром намекунад, ба хориҷа, ки рафт кораш айшу ишрат мешавад ва ғайра ногуфтаниҳо. Ин даъво чандон воқеият надорад, зеро солҳое, ки Рамазон набошад

ҳам шоҳ дар арафаи зодрӯзаш бо баҳонае кишварро тарк мегуфт.

Бо вуҷуди ин, аз Исматуллоҳхони қандаҳорӣ, ки то ҷое шаҷараи авлодиаш ба Аҳмадзаиҳо наздикӣ дошт, савол кардам, ки чаро Аълоҳазрат зодрӯзашро дар кишвар таҷлил накарда, балки ба хориҷ меравад ва шояд он ҷо дар ҳузури гурӯҳи хурде аз хешу ақрабо ва наздикони дастгоҳиаш пешвоз мегирад?

Исматуллоҳхон изҳор дошт, ки мардуми афғон шоҳро чун такягоҳ ва нигаҳдорандаи исломият ҳурмат мекунад. Суханашро идома дода, дар масъалаи ширкат надоштанаш дар рӯзи таваллудаш ин тавр гуфт: «Маълум аст, ки тамоми шоҳони дунё бо роҳи сӯиқасд кушта мешаванд. Ногуфта намонад, ки қиблагоҳи Зоҳиршоҳ - Нодиршоҳи ғозиро низ як донишҷӯи афғон дар як ҷамъомаде, ки Нодиршоҳ ҳузур дошт, мепарронад. Аз ин лиҳоз, Зоҳиршоҳ дар ин гуна ҷамъомадҳо ва маъракаҳо иштирок намекунад. Агар шоҳ худаш дар зодрӯзаш иштирок кунад ҳам, яке аз писаронашро ба хориҷ равон мекунад. Чаро? Аз он рӯ, ки агар шуду шоҳ кушта шавад, писараш аз берун ба сари кушандагони падараш мубориза бурда тавонад».

Имсол ҳам, Аҳмадшоҳ писари калони Зоҳиршоҳ, ки баъди падар бояд ба тахти салтанат бинишинад, солгарди Зоҳиршоҳро бо тантана гузаронд. Дар ин маърака ӯро ҳамчун вакили мақоми салтанат мешиносанд. Ҷараёни таҷлили ҷашнро бо иштироки вакили мақоми салтанат Аҳмадшоҳ, ки ҳамчун валиаҳд ҳам маъруфият дорад, ба воситаи радиои Кобул ба иттилоъи халқи кишвар расонданд.

Ба муносибати ин зодрӯз чорабиниҳои истироҳативу фарҳангӣ пешбинӣ мегардид. Яке аз чунин чорабиниҳо бузкашӣ буд. Имсол дар майдоне дар Багром бозии бузкашӣ ташкил шуд. Соати 10-и субҳ вакили мақоми салтанат Аҳмадшоҳ ба ин майдон омад. Он ҷо байни вилоятҳо мусобиқа сурат гирифт. Бузкашии имсола ду рӯз идома ёфт. Ба сабаби ин ки Рамазон буд, аз дуюним соат беш идома намеёфт. Одатан, дар чунин маҳфилҳо мутахассисини кишварҳое, ки дар Кобул иқомат доштанд ва намояндаҳои сафоратҳои муқими Кобул даъват мешуданд. Дар кинотеатрҳо филмҳои махсус оид ба Афғонистон намоиш дода мешуд. Шаҳрвандони Кобул бо рӯҳияи дилшодиву ҷашнӣ сайру саёҳат мекарданд. Азбаски ин рӯз рухсатӣ буд, мардум ба боғи шоҳии Пағмон ва Қарға мерафтанд ва истироҳат мекарданд. Дар майдони Чаман ҳам мардуми зиёде ҷамъ меомад ва бо аҳли хонавода болои чаманзор

истироҳат менамуданд.

Албатта, дар мавриди ин ки ҳама шоҳонро ба суиқасд мекушанд бо Исматуллоҳхон розӣ шудан душвор аст. Вале аз нигоҳи назариявӣ таҳлили ӯ воқеият дошт. Масалан, вақте ки Ҳабибуллоҳхонро дар Ҷалолобод ба қатл расонданд, валиаҳд -- Амонуллоҳхон ба тахти шоҳӣ нишаст. Бояд гуфт, ки дар ин ҷода Амонуллоҳхон бо дастаҳои махсуси хеш хеле душманони падарашро саркӯб кард.

Дар ҳамин замина, Шералихону Абдураҳмонхон ду дафъаи ба ҳокимияти амирӣ расидаанд. Яъне аз хориҷи кишвар ба муқобили мухолифини худ зарба задани шоҳон ба ҳукми анъана даромадааст. Аммо ин ибтикорот на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ дода метавонад. Шоҳи Бухоро -- Олимхон аз хориҷ хеле кӯшиш кард, аммо дубора ба сари тахт нишаста натавонист.

Ба ҳамин тариқ, бо гӯш кардани барномаи радиои Кобул оид ба таҷлили зодрӯзи Зоҳиршоҳ ва сӯҳбати Исматуллоҳхон дар ин бора, банда дониши тозае ба даст овардам. Воқеан, эҳтироми сарваронро пос доштан вазифаи ҳар шаҳрванди кишвар аст. Банда бар ин ақида ҳастам, ки Зоҳиршоҳ на барои он ки ӯро ногаҳон ба қатл мерасонанду кишвар бесарвар мемонад, балки маҳз ба хотири сурат нагирифтани масрафҳои зиёдатӣ дар зодрӯзаш иштирок намекард. Шоҳ намехост, ки дар зодрӯзаш давлат масраф кунад. Вақте ки худ ҳузур надорад, табиист, ки масрафи чандоне сурат намебандад. Шоҳ хуб мефаҳмид, ки вазъи иқтисодии кишвар хеле бад аст. Ба назарам, чунин рафтори Зоҳиршоҳ ибратомӯз хоҳад буд. Дар бобҳои баъдии ин дафтар Зоҳиршоҳро боз хоҳед дид. Он ҷо дар ин хусус ҷиддитар сӯҳбат хоҳем кард. Бо умеди дониши боз ҳам тозатаре ин ҳикоятро ба поён мерасонам ва ҳоло мебинем, ки ҳоли гурӯҳи маъданшиносии мо чӣ мешавад. Оё иҷозати Кобулравиро мегиранд ё боз моҳигириамон идома меёбад.

Бозгашт аз роҳи Банди Амир ва Бомиён

Рӯзҳои таҷлили зодрӯзи Муҳаммад Зоҳиршоҳ барои гурӯҳи мо боз ба он хотир фаромӯшнашуданӣ буд, ки 16-уми октябр аз Кобул иҷозати пас гаштанро доданд. Ин амр хеле ба сахтӣ муяссарамон шуд. Ҳафтаи охир фақат ҳушу гӯшамон ба ратсия буд. Мо танҳо ба воситаи ратсияи

Пасобанд метавонистем ба марказ аз худ иттилое бирасонем ё бигирем. Баъзан чунин мешуд, ки Кобул ба ратсия мебаромад, аммо Пасобанд ҷавоб намедод, гӯё касе он ҷо набуд. Масалан, рӯзи 12-ум ба Пасобанд телегром додем, ба чанд душворӣ навишта гирифтанд ва ваъда доданд, ки соати яки рӯз ҷавобашро хоҳанд дод. То соати як гӯшҳо дар назди ратсия овезон нишастем. Мутаассифона, марказ, ки Топол-1 буд мехост ба Пасобанд Топол-5 гап занад, вале он ҷавоб намедод. Топол дид, ки Топол-5 ҷавоб намедиҳад, ба амони худо гуфту корро ба поён расонд. Топол-5 кучое буд, ки дер пайдо шуд, вале дигар ба Топол-Кобул пайваст шуда натавонист.

Ба ҳамин иллат мо нафаҳмидем, ки Топол «ҳа» гуфт ё «не». Бадбахтӣ он буд, ки ба муносибати оғози Рамазон се рӯз рухсатӣ эълон шуда буд. Аз ин рӯ, фақат 16-ум имкон доштем, ки «ҳа» ё «не»-и Тополро фаҳмем.

Ҳамагӣ асабӣ шудем ва ба якдигар мисле, ки қаҳрӣ будем. Слава Топол-5-ро ҳақорат медод, ки мемуранд дар ҷояшон бишинанд, бо гуноҳи онҳо мо боз се рӯзи дигар бояд интизорӣ кашем. Шербина парвое надошт, гоҳе мӯйи сари набударо шона мезад ва чанд мӯйи боқимондаро аз шона пуф мекард. Вадим дар чунин ҳолатҳо ба ягон кор худро машғул месохт. Дохилиҳо, ки баъзеашон рӯзадор буданд, торикшавиро интизорӣ мекашиданд.

Ман бо андешаҳоям банд будам. Медонистам, ки ҳамин рӯз аз Тошканд ҳавопаймо сӯи Кобул парвоз мекунад. Хонумам, ки 7-уми сентябр ба Душанбе Фотимаро раҳнамой карда буд, то ҳол ба Кобул барнагашта буд. Албатта, банда, ки дар Кобул набудам, дуруст карда буд, ки бо фарзандон машғул шудааст. Боз маълумот доштам, ки Холов Маҷид дар рухсатӣ будаасту бо хонагиҳои мо якҷоя меомадааст. Агар ин хел бошад ҳоло ӯ дертар ба Кобул бармегардад. Боз андешаҳои дигар мутаваҷҷеҳам сохт, ки ба 60-солагии шоири тоҷик - Мирсаид Миршакар иртибот доштанд. Ҳар маъракаи фарҳангие, ки дар Душанбе ё Маскав баргузор мегардид, бандаро нороҳат месохтанд. Нороҳатӣ аз он рӯ буд, ки бисёре аз донишҳои филологиро аз даст медодам.

Ин ҷашн дар Маскав таҷлил гардид, ки репортажашро ба воситаи радио шунавонданд. Раиси маҷлис Николай Тихонов буд. Намояндагон аз Федератсияи Россия, Украина ва Озарбойҷон Шоири Халқии Тоҷикистонро табрик гуфтанд. Дар поёни ҷашнвора М.Миршакар сухан гуфт. Ҳарчанд русиаш шикаста буд, ӯ тавонист ба таъсисгарони ҷашнаш дар пойтахти кишвар миннатдории хешро изҳор

бидорад.

Якдафъай андешаам сӯи бозии дирӯзаи дастаи футболи «Помир»-и дӯстдоштаам бо «Уралмаш»-и Свердловск равона гардид. Ифтихор аз он доштам, ки «Помир» ба ҳисоби шаш бар сифр (6:0) ғолиб омад. Се тӯпро Ғуломҳайдаров ба дарвозаи ҳариф фиристод. Дутоашро Макаров ва яктоашро Карпян заданд. Офарин «Помир» гуфтам.

Субҳи 16-ум Топол-1, ки марказ буд, «Ҳа» гуфт. Мо дигар намедонистем хурсандиамонро чӣ навъ изҳор кунем. Ҳамагӣ аз пайи ҷамъугири анҷомҳоямон шудем. То ин вақт чошт ҳам расид. Абдулмуҳаммади ошпаз хӯрокро оварда. Дигар ба ғизо хӯрдан ҳам майл надоштем, балки ҳарчи зудтар мехостем аз ин дараҳои тангу тор бадар шавему сӯи Кобул ҳаракат кунем. Ниҳоят, вақти сафар фаро расид. Бо афғонҳо акси дастаҷамъӣ гирифтему сипас хайрухӯш кардем. Онҳо баъд аз як рӯз бояд ҳаракат менамуданд.

Бо гузашти ду рӯзи дигар чаҳор моҳ мешуд, ки аз назди зану фарзандон дур будем. Магар ин заҳмат надошт? Геологҳо-ку ҳолашон сагона аст, ман чӣ гуноҳ доштам, ки бо онон кӯҳгардӣ кунаму муддати чор моҳ кӯдакҳоямро набинам? Албатта, гуноҳ дар масъулиятмандӣ буд.Ба ҳар ҳол давлат хонондам, бовар карда ба кишвари ғайр равонам намуд, боз чӣ лозим? Аз дигар сӯ, ин ҷо заҳмат кашидан маҷбурӣ набуд, балки маоши хубе медод, ки бо он метавонистам рӯзгорамро бинам ва ҳам каме захира намоям. Ба ин хотир пушаймонӣ надоштам ва таҳти шиори «мушкиле нест, ки осон нашавад» рӯзгор медидам. Чаҳор моҳ ғарибӣ дошт, вале дар ин муддат чӣ корҳое шуд, чӣ моҷароҳе дучорам омад, чӣ ҳаловатҳо насибам гардид ва ниҳоят инсонҳоро шинохтам ва хулоса баровардам, ки кӣ ҳаст.

Мо ҳини сафар кардан ба минтақае ҳамеша аз нақша кор мегирифтем. Дар бозгашт, роҳи Ҳиротро интихоб накардем, балки бо хоҳиши банда шоҳроҳи марказӣ - Чихчарон - Банди Амир - Бомиён ва Кобулро пазируфтем. Ба ман одат шуда буд, ки ба як роҳ ду бор намерафтам. Мақсади ман аз ин сафарҳо бештар дидани мавзеъҳои нав буд. Ҳарчи зиёдтар кишварро медидам, ҳамон андоза хушнуд мешудам. Пешниҳодамро дигарон пазируфтанд. Онҳо ҳам бисёр мехостанд, ки ин ду мавзеъи таърихиву дилчаспи Афғонистони марказиро бубинанд. Ҳамин буд, ки аз Чихчарон ҷилави ҷипро аз шоҳроҳи Ҳирот ба чап гардондем ва нуқтаи охири имрӯза Лаълро қарор додем. Нақша ба мо

мегуфт, ки Лаъл минтақае аст, ки метавон шабро дар он ҷо гузаронд. Албатта, имкон дошт, ки шаби 17-умро дар Чихчарон сипарӣ мекардем, зеро ошноҳои пулисам - Нургулоқову турани панҷшерӣ бо ду-се маъмурини дигар сари роҳи мо баромада буданд ва хоҳиши шаб дар Чихчарон монданро карданд. Аммо русҳо розӣ нашуданд, шитоб доштанд. Геологҳо аҷаб одате доранд. Онҳо вақти аз Кобул ба сӯе рафтан хеле орому бафурҷаанд, роҳи дурӯзаро дар як ҳафта тай менамоянд. Истироҳаткунон мерафтанд. Вале вақти бозгашт, мисле ки оҳанрабо мекашидшон чунон саросемавор роҳ мерафтанд, ки роҳи чоррӯзаро дар як рӯз мехостанд тай намоянд. Вазъи ононро мефаҳмидам. Чор моҳ хеле муддатест. Банда ин ҳолатҳо мутеъи онон мешудам. Ба дӯстони пулисам гуфтам, ки «Хо, шумо мефаҳмен дига, инженер соҳибҳо пушти хонумҳо ва чӯчаҳошон диқ шуданд, бояд зудтар бирасанд дига». Онҳоро аз ин шӯхӣ хушашон омад, чунки худашон ҳам аз геологҳои шӯравӣ ҳоли хубтаре надоштанд. Азбаски бо пулисҳо буда наметавонистам, чанд адад патоқӣ, ки аз Аҷабгул гирифта будам, барояшон додаму худоҳофизӣ намудам. Турани панҷшерӣ, ки ҳоло ҳам бандаро аз худ медонист, «Худойназархон! Хо, ун туфанги ваъдагира аз Кобул хоҳам гирифт?» Бале гуфтаму мошин ҳаракат кард ва медидам, ки онҳо бо чеҳраҳои ба худ хос моро бо чунбонидани дастҳошон гусел мекарданд. Ин охирин дидор ба он зобиту туран ва дигар пулисҳои шаҳри Чихчарон буд. Чунин ҳолатҳо маҳзуниеро пеш меовард. Хуб ё бад чор моҳ ба ҳам унс гирифта будем.

Роҳ (сарак)-и Чихчарон--Лаъл хома буд. Чангу хокаш ба осмон мепечид. Манзараҳои дилчасп ҳам дошт, вале ба сабаби дар шабона ҳаракат доштан, гумон мекунам, ки баъзе мавзеъҳои ҷолибро нодида мондам. Соатҳои даҳи шаб ба мавзеи аҳолинишини Лаъл расидем. Чойхонаву ресторанҳояш шабонарӯзӣ кор мекарданд. Самовотеро интихоб намуда, ба истилоҳ хӯроки шом хӯрдем. Мардумаш мисли мо раҳгузар хеле зиёд буд. Мошинҳои лорӣ (боркаш) бо нақшу нигорҳои зебо ва ҳатто бо сурати шеру палангу уштур қатор меистоданд. Мошини лорӣ рамзи беҳбудии зиндагӣ буд, чунки бор мебараду бор меорад. Мусиқии ҳархела садо медод. Маълум, ки зиндагӣ хуб аст, зеро ронандагони мошинҳои боркаш аз дорандатарини ин табақаи ҷомеа ба шумор мерафтанд. Дуди кабоби ҷигару қабурға аҷаб ҳаловате медод. Машоми кас дуд хӯрад ҳам, лаззат медид. Мо низ аз ин кабобҳо масза дидем. Ҷойҳои серодаму серғавғо инсонро хуш меояд. Банда аз самовотчие пурсидам,

ки ҳуталаш (меҳмонхона) дар кадом самт аст. Ӯ гуфт, ки «инженер соҳиб, ин ҷо ҳутал надорад, агар истироҳат хоҳед мо ҷой дорем. Бифармоед. Ин хабарро ба Шербина расондам. Онҳо чанд лаҳза чурт (фикр) заданд ва ба ин хулоса омаданд, ки роҳро идома диҳанд ва шабро дар Панҷоб гузаронанд. Ронанда ҳам, ки андаке дам гирифта буд, «бурем ба хайр», гуфту ҷипро чолон кард. Бояд гӯям, ки он лаҳзае, ки ин се чурти худ мезаданд, пулиси маҳалро пайдо карда аз ӯ вазъи роҳро фаҳмидам, ки чӣ тавр аст. Роҳзанҳои минтақа шабона фаъолият мекунанд ё не. Пулис хандиду гуфт: «Ага шумо шӯравӣ ҳастен, ҳини сари роҳтона гирифтан бген, ки мо шуравием, онҳо ғаразтон намегиран». Хеле тааҷҷубовар буд, ки маъмури пулис ин гапро бидуни кадом ташвише мегуфт. Аз ин гуфтор дарк намудам, ки вазъи роҳ хуб нест, чӣ бояд кард? Агар ба ин се гапи пулисро расонам, умуман ба ин роҳ намераванд. Мақсад гузоштам, ки чизе нагӯям, аммо ба ронанда фаҳмондам, ки ҳарҷо касе сари роҳ мошинро истод карданӣ шавад, маътал намекунӣ, балки суръатро метезонӣ, то ки дар байни чангу хок монда, моро дида натавонад. Ронанда мақсади бандаро фаҳмид ва «хо, тарҷумон соҳиб, читуре ки шумо мефармен ҳамунтур мекунам», - гуфт. Ин сӯҳбат, ки чанд дақиқае давом дошт, Слава ба ташвиш афтод ва аз ман пурсид, ки ту чиҳо мегӯй? Тинчӣ аст? Вай баъзе калимаҳоро мефаҳмид. Масалан, «истод накун», «маътал», «тез буру» инҳо ибораҳое буданд, ки ҳамарӯза истифода мешуданд. Табиист, ки банда доимо дар сандалии пеш, паҳлуи ронанда менишастам. Сараки Лаъл - Панҷоб низ хома буд ва серҷангу хок. Ақрабаки соат сӯи як ҳаракат дошт. Чанд ҷой хоб фишорам оварда. Он се хоб буданд. Роҳ аз дашти тӯлоние мегузашт. Ба ронанда фармудам, ки ҳар чор чароғи мошинро даргиронад, то ки ду ҷониби роҳ ба масофаи 5-6 метр дида шавад. Ронанда каме ҳушёр гардид, зеро ӯро низ хобаш омада буд. Роҳи дашт, одатан, шабона хатар дошт.

Роҳзанҳо дар ҳамин хел ҷойҳо камин мегирифтанд ва бехотир аз пешорӯи мошин баромада, аввалан ба шишаи он файр мекарданд, то ки ронанда дигар ҳаракатро давом дода натавонад. Пешомади нохуше фишорам меовард. Ронандаро бори дигар таъкид кардам, ки «ҳушёр бош, минтақа хароб маълум меша». Ӯ худро сари сандалӣ мустаҳкамтар қарор дод. Дар масофаи як-якуним километр уштуре сари роҳамон баромад, ки чашмонаш дар рӯшноии чароғҳои мошин валт-валт мекарданд. Худамро рост гирифта, дидӣ гуфтам ба ронанда. «Бале, тарҷумон соҳиб». «Ин тур ки ҳаст газа зер

кун, суръата баланд кун, аммо болои уштур нахурӣ, ки мошин чаппа меша», гуфтам ба ронанда. Ҳамин тавр ҳам кард. Ба хотири ин ки уштурро назанад, ҷилавро дар суръати баланд андаке ба чап тоб дод, ки мошин ба капаракҳо (пасту баландиҳо) дакаи сахт хӯрду он се бедор шуданд. Слава пурсид, ки чӣ шуд? Ҳамин ҳолат буд, ки аз пушти сари мо садои тиру туфанги панҷтираи инглисӣ, ки ба масофаи панҷ километр тираш роҳашро дигар намекард, баромад. Тир аз болои сари мошин гузашту ба ҷое аз он барнахӯрд. Хайрият шуд. «Фомидӣ не», гуфтам ба ронанда «Валлоҳ, тарҷумон соҳиб, чӣ рақам фоҳмидӣ, ки ин ҳиссаи роҳ хатар дора». «Хо, ҷон ширин аст, дига. Хоҳӣ мефаҳмӣ». Хоби он се парид. Фаҳмиданд, ки чӣ гап шуда буд.

Чанд километри дигар пеш рафта будем, ки баданам ба ларза даромад, гӯё хунук мехӯрдам. Акнун тарсида будам. Ба ҳамин ҳол ба Панҷоб расидем. Соат дуи шаб буд. Ҳайҳот, ин ҷо низ меҳмонхона надошт. Ба он се фаҳмондам, ки дигар пеш намеравем, хатар дорад. Розӣ шуданд. Маконе бояд пайдо кард, ки се-чор соати боқимондаи шабро гузаронд. Ин сӯву он сӯро кофтам, як хонаи начандон калони бедарвозаву панҷара пайдо шуд. Чапуркатҳоро он ҷо гузоштем. Шаб сард буд. Дарак-дарақ меларзидам, ба гумонам ҳамон тарс асар кард, ки ҳоло ҳам таъсираш буд.

Минтақае, ки ба он ҳаракат мекардем кӯҳистон ҳисоб меёфт. Бинобар ин ҳавояш сард буд. Пагоҳии Панҷоб об ях кард. Барои нонушта вақт доштем. Мошинро бензин андохтему сафарро давом додем. Нуқтае, ки он ҷо чой хӯрдан мумкин буд, Яковланг ном дошт. Аз Панҷоб то Яковланг 58 км буд. Ин ҷо низ ободӣ ба назар мерасид. Гӯштҳои қуттиро бароварда нонушта кардем. Офтоб ҳам баромад. Дар атрофи Яковланг талу теппаҳо ба мушоҳида расид. Мардумаш молдору ғаллакор буданд. Мавзеъҳое, ки убур намудем, мулки форсизабон буд. Ҳама ҷо ҳарфи форсӣ мешунидам. Маълум буд, ки вазъи иқтисодии мардумаш хеле поён буд. Дар пеш моро Банди Амир интизорӣ мекашид. Байни Яковлангу Банди Амир сӣ-чил километр роҳ буд. Наздикиҳои соати даҳ ба мавзеъи Банди Амир омадем. Роҳе, ки моро мебурд аз самти чапи Банди Амир воқеъ буд. Дар ҳар чанд километр деҳачаҳо ба назар мерасиданд. Торафт ба кӯлҳои Банди Амир наздик меомадем. Дар чанд километрӣ то он ҷо майдончаҳои кабудизоре ба назар хӯрд. Вақте ки наздик омадем, он майдонҳо кӯлҳои об будаанд. Кӯлҳо байни худ деворҳо доштанд. Табиат пеши дарёро

баста, онро дар шакли обанборҳои сунъӣ сохта буд. Об кабкабуд буд. Кӯлҳо аз сатҳи замини роҳ хеле поин қарор доштанд. Чаро номи ин ҷоро Банди Амир мегуфтанд, нафаҳмидам. Маънии амир маълум буд. Банд ҳам маълум. Аммо чаро Банди Амир? Шояд ин кӯлҳо бо амри амире сохта шудаанд? Ин кӯлҳоро медидаму Ҳафт кӯли Панҷакент пеши назарам меомад. Оби ин кӯлҳо ҳам шаффоф, кас худро дар он мисли оина дида метавонад. Аҷобат он буд, ки тамошои ин кӯлҳо барои кас тарсу ларзро халқ мекард. Дар назарам ин кӯлҳо таг надоштанд. Назди яке аз кӯлҳои Банди Амир соате дам гирифтем. Моҳӣ бисёр дошт, вале барои доштани он иҷозат набуд. Мегуфтанд, ки моҳии онро хӯрдан манъ аст, мисле ки заҳрноканд. Ба назарам, ин ақида нодуруст буд. Ба ин хотир чунин бофта буданд, ки саёҳон ба моҳигирӣ машғул нашаванд. Лаҳзае, ки мо Банди Амирро тамошо мекардем, чанд гурӯҳи саёҳон аз кишварҳои хориҷ дар рӯ ба рӯи мо бо либосҳои махсуси саёҳӣ қарор гирифтанд.

Дар Афғонистон забони расмии саёҳӣ ингилисӣ маҳсуб мешуд. Аккосӣ мекарданд, филм мебардоштанд. Мо ҳам чанд қитъа акси хотиравӣ бардоштем. Суратгири гурӯҳ Вадим Тарасенко буд. Хуб аккосӣ мекард, бо сифати баланд.

Дар асл Банди Амирро Обанборҳо гуфтан мумкин буд. Агар Афғонистони шоҳӣ садҳо миллион афғонӣ ҳам масраф мекард чунин обанборро сохта наметавонист. Афсӯс ки аз ин обанборҳо истифода намебурданд ва онҳо ба мисли оби мурда буданд. Вале Банди Амир барои кишвар даромади хубе меовард. Ҳамарӯза садҳо туристҳо ба ин ҷо рахти сафар мебастанд. Онҳо барои дидани Банди Амир доллар медоданд. Албатта, тамошои мо бепул буд. Мо роҳгузароне будему бас ва ҳам муқими Афғонистон. Ҳамин даромади пулӣ буд, ки Банди Амир аз тарафи давлат ҳифз мешуд. Он ҷо маъмурине ба мушоҳида расид, ки кӯлҳоро назора мекарданд, ба туристҳо дар бораи кӯлҳо шарҳу эзоҳ зарур надорад. Кучое онро бояд фаҳмонд? Кӯлҳои пуроби бисёре мавзеъро оро медиҳанд. Дар назари кас осмончаҳое болои замин фаромадаанд ва як шаҳраки осмончаҳо пайдо шудааст. Ин шаҳри осмонӣ панҷ-шаш километр тӯл дорад. Тасвираш ҳамин хоҳад шуд. Воқеан, обанборҳои Банди Амир манзараи хотирмон буд. Бо ҳамин диданҳо корҳои гиюлуҷиро мепазируфтам ва бо онон якҷо рӯзгор доштан маъқулам буд. Магар бо пул ва бо роҳи дигаре ба ин ҷо омадан мумкин буд? Ҳаргиз.

Дар пеш моро боз ҳам манзараҳои аҷиби таърихиву фарҳангӣ интизор буд, ки яке аз онҳоро Бомиён мегуфтанд. Баъди паси сар кардани даҳо километр ин шаҳри таърихиро ҳам хоҳем дид.

Ҳини ҳаракат сӯи Бомиён қариячоте ба мушоҳида расид, ки бошандагонаш аз мардуми ҳазора буд. Бесабаб ин минтақаро Ҳазорачот намегуфтаанд. Деҳаҳои онҳо хурд-хурд маълум мешуданд. Байни ҳар деҳа фосилаи зиёде набуд. Шояд ҳар қарияро хонаводаҳои авлодӣ ташкил медод? Ҳазораҳоро дар бозорҳои шаҳрҳо бисёр дида будам, ки ҳаммолӣ мекарданд. Аскарҳоеро ҳам аз ин қавм медидам, ки таги дари ашрофзодаҳову қумондонҳо хидмат мекарданд. Баъзан ин тоифаро саги дари хонаи афғон меномиданд. Таҳқири сахте нисбат ба инсон.

Ин мардум аз нигоҳи қавора ба қавми қазоқу қирғиз шабеҳ буд. Мардҳояш майдахел ва бештар зардина маълум мешуданд. Аз ҳама табақаи камбизоати Афғонистон ҳамин ҳазораҳо буданд. Онҳоро дар ҳеҷ дастгоҳи ҳукуматӣ ба сифати маъмур ба кор намегирифтанд. Ин қавм дар Афғонистони шоҳӣ ягон мавқеъро ишғол намекард. Мақоми онҳо ҳаммолӣ, муздурӣ ва ба корҳои сиёҳ машғул шудан буд. Албатта, дар шаҳрҳо буданд чанд тан ҳазораҳое, ки бо душворӣ мактаб хонда, ҳатто эҷодкорӣ мекарданд. Масалан, дар Раёсати маъдани Афғонистон Карим Мисоқ ном ҳазора бо мо кор мекард, ки рутбаи маъмури хурдро дошт. Хазинадори ҳизби халқӣ ҳам буд. Аъзам Раҳнаварди Зарёб ҳам, ки нависандаи хубе буд, ба қавми ҳазора тааллуқ дошт.

То чанде, ки ба Бомиён наздик мешудем, дар қабати теппаҳои хокӣ хонаҳои гилин ба мушоҳида мерасид. Гӯё замоне қариява шаҳрҳо дар теппаҳо сохта мешудаанд. Ҳамон шаҳреро, ки дар қабатҳои кӯҳҳои Оҳанкашон дидем, айнан он дар теппаҳои хокӣ такрор меёфт. Ҳоло дар ин хоначаҳои тоқмонанд, асосан, кӯчиҳои раҳгузар иқомат мекарданд. Ба ибораи дигар, агар равшанӣ андозем, дар теппаҳо ҷо-ҷо хокро кофта ба ҳаҷми ду бар се метр хонаҳо сохта буданд. Ин хонаҳои хокӣ дарвозаву панҷара надоштанд, балки як роҳи даромад доштанду бас. Мегӯянд, ки дар собиқ ин ҷоҳоро ба шаҳрҳои ҳазорачот нисбат медодаанд. Ин мардум аз чӯбу хас хона сохтанро ёд надоштанд. Аз дигар сӯ, дар ин минтақа чӯб вуҷуд надошт. Муҳиташон хокистон буд ва фақат аз он истифода мекардаанд. Баромади қавмиву иҷтимоии ҳазораҳоро ба муғулҳо иртибот медоданд. Мегуфтанд, ки муғул бо лашкари чансадҳазориаш ин минтақаро ишғол карданӣ мешавад, аммо ба муқобилияти

сахти бошандагони мавзеъ дучор омада, рӯ ба фирор меорад. Дар натича аз ҳамон лашкари бузург ҳазортои он наҷот ёфта ба таҳҷоиҳо асир мемонанд. Ҳокимони вақт онҳоро ба ин минтақа ҷо дода, як умр барои хизмат кардан нигоҳ доштаанд. Бо мурури замон аз ин ҳазор нафар муғул наслҳо падид меояд, ки ҳазора гуфта мешуданд. Вақте ки насл инкишоф меёбаду дар ҷойи муайяншудаи давлати вақт дигар ҷойи хонасозӣ наемонад, ба онҳо иҷозат медиҳанд, ки дар масофаи 40-50 километр маҳалҳои хоси худро бино намоянд. Минбаъд ин минтақа номи расмии Ҳазораҷотро мегирад. Дар тӯли қарнҳо ин қавм забони модариашро гум карда, ба форсизабонҳо омезиш меёбад. Бинобар ин, аз ин қавми бузург ном мемонаду бас. Забоншон форсӣ мешавад. Албатта, нишониҳое аз муғулҳои авлодиашон то ҳол миёни онҳо, масалан дар эҷоди шифоҳӣ ва расму оинашон вучуд дорад. Дини исломро пазируфтаанд. Ҳол он ки пешвоёни ин қавм дар Тибет ва Чин хеле шӯҳрат доранд. Ин ҳама он донише буд, ки дар заминаи гуфтаҳои афғонҳо ва ривоятҳои бофташудаи худи ҳазораҳо дар андешаҳои банда таҳлил меёфтанд. Дар натичаи андешабофтҳои ботинӣ дониши таърихиву фарҳангие оид ба кавми ҳазора пайдо намудам.

Бо рӯҳияи ҳазорашиносӣ вориди шаҳри таърихии Бомиён шудем. Шаҳр панҷ-шаш километр тӯл дошт. Аз тарафи чап теппаҳои баланди хокӣ шаҳрро иҳота намуда буданд. Сохтмони шаҳр қадимӣ буд. Ҳама хонаҳои якқабата ба мушоҳида мерасид. Дар шаҳр нишоние аз меъмории муосир ба назар намерасид. Як шаҳри оддие буду бас. Ба самти шимоли он дар дашти калоне шаҳрчаи хаймаҳо барпо буд. Он ҷойи истиқомати мувақатии саёҳон будааст. Ҳама хаймаҳо сохти хоричӣ буда, ранги сафеди хат-хат доштанд Саёҳон аз Кобул ба воситаи ҳавопаймо то ин ҷо меомаданд ва баъд бо автобусҳо ба тамошои буддоҳо ва Банди Амир мерафтанд.

Чунон ки аз таърих медонем, Бомиён дар масофаи 230 километри шимолу ғарбии Кобул, дар доманаи Кӯҳи Бобо воқеъ мебошад. Ин шаҳр, воқеан, қадимист, ба ин маънӣ, ки дар сарчашмаҳои асрҳои миёна аз мавҷудияти чунин шаҳре ёдоварӣ мешавад. Бомиёнро «Водии буддоҳои бузург» ҳам меноманд. Ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ аз ин минтақа чанд адад аз ёдгориҳои нодирро ба мушоҳида гирифтааст, ки ҳамчун дайрҳои буддоии асрҳои 1-7 шиноҳта шудаанд. Тавре ки шоҳид будам, ҳоло дар Бомиён ду муҷассамаи хеле азими буддо мавҷуд аст. Яке бо номи муҷассамаи бузург маъруф буда, 53 метр баландӣ дорад,

буддои дувумаш хурдтар буда, 35 метр қад дорад. Мегӯянд, ки буддои хурд нисбат ба буддои бузург, таърихи қадимтар доштааст. Яъне бунёди онро ба асрҳои 1-3 то солшумории мелодӣ иртибот медиҳанд. Баъд аз ду асри дигар, дар масофаи се километр буддои бузург сохта мешавад. Вақте ки аз Банди Амир ба ҷониби Бомиён ҳаракат мекардем нишонии шаҳрсозиҳое ба мушоҳида расид, ки боқимондаҳои шаҳри Ғулғула будааст. Соли 1222 муғулҳо ин шаҳрро ба хок яксон кардаанд.

Буддоҳои Бомиён нишоние аз дини Буддоия мебошанд. Ин дин дар қатори Масеҳият ва Ислом ҳоло ҳам шӯҳрат дорад. Макони дини Буддоияро Ҳиндустони қадим медонанд. Саёҳон аввалан ба тамошои буддои бузург мераванд. Буддои калонаш ҷароҳат дида буд. Аз пешонӣ боло шикаста ва ҳамчунин як пояш аз зону поён вуҷуд надошт. Аз миёни пойҳои буддои бузург ба толоре дохил шудем, ки хеле калон буд. Он ҷо кӯчиҳо зиндагӣ мекарданд. Деворҳои толор хока буд. Яъне тепаи хокии баланде кофта шуда буд. Дар дохили толор зинапояҳои гилӣ мавҷуд буд, ки шахсро ба тори сари буддо мебароварда. Болои теппа дашти калонеро мемонд, ки ҳавопаймоҳои хурд метавонистанд бемалол ба он ҷо фуруд оянд. Баъд аз тамошо бо Слававу Шербина дар пояи буддои калон сурат гирифтем. Сипас назди буддои хурд рафтем, ки он ҳам ҷароҳатҳои зиёде дида будааст. Табиист, ки ин буддоҳо аз тарафи давлат ҳифз мешуданд.

Ниҳоят, ба ресторане даромада чанд сихкабоб хӯрдему соатҳои сеи рӯз роҳамонро ба ҷониби Кобул идома додем. Роҳ хеле хароб ва хатарнок буд. Чанд ҷой қариб буд, ки ҷип чаппа шавад. Аз ин ҷост, ки саёҳонро барои бо автобусу мошини майда омадан аз Кобул иҷозат намедоданд. Роҳаш чандон дилчасп набуд. Талу теппаҳо дошту аз боғоту майсазор кам ба мушоҳида мерасид. Торафт, ки роҳ ба Кобул наздик мешуд ҳаво торик мегардид ва ҳаракати мошинро душвор месохт. Соатҳои даҳи шаб ба манзили Кобулиамон расидем. Як шабу рӯз истироҳат намуда, рӯзи дигараш ба корҳоямон дар Кобул идома додем.

Сафари сеюм ба Ҳирот

Баъди баргаштан аз сафари чормоҳа чанд рӯз дар назди хонавода мондам. Хайрият, Парвизу модараш дар ҳамон рӯзи тахминкардаам ба Кобул баргашта омадаанд. Парвиз ҳам хеле пазмон шуда будааст. Ҳар бегоҳ аз дасташ гирифта,

ин сӯву он сӯ мебурдамаш. Баъзан хонаи Ҳақназар Назаров ва Муҳаммадҷон Гулҷонов медаромадам. Зуҳур Ёров низ аз саҳро омада буд ва писараш Ифтихор ҳамсоли Парвиз, ки буд якҷоя бозӣ мекарданд.

Медонистам, ки боз рӯзҳои наздик ба ягон гурӯҳи дигар мефиристонандам. Дар ин муддат каме пул ҷамъ шуда буд ва мехостам, ки мошини «Волга» дошта бошам. Ба ин хотир ба сафорат рафтам, то ки «наряд» - ҳуҷҷати мошингириро аз муҳосиба бигирам. Сармуҳосиб гуфт, ки наряд нест. Соли 1973 нарядҳои нав бояд биояд. Аммо мӯҳлати қарордоди ман моҳи марти 1973 ба поён мерасид. Нарядҳои ин солро то поёни сол бояд медоданд.

Иди Рамазони имсола ба рӯзҳои ҷашни 55-солагии Октябр рост омад. Рӯзи 6-уми ноябр баробар ба 15 Ақраб иди Рамазон эълон гардид. То рӯзи 11-уми ноябр дохилиҳо истироҳат мекарданд.

Ҷашни Октябрро тоҷикони Шӯравӣ дар хонаи Маъруф Отахонови тошкандӣ пешвоз гирифтем. Аз ҷумла, Ҳ.Назаров, З.Ёров, М.Гулҷонов ва банда бо хонавода он ҷо ҷамъ шудем. Баъди чор моҳи бешароитӣ ин нишаст миёни ватандорҳои хеш истироҳатбахш буд. Ҷашн ба поён расиду бандаро бо гурӯҳе сӯи Ҳирот фиристонданд. Боз рӯзгори даҳшатбор шурӯъ шуд.

Саринженери ин гурӯҳ - Корнев Леонтий Евдокимович буд, ки дар бахши маъдани симоб тахассус дошт. Ба ин гурӯҳ маъданшиноси душанбегӣ - Парфёнов низ шомил буд. Банда ба сифати тарҷумон муаррифӣ шудам. Мисле, ки инҳо омадани маро интизорӣ мекашиданд вагарна тарҷумонҳои бекор буданд, ки қабл аз ман ба Кобул омадаанд.

Шоҳроҳ ҳамоне ки тасвиршро хондаед. Рӯзи 18-уми ноябр ба Ҳифзи муроқибати Ҳирот расидем, он ҷо ки роҳсозони шӯравӣ қароргоҳ доштанд. Ду-се рӯз дар Ҳирот мондем ва нақшаи сафарро ба маъдани симоб, ки дар як минтақаи дурдасти вилояти Ҳирот воқеъ буд кашидем. Тиллоро пайдо карданд, акнун симоб бояд ҷустуҷӯ мешуд. Аз рӯи нақша ин маъдан дар 160 километрии Ҳирот, дар алоқадории Чишти Шариф мавҷуд буд. Се рӯз дар ин мавзеъ корҳо идома ёфту боз ба Ҳирот пас омадем. Ба назарам ин ҷо чизе пайдо нашуд. Дар 25 километрии Ҳирот низ ин маъдан ба мушоҳида расида будааст. Аз Ҳирот хонаеро ба қимати ду ҳазор афғонӣ иҷора гирифта, худамон ҳар рӯз ба он нуқта мерафтему бегоҳӣ бармегаштем. Манзили иҷораи мо дар назди марқади Навоӣ қарор дошт.

Чун собиқ дар ин минтақа гурӯҳи дигари гиюлучии шӯравӣ кор мекарданд, Зуҳур Ёров низ дар наздикиҳои мо фаъолият менамуд. Ӯ ҳар панчшанбе ба Ҳирот меомад. Шахси хушсӯҳбат, ки буд, вақти ман хуш мегузашт. Сӯҳбатҳои ширине дошт. Фаромӯш намекунам рӯзи ҷумъае ба тамошои Хоҷа Ғалтон рафтем. Дар гурӯҳи Зуҳур як инженери тотори содалавҳ кор мекард. Ҳамон рӯз ӯ низ бо мо буд. Вайро розӣ кардем, ки мисли дигарон ба суфаи Хоҷа Ғалтон дароз кашад ва бубинем, ки ӯро ғел медиҳад ё не. Инженери тотор поён фаромад, даҳ афғонӣ дод ва дароз кашиду чашмонашро бо дастонаш маҳкам кард. Мӯйсафед ӯро як рӯ гардонда буд, ки Хоҷа Ғалтон ба тарафи санги савоб вайро кашола кард. Вай чунон гирд мегашт, ки агар он шахси мутасаддӣ андак дерӣ мекард, тоторро ба он санги мармар занонда маъюб месохт. Мо аз боло доду фиғон бардоштем, ки зудтар ӯро дорад, ки дар бало намонем. Тоторро аз ҷояш баланд кард, аммо ӯ гӯё чизеро намедид, зеро хун дар сараш зада буд. Ман гуфтам, ки ин Хоҷа ғайримусулмонҳоро ҳам ғел медодааст-ку. Инженер гуфт, ки мо христиан шуда бошем ҳам дар оғоз мусулмон будем. Он бадбахт шароб ҳам нӯшида буд. Хуб хандидем, ки ин Хоҷа хеле каси демократ будааст, ки барояш дар кадом дин будани мухлисонаш фарқ надорад.

Тавре ки маълум аст, шаҳри Ҳирот замоне шаҳри шеъру фарҳанг буд. Ду дафъаи дигар, ки ин шаҳри бостониро зиёрат кардам баъзе ишораҳо дар мавриди бузургону зиёратгоҳҳои он изҳор доштам. Тасаввур кунед, ки атрофи Ҳирот 200-300 гектар замин минтақаи зиёратгоҳ ном дорад. Дар ҳар панҷ-шаш километр як зиёратгоҳ ба мушоҳида мерасад. Рӯзҳои идҳои Рамазону Қурбон дар назди ҳар зиёратгоҳ аз 200 то 300 нафар намоз мегузорад.

Шаҳри Ҳирот яке аз шаҳрҳои мазҳабӣ мебошад. Аркони дини Ислом хеле ҷиддӣ риоя мегардад. Борҳо дидам, ки дар моҳи Рамазон муллоҳои мутаассиб шахсони рӯзахӯрро калтаккорӣ карданд. Аз ин ҷост, ки инженерони дохилии мо, ки аксар дар сафарем гуфта, рӯза намедоштанд, аз ҳиротиҳо пинҳонӣ сигор мекашиданд, то ки ба ҷаҳолати муллоҳои Ҳирот гирифтор нашаванд.

Дар мазорҳо бузургони бисёре монанди Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳусейни Бойқаро, Ҳотифӣ, Хоҷа Ансорӣ, Абулфарачи Рунӣ мадфунанд. Ҳилолии шоир ҳам дар ҳамин мазорҳо хоб аст, фақат гӯраш номаълум мондааст. Аммо бо хоҳиши банда ҷоеро, ки ӯро табаркуш карда буданд, нишон доданд. Аз он қалъа ҳисоре боқӣ мондааст, ки хароб шудааст ва касе дар

муроқибати он нест. Дар маркази шаҳр Масҷиди ҷомеъ фаъолият мекунад.

Ҳирот дорои як хиёбон мебошад. Дигар гузаргоҳу кӯчаҳояш муқаррарианд. Фақат майдони марказӣ, он ҷо ки меҳмонхонаи Ҳирот мавҷуд аст, озода ба назар расид. Дигар кӯчаҳояш пур аз ахлот. Магаси сиёҳ хеле зиёд дорад. Ҳирот нисбат ба Кобул гарм аст. Муддати се моҳ бод мевазад. Мардумаш форсии машҳадӣ сӯҳбат мекунад. Туркманҳо зиёданд. Онҳо асосан қолин мебофанд. Аз қавми пашту касе қариб, ки ба назар намерасад. Дар Ҳирот қавме ҳаст, ки худро «точик» мегӯяд. Онҳо расму русуми ба худ хос доранд. Масалан, ба қавмҳои дигар духтар намедиҳад ва зан ҳам намекунанд. Ҳама бонувони шаҳри Ҳирот фаранҷипӯшанд.

Дар шаҳри Ҳирот муассисаҳои фарҳангӣ низ ҳаст. Як кинотеатр дорад, ки дар он бештар филмҳои эронӣ намоиш дода мешаванд. Баъзан дромҳои худиро низ ин ҷо ба намоиш мегузоранд.

Ҳирот серарча аст. Тамоми хиёбону кӯчаҳояш аз ду ҷониб арча доранд. Дар дӯконҳои молфурӯшиаш бештар тика (матоъ)-и эронӣ ва шӯравӣ фурӯхта мешавад, ки табиист. Зеро ин ду кишвар бо Ҳирот ҳамсарҳад мебошанд. Мардуми Ҳирот ба шӯравиҳо муносибати хуб мекунанд. Баъзан шикоят ҳам доранд, ки гӯё сарҳадбонони шӯравӣ гову гӯсфандҳои ононро мепарронанд. Бошандагонаш хеле заҳматкашанд. Шоликорӣ тараққӣ кардааст. Ғаллакорӣ ҳам доранд. Ҳирот аз тутзорҳо бой аст. Аз ин ҷост, ки дар бозори Ҳирот шароби тут мефурӯшанд. Албатта, ин фурӯш пинҳонӣ сурат мегирад. Чанде аз шӯравиҳо ба ҷойи «Водка» аз он шароб истифода карданд ва заҳролуд шуданд. Баъдан истеъмоли шароби тутро манъ карданд.

Дар сафари сеюми Ҳирот падидаи хотирмон Чишти Шариф буд, ки дар оғоз аз он ном бурдам. Чишти Шариф алоқадорӣ аст, на ноҳия. Чандон бузург нест. Се рӯзе, ки он ҷо будам, ин маҳалларо шинохтанӣ шудам. Бошандагонаш ҳамагӣ форсизабонанд. Дорои мактаби 12-сола аст. Чеҳраҳои фарҳангиаш дар Ҳироту Кобул зиёд ифои вазифа мекарданд. Дар ин маҳалла масҷиде ҳаст, ки бо номи Шайх Муҳаммади Чиштӣ маъруф аст. Рӯи ҳавлии ин масҷид марқади Шайх вуҷуд дорад. Марқадро солҳои охир таъмир кардаанд. Марқад толори начандон калонро мемонад, ки дар байнаш гӯри Шайх Муҳаммад ҷой гирифтааст. Дар сари қабр тахтасангҳои думетраи мармарӣ гузошта шудаанд. Болои ҳар яке аз ин тахтамармарҳо шоҳбайту ғазалҳои тасаввуфӣ сабт гардидааст. Атрофи толорро чанд адад тоқчаҳо оро медиҳанд,

ки дохили онҳо сангҳои ҳарранга гузошта шудааст. Ҳар санг ном дорад: «гурда», «майна», «шуш». Аз ҳама беш тахтасанги якметрае боиси таваҷҷуҳам шуд, ки болои он «изи пой ва дастони Шайх Муҳаммади Чиштӣ вақти адои намоз дар Бухоро» кандакорӣ шудааст.

Аз ин қаламкорӣ бисёр донишҳоро дарёфт кардан мумкин буд. Аввал ин ки авлодони ин қария аз Бухоро ба ин ҷо ҳиҷрат кардаанд. Аз ин ки номи маҳалро Чишти Шариф мондаанд дар пайравӣ бо унвони таърихиву илмии Бухорои Шариф сурат гирифтааст. Ба ибораи дигар гузаштаи бошандагони Чишт ба Бухорои Шариф иртибот дорад. Шояд як авлоди сарсахтро аз Бухоро пеш карда бошанду ба ҳамин ҷоҳо саргардон шуда, решаи нав гузоштааст, вале ба хотири гузаштагонашон номи деҳаи навбунёдшонро Чишти Шариф ниҳодаанд. Аммо ин авлод ҳамеша бо Бухорои Шариф дар робита будааст ва ҷавононеро мисли Муҳаммад ба Бухорои Шариф фиристондаанд, то ки таҳсили илм дошта бошанд. Муҳаммад дар мадрасаҳои Бухоро таҳсили илм намуда, худ ба мақоми шайхӣ мерасад. Баъд аз 25-30 сол шояд дар айёми пиронсолӣ ба хотири пайванди решаҳои гузашта ба имрӯзааш дубора ба Чишти Шариф бармегардад ва ин ҷо аз дунё мегузарад. Бошандагони Чишти Шариф қисса карданд, ки Шайх фақат мулло набуд, балки ӯ ба дараҷаи мавлавӣ расида буд. Шайх бо китоби бисёре ба деҳааш омада будааст. Худаш ҳам китобҳое навиштааст, вале ватандорҳояш аз номи онҳо хабар надоштанд. Афсӯс, ки дар он се рӯз ягон шахси фарҳангиро натавонистам бубинам ва сари ин мавзӯъ сӯҳбат намоям.

Тахмин меравад, ки Шайх Муҳаммади Чиштӣ як шахсияти одӣ не, балки чеҳраи фарҳангиест, ки бо баланд рафтани мартабаи илмиаш махсус ба зодгоҳаш рафтааст, то ки он ҷо мадрасае таъсис бидиҳад ва барномаҳои таълимии мадрасаҳои Бухороро, ки анъанаи садсолаҳо доранд, дар мадрасаи Чишти Шариф амалӣ намояд. Воқеан, он кандакории рамзӣ ҳоло ҳам дар пеши назарам мебошад. Онро метавон як мӯъҷизаи ҳунарӣ хонд. Баъди ин тамошои дилчасп андешидам, ки шояд фурсате шаваду ин Шайх ҳамчун чеҳраи фарҳангии форсизабонон мавриди омӯзиш қарор бигирад. Ҳоло бо гузашти солҳо худро маломат мекунам, ки он ғазалҳову шоҳбайтҳоро ёддошт накардам... Сад афсӯс мехӯрам!

Сафари сеюмам ба Ҳирот ҳамагӣ як моҳ идома ёфт. Дар ин муддат маъданшиносон муайян карданд, ки дар гирду атрофи он аз симоб нишоне набудааст. Гузашта аз ин,

ҳаштуми декабр дар Ҳирот барф заминро пӯшонд. Ин сардии якдафъаӣ ба шароити нохуби хобу хез боис шуд, ки ба бемории ҳамешагии резиш (грипп) гирифтор шудам. Вақте дар Деволаки Чихчарон буданам ҳам чанд маротиба ба ин касалӣ гирифтор шуда будам. Хайрият, симобкобимон ба охир расиду 18-уми декабр дубора ба Кобул баргаштем. Дар Кобул духтурамон се рӯз бандаро аз кори расмӣ озод намуд. Шояд ин сафари охиринам ба Ҳироти бостонӣ буд. Ба ҳар ҳол дар се сафар аз Ҳирот ва зиёратгоҳҳои таърихии он хеле ҳаловати маънавӣ бардоштам.

Гумон намекунам, ки дар ин зимистон боз ягон саринженери саросема бандаро ба кучое мебарад. Имкон дорад, ки ин зимистон дар Кобул бимонам.

Маҳфили фарҳангие дар Кобул Нандорӣ

Баъд аз бистумҳои декабр бандаро ба дастаи техникие, ки дар Варакшоб (тармимгоҳ)-и Хайрхона буд, пайвастанд. Ин гурӯҳе буд, ки дар корҳои заминшикофӣ фаъолият менамуд. Варакшоб муассисаи техникии Раёсати маъдани Афғонистон ба ҳисоб рафта, дар он асосан мошинҳо ва дигар дастгоҳҳои гиюлучӣ тармим мешуданд. Дар ин ҷода низ мутахассисони шӯравӣ даъват шуда буданд. Он ҷо коргарони зиёде машғули тармими мошинҳо мешуданд. Хайрхона яке аз шаҳрчаҳои Кобул буда, дар баромадгоҳи шоҳроҳи Кобул - самти шимол ҷойгир буд. Ин шаҳрча хонаҳои якманзила ва котеҷҳо дошт. Ҳавопаймо то ки ба майдони ҳавоии Кобул фуруд ояд, аз болои Хайрхона давр дода, сипас поён мешавад. Гӯшае аз ин шаҳрча ба қисмати поёнии майдони ҳавоӣ қариб ки пайваст мегардид.

26-уми декабри соли 1972, баъд аз як рӯзи таваллуди банда, яке аз тоҷикони душанбегӣ, ба назарам Муҳаммадҷон Гулҷонов, хабар овард, ки дар Кобул Нандорӣ, ки аз шаҳрчаи Нодиршоҳии моён чандон дурӣ надошт, маҳфиле сурат мегирад. Ташаббускори он Ҷамъияти дӯстии Афғонистону Шӯравӣ будааст. Мо як гурӯҳ тоҷикон ба он ҷо ҳозир шудем. Дар садри маҷлис шаш нафар менишастанд, ки аз ҷумла се нафараш табааи шӯравӣ будаанд. Якеаш вазири маданияти Тоҷикистон Мехрубон Назаров буд. Ман эшонро ғоибона медонистам, вале аз наздик дар Кобул дидам. Аҷаб тасодуфе Маҷлиси дӯстӣ ба форсиву русӣ сурат гирифт. Суханронихои

афғонистоншиносони маскавиро ба форсӣ тарҷума мекарданд. Вой бар ҳоли мутахассиси афғоншиносе, ки забони кишварро намедонад.

Садри маҷлис сухани навбатиро ба М.Назаров дод. Мавсуф ба забони форсии кобулӣ гузориши бамаъние сари мавзӯи дӯстии анъанавии Шӯравиву Афғонистон дод. Гумон мекардам, ки ӯ солҳо дар Кобул ифои вазифа доштааст. Аслан, Меҳрубон Назаров шояд аз аввалин бадахшониҳои Тоҷикистон буд, ки ба забони тоҷикӣ тоза сӯҳбат менамуд. Шахси дувуми ҳамин маҳал Додихудоев Раҳим низ, ки забоншиноси варзидае буд, тоҷикиро хуб медонист. Донишмандони дигари ин минтақа, то ҷое ба забони тоҷикӣ шикаста сухан мекунанд. Яъне дар тоҷикигӯии эшон таъсири забонҳои помирӣ аён буд. Албатта, профессори назарияи иқтисод Мамадназарбеков низ ба тоҷикӣ бад сухан намегӯяд. Ин ҷойи айб ҳам надорад, аммо хоҳу нохоҳ муҳити лаҳҷа дар гуфтори ягонаи забони адабии тоҷик таъсири худро мегузорад.

Ба ин маънӣ, он рӯз Меҳрубон Назаров бо услуби нотиқӣ ба форсии кобулӣ сӯҳбат мекард. Банда, ки дар толор будам, аз ҳамсояҳои афғониам мешунидам, ки мегуфтанд, «валлоҳ ин тоҷика форсиш хеле қавист». Дар паҳлуям Гулҷонов менишаст, ки русиву тоҷикии эшон низ шикаста буд, гуфт: «О бача и Меҳрубон Назаров ду сол дар Кобул кор кардааст, албатта бояд лаҳҷаи кобулиро донад». Сарфи назар аз ин ки дар Кобул кор кардааст ё не, заминаи фарҳангии тоҷикиаш қавӣ бояд бошад, вагарна бо тақлидкорӣ сӯҳбати софи кобулӣ карда наметавонист, Муҳаммадҷони Гулҷон, ки аз ватандорони М.Назаров буд, «бале,бале, саҳист», гуфт Зуҳуру Ҳ.Назаров балегӯиҳои Гулҷоновро бо каме ишораи ханда сӯи банда таъйид намуданд.

Ҳақназар Назаров инсони наҷибу донишманд ба сӯҳбати мо гӯш медоду аммо чизе намегуфт, зеро хушгуфториҳои Зуҳур ҳар навъ сухангӯи баъдиро фишор меовард. Зуҳур ин ҳолатҳо форсигӯиҳои Муҳаммадҷонро таъриф мекард ва илова менамуд, ки валлоҳ Муҳаммадҷон ту ба русӣ ҳам монанди форсӣ ширин сӯҳбат мекунӣ. Муҳаммадҷон фаҳмид, ки суханони Зуҳур рамзноканд, бо дасти рост бурути тарафи чапашро хеле тоб доду дигар чизе нагуфт. Ман дарунакӣ механдидам.

Воқеан, сӯҳбати ватандори мо ба афғонҳо хеле хуш омад, ки боиси ифтихори мо ҳам буд. Дар танаффус ману Ҳақназар Назаров бо М.Назаров салому алейк намудем. Мавсуф Ҳ.Назаровро хуб мешинохтааст, аммо сӯи банда

ишора карда пурсид, ки ин ҷавон аз дӯстони афғонии мост. Ҳ.Назаров як хандаи сабуки ширин карду гуфт, не ин ҳам як Назари дигар аз Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон мебошад. Исмаш Худойназар аст. М.Назаров хушҳол шуду аз Поршневи мо-ку нест. Не,не гуфт оқои Ҳ.Назаров, ӯ аслан кӯлобӣ аст. Бо ҳамин ошноиямон, мисле ки қавӣ шуд. Вақти ба толор барои тамошои консерт даромадан ҳам шуд ва М.Назаров узр хосту суроғаашро барои Ҳ.Назаров гуфт: меҳмонхонаи «Кобул», ҳуҷраи 105 ва илова намуд, ки ҳатман ба меҳмонхона биоед.

Консерт оғоз шуд. Барандаи маҳфил эълон кард, ки ҳоло овозхони ҷавони радиои Кобул Аҳмад Зоҳир дар хизмати толор қарор мегирад. То ин лаҳза, борҳо садои ӯро шунида будам, вале худашро рӯи саҳна надида будам. Як ҷавони миёнақаде бо мӯйи сари дароз рӯи саҳна омад. Алоқамандонаш бо кафкӯбӣ пешвозаш гирифтанд. Аҳмад Зоҳир, тақрибан ним соат саҳнаро ба дасти худ гирифт. Овозхоне буд, ки бо таври эстрадаи шарқиву аврупоӣ мехонд. Саҳназеб ҳам буд. Ҳаракатҳои ӯро ҷавононе аз толор тақвият медоданд. Аз Лоҳутии мо низ ғазали «Зиндагӣ даркор нест»-ро хонд, ки бо кафкӯбиҳои дурударозе пазируфта шуд. Ин нахустин ошноӣ бандаро мухлиси Аҳмад Зоҳир гардонд. Аҳмад Зоҳир акнун шӯҳратёр шуда истода буд..

Баъд аз ду рӯз Муҳаммадҷон аз ман хоҳиш кард, ки якҷоя ба меҳонхонаи «Кобул» равем. Ӯ, ки дар вазорати плон кор мекард, аз ҳама навиҳо иттилоъ дошт. Он кас ҳамеша дар ҳаракат буд. Аз ин утоқ ба он утоқ худро мезад, то ки донише андӯзад. Баҳсро хеле дӯст медошт.

Баъд аз пешниҳодаш ба ӯ савол додам, ки дар «Кобул» чӣ гап аст? Мавсуф гуфт, ки ман алъон телефон кардам, М.Назаров аз Ҷалолобод баргаштааст. Ба саломаш равем, охир ӯ хуб ё бад вазир аст, гуфт дар хотима. Сӯҳбаткунон рафтем. М.Назаров моро ба хушнудӣ пазируфт. Муҳаммадҷон ба забони помирӣ бо меҳмон чизе гуфт, аммо М.Назаров ба форсӣ сӯҳбатро идома бахшид. Ман ҳис кардам, ки ӯ нахост ба саволи Муҳаммадҷон ба помирӣ ҷавоб диҳад.Аз ҳамон лаҳза, М.Назаров дар назарам шахсӣ фарҳангӣ ва ҷаҳонгашта ҷилвагар шуд. Ҳис намудам, ки аз услуби муошарати дипломусӣ хуб огаҳ аст. Муҳаммадҷон ҳар лаҳза дуди сигорро бароварда нӯги онро ба хокистардон мезаду ҷилави суханро ба меҳмон доданӣ намешуд. Банда бо хандаи нозуку маънидор ба Муҳаммадҷон менигаристаму авзои меҳмонро мушоҳида менамудам. М.Назаров оре, оре гӯён болои мизро пур аз лимуҳои Ҷалолобод кард. Як шиша

коняки арманиро бо қадаҳчаҳо назди мо гузошт ва сӯҳбаткунон ба пиёлаҳо конякро рехт. Муҳаммадҷон бо дидани коняку лиму хушҳолтару сергаштар шуд. Сӯҳбати Муҳаммадҷон ҳамааш сари масоиле сурат мегирифт. Савол медод ва ҷавобашро худаш мегуфт. Ду-се соате ки дар ҳузури вазири маданият нишастем, фақат Муҳаммадҷон гап зад. Дар поёни сӯҳбат Гулҷонов меҳмонро ба хонааш даъват намуд. Меҳмон «ба чашм» гуфта, соати даъватро бо суроғаи Муҳаммадҷон навишта гирифт. Худоҳофизӣ кардем. Вазир то рӯи ҳавлии меҳмонхона моро гусел намуд. Ба кӯча баромадем. Мошини хизматии Муҳаммадҷон интизор буд. Ба мошин даромадему ба Муҳаммадҷон гуфтам: чӣ ту пагоҳ дар хонаат боз худат ҳама сӯҳбатро ба ихтиёр мегирӣ? Хандиду бурутҳояшро тоб додан гирифт. Тоб додани бирут чунин маънӣ дошт, ки сухани ман ба ӯ хуш наомад. Аз коняк чеҳрааш тағйир ҳам хӯрда буд. То хона дигар гап назад.

Шаби дувум дар манзили Муҳаммадҷон ба шарофати М.Назаров даъват шудем. Ба назарам мо чанд тоҷик якҷо шуда, ӯро зиёфат кардем. Нахостем, ки ба Муҳаммадҷон вазнинӣ афтад. Дар ин даъват боз ҳамон тоҷикони номбаршуда буданд. Хайрият, Муҳаммадҷон, ки дар манзили худаш буд, кам гап зад, гӯё хизмат кард. Сӯҳбатро бештар ба ихтиёри меҳмон гузоштем. Ӯ хеле фурутанонаву ширин ва бомаънӣ ҳарф мезад. Аз илму фарҳанг бештар ҳарф мегуфт. Ҳ.Назаров, ки аллакай дар ҷодаи илм мақоми муайяне дошт, ба сӯҳбат шакли олимона ато мекард. Гоҳ-гоҳе Зуҳур, ки домоди бадахшониҳо буд, ягон латифае мегуфт ва ҳамагонро механдонд. Хонумҳо дар ошпазхона бо Муҳаммадҷон сари болаззат шудани ғизо баҳс мекарданд. Муҳаммадҷон бо саволҳои пай дар паяш чанд бонуро аз ошпазхона бадар намуд. Ӯ ҳама илмро медонист, ҳатто илми сари дегро аз занҳо хубтар медонист ва пухту пазро метавонист анҷом диҳад. Фақат ман хомӯш меистодам. Мехостам аз сӯҳбати вазиру олим барои худ донише андӯзам. Ҳамон шаб пеш аз худоҳофизӣ меҳмон иброз дошт, ки боз ду-се рӯзи дигар дар Кобул ҳастанд, баъд аз роҳи бандари Шерхон ба Ватан бармегарданд. Ҳамин буд, ки Зуҳур Ёрови домод бо завҷааш Донистабону меҳмонро барои шаби дигаре даъват карданд. Ин даъват бештар ба Муҳаммадҷон хуш омад, зеро гумон кард, ки акнун ки аз ошпазхона халос аст, метавонад вазирро бо саволҳои коғазпечаш масруф созад. Дар ҳамин замина шаби дигар дар манзили Зуҳур боз ҳамон нафарон ҷамъ омадем. Меҳмони олиқадрамон Меҳрубон Назаров буд. Ин шаб ҳам бамаънӣ нишастем. Азбаски

Муҳаммадҷон бекортар буд, сӯҳбат каме дуру дароз ва баъд баҳснок сурат гирифт. М.Назаров ҳар ҳарфашро муаддаб ва баандешона иброз медошт. Дар поён меҳмон сухан карда, ба ҳамаи моён барои чунин меҳмоннавозиамон ташаккур гуфт. Рӯзе, ки аз Кобул сӯи Шерхон-бандар ҳаракат мекард, боз аҳли ҳамон пазирой ба меҳмонхонаи «Кобул» рафта, ӯро гусел намудем. То дидори тоза гуфтему мошини меҳмон ба ҳаракат даромад. Муҳаммадҷон ҳамоно дуд пуф мекарду даст меҷунбонд. Ин буд нахустин ошноии банда ба яке аз чеҳраҳои фарҳангии Тоҷикистон. Он якшаба маҳфили дӯстй боис шуд, ки бо ватандорамон нишинему ёди Тоҷикистон кунем. Ҳамон вақт М.Назаров мисле ки бӯи Тоҷикистонро дошт.

Ташрифи Подгорный ба Кобул

Соли 1973 ҳам фаро расид. Муносибатҳои иқтисодии Шӯравиву Афғонистон рӯ ба инкишоф меовард. Бо ёрии мутахассисини шӯравй дар ин кишвар чандин муассисаҳои илмиву техникй ба фаъолият пардохтанд. Мардуми Афғонистон нисбат ба Шӯравй эҳтиром доштанд. Дар Кобул техникуми Ҷангалак, Институти политехник ва дар Мазори Шариф ҳам техникум таъсис шуд. Як сол қабл, Зоҳиршоҳ ба Шӯрави ташрифи расмй овард. Ҳама ин дӯстии чандинсола боиси он шуд, ки 21-уми майи соли 1973 Раиси Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравй Подгорный Николай Викторович ба Афғонистон ташрифи расмй овард. Ҳоло моҳи май оғоз нагирифта буд, ки дар вазоратхонаҳову сафорати Шӯравй мавзӯи омадани Погорный вирди забонҳо гардид. Даҳаи дуюми май, дастае аз мутахассисони варзидаи шӯравй ба Кобул омада, ба сафари расмии яке аз роҳбарони аввалмақоми давлати Шӯравй омодагй гирифтанд. Дар вазоратхонаҳои марбута ҳуҷҷатҳои дахлдор тайёр карда мешуданд. Ин шабу рӯзҳо тарҷумонҳои форсй, ба хусус Муҳаммадҷони Гулҷон, хеле пуртараддуд буданд. Тарҷумонҳоро аз вазоратхонаҳо ба ин маъракаи муҳими сиёсй ҷалб намуданд. Гурӯҳҳои махсуси равоншиносй бо роҳи худ мансабдорони афғониро меомӯхтанд ва ҳатто чй саволҳо доданашонро ба ҳайати расмии Шӯравй муайян карданй мешуданд. Гурӯҳи дигаре ба дастгоҳи Ҳукумат ва Зоҳиршоҳ сару кор гирифтанд, то ки саволҳои ғайричашмдошти шоҳро пеш аз вуқуъ фаҳманд ва ҷавоби онҳоро аз ҷониби Подгорный тайёр намоянд.

Хулоса, гурӯҳи кории Подгорный гӯё босамар корҳоро анҷом доданд. Акнун Подгорный метавонист бо дили пур ба Кобул сафар кунад. Ду-се рӯз қабл аз омадани Раиси Шӯрои Олӣ моро огаҳ намуданд, ки омодаи ҳар навъ коршиканиҳои баъзе гурӯҳҳои бадбини ҳукумати шоҳӣ бошем.

Подгорный меҳмони хосаи Зоҳиршоҳ буд. Ба ҳисобе Подгорный ҳам барои афғонҳо шоҳи Шӯравӣ ҳисоб меёфт. Рӯзи 21-ум баъд аз соати 8-и субҳ тайёрӣ барои истиқболи Подгорный дар шаҳри Кобул оғоз шуд. Хиёбони марказӣ аз ду тараф бо одамони зиёде пур гардид. Кормандони ҳар вазоратхонаву муассиса назди биноҳои хеш баромада, омодаи пазироии меҳмони олиқадр буданд. Мактабҳои олӣ низ ба ин маърака ҷалб гардиданд. Гӯё Кобул шакли идонаро ба худ гирифт. Ин рӯз офтобӣ ва баҳорӣ буд. Ҳама гулҳои чаманзорҳои шаҳри Кобул шукуфон гардиданд. Гиюлучҳои шӯравӣ низ назди вазоратхонаи худ ҷамъ омадем. Соати расо 11-и рӯз роҳи марказӣ баста шуд. Нозирони роҳи шаҳри Кобул ба ин сӯву он сӯ мошинҳошонро медавонданд. Эълонҳошонро бештар ба пашту мекарданд. Аз қасри шоҳ то майдони ҳавоӣ хиёбони мустақиме буд, ки агар кас аз байни роҳ истода назар кунад, бинои майдони ҳавоиро диданаш мумкин аст. Пулис эълон кард, ки омода бошед, ки меҳмони олиқадри шоҳ аз майдон ҷониби қасри шоҳӣ ҳаракат кард. Мо, ки дар назди қасри шоҳ меистодем, дидем, ки мошини пулис бо чароғҳои милт-милткунандааш тез рӯ ба поён ҳаракат дорад. Пешвозгирандагон дар даст байрақчаҳо симои хиёбонро хотирмон месохтанд.

Соати 12.30 шуда буд, ки Подгорный ва Зоҳиршоҳ дар мошини рӯйлуче бо адои арзи эҳтиром нисбат ба истиқболгирандагон, омаданду ба дасти рост гашта, дохили арк шуданд. Оҳиста-оҳиста мардум пароканда мегашт. Ин рӯз афғонҳо дигар сари вазифаи хеш ҳозир нашуданд. Ҳама дар андешаи он буданд, ки Подгорный барои чӣ омадааст, оё Афғонистоне, ки иқтисодиёташ рӯ ба касод овардааст, ба воситаи Раиси Шӯрои Олии Шӯравӣ метавонад, андаке беҳбудӣ ёбад ва дигар орзуву ормонҳо... Ҳол он ки ин ташрифро на ҳама неруҳои ҳизбиву демократӣ мехостанд. Мухолифони шоҳ низ кам набуданд. Дигар ин ки Зоҳиршоҳ тоза бо ивази Доктор Зоҳир Садри аъзами нав— Мӯсо Шафиқро таъин карда буд. Вазъи бади иқтисодӣ Доктор Зоҳирро маҷбур сохт, ки расман истеъфо диҳад. Садри аъзами нав ҷавони пуртараддуде маълум мешуд, вале Шӯравиро чандон намепазируфт.

Сафари Подгорный то 24-уми май идома ёфт. Дар ин муддат чандин шартномаҳои байнидавлатӣ ба имзо расиданд. Зоҳиршоҳ барои меҳмонаш зиёфати бошукӯҳе орост, ки дар он аз ҳама сафоратхонаҳои хориҷӣ намояндагон иштирок карданд. Табиист, ки дар ин навъ зиёфатҳои расмӣ сӯҳбатҳои хоса бештар сурат мегиранд. Зоҳиршоҳ, ки дар рӯ ба рӯи Подгорный қарор дошта, ғайричашмдошт ба Подгорный савол дода мепурсад, ки чӣ мешавад, агар Шӯравӣ техникуми Ҷангалак, Институти политехникии Кобул ва техникуми Мазори Шарифро барои Афғонистон таври маҷҷонӣ бубахшад? Давлати Шӯравӣ кишвари пурқудрате аст. Барои вай ин ду-се муассисаи таълимотиро бахшидан ҳеҷ гароние намеорад. Вақте ки тарҷумон хоҳиши Зоҳиршоҳро тарҷума кард, Подгорнӣй дар ҳолати ногуворе монда як ба Пузанов - сафири Шӯравӣ дар Афғонистон ва ба дигар касоне, ки дар ин сафар ҳамроҳӣ менамуданд назар андохт, вале ҳеҷ кас ба чунин савол додани Зоҳиршоҳ чашмдошт набудани худро ишора карданд. Подгорный намедонист чӣ гӯяд, дигар фурсате нест, ки ин мавзӯъро бо Брежнев ва ҳукумати Кремл матраҳ бисозад, ин ҷо зиёфат аст, чӣ бояд кард? Табиист, ки то ин савол шаробро ҳам кофӣ нӯши ҷон карда буд, ҳарчи бодо бод гӯён, сӯи Зоҳиршоҳ нигаристу «хуб аст, мо хоҳиши шуморо ичро мекунем». Тамоми ҳозирин чунин ҷавобро шунида, офарин, офарин гӯён кафкӯбӣ карданд. Зоҳиршоҳ аз ҷо баланд шуда Подгорныйро бӯсид ва ин бӯса чунин маънӣ дошт, ки аз ин соат протоколи бахшиши муассисаҳои таълимии фавқ ба имзо расид. Дастгоҳи Зоҳиршоҳ ҳамон лаҳза ба воситаи радиои кишвар ин хабари фавқулъоддаро пахш кард. Субҳи дигар радиои Кобул дар ҳар ним соат як маротиба ин хабарро эълон менамуд. Ба Маскав низ ин хабар расид ва ҳама аъзоёни Политбюро дар ҳайрат монданд, ки ин чӣ гап аст, ба Подгорный кӣ ҳуқуқ додааст, ки дороии давлатро маҷҷонӣ тақсим кунад? Бо ин хабари барои Афғонистон таърихӣ ташрифи расмии Подгорный ба поён мерасад. Ин охирин ташрифи раиси Шӯрои Олии Шӯравӣ ба кишвари хориҷӣ буд. Баъд аз чанд рӯз ба иллати бемасъулиятиаш Подгорныйро ба истеъфо баровардаанд. Ин хабарро низ радиои Кобул ба зудӣ эълон кард ва тамоми рӯзномаҳои кишвар ба истеъфо рафтани Подгорныйро бо хизматҳояш таъйид намуданд.

Зоҳиршоҳ баъд аз гусели ифтихормандонаи Подгорный андаке худро ором эҳсос намуд, зеро аз қарзи чандмиллионаи Шӯравӣ озод гардид. Бо ҳамин рӯҳия Аълоҳазрат ҳамроҳи хонумаш Малика барои ҷарроҳӣ намудани чашмҳояш роҳи

Инглистонро пеш гирифт. Ин сафари Зоҳиршоҳ низ ба кишвари дигар, ҳамчун шоҳи Афғонистон охирин буд чунки баъд аз якуним моҳи ба табобат рафтанаш салтанати шоҳӣ аз байн бардошта шуд...

Кудатои Довуд

Истилоҳи «кудато» дар форсии кобулӣ маънии табаддулоти ҳарбиро дорад. Довуд писари амаки Зоҳиршоҳ буда, дар таърихи нави Афғонистон бо номи Муҳаммад Довуд маъруф мебошад. Ӯ рутбаи низомии ҷенролӣ ҳам дошт. Мавсуф аз соли 1953 то соли 1963 Садри аъзами давлати шоҳии Афғонистон буд. Мардуми ин кишвар гоҳе мегуфтанд, ки ҳама шартномаҳои давлатӣ миёни Афғонистону Шӯравӣ маҳз дар даврони садриаъзамии Муҳаммад Довуд ба имзо расидаанд. Ба ибораи дигар эшон ба сифати Садри аъзами бонуфузе миёни халқиятҳои Афғонистон шинохта мешуд. Чунин шуд, ки ибтикороти Муҳаммад Довуд баъзе атрофиёни Зоҳиршоҳро ба ташвиш оварду хостанд, ки ӯро аз ин вазифаи пурмасъули давлатӣ барканор созанд. Аммо чӣ навъ? Охир, вай воқеан кор мекунад-ку! Мушовироне пайдо шуданду ба Зоҳиршоҳ мефаҳмонданд, ки дар як сурат мешавад, ки Довудро аз садриаъзамӣ дур андохт. Яъне чӣ? Луи Ҷирга қарор мебарорад, ки минбаъд аз авлоди Шоҳ наметавонад Садри аъзами кишвар бошад. Ҳамин ҳуччат буд, ки давраи сеюми садриаъзамии Довудхон амалӣ нашуд ва ӯро бо рутбаи ҷенролӣ ба истеъфо гусел карданд. Муддати дах сол буд, ки Довудро дар ягон маъракаи давлатӣ дидан мумкин набуд. Ӯ дар ин мӯҳлат хонанишин буд. Вале хонааш дар ҳавлии арки шоҳӣ боқӣ монд ба ин тафовут, ки роҳи даромаду баромади Довудро аз роҳи самти Шаҳри нав кушоданд. Агар кас аз қасри шоҳ ба масофаи начандон зиёд ба самти майдони ҳавоӣ ҳаракат намуда ва баъд ба тарафи чап, ба роҳи сӯи Шаҳри нав мерафтагӣ баргардад, аз девори қаср як дарвозачаи хурде маълум мешавад, ки он аз Довудхон буд. Борҳо медидам, ки ӯ дар сандалии дарозрӯя менишасту рӯзнома варақ мезад. Сари бемую тос дошт ва ба китфаш ҷомаи қатағанӣ овезон буд. Ҳамин марди аз 60 боло, ки дар ҳеҷ кучои Афғонистон худро намоиш намедод ва аз мадраки салтанат қироне истифода намекард ва ҳатто дар нишастҳои хонаводагӣ бо Зоҳиршоҳ наменишаст дар яке аз шабҳои тобистони соли 1973 ба табаддулоти ҳарбӣ даст зад.

Хонандаи гиромиро маълум бод, ки вақти мутолиа ба

назар бигирад, ки банда ин табаддулотро на аз рӯи навиштаву таърихномаҳо менависам, балки аз рӯи мушоҳидаву шунидаҳои хеш арз медорам. Шояд яке аз шоҳидони зиндаи ин табаддулот, ки сохтори шоҳиро аз байн бурду Афғонистонро Ҷумҳурӣ эълон кард, ҳам ҳастам. Ҳарчанд ки ман бо он низомиён набудам, вале аз онҳо бисёр чизҳоро оид ба ин табаддулот фаҳмидаам. Аз ҳама хабарҳои тозаро дар бозору кӯчаҳо дақиқтар дарёфтан мумкин аст.

Шаби 16-ум ба 17-уми июл ману Зуҳур Ёров дар яке аз хонаҳои панҷқабатаи шаҳрчаи Нодиршоҳӣ меҳмони чанд тан аз мансабдорони шоҳӣ будем. Ин хона марбути Вазорати кишоварзӣ буд. Аз вилояти Нангарҳор чандто раисони муассисаҳои давлатӣ он ҷо буданд. Хулоса, даҳ-дувоздаҳ касе, ки дар он даъват иштирок мекарданд, ҳамагӣ вазифаҳои давлатиро ба уҳда доштанд. Бештар раисони паштунзабон ба мушоҳида расид, зеро сари ҳар вақт миёни худ ба паштунӣ сӯҳбат мекарданд. Он шаб то дер нишастем. Соат яки шаб шуд. Ману Зуҳур бо онон худоҳофизӣ кардем. Чанде аз раисон, ки ширакайф буданд, моро то берун гусел карданд. Вақте ки мо чанд қадам аз хона дур шудем, ба назарам чунин расид, ки атрофи хонаро касони сиёҳпӯше муҳосира кардаанд. Мо ҳам, ки андаке нӯшида будем, албатта Зуҳур бештар, ба он сиёҳпӯшҳо диққат надода, сӯи манзилҳои хеш рафтем. Шаҳр ором буд. Дар шаҳрчаамон ҳеҷ гуна ҳодисаи ғайри чашмдоштро ба мушоҳида нагирифтам. Баъзе хориҷиён бо кӯдаку хонумҳошон дар кӯчаҳои ин шаҳрча сайру гашт доштанд. Ман низ ба истироҳат пардохтам. Соатҳои панҷи субҳ буд, ки аз ҷониби Қасри шоҳӣ садоҳои тиру тӯп шунида шуд. Дар назарам андаке замин ҷунбид. Ҳеҷ чизро нафаҳмидаму гӯшаки радиои Кобулро тоб додам. Садои ношиносе ба гӯшам расид, ки мегуфт: хоҳарон, бародарон ҳеҷ ташвише надошта бошед. Сохти фарсудаи шоҳӣ аз байн бурда шуд. Аз тарафдорони шоҳи давр хоҳиш мешавад, ки силоҳи хешро ба замин гузошта, ба ҷумҳуриҳоҳон таслим шаванд. Ин эъломияро марди калонсоле мегуфт, ки бароям ноошно буд. Баъди чанд дақиқа, боз ҳамон матнро ба паштунӣ доданд. Нотиқи радио таъкид кард, ки ҷенерол Муҳаммад Довуд кудато карда, салтанатро шикаст дод. Валиаҳд Аҳмадшоҳ таслим шуд ва ғайра. Акнун дар сарам зад, ки Довудаш кисту чаро ба чунин кудато даст задааст.

Хусумати авлодиву шахсӣ, ки миёни хонаводагии Зоҳиршоҳ ва Довудхон вуҷуд дошт Афғонистонро ба ин рӯз оварда. Либосҳоямро пӯшидаму рӯи ҳавлӣ баромадам, ки сармутахассисамон Чемирёв папка дар таги бағал ин

тарафу он тараф роҳ мегашт. Ӯ мошини хидматиашро интизорӣ дошт. Ман бо ӯ салому алейк намуда гуфтам, ки шумо чаро ин ҷо истодаед. Вай гӯё саволи бандаро нафаҳмид, ки гуфт: соат аз ҳафт гузаштааст, вале Нозукгулро намебинам. Ба ӯ иттилоъ додам, ки дар Афғонистон табаддулоти давлатӣ сурат гирифтааст, салтанат аз байн бурда шуда, сохти ҷумҳурият эълон гардид. Чемирёв як хандиду дуди сигорро фурӯ бурду баъд бароварду гуфт: Назар ту шӯхиро дӯст медорӣ, боз чи хел табаддулот? Ҳамин вақт чанд садои тире аз қаср баромад. Гуфтам: мешунавӣ, садои тирро? Ӯ ҷиддӣ шуду оре, гуфт, садои тир... Дар ҳамин гуфтугӯ будем, ки ронандааш бо мошин саросемавор расида омад. Ӯ нақл кард, ки ба душворие аз гараж мошинро берун кашидааст. Мутахассисон оҳиста-оҳиста барои ба кор рафтан ҷамъ мешуданд, вале ҳоло намедонистанд, ки чӣ гап шудааст. Чемирёв онҳоро ба гирдаш ҷамъ намуда, вазъияти сиёсии кишварро фаҳмонд. Баъд ба ман супориш дод, ки ҳамроҳи ронандаи ӯ то пули Маҳмудхон равам ва бинам, ки илоҷи гузаштан ба ҷониби Раёсати маъдан имкон дорад ё не. Ману Нозукгул то пул расида будем, ки низомиён пеши роҳамонро гирифтанд. Банда ба яке аз афсарон, ки дар даст автомат дошт, худро муаррифӣ намудам. «Хеле хуб, тарҷумон соҳиб. Ба мутахассисин бген, ки имрӯзу фардо сари вазифаҳошон ҳозир нашаванд. Мо тавассути родию эълон хоҳем кард.» Худоҳофизӣ карду ишора намуд, ки мошинро ба қафо баргардонем ва аз роҳи омадаамон пас биравем. Он чи ки дидаму шунидам бо Чемирёв гуфтам. Ӯ ба ҳама амр кард, ки ба хонаҳошон даромада шинанд. Маълум мешавад, ки ин пагоҳӣ ҳеҷ кас радио гӯш накардааст, ҳатто Зуҳур намедонист, ки дар шаҳр чӣ ҳодиса рӯх додааст. Тарҷумони сармутахассисро, ки як озарӣ буд пайдо намуда, назди шефаш фиристондам. Худам ба хона даромада ба хонумам вазъиятро гуфтам. Акнун чой менӯшидам, ки Тоҳири Бадахшӣ дарвозаро занг зад. Сари китфаш ҷомаи қатағанӣ дошт. Ӯ сари мизи нон нишасту пурсид: «Худойназархон, назари шумо дар мавриди табаддулоти Довудхон чӣ аст?» Ман чанде ба андеша рафтаму чӣ гуфтанамро надонистам. Тоҳир яке аз чеҳраҳои сиёсии Афғонистон буда, ба давлати шоҳӣ муқобилият нишон медод. Вақте ки Тоҳир аз банда ҳарфе нагирифт, худаш гуфт: «Ин Довуди падарсаг хоин аст. Тасаввур кун, ки ӯ бо ин кудатош нерӯҳои ақлии кишварро барои 50 сол ба қафо бурд». Рости гап дар ин лаҳза барои ман душвор буд ба хулосае омадан. Ба ин хотир хомӯш

мондам. Тоҳир вазъияти маро фаҳмида, чойро бо нону маска хӯрду худоҳофизӣ кард. Радиои Кобул ҳамоно эъломияи Довудро дар ҳар даҳ дақиқа ба такрор мешунавонд. Соат даҳи рӯз шуд. Ман тоқати дар хона нишастан надоштам. Бисёр мехостам, ки бо ягон роҳи пинҳонӣ ба наздикиҳои Қасри шоҳ равам. Аммо ҳама роҳу тангкӯчаҳо баста буданд. Силоҳбадастон дар атрофи шаҳрчаи мо низ ба фаъолият пардохтанд. Чӣ кор карданамро надонистаму аз як инженер дурбинашро гирифтам. Ба воситаи зинаи даруни бинои панҷқабата болои бом баромада, дохили аркро тамошо кардан шудам. Муттаассифона, майдони назди қаср менамуду аммо дохили аркро дида натавонистам. Майдони Чаман то Ҷодаи Майванд пур аз силоҳдорони ҷумҳурихоҳ буд. Ҳамоно гоҳ-гоҳе садои тир аз сӯи арк шунида мешуд. Азбаски дар Кобул вазъияти фавқулъодда эълон шуда буд, тарсидам, ки боз аз ягон тараф бо тири снайпер зада нашавам. Бомро гузошта поин фаромадам. Дар берун қариб ки шӯравиҳо дида намешуд. Ҳама дар хонаҳо шояд маътали он буданд, ки акнун имкон дорад, хоричиҳоро аз кишвар бароранд. Ин даҳшате хоҳад буд барои касоне, ки тоза омадаанду дар дил орзуҳо мепарвариданд.

Банда ба бозори микрорайон рафтам. Он ҷо мехостам гапи мардумро гӯш кунам, ки чиҳо мегӯянд. Соати дуи шаб гӯё Қасри шоҳиро неруҳои Довуд ба муҳосира гирифтаанд. Тамоми аҳли хонадони шоҳӣ ҳабси хонагӣ шудаанд. Дар гӯшае дидам, ки чанде аз ҷавонону калонсолон якдигарро ба ин пирӯзӣ табрик мегуфтанд, якдигарро мебӯсиданд, хайрият ин шоҳи разил аз байн бурда шуд; «Зинда бод Довудхон» ва дигар ташвиқу тарғибҳо сурат дошт. Боз мегуфтанд, ки ин дасти Шӯравӣ аст, вагарна фақат бо ин сафорат ҷумҳурихоҳон дар тамосанд, сафоратхонаҳои дигар таҳти назари артиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин нақл мекарданд, ки Аҳмадшоҳи валиаҳд гурехтанӣ шудааст, аммо ӯро доштаанд. Вазири ҳарбиро як рӯз қабл дар мошинаш чаппа кунондаанд ва шояд фавт карда, Сардор Валии домоди шоҳ бо қиблагоҳаш моршол Шоҳвалихон низ зиндонӣ шудаанд. Чунонки дидед, ин ҳама маълумотест, ки аз мардуми бозор шунидам. Баъдҳо, бисёре аз ин шунидаҳо дуруст ҳам баромаданд.

Дар асл бояд фаҳмем, ки сабаби ин кудато чӣ буд ва кадом неруҳо ба ин табаддулоти ҳарбӣ даст задаанд?

Тавре ки гуфта шуд, атрофиёни шоҳ Довудро тақрибан зӯран аз қудрат дур андохтанд. Ин ҳодиса боиси ранҷиши Довуд шуду барномаи қасосгириашро аз Зоҳиршоҳ тарҳрезӣ

мекард. Гузашта аз ин монанди Довуд садҳо мансабдорон буданд, ки шоҳро чашми дидан надоштанд. Дар ин миён, ҷенеролҳо, вазирҳо, кормандони пулис кам набуданд, ки зӯран аз вазифаҳо сабукдӯш шуда буданд. Ҳама ин тоифа дар муқобили Зоҳиршоҳ қарор гирифтанд. Ҳар навъ табаддулот ё инқилоб, як заминаи хусумати шахсӣ дорад. Довуд, ки қасос гирифтанӣ буд ҳамин навъ мансабдорони собиқаро пинҳонӣ дар атрофаш ҷамъ мекард. Муддати дароз сол нақшаҳо кашид ва баъд ба хулосае омад, ки бо ёрии панҷоҳ нафар низомиёне, ки ҷенерол буданд ё дар арафаи ба ин рутба ноил шудан Зоҳиршоҳ ба нафақа гусел карда буд, табаддулоти давлатиеро рӯи кор биёрад. Албатта, чунин табаддулотро касе метавонист амалӣ созад, ки аз хонадони шоҳӣ бошад ва ҳама нозукиҳои давлатдории шоҳро аз наздик бидонад. Метавон гуфт, ки ин табаддулот аз дохили давлати шоҳӣ сар зад. Панҷоҳ низомии ба истеъфобаромада ба ҳам муттаҳид шуданд, ҳар кадом супориши махсус бар ӯҳда гирифт ва дар дохили неруҳои ҳарбии Афғонистон фаъолияти табаддулотхоҳиро шурӯъ карданд. Табиист, ки дар дохили артиш низ буданд афсароне, ки рутбаҳои баландтар мехостанд ва ҳам орзу мекарданд, ки ба курсиҳои баландтаре сазовор гарданд. Гӯё вақти табаддулот ҳам расида буд, аммо фурсати муносиберо интизорӣ мекашиданд, то ки зиёд хун нарезад. Агар шоҳ дар ҷояш мебуд, шояд тарафдоронаш муқобилият мекарданд ва имкон дошт, ки ҷенеролҳои ба истеъфо баромада бозиро бой диҳанд. Фурсат ҳамон вақт пайдо шуд, ки шоҳ барои чанд муддат озими кишварҳои хориҷ гардид. Довудхон, ки таҷрубаи бойи давлатдорӣ дошт, шахси низомӣ ҳам буд, пеш аз пеш ба ҳамаи дастаҳои низомӣ чӣ кор карданро таъкид намуд, баъзе наздикони шоҳро бо вузароаш таҳти назорат қарор дод ва бо як ибтикори начандон ҷиддӣ, соати дуи шаб аркро муҳосира намуда, хонадони шоҳиро ҳабс кард. Ин лаҳза дар тамоми Афғонистон дастгоҳи низомии Довуд ба фаъолият пардохт, шахсони масъули шоҳро ба ҳабс гирифтанд. Албатта, шоҳ ки гарнизони хоси худро дошт ва онҳо дар набудани шоҳ ба валиаҳд итоат мекарданд, ба муқобилият пардохтанд, вале дар миёни онҳо низ касони Довудхон буданд, ки коршиканӣ карданд ва ба ҷониби Довуд гузаштанд. Дар натиҷа задухӯрди сахте дар дохили арк сурат нагирифт, балки чор кас аз тарафи шоҳ ва чор каси дигар аз ҷониби Довудхон кушта шуданду халос. Соатҳои панҷ-шаши субҳ аллакай Довуд ҷилави давлатро ба даст

гирифт ва таъчилан ба воситаи радиои кишвар ҷаҳонро огаҳ сохт, ки салтанати шоҳӣ суқут кард ва ба сари қудрат ҷумҳурихоҳон омаданд. Ин табаддулот ба 17-уми июл рост омад. Ҳамон рӯз буд, ки соатҳои 12-и рӯз Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Афғонисторо таҳти сарварии Довудхон ба расмият шинохт. Баъди чанд соат Чехословакия ва дигар ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ ҳукумати Довудро эътироф карданд. Аз ин ки Шӯравӣ нахустин шуда сохти ҷумҳуриявиро эътироф намуд, барои баъзе ҳизбҳои сиёсӣ дастак шуд ва гуфтанд, ки ин табаддулот ба дасти русҳо амалӣ шудааст ва омадани Подгорный ҳам ба ҳамин сабаб сурат гирифта буд. Рӯзи дигараш Довудхон назди мухбирони хориҷӣ гузориш дода ба мавзӯи даст доштан ё надоштани Шӯравӣ дахл намуда, қотеъона он тахминҳоро рад кард. Дар ин табаддулот гуфт, Довудхон ҳеҷ кадом аз давлатҳои хориҷ даст надоранд ва ба ҳеҷ кадоми онҳо сари ин мавзӯъ мувофиқа нашудааст. Ин табаддулот ба хоҳиши мардуми худи Афғонистон пиёда шудааст. Халқҳои ин кишвар кайҳо боз мехостанд, ки сохтори шоҳиро барҳам дода, як сохтори демократсии ҷумҳуриявиро рӯи кор биёранд. Ҷумҳурии Афғонистон давлати демократсӣ хоҳад шуд, дигар ҳеҷ навъ зулму ситам дар ин кишвар нахоҳад боло гирифт.

Баъд аз як рӯзи кудато ҳама хориҷиёни муқими Кобул сари вазифаҳои расмии хеш ҳозир шуданд. Тақрибан як ҳафтаи аввали рӯзгори Ҷумҳуриятӣ дар муассисаҳои давлатӣ кори дурусте набуд. Дар ҳар утоқ панҷ-шаш касӣ ҷамъ меомаданд ва оид ба табаддулот сӯҳбат мекарданд. Дар Раёсати мо аввалин хабаре, ки расид ба фирори Саид Ҳошим Мирзод тааллуқ дошт. Докторони Сарвии маъдан, ки чанде пеш музоҳира карда буданд, ба мақсадашон расиданд, раисашон гурехт ва ба ҷойи ӯ шахси Довуд нишаст.

Қиссаҳо мешунидам, ки Зоҳиршоҳ ҳамон шабе, ки аз Лондон ба Рум парвоз мекунад, дар сафоратхонаи Афғонистон дар Рум ӯро ба сифати шоҳ қабул накарда мегӯянд, ки амри Довудхон аст, ки шуморо напазирем. Сипас Муҳаммад Зоҳиршоҳи шикастхӯрда ба бӯстонсаройи шахсиаш рафта, телефонӣ бо амакбачааш ва ҳам язнааш сӯҳбат мекунад. Нахустин хоҳише, ки аз бародарзодааш Раиси Ҷумҳурӣ мекунад, ба мавзӯи хонадони ӯ иртибот доштааст. Аз ин ҷост, ки баъд аз як ҳафта Довудхон тамоми хонаводаи шоҳиро бо дорошон ба назди шоҳи собиқ гусел кард. Шоҳидон аз гумруки Кобул мегуфтанд, ки аз тарафи шаб ҳавопаймои хосаи Зоҳиршоҳ ба майдон фуруд омад ва соати шаши пагоҳӣ хонадони шоҳиро ба он савор карданд.

Гӯё Малика бо худ 20 миллион доллари Амрико ва тилловориҳои зиёдеро доштааст, ки ҳамаашон мусодира шуданд. Гумон мекунам, ки ин овоза дурӯғ буд. Ба ҳамин тариқ, Зоҳиршоҳ ба таври расмӣ аз маснади шоҳӣ даст кашид. Мазмуни телеграми шоҳ тахминан ин маъноро дошт: «Ба бародарам Муҳаммад Довуд! Агар мардуми Афғонистон сохти ҷумҳуриявиро хоста бошанд, ман шоҳи Афғонистон аз курсии шоҳӣ даст мекашам. Ва имзо». То ин вақт тарафдорони шоҳ маътали он буданд, ки кай Зоҳиршоҳ аз берун муқобилият нишон медиҳад. Телеграми фавқ тарафдорони шоҳро асабӣ сохта, онҳоро ба муборизаҳои хоси худ маҷбур сохт. Ҳол он ки Довудхон дастгоҳашро ба кор андохт ва дар сар то сари Афғонистон митингҳо дар мавриди дастгирӣ аз сохти нави давлатдорӣ сурат мегирифт. Дар вазоратхонаҳои кишвар низ чунин маҳфилҳои дастгирӣ аз Довуд дар авҷ буд. Гӯё як ҳафта аз табаддулот нагузашта буд, аммо сохтори ҷумҳуриявӣ худро мустаҳкам карда тавонист. Албатта, ин ҳама сару садоҳо хусусияти зоҳирӣ доштанд. Сохтор ҳамон буд, маъниаш ҳамон буд. Баъзеҳо мегуфтанд, ки «кал рафту кӯр омад». Довудхон ба мақсади ҳамешагиаш расид, вале бо ҷомаи шоҳӣ гаштор дошт.

Бо гузашти 15-20 рӯз тарафдорони шоҳи собиқ ҷо-ҷо сар бардоштанд. Чанд дафъа кӯшишҳо шуд, ки Довудро аз байн баранд, вале натиҷа надод. Ниҳоят, 20-уми сентябр (29 Сунбулаи 1352) Майвандвол Садри аъзами собиқи Афғонистон, ки ҳизби мусавод таъсис дода буд, бо маочиёни покистонӣ дар тамос шуда, мехост, ки ҳавопаймоҳои ҷангии ин кишварро истифода намуда, ҷойҳои асосии шаҳри Кобулро бомбаборон кунад. Вале дар байнашон боз ҳам одами Довуд пайдо шуду гурӯҳи зидди ҷумҳуриявиро ошкор сохт. Ба ин хотир, рӯзи 21-ум, таъҷилан нотаи Ҷумҳурияти Афғонистон ба Ҳукумати Покистон дарҷ гардид. Ба гурӯҳи ба истилоҳ хоинон Майвандвол, Хон Абдураззоқи ҷенерол ва волии вилояти Пактиё шомил будаанд.

Дастгоҳи Довуд чораҳои зарурӣ андешид. Ҳамашаба болои шаҳри Кобулро прожекторҳо равшан мекарданд. Мегуфтанд, ки агар Майвандвол пирӯз мешуд, рӯзи ҳодисаи Чилӣ ба сари мардуми Афғонистон меомад.

Сардор Валӣ, ки шахси ҳарбӣ буду ҳам домоди шоҳ ва падараш моршол Шоҳвалихон—амаки шоҳ чанд дафъа кӯшиши аз ҳабсхона гурехтан кардаанд, вале муяссарашон нашуд. Андактар Сардор Валиро гурезонданд. Ӯ назди Зоҳиршоҳ рафт.

Рӯз то рӯз сафи хоинон меафзуд. Дар сафи ин ашхос

Хонмуҳаммад - волии Нангаҳор низ қарор гирифт. Баъдан хабари расмӣ паҳн гардид, ки тибқи он гӯё Майвандвол дар ҳабсхонаи Деҳмазанг ба воситаи кровать (галстук) худкушӣ кардааст.

Чунонки гуфта шуд, дар ҳама муассисаҳои илмиву фарҳангӣ маҳфилҳои дастгирӣ аз ҷумҳурихоҳон сурат мегирифт. Яъне, дастгоҳи ташвиқотиву тарғиботии Довуд пурра ба фаъолият пардохт. Довуд ба вазоратхонаҳову фобрику зовудҳо ташриф меовард. Мардум гӯё аз Довуд ҳимоят мекард. Мо шӯравиҳо ҳам ба дифоъи Довуд пардохтем. Ҳайатҳои расмии ҳукумати Довуд ба Маскав рафтанд. Шӯравӣ ин дафъа низ дӯсти Афғонистон будани хешро исбот кард. Довуд аз шӯравиҳо истиқбол мекард, мехост самтҳои корҳои иқтисодӣ, бахусус гиюлучиро инкишоф диҳад. Дар ҳама вазоратхонаҳо курсҳои забони русӣ ташкил гардид, ки боиси серкории тарҷумонҳо шуд. Банда низ чанд гурӯҳ доштам. Сару садоҳои ҷумҳурихоҳон рӯз то рӯз баландтар мешуд ва сохтори ҷумҳуриявӣ гӯё қавитар мегардид.

Ба ҳамин тариқ, Афғонистони шоҳӣ номашро бо Ҷумҳурияти Афғонистон иваз намуд ва номи органи нашаротиашро низ «Ҷумҳурият» гузошт. Муҳаммад Зоҳир, ки чиҳил сол дар маснади шоҳӣ менишаст, бо як тасодуми ночизе аз сари қудрат рафт. Ба ҷояш амакбачааш Муҳаммад Довуд нишаст. Таърихи нави Афғонистон гӯё чараёни дигаре гирифт. Дар ин маврид сӯҳбати тӯлоние метавон кард, аммо ҳоло бо ҳамин чанд лаҳза онро иктифо менамоям.

Бовар дорам, ки ин ҳикоят андаке бошад ҳам, дар афғонистоншиносии муосир хидмат хоҳад кард. Ин донише буд, ки аз дидаву мушоҳидаҳои шахсии банда дар шабу рӯзҳои табаддулоти низомии Довуд, ба даст омадааст. Бигузор таърихнигорон ин ҳодисаро ба таври худ нависанд, вале ман он чиро гуфтам, ки худ шоҳид будам...

Дар боду ҳавои Ҷумҳуриятхоҳон

Моҳҳои аввал сохтори нави давлатӣ дар Афғонистон ба чанд душвориҳое рӯ ба рӯ омада бошад, ҳам дар рӯзгори банда таъсире ворид насохт. Ман гумон мекардам, ки боз дар Афғонистони шоҳӣ рӯзгор мебинам. Воқеан, ҳамин тавр ҳам буд. Касе ба касе кор надошт. Завчаамро бо Парвиз ба Душанбе фиристодам. Ман бояд ба рухсатӣ мерафтам, аммо

сармутахассис иҷозат надод, балки гуфт, ки оилаатро мефиристам, ту ин ҷо бош зеро барномаи ҷумҳурихоҳон ҳамин тартибро талаб менамояд.

Рӯзе, ки ҳавопаймо аз Маскав меомад, ба майдон баромадам, то ки агар хонумам баргардад, пешвозаш гирам. Як вақт дидам, ки Шаҳбози ҳамдарси донишгоҳиам бо оилааш Меҳринисо ва духтарчааш - Парвина аз толори гумрук баромаданд. Ҳайрон мондам, ки касе дар ин мавзӯъ чизе нагуфта буд ва худи Шаҳбоз низ наменавишт, ки сафари Кобул дорад. Аз дидори ҳамдарсам хушҳол шудам. Маълум шуд, ки ҳамчун тарҷумон ба Институти политехникии Кобул омадааст. Он ҷо Ардашер Каримов (рӯҳаш шод бошад) ҳам кор мекард. Мо ҳамаамон дар як факултет фаъолият доштем. Дар ҳамин замина, 19-уми октябр бо ҳамроҳии Зуҳур Ёров ба дидори Шаҳбоз рафтем. Шароитҳошон нисбат ба мо хуб буд. Хонаҳои типи катедж дар ихтиёр доштанд. Аз ҳаёти факултет ва дӯстону устодон қиссаҳои тоза шунидам. Нишастамон тӯлонӣ шуд. Сари роҳ аз теппа поён фаромада, Гадо Зарифро ҳам дидем, ки дар кадом муассисае тарҷумон буд. Ардашер ҳам бо мо омад. Сӯҳбат боз ҳам тӯлонитар ва гармтар шуд.

Агар камтар ба қафо назар андозам, қарордоди банда моҳи март ба поён расида буд. Ду сол шуд. Аммо сармутахассис ҷавоб надод, мехост, ки як соли дигар мӯҳлати қарордодро тамдид кунад. Розӣ нашудам, зеро рисолаи номзадӣ интизорам буд ва дар ҳар номааш роҳбари илмиам С.Табаров менавишт, ки бобе аз рисоларо ҳатман фиристам. Мавзӯъро, вақте ки ба Чемирёв фаҳмондам, хайр, гуфт, кӯшиш мекунам то поёни соли нав ҷавобат диҳам. Дигар пофишорӣ намудан фоида надошт. Гап дар ин буд, ки банда ба Чемирёв акнун хуш омада будам ва ӯ мехост, ки ба ивази тарҷумони озариаш каминаро назди худаш бигирад. Ин боварӣ, вақте пайдо шуд, ки ӯ маро чанд дафъа санҷиданӣ шуда, ба мулоқоти вазирон бурд. Ҳини сӯҳбат ӯ медид, ки чизе ёддошт накарда, ҳама суханҳои вайро дафъатан тарҷума мекунам. Одатан, баъд аз сӯҳбати расмӣ, сари як пиёла чой ҷаноби вазир аз банда назди Чемирёв таъриф ба ҷо меовард. Тарҷумони варзида ҳам намонда буд. Оқои Назар Ҳақназар бо хатми қарордод ба ватан баргашта буд. Ду-се озариҳо буданд, ки форсиву русиашон чандон роҳбаронро қаноат намекард. Дигар ин ки дар бозиҳои спортии гурӯҳ пешдастиҳо доштам. Соли 1971 дар бозии финалӣ худи сафири Шӯравӣ - Киктев ба банда байрақи ғалабаро супорида буд. Илова ба ин ҳама саринженерон аз Чемирёв хоҳиш

мекарданд, ки боз як соли дигар нигоҳам дорад. Ба тавассути ман Чемирёв волейболбози моҳир шуд. Вазнашро поён фаровард. Хулоса, вақтҳои охир хеле ба якдигар унс гирифта будем. Ӯ ҳама чо эҳтиромамро медошт. Як вақт ки дар мавриди фиристодани Фотима бетаваҷҷӯҳӣ карда буд гӯё ислоҳ ёфт. Ҳамин буд, ки завҷаамро пеш аз оғози дарсҳо ба Душанбе иҷозати рафтан дод, то ки Фотимаро чо ба чо карда баргардад.

Чунонки гуфтам, Довуд ба Шӯравӣ майли хушбинӣ зоҳир мекард. Аз ин чост, ки дастуре ба ҳама вазоратхонаҳо дода буд, то ки 56-солагии Инқилоби Уктубрро ҷашн бигиранд. Дар ҳамин замина, Вазорати маъдан ва саноеъи Афғонистон «Рӯзи таъсиси Ҷумҳурият»-ро пешбинӣ намуда, чорабиниҳои фарҳангиеро рӯи кор оварданӣ шуд. Ба ин чорабинӣ мо - шӯравиҳоро низ ҷалб карданд. Дар барнома сурудхонии умумӣ «хорсарой» дохил гардид, ки яке аз иштирокчиёнаш банда будам.

Рӯзи 5-уми ноябр дар толори марказии вазорати номбурда «Рӯзи таъсиси Ҷумҳурият» доир гардид. Дар оғоз митинг сурат гирифт. Ба мо амр расида буд, ки дар он иштирок намекунем, балки дар қисми дуюми он ба муносибати 56-солагии Инқилоби Уктубр консерт намоиш бидиҳем. Расо соати 15 митинги дастгирӣ аз Ҷумҳурият шурӯъ шуд. Банда номаълум аз пушти парда суханрониҳои афғонҳоро шунидам. Яке Ҷумҳуриро бо шеъраш табрик мегуфт, дигаре ҳарфи навиштаашро бо эҳсосот қироат мекард. Дар маҷмӯъ ҳама низоми Ҷумҳуриро табрик мегуфтанд, ки якуним соат идома ёфт. Акнун бахши дуюми маҳфилро консерти муштараки Шӯравиву Афғон анҷом мебахшид. Метавон гуфт, ки консерт дар ду бахш пешбинӣ шуда буд. Аввал Шӯравиҳо ва баъд дохилиҳо. Барандагиро банда ва Любимов Багряни ленинградӣ ба ӯҳда гирифтем. Аввалан барномаи консертро ба форсӣ эълон намудам. Сипас маҳфилро бо қироати шеъри Боқӣ Раҳимзода, оғоз бахшидам.

Баъд аз қироати ҳар мисраъ шеър афғонҳо бо кафкӯбӣ пазирой мекарданд. Масалан, чунин мисраъҳо дошт, он шеър:

Ҷумҳурият муборак, халқи далери афғон,
Шамси муроди худро кардед, партавфишон...

Мисле ки шеърро хеле олӣ хонда будам, аҳли толор бо як меҳру муҳаббати хосае сӯи банда менигаристанду кафкӯбӣ мекарданд. Консерт дар сатҳи баланд гузашт,

махсусан «хор» ҷашни Уктубрро бо таҷлили рӯзи ҷумҳурихоҳони афғон омезиши мантиқӣ дод. Баъди хатми консерт муовини вазири маъдан оқои Фаранд ҳамаи моёнро бо як дастагӣ гули хушбӯй тақдир намуд. Сипас бахши афғонии консерт шурӯъ шуд, ки барандагиаш ба ӯҳдаи Карими Мисоқ буд. Дар ин консерт ҳофизони номии радиои Кобул Қамаргул ва Шамсиддини Масрур хизмат карданд.

Дар ҳамин шабу рӯзҳо аз Тоҷикистон дастаи ҳунарие ба Кобул ворид шуда буд, ки ҳамарӯза дар театри Кобул-Нандорӣ ба муносибати Ҷашни Уктубр консерт медод. Мо чанд нафар ҳар бегоҳӣ назди онҳо мерафтем. Шаби 7-уми Ноябр дар толори мармарини сафоратхона консерти калон доданд. Баъди аз сафорат баргаштани ҳунармандони тоҷик дар «Клуби матбуот» консерти муштараки тоҷикиву афғонӣ сурат гирифт. Аз ҷониби афғонӣ - Рухшона, Залонд бо писару келинаш, Жило ҳузур доштанд. Махсусан, хонданҳои Рухшона барои моён хеле писанд омад. Ба дастаи тоҷикӣ ҳофизони шинохта - Абдуллоҳ Назрӣ бо писараш Исмоил, Нуқра Раҳматова, Улфатмоҳ, Шоиста Муллоҷонова, Ҳаким Маҳмуди думбуранавоз, Бурҳон Муҳаммадқулов, Муслима Боқиева, раққосаҳо - Мунаввара (аз театри Кӯлоб), Елзара Ҳасанова, Шарофат Рашидова, Зӯҳро Каримова, доирадаст - Ёқуб Аллоев ва баранда - Бурҳон Раҳмонов шомил буданд. Ин гурӯҳи консертиро мудири шӯъбаи фарҳанги Вазорати маданият - Карим Қурбонов роҳбарӣ мекард. Сипас ҳунармандони ду кишвари форсигӯ ба якдигар гулдаставу тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуданд. Соат дуи шаб шуд. Ману Зуҳур Гадо Зарифро, ки манзилаш дар дигар гӯшаи Кобул буд, ба шаҳрчаи хеш даъват кардем.

Рӯзе, ки ҳунармандони тоҷик дар Кобул - Нандорӣ консерт оростанд, қатори шашуми толор барои тоҷикистониҳо ҷудо шуда буд.Дар хатми консерт банда аз ҷониби тоҷикҳо як даста гулро бо қитъаи табрикие ба онон супоридам. Дар ин консерт бисёре аз бадахшиҳои Кобул низ иштирок доштанд. Яке аз онҳо , ки исмаш Муҳаммадшоҳи Бадахшӣ буд, чанд нафар аз ҳунармандонро ба хонааш даъват кард. Ману Зуҳур бо Абдуллоҳ Назрӣ, Бурҳони Раҳмон ва Карим Қурбонов ба манзили эшон рафтем. Манзилаш дар қабати кӯҳҳои Кобул қарор дошт. Назди ҳавлиаш мошин намерафт. Маҷбур будем, ки пиёда, чанд тангкӯчаро паси сар намуда ба хонааш бирасем. Ин бечора бадахшӣ дар Кобул ҳам замин пайдо накарда буд. Мизбон бо аҳли хонаводааш ватандорҳошонро дида хушҳол

шуд. Фақат Зуҳур хушгапӣ мекард. Ғизоашон калла - поча буд. Қоил шудан лозим аст, ки дар Кобул калла-почаро хеле олӣ мепазанд.

Дар ин чанд рӯзе, ки ҳунармандони Тоҷикистон дар Кобул буданд, хеле хуб аз ҷониби мухлисони кобулиашон пазируфта шуданд. Ҳунари раққосаҳо онҳоро бештар хуш омад. Аз ин консерт мо тоҷикҳои дар хидматбуда ифтихор мекардем, зеро дар вазоратхонаҳо ҳама гап сари ҳунари тоҷикҳо буд. Афғонҳо моро дида, офаринҳо мехонданд ва орзу мекарданд, ки муносибатҳои Афғонистону Шӯравӣ боз ҳам хубтару босамаратар сурат бигиранд...

Азбаски барои ба ватан баргаштанам рӯзҳои башумор монда буд, ҳамарӯза баъд аз соати чор, ба китобфурӯшиҳо назар меандӯхтам, то ки китобе ё рисолаи ҷолиберо ба даст биёрам. Дар сари девори Спинзар китоб хеле зиёд монда мешуд, онҳоро медидам, аммо он чи барои банда лозим буд ба даст намеомад. Чанд адад аз шумораҳои маҷаллаҳои «Адаб» ва «Ориёно»-ро пайдо кардам. Девони ҷайбии Ҳофизро харидам. Рочеъ ба Бедил китобе буд, ки пайдо накардам.

Чунонки дида шуд, боду ҳавои муҳити ҷумҳурихоҳон чандон бад набуд. Гумон мекардам, ки ин оғози боду ҳаво аст. Худо кунад, ки ин боду ҳавои ҳоло ба бисёриҳо хушоянд, ғализ нашавад.

Сӯҳбатҳо бо чеҳраҳои фарҳангӣ

Дар тӯли се соли хидмат дар Афғонистон фурсат ёфта, ба баъзе чеҳраҳои сиёсиву фарҳангӣ ошной пайдо намудам, ки яке аз онҳо Тоҳири Бадахшӣ буд. Бори нахуст бо эшон дар хонаи Маъруфи Отахон шинос шудем. Тоҳир аслан аз минтақаи Дарвози Бадахшони Афғонистон буд. Худашро ҳамдеҳаи Мӯъмин Қаноати мо медонист. Ӯ хеле барвақт зодгоҳро ба шаҳри Кобул иваз намуда, Донишгоҳи Кобулро хатм карда, дар яке аз шӯъбаҳои Вазорати маориф ифои вазифа менамуд. Тоҳир хислати аҷибе дошт. Ҳар тоҷике, ки тоза ба Кобул омадааст, ӯ дар пайи ошной бо вай мегардид. Тоҷиконро бисёр дӯст медошт.

Метавон Тоҳирро ба ҷумлаи сиёсатмадорони варзидаи Афғонистон шомил сохт. Ӯ аз нахустин таъсисдиҳандагони Ҳизби халқии кишвар буда, баъдан ҳизби хосаи хешро бо номи «Ҳизби заҳматкашон» ташкил дод. Ба ин ҳизб бештар тоҷикҳо ва ӯзбекҳо аъзо буданд. Номи дигари ин Ҳизб -

«Ситами миллӣ» ҳам буд. Бесабаб нест, ки ҳизби Тоҳирро бо номи «ситамиҳо» хубтар мешинохтанд. Бо тоҷикони шӯравӣ иртибот гирифтани Тоҳир барои он буд, ки мехост ба воситаи онҳо адабиёти сиёсиро ба хатти арабӣ дастрас намояд. Маҷаллаву китобҳое, ки дар Шӯравӣ ба ин хат чоп мешуд, аксаран ба Ҷамъияти дӯстии Афғонистону шӯравӣ фиристонда мешуд, ки Тоҳир онҳоро ба воситаи мо гирифта, сипас ба самти шимоли кишвар равон мекард. Ба ин восита ӯ мехост, ки мардумро босаводу огаҳ тарбия намояд. Мақсади асосиаш ҳамин буд. Худи Тоҳир китоби зиёде мутолиа намуда буд. Ба осори Марксу Энгелс ва Ленину Сталин хуб ошноӣ дошта, сари ҳар нуктаву гузоришҳои онон соатҳо баҳс ороста метавонист. Ба сохтори феълии Шӯравӣ чандон эътиқод надошт. Тоҳир бар ин ақида буд, ки русҳо миллату қавмҳои дигарро фишор меоранд. Ба ин маънӣ, вай мавҷудияти ситами миллиро дар Шӯравӣ таъйид мекард. Ба мо мегуфт, ки шумо тоҷикҳо мустақил нестед, бе иҷозати Маскав ҳеҷ кореро анҷом дода наметавонед. Тоҷики шӯравӣ мегуфт ӯ, ҳеҷ гуна қудрати сиёсиро дар ихтиёр надорад. Маскав амр мекунад, шумо иҷро мекунед ва халос. Ҳар дафъае, ки дар манзили эшон бо Зуҳуру дигарон нишаста бошам ба баҳси вай худро намезадам, балки гӯш медодам, чунки ҳар нишасти мо таҳти назорати консулгарии Шӯравӣ дар Кобул буд. Идораҳои марбутаи Шӯравӣ низ Тоҳирро барои ситамӣ буданаш хуш надоштанд. Ба ин хотир ман бо Тоҳир сари мавзӯъҳои сиёсӣ ҳеҷ вақт сӯҳбат намекардам, балки аз ӯ дар бораи чеҳраҳои фарҳангие, ки ба шеъру шоирӣ дахл доштанд, савол медодам. Дар ҳамин замина, аз Тоҳир хоҳиш кардам, ки дар бораи Ҳошими Шоиқи Бухороӣ, ки давроне дар Кобул сафири Ҷумҳурии халқии Бухоро будааст, маълумоте ба ихтиёри банда гузарад. Пайваста ба ин чеҳраи фарҳангӣ сухан аз Пайрав Сулаймонӣ, ки хоҳарзодаи Ҳошим Шоиқ буду дар сафорати ӯ соле ҳамкорӣ дошт, ба миён омад. Дар китоби «Пайрав Сулаймонӣ»-и устод С.Табаров ҳамин маълумот омадааст ва ҳоло ки банда аз пайи маводи тозае ҳастам ба супориши устодам тааллуқ дорад.

Тоҳири Бадахшӣ баъди огаҳӣ пайдо намудан дар бораи Ҳошим Шоиқ ва хоҳарзодаи ӯ - Пайрав Сулаймонӣ ба чандин бухороиҳои Кобул ҳамсӯҳбат мешавад, вале ягон касеро, ки Пайравро соли 1922 дида бошад, намеёбад. Худи Тоҳир Шоиқро на камтар аз 20-30 маротиба дида, мулоқот кардааст ва ӯ барои Тоҳир ҳаққи устодӣ ҳам доштааст. Ҳатто дар

бораи Шоиқ мақолае низ рӯи чоп оварда буд, ки нусхае аз онро бо соядасташ тақдимам кард. Бегоҳие Тоҳир ба хона омаду гуфт: «Худойназархон омода бош, хонаи Карими Назиҳӣ меравем. Ӯ ҳатман Пайравро бояд шиносад. Хеле хуб гуфтам». Манзили Назиҳӣ низ дар ҳамин шаҳрчаи Нодиршоҳӣ қарор дошт. Ба қабати се баромадем. Маълум гардид, ки Тоҳир ба эшон телефонӣ хабар дода будааст, ки як тоҷики шӯравӣ он касро диданист. Мӯйсафеди баландқомати нуроние дарвозаро ба рӯи мо кушод, ки тақрибан 70 сол дошт.

Карими Назиҳӣ моро ба утоқи кориаш даъват кард. Ин утоқ китобхонааш будааст. Тахминан дусад ҷилд китоби ҳархела тоқчаҳои ҷевони ӯро зиннат медод. Тоҳир бори дигар бандаро ба соҳибхона шинос намуд ва мақсади омаданамро ҳам ба вай шарҳу эзоҳ дод. Ҳамчунин Назиҳиро низ ба ман шинос карданӣ шуда, вайро аз мардуми Қатағани шимоли Афғонистон шахсияти фарҳангӣ ва тараққихоҳи кишвар муаррифӣ намуд.

Аз сӯҳбати Карим Назиҳӣ маълумам шуд, ки солҳое, ки Шоиқи Бухорої сафирӣ мекардааст, Назиҳӣ ҳамроҳи падараш дар Фаронса будааст. Ҳамчунин ҳамон солҳое, ки Пайрав бо тағояш ифои вазифа доштааст, Назиҳӣ дар Кобул набудааст ва ба ин хотир Пайравро надидааст. Аммо Шоиқро хуб мешинохтааст. Назиҳӣ таъкид кард, ки аз нигоҳи сиёсӣ бо Шоиқ ҳамақида набудааст. Ин ҷиҳатро равшан накард, балки гуфт, ки Ҳошими Шоиқ як «нотсионулист» буд.

Бо ин баҳона ба Карими Назиҳӣ низ хубтар ошноӣ пайдо намудам. Ӯ солҳои сӣ ба Бухоро рафта будааст. Файзуллоҳ Хоҷаевро дидааст. Чанд муддат бо завҷааш он ҷо зиндагӣ кардааст. Ӯ ба илмҳои адабиёт, таърих ва мусиқӣ хуб ошноӣ дошт. Гоҳе шеър ҳам эҷод менамуд вале ҷое чоп намекард. Ба ақидаи худаш он ашъор мавзӯоти сиёсиро дарбар гирифтаанд ва чопи онҳоро раво намедид. Шояд баъд аз сари ӯ касе пайдо шаваду он ашъорро ба хотири зинда кардани номи ин шахс ба табъ бирасонад. Аз сӯҳбаташ пай бурдам, ки ӯ Афғонистонро хуб мешиносад. Назиҳӣ худашро «афғон» намешуморид, ин гап ғалат аст, мегуфт. Афғон як қавмест, ки хеле тоза пайдо гардидааст. Дар Назиҳӣ ва писараш, ки устоди Донишгоҳи Кобул буд, як навъ ҳисси афғонбадбинӣ ба мушоҳида мерасид.

Сӯҳбатамон тӯлониву босамар ба поён расид. Бештар сари шеър сухан кардем. Аз ин чеҳраи фарҳангӣ донише андӯхтам ва ба Тоҳир ташаккур гуфтам.

Даҳуми ноябр Тоҳири Бадахшӣ маро ба назди духтари калони Ҳошим Шоиқ - Нафиса бурд. Ин бону вазифаи расмии давлатӣ дошт ва бо номи Нафиса Мубориз Шоиқ маъруф буд. Тоҳир ба ин бону низ қаблан мувофиқа доштааст. Вақте ки ба дафтари кории Нафиса ворид шудем, вай дар ҳол бандаро шинохт ва гуфт: Ҳамон тоҷикистонӣ аст, ки роҷеъ ба Пайрав маълумот мехоҳад? Тоҳир ба ҷои ман ҷавоб дод, ки бале соҳиб. Нафиса дар бораи Пайрав шунидаҳо дошт, вале ӯро намешинохт. Ин зан шеър ҳам мегуфт ва адабиёту санъатро дӯст медошт.

Нафиса бештар дар бораи падараш сӯҳбат кард. Шоиқ вақти дар Боку таҳсил доштанаш як духтари озариро ба занӣ мегирад. Аз он зан баъдтар духтаре ба дунё меояд, ки исмашро Фоиқа мегузоранд. Солҳо мегузараду духтар кӣ будани падарашро мефаҳмад. Ҳарчанд падараш аллакай дар ҳаёт набуд, аммо ӯ бо суроғаи Шоиқ ба Кобул меояд ва се моҳ меҳмони хоҳаронаш мешавад. Нафиса боз хоҳари дигаре ҳам дошт. Зимнан аз Лолаву Гулчеҳраи Сулаймонӣ сухан гуфт ва андаке аз онон гиламанд будани худро ошкор сохт, ки хат наменависанд. Нафиса ваъда дод, ки ҳарчи дар хусуси Пайрав ва падараш медонад, рӯи таҳрир оварда, ба банда медиҳад. Афсӯс ки ваъдахилофӣ намуд, бори дигар хостам ӯро бубинам, аммо муяссарам нашуд.

Дар ҳамон рӯзҳои ҷумҳурихоҳон Тоҳир боз бо як чеҳраи дигари фарҳангии Афғонистон шиносам кард. Эшон мудири масъули мачаллаи «Ирфон» - Абдурасули Асадӣ буд. Тоҳир бо камоли эҳтиром исмамро ба Асадӣ гуфт ва ҳам илова намуд, ки ин бародар сари Пайраву Шоиқ мавод ҷамъ менамояд. Азбаски Шоиқ рамзи мачаллаи «Ирфон» буд, лозим донист, ки аз наздик ба мудири феълии он ошноӣ дошта бошад. Асадӣ хеле афсӯс хӯрд, ки дар ҳамсояги рӯзгор дорему дар ин се сол ҳамдигарро нашинохтаем. Чанд рӯз баъд боз ба банда вохӯрд ва афсӯсхӯриашро такрор намуд. Мақсад аз ин афсӯсхӯриҳо боре сари миз нишастанро дошт. Ногуфта намонад, ки аксари зиёиёни афғонӣ шаробро хуш доранд. Асадӣ ҳам аз ҳамин ҷумла буд. Аз ин рӯ, ӯро ба хона даъват кардам. Даъватамро ба хушӣ пазируфту «ба чашм, ба чашм» гӯён изҳори хурсандӣ карда, як шумораи тозаи «Ирфон»-ро, ки бо гузорише аз шахсияти Довудхон оғоз меёфт, бо соядаст тақдимам намуд. Ба зудӣ аз дафтари Асадӣ берун шуда, аз назди «Фурӯшгоҳи бузурги афғон» ба воситаи автобуси оммавӣ хона омадам. Аз ин ки бегоҳӣ Асадӣ меҳмонам мешуд, палови тоҷикӣ омода сохтам. Ба соати ҳафт даҳ дақиқа монда буд, ки Асадӣ занги дарвозаро зер кард. Дар ботин гуфтам: Ин

қадар шахси дақиққор будааст. Одатан, тоҷикҳо кам шудааст, ки дар соати муайян ба меҳмонӣ ҳозир шаванд. Қаблан Зуҳурро огоҳ сохта будам, ки бо меҳмон бошад. Зуҳурро ба Асадӣ муаррифӣ намудам. Сӯҳбат бо палаву шароб гармтар шуд. Меҳмон дар «Ирфон» мақолае доштааст, ки ҷо-ҷойи онро барои мо қироат мекард. Ҳар дафъа сӯи банда нигариста, таъкид медошт, ки ҳама мақолаҳояш дар методи реализми сотсиалистӣ навишта шудаанд. Бо ин суханаш гуфтанӣ буд, ки вай низ ба Шӯравӣ эътиқод дорад ва осорашро ба ҳамон тарзе менависад, ки адибони шӯравӣ менигоранд.

Асадӣ ба палов чандон даст намебурд, балки қадаҳи шаробро бештар мепазируфт. Ман, ки ба шароб алоқаи зиёд надоштам, узр хостам, ки дигар наметавонам. Меҳмон чунон хурсанд шуд, ки ҳадду канор надошт. Қадаҳи бандаро ҳам ба назди худаш гузошту дуро яке карда бардошт. Фақат шиор ӯ медод ва ҳама шиорҳояш як мазмун доштанд: «Барои дӯстиву рафоқат менӯшем». Зуҳур ҳам кӯшиш мекард, ки аз Асадӣ қафо намонад. Ҳардуяш чунон зебо шуданд, ки лаблабуро мемонданд. Хайрият, Зуҳурро даъват карда будам вагарна ин ҳама шаробро як худаш нӯшида ҳолаш табоҳ мешуд. Се-чор соат Асадӣ бо шароб дӯстӣ карду базӯр аз ҷояш баланд шуда роҳи хонаашро пеш гирифт. Рӯзи дигар боз ба дафтари кориаш рафтам, ки маҷлис доштааст. Бандаро дидан замон маҷлисашро хотима дод ва ба ҳамкоронаш муаррифиам намуд. Он ҷо корманде менишаст, ки бо тоҷикистонӣ буданамро фахмидан, ба ҷойи бифармоед, марҳамат, марҳамат, ана ба ин курсӣ (стул) бишинед, гуфт. Яъне ӯ шояд дар Душанбе будааст, ки чанд калимаи таоруфии моро медонист. Асадӣ дарвозаи шкафи китобҳояшро кушода, аз банда хоҳиш кард, ки ҳар шумораеро, ки аз «Ирфон» надоред, бигиред. Ду-се шумораи дигарро барои устод Табаров соядаст карда, болои покат мӯҳри маҷалларо гузошт. Чун борам вазнин шуд, пешхизматашро то истгоҳи «Фурӯшгоҳи бузурги афғон» ҳамроҳ кунонд. Ба шарофати ин ошноӣ шумораҳои ноёби «Ирфон»-ро дастрас кардам. Дар ҳақиқат, Асадӣ як чеҳраи фарҳангии воқеӣ буд. Адабиётро дӯст медошт, сари қонунмандиҳои шеъри имрӯз баҳс меорост. Мақолаҳои ичтимоии зиёде рӯи чоп оварда буд.

Мухлисони «Афғонфилм» бояд донанд, ки актёре буд бо номи Устод Рафиқ Содиқ, ки дар бисёре аз асарҳои муаллифони афғонӣ нақшҳои ҳачвиро бозӣ мекард. Ҳар вақте ки дар кинотеатрҳои Кобул порчаҳое аз нақшҳои офаридаи ин ҳунарманди киноро намоиш медоданд мухлисон

шикамҳошонро дошта, сипас механдиданд. Эшонро рӯи саҳна дида будам, вале аз наздик бо ӯ ошной надоштам.

Тавре ки ишора рафт, боре Меҳрубон Назаров омаду ба воситаи он кас ба Устод Рафиқ Содиқ шиносоии нахустин сурат гирифт. Бо ӯ, ки дар ҳамин шаҳрча иқомат менамуд, чанд дафъа ҳамсӯҳбат шудем. Боре ваъда дод, ки ду касетаи маҳсули ҳунарашро барои банда тақдим мекунад. Азбаски торафт мавзӯи рафтанам наздик меомад, хостам, ки касетаҳои Содиқро бо худ дошта бошам. Ба ин мақсад ду косети тоза харидорӣ намуда, бо Зуҳур роҳи хонаи Содиқро пеш гирифтем. Дар хонааш набуд. Духтарчааш, ки рӯи ҳавлӣ бозӣ мекард, «ҳоло падарам аз кор наомадааст», гуфт. Ба духтараш гуфтам, ки падараш ҳатман бегоҳӣ ба манзили банда биояд. Исмамро арз доштам. Соатҳои ҳафтуним буд, ки Содиқ ассалом гӯён ба хона ворид шуд. Баъд аз се-чор дақиқа Зуҳуру Муҳаммадҷон низ омаданд. Ғизое омода карда будам, ки бо як шиша «водка» болои миз гузоштам. Табиист, ки Устод Содиқ дар назди саволҳои коғазпечи Муҳаммадҷон раҳгум зад. Сӯҳбат дуру дароз шуд, аммо шароб кам буд. Содиқ дар поёни сӯҳбат касетаҳоро ба ҷайбаш андохту хоҳише ҳам кард, то ки ба М.Назаров расонам. Гап дар ин буд, ки вазири маданияти Тоҷикистон ба ҷашни 50-солагии Тоҷикистон Ношир ном сармоядори қундузиро даъват карда будааст, вале дар табаддулоти Довуд он шахси даъватшуда ба ҳабс гирифтор шудааст. Устод Рафиқ Содиқ хоҳиш дошт, ки дигар ҷаноби вазир пушти ин мавзӯъ нагардад. Ҳатман мерасонам, гуфтам ба Рафиқ Содиқ.

Ҳамчунин дар Раёсати маъдан Карими Мисоқ бо банда ҳамкорӣ дошт, ки ду-се ҷой аз эшон ном бурдаам. Мавсуф ягон мактаби олӣ хатм накарда буд. Аз қавми ҳазора, ки буд мавқеъ ҳам надошт. Дар гурӯҳҳои гиюлучӣ вазифаи маъмури техникиро адо менамуд. Ӯ бо мардикорони дигар дар халтачаҳо намунаи сангу хок мегирифт. Мисоқ ба Шӯравӣ эътиқод дошт ва ҳатто дар ин солҳои ҳамкорӣ бо инженерони мо забони русиро омӯхта буд. Бад ҳам сӯҳбат намекард. Ӯ бо ман ҳамеша баҳсҳои сиёсӣ кардани мешуд. Баъзан ба ман эрод мегирифт, ки чаро дар сурат бастани Инқилоб бо онҳо ҳамкорӣ намекунем. Ман мегуфтам, ки ин мавзӯъ ба худи шумоҳо дахл дорад. Мо барои омодагии Инқилоб наомадаем, балки ба хотири ҳамкориҳои иқтисодӣ ин ҷоем. Карим Мисоқ шахси эҷодкор буд. Достони кӯтоҳ менавишт. Маҷмӯае ҳам бо номи «Ҳафт қисса» чоп карда буд. Рӯзе ба наздаш рафтаму гуфтам, оқои Мисоқ қарордоди банда ба поён расида, биё ки худоҳофизӣ кунем. То дидори оянда, Хо, мавзӯи Инқилоба

хутон бубинен, дига. Ӯ хандид ва айнакҳояшро як рост карду гуфт: валлоҳ, Худойназархон бо ту одат карда будем. Хайр, «до свидания», гуфт. Дуямон бозавқ хандидем. Ҳамин лаҳза ӯ китобчаи номбурдашударо барои банда бахшид.

Ба ҳамин тариқ, ҳикояти чеҳраҳои фарҳангӣ низ ба поён расид. Банда аз ин чеҳраҳо бисёр чизҳоро омӯхтам. Ақоиди онон ба ҷаҳонбиниам бетаъсир намонд. Ҳарчанд онҳо дуруст мегуфтанд, вале ман наметавонистам худро бо онон ҳамфикр бинам. Муҳити чи Афғонистон ва чи Шӯравӣ тақозо мекард, ки мо бо онҳо эҳтиёткорона сӯҳбат биороем...

Рӯзҳои худоҳофизӣ

Чунонки маълум шуд, баъд аз табаддулоти Довудхон гурӯҳҳои гиюлучӣ тақрибан ба атрофи кишвар фиристонда нашуданд. Як сабаби ин ки банда дар ин панҷ моҳи охир ҳамеша дар Кобул будам ҳамин масъала буд. Дар Хайрхона кор мекардам ва бештар ба сафари Ватан омодагӣ медидам; дуконгардӣ, тӯҳфахарӣ, худоҳофизӣ бо дӯстони афғонӣ ва дигар корҳоеро, ки ба фаъолияти тарҷумонӣ ҳеҷ робитае надоштанд, анҷом медодам. Аммо маош ҳамеша сари вақт дода мешуд. Бе ин ҳам он ҷо будан маъние надошт. Дар ин миён мавзӯи мошингирӣ ҳам ҳал шуд.

Пул бо «наряд» ба бародарам Ҷумъахон расид ва ӯ бо заҳмати зиёде аз шаҳри Горкий мошини ГАЗ-24-и сафедро то Душанбе оварда буд. Ин ҳам як масъалаи чиддӣ маҳсуб мешуд. Як маъданшиносе буд, ки Шер ном дошт. Ӯ шӯхӣ мекард, ки бо як либоси таг мегардаму аммо мошин мегирам. Ин заҳматҳои беканорро мошин мебароварад. Мошин ҳам ҷузъе аз рӯзгори шахсони дар хориҷа кор мекарда ҳисоб меёфт. Ба ивази заҳмати пурмашаққат мошин медоданд. Дигар роҳи мошин доштан ҳам набуд. Дар Ватан бисёр душвор буд, ки кас бо маоши муайяншуда соҳиби мошини сабукрав бигардад.

То 20-умҳои ноябр ба куллӣ омада шудем. Ҷомадонҳоро ҳам ҷо ба ҷо кардем, ҳарчанд ки анҷоми зиёде гирифта натавонистем, зеро барои мошин гирифтан ду сола маош харҷ шуд. Боз хӯрдану пӯшидан ҳаст. Дар ин се сол дӯстону ҳамкорони бисёре пайдо кардам. Ба бисёре аз онон бо ҳам нону намак дидем. Қабл аз сафар ба онҳо як пиёла чой додан ҳатмӣ буд. Ба ҳамин мақсад, 20-уми ноябр барои 15-20 кас зиёфат оростем. Мизи даъватиро ҳамсояҳои ленинградиамон - Любимовҳо хеле хуб оро доданд. Дар ин зиёфати худоҳофизӣ сармутахассисамон Чемирёв В.М. бо завқааш, ки хеле бонуи фурӯтан буд, иштирок кард. Ҳар кадом, ки қадаҳ мебардошт,

чизе дар бораи шахсияти банда иброз медошт. Ба хусус сӯҳбати саридастархонии Чемирёв хеле дилчасп буд. Ӯ бисёр самимӣ ба хизматҳои банда баҳо дод. Эшон дар поёни суханаш афсӯс хӯрд, ки ба хоҳишаш гӯш надода, нияти рафтан кардаам. Оре, рисолаи номзадӣ интизорам буд, вагарна мисли баъзеҳо панҷ сол пул кор кардан мумкин буд. Ҳамсояам Багрян Любимов ҳам суханҳои хотирмон гуфт. Хулоса, ҳозирин ба банда роҳи сафед ва сарбаландиҳо орзу карданд.

Шаби 21-ум бандаро ба маҷлиси профсоюзӣ даъват намуда, бо тӯҳфае аз ҷониби қарордодамон сазовор донистанд. Ҳамон шаб тавсифномаи ба банда лозимдидаро хонданд, ки хеле одилона навишта шуда буд. Дар поёни маҷлис ба роҳбарон ва саринженеронам ташаккур гуфтам. Ҳамчунин садорати Варакшоби Хайрхона хизматҳои ҳафтмоҳаи каминаро ба назар гирифта, тӯҳфаи қиматбаҳоеро лозим донистанд. Ин ҳама қадрдониҳо ба ҳар кас муяссар намешавад. Шукр ба худо ва падари муаллимам ва устодони омӯзишгоҳиву донишгоҳиам, ки бандаро тарбияи бад накардаанд. Банда низ дар тӯли се сол кӯшиш намудам, ки боварии онҳоро ба ҷо орам ва боиси мазаммагу бадгӯиҳои баъзеҳо нашавам. То ҷое тавонистам, ки боиси рашки дигарон шавам. Ин рашки некбинона хоҳад буд, на рашке, ки бадхоҳӣ дорад.

Шаби 21-ум ҳам, ки пагоҳаш 22-юм Кобулро тарк мегуфтам, чанде аз дӯстони тоҷикамро сари дастархони худоҳофизӣ ҷамъ овардам. Ин сӯҳбат ҷанбаи хоса дошт. Ханда, ханда ва боз ҳам ханда. Зуҳуру Муҳаммадҷон ва дигар дӯстон дар Кобул монданд, то ки боз андаке сарват ҷамъ биёранд. Ин, албатта, шӯхӣ буд. Онҳо низ рӯзҳои ба охир расидани қарордодашонро интизорӣ мекашиданд.

Накҳати ҳавои Тоҷикистонро ба чизи дигаре иваз кардан нашояд. Ҳар сафаре, ки ҳаст поёнаш бозгашт ба Ватан хоҳад буд.

Шаби 21-ум охирин шабе буд, ки аз ҳавои Кобул нафас мегирифтам. Тамоми шаб бо андешаҳоям мондам. Душанберо тасаввур мекардам, чеҳраи хандону ҷиддии устодонро пеши назар меовардам. Китобхонаи ба номи Фирдавсиро медидам, ки чӣ навъ дар толори аспирантон нишастаам. Сайру гашти хиёбонҳои зебоманзари Душанбе ҳаловатам мебахшид. Ниҳоят, дидор тоза кардан бо Фотима, Мӯсо, Ҷумъа, Холназар, Аноргул, Соҳибназар ва дигар хешу ақрабо рӯҳбаландам месохт. То ҳамин ҷо омадам, ки соат занги панҷро зад. Бисмиллоҳ гуфтаму бо дасти рост аз ҷой баланд шудам. Оҳе ба Кобул кашидам, валлоҳ ки одат ҳам карда будам. Парвизи хоболудро бедор сохтам. Ӯ низ мисле ки

зиқ шуда буд, дигар баҳонае наҷусту ба зудӣ хеста, либосҳои навхаридаамро пӯшид, то ки ба ҷӯраҳои душанбегиаш худро намоиш бидиҳад. Модари Парвиз бошад тамоми шаб бо зани ҳамсоя проблема ҳал карданд. Ба душворӣ нонушта кардем. Соат ҳашт шуд, ки Зуҳуру Муҳаммадҷон барои анҷомҳоро поён фаровардан ҳозир шуданд.

Бо хоҳиши Багрян Любимов ва завҷааш Людмила Андреевна як дақиқа рӯи ҷомадонҳо нишастем. Ҳамин навъ одат ҳам будааст, ки риоя шуд. Рӯи ҳавлӣ баромадам, ки ҳама ҳамкорон, завҷаҳояшон, маъмурини афғонӣ ҷамъ шудаанд. Мехостанд, ки охирин бор худоҳофизӣ кунанд. Тақрибан ним соат вақтамон ба оғушкушоиву бӯсобӯсӣ ва рухсор ба рухсор мондан гузашт. Исоеви муовин асабӣ буд, ки дер шуд, ба майдон рафтан лозим. Чемирёв ҳам дастамро сахт фишурд ва гуфт: рисоларо, ки дифоъ кардӣ боз меоремат. Ташаккур гуфтам. Парвизу модараш аллакай дар мошин менишастанд. Ин лаҳза эҳсосот боло гирифту аз назари гуселкунандагон пинҳонӣ оби дида кардам. Ҳол он ки оби дидаи бандаро баровардан хеле душвор буд. Зуҳуру Муҳаммадҷон ҳолатамро фаҳмиданд, ки ба зудӣ дохили мошинам карданд ва худашон ҳам нишастанд. Майдони ҳавоии Кобул чӣ ҷойи зебое, чи ҷойи пешвозгириҳое буд, ки пушти сар мемонд.

Бисёре аз маъмурини майдон ҳам бандаро эҳтиром мекарданд. Онҳо низ афсӯс хӯрданд, ки меравам. Ҳамин буд, ки ҳеҷ гуна назорати гумрукиро лозим надиданд ва худашон ҳама ҳуҷҷатҳоро тахт карда, ба дастам доданд. Зуҳуру Муҳаммадҷон пушти ойина монда буданд ва даст меҷунбонданд. Муҳаммадҷон ҳамоно бо сигораш саргардон буд. Нотиқи майдон эълон кард, ки мусофирон, бифармоед, «Бойинг» дар хидмати шумо. Аз дасти Парвиз гирифтаму сӯи ҳавопаймо ҳаракат намудам. Оре, медонистам, ки дӯстону гуселкунандагон дар кучо қарор мегиранд. Якдафъаӣ ба боло нигоҳ кардам, ки аз балкони бинои майдон боз ҳам даст меафшонданд.

Хайр, гуфтам ба Кобул, ба кишваре, ки се сол унс гирифта будам. Дигар чӣ ҷойи тасвир монд? Чизе не.

Фақат бо баланд шудани «Бойинг» тасмаҳоро бастаму охирин дафъа Кобулро аз баландӣ тамошо намудам. Ҳине, ки ҳавопаймо худро рост карду барои қаторкӯҳҳои Ҳиндукушро паси сар гузоштан баландтару баландтар шудан гирифт, лаҳзаи «худоҳофизӣ» бо кишвари Афғонистон поён ёфт. Боз бо андешаҳоям мондам.

Аҷаб тақдире, субҳи 22-юм дар Кобул будаму шабаш аллакай дар ҳалқаи хешу ақрабо. Дар Ватан, Ватане, ки се

сол каминаро интизорӣ дошт. Оре, Ватан ҳаловати дигаре дорад, ки онро на сарвату на қасру на курсиҳои баланд дар кишвари ғайр иваз карда метавонад. Ватан накҳати хоса дорад. То чи андоза худро хушбахт медидам он шаби 22-юми ноябри соли 1973!

Пасгуфторе

Хонандаи ин китоб, ки дар оғози қарни нав умр ба сар мебарад, бояд тасаввур намояд, ки банда сӣ сол он се дафтарро бо худ нигоҳ доштам, ҳафтае як бор тафтиш мекардам, ки боз гум нашаванд. Онҳоро рӯи таҳрир овардан дар нақшаам буд, вале чанд китоби дигаре бояд менавиштам, ки барои алоқамандони адабиёт заруртар ба назар мехӯрданд. Худо қувват бахшиду он чандро ба поён расондам ва ҳам ба дасти соҳибонаш гузоштам. Ниҳоят оғози соли 2001-ум ҷуръат намуда, барои се дафтарро дар шакли китоби алоҳидае ҷо ба ҷо кардан, шурӯъ намудам. Шукри худо, ки 30-юми июни соли 2001-ум таҳрири қаламиаш анҷом ёфт. Мавзӯи чопаш дар пеш хоҳад буд. Иншооллоҳ сарсупурдае пайдо мешаваду масрафи чопашро ба ӯҳда мегирад. Ин соле хоҳад буд, ки банда шастро ҷамъбаст менамоям.

Агар боз Худои мутаол чанд соли дигаре бандаро умр бахшад, китоби дуюми хотираҳоро варақ мезанам, ки номашро «Афғонистони инқилобӣ» хоҳам гузошт. Он ҷо ҳодисаҳои аҷоибу ғароиберо хоҳед хонд, монанди: сабабҳои Инқилоби Савр, ҷудоиҳо миёни ҳизбҳои сиёсӣ, гӯшту нохун будани Тараки ву Амин, ноҷавонмардона ба қатл расондани Нурмуҳаммади Тараки, нақшаи аз байн бурдани Ҳафизуллоҳ Амин, чаро Аҳмад Зоҳирро куштанд?, 14-уми декабри 1979 чаро табаддулоти ҳарбии Шӯравӣ сурат нагирифт, хӯроки шом дар қасри Доруламон, оғози амалиёти Сокол, ба қатл расидани Амин бо писари ҳаждаҳсолааш, овардани Кормал ба салтанат. Ниҳоят дар китоби дуюм ба сифати чиву кӣ фаъолият доштани муаллифро хубтар хоҳед шинохт.

Оғоз: Душанбе - феврали 2001
Анҷом: Истаравшан, Пансионат, 30.06.2001

Мундариҷа:

Ба ҷойи пешгуфтор 3
ДАФТАРИ АВВАЛ 8
Тайёрӣ ба сафар 9
Ҳикояти рӯзҳои нахуст 14
Сафари Ҳирот 29
Ҳирот - Кафтарӣ 36
Хинҷон - Андароб 61
Ҷашни Истиқлол 69
Даи Чӯпон ё Деҳаи Чӯпон... 72
Ҳирот - Шайдо... 79
Моҳи Рамазон 83
«Мусулмонони Ӯзбекистон» 95
Зиёрати Хоҷа Ансорӣ ва Хоҷа Ғалтон 97
Саққабозӣ (биллиардбозӣ) 102
Сагҷанг 103
Рухсатӣ 108
Музоҳира дар раёсати маъдан 116
Оромгоҳи Нодиршоҳ 119
Сафари Чихчарон 121
Дар роҳи Оҳанкашон 125
Шабе дар Оҳанкашон 129
Сӯҳбате бо Ғуломсахӣ 133
ДАФТАРИ ДУВУМ 137
Оҳанкашон 138
Моҷарои Свеженсев 140
Ба яғмо рафтани амвол 144
Дар меҳмонии арбоб-Маҳмуд 148
Ташрифи арбобҳо ва моҷарои тозае 154
Пазирой аз Телешев 167
Гузориши Зоҳиршоҳ дар Ҷашни Истиқлол... 173
Моҷарои Мирзоалаёр 177
Дар шинохти чанд шаҳри Афғонистон 180
Кобул 180
Ғазнӣ 184

Ҷалолобод 186
Қандаҳор 188
Муаммо ҳал шуд 193
Шикори кабк 198
Нон ва қадри он 205
ДАФТАРИ СЕЮМ 209
Шикор ба хотири чӣ буд? 210
Табиати Оҳанкашон тағйир ёфт 213
Шарҳи чанд нома 218
Омад-омади Торели 224
Қарияи Рахна 230
Исматуллоҳхони қандаҳорӣ 234
Шербина ба зун (зона) меравад 237
Манори Ҷом 243
Таҷлили зодрӯзи Аълоҳазрат 250
Бозгашт аз роҳи Банди Амир ва Бомиён 253
Сафари сеюм ба Ҳирот 262
Маҳфили фарҳангие дар Кобул--Нандорӣ 267
Ташрифи Подгорный ба Кобул 271
Кудатои Довуд 274
Дар боду ҳавои Ҷумҳуриятхоҳон 281
Сӯҳбатҳо бо чеҳраҳои фарҳангӣ 285
Рӯзҳои худоҳофизӣ 291
Пасгуфторе 294



1. Худойназархон дар рӯ ба рӯи Қасри Шоҳ. Ш.Кобул, марти 1971.



2. Худойназархон дар назди Мақбараи Темуршоҳ, ш.Кобул 1971.



3. Ҳангоми бозии волейбол. Кобул, сентябри с. 1971.



4. Мутахассисини шӯравӣ дар 30 км ҷанубтари ш.Ҳирот. 1971.



5. Худойназархон бо аҳли геологҳои шӯравӣ ва афғонӣ. Минтақаи Кафтарӣ.



6. Борозенетс, Никитин ва Худойназархон. Кафтарӣ, 1971.



7. Худойназархон, Абдурасул ва Насим.
Ш.Ҳирот, апрели 1971. Боғи умумии Ҳирот.



8. Меҳмонхонаи Фароҳрӯд, апрели 1971, шоҳроҳи Қандаҳор - Ҳирот.



9. Мутахассисони шӯравӣ: аз чап ба рост:
Олег, Юра, Худойназархон, Борозенетс, Слава, Вадим.



10. Ёров Зуҳур ва Асозода дар зиёрати Хоҷа Ғалтони ш.Ҳирот.



11. Худойназархон, Абдурасул ва Насими ронанда дар назди марқади Навоӣ, Ҳирот.



12. Ҳирот, минтақаи Шайдо, декабри 1971.
Ҳангоми намунагирии Шлих. Худойназархон ва ронанда.



13. Худойназархон дар даромадгоҳи тоннели Соланг, июни 1972.



14. Худойназархон бо писари арбоби деҳаи Харбед, августи 1972.



15. Худойназархон дар қароргоҳи Оҳанкашон. Аввалҳои августи 1972.



16. Мутахассисони шӯравӣ дар меҳмонии Мирзо Алаёр, деҳаи Обигарм, вилояти Қалъаи нав, июли 1972.



17. Ш.Ҳирот. Кӯҳистони Оҳанкашон, 1972.



18. Дараи Рахна. Ба меҳмонӣ мераванд. Охирҳои июли 1972.



19. Худойназархон бо Гришин савори асп дар дараи Рахна, минтақаи Оҳанкашон. Август, 1972.



20. Худойназархон, Исматуллохон, Абдулло, Тарасенко, август, 1972. Оҳанкашон.



21. Худойназархон ҳангоми моҳигирӣ, қарияи Даҳана, сентябри 1972.



22. Худойназархон бо Ғуломнабӣ, роҳ ба сӯи Харбед. Августи 1972.



23. Худойназархон бо геологҳо дар меҳмонии арбоб Ғуломнабӣ, 1972.



24. Худойназархон, Шербина, Гришин дар назди Обанбори «Банди Амир», сентябри 1972.



25. Худойназархон бо як зумра мутахассисон дар майдони ҳавоии ш.Ҳирот, декабри 1972.



26. Дар назди ҳайкали Буддо. ш.Бомиён, 1972.



27. Дар мобайн Худойназархон бо Маҳмуди озори, май, 1973.



28. Худойназархон, Кобул, Хайрхона июли 1973.

Книга «Афганистан в период королевства» содержит путевые заметки: дневниковые записи таджикского переводчика, работавшего вместе с русскоязычными специалистами из бывшего СССР. События изложены иногда хронологически, а в большинстве случаев обобщенно.

Содержание книги богато и разнообразно. В ней рассказывается не только об одном переводчике и его работе, но и о жизни и деятельности его соратников, советских специалистов, афганских специалистов и т.д. Автор делится впечатлениями о встречах с учеными, культурными деятелями Афганистана.

Описание политических событий, например свершение Мухаммад Захиршаха и прихода к власти сторонников республиканского строя во главе с Мухаммад Довудом, их комментарий со стороны автора, несомненно представляют большой интерес для специалистов по истории Афганистана, в то же время они являются поучительными для таджикского и афганского читателей.

Книга «Афганистан в период королевства» может послужить отличным путеводителем по Афганистану для читателя: не побывавшего в этой стране. Автор увлекательно рассказывает о городах и селениях: литературных исторических, религиозных памятниках. На страницах книги читатель найдет также ценные сведения по этнографии, народных и официальных праздниках Афганистана. Все это ценно тем, что комментирует их автор – филолог, специалист с университетским образованием.

Книга ещё ценна тем, что содержит эссевидные высказывания автора по увиденному и услышанному, исторические экскурсы в прошлое и настоящее таджикского и афганского народов на фоне описываемых событий.



27. Дар мобайн Худойназархон бо Махмуди озори, Май, 1973.



28. Худойназархон, Кобул, Хэйрхона июли 1973.

Книга «Афганистан в период королевства» содержит путевые заметки: дневниковые записи таджикского переводчика, работавшего вместе с русскоязычными специалистами из бывшего СССР. События изложены иногда хронологически, а в большинстве случаев обобщенно.

Содержание книги богато и разнообразно. В ней рассказывается не только об одном переводчике и его работе, но и о жизни и деятельности его соратников, советских специалистов, афганских специалистов и т.д. Автор делится впечатлениями о встречах с учеными, культурными деятелями Афганистана.

Описание политических событий, например свершение Мухаммад Захиршаха и прихода к власти сторонников республиканского строя во главе с Мухаммад Довудом, их комментарий со стороны автора, несомненно представляют большой интерес для специалистов по истории Афганистана, в то же время они являются поучительными для таджикского и афганского читателей.

Книга «Афганистан в период королевства» может послужить отличным путеводителем по Афганистану для читателя: не побывавшего в этой стране. Автор увлекательно рассказывает о городах и селениях: литературных исторических, религиозных памятниках. На страницах книги читатель найдет также ценные сведения по этнографии, народных и официальных праздниках Афганистана. Все это ценно тем, что комментирует их автор – филолог, специалист с университетских образованием.

Книга ещё ценна тем, что содержит эссевидные высказывания автора по увиденному и услышанному, исторические экскурсы в прошлое и настоящее таджикского и афганского народов на фоне описываемых событий.

خوانندهٔ گرامی! کتابی که در دست دارید خاطرات سفر یک جوان تاجیک که در طول سه سال ۱۹۷۱ - ۷۳) در افغانستان به حیث ترجمان همراه متخصصان سابق شوروی (معدن‌شناسان) خدمت کرده‌است. مؤلف گاه به ترتیب روزها رعایه کرده، ولی اکثراً به طرز عمومیت دادن واقعات و حوادث از سر گذرانیده، دیده و شنیده‌هایش‌را روی ورق آورده‌است.

محتویات کتاب غنی و رنگین است. در آن نه تنها سرگذشت یک ترجمان بلکه ترجمانهای دگر، متخصصان سابق شوروی، متخصصان افغان، حیات و فعالیت بعضی چهره‌های فرهنگی افغانستان آن دوران انعکاس یافته‌است.

بیان و شرح و تفسیر وافعات تاریخی، اجتماعی و سیاسی از جمله نزول محمد ظاهرشاه و برقرارگردیدن ساخت جمهوری با سروری محمد داود که مؤلف شاهد آنها بوده‌است، بیگمان برای متخصصان تاریخ افغانستان، خوانندگان تاجیک و افغان مفید و آموزنده می‌باشند.

کتاب «افغانستان شاهی» برای خواننده‌ای که افغانستان‌را ندیده‌است، راهنمای سفری است به شهر و دهات این کشور، یادگاریهای ادبی و دینی و تاریخی، مقبره‌ها و مزارها و گذرگاههای بزرگان علم و ادب و عرفان و غیره. در کتاب از عرف و عادت، رسم و آیینهای ملی مردم افغان، قوم و قبایل افغانستان، خلق و خصلت این خلق نجیب و غیور و بشردوست و مهمان‌دوست مدارک زیادی دریافت می‌توان کرد. این صفحات کتاب باز از آن جهت ارزش دارند که به همهٔ این پدیده‌های تاریخی و فرهنگی یک شخص دانشمند با معلومات دانشگاهی بها می‌دهد.

کتاب اینچنین رجوعهای مؤلف‌را به گذشته و زندگی معاصر مردم تاجیک و افغان در بر می‌گیرد. از این جهت هم برابر دیگر فضیلتهایش قابل توجه خوانندگان خواهد بود.

خدای‌نظر عصازاده

افغانستان شاهی

دوشنبه ۲۰۰۲

خدای نظر عصازاده

افغانستان شاهی

دوشنبه ۱۰۰۲